Дар асри 14 мелодӣ калимаи «tour» ба маънои «навбат» ё «давраи хидмат», дар садаи 15 ба маънои «ҳаракати давронӣ», яъне дуру дароз ва тӯлонӣ ва дар асри 17 маънои мусофират кардан ба дигар кишварҳоро пайдо намуд. Дар асрҳои 18 ва 19 бошад, истилоҳи калимаҳои «туризм» ва «турист» пояи решагии ин вожаҳои дар боло зикршуда пайдо шуда буданд. Истилоҳи «туризм» натанҳо дар забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ, балки дар аксар забонҳои дигар халқҳои дунё бо андаке тағйироту иловаҳо зимни талаффуз мафҳуми якхеларо ифода менамояд. Дар забони франсавӣ «тур» илова бар истилоҳоти «навбат» ба мафҳуми «ҳаракат», «мусофират» ва «сайру сайёҳат»-ро ифода мекунад. Яъне маънои калимаи «сайёҳӣ» (туризм) он сайру сайёҳатро ба таври умумӣ хоҳ ба сайри сайёҳати олам ё худ ҳаракат ба мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ дар ҳудуди як кишвар ва давлатҳои хориҷӣ бештар маънидод менамояд. Дар фарҳанги форсӣ ба маънои вожаи «сайёҳӣ» чунин таърифҳо дода шудааст: - «ба сайру сайёҳати олам баромадан ва омӯзиши ҳаматарафаи онро дорад», «мусофират барои шиносоӣ ва алоқамандӣ» ва сафари мақсаднок дониста мешавад, ки мусофирон дар интиҳо бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи асосии хеш боз аз чанд муҳлат ба маҳалли зист худ бармегарданд.

Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки ҳар як таърифи додашуда метавонад ба таври амиқу возеъ мафҳуми «сайёҳӣ»-ро - шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Дар моддаи 1 қисми 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» (с.2020) мафҳуми калимаи «сайёҳӣ» «саёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истиснои ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад» [3, с.1].

Бо вуҷуди он, ки вожаи «сайёҳӣ» маънӣ ва тавзеҳи гуногун дорад, баъзе муҳаққиқон, соҳибназарон ва аҳли илм, таҳқиқотҳои байналмилалии хешро оид ба вожаи «сайёҳӣ» қабул намуда, онро ба расмият шинохтаанд, ки гуфтаҳои зер ҳар чи бештар аз он далолат менамояд: «Мусофироне, ки мақсади ҳадди ақали як шабонарӯзӣ иқомат доштан ва муҳлати мусофириашон аз як сол зиёд нест, фаҳмида мешавад» [4].

Ин таъриф бештар ба мусофирати тиҷоратӣ, фараҳбахшӣ ё ташрифу дидорбинии кӯтоҳтарин – як шабонарӯзиро дар назар дорад, маънидод менамоял. Дар адабиёти соҳавӣ бештар аз ҳама ин гуна шарҳи истилоҳи «сайёҳӣ» оварда шудааст. Роҷеъ ба шарҳи сайёҳии тиҷоратӣ ва тафриқаи фикру ақидаҳо вуҷуд дорад ва нисбати ин пешниҳод аст, ки ин ду намуди сайёҳӣ аз ҳамдигар фарқ карда нашаванд, зеро тоҷир низ вақте ба сафари тиҷоратӣ меравад, албатта бо ҳаёт ва таърихи маҳалли сафар намудааш шинос мешавад ва аз мавзеи таърихии он макон на танҳо дидан мекунад, балки бояд дар ҷои муносиб ва бо майлу хоҳиши худаш истиқомат намояд.

Ҳамвора маънои луғавии ибораи «сайёҳ» асосан аз вожаи «сайёҳӣ» маншаъ гирифтааст. Сайёҳӣ бошад, тавре пештар дар боло ишора кардем аз калимаи франсавии «tour» гирифта шуда, маъноаш гардишгарӣ, сайр ё гашту гузор ва сайёҳат кардан аст.

Сайёҳ – шахсест, ки дар фурсати қулай сайру саёҳатро дар хориҷ аз кишвари худ ё дар дигар мавзеъи кишвари худ вилояту шаҳрҳои дигар дар давраи муайян, масалан 5-10 рӯз, як моҳ ва аз ин бештар ба анҷом мерасонад.

Дар фарҳанги форсӣ ибораи «сайёҳ» ба шахсе мутааллиқ аст, ки бо нияти кору фаъолияти фарҳангӣ ба сафар ва гардишгарӣ мебарояд. Дар фарҳангҳои амалкунанда дар бораи вожаи «сайёҳ» чунин маълумотҳо шарҳ дода шудааст: -«ҷаҳонгардӣ», он нафаре, ки барои сайру гашт ба кишвари хориҷӣ сафар мекунад, сайёҳ, касе, ки дар шаҳру кишварҳои дигар сайру сайёҳат мена-

мояд, ҷаҳонгард» ин истилоҳ бештар (дар кишварҳои ҳамҷавори Эрону Афғонистон роиҷ аст) муаррифӣ гаштааст.

Сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти намуд ва нишонаҳои алоҳида ба гурӯҳҳои зерин гурӯҳбандӣ карда шудааст, ки ҳамзамон аз доираи васеъи ин соҳа шаҳодат медиҳад:

1. Сайёҳии дар ҳудуди вилоятҳо (Суғд, Хатлон, ВМКБ) шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ш. Душанбе, ш. Вахдат, ш. Панҷакент, ш.Кӯлоб ва ғайра);

2. Сайёҳии таърихиву фарҳангӣ (Саразми бостонӣ, Қалъаи Хуҷанд, маҷмааи меъмории Ҳазрати шоҳ ва ғайра);

3. Сайёҳии қавмӣ, қабилавӣ ё ҳудуди махсуси ноҳиявӣ – дар мавзеи Сангвор, Раштонзамин, Тоҷикобод, Лахш, Зарафшон ва ғайра;

4. Сайёҳии табобатӣ (ё солимгардонӣ – табобатию истироҳатӣ – “Шоҳамбарӣ”, “Хоҷа обигарм”, “Гармчашма” ва ғ.);

6. Сайёҳии кӯҳнавардӣ;

7. Сайёҳии динӣ ва зиёратӣ;

8. Сайёҳии шикору моҳидорӣ ва ғайра.

Тамоюли рушди шумораи сайёҳони дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нишондиҳандаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ ва ҳисоботи омории расмии ҷадвали 1 ба таври возеҳу равшан дидан мумкин аст [6, с.290].

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии омори соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2013-2020

Р/т	Номгӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ	Солҳо					Соли 2020 нисбат ба с.2013, %
		2013	2015	2017	2019	2020	
1	Шумораи сайёҳони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шуданд, ҳаз. нафар	208	413	431	1237	351	168,7
2	Теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ (амалкунанда), адад	74	82	91	161	224	302,7
3	Шумораи сайёҳони дохилие, ки ба хориҷа сафар намуданд, нафар	15443	16363	14420	8531	1939	12,5
4	Шумораи сайёҳони хориҷӣ, тавас-сути ширкатҳои сайёҳӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон	2728	3080	4413	7791	416	15,2
5	Ҳаҷми даромад аз пешниҳодҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе андоз аз арзиши иловашуда), ҳаз. сомонӣ	6225,1	9582,8	9076,3	24497,1	7677,0	123,3

1. Далелҳои ҷадвали 1 исботи онанд, ки дар давраи таҳлилшаванда динамикаи афзоиши шумораи сайёҳони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шуданд 1,7 маротиба, теъдоди ширкатҳои амалкунандаи сайёҳӣ беш аз 3,0 маротиба, ҳаҷми даромад аз пешниҳодҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда) 1,2 маротиба зиёд гардид, вале аз сабаби паҳншавии пандемияи (COVID-19) шумораи сайёҳони дохилӣ, ки ба хориҷа сафар намуданд ва шумораи сайёҳони хориҷӣ, тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар намуда, мутаносибан 12,5 ва 15,2 дарсадро ташкил намуданд, яъне коҳиш ёфтаанд.

2. Дар натиҷаи инкишофи минбаъдаи савдои лавозимоти сайёҳӣ индустрияи сайёҳӣ бунёд шуд, ки асоси онро ширкатҳои ташкилкунандаи сайру сайёҳат, фурӯши роҳхатҳо, турҳои бо меҳмонхонаву тарабхонаҳо таъминкунанда, инчунин мақомотҳои идоравӣ, иттилоотӣ рекламнигорӣ, корхона ва муассисаҳои истеҳсолию савдои молҳои дорои талаботи сайёҳӣ дошта ва ғайра ташкил менамоянд [5, с.132].

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумоти дар матбуоти даврӣ чопшуда, барои пешрафти ин соҳа танҳо дар шаҳри Душанбе - пойтахти Тоҷикистон тамоми шароит муҳайё аст. Аз ҷумла, фурудгоҳи байналмилалӣ, истгоҳи роҳи оҳан, 37 меҳмонхона, 57 тарабхона, 4 чойхонаи

миллӣ, 32 маркази дилхушӣ, 25 бозор, 91 маркази савдо, 26 мағозаи фурӯши армуғон, 17 боғи фарҳангу фароғатӣ, боғи ҳайвонот, 14 гулгашт, 5 кӯли шиноварию истироҳатӣ, 204 кошонаи ҳусн ва 201 сартарошхона, 4 кохи фарҳангӣ ва 7 театри касбӣ, 10 осорхона, 6 китобхона, 6 амфитеатр, 23 ёдгориҳои бостонӣ, монументалӣ ва меъморӣ, 109 ширкати сайёҳӣ, фаввораҳои гуногун дар 37 мавзеи пойтахт, 306 муассисаи табобатию профилактикӣ, қасри теннис ва маҷмааи варзишии обӣ, инчунин 900 иншооти варзишии таъйиноташон гуногун ҷойгир буда, ҳамарӯза талаботи меҳмонону сайёҳони дохиливу хориҷиро қонеъ мегардонанд.

4. Дарвоқеъ, Душанбеи сабзпӯш бо табиати зебою нотакрор, биноҳои хуштарҳу замонавӣ, роҳҳои сеқабата ва дигар иншооти хуштарҳу замонавиаш имрӯз дили ҳар бинандаро тасхир месозад. Дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар, тадбирандешиҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, саъю талош ва иқдомҳои созандаи шаҳрдори Душанбе самар оварда: шаҳри Душанбе дар минтақа яке аз аввалинҳо шуда ба узвияти Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ пазируфта шуд, ҳамчун пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020 - 2021 интихоб гардид, ба қатори 10 шаҳри дар фасли тирамоҳ барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил гашт ва он ба яке аз шаҳрҳои пешрафта, гӯшаи дӯстоштании сокинони ҷумҳурӣ ва сайёҳону меҳмони хориҷӣ табдил ёфт.

5. Шароити иқтисоди бозорӣ, ки охири садаи XX ва ибтидои асри XXI руҷӯъ кард, системаи таҳсилоти даҳсолаҳо муназзамгардида, ҳамзамон, бо ҷои корҳои холӣ таъмин гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олиро комилан тағйир дод. Ин раванд зарурати ворид кардани ислоҳот дар мазмуну мундариҷаи таҳсилот, инчунин, ҷорӣ кардани таҳсилот дар риштаҳои ихтисосу тахассусҳои навро ба миён оварда. Вобаста ба ин, низоми таҳсилот мунтазам таҳлил гардида, талабот ба ин ё он ихтисосу тахассусҳо ва самтҳои омода намудани мутахассисон бояд муайян карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештар эҳтиёҷот танҳо бо назардошти соҳаҳои мушаххас ба назар гирифта шуда, талаботи бозори меҳнати шаҳр, минтақа нисбат ба мутахассисони соҳаҳои заруриятдошта сарфи назар мегарданд.

6. Норасоии кадрҳои соҳибихтисос имрӯз дар тамоми соҳаҳои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ, ба мушоҳида мерасад. Нишондиҳандаи кору машғулият дар соҳаи сайёҳӣ, тавре ноиби президенти Шӯрои ҷаҳонӣ оид ба сайёҳӣ (WTTC) Ричард Миллер зикр мекунад, муҳаррики муҳим барои иқтисод маҳсуб меёбад. Зеро саноати сайёҳӣ рушди соҳаҳои ба сайёҳӣ аз ин ё он ҷиҳат алоқамандро аз қабили сохтмон, инфрасохтор ва тамоми бахшҳои марбут ба хизматрасонӣ (нақлиёт, корхонаҳои савдои чакана, савдои яклухт, хӯроки умумӣ, фарҳангу фароғат, варзиш, алоқа, молия, суғурта… ва ғайра)-ро низ таъмин хоҳад кард.

7. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) иброз доштанд, ки бо мақсади рақобаттавон гардондани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем [1].

8. Айни ҳол бо назардошти таззодҳои зудтағйирёбандаи вобаста ба соҳаи сайёҳӣ, мушкилот дар ин самт бештар ба назар мерасад. Муассисаҳои таҳсилотие, ки ба омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ машғуланд, на ҳамеша бо истеҳсолот дар соҳа робита дошта, омодасозии кадрҳо характери қолабӣ дорад. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии соҳа ва барномаҳои таҳсилотӣ чандон ба эҳтиёҷоти воқеии саноати сайёҳӣ мувофиқат намекунанд. Ҳамзамон, норасоӣ дар адабиёти соҳавӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ низ эҳсос мешавад. Ҷиҳати бартарафсозии ин камбудиҳо бояд дар омода намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастуру нишондодҳои методӣ кормандону коршиносони варзидаи соҳаи сайёҳии ватанию хориҷӣ аз истеҳсолот ҷалб шаванд.

9. Мушкилоти дигар дар самти омодасозии мутахассисони соҳа бархӯрдор набудан аз таҷрибаи тарбияи мутахассисон дар кишварҳои дар ин ҷода пешрафтаи ҷаҳон мебошад.

10. Бо назардошти иқтидори сайёҳии Тоҷикистон доираи ихтисосу тахассусҳое, ки аз рӯйи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат мутахассисон тайёр карда мешаванд, каманд. Бахусус, набудани тахассусҳои менеҷменти сифати хизматрасонӣ дар муассисаҳои хӯроки умумӣ, менеҷменти сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, хоҷагии меҳмонхонаҳо, менеҷменти меҳмонхона, технологияи иттилоотӣ, тиҷорати электронӣ ва индустрияи сайёҳӣ, тарҷумонҳо, саёҳатшиносӣ, кормандони мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва табиӣ, кормандони осоишгоҳҳо, идоракунии паркҳо ва захираҳои табиии миллӣ, аниматорҳо ва амсоли инҳо эҳсос

мешавад. Зарур аст, ки дар риштаҳои таҳсилоти олии касбӣ тахассусии соҳаи сайёҳӣ зертахассусҳои зикршуда ворид гардида, тибқи он мутахассисон тайёр карда шаванд.

11. Ташкил ва баргузории машғулиятҳои омӯзишии амалӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, мавзеъҳои истироҳату фароғат, осоишгоҳҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ҳамчун раванди воқеии робита бо амалия метавонад ба болоравии малакаву маҳорати тахассусии муҳассилини ихтисосҳои сайёҳии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат кунад. Зеро омезиши назария ва амалия хусусияти асосии таҳсилот дар риштаи сайёҳӣ ва меҳмонпазироӣ мебошад. Такмили ихтисоси кормандони соҳа, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии марбут ба сайёҳӣ низ аз масъалаҳое мебошанд, ки бояд дар наздиктарин муҳлат ҳалли худро ёбанд.

12. Ҷорӣ намудани низоми муназзами тарбияи мутахассисони соҳаи сайёҳӣ кори якҷояи субъектҳои хоҷагидории соҳа, олимону коршиносон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мақомоти идоракунии давлатии соҳа буда, масъулияту таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Танҳо мутахассисони варзидаю кордон метавонанд рақобаттавонии маҳсулоти сайёҳии кишвар дар бозори сайёҳии ҷаҳон таъмин намоянд ва Тоҷикистонро дар шароити иқтисоди рақами ва рушди тиҷорати электронӣ ба як кишвари аз лиҳози сайёҳӣ пешрафта мубаддал созанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.12.2019.
2. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми августи соли 2018, №172.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» (с.2020).
4. Всемирная туристская организация при ООН. ЮНВТО. https:// www. russiatourism.ru. Ростуризм. Дата обращения: 11 ноября 2020.
5. Ҳабибов С.Ҳ. Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмилалӣ.-Душанбе: Ирфон, 2007. – 447 саҳ.
6. Маҷмааи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-солагии истиқлолияти давлатӣ //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: АОПҶТ, 2021.

Джамшедов Махмадназар Джамшедович - доктор экономических наук, и.о. профессора кафедры экономика и организации бизнеса Таджикского государственного университета коммерции
734055, Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти ½;
Тел.: 93 521 53 53;
E-mail: mahmadnazar_54@mail.ru

Хочаев П.Д.
Сафаров Ф.Ҳ.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАСНИФИ ИННОВАТСИЯҲО ДАР КОРХОНАИ САНОАТӢ

Ходжаев П.Д.
Сафаров Ф.Х.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КЛАССИФИКАЦИИ ИННОВАЦИЙ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Khojaev P.D.
Safarov F.Kh.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF CLASSIFICATION OF INNOVATIONS AT INDUSTRIAL ENTERPRISES

Аннотатсия

Дар мақола асосҳои назариявии таснифи инноватсияҳо дар корхонаи саноатӣ дида баромада шудаанд. Исбот шудааст, ки пайдоиши тафсири навоварӣ ба маънои васеъ имкон медиҳад, ки фарқиятҳои мавҷудаи назариявӣ ва методологии хусусиятҳои категорияи омӯхташуда то андозае маҳин карда шаванд. Ҳамзамон, муқоисаи категорияи "раванди инноватсионӣ" ва навовариҳо аз нуқтаи назари дарки навоварӣ танҳо ба маънои маҳдуд қиёсшавандаанд.

Вожаҳои калидӣ: фаъолияти инноватсионӣ, низом, корхонаҳои саноатӣ, сармоя, лоиҳаҳои инноватсионӣ, самаранокӣ.

Аннотация

В статье рассмотрены теоретические основы классификации инноваций на промышленном предприятии. Доказано, что появление трактовки инноваций в широком смысле позволяет в определенной степени уточнить существующие теоретико-методологические различия характеристик изучаемой категории. В то же время сопоставление категории «инновационный процесс» и инновации с точки зрения восприятия инновации сопоставимы лишь в ограниченном смысле.

Ключевые слова: инновационная деятельность, система, промышленные предприятия, капитал, инновационные проекты, эффективность.

Annotation

The article considers the theoretical foundations of the classification of innovations in an industrial enterprise. It is proved that the emergence of the interpretation of innovations in a broad sense makes it possible, to a certain extent, to clarify the existing theoretical and methodological differences in the characteristics of the category under study. At the same time, the comparison of the category “innovation process” and innovation in terms of the perception of innovation is comparable only in a limited sense.

Key words: innovation activity, system, industrial enterprises, capital, innovation projects, efficiency.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, фаъолияти инноватсионӣ дар шароити муосир омили муҳимтарини таъмини рақобатпазирии дарозмуддати рушди корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

Истилоҳ ва категорияи "навоварӣ" -ро ба илм олими австриягӣ А.А. Шумпетер ворид намудааст. Дар асари худ "Назарияи рушди иқтисодӣ", ки соли 1911 навишта шудааст, ӯ пешниҳод кардааст, ки маҳз навовариҳо ба рушд такон мебахшанд. Шумпетер А.А. навовариҳоро "тағирот дар технология ва менеҷмент, ҳамчун самтҳои нави истифодаи захираҳо" меҳисобид. Ба андешаи ӯ, "фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили асосие, ки боиси тағироти динамикӣ дар мавҷи иқтисодиёт мегардад" [18].

Абрамов И.М. навовариро ҳамчун омили асосии рушди иқтисодии ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ арзёбӣ мекунад. Ин ақидро А.И. Тятов, М.Имай, Ю.В. Яковец, И.В. Афонин, К.Астапов ва дигар муҳаққиқон пазируфтаанд [1].

Дар адабиёти илмӣ, доир ба моҳият ва мундариҷаи категорияи илмии "инноватсия" як қатор назарҳо мавҷуданд.

Ҳамин тавр, дар солҳои 1930 А. Шумпетер аллакай мафҳуми "инноватсия" -ро истифода кардааст, ки маънояш "ҳама гуна тағироти имконпазире, ки дар натиҷаи истифодаи ҳалли нав ё мукаммали дорои хусусияти техникӣ, технологӣ, ташкилӣ дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба амал меояд", истифода шудааст [18].

Аз нуқтаи назари Б.Санто, "навоварӣ як раванди иҷтимоию техникӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки тавассути истифодаи амалии ғояҳо ва ихтироот ба эҷоди беҳтарин маҳсулот ва технологияҳо аз рӯи хосиятҳои худ оварда мерасонад" [14].

Морозов Ю.П., Гаврилов А.И., Городнов А.Г. чунин меҳисобанд: "Инноватсия ҷараёни рушд, фаъолият ва тамомшавии истеҳсолот, иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии асоси навгонӣ аст" [11, С. 19].

А.И. Пригожий боварӣ дорад, ки "навоварӣ ба рушди технология, соҳаи муҳандисӣ, менеҷмент дар марҳилаҳои пайдоиш, рушд, паҳншавӣ дар дигар объектҳо таъсир мерасонад" [13, С.31].

Мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ, "инноватсия натиҷаи ниҳоии навоварӣ мебошад, ки дар шакли як маҳсулоти нав ё такмилёфта, раванди нав ё такмилёфтаи технологӣ, ки дар бозор амалан истифода шуда, дар муносибати нав ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст" [15, С.11].

Ақидаҳои фарқкунанда барои муайян кардани моҳияти навоварӣ вуҷуд доранд. Масалан, Э.А. Уткин, Н.И. Морозов ва Г.И. Морозов инноватсияро чунин мҳисобанд "ашёе мебошад, ки дар натиҷаи омӯзиш ё кашфиёт ба истеҳсолот ворид карда шудааст, ки сифатан аз аналоги қаблӣ фарқ мекунад" [5, С. 72]. Ба назари мо, таърифи боло хеле маҳдуд буда, он хусусиятҳои танҳо навовариҳои маҳсулотро тавсиф мекунад, дар ҳоле ки навовариҳои технологӣ мавҷуданд, ки на маҳсулоти мушаххас, балки ҳалли технологӣ ва техникӣ дар соҳаи навсозии истеҳсолот мебошанд.

Муаллифони китоби "Менеҷменти инноватсионӣ" П.Н. Завалин, А.К. Казанцев, Л.Е. Минделиназовариро "натиҷаи меҳнати эҷодӣ (ё ҷорӣшуда) арзишҳои нави истеъмолӣ меҳисобад, ки истифодаи онҳо аз ашхос ё созмонҳое, ки онҳоро истифода мебаранд, стереотипҳои маъмулии фаъолият ва малакаро тағир медиҳанд" [16, С.13]. Мафҳуми инноватсия ба "маҳсулот ё хидмати нав, усули истеҳсоли онҳо, навоварӣ дар соҳаҳои ташкилӣ, молиявӣ, тадқиқотӣ ва дигар соҳаҳо ё такмилдиҳие, ки сарфаи хароҷотро таъмин мекунад ё барои чунин пасандозҳо шароит фароҳам меорад" дахл дорад [16, С.13]. Ин таъриф бо фаҳмиши васеътари моҳияти инноватсияи маҳсулот ва технологияҳои нав, такмилёфта, усулҳои ташкили истеҳсолот ва ғайра тавсиф мешавад.

Глазьев С.Ю. чунин мешуморад, ки "инноватсия ба натиҷаи ниҳоии хусусияти амалӣ таваҷҷӯҳи возеҳ дорад, онро ҳамеша ҳамчун як раванди мураккабе баррасӣ кардан лозим аст, ки таъсири муайяни техникӣ, иҷтимоию иқтисодиро таъмин мекунад. Инноватсия дар рушди худ (давраи ҳаёт) шаклҳоро тағир медиҳад, аз идея ба амалисозӣ мегузарад" [3, С.138]. Кас метавонад бо ин ақида розӣ нашавад, ки "навоварӣ як раванди мураккаб аст" [3, С.138]; аммо, мутаассифона, ҷузъҳо ва пуркунандаҳои пурмазмуни категорияи навовариҳо дар ин тафсир дода нашудаанд.

Ба ақидаи А. Левинсон, "навоварӣ натиҷаи кори пешакии илмӣ, амалӣ ва ташкилӣ аст"[7, С.15]. Ба андешаи мо, ин таъриф то андозае сатҳӣ ва умуман маҳдуд буда, равандҳои эҷоди навоварӣ ва татбиқи онро тавсиф намекунад.

Маклаков А.Д. категорияи "инноватсияро ҳамчун аввалин амалияи илмию техникӣ (технологӣ), ташкилӣ ва иқтисодӣ, истеҳсолӣ ё ҷадид" маънидод мекунад [8, С.35]. Бо ақидаи он розӣ шудан ғайриимкон аст, ки навоварӣ танҳо татбиқи озмоишии маҳсулот ё технологияи нав аст. Дар амал, раванди ҷорӣ намудани инноватсия бо назардошти нокомиҳо ва ғайраҳо метавонад солҳои зиёд тӯл кашад. Илова бар ин, навовариҳо наметавонанд роҳи ягона ва дурусти ҳалли масъалаҳо бошанд. Ба назари мо, аксари навовариҳои муосир маҳсули меҳнати дарозмуддат мебошанд, ки натиҷаи садҳо ё ҳазорҳо равандҳои истеҳсолӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва ғайраҳои ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Мафҳуми нисбатан кофӣ аз ҷониби Р.Х. Миннегалиев, яъне «дар натиҷаи ҷорӣ намудани навовариҳо, татбиқи маҳсулот ё хидматрасониҳои нав, усули нави истеҳсоли онҳо, рушди бозори нав, тағирот дар соҳаҳои ташкилӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, тадқиқотӣ ва ғайра, яъне, дар ҳама гуна беҳбудиҳое, ки сарфаи хароҷотро таъмин мекунанд ё барои чунин сарфа шароит фароҳам меоранд" пешниҳод шудааст[10, С.10]. Дар баробари ин, бо Р. Миннегалиев розӣ будан ғайриимкон аст, чунки танҳо як навовариво метавон ҳамчун инноватсия эътироф кард, ки боиси коҳиши хароҷот мегардад - самтҳои инноватсия хеле васеътаранд: онҳо метавонанд аз баланд бардоштани сифати маҳсулот, аз ҷумла бо назардошти афзоиши арзиши он, ва эҷоди маҳсулот ё хидматҳои куллан нав ва усулҳои нави рушди бозор ва ғайра иборат бошанд.

Хуснутдинов А.З. "инноватсияро дар натиҷаи ҷорӣ намудани навгонӣ бо мақсади ворид кардани тағирот дар объекти такрористеҳсолкунӣ ва ба даст овардани самараи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, сиёсӣ, илмию техникӣ ё дигар соҳаҳо" баррасӣ мекунад [17, С.10]. Таърифи болозикр, ба назари мо, фаҳмиши аз ҳад васеи инноватсияро тавсиф мекунад. Бешубҳа, навовариҳои хусусан

миқёси калонро дар бар гиранда, метавонанд боиси тағироти гуногун, аз ҷумла тағиротҳои сиёсӣ шаванд - «аммо, таъсири сиёсӣ наметавонад ҳадафи асосии навоварӣ бошад [4, С.15].

Аксарияти муаллифони ғарбӣ ба таври анъанавӣ ба зарурати татбиқи амалии навовариҳо ва бо ҳамин хусусият мақсади тағиротро таъкид мекунанд [9, С.13]. Навоварӣ ин дар амал, татбиқ ва истифодаи инноватсия (ғояҳо, пешниҳодҳо, ҳалли тадқиқотӣ, моделҳо) мебошад. Ин равиш аксар вақт баҳсро дар бораи ҳудуди татбиқи навовариҳо, яъне дар бораи имкони нисбат додан ба навовариҳо, масалан, такмили ташкилӣ ва кадрӣ, ки таъсири мустақими амалӣ (яъне дар асл тиҷоратӣ) надоранд, ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, Р.Нелсон инноватсияро "ҳамчун як раванди мураккабе меҳисобад, ки иштирокчиёни мухталифро ба мисли ширкатҳо, истеҳсолкунандагони арзишҳои нав, марказҳои технологӣ, марказҳои таҳлилӣ, ки байниҳам пайваст шудаанд ва ҳамин тариқ системаи инноватсиониро ба вуҷуд меоваранд" [19, С.8]. Бешубҳа, инноватсия як раванди мураккаб буда, аксар вақт аз доираи воқеии корхона берун мебарояд ва доираи васеи фаъолони иқтисоди бозоргониро фаро мегирад. Ҳамзамон, таърифи дар боло зикршудаи моҳияти инноватсия тавассути эҷоди системаи миллии инноватсионӣ сустпоя мебошад.

Мафҳуми "инноватсия" дар қонунгузории амалкунанда ба инобат гирифта шудааст. Ҳамин тариқ, кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) дар Дастурамали Фраскатӣ инноватсияро "ҳамчун натиҷаи ниҳоии навгонӣ, ки дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфтаи дар бозор ҷоришуда, технологияи нав ё такмилёфта таҷассум ёфтааст ё дар муносибати нав ба хидматҳои иҷтимоӣ истифода мешавад " ҳисобидаанд [6, С.54]. Бартарияти таърифи болозикр, ба андешаи мо, як равиши нисбатан васеъ дар самти фаҳмидани навовариҳо буда, на танҳо ҷанбаҳои технологӣ, балки ҷанбаҳои иҷтимоиро мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ҳамзамон, дар таърифи болозикр, навовариҳо тавассути категорияи "фаъолияти инноватсионӣ" муайян карда мешаванд, ки аз нуқтаи назари методологӣ комилан дуруст нестанд.

Ба гуфтаи А.А. Перелигина, "инноватсия ба маънои васеъ ҷараёни такмили сифатии муносибатҳои истеҳсолӣ, технологӣ, ташкилӣ, молиявӣ, кадрӣ ва дигар муносибатҳо мебошад, ки тавассути истифодаи дастовардҳои пешрафти илму техника ба амал бароварда шуда, барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоию иқтисодии фаъолияти он пешбинӣ шудааст" [12, С.18]. Ҳамзамон, муаллиф таъкид мекунад, ки навоварӣ на ба маҳсулот ё усули мушаххас, балки ҳамчун раванди такмили мунтазами корхона дар маҷмӯъ баррасӣ мешавад. Инчунин бояд қайд кард, ки ҳангоми тафсир он, на танҳо такмили техникӣ ва технологӣ ва шаклҳои нави маҳсулот ба назар гирифта мешавад, балки навоварӣ бояд муносибатҳои молиявӣ, кадрӣ, ташкилӣ ва дигар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаи саноатиро дар бар гирад.

Мо ақидаи таҳқиқотчӣ А.А. Перелегинро, ки фаҳмиши навовариро ба маънои *васеъ* ва *маҳдуд* пешниҳод мекунад [12, С.20] эътироф мекунем. Аммо дар айни замон, муаллиф тафсирҳои пешниҳодкардаи ӯро комилан муваффақ ва дуруст ҳисоб намекунад. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ мафҳумҳои раванди инноватсионӣ ва навовариро муайян карда, комилан возеҳ наменамояд, ки чаро раванди муносибатҳо ба ин иртибот доранд.

Дар робита ба ин, барои муаллиф дурусттарин ба назар мерасад, ки фаҳмиши навоварӣ ба маънои васеъ ҳамчун маҷмӯи тағиротҳое, ки дар натиҷаи истифодаи технологияҳои нав такмилёфтаи технологӣ, маркетингӣ ва ташкилӣ дар ҳама соҳаҳои корхонаи саноатӣ ба амал меоянд.

Ба ақидаи А.А. Перелигин мазмуни мухтасари инноватсия навгонӣ, мебошад, ки қодир аст талаботи истеъмолкунандагони воқеӣ ва эҳтимолиро ба таври беҳтарин қонеъ гардонад ва афзоиши рақобатпазирии корхонаро таъмин намояд.

Ба гуфтаи муаллиф, ба маънои маҳдуд навоварӣ бояд тағироте бошад, ки дар як корхонаи саноатӣ дар натиҷаи эҷоди маҳсулоти махсуси нав ё такмилёфта, технологияи нави мушаххас ё раванд ва ҳалли нави технологӣ ба вуҷуд омадааст. Ин маънои онро дорад, ки инноватсия ба маънои маҳдуд танҳо навовариҳои технологиро дарбар мегирад.

Ба ақидаи мо, пайдоиши тафсири навоварӣ ба маънои васеъ имкон медиҳад, ки фарқиятҳои мавҷудаи назариявӣ ва методологии хусусиятҳои категорияи омӯхташуда то андозае маҳин карда шаванд. Ҳамзамон, муқоисаи категорияи "раванди инноватсионӣ" ва навовариҳо аз нуқтаи назари дарки навоварӣ танҳо ба маънои маҳдуд қиёсшавандаанд.

Аз як тараф, навовариҳое, ки ба маънои васеъ фаҳмида мешаванд, метавонанд пайваста ё давра ба давра амалӣ карда шуда, боиси навовариҳои мушаххас шаванд, аз тарафи дигар навовариҳо ба маънои маҳдуд, раванди бомуваффақияти ҷорӣ намудани маҳсулоти инноватсионӣ дар бозор боиси заминаи молиявӣ барои такмили минбаъдаи фаъолияти ташкилоти истеҳсолӣ дар асоси истифодаи усулҳои муассир гарданд.

Бояд қайд кард, ки навовариҳо ба маънои васеъ дар муқоиса бо навовариҳо ба маънои маҳдуд на ҳама вақт натиҷаи мусбат доранд: шояд натиҷаи муқобил вуҷуд дошта бошад. Масалан, як корхонаи саноатӣ бо равандҳои пешрафтаи бизнес ва системаи таҳияшудаи ҳавасмандкунии кадрҳо метавонад, дар натиҷаи маҳдудиятҳои монополия ё нокомилии системаи танзими давлатӣ ба муваффақияти тиҷоратӣ ноил гардад, дар ҳоле ки як корхонаи анъанавии саноатӣ бо системаи идоракунии консервативӣ, бе кадрҳои такмилёфта ва навовариҳо, метавонанд аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ натиҷаи мусбат ба даст орад. Бо вуҷуди ин, стратегияи рушди корхонаҳои саноатӣ бояд ба ҷорӣ намудани навовариҳо, маҳз ба маънои васеъ равона карда шаванд.

Аз нуқтаи назари методологӣ изҳор кардан хеле муҳим аст, ки "ихтироъ" ва "навоварӣ" аз рӯи табиати худ фардӣ ва беҳамтоанд. "Табиати инфиродии инноватсия асосан аз шахси эҷодкор ва истеъдоди ӯ вобаста аст. Маҳсули як шахси эҷодкор табиати инфиродӣ дошта, рушд ва натиҷаи ниҳоии онро пешгӯӣ кардан осон намебошад" [2, С.54].

Дар асоси ин хусусиятҳо, таснифи зерини навовариҳо пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Таснифи навовариҳо дар корхонаи саноатӣ

№	Хусусияти таснифот	Навъҳои навоварӣ
1	мазмуни навоварӣ	маҳсулот, раванд, технология, маркетинг ва менеҷмент, навовариҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ
2	дараҷаи навоварии натиҷаҳои рушд	принсипан нав, замонавӣ, такмилёфта ва технологӣ
3	мазмуни асарҳои мушаххас	илмӣ -техникӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ, татбиқ ва машварат, хидматҳои илмию техникӣ
4	марҳилаҳои навоварӣ	таҳия ва тадқиқот, маркетинг, тарҳи саноатӣ, татбиқ дар истеҳсолот, тақсимот ва фурӯш, амалиёт
5	мақсади навовариҳо	барои содирот ва барои бозори дохилӣ, аз ҷумла ниёзҳои шахсӣ
6	дараҷаи хавфнокӣ	хавфи баланд, хавфи миёна, хавфи паст

Хулоса, бояд қайд кард, ки барои рақобат дар шароити муосир, корхонаҳои саноатӣ бояд фаъолияти инноватсиониро вобаста ба таҳия ва татбиқи инноватсияҳо ва ба бозор баровардани онҳо дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфта, хизматрасонии нав таҳия кунанд.

Адабиёт

1. Абрамов И.М. Теория и практика инвестирования в инновации. - М.: Бек, 2011. – 167 с.
2. Вумек Джеймс П., Джонс Даниел Т. Бережливое производство. Как избавиться от потерь и добиться процветания вашей компании. -М.: Альпина Бизнес Букс. - 2008. - 139 с.
3. Глазьев С. Ю. Теория долгосрочного технико-экономического развития/ Международный фонд Н.Д. Кондратьева. - М.: ВлаДар. - 1993. - С. 138.
4. Запольский М. Управление инвестиционными процессами и определение их эффективности в интегрированных структурах продуктовых подкомплексов (на примере Речицкого р-на Гомельской обл. Белоруссии) // Аграрная экономика. - 2006. - № 6. - С. 14-19.
5. Инновационный менеджмент: учебное пособие / Под ред. П.Н. Завалина, А.К. Казанцева, Л.Э. Миндели. - Спб.: Наука, 2000. - С.13.
6. Крылов Э.И., Журавкова И.В. Анализ эффективности инвестиционной и инновационной деятельности предприятия: учеб. пособие. - М.: Финансы и статистика. - 2001. - С. 54.
7. Левинсон А. Инновационное развитие: проблемы и перспективы // Инновации. - 2004. - №4. - С. 15.
8. Маклаков А.Д. Отраслевые особенности инновационной деятельности // Вестник МарГУ. – 2010. - № 2. - С. 34-37.
9. Маркетинг в отраслях и сферах деятельности: Учеб. пособие / Под ред. д-ра экон. наук, проф. Н.А. Нагапетьянца. - М.: Вузовский учебник, 2007. -272с.
10. Миннегалиев Р.Х. Организационные аспекты повышения эффективности государственного управления инновациями в региональной экономике (на примере Республики Татарстан): автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук: 08.00.05. - Казань, 2001. - С.10.
11. Морозов Ю.П., Гаврилов А.И., Городнов А.Г. Инновационный менеджмент: Учебное пособие для вузов. - 2-е изд. перераб. и доп. - М.: ЮНИТИ - ДАНА, 2003. - С.19.

12.Перелыгин А.А. Государственное управление инновациями (на примере республики Татарстан). Автореферат дисс. на соискание ученой степени к.э.н. Казань, 2005. С.17-22

13.Пригожий А.И. Нововведения: стимулы и препятствия (социальные проблемы инноватики). - М.: Политиздат, 1989. - С.31.

14.Санто Б. Инновации как средство экономического развития: пер. с венг. - М.: Прогресс. - 1990. – С.21.

15.Стукач В.Ф. Инновационная инфраструктура регионального **АПК:** монография / В. Ф. Стукач, Е. М. Помогаев; - Омск: Сфера. - 2007. - С. 11.

16.Уткин Э.А, Морозова Н.И., Морозова Г.И. Инновационный менеджмент. -М: Армада. - 2010. - С.72.

17.Хуснутдинов А.З. Инновационная составляющая экономического роста: автореф. дис. к.э.н. – М. - 2005. - С.10.

18.Шумпетер Й. Теория экономического развития. - М.: Правда, 2010. - 400с.

19.Nelson R. National Systems of Innovation: A Comparative Analysis. Oxford, 1993. - p.8.

Хоҷаев Парвиз Давронович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодию байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734036, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2, Ҷумҳурии Тоҷикистон; тел.: (+992) 938607503 hojaev123p@mail.ru

Сафаров Фазлиддин Ҳасанович - аспиранти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734036, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2, Ҷумҳурии Тоҷикистон. тел.: (+992) 938607503 hojaev123p@mail.ru

Шаропов Ф.Р.
Раҳмонӣ Р.
Мирзоев Т.З.

ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Шаропов Ф.Р.
Рахмони Р.
Мирзоев Т.З.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Sharopov F.R.
Rahmoni R.
Mirzoev T.Z.

STATE REGULATION OF RETAIL TRADE IN MODERN CONDITIONS

Аннотатсия

Дар мақола моҳияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолият ва тамоюли рушди савдои чакана муайян карда шуда, зарурати танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ асоснок гардида, усулҳо ва самтҳои асосии танзими давлатии савдои чаканаи ҷумҳурӣ муқаррар карда шудаанд.
Вожаҳои калидӣ: соҳаи хизматрасонӣ, савдои чакана, сифати хизматрасонӣ, танзими давлатии савдои чакана, усулҳои танзими давлатӣ, стратегияи рушди савдои чакана.

Аннотация

В статье уточнены социально-экономическая сущность, роль и тенденции развития розничной торговли, обоснована необходимость государственного регулирования и поддержки экономической деятельности в условиях рыночной экономики и уточнены методы и основные направления государственного регулирования розничной торговли.
Ключевые слова: сфера услуг, розничная торговля, качество услуг, государственное регулирование розничной торговли, методы государственного регулирования, стратегия развития розничной торговли.

Annotation

The article clarifies the socio-economic essence, role and trends in the development of retail trade, substantiates the need for state regulation and support of economic activity in a market economy, and clarifies the methods and main directions of state regulation of retail trade.
Key words: service sector, retail trade, quality of services, state regulation of retail trade, state regulation methods, retail trade development strategy.

Савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус бахшҳое, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, таъсири бевосита ва фаъол мерасонад. Ин соҳаи иқтисодиёти миллӣ аз рӯи шумораи кормандон, ҳаҷми фаъолият ва ҳиссагузорӣ ба ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бахши асосӣ ба шумор меравад. Савдо ҳамчун сарчашмаи ворид гаштани воситаҳои пулӣ қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад ва ба устувории молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Дар шароити иқтисоди бозории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ҳалли масоили рушди босубот ва баланд бардоштани самаранокии савдои чакана аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маҳз ин зерсохтори савдои дохилӣ аз рӯи мазмун ва мақсади худ самт ё равиши иҷтимоӣ дорад, зеро бо манфиат ва тақозои истеъмолгарон робитаи бевосита дорад. Савдои чакана зерсоҳаи асосӣ ва зудрушдёбандаи савдои дохилӣ буда, ҳоло ба шаклҳои гуногуни моликият (хусусӣ, давлатӣ, кооперативӣ, омехта ва ғ.) такя намуда, бо роҳи фурӯши мол ва ташкили хизматрасонӣ дар ҳалли вазифаҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоии давлат вобаста ба таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ фаъолона иштирок менамояд.

Ҳамчун соҳаи ба истеъмолгарони ниҳоӣ наздики иқтисодиёт, савдои чакана ба сифати танзимгари ҷараёни истеҳсолот аз як тараф, дар мавриди муайян намудани ҳаҷм ва номгӯи маҳсулоти истеҳсолшуда ва аз тарафи дигар, дар муайян намудани имконияту хоҳиши истеъмолгарон ва тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ баромад мекунад.

Ба андешаи мо, низоми бозории хоҷагидорӣ имконияти таҳияи механизму усулҳои танзими давлатии равандҳои иқтисодиву иҷтимоиро дар ҳудуди муайян дар назар дорад. Умуман, низоми танзими давлатии равандҳои бозорӣ унсури таркибии функсияи идоракунии давлатии иқтисодиёт ва соҳаҳои он мебошад, бахусус он бахшҳое, ки бештар самти иҷтимоӣ доранд.

Таҷрибаи гузаронидани ислоҳоти бозорӣ дар савдои чаканаро таҳти омӯзиш қарор дода, ба хулоса омадан мумкин аст, ки аҳамияти танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ дар шароити буҳрон меафзояд. Танзими давлатӣ маҳз дар давраи гузариш ба дигар модели иқтисодӣ зарур буда, механизми иловагӣ ба низоми озоди фаъолият ба ҳисоб меравад.

Вале бояд қайд намуд, ки танзим ва дахолати давлат ба амалӣ намудани равандҳои иқтисодӣ танҳо барои аз байн бурдани пасомадҳои манфии он мумкин аст. Мақсади асосии сиёсати танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ таъмини суботи иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад.

Ба андешаи мо, дар шароити ҷумҳурии мо амалӣ намудани принсипҳои консепсияи «танзими оқилона» метавонад барои ноил шудан ба мақсади зикршуда мусоидат намояд. Консепсияи «танзими оқилона» интихобу таъмини баробариро дар байни усулҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзими давлатӣ дар назар дорад. Таҷрибаи татбиқ ва истифодаи ин усул дар бисёр кишварҳои дунё нишон медиҳад, ки дар шароити муосир «танзими оқилона» маҷмӯи принсипу воситаҳои пешқадамро дар бар мегирад, ки танзимро барои ноил гаштан ба мақсадҳои ниҳоӣ шаффоф ва самаранок мегардонад.

Барои таъмини тақозои ҷамъиятӣ аҳамияти махсус дорад ва барои фароҳам овардани муҳити мусоид дар байни аҳолӣ заминаи устувор мегузорад. Маҳз самти махсуси иҷтимоӣ доштани савдо, зарурати танзими онро аз тарафи давлат муайян менамояд.

Дахолати давлат ба амалӣ намудани фаъолияти савдо на танҳо имконпазир, балки барои ҳимояи манфиатҳои ҳам иштирокчиёни бозори молӣ ва ҳам ҷамъият дар умум амри зарурӣ мебошад.

Ба андешаи мо, мантиқи истифодаи низом ва механизми танзими савдои чакана дар он зоҳир меёбад, ки давлат шаклу усулҳои гуногунро истифода намуда, тақозои пардохтпазирро қонеъ мегардонад, бехатарии молҳоро кафолат медиҳад ва рушди истеҳсоли молҳои истеъмолии ватаниро ҳавасманд месозад.

Хангоми амалӣ намудани танзими давлатӣ бояд принсипҳои асосии он, ба монанди даст кашидан аз идоракунии мустақими фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷониби мақомоти давлатӣ риоя гардад ва монеъаҳо дар роҳи рушди савдои озод ва мутамаддин бартараф карда шаванд.

Ба зарурат ва аҳамияти танзими давлатии савдои чакана такя намуда, мо самтҳои афзалиятноки танзими давлатии савдои чаканаро вобаста ба шароити муосири хоҷагидорӣ пешниҳод менамоем (расми 1).



Расми 1 – Самтҳои афзалиятноки танзими давлатии савдои чакана

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ҷиҳати танзими бозори истеъмолӣ ва савдои чакана, мо ба хулосае омадаем, ки давлат бо дарназардошти махсусияти рушди таърихӣ ва анъанаҳо метавонад ва бояд таносуби тақозо ва арзаро дар бозори истеъмолӣ тавассути назорати нархҳо, сатҳи

даромади шаҳрвандон, ҳаҷми воридоти молҳо, риояи озодии рақобат, сифату бехатарии молҳо, фишангҳои андозӣ ва қарзӣ танзим намояд.

Ба ақидаи мо, бо мақсади таъмини мақсаднок ва устувори рушди савдои дохилӣ, зарурати бартараф намудани монеъаҳо бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани самтҳои асосии стратегияи рушди он барои дурнамои миёна ва дарозмуддат пеш меояд. Сабаби асосии таҳияи чунин ҳуҷҷат дар он аст, ки дар барномаҳои гуногуни рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ба такмили бозори молҳои истемолӣ ва савдои чакана диққати кам равона гаштааст.

Рӯихати адабиёт:

1. Факеров Х.Н. Потребительский рынок: состояние и перспективы. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 290 с.

2. Факеров Х.Н., Шаропов Ф.Р., Мариншоев М.М. Социально-экономический механизм развития розничной торговли: Монография / Под редакцией д-ра экон. наук, профессора Хабибова С.Х. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 150 с.

3. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: Монография / Ф.Р.Шаропов. Под.ред. д.э.н., профессора С.Х.Хабибова – Душанбе: Ирфон, 2018. – 280 с.

Маълумот оид ба муаллифон:

Шаропов Ф.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел.: 93-577-79-00, e-mail: farkhod79@mail.ru

Раҳмонӣ Р. – докторанти (PhD) Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. 907-20-20-00, e-mail: rumeysarahmoni@gmail.com

Мирзоев Т.З. – докторанти (PhD) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Тел.: (+992) 918506930, e-mail: tohir.mirzoev.90@mail.ru,

Шарипов Б.М.
Вализода Ш.Ш.

АКТУАЛЬНОСТЬ ПРОБЛЕМЫ И ТЕНДЕНЦИЯ РАЗВИТИЯ БЕЗНАЛИЧНОЙ ПЛАТЕЖНОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Шарипов Б.М.
Вализода Ш.Ш.

ТАМОЮЛИ РУШДИ НИЗОМИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУҲИМИЯТИ ОН

Sharipov B. M.
Valizoda Sh. Sh.

THE RELEVANCE OF THE PROBLEM AND THE DEVELOPMENT TREND OF THE CASHLESS PAYMENT SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Многочисленные примеры по всему миру показывают, что проблемы развития безналичных платежей являются актуальными так как они являются двигателями экономики. В данной статье рассматривается степень актуальности проблемы развития безналичных платежей и тенденция развития безналичной платежной системы в Республике Таджикистан. Также в данной статье определяется степен вхождения вопросов и проблем развития безналичных платёжной системы в стратегических документах и меры по их реализации.

Ключевые слова: безналичная платежная система, электронные платежи, цифровые услуги, трансакции.

Таҳқиқотҳои сершумори ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки масъалаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ рӯзмара мебошад, зеро истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд. Дар мақолаи мазкур сатҳи рӯзмарагии масъалаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва муайян гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: низоми пардохтии ғайринақдӣ, пардохтҳои электронӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, терминалҳо.

Numerous examples around the world show that the problems of the development of cashless payments are relevant and how they are the engine of the economy. This article discusses the degree of relevance of the problem of the development of non-cash payments and the development trend of the non-cash payment system in the Republic of Tajikistan. Also in this article, the degree of occurrence of questions and problems of the development of non-cash payment systems in strategic documents and measures for their implementation are determined.

Key words: non-cash payment system, electronic payments, digital services, transactions.

Современный мир постоянно меняется с очень высокой скоростью, инновационные технологии, в частности, технологии безналичных платежей, проникают в большинство областей человеческой деятельности.

В современных условиях и стремительно развивающихся отношениях рыночной экономики, а также поэтапного внедрения цифровой экономики и развития электронной коммерции остро стоит вопрос совершенствования системы безналичных расчетов и расширения их использования.

Увеличение доли безналичных платежей во всех сферах, вплоть до полного вытеснения наличных денег из оборота, в последнее время, является одной из самых актуальных тем в мировой финансовой системе. Совершенствование и развитие системы безналичных платежей официально является одним из приоритетов финансовых регуляторов ряда стран, как развитых, так и развивающихся.

Международный и отечественный опыт показывают, что наиболее быстро воспринимаются и внедряются новые цифровые технологии в банковском секторе, а именно в направлении безналичных платежей мотивируя и подтягивая развитие других секторов экономики. Потому что, эф-

фективная работа платежной системы является одним из ключевых факторов динамичной и стабильной работы банковской системы и экономики в целом.

Экономика в настоящее время представляет собой сложную, развивающуюся сеть отношений между хозяйствующими субъектами и другими внешними и внутренними агентами. Одной из основополагающих связей являются расчёты и платежи, посредством которых, удовлетворяются потребности, осуществляются финансово-экономические операции и выполняются соответствующие обязательства.

Безналичные платежные системы - это механизмы, которые позволяют беспрепятственно переводить средства между покупателями и продавцами и / или между банками без физического участия наличных денег. В современном обществе никакая экономическая деятельность невозможна без перевода денег. В этом смысле можно легко сказать, что платежные системы являются одной из наиболее значимых социальных инфраструктур [1].

Безналичные платежные системы демонстрируют заметные изменения за последние два десятилетия. Раньше платежи между банками производились путем обмена бумажными платежными инструкциями, что называлось «бумажной платежной системой». Но, поскольку количество платежей резко увеличилось, стало очень трудно обрабатывать документы с бумажными инструкциями и ручным управлением.

Поэтому люди пытались использовать информационные технологии в платежной системе. Результатом этих усилий стало развитие платежных систем с использованием компьютеров и сетей. Вначале эти платежные системы назывались «электронными платежными системами». Однако вскоре это название устарело, и эти системы стали называть просто «платежными системами». Каждая страна принимает все необходимые меры по совершенствованию национальной платежной системы и инновационного подхода по расширению использования именно безналичных расчетов. Несмотря на огромный рост использования смартфонов и растущий спрос на цифровой банкинг, большинство стран по-прежнему сильно зависят от наличных денег. Около 2 миллиардов человек во всем мире не имеют банковского счета, что свидетельствует о том, что наличные деньги по-прежнему имеют большое значение для финансовой доступности.

Национальная платежная система является одним из основных элементов финансовой инфраструктуры, обеспечивающая стабильность и эффективность функционирования финансовой системы страны, а также реализацию денежно-кредитной и бюджетной политики посредством осуществления своевременных и безопасных платежей и расчетов, тем самым содействуя социально-экономическому развитию.

В связи с этим, Национальный банк Таджикистана уделяет особое внимание развитию платежной системы и несёт ответственность за организацию стабильных и эффективных платежных, клиринговых, расчетных систем и систем денежных переводов в Республике Таджикистан, осуществляет регулирование и надзор за их деятельностью.

Национальный банк Таджикистана, руководствуясь законами Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана», «О банковской деятельности», «О платежных услугах и платежной системе» и другими нормативными актами НБТ, определяет основные направления развития платежной системы Республики Таджикистан, устанавливает правила, формы, сроки и стандарты при проведении безналичных и наличных расчетов в Республике Таджикистан [6].

Принимая во внимание важность развития системы безналичных расчетов в условиях формирования цифровой экономики, Правительство Республики Таджикистан посредством реализации концепции, стратегии и программ, принимает все необходимые меры по созданию благоприятных условий для расширения спектра банковских услуг, в том числе, развития системы безналичных расчетов, увеличения доли безналичных расчетов, расширения сферы платежной инфраструктуры и роста банковских дистанционных услуг.

В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (Утверждено постановлением Маджлиси намояндагон, Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636) в части финансового сектора определено: Финансовый сектор Таджикистана в 2030 году - современная динамичная система конкурентоспособных финансовых институтов, способных предоставлять широкое разнообразие качественных и инновационных финансовых услуг и продуктов потребителям, создающая благоприятные условия для стабильного развития национальной экономики и устойчивости к воздействию внешних шоков. Основные проблемы:

- ✓ финансовый сектор пока не сформировался как основа финансирования национальной экономики;

✓ преобладает высокая степень использования наличных денежных средств при осуществлении расчетов между субъектами экономики;

✓ неэффективно используется внутренний потенциал по мобилизации внутренних сбережений и механизмов, их трансформации в кредиты и инвестиции [4].

Президент Республики Таджикистан, Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон в своём послании Парламенту «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 21.12.2021г. подчеркнул, что «Развитие реальных сфер экономики, активность частного сектора и оборот внешней торговли во многом зависят от банковской системы. Но до сегодняшнего времени в направлении реализации денежно-кредитной политики, оздоровления банковской системы и предоставления доступных и долгосрочных кредитов, все еще существует множество проблем, требующих своего решения [5].

Поэтому необходимо принять решительные меры для увеличения льготных долгосрочных кредитов, в особенности для производственного предпринимательства, оказания качественных услуг с использованием цифровых технологий и полного перехода к безналичному расчету, а также для большего привлечения внутреннего и зарубежного капитала в банковскую систему».

В нынешних экономических условиях необходимо привлечение наличных денег из обращения в банки и их использование для развития экономики. В настоящее время более 75% от общей суммы национальной валюты в Таджикистане находится в наличной форме и вне банков, в то время как этот показатель равен 3% в Швеции, 7% в Японии, 10,6% в Казахстане, 21,6% в России и 26,6% в Узбекистане.

В 2021 году соотношение операций снятия наличных денег и операций безналичных платежей за товары и услуги с использованием электронных платежных средств составило 89,1% к 10,9%, доля безналичных операций по сравнению с прошлого года увеличилась на 1,2 процентного пункта.

Сегодня очень важно принять меры для уменьшения количества наличных денег в обращении, что позволит их использовать в качестве кредитных ресурсов для развития экономики.

В целом по республике за 2022 год через различные способы расчетов (внутрибанковских, по прямым корреспондентским отношениям и через корреспондентские счета, открытые в Национальном банке Таджикистана) было осуществлено почти 205 млн. платежей на сумму 1 229,8 млрд. сомони. Количество платежей по сравнению с прошлым годом увеличилось на 20,5%, а общий объем платежей уменьшился на 0,3%.



Диаграмма 1. Объем совершенных платежей в банковской системе

Источник: подготовлено автором на основании статистических данных Национального банка Таджикистана.

Безналичные расчеты между хозяйствующими субъектами осуществляются через банковские счета, которые открываются в кредитных финансовых организациях. Контроль и управление этими счетами осуществляется клиентами с использованием современных электронных средств, в том числе мобильных телефонов и специализированных мобильных программ.

По состоянию на 2021 год со стороны кредитных финансовых организаций для клиентов от-

крыто 6 083 412 банковских счетов, из которых 5 977 784 счета принадлежат физическим лицам, а 105 628 счетов - юридическим лицам.

Количество банковских счетов клиентов в кредитных финансовых организациях увеличилось на 1 077 330 единиц или 21,5% по сравнению с прошлым годом, что свидетельствует о росте доверия населения к банковской системе страны.



Диаграмма 2. Количество открытых счетов в кредитных финансовых организациях для клиентов

Источник: подготовлено автором на основании статистических данных Национального банка Таджикистана.

Развитие рынка банковских платежных карт в Республике Таджикистан является одним из важнейших факторов в решении проблемы развития системы безналичных расчетов с целью сокращения количества наличных денег в обращении.



Диаграмма 3. Динамика роста банковских платежных карт, млн. ед.

Источник: подготовлено автором на основании статистических данных Национального банка Таджикистана.

По статистике в 2021 году в Республике Таджикистан со стороны 20 отечественных кредитных финансовых организаций выпущено в обращение 3,5 млн. ед. банковских платёжных карт, данный показатель на 25 % больше по сравнению с показателем прошлого года.

В современном мире совершенствование системы безналичных расчетов и финансовая инклюзивность является эффективным инструментом улучшения доступа и использования качественных финансовых услуг. Они играют важную роль в обеспечении устойчивого развития финансового сектора, частного сектора, а также улучшения предпринимательской среды, социальной

защиты населения, развития человеческого капитала и на этой основе повышении уровня благосостояния в страны.

Для обслуживания держателей банковских платежных карт финансовыми кредитными организациями по состоянию на 2021 год установлено в общей сложности 1 412 банкоматов и 4 878 электронных терминалов. Из этого количества электронные терминалы, 1 848 единиц установлены в пунктах выдачи наличных денег и 3 030 единиц в торговых и сервисных учреждениях, эти показатели по сравнению с 2020 годом соответственно увеличились на 9,8 процентов и уменьшились на 14,5 процентов.

Кроме того, в торгово-сервисных точках для приема безналичных платежей за товары и услуги установлено 3 933 POS-терминала и 16 861 QR-кодов.

Таблица 1.

Развитие платежной инфраструктуры в Республике Таджикистан, 2017 - 2021 гг.

Показатели	годы					2021г по сравнению с 2017г в %
	2017	2018	2019	2020	2021	
Банкоматы	685	678	878	1285	1412	6,1
Электронные терминалы всего, в том числе	3325	4499	4853	5710	4878	46,7
-электронные терминалы в ПВНД	1381	1485	1318	1899	1848	33,8
-электронные терминалы в ТСУ	1944	3014	3535	3811	3030	55,8

Источник: составлена автором на основе статистических данных НБТ

Из таблицы 1. видно, что количество банкоматов (в 2021 году по сравнению с 2017 годом) увеличилось на 106,1 процента, количество электронных терминалов в ПВНД увеличилось на 33,8 процентов, а количество электронных терминалов в ТСУ 55,8 процентов. Из данных показателей следует, что средства (инфраструктура) для приема безналичных платежей имеют тенденцию к увеличению ежегодно, но их использование находится на относительно низком уровне, что является одной из основных проблем, которые необходимо решить.

Оптимальная инфраструктура играет решающую роль в расширении безналичных платежей. Исследование показывает, что существует прямая связь между адекватной инфраструктурной базой и уровнем комплексного развития безналичных платежей.

Таблица 2.

Распределение точек доступа по регионам на 100000 населения в 2020 году.

Регионы	Филиалы	Центры банковского обслуживания	POS-терминалы	Электронные терминалы в пунктах выдачи наличных	Банкоматы
Душанбе	6,2	26,4	241,4	36,2	41,4
РРП	2,6	14,4	8,7	16,9	9
Хатлон	3,3	13,6	7,4	15,0	8,6
Сугд	4	18,4	38,9	21,5	14,1
ГБАО	9	22,9	71,7	42,3	14,7

Источник: НБТ (2020 г.) - Национальной стратегии финансовой инклюзивности Республики Таджикистан на 2022-2026 годы. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 июля 2022 г, №314

Стоит отметить, что на данный момент терминальная сеть финансово-кредитных организаций широко распространена во всех регионах страны и обслуживает банковские платежные карты национальной платежной системы «Национальная карта», а также международных платежных систем Visa, Mastercard, UnionPay и American Express. Это достижение позволяет населению осуществлять безналичные расчеты за товары и услуги, снятие наличных и другие услуги, предоставляемые финансовыми учреждениями страны.

Показатели таблицы 2 свидетельствует о том, что реальный доступ населения к финансовым услугам, особенно к платежной инфраструктуре, находится на сравнительно низком уровне.

С учетом роста населения и растущего спроса населения на электронные платежные услуги, необходимо неоднократно увеличивать количество безналичных платежных инфраструктур. По статистическим данным страны, население страны ежегодно увеличивается в среднем на 2 процента.

Наряду с этим финансовая грамотность и осведомленность о безналичных операциях имеют первостепенное значение в Таджикистане для создания безналичной экономики.

Цифровизация платежного механизма будет считаться важной вехой в эпоху безналичной экономики будущего. Рост индустрии цифровых платежей в Таджикистане будет способствовать четыре фактора, которые также могут повлиять на то, как эта отрасль будет выглядеть в будущем.

- Переход Таджикистана на цифровые технологии;
- Благоприятная нормативно-правовая среда;
- Появление поставщиков платежных услуг нового поколения;
- Повышение качества обслуживания клиентов - четыре движущих фактора, способствовавших росту таджикских цифровых платежных систем.

Следует отметить, что обеспечение доступа к электронным платежным средствам (банковским платежным картам, электронным кошелькам и др.) для оплаты товаров и услуг способствует расширению доли безналичных расчетов в денежном обращении страны, имеет ряд преимуществ, как: прозрачность финансовых потоков, уменьшение доли теневой экономики, что приводит к увеличению объема налоговых поступлений, а также создает благоприятные условия для привлечения иностранного капитала; легкость и доступность оплаты товаров и услуг, в том числе оплаты государственных услуг (24/7), снижение потребности населения в наличных деньгах; сокращение очередей за получением наличных денег возле банкоматов и касс кредитных финансовых организаций; экономия времени и снижение затрат за проезд; кредитные финансовые организации получают возможность сократить дополнительные операции, сэкономить время и благодаря ускорению скорости предоставления банковских услуг привлекать новых клиентов.

Основные преимущества безналичных транзакций заключаются в том, что цифровые транзакции обеспечивают регистрацию всех экономических транзакций. Средства цифровизации делают практически возможным контроль над рынками черных денег, которые часто наносят ущерб национальной экономике. Это помогает увеличить налоговые поступления в правительство. Преимущества для граждан страны в безналичной экономике - это риск ношения денежных знаков и возможность избежать потери с трудом заработанных денег. Затраты на транзакцию, оплату и временные затраты уменьшатся. Безналичная транзакция удобна для покупок, оплаты счетов и планирования финансовых транзакций, управляемых из дома, офиса или где угодно с помощью смартфона. Это также снижает расходы на печать денежных знаков и их транспортировку.

Фактически, экономики с более высокой денежной массой, как правило, растут медленно, и упускают значительные финансовые выгоды. И наоборот, экономики, которые переходят на цифровые технологии, более успешны; согласно исследованиям BCG, переход на новую технологию может увеличить годовой ВВП на целых 3 процентных пункта.

ЛИТЕРАТУРА

1. How Cashless Payments Help Economies Grow//MAY 28, 2019 By Markus Massi, Godfrey Sullivan, Michael Strauß, and Mohammad Khan;

2. В Таджикистане для безналичных расчетов активно внедряют малозатратные QR-коды //электронный ресурс:- режим доступа https://tajsohtmon.tj/ru/tajikistan_ru/12466-v-tadzhikistane-dlya-beznalichnyh-raschetov-aktivno-vnedryayut-malozatratnye-qr-kody.html 19-07-2022, 10:15

3. Масаси Накадзима - «Платежная система и технологии и их функции» (IGI Global, 2011) можно найти в Интернете (http://www.igi-global.com/book/payment-system-technologies-functions/49580).

4. Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года - Утверждено постановлением Маджлиси намояндагон, Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636.

5. Послании Президент Республики Таджикистан, Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон Парламенту страны «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 21.12.2021г.

6. Официальный сайт Национальный Банк Таджикистан: режим доступа:- https://www.nbt.tj/tj/ время посещения 08.12.22.

7. Путылин В.И. Эволюция платежной системы: от ракушек и жемчужин к электронным деньгам // Концепт. – 2014. – Спецвыпуск № 05.

8. Головенчик, Г. Г. Цифровизация белорусской экономики в современных условиях глобализации / Г. Г. Головенчик. – Минск : Изд. центр БГУ, 2019. – 257 с.

9. Еремина, Н. В. Особенности безналичных расчетов / Н. В. Еремина, С. А. Сорокин // Инновационная наука. – 2015. – № 5-1. – С. 91-93.

Шарипов Бахром Махмудович - доктор экономических наук – старший научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 44. Телефон: (+992) 907786568, E–mail: b_sharipov@mail.ru.

Вализода Шавкат Шаробудин – соискатель Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 44. Телефон: (+992) 985844359, E–mail: shavkat-2003@mail.ru;

Рачабов Р.К.
Шарипова Д.

ТАҲЛИЛИ РАСОНИДАНИ ХИЗМАТИ МАИШӢ БА АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Раджабов Р.К.,
Шарипова Д.

АНАЛИЗ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ БЫТОВЫХ УСЛУГ НАСЕЛЕНИЮ ТАДЖИКИСТАНА И ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Radjabov R.K.,
Sharipova D.

ANALYSIS OF THE PROVISION OF HOUSEHOLD SERVICES TO THE POPULATION OF TAJIKISTAN AND KHATLON REGION IN THE CONDITIONS OF DIGITAL ECONOMY

Дар мақола таҳлили расонидани хизмати маишӣ ба аҳолии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар шароити иқтсодиёти рақамӣ гузаронида шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Самтҳо барои беҳтар намудани бозори минтақавии хизматрасониҳои маишии пулакӣ ва нақши бахши хусусӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, такмили низоми идоракунӣ ва танзим дар раванди амалисозии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат намоянд пешниҳод карда шудаанд.
Вожаҳои калидӣ: хизматрасониҳои маишӣ, такмили низоми идоракунӣ, бахши хусусӣ, Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, иқтисодиёти рақамӣ

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье проведен анализ оказания бытовых услуг населению Таджикистана и Хатлонской области в условиях цифровой экономики, выявлены существующие недостатки. Предложены направления совершенствования регионального рынка платных бытовых услуг и роли частного сектора, соответствующего международным стандартам, совершенствования системы управления и регулирования в процессе реализации Национальной стратегии развития Таджикистана до 2030 года.
Ключевые слова: бытовые услуги, совершенствование системы управления, частный сектор, Национальная стратегия развития Таджикистана, цифровая экономика.

The article analyzes the provision of personal services to the population of Tajikistan and the Khatlon region in the digital economy, and identifies existing shortcomings. Directions are proposed for improving the regional market for paid household services and the role of the private sector that meets international standards, improving the management and regulation system in the process of implementing the National Development Strategy of Tajikistan until 2030.
Key words: household services, improvement of the management system, private sector, National Development Strategy of Tajikistan, digital economy.

Айни замон рушди бозори хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад, зеро он дар рушди иқтисодиёт нақши муҳим дошта, дар тақвияти дигаргуниҳои ҷойдошта дар сохтори соҳавӣ саҳми арзанда мегузорад [1,2,3].

Дар ин шароит намудҳои хизмати пулакиро ба аҳолӣ омухтан лозим аст. Пеш аз ҳама намудҳои зерини хизматрасониро ҷудо мекунем: хизматрасонии маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ, маориф, фарҳанг, туристӣ ва экскурсиявӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, хизматрасонии тиббӣ, санаторию саломатӣ, хизматрасонии ҳуқуқӣ, муассисаҳои бонкӣ ва дигар [1-6]. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи рушди хизматрасонии пулакӣ дар тамоми каналҳои фурӯш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1 – Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди хизматрасониҳои пулакӣ аз рӯйи самтҳои пешниҳод дар Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**Фоизи афзоиш, %**
Ҳамагӣ, хизматҳои пулакӣ (млн. сомонӣ)	13405,4	1338,4	13645,2	13372,3	13599,6	13205,2	98,51
Миқдори хизматҳои пулакӣ да ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои ҳақиқӣ)	1131,3	1161,2	1231,7	1247,7	1409,4	1389,5	122,82

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои оморӣ, 2021.-Душанбе, АОНПҶТ, 2021.-702с. . - саҳ.640 ҳисоб карда шудааст

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар давраи баррасишаванда кам шудани суръати афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ мушоҳида гардида, дар соли 2020 нисбат ба соли 2015-ум (100-98,51) -1,49% кам шудааст. Дар баробари ин ҳачми иҷрои онхо ба хар сари аҳолӣ - 22,82% афзудаст.

Ҷадвали 2- Динамикаи тақсими хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯйи намудҳои моликият дар Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020

Намудҳои моликият	**Ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, млн. сомонӣ**						**Фоизи афзоиш**
	2015	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	
Ҳамагӣ дар корхонаҳои намуди ҷудогонаи моликият	9615,8	10033,7	10884,0	12130,8	12983,6	13205,2	137,33
Давлатӣ, ҳамагӣ	1125,6	1396,4	1751,4	2487,3	2298,4	2824,8	2,5 маротиба
Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасоониҳои пулакӣ (%)	11,71	13,91	16,09	20,50	17,70	21,39	+9,68
Ғайридавлатӣ, ҳамагӣ	8490,2	8637,3	9231,6	9643,5	10685,2	10380,4	122,26
Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасоониҳои пулакӣ (%)	88,29	86,08	84,82	79,5	82,3	78,61	-9,68

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои оморӣ, 2021.-Душанбе, АОНПҶТ, 2021.-702с. . - саҳ.640-646 ҳисоб карда шудааст.

Маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар соли 2020 ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 13205,2 миллион сомонӣ хизматрасониҳои пулакӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015-ум 37,33% зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар соли 2020 ҳиссаи ҳаҷми хизматрасониҳои корхонаҳо дар бахши давлатӣ ба андозаи 9,8 банди фоизиро ташкил дода бахши ғайридавлатӣ бошад - 78,61%-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015-ум 9,68 банди фоизӣ кам шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020 дар динамикаи даромади умумии ба ҳар сари аҳолӣ, индекси нархҳои истеъмолии хизматрасониҳои пулакӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ тавассути тамоми каналҳои фурӯш тағйирот ба амал омадааст (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3 - Динамикаи даромади умумии индекси нархи истеъмолии хизматрасониҳои пулакӣ ва ҳаҷми онҳо ба воситаи ҳама намудҳои пешниҳод дар Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	Фоизи афзоиш, %
Хамагӣ даромади сарикасии аҳолӣ, (сомонӣ)	297,61	351,14	374,12	409,78	475,72	518,19	174,12
Индекси хароҷотҳои ҳақиқии аҳолӣ барои хариди мол ва пардохти хизматрасо-нии пулакӣ, %	103,8	111,9	113,6	110,2	115,4	136,7	+32,9
Индекси ҳаҷми хизматрасо-нии пулакӣ, %	92,4	99,5	102,3	101,1	101,7	97,1	+4,7

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои оморӣ, 2021.-Душанбе, АОНПҶТ, 2021.- саҳ.22-25 ҳисоб карда шудааст.

Тавре аз ҷадвали 3 дида мешавад, даромади умумии аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2015-2020 75,12% афзуда, боиси афзоиши ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ гардид. Дар баробари ин, индекси хароҷоти аҳолӣ барои хариди молҳо ва пардохти хизматрасонӣ 32,9 банди фоизӣ ва индекси ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 4,7 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Дар шароити муосир ба омузиши динамикаи таксимоти ҳачми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз руи шаклҳои моликият дар заминаи соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсус дорад (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4 - Динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шакли моликият дар заминаи соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020

Намуди хизматрасонӣ ва шакли моликият	2015	2016	2017	2018	2019	2020	Фоизи афзоиш, -с.2020 нисбати 2015с. %
Ҳамагӣ хизматрасонии маишӣ	3758,6	3694,1	3908,3	4030,6	4387,2	4253,8	113,18
Давлатӣ, ҳамагӣ	27,6	25,2	33,1	43,3	44,7	77,7	2,92 марба
Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакии маишӣ (%)	0,73	0,68	0,85	1,07	1,02	1,83	+1,1 бф
Ғайридавлатӣ, ҳамагӣ	3731,0	3668,9	3875,2	3987,5	4342,5	4176,1	111,93
Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакии маишӣ (%)	99,27	99,32	99,15	98,93	98,98	98,17	-1,1 бф
Дигар намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ	557,3	551,7	665,3	799,2	1135,4	1575,7	2,82 марба
Давлатӣ, ҳамагӣ	52,1	51,0	50,1	97,8	162,5	366,0	7,02 марба
Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакӣ (%)	9,35	9,24	7,53	12,24	14,31	23,23	+13,88 бф

Ғайридавлатӣ, ҳамагӣ	55,2	500,7	615,2	701,4	972,9	1209,7	21,91 мар-ба
Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакӣ (%)	90,65	90,76	92,47	87,76	85,69	76,77	-13,88бф

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои оморӣ, 2021.-Душанбе, АОНПҶТ, 2021.-702с. -с.640-645 ҳисоб карда шудааст.

Маълумоти ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар соли 2020 ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4253,8 миллион сомонӣ хизматрасонии маишӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015 ба 13,18% зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар соли 2020 ҳиссаи ҳаҷми хизматрасониҳои корхонаҳо дар бахши давлатӣ 1,83%, бахши ғайридавлатӣ - 98,17% -ро ташкил дод, ки дар бахши давлатӣ нисбат ба соли 2015-ум 1,1 банди фоизӣ афзуда, дар бахши ғайридавлатӣ 1,1 банди фоизӣ кам шудааст.

Тибқи ҷадвали 4, дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои дигари хизматрасонӣ ба маблағи 1575,7 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015-ум 7,02 маротиба зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар соли 2020 ҳиссаи ҳаҷми хизматрасониҳои корхонаҳо дар бахши давлатӣ 23,23% бахши ғайридавлатӣ - 76,77% -ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015-ум 13,88 банди фоизӣ зиёд шуда, инчунин дар бахши ғайридавлатӣ мутаносибан 13,88 банди фоизӣ кам шудааст.

Умуман дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои он дар оянда ҳам суръати афзоиши хизмати пулакӣ ба аҳолӣ чӣ аз тарафи корхонахои давлатӣ ва чӣ муассисаҳои ғайридавлатӣ зиёд мешавад.

Ҳангоми омӯзиши вазъи бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ва маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5-Динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ва маишӣ ба аҳолии минтақаҳои Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020

Намуди хизматрасонӣ, аз ҷумла:	**Хаҷми хизмарасонии пулакӣ (млн. сомонӣ)**						
	2015	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**Фоизи афзоиш, -с.2020 нисбати 2015с. %х**
Ҷумҳурии Тоҷикистон Таджикистан							
Хизматрасони-ҳои пулакӣ	9615,8	10337,1	10884,0	12130,8	12983,6	13205,2	137,33
Аз ҷумла: маишӣ	3758,6	3694,1	3908,3	4030,6	4387,2	4253,8	113,18
Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон							
Хизматрасони-ҳои пулакӣ	64,9	67,5	74,5	88,7	99,9	98,0	151,00
Аз ҷумла: маишӣ	31,2	31,4	34,0	34,0	33,3	28,6	91,67
Вилояти Суғд							
Хизматрасони-ҳои пулакӣ	3017,0	3137,8	3335,7	3527,2	3603,3	3291,6	109,10
Аз ҷумла маишӣ	1657,1	1622,7	1702,0	1791,7	1921,8	1828,8	110,36
Вилояти Хатлон							

Хизматрасони-ҳои пулакӣ	1569,0	1565,4	1686,7	1868,4	2064,5	2070,5	131,96
Аз ҷумла: маишӣ	999,4	1015,6	1061,5	1116,0	1270,8	1303,4	130,42
Шаҳри Душанбе							
Хизматрасони-ҳои пулакӣ	3969,2	4289,3	4781,6	5684,9	6178,0	6767,6	170,50
Аз ҷумла: маишӣ	471,7	437,3	516,0	550,1	600,5	578,2	122,58
Ноҳияҳои тобеи марказ							
Хизматрасони-ҳои пулакӣ	1011,0	973,7	1005,5	961,6	1037,9	1007,2	99,62
Аз ҷумла: маишӣ	599,2	587,1	594,8	538,8	560,8	544,8	90,92

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои оморӣ, 2021.-Душанбе, АОНПҶТ, 2021.-702с. -саҳ.646-647 ҳисоб карда шудааст

Тавре аз ҷадвали 5 дида мешавад, дар соли 2020 дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли 2015-ум 37,33 ва хизматрасониҳои маишӣ 13,18% зиёд шудааст. Дар ҳамин ҳол, дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе афзоиши соли 2020 нисбат ба соли 2015 мутаносибан 51,0%; 9,1%; 31,96% ва 70,5% зиёд шуда дар НТМ 038% кам шудаастАз тарафи дигар хизматрасониҳои маишӣ дар вилояти Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе мутаносиба % кам шудааст.

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он баррасии рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ барои солҳои 2015-2020 мавқеи хоса дорад (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6-Динамикаи тағйирёбии миқдори ателеҳо, сеххо ва коргоххо ва намуди хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020

Намуди хизматрасонии маишӣ	**Миқдори ателеҳо, сеххо ва коргоххои хизматрасонии маишӣ, адад**						
	2015	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**Фоизи афзоиш, %**
Ҳамагӣ аз рӯйи намудҳо	413	461	429	352	374	322	77,97
Таъмир ва дӯхтани пойафзол	12	11	7	32	20	20	166,67
Таъмин ва духтани фардии либос, дӯхтан ва бофтани маводи трикотажӣ	36	37	30	15	11	4	11,11
Таъмир ва тайёр кардани маводҳои металлӣ	21	20	17	20	14	11	52,38
Таъмир ва тайёр кардани мебел	6	10	6	11	3	3	50,00
Тозакунии кимиёвӣ ва хизматрасонии рангкунӣ	-	1	1	-	-	-	
Ҷомашӯӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ	63	63	67	91	78	71	112,70

Хизмати суратгирӣ	21	22	13	12	12	8	38,10
Хизматрасонии ҳамомҳо	30	34	32	55	31	26	86,67
Хизматрасонии сартарошон	43	44	42	25	37	43	100,00
Хизматрасонии нуқтаҳои иҷоравӣ	44	90	90	40	73	49	111,36
Дигар намуди хизсатрасониҳо	137	129	124	87	95	87	63,50

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои оморӣ, 2021.-Душанбе, АОНПҶТ, 2021.-702с. -саҳ.640-641 ҳисоб карда шудааст

Таҳлили ҷадвали 6 нишон медихад, ки умуман баъди гузаштан ба муносибатхои бозорӣ бисёр корхонаҳои хизмати маишӣӣ мустакилона амал мекунанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳое, ки ба таъмири пойафзол, ҷомашӯӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, инчунин хизматрасонии иҷоравӣ машғуланд, мутаносибан 66,67%; 12,7 ва 11,36% ва зиёд шуда, дар дигар корхонаҳо суръати афзоиши он кам шудааст. Ин пеш аз хама ба зараровар будани корхонаҳо вобаста аст. Дар баробари ҳамин як қатор корхонаҳои хизмати маишӣ, хусусан дар қишлоқҷойҳо аз кор монданд. Аммо таҳлил нишон медиҳад, ки дар деҳот хизматрасонии таъмири либос, пойафзол, тозакунии кимиёвӣ, нигоҳубин ва таъмир, хизмати суратгирӣ ва ғайра ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шудааст.

Ба фикри мо, инкишофи хизмати маишӣ бо афзоиши даромади пулии аҳолӣ ва қонеъ гардондани талабот ба ин хизматҳо, инчунин беҳтар намудани кори шуъбаи хизматрасонӣ ва ба тариқи оптималӣ идоракунии фаъолияти онҳо ва дастгири шарикию далатию хусусӣ алоқаи зич дорад [1,4].

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ чунин тадбирҳои тиҷоратию сиёсие ба кор бурда мешаванд, ки муомилотро дар соҳаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ танзим мекунанд. Дар баробари ин ҳалли масъалаи чен кардани дараҷаи самараи кори корхонаҳо дар ин соҳа аз ҷиҳати оптимизатсияи шаклҳои моликият муҳим дониста мешавад [1].

Натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои рушди бозори минтақавии хизматрасониҳои пулакию маишӣ дар Тоҷикистон имконият дод, ки дар шароити Тоҷикистон ва субъектҳои ҳудудии он, аз он ҷумла вилояти Хатлон мо пешниҳод менамоем:

а) ташаккули механизми муосири танзими давлатии бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва бахши хусусӣ ва ҷузъҳои асосии саноатии он;

б) навсозии сохтори бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва бахши хусусӣ, такмили таҷҳизоти техникии сохторҳои соҳибкорӣ бо мақсади васеъ намудани доираи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати он;

в) таҳия ва татбиқи барномаи тайёрӣ ва бозомӯзӣ барои бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ, маишӣ ва бахши хусусии соҳаи хизматрасонӣ;

г) такмили низоми молия бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи корхонаҳои хусусӣ, бахусус корхонаҳои хурду миёна ба захираҳои молиявӣ, беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ, таҳкими эътимод ба муассисаҳои бонкӣ, инчунин баланд бардоштани фаъолияти банкҳои тиҷоратӣ, ташкили банкҳои муштарак дар ҷумҳурӣ ва дигаргунсозии ҳудудии он;

д) ташаккули муҳити оқилонаи соҳибкорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва бахши хусусӣ, такмили таҷрибаи бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва назорат, инчунин фаъол намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни хизматрасонӣ;

е) фароҳам овардан ва татбиқи муҳити институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба афзоиши сармоягузорӣ тавассути сармоягузории мустақими хусусӣ, давлатӣ ва хориҷӣ ба ҷузъҳои соҳавии бахши хизматрасонӣ, инчунин ҷалби ташкилотҳои мустақил барои экспертиза ва машварати лоиҳа иттиҳодияҳо ва фондҳои гуногун ва ғайра мусоидат мекунанд;

ё) истифодаи технологияи иқтисодиёти рақамӣ ҳангоми ба қайдгирӣ, пешниҳод ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои маишӣ дар кишвар ва минтақаҳои он ва ғайра.

Дар маҷмӯъ татбиқи ин самтҳо барои беҳтар намудани бозори минтақавии хизматрасониҳои маишии пулакӣ ва рушди бахши хусусӣ ба баланд бардоштани сифати фаъолияти онҳо,

ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, такмили низоми идоракунӣ ва танзим кишвар дар ва субъектҳои ҳудудии он дар раванди амалисозии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Инновационное развитие сферы услуг и проблемы экономики труда в национальной экономике [Текст]: Коллективная монография / Под ред. д.э.н., профессора Р.К. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 339 с.
2. Раджабов К.Р. Роль частного сектора в производственной сфере и пути повышения конкурентоспособности национальной экономики /К.Р.Раджабов, М.М.Шарипов// Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал-. Серия социально-экономических и общественных наук №2/9 (218), 2016. –С. 12-20;
3. Раджабов К.Р. Создание благоприятных социально-экономических условий для развития частного сектора в сфере услуг Таджикистана/К.Р.Раджабов//Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и гуманитарных наук.№2 2018.-Душанбе: «Сино»,2018.-С.114-119.
4. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики. Монография/Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон,2013. – 196с.;
5. Факеров Х. Н. Моделирование и совершенствование инфраструктуры потребительского рынка. Монография/Х.Н.Факеров, Р.К.Раджабов, С.Зубайдов.-Душанбе: «Ирфон», 2018.-120с.;
6. Хусаинов М.К. Управление экономическим развитием сферы услуг / М.К. Хусаинов.- М.: Компания Спутник +, 2005.- 40с.

Раҷабов Р.К. - профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДТТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992(37) 234-83-46
+992(37) 234-85-46
Email: mail@ddtt.tj

Шарипова Д.М. - унвонҷӯи кафедраи фаъолияти гумрукии ДДТТ. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992(37) 234-83-46
+992(37) 234-85-46
Email: mail@ddtt.tj

Саидов С.С.

ЗАХИРАҲОИ ОБ ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ УСТУВОР

Саидов С.С.

ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

Saidov S.S.

WATER RESOURCES ARE AN IMPORTANT FACTOR FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT

Тайи як чанд даҳсола аст, ки тағйирёбии иқлим бо суръати баланд таъсири манфии худро ба экосистемаҳои табиӣ бо таври назаррас расонида истодааст ва ин ҳолат ба захираҳои табиӣ ва нестшавии онҳо оварда мерасонад, инчунин эҳтимолияти сар задани низоъро низ ба вуҷуд меоварад. Захираҳои об, ки бузургатрин ва бебаҳотарин неъмати табиӣ мебошад, бояд аз мадди назари таҳлилгарон дур намонад. Ба мақсади расадиан ба Ҳадафҳои рушди устувор моро зарур аст, ки усулҳои муосири истифода ва ҳифзи захираҳои обро ба роҳ монем.
Вожаҳои калидӣ: захираҳои об, об барои рушди устувор, экосистемаҳои табиӣ, тадбирҳои иқтисодӣ

На протяжении нескольких десятилетий изменение климата оказывает существенное негативное влияние на природные экосистемы, и такая ситуация приводит к истощению природных ресурсов и их разрушению, а также к возможности возникновения конфликтов. Аналитики не должны упускать из виду водные ресурсы, которые являются самым большим и ценным природным ресурсом. Для достижения Целей устойчивого развития нам необходимо внедрять современные методы использования и охраны водных ресурсов.
Ключевые слова: водные ресурсы, вода для устойчивого развития, природные экосистемы, хозяйственные мероприятия, хозяйственный механизм и пути решения проблем

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

For several decades, climate change has had a significant negative impact on natural ecosystems, and this situation leads to the depletion of natural resources and their destruction, as well as the possibility of conflicts. Analysts should not lose sight of water resources, which are the largest and most valuable natural resource. To achieve the Sustainable Development Goals, we need to introduce modern methods of using and protecting water resources.
Key words: water resources, water for sustainable development, natural ecosystems, economic activities

Захираҳои об бузургтарин ва бебаҳотарин неъмати табиӣ мебошад. Оби аз ҷиҳати экологӣ тоза барои ҳаёти инсоният нақши бузург дошта, дар навбати худ асоси фаъолият барои рушди устувори иқтисодиёт мебошад. Яъне дар байни захираҳои табиӣ, об бештар дар хоҷагии халқ мавриди истифода қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳифз, истифодаи оқилона ва идоракунии экосистемаҳои марбут ба захираҳои об, яке аз ҷузъҳои таркибии сиёсати экологию иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир дар аксари кишварҳо мушкилоти истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об тезу тунд шудааст. Соҳаи истифодабарии об ва ирригация яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт буда, объекти банақшагирии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Давлат дар танзим ва идоракунии низоми истифодаи об нақши асосиро мебозад. Об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, истифодаи самараноки он ба манфиати халқ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад [1]. Дар робита бо ин, метавон гуфт, ки об дар кам намудани сатҳи камбизоатӣ, пешгиррии гуруснагӣ, беҳтар намудани сатҳи некуаҳволӣ, пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити экосистемаҳои табиӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор муҳим мебошад. Истифодаи самараноки захираҳои об барои рушди устувор ва дурнамои иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим дорад.Яъне истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об вазифаи стратегии ҳар як давлату миллат ва ҷузъи муҳимми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилгарон ба он ақидаанд, ки аз чор ҷойи корие, ки қувваи кории ҷаҳонро ташкил медиҳанд,

сетоаш аз об сахт ё миёна вобастагӣ дорад. Тибқи гузориши СММ, ин ба он маъност, ки камбуди об ва мушкилоти дастрасӣ ба манобеи об ва беҳдошт метавонад рушди иқтисодӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар даҳсолаҳои ояндаро коҳиш диҳад. Дар гузориши ҷаҳонии об дар соли 2016, ки "Захираҳои об ва ҷойҳои корӣ" ном дорад, қайд гардидааст, ки нисфи коргарони ҷаҳон - 1,5 миллиард нафар - дар ҳашт соҳаи саноат вобаста ба об ва захираҳои табиӣ кору фаъолият мекунанд [2].

Ба ақидаи директори генералии ЮНЕСКО Ирина Бокова «…захираҳои об ва ҷойҳои корӣ дар сатҳҳои гуногун, новобаста аз он, ки дар кадом самт (иқтисодӣ, экологӣ ё иҷтимоӣ) баррасӣ мешаванд, бо ҳам зич алоқаманданд».

Чунин ҳолатро дар Осиёи Марказӣ низ ба эътибор гирифтан муҳим аст. Осиёи Марказӣ минтақае мебошад, ки дорои манбаъҳои бузурги захираи табиӣ, аз он ҷумла захираҳои обӣ аст. Рушди устувори иқтисодёти кишварҳои минтақа дар баробари истифодаи дигар сарчашмаҳо аз истифодаи захираҳои обӣ низ вобастагии калон дорад. Сарчашмаи асосии захираҳои обии минатқа ба кишварҳои кӯҳӣ рост меоянд. Масалан дар ҳавзаи баҳри Арал панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, ки ҳудуди онҳо 1550 ҳазор метри мураббаъ буда, майдони обиашон бошад 7,95 миллион гектарро ташкил медиҳад. Дар ин минтақа ҳаҷми захираҳои оби дар сол ба ҳисоби миёна 118-120 км^3 -ро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби обҳои Амударё, Сирдарё ва захираҳои обҳои зеризаминӣ иборат мебошанд (14,7 км3). Ҳаҷми обанборҳо 60 км3-ро дар бар мегиранд [4]. 55,4 дарсади оби ба баҳри Арал ҷоришаванда аз Тоҷикистон, 25,3 дарсад Қирғизистон, 7,6 дарсад Ӯзбакистон, 3,9 дарсад Қазоқистон, 2,4 дарсад Туркманистон, 5,4 дарсад боқимонда ба Афғонистон ва як қисми Хитой ва Покистон рост меояд [3]. Новобаста аз он, ки ҳиссаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои минтақа зиёд аст, аммо 17-20 фоизи захираҳои об дар ҳудуди кишвар истифода бурда мешаваду халос.

Захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури муҳим дар таъмини шуғлнокии аҳолӣ нақши муассиро доро мебошад. Зеро таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ба захираҳои об зич алоқаманд аст. Тибқи маълумотҳои сомонаи расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон «…захираҳои об дар кишвар манбаи асосии истеҳсоли энергия ба шумор рафта, 95% - и барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешаванд. Захираҳои обӣ дар соҳаҳои обёришаванда ва истеҳсоли тақрибан 80%-и маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти оби нӯшокӣ ва санитария, саноат ва моҳипарварӣ, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои босифат нақши муҳим дорад, истифода мешавад». Вобаста ба ин, бояд қайд намоям, ки захираҳои об барои ҳар як кишвар новобаста аз мавқеи ҷойгиршавиашон, махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ дорад.

Дар шароити имрӯза бо мақсади амалӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор, моро зарур аст, ки фарҳанги истифодаи самаранок ва идоракунии оқилонаи захираҳои обиро дар шакли муосир омӯзем. Шакли мудириятеро бояд коркард ва пешниҳод намуд, ки барои таъмин намудани эҳтиёҷоти асосии инсон, аз қабили беҳдошт, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳолати экосистемаҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷорӣ намудани механизми нав дар ҷодаи ҳамкориҳо оид ба рушди устувор дар соҳаи обро дар бар гирад. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор аҳолии ҷаҳон бояд фаҳмиши амиқи нақши калидии обро донад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз он, ки дорои захираҳои фаровони обӣ мебошад, ҳангоми таъмини заминҳои обӣ ба мушкилиҳо дучор аст. Сабаби ин ҷойгиршавии нобаробари ҷараёни дарёҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар буда метавонад. Тибқи таҳлили мутахассисон “... 51.4% -и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 86,9%-и аҳолии шаҳрҳо, 61,5%-и аҳолии ноҳияҳо ва 43,4%-и аҳолии деҳот ба оби ошомиданӣ ва шароити беҳтари санитарӣ дастрасӣ доранд. 49,6% -и аҳолӣ бошад ё ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд ё ин ки оби аз нигоҳи санитарию гигиенӣ хатарнок истифода мебаранд”. Дар баъзе манотиқи деҳот шабакаҳои обтаъминкунӣ ва корезии марказонидашуда вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, захираҳои обро на танҳо самаранок, балки сарфакорона истифода бурдан ва аз ифлосшавӣ ҳифз намудан лозим меояд. Зеро ифлосшавии объектҳои об (дарёҳо, кулҳо, обанборҳо, баҳрҳо, обҳои зеризаминӣ ва ғайра) ҷомеаи имрӯзаро ба ташвиш овардааст. Масалан, истифодаи оқилона ва самараноки экосистемаҳои табиии марбут ба об дар Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳо ва ҳадафи асосии рушди устувори ҳар як кишвари алоҳидаи ин минтақа ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин, механизми иқтисодии истифодаи оқилонаи об бояд коркард карда шавад, ки ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа бошад.

Дар айни замон истифодаи об яке аз соҳаҳои асосии фаъолияти инсон мебошад. Рушди устувори системаҳои иҷтимоию иктисодӣ ба ноил шудан ба ҳамоҳангӣ дар муносибатҳои байни инсон, чамъият ва табиат, иқтисодиёт ва муҳити зист асос меёбад. Яке аз муҳимтарин омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи некӯаҳволии минтақа ин истифода ва ҳифзи захираҳои об мебошад [6].

Мо бояд истифодаи афзалиятҳои низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои обиро ба роҳ мо-

нем. Низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои об самаранокии худро нишон дода метавонад. Мақсади асосии идоракунии давлатии захираҳои об ноил шудан ва нигоҳ доштани вазъи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи об мебошад. Дараҷаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи обро ҳамчун истифодаи устувори об муайян кардан мумкин аст, ки дорои ҳадафҳои зерин мебошад:

- риояи мувозинати талаботи рушди иқтисодӣ ва таъмини такрористеҳсоли захираҳои об;
– риояи мувозинати амалисозии ҳуқуқҳои наслҳои имрӯза ва оянда оид ба истифодаи камхарҷ ва аз ҷиҳати экологӣ бехавфи захираҳои об.

Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур дар шароити муосир бо назардошти имкониятҳои маҳдуди иқтисодии давлат ва ҳам субъектҳои истифодабарандагони об ҳангоми муайян кардани самтҳои асосии рушди самараноки хоҷагии об бояд аз принсипи эргономикаи қарорҳои қабулшуда, яъне кам кардани хароҷот дар истифодаи об ва интихоби қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ самаранок, ки дар як вақт самараи мусбати иқтисодӣ меоварад истифода карда шавад. Дар доираи иҷрои вазифаҳои марбут ба ҳифзи захираҳои об масъалаҳои аҳамияти иҷтимоӣ ва экологӣ бояд зери назорати ҷиддӣ қарор дода шаванд.

Муҳимтарин омили иқтисодии ба сатҳи истифодаи об таъсирркунанда, ин баҳогузории арзиши захираҳои обӣ мебошад, ки асоси механизми иқтисодии танзими истифодаи обиро ташкил медиҳад. Ҳадаф аз ҷорӣ намудани механизми иқтисодӣ таъмин намудани имтиёзҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи барқароркунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи сохторҳои обӣ мебошад [6,с.49]. Ба унсурҳои асосии механизми иқтисодӣ дохил мешаванд: идоракунӣ; банақшагирии чорабиниҳо оид ба идоракунии об ва таҳияи барномаҳои мақсадноки барқарорсозӣ, истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи обанборҳо; маблағгузории чорабиниҳои идоракунии об ва ҳифзи сохторҳои обӣ; муқаррар кардани меъёрҳо барои пардохт ва андозаи пардохтҳо барои истифодаи обанборҳо; суғуртаи хавфи об; мониторинги обанборҳои рӯизаминӣ ва инчунин, мониторинги иншооти обӣ; таҳияи дурнамои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси дурнамои рушди соҳаи об; баҳисобгирӣ ва банақшагирӣ; дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва ғайра, ки ба истифодаи ҳамаҷониба ва ҳифзи захираҳои обӣ нигаронида шудааст; бо тартиби муқарраршуда ҷуброни зараре, ки ба объектҳои обӣ расонида шудааст; аудит; ташхис; кадастрҳо ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки оқилона истифода бурдани захираҳои об ҳангоми мукаммалгардонии механизмҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва ба эътидол ё коҳиш додани истифодаи захираҳои обӣ (навъҳои механизмҳои ҳавасмандкунанда) вобастагии калон дорад. Ҳалли пурраи проблемаҳои соҳаи истифодабарии об, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои об ҳоло имконнопазир аст, вале роҳҳои ҳалли он бояд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад. Сабаби асосии ҳамаи ин камбудиҳо мавҷуд набудани консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок бо назардошти омилҳои экологӣ мебошад. Дар робита бо ин, зарурати таъсиси механизми ягонаи идоракунии истифодаи об бояд мавриди коркард қарор дода шавад.

Механизмҳои истифодаи об дар шакли софи худ вуҷуд надоранд, аз ин рӯ, ҳамоҳангии онҳо ногузир ва тавсияшавандаанд [6,с.47]. Дар ин маврид бисёр лаҳзаҳо аз технологияҳо, соҳаҳо ва фаъолиятҳои мушаххас вобастагӣ доранд. Дар ояндаи наздик, аз нуқтаи назари рушди босуботи иқтисодиёт зарур мешуморем, ки механизмҳои ҳавасмандкунандаи истифодабарии об бояд ҷорӣ карда шавад. Зеро дар шароити иқтисоди бозор нақши механизми иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об дар асоси тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба таври назаррас намоён мебошанд. Инчунин, истифодаи оқилонаи механизми иқтисодӣ нисбат ба истифодаи усулҳои маъмурӣ метавонад натиҷаҳои самаранок дошта бошад. Тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии иқтисодӣ фаъолияти истифодабарандагони об ба танзим дароварда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мақсаднок дар соҳаи истифодаи об тартиб дода шудаанд, ки айни замон амал мекунанд. Иҷрои барномаҳои бо маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва танзимӣ таъмин карда мешавад. Тадбирҳои иқтисодӣ аз ташкили механизми иқтисодӣ иборатанд, ки гардиши захираҳои молиявиро барои татбиқи барномаҳо таъмин мекунанд. Таъминоти молиявии фаъолияти барнома дар асоси худмаблағгузорӣ, маблағгузории давлат ва қарздиҳӣ сурат мегирад. Мақсади асосии татбиқи барномаҳо беҳтар намудани вазъи саломатии мардум ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию экологӣ тавассути таъмини аҳолӣ бо оби кофии нӯшокии сифати меъёрӣ бо риояи талаботи ҳифз ва истифодаи оқилонаи манбаъҳои оби нӯшокӣ мебошад.

Ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти барномаҳо оид ба истифодаи оқилонаи об таҳия намудани Консепсияи ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, инчунин механизми маблағгузории онҳо чи аз ҳисоби фондҳои махсус ташкилшуда ва чи аз ҳисоби бюҷетҳои дараҷаҳои гуногун лозим мебошад. Принсипи муҳимми такмили идоракунии давлатии за-

хираҳои об дар марҳилаи муосир бояд принсипи ғайримутамарказии таъсири бевоситаи идоракунӣ ба сатҳи минтақавӣ гузарондани онҳо ва ҳамчун воҳиди асосии ҳудудии идораи давлатии захираҳои об ҳисобида шавад.

Лозим ба қайд аст, ки имрӯз вазъи тағйирёбии иқлим ба экосистемаҳои табиӣ таъсири манфии худро бо суръати баланд расонида истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин ҳолат эмин буда наметавонад. Ҳолати таъсири ҷиддие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, яъне тағирёбии ҳарорат, обшавии пиряхҳо, боришот ва баландшавии обҳои сатҳи баҳрҳо оқибатҳое хоҳанд дошт, ки на танҳо экосистемаҳои обиро тағйир медиҳанд, балки ба сатҳи дастрасӣ доштани инсоният ба таъмини об низ таъсири худро мерасонанд.

Дар робита бо масъалаи тағйирёбии иқлим аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд ва созмонҳои бонуфуз суханронӣ карда шудааст. Метавон гуфт, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз аввалин шахсиятҳое мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ масъалаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлимро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ёдовар бояд шуд, ки бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 8 қатъномаи марбут ба обро қабул намудааст. "...Қатъномаҳо дар бораи эълон кардани соли 2003 ҳамчун "Соли байналмилалии оби тоза", солҳои 2005-2015 ҳамчун "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", соли 2013 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об" аз ҷумлаи чунин иқдомот мебошанд".

Инчунин ибтикорот дар бораи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об, ки моҳи апрели соли 2015 дар Ҷумҳурии Корея доир гардида буд, эълон гардид. Дар ҷаласаи навбатии Маҷмаи Умумии СММ якдилона қатънома оид ба эълони солҳои 2018-2028 ҳамчун "Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз 21 декабри соли 2016 таҳти рақами 71/463 қабул гардид. Басо рамзист, ки Даҳсолаи мазкур дар Рӯзи ҷаҳонии об - 22 марти соли 2018 оғоз гардида, ҳамчунин дар Рӯзи ҷаҳонии об - 22 марти соли 2028 ба анҷом хоҳад расид. Қатъномаи мазкур бо иттифоқи оро ва бо ҳаммуаллифии 193 кишвари узви СММ ҷонибдорӣ гардидааст.

Мақсади асосии ин Даҳсола, пеш аз ҳама, таъмини дастрасии умумӣ ба оби ошомидании тоза ва бо арзиши дастрас, нигоҳдошт ва ҳифзи ҳолатҳои санитарию беҳдоштӣ барои аҳолӣ, истифодабарии оқилонаи захираҳои об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Мудирияти умумии об барои таъмин намудани эҳтиёҷоти асосии дарозмуддати инсон, аз қабили беҳдошт, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳолати экосистемаҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷорӣ намудани механизми нав дар ҷодаи ҳамкориҳо оид ба рушди устувор дар соҳаи обро дар бар мегирад. Яъне суръати тоза бахшидан ба фаъолият дар соҳаи об ва ноил гаштан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар назар дошта шудааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Павилиони об дар Конфронси бистуҳафтуми Тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, санаи 7 ноябри соли 2022 суханронӣ намуда, қайд намуданд, ки "...захираҳои об ва тағйирёбии иқлим ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Мо инро дар Тоҷикистон, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул меёбад, баръало мушоҳида менамоем. Бар асари гармшавии иқлим суръати обшавии пиряхҳои мо сол ба сол баланд шуда истодааст.То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш пурра аз байн рафтааст. "...селу обхезиҳо, хушксолиҳо ва дигар офатҳои табиии марбут ба об ҳамасола дар кишвар хисороти зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор оварда, дар аксари мавридҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд". Вазъияти имрӯзаи тағйирёбии иқлимро ба инобат гирифта роҳбари кишвари Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки "... соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад". Дар ҳақиқат ин масъала доғи рӯз буда, бояд ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.

Вобаста ба муҳиммияти рӯзмарра доштани ин масъала Ҳаёт Одинаев, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор дар сомонаи расмии мақомоти мазкур санаи 11 сентябри соли 2020 дар мақолаи худ, чунин қайд намудааст "...тағйирёбии иқлим, ки ба камшавии 30 фоизи майдони пиряхҳо оварда расонидааст, зарурати нигоҳдорӣ ва беҳдошти пиряхҳои ҷараёнофари Помир ва Тяншанро ба мушкилоти аз ҳама бештар шиддатноки экологии минтақа ва умуман ҷаҳон табдил додааст. Тибқи пешгӯиҳои Хадамоти гидрометеологии Тоҷикистон, масоҳати яхбаста дар миқёси Помир то соли 2050 ба андозаи 20% кам мегардад. Инчунин, «… раванди обшавии пиряхҳо ҷиҳати таъмини рушди устувор ва ноил гардидан

ба амнияти энергетикӣ ва озуқавории минтақавӣ хатарҳои иловагӣ бунёд менамояд. Раванди обшавии шиддатноки пиряхҳо метавонад ба афзоиши обхезиҳои кӯтоҳмуддат ва ба пастшавии сатҳи бо об таъмин будани умуман кишварҳои Осиёи Марказӣ оварда расонад. Дар робита ба ин, муҳимияти ҳифзи мавзеъҳои баландкӯҳ бо он муайян мегардад, ки маҳз дар баландкӯҳҳо метавонанд селҳо, лағзишҳо ва обхезиҳои фоҷиавӣ ба миён оянд. Вазифаи муҳимтарин дар ин ҷода, пеш аз ҳама, аз ифлосшавӣ ҳифз кардани пиряхҳо ва мувофиқан, ҷараёнҳои пиряхӣ ба ҳисоб меравад».

Дар воқеъ, ин гуфтаҳо дуруст ва саривақтӣ буда метавонанд. Вобаста ба ин, аз ҷониби кишварҳои минтақа ҷиҳати беҳдошти ҳолатҳои экосистемаҳои табиӣ, махсусан экосистемаҳои кӯҳии обӣ, бояд механизме ба роҳ монда шавад, ки манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии минтақаро фаро гирад. Аксарияти таҳлилгарон ба он ақидаанд, ки солҳои оянда мушкилоти истифодаи об дар байни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти ҷиддӣ пайдо намуда, ҳатто эҳтимолияти сар задани низоъ низ ҷой дорад.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки агар аз ҷониби истифодабарандагони Об муҳимияти он бо таври возеҳу равшан дарк карда шавад, дар ин ҳолат як қадами устувор дар роҳи расидан ба рушди босубот (устувор)-и иқтисодӣ мебошад. Баррасӣ ва ҳалли мушкилоти мазкур дар расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об самараи бузург дода метавонад. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки усулҳои муосир ва намудҳои истифодабарии захираҳои об бо дарназардошти риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии об риоя карда шаванд.

Инчунин бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар ҳолати татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, ҳадафҳои стратегии миллии пешбинишудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар таъмин гардида, шароити мусоид барои зиндагии шоистаи аҳолӣ муҳайё хоҳад гашт.

ЛИТЕРАТУРА

1. Моддаи 8- Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон//ш. Душанбе.2 апрели соли 2020 №1688.
2. Вода и экономическое развитие (cawater-info.net)
3. Водные ресурсы бассейна Аральского моря. 06.06.2009. // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://ec-ifas.org/index.php/ru/2010-05-17.
4. Рахимов Ш. Х., Хамраев Ш. Р. Водные ресурсы в бассейне Арала. // Экология и статистика. Сб. статей. // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: www.ireco.ru.
5. Саидов С.С. Бассейновый подход в управлении трансграничными водными ресурсами // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/3(165). -С.44-48.
6. Григорьев Е.Г. Хозяйственный механизм территориального водопользования. - М.: Наука, 2004. - С. 50.

Саидов С.С. - муовини якум, муовини ректор оид ба таълими ДДТТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992(37) 234-83-46
+992(37) 234-85-46
Email: mail@ddtt.tj

Машокиров Ҷ.Н.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МЕЪЁРИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Машокиров Дж.Н.

ОСНОВЫ ТЕОРЕТИКО ПРАКТИЧЕСКОЕ ПОВЫШЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Mashokirov J.N.

FOUNDATIONS THEORETICAL AND PRACTICAL INCREASE OF HUMAN CAPITAL IN THE CONDITIONS OF DIGITAL ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Мақолаи мазкур ба масоили мубрами рушди муҳимтарин бахши иқтисодиет, яъне асосҳои назариявию амалии баланд бардоштани меъёри сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Яке аз шартҳои муосир мавҷудияти ҳама гуна иқтисодиет ин рақобатпазирии баланд буда, дар навбати худ имкон медиҳад, ҳамеша устувор бошад.
Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, соҳаи хизматрасонӣ, хизматрасонӣ, савдо, сифати хизматрасони, хизматрасонии пулакӣ

Данная статья посвящена актуальным вопросам развитие важнейшего сектора экономики, то есть теоретическим и практическим повышениям человеческого капитала в условиях цифровизации экономики в Республике Таджикистан. Одним из современных условий существования любой экономики является высокая конкурентоспособность, что в свою очередь позволяет ей быть стабильной.
Ключевые слова: человеческий капитал, цифровизация экономики, сфера услуг, услуги, торговля, качество услуг, платные услуги

This article is devoted to topical issues of the development of the most important sector of the economy, that is, theoretical and practical increases in human capital in the context of digitalization of the economy in the Republic of Tajikistan. One of the modern conditions for the existence of any economy is high competitiveness, which in turn allows it to be stable.
Keywords: human capital, digitalization of the economy, services, services, trade, quality of services, paid services.

Сармояи инсонӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳои зеҳнӣ, дониш, солимӣ, самаранокии меҳнат ва сифати зиндагӣ буда, омили муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар давлат ба ҳисоб меравад.

Сармоя, - омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб ёфта, татбиқи он дар рушди тамоми соҳаҳо, аз ҷумла саноатикунонӣ, ки ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аҳамияти хосса дорад.

Нелсон Мандела, аввалин президенти Африқои Ҷанубӣ чунин суханро дар ёдошташ сабт кардааст: «Маориф муҳаррики бузурги рушди шахсият мебошад. Малҳз ба воситаи илму дониш духтари деҳқон табиб шуда метавонад, писари шахтиёр роҳбари кони шахта инчунин, фарзанди коргарони оддӣ президенти давлати бузург шуда метавонад. Ин як чизе ҳаст, ки мо ба даст меорем на он чизе, ки ба мо дода шудааст, ки инсонро аз дигаре фарқ менамояд». [7]

Дар шароити имрӯза, сармоягузорӣ ба инсон аз ҳарвақта бештар маънои иқтисодӣ дорад. Сармояи инсонӣ, яъне дониш, малака ва саломатӣ, ки одамон дар тӯли умри худ ҷамъ мекунанд, ба ҳисоби миёна тақрибан 68% сарвати умумии кишварро ташкил медиҳад[2]. Дар воқеъ, ҳар қадаре

ки кишвар ба мардуми худ сармоягузорӣ кунад, ҳамон қадар дар ивазаш таъмини рушди устувори мамлакатро таъмин менамояд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки танҳо як доллари изофӣ барои таҳсилоти ибтидоии кӯдакон барои иқтисоди миллӣ 6-17 доллари ИМА даромад меорад.

Индекси сармояи инсонӣ (ИСИ) як нишондиҳандаи байналмилалӣ мебошад, ки ҷузъҳои асосии сармояи инсониро дар кишварҳои гуногун арзёбӣ мекунад. [8] Муҳимияти масъалаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои рушди сармояи инсонӣ афзалиятҳои зиёде, ба монанди ислоҳоти низоми маориф ва илм, таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор, ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ муайян гардидааст. [4]

Яъне Ҳукумати мамлакат дар раванди фаъолияти худ ба баланд бардоштани сифати рушди сармояи инсонӣ дар масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити зист ва шуғл таваҷҷуҳи хосса дорад. Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, Ҳукумати мамлакат барои сафарбар намудани ҷавонон ба фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ ва самтҳои дигар тадбирҳои муассир андешида истодааст. Барои истифодаи пурраи ин неруи зеҳнӣ, захираҳои иқтисодӣ, имкониятҳои васеи сармоягузорӣ ва таҳкими иқтидори содиротии мамлакати мо минбаъд низ ба ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим, технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадам манфиатдор мебошад.

Масъалаи рушди инноватсионии мамлакат аз сатҳи мавҷудаи сармояи инсонӣ вобаста буда, дар мадди назари роҳбарияти олии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ Дар Бораи Рушди Сармояи Инсонӣ. Таҷрибаи мамлакатҳои рушдкардаи индустриалии чаҳон нишон медиҳад, ки дар пешрафти иқтисодиёти онҳо омили инсонӣ яке аз омилхои асосӣ аст. Маҳз одамон бо донишу малакаи баланди худ тавонистанд муъчизахои хайратоварро офаранд ва сатхи баланди технологияи иктисодиёти ватании худро таъмин намоянд. Бо ин максад ба баланд бардоштани потенсиали интеллектуалии одамон диккати аввалиндарача дода мешавад, чунки руҳияи баланди миллии мардум дар дигаргунсозиҳои накши халкунанда мебозад.

Нақшаи 1.

Индекси сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сармояи инсонӣ, якум, кобилияти ба вучуд аврдани арзиши кувваи кориро дорад, ки онро одамон хамчун музди кор мегиранд, дуюм, кобилияти ба вучуд овардани арзиши истеъмолии молро дорад, ки он талаботи истеъмолкунандагонро конеъ мегардонад ва барои хамин хам аз тарафи истеъмолкунандагон молхо харид карда мешаванд, сеюм, кобилияти ба вучуд овардани арзиши изофашударо дорад, ки он баъди ба фуруш баровардани мол хамчун арзиши иловашуда ба сохиби мол бармегардад.

Масалан, дар Тайван хар соле хазорхо чавononро ба хорича барои хондан мефиристанд ва

аз онхо хамагӣ 20 фоизашон баргашта ба ватанашон меоянд. [9] Вале хукумати Тайван чудо кардани маблагро барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси хозиразамон дарег намедорад, чунки хамон 20 фоизи мутахассис шуда баргашта омадагӣ хамаи харочотхои мамлакатро чандин баробар пушонида, боз фоида меоранд. Аз ин чост, ки тайванихо агар солхои 50-уми асри 20 ба хар сари ахолӣ 50 доллари америкоӣ махсулот мебаровардан, дар ибтидоӣ солхои 90- уми асри 20 бошад 6 хазор долларӣ, яъне кариб 100 баробар зиёд махсулот мебаровардагӣ шуданд. Онхо максад доранд, ки солхои 2020-ум истехсоли махсулотро ба хар сари ахолӣ ба 40 хазор доллари америкоӣ расонанд.

Бо вучуди душвориҳои молиявии давраи гузариш ба тараккӣ додани ин соҳаҳо дар Точикистон корхои зиёде карда мешаванд. Вале мутаасифона тачриба нишон медихад, ки махсусан ба илм маблагхои чудо шуда натичаҳои дилхоҳро намедихднд. Масалан, дар Точикистон ба илм 0,09% мачмуи маҳсулоти дохилӣ, дар Россия - 1,24, дар Франсия ва ШМА - 3, дар Япония - 3,39, дар Хитоӣ - 2 ва дар Исроил - 5% мачмуи маҳсулоти дохилӣ чудо мешавад.

Тачрибаи мамлакатхои тараккикарда ва руйбатараккиоварда исбот менамояд, ки танхо ва танхо дар натичаи васеъ истифода бурдани сармояи инсонӣ, ки офарандаи навтарин комёбихои илму техникаи муосир мебошад, баланд бардоштани сатхи маърифатнокии одамон пешравии чамъиятро таъмин намудан мумкин аст. Дар шароити имруза методхои нави хочагидорӣ заруранд, ки онхо бо тарзу усулхо, нигоху акидахо ва рафторхои кухнаи корбарӣ амалӣ шуда наметавонанд.

Афзоиши маблаггузорӣ ба сармояи инсонӣ ба баландбардории арзишмандии сармояи инсонӣ шароит фарохам меорад, чунки имконияти баландбардории тахассуснокии кормандон дар сохахои гунгуни хаёти чамъиятӣ ба вучуд меояд. Мутахассисони баланди тахассуснокӣ дошта метавонанд бо технологияи баланди чавобгуӣ ба талаботи муосири инноватсионӣ буда кор кунанд.

Дар навбати аввал тайёр кардани мутахассисони ухдабаро мухим аст, то ки дар хакикат сохиби сармояи инсонии арзишманд бошанд ва аз ухдаи ичрои корхои вазифавии худ дар чараёни истехсоли молхои ракобатпазир ба хубӣ баромада тавонанд. Бинобар ин чараён ва методхои тахсил ва умуман тайёр кардани мутахассисон барои сохахои гуногуни хаёти чамъиятӣ мувофикан ба талаботи чомеа бояд ба рох монда шаванд, то ки ба кор дипломдори бехунар не, балки сохиби сармояи инсонии арзишманде биёяд, ки дар хакикат ухдабароёна вазифаи кориашро дар сатхи даркорӣ ичро карда метавонад.

Дар навбати дуюм зарур аст, ки мувофики талаботи нав ба нави истеъмолии чамъият ба истехсоли махсулоту хизматрасонихои нави ракобатпазир арзишмандии сармояи инсонии коркунон такмил дода шавад. Барои ин роххои гуногуни баландбардории тахассуснокии коркунон истифода мешаванд, ки дар натича арзишмандии сармояи инсонии онхо баланд мешавад, ба монанди аз нав тайёр кардани мутахассисон, гузарондани тахсили кутохмуддат барои аз худ кардани ягон навоварии ба вучуд омада, ташкили конференсия, семинар, мизи мудаввар, тренинг ва ба монанди инхо.

Дар навбати сеюм мухим аст, ки хар коркун мувофики сатхи арзишмандии сармояи инсониаш ва мувофикан натичаи меовардааш дар чараёни ичрои вазифаи кориаш хавасманд гардонда шавад.

Ҳамин тарик, дар шароити иктисодиёти бозорӣ сармояи инсонӣ хамчун категорияи иктисодиёти истехсолоти молӣ кобилияти ба вучуд овардани арзиш ва арзиши иловашуда мебошад. Бинобар ин баланд бардоштани арзишмандии сармояи инсонӣ имкон медихад, ки истехсоли молхои ракобатпазир афзоиш ёбад, ки онхо дорои арзиш ва арзиши иловашудаи баланд мебошанд.

Баландбардориии арзишмандии сармояи инсонӣ холатеро фарохам меорад, ки барои хавасманд гардонидани истехсолот, истеъмолот ва харчи баланд бардоштани сатху сифати некуахволии одамон шароити даркорӣ сохта шаванд.

Бе шак интернет ҷойгузини бозорҳои воқеъи гашта бо мубодилаи 28,5 трл долл дар соли 2021 пешсаф гаштааст. Мафҳуми «тиҷорати электронӣ» якчанд бахшҳои дигаро низ мутаҳид менамояд ба мисоли - EDI (Electronic Data Interchange – мубодилаи электронии маълумотҳо), почтаи электронӣ, Интернет, интранет (мубодилаи маълумоти дохилифирмавӣ), экстранет (мубодилаи иттилооти берунӣ). Бо ҳамин мазмун тиҷорати электронӣ фарогири тамоми паҳлуҳои ташкили бизнес дар Шабакаи Интернет гуфтан мункин аст.

Дар ҳисоботи иқтисоди рақамӣ 2021 (Digital economy compass 2021) омадааст, ки соли 2021, ҳаҷми гардиши савдо дар бозори тиҷоратӣ электронӣ 28,5 триллион долларро буда, Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун бузургтарини бозори тиҷорати электронӣ дар саросари ҷаҳонӣ

бо даромади 497 млрд доллар ташкил намудааст. Муввофиқи таҳлилҳо суръати афзоиши он дар ин мамлакат ҳарсолаи 14%, буда, соли 2022 то ба 959 млрд доллар ҳоҳад расид.

Тибқи маълумоти Statista Digital Economy Compass 2022, дар соли 2021 дар баъзе кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла Таиланд, Чин ва Ветнам маъруфияти назаррас пайдо кардаанд. Тавре ки дар ҷадвал мебинем, Таиланд дар соли 2021 бо шумораи умумии корбарони 5,65 миллион корбартарин дар ҷаҳон дар ҷои аввал қарор гирифт. Пас аз он Бразилия бо 4,99 миллион корбар ва ИМА бо 3,81 миллион корбаранд. Бо дарназардошти шумораи аҳолии кишвар, Таиланд то ҳол дар даҳгонаи бузургтарин корбарони дигар кишварҳо пешсаф аст, ки 8,08% сокинони он дорои моликияти рақамӣ мебошанд. Ин аз Канада, ки 3,67 фоизи аҳолӣ коллекторҳо мебошанд ва Бразилия бо 2,33 фоиз ба таври назаррас фарқ мекунад.

Нақшаи 2.

Шумораи корбарон ва иштирокчиёни тиҷорати электронӣ дар соли 2021 аз рӯи кишварҳо дар ҷаҳон.



Ширкатҳое, ки дар ҷаҳон дар бахши тиҷорати электронӣ пешсаф ҳастанд бо гардиши ҳаҷми калони гардиши савдо чунин арзёби гардидаанд:

1. Amazon- арзиши ширкат 702.46 млрд. долл;
2. eBay- арзиши ширкат 2054.79 млрд. долл;
3. Walmart- арзиши ширкат 239 млрд. долл;
4. BestBuy- арзиши ширкат 50,3 млрд. долл;
5. Target- арзиши ширкат 67,4 млрд. долл;
6. Alibaba- арзиши ширкат 500 млрд. долл;
7. NewEgg- арзиши ширкат 2,3 млрд. долл;

Мувофиқи маълумоти eMarketer, портали асосӣ барои таҳқиқоти маркетинг, сатҳи миёнаи солонаи бозори тиҷорати электронӣ дар ҷаҳон тақрибан 18-20% дар як сол мебошад.

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2011№ 643омадааст, ки «инфрасохтори ҳукумати электронӣ - системаҳои ба ҳам мувофиқи иттилоотӣ - технологӣ ва ба низом даровардани ҷараёнҳои маълумотро дар бар мегирад». [7]

Ҳамзамон инфрасохтори мазкур қоидаҳоеро ба худ ҳамроҳ менамояд, ки ҳамаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ, ба хусус, дар ҳолатҳое, ки ин вазифаҳо аз ҷониби якчанд мақомот дар як вақт иҷро карда мешаванд, ҳамчун дастуруламал истифода менамоянд.

Қисматҳои асосии инфрасохтор аз инҳо иборатанд:

- архитектурам (сохтори) ягонаи давлатӣ;
- гардиши воситаҳои имзои электронӣ - рақамӣ;
- ҳуҷҷатгузории электронӣ;
- савдои электронӣ;
- системаи электронии пардохтҳо;
- смарт - кортҳои қабулкунандагони хизматҳо;
- смарт- кортҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- алоқаи мобилӣ;
- системаи моҳворагӣ;

- ҳуҷҷатҳои интерактивӣ.

Тамоюли асосии рушди тамаддуни муосир бештар такя ба иттилоот намуда, ин тамоюлро «баъдисаноатӣ», «иттилоотӣ» ном бурда ҳамчун иқтисодиёти иттилоотӣ ва ё иқтисоди рақамӣ пазируфтаанд. Фаъолияти тиҷоратӣ дар шабакаи Интернет дар шакли байни субъектҳои бозор тариқи электронӣ сурат мегирад ҳамчун тиҷорати электронӣ метавон таъриф намуд.

АДАБИЁТ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2011 № 643 [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://maorif.tj/storage/Dokument_%27s/Barnomaho/_6675e4fc7e70b56b2ad8e190dfa75259.pdf (санаи вуруд: 22.04.19)
2. Назарияи иқтисодӣ. Қисми микроиқтисод / Бобокалони Исомат, Маҳбубаи М., Машокиров Ҷ., Туйчиқулов З. - ISBN 978-99975-666-8-3. -Душанбе: ИРФОН, 2022. -321 с.
3. Свободной, энциклопедия Индекс человеческого развития / энциклопедия Свободной. - Текст: электронный // Материал из Википедии: [сайт]. — URL: https://ru.wikipedia.org (дата обращения: 21.12.2022).
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Текст: электронный // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: [сайт]. - URL: http://mmk.tj. (дата обращения: 23.12.2022).
5. Digital Economy Compass [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://static2 .statista. com/download/pdf/Digital_Economy_Compass_2018_print.pdf (санаи вуруд: 25.04.19)
6. Global B2C Ecommerce Sales to Hit $1.5 Trillion This Year Driven by Growth in Emerging Markets. Asia-Pacific leapfrogs North America to become world's largest regional ecommerce market [Electronic resource]. — Mode of access: http://www.emarketer.com /Article/GlobalB2C-Ecommerce-Sales-Hit-3615-TrillionThis-Year-Driven-by-Growth-EmergingMarkets/1010575 (санаи вуруд: 20.04.19)
7. Human capital at work The value of experience / Madgavkar Anu, Schaninger Bill, Smit Sven [и др.]. — : The McKinsey Global Institute (MGI), 2022. — 104 с.
8. James Mohammad Mallah features of the functioning of human capital indeveloping countries // ЕГИ. 2022. №41 (3). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/features-of-the-functioning-of-human-capital-indeveloping-countries (дата обращения: 20.12.2022).
9. Yih-Chyi, Chuang, National, Chengchi// The Role of Human Capital in Economic Development: Evidence from Taiwan / Chuang, National, Chengchi Yih-Chyi. — Текст: электронный // ResearchGate GmbH.: [сайт]. - URL: https://www.researchgate.net/ publication/229969974_The_Role_of_Human_Capital_in_Economic_Development_Evidence_from_Taiwan (дата обращения: 20.12.2022).

Машокиров Джамшед Неъматуллоевич – н.и.и., дотсенти кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ. Телефон: +992934313131. E-mail: jamshed.tguk@gmail.com

Расулов Ғ.
Хомидов А.Н.

РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯХОИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Расулов Г.
Хомидов А.Н.

РАЗВИТИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

Rasulov G.
Khomidov A.N.

DEVELOPMENT OF DIGITAL TECHNOLOGIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақола масъалаҳои таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсияю барномаҳо ва стратегияҳои дахлдор, ташкили ҳукумати электронӣ, сомонаҳои вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳои электронӣ, такмили сохтори идоракунӣ ва ғайра баррасӣ гардидаанд. Муаллиф дараҷаи ҳамгироии Тоҷикистонро бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ нишон дода, дар баробари ин баъзе корасоиҳои ҷойдоштаро доир ба такмилталаб будани низоми иттилоотӣ, сатҳи пасти хизматрасонии расонаҳои мобилӣ, баланд бардоштани маърифати техникии муштариён, такмили бозомӯзии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мулоҳизаҳои худро баён намудааст.

Калидвожаҳо: технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ, сармояи зеҳнӣ, ҳукумати электронӣ, расонаҳои мобилӣ, барномаи «Адлия»

В статье рассмотрены вопросы разработки и принятия нормативно-правовых отраслей, соответствующих концепций и программ, и стратегий, организации электронного правительства, сайтов министерств и ведомств и местных исполнительных органов государственной власти, предоставления широкого спектра электронных услуг, структурного совершенствования. управления и т.д. Автор показал уровень интеграции Таджикистана с зарубежными странами и международными организациями, а заодно высказал своё мнение о некоторых предпринимаемых усилиях относительно необходимости совершенствования информационной системы, низкого уровня услуг мобильных медиа, повышения технические знания заказчиков, а также совершенствование переподготовки специалистов в области информационно-коммуникационных технологий.

Ключевые слова: информационно-коммуникационные технологии, цифровые технологии, интеллектуальный капитал, электронное правительство, мобильные медиа, программа «Адлия»

The article deals with the development and adoption of legal and regulatory industries, relevant concepts and programs and strategies, the organization of e-government, websites of ministries and departments and local executive authorities, the provision of a wide range of electronic services, and structural improvement, management, etc. The author showed the level of integration of Tajikistan with foreign countries and international organizations, and at the same time expressed his opinion about some of the ongoing efforts regarding the need to improve the information system, the low level of mobile media services, increase the technical knowledge of customers, as well as improve the retraining of specialists in the field of information and communication technologies.

Keywords: information and communication technologies, digital technologies, intellectual capital, e-government, mobile media, «Adliya» program

Сармояи инсонӣ пуразиштарин ва муассиртарин намуди сармоя ба ҳисоб меравад ва он

кишварҳое, ки аз ин нерӯи бузурги корофарӣ оқилона ва самаранок истифода мебаранд, ба дараҷаи баландтарини пешрафтҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию техникӣ ноил гардидаанд. ИМА, Япония, Олмон Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва дигар мамлакатҳо, ки доимо дар талоши такмилу тавсеаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир ҳастанд, ба қатори чунин кишварҳо шомил мебошанд. Онҳо аз технологияҳои рақамӣ, ки самараи беҳтарини татбиқи қобилияти зеҳнии инсоният ба ҳисоб мераванд, ба таври васеъ истифода мебаранд ва дар соҳаҳои гуногун хизматрасониҳоро сатҳи олӣ ва назаррас тащкил менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар раванди хамгироӣ ва ҷаҳонишвии хизматрасониҳои рақамӣ иштирок менамояд ва бо ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои шарик барои татбиқ ва истифодаи технологияҳои зикршуда иқдомоти муайянро ба сомон мерасонад. Албатта, кишвари мо ҳанӯз дар марҳилаҳои аввали рушди соҳаи ёдрасшуда қарор дорад ва тадриҷан санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои заруриро таҳия намуда, корҳоро дар заминаи онҳо ба роҳ мемонад.

Дар ҷумҳурӣ то имрӯз дар соҳаи рушди иқтисоди рақамӣ ҳуҷҷатҳои зерин қабул шудаанд:

- Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст;
- Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотии Ҷумҳурии Точикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 3 декабри соли 2004, №488 тасдиқ шудааст;
- Консепсияи сиёсати давлатии иттилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451;
- Стратегияи ислоҳоти системаи системаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 №1713 тасдиқ шудааст.
- Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643);
- Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҲҶТ аз 30 декабри соли 2019, №642);
- Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори ҲҶТ аз 26 октябри соли 2021, №460).

Ба рӯйхати овардашуда боз қарорҳои Ҳукумати Ҷум ҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2020, №370 дар бораи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ, аз 26 октябри соли 2021, №460 дар бораи ҳамоҳангсози корҳо оид ба мониторинг ва амалисозии барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақа мӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025-ро зикр кардан мумкин аст.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020, №627 Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозӣ ва амалинамоии иқтисодиёти сабзро дар кишвар анҷом медиҳад. Дар ин росто соли 2022 барои вусъати корҳо дар самтҳои мухталиф дар сохтори вазорати зикршуда раёсати иқтисоди рақамӣ ташкил гардид.

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир дар 47 вазорату идораҳои мамлакат сомонаҳои электронӣ фаъолияташонро дар низоми ягона идома доданд, ки бо истифода аз онҳо тамоми аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодии дохиливу хориҷӣ маълумоти заруриро дастрас намуда метавонанд. Ин иқдом дар бораи шаффофияти иттилооти пешниҳодшаванда гувоҳӣ медиҳад. Масалан, дар сайти Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар бораи қонунгузориҳои соҳа, ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, бо Созмони умумиҷаҳонии савдо, тартиботи тиҷорати Тоҷикистон бо мамлакатҳои шарик, барномаю консепсия ва стратегияҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, рушди маҳалҳо, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ҳолати ҳозира ва дурнамои рушд, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғайра маълумот пайдо намудан мумкин аст.

Дар сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ доир ҳамкориҳои бо сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва раванди соҳибкорӣ маълумоти зиёде зикр ёфтааст. Сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба яке аз сомонаҳои сермуштаритарин табдил ёфта, ба мизоҷон 34 намуди хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 декабри соли 2022 дар бобати беҳтар истифода намудани хизматрасониҳо ба субъектҳои иқтисодӣ чунин вазифа гузошта шудааст: “Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳои давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад [1]. Имрӯзҳо барои ба иҷрои ин ҳидояти Сарвари давлат чорабиниҳои судбахш андешида мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки бисёр муҳаққиқон ташкили шабакаҳои интернетиро ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои мутақобила баррасӣ намудаанд [2]. Ҳамчунин дар ин робита ҳал гардидани муносибатҳои назариявию амалӣ таъкид гардидааст [3]. Мутахассисони тоҷик низ дар бораи ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти иттилоотии рақамӣ изҳори назар намудаанд [4].

Барномаи “Адлия”, ки Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон та ҳия намудааст, дар ҳамаи вазорату идораҳои мамлакат мавриди истифода қарор гирифтааст. Он имконият медиҳад, ки шарикон бо тамоми қонунгузориҳои мамлакат ва тағйиру иловаҳои ба онҳо илова ва воридшуда шинос шаванд.

Сомонаҳои вазоратҳои соҳавӣ, Бонки Миллии Тоҷикистон, бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ низ ба мизоҷон дар низоми электронӣ дастрас мебошанд. Онҳо барои шиносоӣ бо маълумоти зарурӣ, ташкили ҳамкориҳо, гузоштани пасандозҳо, интиқоли маблағҳо дар дохили кишвар ва бо кишварҳои хориҷӣ як воситаи муҳим ба ҳисоб мераванд ва доираи васеи хизматрасониҳоро анҷом медиҳанд. Махсусан ташкили банкоматҳо, нуқтаҳои пардохти маблағҳо, кортҳои пардохти хизматрасонии нақлиёти хеле тавсиа пайдо кардаанд.

Зиёд шудани теъдод ва ҳаҷми хизматрасониҳои рақамӣ тайёр намудани мутахассисони моҳирро талаб менамояд. Ҳоло дар 14 мактабҳои олии маматакат ҷавонон технологияи иттилоотиро меомӯзанд. Вале бояд қайд намуд, ки на ҳамаи онҳо ҳамчун мутахассисони боихтисос тайёр мешаванд. Донишҷӯён дар давраи таҳсил назарияро ба амалия пурра пайваста наметавонанд, чунки то ҳол илм бо истеҳсолот робитаи наздик пайдо накардааст.

Вобаста ба хизматрасониҳои рақамӣ бисёр масъалаҳое ҳастанд, ки ҳал намудани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Масъалаи аввал ин амнияти иттилоотӣ ва пешгирӣ намудани мизоҷон аз ҳаракатҳои қаллобони алоҳида мебошад, ки бо роҳҳои гуногун маблағҳои мизоҷонро аз худ менамоянд.

Ин ҷо як нуктаро қайд кардан лозим аст, ки кишварҳои пешрафта бо ҳар роҳу восита мутахассисони хубро ҷалб менамоянд ва онҳо ба кишварҳои хориҷӣ рафта, дигар ба Тоҷикистон барнамегарданд. Вале дар бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Туркия мутахассисони дар хориҷа таҳсилкарда пас аз бозомӯзӣ ба ваташон баргашта, таҷрибаи андӯхтаашонро ба ҷавонон меомӯзонанд ва дар ташаккули низоми комили коммуникатсионӣ саҳми худро мезоранд.

Масъалаи дигар ин баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии ширкатҳои мобилӣ мебошад, ки айни замон нисбати солҳои гузашта хеле коста гардидааст. Таҷриба аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо онҳо саргарми гирифтани даромад шуда, ба мизоҷон баргардондани маблағҳои саҳван гузаронидашударо анҷом намедиҳанд ё муштариёнро сарсону саргардон менамоянд. Дар ин самт назоратро бояд тарзе ҷорӣ намуд, ки мизоҷон маблағҳояшонро пас гирифа тавонанд ё имконият пайдо кунанд, ки онҳоро мақсаднок истифода баранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳарчанд ва технологияҳои пешқадам истифода шаванд ҳам, вале донишу малакаи мизоҷону муштариён дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд ва бозомӯзии онҳоро ташкил намудан тақозои замон мебошад. Дар мақомоти омор низ то ҳол баҳисобгирии иқдомоти рақами дар сатҳи паст, қарор дорад, ки ин таҳлилу таҳқиқи масоили дахлдорро имконнопазир мегардонад.

Дар охир қайд кардан зарур аст, дар шароити муосир дар Тоҷикистон хизматрасониҳои рақамӣ ба як рукни муҳими рушди ҷомеа, омили таъсирбахши тавсеи ҳакомкориҳои судманди дохиливу хориҷӣ, қонеъ гардонандаи талаботи доимоафзояндаи аҳолӣ табдил ёфтааст.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022. Душанбе, 2022.
2. Уханов В. А. Информационная деятельность человека: соц.-филос.анализ. Докторская диссертация, 1997 г. Интенрнрет источник: https://www.dissercat.com/content/informatsionnaya-deyatelnost-cheloveka
3. Левашов В.К., Сарьян В.К. Гражданское общество в сетях информационно-коммуникационных технологий// Вестник Российской Академии наук. – 2017. – №6. – с. 532–537.
4. Гулов С. Факторы развития информационного общества: ативизация информационная деятельность. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маркази таҳқиқоти технологияҳои иноватсионӣ. Маҷмӯаи маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Илми бунёдӣ – асоси такмили технологияҳо ва маводҳо». Душанбе, 2021. С. 134-135

Расулов Ғ. – н.и.и., дотсенти кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Тел: (+992) 936008858
E-mail: homidov_4090@mail.ru

Хомидов А.Н. – н.и.и., дотсенти кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Тел: (+992) 936008858
E-mail: homidov_4090@mail.ru

Валиев Н.Ш.
Саидов Н.Р.

СОҲИБКОРИИ ХУРДИ ИННОВАТСИОНӢ ВА АҲАМИЯТИ ТАҲИЯИ БАРНОМАИ РУШДИ ОН

Валиев Н.Ш.
Саидов Н.Р.

МАЛОГО ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ЗНАЧИМОСТЬ ЕГО РАЗРАБОТКА ПРОГРАММЫ РАЗВИТИЕ

Valiev N. Sh.
Saidov N.R.

DEVELOPMENT OF SMALL INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP AND THE SIGNIFICANCE OF ITS DEVELOPMENT OF THE PROGRAM

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур муҳимияти таваҷҷуҳи илмӣ ва амалӣ ба бахши соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва нақши он дар иқтисодиёти кишвар пешниҳод мегардад. Роҳҳои татбиқи низоми муассир ва оқилонаи дастгирии давлатии соҳибкории хурди инноватсионӣ пешниҳод карда мешаванд, ки имкон медиҳанд хусусиятҳои мушаххаси соҳибкории хурди инноватсионӣ ба таври зарурӣ мустаҳкам карда шаванд.
Вожаҳои калидӣ: соҳибкори хурд, соҳибкории инноватсионӣ, нақши соҳибкории хурд, шаклҳои соҳибкорӣ, вазифаҳои соҳибкории хурди инноватсионӣ, барномаи соҳибкории хурди инноватсионӣ.

В статье представлена важность научного и практического внимания к инновационному сектору малого бизнеса в сфере услуг и его роль в экономике страны. Предложены пути реализации эффективной и рациональной системы государственной поддержки малого инновационного предпринимательства, что позволит нормативно закрепить основные видовые признаки малого инновационного предпринимательства.
Ключевые слова: малый бизнес, инновационный бизнес, роль малого бизнеса, формы бизнеса, функции малого инновационного бизнеса, программа малого инновационного бизнеса.

The article presents the importance of scientific and practical attention to the innovative sector of small business in the service sector and its role in the country's economy. The ways of implementing an effective and rational system of state support for small innovative entrepreneurship are proposed, which will allow to normatively fix the main specific features of small innovative entrepreneurship.
Keywords: small business, innovative business, the role of small business, business forms, functions of small innovative business, small innovative business program.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI бо мақсади ноил гардидан ба дигаргунсозии сатҳи сифатан нави таъмини рушди иқтисодӣ ва татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар истеҳсолот ва соҳиб шудан ба мавқеи муносиб дар раванди рақобаттавонӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба фаъолияти соҳибкории хурди инноватсионӣ, кишварҳои алоҳида ба истифодаи дастовардҳои инқилобии илм ва технологияи ҳозиразамон майлу рағбат пайдо карданд.

Бояд хотирасон кард, ки ду роҳи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот бо услубҳои муқаррарию хос ва маълум ба даст овардани самара ё натиҷаҳои сифатан баланди иқтисодӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои маҳдуди иқтисодӣ: якум - бо усули классикӣ; дувум - фаъолияти инноватсионӣ, ки нисбатан рушди босуръати иқтисодро таъмин менамояд, ки дар расми 1 нишон дода шудааст.

Расми 1. Функсияҳои соҳибкории хурди классикӣ ва инноватсионӣ [6. С.12]

Маҳз роҳу услубҳои навоварона ва навсозии раванди шаклу намудҳои афзалиятноки соҳибкориро дар сатҳи корхонаву субъектҳои хоҷагидорӣ, хусусан дар соҳаҳои иқтисоди воқеӣ бештар дар саноат чун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон ба миён мегузорад. Вай дар такя ба хирад, ақлу заковати навоваронаи инсон, нерӯи зеҳнӣ, хулоса ба кашфу ихтироот, андешаю дастовардҳои навтарини илму техника ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани андешаю тафаккури инқилобӣ ва такондиҳандаи олимон, муҳандисон, ихтироъкорон, соҳибкорони асилу эҷодкор ба пешрафти ҷиддӣ ва сатҳи сифатан баланди соҳаҳои саноат, комплекси агросаноатӣ, энергетика, сохтмон ва як қатор бахшҳои ғайриистеҳсолӣ (технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионинӣ) замина мегузорад [3. С.36].

Истилоҳи навоварӣ (инновасионӣ) шарҳи басо гуногун дорад. Зери ин мафҳум, маъно ва ифодаҳои басо гуногун дар адабиёти иқтисодии илмию таълимии муосир бештар мушоҳида мешавад, ки баъзеи онҳоро зикр кардан мантиқан дуруст аст:

1. Инноватсия (анг. innovation) - ин фаъолияте мебошад, ки ба фикру андешаҳои ҷолиб, ки асосан дар намуди ихтироот, татбиқи он дар амал бо роҳи тавлиди маҳсулоти нав, корҳои нисбатан нав, хизматрасонии нав зоҳир мешавад .

2. Навоварӣ - ин азхудкунии техника ва технологияҳои навтарин, усулҳои нав ва истифодаи он дар фаъолияти маркетингӣ, идоракунӣ ва илму донишҳои нав мебошад.

3. Навоварӣ ҷараёнест, ки дар он ихтироот ё ақида мазмуни сифати нави иқтисодӣ дорад. Онро чун маҷмӯи чорабиниҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратие, ки пайдоиши таҷҳизоти нав ва ҷараёнҳои мукаммалшудаи саноатиро дар шароити нави муносибатҳои бозорӣ ва индустриалӣ – инноватсионӣ таъмин менамояд.

Зери вожаи инноватсия истифодаи андешаву падидаҳои нав ва навтарин дар намуди технологияи замонавӣ, навъи нави маҳсулот ва хизматҳо, шаклҳои нави ташкилию идоракунии истеҳсолот фаҳмида мешавад. Бояд мафҳумҳои навгонӣ - (ҷараёни татбиқи навсозӣ) бояд «инноватсия»-ро аз ҳамдигар фарқ кард, гарчанде онҳо бо ҳамдигар хеле наздик ва робитаи ногусастанӣ доранд

Бино бар ақидаи Й. Шумпетер «Вазифаи соҳибкорон аз амалисозии ғояи ислоҳот ва инқилобии усулҳои раванди истеҳсолот барои ноил шудани кашфиёт ва бо назардошти маънои васеи мафҳуми он тариқи технологияҳои навтарини замонавӣ барои истеҳсоли молҳои нав ё такмили равандҳои истеҳсоли молҳои мавҷуда, вале бо усули навин тавассути истифодаи

сарчашмаи нави ашёи хом ва ташкили соҳаи нави саноат иборат аст». Ҳамин тариқ, Й. Шумпетер ҳамон андешаро талқин мекард, ки навоварӣ ва навгониҳо аз хусусиятҳои ҷудонашавандаи соҳибкор мебошанд [5. С.45].

Дар иртибот бо ин нуқтаҳои зикршуда ба фаъолияти инноватсионӣ амалиётҳои зеринро шомил намудан мантиқи солим пайдо мекунад:

• тавлиди маҳсулоти нав ва савдои он дар бозор, ки рақобаттавон маҳсуб мешаванд;

• татбиқи амалии техника ва технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ва савдо;

• таъсисёбӣ ва инкишофи бозорҳои нави фурӯши маҳсулоту хизматрасониҳои субъектҳои савдо, ки зимнан ҷавобгӯ ба талаботи тағйирёбандаи замони муосиранд;

• ҷалби сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва таъмини сатҳи фоиданокӣ дар субъектҳои соҳибкории хурд;

• роҳандозӣ намудани шаклҳои нави ташкилию иқтисодии институтсионалӣ (хусусигардонӣ, низоми нави идоракунӣ, бозорёбӣ ва ғ);

• инкишоф додани инфрасохтори соҳибкории хурди инноватсионӣ дар истеҳсолот ва соҳаи савдо.

Агар вазъи фаъолияти инноватсиониро дар ҷумҳурӣ ба таври умумӣ шарҳу тавсиф намоем, пас таъкид кардан зарур аст, ки имрӯз ин раванди инноватсионӣ, хусусан дар субъектҳои истеҳсолии соҳибкории хурду миёна танҳо дар давраи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Барои тавсифи вазъи ҳозираи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе нишондиҳандаҳоро овардан мумкин аст, ки онҳоро дар амалияи ҷаҳонӣ барои арзёбии вазъ ва динамикаи нерӯи инноватсионии мамлакатҳо ва самаранокии умумии соҳаи илмию инноватсионӣ истифода мекунанд.

Мусаллам аст, ки солҳои амалкарду Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба дастгирии илму маориф, хусусан илмҳои дақиқу техникӣ ва ҳалли пайгиронаи масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ таҳия кардан ва амалӣ кардани нақша-чорабиниҳо, пайдо кардани сарчашмаҳои боэътимод ва калони сармоягузорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва заминавӣ дорад. Дар кишвар таҳкими нерӯи илмию техникӣ ҳамчун яке аз шартҳои заруртарин ва муфид дар иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноат, агросаноатӣ, энергетика, сохтмон, нақлиёт, информатика ба роҳи инноватсионии рушд бояд бештар мазмуни стратегӣ пайдо намояд [1. С. 6].

Дар ин маврид қонунҳо ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида бошанд, ҳам, вале ба андешаи мо барои ба низоми иқтисоди рақамӣ (электронӣ), ҷиддӣ гузаштан ва ҷорӣ кардани сиёсати иқтисодии инноватсионӣ кифоя нест. Иҷрои ин корҳои ҳуқуқию меъёрӣ маҳз барои пешбурди низоми индустриалӣ - инновасионӣ пайгирона идома дода шавад.

Таҷрибаи рушди фаъолияти соҳибкории хурд бештар ва дар муҳлати нисбатан кутоҳ, истифодаи роҳҳои ташкилӣ ва идоракунии самараноки фаъолият, таъмини сифати баланди маҳсулот ва хизматрасониҳо ба муштариён, дар раванди истеҳсолот татбиқи воқеии технологияҳои навтаринро дар бар мегирад. Истеҳсол ё интиқоли молҳои маъмулӣ ба бозор метавонанд бо истифодаи усули наве, ки ба худи ташкили истеҳсолот, унсурҳои техникии истеҳсолот ё тағйироти хусусиятҳои сифатии мол вобаста бошанд, амалӣ карда мешавад. Дар ин раванди иқтисодӣ, тавлиди молҳои маъмулӣ метавонад тариқи қисман татбиқ кардани дастовардҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ба роҳ монда шавад [7. С. 65].

Дар маҷмуъ, соҳибкории инноватсиониро ҳамчун раванди ташкилӣ - иқтисодӣ муайян намудан мумкин аст, ки ба тавлид ва савдои молу хизматрасониҳои наву босифат ва технологияҳои пешқадами замонавӣ бо роҳи истифодаи амалии навовариҳоро пешбинӣ ва дар амали хоҷагидории бозорӣ пешбини менамояд.

Ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ фаъолияти соҳибкории хурди инноватсионӣ дар раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот тамоми системаи муносибатҳоеро, ки дар мавриди алоқаи ҳамкории соҳибкор бо истеъмолкунанда, таҳвилгарон, дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, кормандони кироя ва ниҳоят мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунанда ба миён меоянд, дар бар мегирад. Ташкили воқеии фаъолияти инноватсионӣ кори осон набуда, ҷустуҷӯ ва татбиқи ғояҳои нави соҳибкории хурд то татбиқи амалии онро дар тибқи лоиҳасозии махсус ва татбиқи он дар истеҳсолот пешбини менамояд. Ин раванд дар ниҳояти кор, бо гирифтани фоидаи муайян хотима меёбад.

Расми 2. Омилҳои ба рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ таъсиррасон

Имрӯз дар ҷумҳурӣ бо суръат инкишоф додани соҳибкории хурди инноватсионӣ басо муҳим ва манфиатнок аст. Ба андешаи муаллифи мақола амали шудани ин тадбир саривақти буда ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон оид ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, зимнан ҳамоҳанг мебошад.

Дар вобастагӣ бо ин раванди ояндадор рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба сатҳи сифатан баланд замина хоҳад гӯзошт. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъалаи дорои аҳамияти стратегӣ, ба фикри мо, таҳия ва асоснокгардонии зарурати самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди устувор ва босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ барои давраи то соли 2030, дар навбати аввал таҳияи лоиҳаи он мувофиқи мақсад аст. Барномаи рушди устувор ва босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ беҳад муҳим ва судманд аст.

Зарурати таҳия ва аҳамияти татбиқи амалии барномаи рушди устувор ва босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин омилҳои асосӣ вобастагӣ дорад:

- баланд шудани нақши инноватсия чун яке аз иқдомҳои муҳим дар таъмини рушди иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар;
- ташаккули самарабахши иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ, ки бештар ба технологияҳои муосир такя мекунад;
- паст будани сатҳи талабот ба навовариҳо аз ҷониби фаъолияти соҳибкорӣ;
- рушди номукаммали қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва мавҷуд набудани қонун ва барномаи мақсаднок дар ҳалли масъалаи муҳими ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ;
- паст будани сатҳи маданияти инноватсионӣ чӣ дар соҳаи илм ва чӣ дар фаъолияти соҳибкории хурд;
- муҳайё нагардидани шароитҳои зарурӣ барои рушд ва истифодаи самаранокӣ дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар ҷараёни нависозии истеҳсолот, савдо, хӯроки умумӣ ва рушди сектори соҳибкории хурди инноватсионӣ;
- дастрас набудани иттилоот (бо назардошти иттилооти оморӣ) оид ба рушди фаъоли соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаи савдо.

Дар барнома раванди мақсаднок ба пеш бурдани соҳибкории хурди инноватсионӣ дар

соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар – саноат, кишоварзӣ, савдо, хӯроки умумӣ ва ғ бояд асоснок гардад.



Расми 3. Мақсад ва вазифаҳои барномаи рушди соҳибкории хурди инноватсонӣ

Барои ташаккули соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Тоҷикистон бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хос зоҳир гардад:

- ташаккули роҳҳои ҳамкорӣ миёни иштирокунандагони ҷараёни инноватсионӣ, бо назардошти ташкили ҳамкорӣ миёни ташкилотҳои илмӣ ва муассисаҳои давлатии олии касбӣ бо корхонаҳои саноатӣ бо мақсади ҷорӣ кардани технологияҳо дар истеҳсолот, савдои чакана ва хӯроки омма, баланд бардошатни дараҷаи тахассуснокии кормандон;
- гузаронидани сиёсати амалкунандаи иқтисодӣ нисбати иштирокчиёни ҷараёни инноватсионӣ, ҷалби институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ баҳри рушди сармоягузории венчурӣ ба лоиҳаҳои илмӣ;
- ташкили марказҳои инноватсионӣ – технологӣ, бизнес – инкубаторҳо, технопаркҳо ва инкишоф додани минтақаҳое, ки инфрасохторҳои инноватсионӣ он ҷо ҷойгир шудаанд, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ машғул мебошанд, мусоидат оид ба таъсис ва рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ, ташкили биржаҳои моликияти зеҳнӣ ва хизматҳои илмӣ-техникӣ.

Дар раванди муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушди бахши соҳибкории хурди инноватсионӣ мо бояд ба ҳалли масъалаҳои зайл такя намоем:

1. Омӯзиши дастовардҳои ҷаҳонӣ (таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва кишварҳои рӯ ба рушд қарор дошта);
2. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, истифодаи самараноки сарватҳои мавҷудаи иқтисодӣ, беҳдошти экологӣ;
3. Пайдо намудани сарчашмаҳои молиявӣ, ихтироъотӣ ва татбиқи амалии онҳо;
4. Таҳлили вазъи муосири бозор (гӯзашта, имрӯза ва ояндаи он).

Натиҷаҳои интизорӣ аз татбиқи барномаи тавсиягардида:

1. Баланд бардоштани нақши соҳибкории хурди инноватсионӣ бо мақсади ҷорӣ гардонидан дар баланд бардоштани иқтидори инноватсионӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои он. Онҳо барои таҳким бахшидан ба фаъолияти хоҷагӣ – молиявӣ, инчунин барои рушди ҳамкориҳо миёни давлат ва бахши хусусии соҳибкории хурди инноватсионӣ истифода бурда мешаванд.
2. Ташаккули "Заминаи инноватсионӣ" – и коллективҳои калони илмӣ - таҳқиқотӣ, ки соҳиби таҷрибаи пешқадам дар субъектҳои соҳибкории хурд, ки ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Ба андешаи мо, таҳия ва татбиқи амалии барномаи рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ имкон медиҳад, ки ин тадбири муҳими дастгирии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосро бо дарназардошти як қатор сабабҳо (норасоии дастгирии давлатии молиявӣ, номукамалии асосҳои қонунгузорӣ, рушди нокифояи инфрасохтор махсус дар бахши инноватсионӣ, мавҷуд набудани мутахассисони кордони олӣ ва миёнаи махсус, рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории хурди инноватсионӣ ва ғ.) саҳми арзанда ва судманд гузошт.

Рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ барои солҳои дарозмуддати то солҳои 2030 ва роҳҳои татбиқи он дар маҷмӯъ пеш аз ҳама ба зарурати гузариши ҷумҳурӣ ба роҳи рушди инноватсионӣ, истифодаи дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва суръат бахшидан ба фаъолияти илмӣ, илмӣ – техникӣ ва инноватсионӣ асоснок карда мешавад.

Дар амал ҷорӣ гардонидани барнома имкон медиҳад дар сарҳади Тоҷикистон системаи амалкунандаи инноватсионӣ ташкил карда шавад, ки он асоси гузариши иқтисодиёт ба роҳи рушди инноватсионӣ мегардад.

Фаъолгардонии соҳибкории хурди инноватсионӣ асоси ҳалли чунин масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ – иқтисодӣ барои ҷумҳурӣ мегардад, ба монанди: замонависозии бахши истеҳсолӣ – тиҷоратикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон, гузаштан аз тағйиротҳои сохторӣ, баланд шудани саҳми маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, баланд гардидани рақобатнокии маҳсулоти корхонаҳои ҷумҳурӣ дар бозорҳои ватанӣ ва ҷаҳонӣ, таъсиси истеҳсолоти нави даромаднок дар ҷумҳурӣ.

Иҷрои барномаи мазкур боиси ноил гаштан ба вазифаҳои зерин мегардад:

• табдил додани иқтисоди Тоҷикистон ба фаъолияти индустриалӣ – инноватсионии ташкили босуръати самти рушди устувор такя карда, дар асоси заминаи рушди илму дониш ва истифодаи технологияҳои нави замонавӣ;

• ташкили шароитҳо барои баланд бардоштани сатҳи самарабахши субъектҳои соҳибкории хурд фаъолона ба сӯи ояндаи дурахшон ва марифати аҳолӣ ба пеш ҳаракат мекунад;

• ҷалб намудани субъектҳои нави соҳибкории инноватсионии хурд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини рушди назарраси тағйиротҳои сифатан нав, ки тавассути субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ташкил ва идора карда мешавад;

• ташкил кардани системаи инноватсионӣ – технологӣ оид ба тайёр кардани мутахасси-сони баландихтисос дар соҳаи идоракунии соҳибкорӣ;

• беҳтар гардонидани имиҷи Тоҷикитсон дар бозорҳои илмӣ ва технологии ҷаҳонӣ. Татбиқи қисматҳои барнома дар маҷмӯъ ба дигаргуниҳои сохтори ташкилӣ ва рушди босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ оварда мерасонад, аз ҷумла:

• ба созмон додани механизмҳои институтсионалии таъмини самарабахши дар амал ҷорӣ намудани самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• фаъолияти самараноку рақобатпазири соҳибкории инноватсионӣ дар асоси тағйиротҳои инноватсионӣ, ҳамкориҳои стратегӣ бо соҳибкории бузург, мувофиқа гардонии амалҳо бо сохторҳои идоракуни дар ҳама сатҳ;

• васеъ гардонидани мавқеи соҳибкории инноватсионӣ дар иқтисодиёт вобаста ба рушди муътадили он;

• таъмини рушди тадриҷан бомароми иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.



Расми 4. Самтҳои афзалиятноки лоиҳаи барномаи рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамин тариқ, аз маводҳои дар мақола ҷойгиршуда хулоса кардан мумкин аст, ки ташаккул ва рушди босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар самтҳои татбиқи амалии дастовардҳои техника ва технологияҳои замонавӣ, мудирият, аз ҷумла фаъолияти маркетинги дар бозор дар давраи дарозмуддат то давраи соли 2030 –м ва дар замина ба пешравиҳои сатҳи баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил мегардад.

АДАБИЁТ

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Душанбе – 2016, с.67.

2. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 // аз 30 апрели соли 2011, № 227, с 9.

3. Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 // аз 30 апрели соли 2012, № 201, с. 6.

4. Кабиров Ш.О., Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.

5. Шумпетер И.А. Теория экономического развития [Электронный ресурс]. Экономическая онлайн библиотека. - 2014. – с.8.

6. Шаров А.В. Развитие малого и среднего инновационного предпринимательства – необходимое условие модернизации экономики России//Инновации. 2010. № 5. С. 22.

7. Комилов С. Д., Файзуллоев М. Формирование национальной инновационной системы Республики Таджикистан как условие обеспечения модернизации экономики страны // ПСЭ. 2011. №2. с. 4

Валиев Низомиддин Шаробидинович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. 918 14-49-14. e-mail: Nizomiddin_Valiev86@mail.ru.

Саидов Назаралӣ – муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. 918 14-49-14.
e-mail: Nizomiddin_Valiev86@mail.ru.

Муртазоев О.Қ.
Бобоев Ҷ.И.

РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР КИШВАР

Муртазоев О.К.
Бобоев Ҷ.И.

УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СТРАНЕ

Murtazoev O.K.
Boboev J.I.

SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE COUNTRY

Дар мақолаи мазкур, рушди устувори иқтисоди рақамӣ дар кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудаст. Таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки имрӯз тамоми давлатҳои дунё барои гузаштан ба модели нави иқтисодӣ барномаҳоро таҳия ва татбиқ карда истодаанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои гузариш ба модели нави иқтисодӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.
Калидвожаҳо: иқтисодиёт, рақамикқнонӣ, маҳсулот, технология, рушд, фаъолияти инноватсионӣ, электронӣ, рушд.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье исследуется устойчивое развитие цифровой экономики в стране. Мировой опыт показывает, что сегодня все страны мира разрабатывают и реализуют программы по переходу на новую экономическую модель, а Республика Таджикистан, как неотъемлемая часть международного сообщества, предпринимает последовательные шаги по переходу на новую экономическую модель.
Ключевые слова: экономика, цифровизация, продукт, технология, разработка, инновационная деятельность, электроника, развитие.

This article examines the sustainable development of the digital economy in the country. World experience shows that today all countries of the world are developing and implementing programs for the transition to a new economic model, and the Republic of Tajikistan, as an integral part of the international community, is taking consistent steps to transition to a new economic model.
Key words: economy, digitalization, product, technology, development, innovation, electronics, development.

Дар ҷаҳони муосир рушди устувори иқтисоди инноватсионӣ ва рақамӣ яке аз масъалаҳои рузмара ба ҳисоб меравад. Чунки рушди босуръати шабакаҳои иҷтимоӣ, бозори смартфонҳо, иҷозати бемаҳдуд ба интернет, технологияи таълими мошинӣ ва интелекти сунъӣ дунёро рӯз аз рӯз дигаргун месозанд. Пас, иқтисодиёти рақамӣ - маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки ба технологияҳои навин асос ёфта, дар ҷараёни истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба вуҷуд омадаанд ва барои таъмини талабот ба неъматҳои ҳаётӣ равона гардидааст. Он дар навбати худ ташаккули усулҳо ва тарзҳои нави хоҷагидориро пешниҳод ва воситаҳои таъсирноки танзими давлатиро талаб менамояд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави иқтисоди рақамӣ қарор гирифта, ҷиҳати гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар тадбирҳои муассирро ба роҳ монда, солҳои охир ба як қатор дастовардҳо ноил гаштааст.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки низоми муосири иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон бо гузариш аз навъи такрористеҳсоли инкишоф ба навъи инноватсионии инкишоф тамоюл дорад, ки амалишавии он аз рушди фаъолияти инноватсионӣ вобастагии зич дорад. Ин навъи инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дигаргунсозиҳои куллиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҳаёти ҷомеа тақозо менамояд [2, -С 294].

Гуфтан ҷоиз аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми 31 соли соҳибистиқлолии мамлакат роҳи хеле вазнину мураккаби иқтисодиётро сипарӣ намуда, бо шарофати сиёсати оқилонаи

Пешвои миллат дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷамъият ислоҳот босуръат идома ёфт. Махсусан, солҳои охир аз ҷониби Пешвои миллат бо мақсади татбиқ намудани тадбирҳои азими давлат оид ба рушди сектори иқтисодиёти рақамӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба имзо расидааст. Азҷумла, ҷиҳати амалӣ намудани тадбирҳои мазкур «Барномаи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия карда шуд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳамасола Паёмҳои Пешвои миллат боз як қадами қатъӣ ба сӯи ояндаи дурахшони Ватан буда, ба беҳбудии мардуми шарифи Тоҷикистон равона карда мешавад. Аз ин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкиди ҷиддӣ намуда, иброз намуданд, ки: «…Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад».

Инқилоби рақамӣ, ки иқтисодиёти ҷаҳониро фаро гирифтааст, бо ҳудуд, сурат ва доираи тадбиқи худ касро дар ҳайрат мегузорад. Ҳар яке аз зинаҳои навбатии рушди он аз қаблиаш пуршиддад буда, минтақаҳои навро фаро мегирад. Гузариш аз мошинҳои ҳисоббарори калон ба компютерҳои фардӣ даҳсолаҳо тӯл кашиданд, имрӯз бошад табаддулотҳои инқилобӣ дар самти технологияҳои инноватсионӣ дар як сол ва моҳҳо рух медиҳанд.

Иқтисодиёти рақамӣ барои мубодилаи иттилоот, илму маориф ва пешбурди шафофи тиҷорату соҳибкорӣ, имкониятҳои васеъро фароҳам меорад. Мақомоти давлатӣ дар риоя намудани низому қоидаҳо ва додугирифти тиҷоратӣ ва бехатарию эътимоднокии онҳо дар фазои рақамӣ, чӣ барои соҳибкорон ва чӣ барои истеъмолкунандагон, нақши калон мебозад.

Дар баробари дигар давлатҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ барои баланд бардоштани сатҳи аҳолии кишвар талош меварзад. Дар зарфи 31 соли истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист қисми зиёди сохторҳои давлатиро ба барномаҳои рақамӣ иваз намояд. Махсусан, давоми чанд соли охир дар назди мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи гузариш ба идоракунии электронӣ (рақамӣ) истодааст. Дар ин муҳлат як қатор ҳуҷҷату барномаҳо, ба монанди «Консепсияи ташкили Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи таъмини бехатарии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи бехатарии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ва ғайраҳо қабул гардиданд. Ба ғайр аз ин, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 642 аз 30 декабри соли 2019 «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидааст. Ҳамаи ин ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгардида ба ташкили Ҳукумати электронӣ мусоидат менамоянд.

Дар ҳамин радиф, айни замон пурра иваз намудани барномаҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ба назар мерасад. Алалхусус, тибқи барномаҳои мазкур дар тамоми бонкҳои давлатӣ ва ғайрдавлатӣ пардохти ғайрнақдӣ боз ҳам хубтар ба роҳ монда шуд, ки дар шароити муосир зисту зиндагии шаҳрвандон, ба хусус нафақахӯрон, маъюбон ва дигарон ба маротиб осон гардидааст. Инчунин, дар соҳаи нақлиёт, дар мошинҳои мусофиркашӣ - микроавтобус, автобус ва троллейбусҳо пардохти ғайрнақдӣ ҳалли худро ёфта истодааст.

Бахшҳои асосии иқтисоди воқеии мамлакат, ки дар онҳо рақамикунонӣ зарур аст, саноат ва энергетикаи барқӣ ба ҳисоб мераванд [1, - 21 с.]. Сарфи назар аз афзоиши суръати рушди иқтисоди миллӣ, иқтисодшиноси ватанӣ Файзуллоев М. қайд менамояд, ки «…пандемияи коронавирус ба ҳаҷми фоидаи корпоратсияҳои технологӣ низ таъсири манфӣ расонид. Он на танҳо гузариши корхонаҳоро ба ҷараёни рақамикунонӣ тезонид, балки муҳаққиқону олимонро водор сохт, роҳу усули нави истифодаи технологияҳои инноватсиониро барои амалишавии мақсадҳо ҷустуҷӯ намоянд»[3].

Боиси зикр аст, ки айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда истифода намуда, маҳз ба сармояи инсонӣ такя менамояд. Дар асоси Стратегияи миллии рушд то соли 2030 Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои дарозмуддати иқтисодӣ ба модели нави иқтисодӣ яъне, ки ба модели рушди сармояи инсонӣ

қадам гузорад. Чунки, савияи дониш ва омӯзиши технологияҳои муосир, рушди хизматрасонии интернетӣ ва дигар омилҳо ба рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар заминаи устувор мегузорад

Ҳамин тавр, рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии рақамӣ яке аз ҳадафҳои муҳим дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Амалисозии барнома ва санадҳои мазкур ба рушди устувори мамлакат, хоса баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ба таври назаррас паст намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мусоидат менамояд. Чунки, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ дар заминаи истифодаи технологияи рақамӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и кишварҳои ҷаҳон аз 12% то 16%-ро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, бо шароити мусоид ва фароҳам овардани шароит барои гузариши давра ба давраи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ояндаи миёнамуҳлат то соли 2040, инчунин ба роҳи куллан нави рушд иқтисодиёти рақамии ояндаро таъмин намояд.

АДАБИЁТ

1. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642. – 21 с.

2. Муртазоев О.Қ., Бобоев Ҷ.И. Рушди низоми инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав//Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар: ҶСК «Матбаа», 2022. - №1/3(101). - С. 294-300 ISSN 2663-5534

3. Файзуллоев М**.** Муҳимияти рушди рақамикунонии иқтисодиёт дар ҳолати пандемия [Захираи электронӣ] **https://parlament.tj/news/166-mu-imiyati-rushdi-ra-amikunonii-i-tisodiyot-dar-olati-pandemiya**

Муртазоев О.Қ. – дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992(37) 234-83-46
+992(37) 234-85-46
Email: mail@ddtt.tj :

Бобоев Ҷ.И. - муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992(37) 234-83-46
+992(37) 234-85-46
Email: mail@ddtt.tj :

Муртазо А.А.
Саидов Н.Ф.

ЗУҲУРИ РАҚАМИКУНОНӢ ВА ҶАҲОНИШАВӢ ДАР МИСОЛИ НИЗОМИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муртазо А.А.
Саидов Н.Ф.

ПРОЯВЛЕНИЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ И ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА ПРИМЕРЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Murtazo A.A.
Saidov N.F.

THE MANIFESTATION OF DIGITALIZATION AND GLOBALIZATION ON THE EXAMPLE OF THE POLITICAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Дар мақолаи мазкур муаллифон робитаи байни рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ, омилҳое, ки раванди табдили рақамии иқтисод ва сиёсатро суст мекунанд ё ба суръатбахшии он мусоидат мекунанд, баррасӣ намуда, ба хулосае омадаанд, ки чунин омилҳо гуногунанд, ва таъсири гуногун ва бисёрсамта доранд ва оиди усули таснифоти онҳо вобаста ба доираи таъсир пешниҳодҳо овардаанд.
Калидвожаҳо: дипломатияи рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, рақамикунонӣ, ҷаҳонишавӣ, равандҳои сиёсӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье авторами рассматривается взаимосвязь цифровизации и глобализации, факторы, замедляющие процесс цифровой трансформации экономики и политики, либо способствующие его ускорению, делается вывод о многообразии подобных факторов, о разнообразии и разнонаправленности их воздействия и предлагается способ их классификации в зависимости от сферы влияния.
Ключевые слова: цифровая дипломатия, цифровые технологии, цифровизация, глобализация, политические процессы.

In the article, the authors examine the relationship between digitalization and globalization, factors that slow down the process of digital transformation of the economy and politics or contribute to its acceleration, conclude that there are a variety of such factors, the diversity and multidirectionality of their impact, and propose a method for classifying them depending on the sphere of influence.
Keywords: digital diplomacy, digital technologies, digitalization, globalization, political processes.

Худи мафҳуми падидаи рақамикунонӣ бояд равшан карда шавад, зеро амалияи имрӯза дигаргуниҳои назаррасро дар фаҳмиши ин падида аз ҷониби иштирокчиёни гуногун нишон медиҳад. Тавре ки А.Г. Чернишов қайд намудааст, «ҷомеаи муосири «рақамӣ» бетартибона ва бенизомона рушд меёбад». Миқдори зиёди равишҳо дар фаҳмиши падидаҳои рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ вуҷуд доранд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни воридшавии технологияҳои рақамӣ ба соҳаҳои асосии ҳаёти давлат ва ҷомеаи муосир таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.

Рақамикунонӣ раванди бебозгашти асри XXI аст, ки аксари кишварҳои пешрафтаро фаро гирифтааст. Дар аввал, он дар иқтисодиёт зоҳир шуда, баъдан дигар соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифт.[4] Ҳоло зуҳуроти рақамикуниро қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Раванди ворид гаштани технологияҳои рақамиро дар ҳаёти ҷамъиятӣ афзоиши технологияҳое ҳамроҳӣ мекунанд, ки ҳам ба ҳаёти шахсони алоҳида ва ҳам ба ҳаёти тамоми ҷомеа таъсир мерасонанд. Бо рушди технологияҳои рақамӣ, роҳҳои истеҳсол ва тақсимоти маҳсулот такмил дода мешаванд. Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёт дигаргуниҳо ба амал меоянд.

Мафҳуми «рақамикунонӣ» бо мафҳуми дигари муҳим, иттилоотикунонӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Ин раванд дар бисёр ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа, ки ба бунёд ва рушди

инфрасохтори телекоммуникатсионӣ нигаронида шудаанд, зоҳир мегардад. Яке аз вазифаҳои асосии иттилоотикуонӣ муттаҳид намудани захираҳои иттилоотие мебошад, ки метавонанд аз ҳамдигар хеле дур ҷойгир бошанд.[2, С.223.]

Рақамикунонӣ ва иттилоотикунонӣ шарти ҳатмӣ барои зуҳури падидаи дигари муҳими асри XXI, ҷаҳонишавӣ мебошанд. Технологияҳои навтарин ба шаклҳои нави фарҳанг табдил меёбанд, ки дар натиҷа ҷомеаҳои фарҳангӣ тағйир меёбанд ва намояндагони як фазои фарҳангӣ ба низоми дигари фарҳангӣ ворид мешаванд. Дар натиҷа мо шоҳиди харобшавии фарҳангҳои маҳаллӣ ва ташаккули сохтори ягонаи умумиҷаҳонӣ мегардем. Ҳамин тариқ муҳити ягонаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд, ки ба низоми тамаддуни ягонаи аврупоӣ ворид шудани ҳамаи кишварҳо ва халқҳоро дар назар дорад.

Сиёсатшинос ва иқтисодчӣ Панкаҷ Гемават ҷаҳонишавиро ҳамчун ғояи эҷоди башарияти универсалӣ муайян мекунад. Ӯ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дигаргуниҳо ворид мекунад. Фазои ягонаи иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, савдо на танҳо дар дохили кишвар ва минтақаҳо, балки байни давлатҳо ва қитъаҳои гуногуни ҷаҳон сурат мегирад.[2, С.114] Илова ба муҳити умумии иқтисодӣ, геополитика ба вуҷуд меояд, ки гурӯҳбандии давлатҳоро ба блокҳои гуногун тақозо мекунад, зеро танҳо як кишвар дар танҳои наметавонад дар ҷомеаи ҷаҳонӣ вуҷуд дошта бошанд.

Тавре қаблан зикр гардид, рушди технологияҳои рақамӣ боиси ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонӣ мегардад. Агар рақамисозӣ дар соҳаи маориф ва иқтисод бештар зоҳир шавад, пас равандҳои глобалӣ, пеш аз ҳама, дар унсури сиёсӣ сурат мегиранд.

Ҷаҳонишавӣ як шакли нави ҷомеаи постиндустриалӣ ё иттилоотӣ мебошад. Асри XXI замонест, ки дар он фазои ягонаи умумибашарӣ ташаккул меёбад. Дар ин давра ташаккул ва инкишофи сиёсати ҷаҳонӣ ба амал меояд. Муносибатхои байналхалқӣ ба равандҳое, ки дар сиёсати дохилии мамлакатхои ҷудогона ба амал меоянд, таъсири калон расонда метавонанд.[1]

Агар мо тамоми паҳлӯҳои мусбат ва манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамиро ба ҳам оварем, метавон ба хулосае омад, ки онҳо муҳаррики асосии пешрафт мебошанд. Камбудиҳои онҳо асосан дар татбиқи нодурусти онҳо ва стратегияи пурра ташаккул наёфтани рушди онҳост.

Зуҳури равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамӣ дар татбиқи сиёсат дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон

Интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон охири асри XX пайдо шуд. Он замон созмони байналмилалии CADA аввалин почтаи электрониро дар Душанбе ва як қатор дигар шаҳрҳои бузург роҳандозӣ намуд. Моҳи декабри соли 1999 аввалин дастрасии кишвар ба шабакаи ҷаҳониро ширкати «Телеком Технолоҷи» таъмин кард. Он замон пайвастшавӣ танҳо тавассути хатҳои шабакаи телефонӣ буд ва ба воистаи барномаи махсус дар компютерҳо сурат мегирифт. Суръати 16 кб/с хеле хуб ҳисобида мешуд ва ҳуҷҷатҳои ҳамагӣ чанд мегабайт, ки имрӯз дар чанд сония зеркашӣ мешаванд, давоми 10-15 дақиқа интиқол дода мешуданд. Баъдтар, провайдерҳои дигари хидматрасонии интернетӣ пайдо шуданд, ки ба рушди босуръати Интернет мусоидат карданд.

Соли 2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инқилоби ҷаҳонии интернет ба амал омад: бори аввал дар ҷаҳон маҳз дар кишвари мо алоқаи мобилии 3G (UMTS, CDMA 2000) ҷорӣ ва бомуваффақият санҷида шуд.

Илова бар трафики устувори овозӣ он имкон дод, ки интиқоли фаъоли маълумотҳои интернетӣ таъсис дода шавад. Сипас аввалин хидмати "экзотикӣ" - занги видеоӣ пайдо шуд.

Дар чанд соли дигар шумораи корбарони интернети мобилӣ аз даҳҳо ҳазор муштарӣ ба 2-3 миллион муштарӣ расид. Коршиносон ин замонро "давраи тиллоӣ"-и рушди Тоҷнет унвон мекунанд. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, соли 2000-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 3000 корбари интернетӣ буд. Аз соли 2005 инҷониб афзоиши якбораи шумораи корбарон ба назар мерасад, ва аллакай дар шаш моҳи соли 2022 шумораи корбарони интернет дар якҷоягӣ бо корбарони интернети мобилӣ ва статсионарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4,2 миллион нафар расид, ки 42%-и аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.[5]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ соли 2003 замина гузошта шуда, барои омӯзонидани хизматчиёни давлатӣ дар ин самт тасмими ҷиддӣ гирифта шудааст.

Мисоли равшани он Фармони Президенти мамлакат аз 5 ноябри соли 2003, № 1174 Дар бораи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди

Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки соли 2003 ба тасвиб расида буд, инчунин таҳияи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад.

Равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо ба рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ ҷалб карда шудаанд. Он дар сатҳи мутобиқшавии сиёсӣ дар идоракунии тамоми кишвар зоҳир мегардад.

Дар соҳаи иқтисодӣ самтҳои марбут ба истифодаи технологияҳои нави инноватсионии истеҳсол ва тақсимоти молу хизматрасонӣ аз дастгирии бештари давлат бархурдоранд.

Соли 2021 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зарурати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он, тақвият бахшидан ба ислоҳоти соҳаи алоқа, таъмини гузариши тадричӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳоро зикр намуданд.[4] Ин паём яке аз сабабҳои рушди ташаббусҳои миллии технологӣ гардида буд. Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нигоҳдорӣ ва рушди стратегияҳои тиҷорат дар асоси технологияҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст.

Дар кишвар ба инкишоф додани таълими электронӣ бояд ахамияти калон дода шавад. Вазорати илм ва маориф рушди низоми таҳсилоти фосилавӣ, ки раванди таълим, чун қоида, бо ёрии технологияҳои электронӣ сурат мегирад, дастгирӣ менамояд. Рушди соҳаи маориф бо истифода аз технологияҳои электронӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат аҳамияти имконияти гирифтани маълумотро барои ҳама, аз ҷумла маъюбон ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд дарк мекунад.

Омӯзиши электронӣ хеле зуд ва ғайричашмдошт ба низоми маорифи бисёр кишварҳо баҳори соли 2020 ворид шуд. Бинобар паҳншавии COVID-19 тамоми муассисаҳои таълимии бисёр кишварҳо ба таълими фосилавӣ гузаронида шуданд. Омӯзиши электронӣ дар аввал ҳам аз ҷониби аҳолӣ ва ҳам аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ дар ҷаҳон ба нокомии калон дучор гардид. Мушкилот аз ҷониби донишҷӯён ва омӯзгорон дар он буд, ки аҳолӣ барои таҳсил дар хона таҷҳизоти махсуси техникӣ надоштанд. Аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ мушкилот дар омода набудан ба чунин гузариш буд. Донишгоҳҳо ва мактабҳо барои омода кардани барномаҳо ва платформаҳое, ки барои формати электронии таълим пешбинӣ шудаанд, вақт надоштанд. Пас аз як ё ду моҳ раванди омӯзиши электронӣ каму беш ба ҳолати муқаррарӣ баргашт.

Дар Тоҷикистон ҳам мисли дигар кишварҳо бояд демократияи электронӣ инкишоф ёбад. Барои татбиқи ин барнома дар назди Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми давлатии иттилоотии «демократияи электронӣ» таъсис дода шавад.

Ба шарофати ин низом имкони ирсоли муроҷиатҳои дастаҷамъӣ ба мақомоти давлатӣ ва пайгирии вазъи дархости пешниҳодшуда имконпазир мегардад. Ташаккул ва пешбурди омор дар бораи сифати кори мақомоти давлатӣ дар асоси баҳодиҳии шаҳрвандон осонтар мешавад. Аҳолӣ, дар навбати худ, имкони баҳо додан ба муносибати мақомот нисбати муроҷиатҳои худро пайдо мекунад.

Хулоса рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ падидаҳои ба ҳам зид мебошанд. Аз як тараф, рақамикунонӣ як қатор бартариҳо дорад. Рушди технология ба зудтар ва бо харҷи камтари энергия дар истеҳсол ва тақсимоти мол аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда мусоидат мекунад. Рушди таълими электронӣ, ки ба таҷҳизоти баланди техникии донишгоҳҳо асос ёфтааст, таҳсилро барои одамони дорои имконияташон маҳдуд дастрас мекунад. Инкишофи омӯзиши электронӣ ба паҳн шудани дониш ва инкишофи самтҳои нави илму истеҳсолот мусоидат мекунад.

Бо вуҷуди ин, рақамикунонӣ оқибатҳои манфӣ низ дорад. Дар натиҷаи таъмин кардан бо таҷҳизоти техникӣ ҷанбаҳои классикӣ дар иқтисоду маориф, илм, тиб ва сиёсат гум мешаванд. Мушкилоти ҷаҳонӣ ба миён меояд, ки моҳияташ дар он аст, ки зеҳни сунъӣ метавонад бар тафаккури инсон бартарӣ дошта бошад.

Вазифаи сиёсати давлатии ҳар кишвар аз нигоҳ доштани мувозинат дар ҷомеа иборат аст. Тавассути барномаҳои махсус, грантҳо ва стипендияҳо рушди лоиҳаҳои инноватсиониро ҳавасманд кардан лозим аст. Аммо инчунин оиди оқибатҳои эҳтимолии ин падида фаромӯш набояд кард. Сарони давлатҳо набояд ба гузариши пурраи тамоми соҳаҳо ба формати рақамӣ иҷозат диҳанд. Рақамикунонӣ ҷанбаҳои мусбати бештар дорад, зеро технологияҳои электронӣ ҳаёти одамонро осонтар мекунанд ва ба онҳо имкониятҳои зиёд медиҳанд.

Стратегияи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт амал мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои олимони ҷавонро дар соҳаи инноватсия тавассути додани грантҳо, стипендияҳо ва бунёди марказҳои нави техникӣ барои ин корҳо дастгирӣ мекунад. Дар соҳаи иқтисодӣ ташаббуси таъсиси соҳаҳои нави соҳибкорӣ дар асоси истифодаи навовариҳо ҳавасманд карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли аксари кишварҳои дигар ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гаштааст. Барои бомуваффакият ворид гаштан ба сиёсати ҷаҳонӣ таҳлили пурсамар ва кор карда баромадани стратегияи дарозмуддати низоми муносибатҳои байналхалқӣ, ки дар асоси ба ҳам мувофик кардани қуввахо ва воқеаҳо дар арсаи чахон асос ёфтааст, зарур аст.

Ҷаҳонишавӣ мисли рақамикунонӣ як таҳаввулоти соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, зеро он ба муттаҳидшавии кишварҳо ва халқҳо мусоидат намуда, ба рушди маориф, иқтисод, тиҷорат, илм, сайёҳӣ, варзиш ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нигаронида шудааст, ки беҳбудии он барои сардорони давлатхо ва шаҳрвандон басо мухим аст.

АДАБИЁТ

1. Васильев Л.С. Всеобщая история. / Том 6. Современность и глобальные проблемы человечества. М.: КДУ, 2015.С.158.
2. Гемават П. Мир 3.0: Глобальная интеграция без барьеров. – М.: Альпина Паблишер, 2013.С.–114.
3. Квейн Б. B2B: возвращение к основам. М: ООО «АйДиБи Восточная Европа», 2013.С.125.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" www.president.tj/node/27417. (санаи мурочиат: 21.05.2021).
5. Служба связи: «Количество пользователей интернета в стране достигло 4,2 млн человек» // https://khovar.tj URL: https://khovar.tj/rus/2022/07/sluzhba-svyazi-kolichestvo-polzovatelej-interneta-v-strane-dostiglo-4-2-mln-chelovek/ (Санаи мурочиат: 13.12.2022).

Муртазо Аҳмад Абдулло – старший предоподаватель кафедры мировой экономики и международных отношений, Республика Таджикистан. Душанбе. ул. Хилоли 48, +992918628840. Email: ahmadabdullo25821@gmail.com

Саидов Некруз Фирузович – ассистент кафедры мировой экономики и международных отношений, Республика Таджикистан. Душанбе. ул. Москва 38, +992000024496. Email: rt.saidov@mail.ru

Тӯлиев М.С.
Азимбоев А.
Шамсов Ф.Т.
Насруллоева М.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ РАҚАМИКУНОНИ ИҚТИСОДИЁТ

Тулиев М.С.
Азимбоев А.
Шамсов Ф.Т.
Насруллоева М.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ЦИФРОВИЗАЦИЯ ЭКОНОМИКИ

Tuliev M.
Azimboev A.
Shamsov F.
Nasrulloeva M.

SOME ISSUES DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

Аннотатсия

Дар мақолаи мазкур баъзе паҳлуҳои рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллифон зимни баррасии мавзӯъ ба таҳлили назарияҳои муосири рақамикунонии иқтисодиёт диққат дода заминаҳои эътимодноки ташаккули онро бо дарназардошти таҷрибаи пешоҳанг пешниҳод намудаанд. Инчунин дар натиҷаи омӯзиш бо истифодаи оморҳои соҳавии институтҳои байналмилалии иқтисодӣ ҳолати рушд ва сатҳи рақамикунони дар кишварҳои ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса карда шудааст.

Вожаҳои калидӣ. рақамикунонӣ, иқтисодиёти рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, бозор

Аннотация

В данной статье исследуются некоторые аспекты цифровизации национальной экономики. В ходе исследования авторы уделили внимание анализу современных теорий цифровизации экономики и представили надежные основы ее формирования с учетом зарубежных передовых опытов. Также в результате исследования было проведено сравненительный анализ состояния развития уровня цифровизации в странах мира и в Республике Таджикистан, с использованием отраслевой статистики международных экономических институтов.

Ключевые слова. цифровизация, цифровая экономика, цифровые услуги, рынок

Annotation

This article explores some aspects of the digitalization of the national economy. During the discussion of the topic, the authors paid attention to the analysis of modern theories of digitalization of the national economy and presented reliable foundations for its formation, taking into account foreign best practices. Also, as a result of the study, a comparative analysis of the state of development of the level of digitalization in the countries of the world and the Republic of Tajikistan was carried out using industry statistics of international economic institutions.

Keywords. digitalization, digital economy, digital services, market

Ба андешаи мо рушди устувори иқтисодиёти миллӣ аз бисёр ҷиҳат ба татбиқи шаклҳои нави технологияи рақамӣ вобастагӣ дорад. Бояд зикр намуд, ки татбиқи равандҳо ба рушди бомароми иқтисодиёти рақамӣ таъсир мерасонад. Вобаста ба ин масъала дар меҳвари мавзӯи мазкур таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ қарор дода мешаванд, ки дар шароити муосир яке аз масъалаҳои баҳсноки илми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз унсурҳои асосии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ин татбиқи технологияҳои рақамӣ ва марҳила ба марҳила гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Таҳлили адабиёти иқтисодии аз тарафи пажуҳишгарони илми иқтисодиёти ватанию хориҷӣ ба нашррасида шаҳодат медиҳад, ки тамоюли мазкур ба рушди устувори соҳаи хизматрасониҳо низ таъсири ҷидди расонида дар густариши иқтидори иқтисодии мамлакат

заминаи мусоид фароҳам меорад.

Рақамикуниро дар самти рушди иқтисодиёти зудрушдкунандаи муосир падидаи нав номидан мумкин аст. Дар заминаи рушди устувори он имконият фароҳам меояд, ки иқтисодиёти миллӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ташаккул намояд. Мавриди зикр аст, ки соли 1995 мутахассис дар соҳаи бизнес ва машвартчигӣ, аз кишвари Канада, Доналд Тапскотт барои ифода намудани раванди нав дар иқтисодиёти ҷаҳон мафҳуми (digital economy) «иқтисодиёти рақамӣ» - ро пешниҳод намуд. Дар таҳқиқотҳои худ Д. Тапскотт нишон медиҳад, ки чӣ тавр дар зери таъсири технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) пеш аз ҳама, робитаи миёни одамон ба таври фосилавӣ, новобаста аз мавқеи географӣ ва соҳаи фаъолият, зисту зиндагии одамон тағйир ёфт ва меёбад.

Рушди босуръати робитаи иттилоотӣ, яъне робита тавассути интернет, асоси иқтисодиёти навро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз иқтисодиёте, ки ба технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) асос карда шудааст, иқтисодиёти рақамӣ номида мешавад.

Мувофиқи ақидаи Тапскотт рушди иқтисодиёти рақамӣ муҳаррики раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Ӯ якчанд ҷунбишҳои технологӣ, аз ҷумла татбиқи ҳамаҷониба ва дастрасӣ ба Интернет, гузариш ба таъминоти барномавии кушод, нерӯи сунъӣ ва ғайраро номбар мекунад, ки рушди иқтисодёти навро таъмин менамоянд. Бояд қайд намуд, ки ин ҷунбишҳои технологӣ дар солҳои 2017-2018 ба амал омаданд ва боиси рушди бисёр соҳаҳои иқтисодиёт гардиданд.

Рушди иқтисодиёти рақамӣ ба рушди дигар соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои ба технологияи рақамию мобилӣ алоқаманд оварда мерасонад. Инҳо пеш аз ҳама онлайн - савдо (e-commerce), хизматрасониҳои молиявӣ (масалан онлайн-банкинг), хизматрасониҳои иҷтимоии интернетӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, онлайн – бозиҳо), маориф ва тандурустӣ (таҳсилоти фосилавӣ ва варақаҳои тиббии электронӣ) ва ғайра.

Асоси иқтисодиёти рақамиро соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ташкил медиҳад. Ба ин соҳа ширкатҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои техникӣ ва барномавӣ, инчунин ширкатҳое дохил мешаванд, ки хизматрасониҳои электронӣ ва консалтингиро иҷро мекунанд.

Ба ақидаи як қатор муҳаққиқони тоҷик иқтисоди рақамӣ ба туфайли ҷамъоварӣ, истифода ва қобилияти таҳлили миқдори зиёди иттилоот тариқи мошин (маълумоти рақамӣ) дар бораи қариб ҳама чиз бо суръати бениҳоят баланд рушд мекунад. Хусусиятҳои сохтани моделҳои муосири тиҷорат боиси эҷоди миқдори бениҳоят маълумот гардид, ки ба таври экспоненсиалӣ афзоиш меёбад. Чунин маълумоти рақамӣ дар асоси таҳлили «изи рақамӣ» ҷамъоварӣ карда мешавад, ки дар платформаҳои гуногуни рақамӣ дар натиҷаи фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё тиҷоратӣ боқӣ мемонанд.

Ҳаҷми глобалии Интернет тариқи IP асосёфта, ки тасаввуроти тахминии миқёси ҷараёни маълумотро фароҳам меорад, аз тақрибан 100 гигабайт (ГБ) дар як рӯз 31 дар соли 1992 то беш аз 45,000 ГБ дар як сония дар соли 2017 афзоиш ёфт. Ва ин дар ҳолест, ки ҳоло иқтисоди ба маълумот асосёфта танҳо дар марҳилаи аввали рушди худ қарор дорад. Интизор меравад, ки трафики ҷаҳонии IP то солҳои наздик ба 150,700 гигабайт дар як сония мерасад, ки аз ҳисоби афзоиши шумораи истифодабарандагони нави интернет ва пешниҳоди Интернет ашёҳо бармеояд.

Дар шароити ташаккули ҷомеаи рақамӣ, додаҳои рақамӣ ҳамчун манбаи асосии рушди шаҳрҳои муосир ҳисобида мешаванд. Истифодаи миқдори зиёди маълумоти рақамӣ боиси тағйироти назаррас дар соҳаҳои тандурустӣ, ҳукумат, нақлиёт ва логистика гардид. Шаҳрҳои муосир ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам истеҳсолкунандагони миқдори зиёди маълумоти марбут ба ҷанбаҳои гуногуни инфрасохтори нақлиёт ва энергетикӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра мебошанд. Истифодаи ин маълумот ба эҷоди мундариҷаи муфид барои ҷонибҳои гуногуни манфиатдори ширкатҳои гуногун, маҳаллӣ, мақомот, шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар кишварҳои ҷаҳон*

№ р/т	Кишвар	Мавҷудияти санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ	Рушди инфрасохтори телекоммуни-катсионӣ	Истеҳсоли маҳсулоти рақамӣ	Нақши ТИК дар рушди иқтисодиёт (таъсир ба ММД аз 1% боло)	Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет	Маблағгузорӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ	Барномаи мушаххас, ки гузариш ба иқтисодиёти рақамиро таъмин менамояд	Сатҳи омодагии электронӣ ва донишҳои компютерии шаҳрвандон	Интернет чизҳо IoT
1.	Олмон	+	+	+	+	+	+	+	+	+
2.	ИМА	+	+	+	+	+	+	+	+	+
3.	Б. Кабир	+	+	+	+	+	+	+	+	+
4.	Сингапур	+	+	+	+	+	+	+	+	+
5.	Арманистон	+	+	-	-	-	+	-	+	-
6.	Белоруссия	+	+	+	+	+	+	+	+	+
7.	Булғория	+	+	+	+	+	+	+	+	+
8.	Қазоқистон	+	+	+	-	+	+	-	-	-
9.	Қирғизитон	+	+	-	-	-	+	-	+	+
10.	Молдавия	-	-	-	-	-	-	-	-	-
11.	Озарбойҷон	+	-	-	-	-	-	-	-	-
12.	Полша	+	+	+	+	+	+	+	+	+
13.	Россия	+	+	+	+	+	+	+	+	+
14.	Румения	+	-	-	-	-	+	-	+	-
15.	Тоҷикистон	-	-	-	-	-	+	-	+	-
16.	Туркманистон	-	-	-	-	-	-	-	-	-
17.	Ӯзбекистон	+	+	-	-	+	+	+	-	-
18.	Украина	-	-	-	-	-	+	-	+	-
19.	Чин	+	+	+	+	+	+	+	+	+
20.	Эстония	+	+	+	+	+	+	+	+	+

***Сарчашма:** таҳияи муаллифион дар асоси маълумотҳои оморӣ

Хусусиятҳои зерин ба таҳлили маълумоти рақамӣ мусоидат мекунанд: суръати эҷоди маълумот, гуногунрангӣ, ҳаҷм ва арзиш. Ҳаҷм, суръат ва гуногунӣ аз технологияҳое, ки барои тавлид, интиқол ва коркарди додаҳо истифода мешаванд, вобаста аст. Арзиш ҳамчун хусусияти маълумот бо афзоиши арзиши иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз истифодаи маълумоти рақамӣ ба даст меояд, алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, маълумоти рақамӣ, инчунин воситаҳои тавлид, интиқол, коркард ва нигоҳдории онҳо омили бунёдии рушди шаҳрҳои муосир мебошанд.

Иқтисоди рақамӣ – ин фаъолияти эҷодӣ, тақсимкунӣ ва истифодабарии технологияҳои рақамӣ мебошад, ки барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, ҷустуҷӯ, интиқол ва пешниҳоди маълумот дар шакли электронӣ ва маҳсулоту хизматрасониҳои ба он алоқаманд равона шудааст.

Ҷадвали 2.

Трафикаи интернет **(**ПБ дар моҳ**)**, солҳои 2015–2020*

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**Тамоюли рушд 2015 – 2020 мар.**
Вобаста ба соҳаҳо (ПБ, моҳ)							
Интернет статсионарӣ	49	60	73 300	89 012	108	130	*2,64*

	494	160			102	758	
IP-трафикаи идоракунанда	19 342	22 378	25 303	28 155	30 750	33 052	*1,71*
Маълумоти мобилӣ	3685	6180	9931	14 934	21 708	30 564	*8,29*
Вобаста ба қисмҳо (ПБ, моҳ)							
Трафикаи истеъмолӣ	58 539	72 320	89 306	109 371	133 521	162 209	*2,77*
Трафикаи тиҷоратӣ	13 982	16 399	19 227	22 729	27 040	32 165	*2,30*
Вобаста ба минтақаҳо (ПБ, моҳ)							
Минтақаҳои Осиё - Уқёнуси ором	24 827	30 147	36 957	45 357	55 523	67 850	*2,73*
Америкаи шимолӣ	24 759	30 317	36 526	43 482	50 838	59 088	*2,39*
Европои ғарбӣ	11 299	13 631	16 408	19 535	23 536	27 960	*2,47*
Европаи марказӣ ва шарқӣ	5205	6434	8116	10 298	13 375	17 020	*3,27*
Америкаи лотинӣ	4500	5491	6705	8050	9625	11 591	*2,58*
Шарқи наздик ва Африқо	1930	2698	3822	5380	7663	10 865	*5,63*
Ҳамагӣ: (ПБ, моҳ)							
Ҳаҷми умумии IP-трафик	72 521	88 719	108 533	132 101	160 561	194 374	*2,68*

***Сарчашма:** Индекс развития визуальных сетевых технологий Cisco Visual Networking Index: прогноз и методика, 2015 - 2020 гг.

Дар иқтисодиёти рақамӣ шакли нави фаъолияти иқтисодиеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки корхонаҳо дар муҳити маҷозӣ фаъолият намуда як чанд ҷараёнҳоро бо ҳам пайваст месозад. Дар натиҷаи ташаккули ин раванд пайдоиши маҳсулоту хизматрасониҳои нав, баланд бардоштани самаранокӣ ва ташаккули фарҳанги нави идоракуни ба вуҷуд меояд. Ҳолати рақамикунонӣ дар кишварҳои дунё гуногун буда аз рӯйи нишонаҳои зуҳурёбӣ ва ташаккул аз ҳамидигар фарқ менамоянд. Дар идома нишондиҳандаҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар кишварҳои ҷаҳон оварда мешавад (ҷадвали 1).

Таҳлили воқеии рақамикунонии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, ки мувофиқи шохиси (рейтинг) – и рақамикунонии институтҳои байналмилалии иқтисодӣ кишварҳои иттиҳоди аврупо, ИМА дар мақоми аввал қарор доранд. Аксарияти кишваҳои осиёие, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо кишвари мо наздиканд дар марҳилаи аввалини рақамикунонии иқтисодиёт қарор дошта дар ин мамлакатҳо заминаҳои ҳуқуқӣ ва техникии рушд фароҳам оварда шудааст. Дар миқёси ҷаҳонӣ кишварҳое ба мисли Россия, Чин, Қазоқистон ва Узбекистон дар сатҳи рақамикунони босуръати иқтисодиёт қарор дошта ҳамасола дар шохиси кишварҳои пешсаф аз 3 то 5 нишондиҳанда боло мераванд. Дар миёни кишварҳои зикргардида Чин ва Россия аз ҳадди нишондиҳандаҳои рақамикнунонии соҳаҳои ҳаётан муҳим гузашта дар тавлиди маҳсулоти рақамикунонӣ соҳибистиқлолии мутлақро соҳиб гардида истодаанд. Рақамикунонии иқтисод, ки атрофи он муҳаққиқони нуқтасанҷ дар саросари ҷаҳон таҳқиқоти назарраси илмӣ анҷом додаанд дар ҳақиқат мувофиқи мақсад буда боиси рушди дигар соҳаҳо низ мегардад. Асоси рақамикунонии иқтисодиётро фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, бунёди платформаҳои рақамӣ, интернет чизҳо ташкил медиҳад. Дигар унсури муҳими рақамикунонӣ бо интернети баландсуръат васл намудани ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Айни замон тамоюли ҳаҷми бастаи интернет дар соҳаҳо ва минтақаҳои олам чунин мебошад (ҷадвали 2).

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 ошкор менамояд, ки аз ҳама воситаҳои серистифода алоқаи мобилӣ мебошад, ки дар давоми солҳои таҳлили ба таври бесобиқа 8,96 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар миқёси митақаҳо бошад инкишофи нишондиҳадаҳоро дар мисоли

мамолики шарқи наздик ва африқо мушоҳида намудан мумкин аст, ки афзоиши истифоди ҳаҷми бастаҳои интернетӣ 5,63 маротибаро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо бояд барои тезонидани раванди мазкур дар кишвар ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ диққати махсус дода шавад. Барои бартараф намудани мушкилот зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои рақамӣ, бо интернети баланд таъмин намудани субъектҳои иқтисодӣ ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ:

1. Джабборов Ф.А. Цифровая трансформация промышленного производства в условиях ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан / Ф.А. Джабборов // В сборнике: Информационно-аналитические системы и технологии. Материалы VII международной конференции. Белгород, 2020. С. 161-170.
2. Бадалов Х.Х., Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А. Концепция развития аудита в условиях цифровой экономики: теория и практика / Х.Х. Бадалов, С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев. Душанбе, 2021.
3. Буриев Б.М., Курбонов М.А. Рынок информационных услуг и развитие предпринимательства//Буриев Б.М., Курбонов М.А. //Вестник Педагогического университета. 2015. № 5-2 (66). С. 107-110.
4. Қурбонзода М.Р. Шароитҳои аввалиндараҷа ва тамоюлҳои рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / М.Р. Қурбонзода. - Паёми ДДТТ, № 1(35) 2021. - С. 7-12.
5. Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И. Масоили рушди иқтисодиёти рақамӣ дар шароити имрӯза / А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2022. №2. С. 155 – 161.
6. Ризоқулов Т.Р., Алиев О.М. Андозбандӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: мушкилот ва дурнамо/ Т.Р. Ризоқулов, О.М. Алиев // Паёми ДДТТ, № 4/2(34)/2020. - С. 243-250.
7. Ҷурабоев Ғ., Тӯлиев М.С. Ҷанбаҳои назариявии масоили рушди иқтисодиёти рақамӣ/Тӯлиев М.С., Ҷурабоев//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2020. №3 (32). С. 124-133.

Тулиев М.С. – н.и.и. м/к кафедраи системаҳои иттиооотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail: mukhammad.ali.82@mail.ru. Телефон: (+992) 93-900-04-46.

Азимбоев А. – н.и. ф-м. дотсенти кафедраи системаҳои иттиооотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail: azimboev_1956@mail.ru Телефон: (+992) 90-086-16-16.

Шамсов Ф.Т. – н.и.т. и.в. дотсенти кафедраи системаҳои иттиооотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail: shamsov_f@inbox.ru Телефон: (+992) 93-388-26-69.

Насрулооева М. – н.и.ф-м. дотсенти кафедраи системаҳои иттиооотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail: m.nsrulloeva@mail.ru Телефон: (+992) 93-823-03-86.

Мирзоалиев А.А.
Кабутов Қ.М.
Мирзоев Т.З.

ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ: ТАМОЮЛИ МУОСИР ВА САМТҲОИ РУШДИ ОН

Мирзоалиев А.А.
Кабутов К.М.
Мирзоев Т.З.

ЭЛЕКТРОННАЯ КОММЕРЦИЯ: СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ И НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ

Mirzoaliev A.A.
Kabutov K.M.
Mirzoev T.Z.

E-COMMERCE: ITS TRENDS AND DEVELOPMENT

Аннотатсия

Дар мақола таърифҳои мавҷудаи мафҳуми тиҷорати электронӣ, моҳият ва таърихи ташаккули он баҳо дода шудааст. Нақши тиҷорати электронӣ дар ҷаҳони муосир таҳлил шуда, дурнамои рушд дар ояндаи наздик тавсиф шудааст. Дар мақола технологияҳои идоракунӣ дар тиҷорати электронӣ, ки барои афзоиши ҳаҷми фурӯши мол ниҳоят муҳим аст, таҳлил шудааст.

Калидвожаҳо: коммуникатсия, технологияҳои идоракунӣ, тиҷорати электронӣ, бизнеси электронӣ, савдои электронӣ, дурнамои рушд.

Аннотация

В статье дается оценка существующих определений понятия электронная коммерция, ее сути и истории становления. Анализируется роль электронной коммерции в современном мире, и описываются перспективы развития в ближайшем будущем. В статье проанализированы технологии управления в электронной коммерции, что крайне важно для повышения объема реализации товаров.

Ключевые слова: коммуникации, технологии управления, электронная коммерция, электронный бизнес, электронная торговля, перспективы развития.

Annotation

The article assesses the existing definitions of the concept of electronic commerce, its essence and history of formation. The role of e-commerce in the modern world is analyzed, and the prospects for development in the near future are described. The article analyzes management technologies in e-commerce, which is extremely important for increasing the volume of sales of goods.

Key words: communications, management technologies, e-commerce, e-business, e-commerce, development prospects.

Дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иқтисоди минтақа тиҷорати электронӣ мебошад. Тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёт босуръат суръат мегирад, ки хеле зуд ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон дохил мешавад.

Дар айни замон, тиҷорати электронӣ дар марҳилаи рушди пуршиддат қарор дорад, ки чанд сол идома хоҳад кард. Ба онҳо табодули электронии маълумот, интиқоли маблағҳои электронӣ, тиҷорати электронӣ, системаҳои пардохтҳои электронӣ, маркетинги электронӣ, бонкдории электронӣ ва хадамоти суғуртаи электронӣ дохил мешаванд.

Иктисодиёт имруз ба истифодаи технологиям навтарини истеҳсолӣ ва инкишоф додани комьёбихои афкори илм нигаронида шудааст. Тамоюлҳои нав ба пайдоиши муҳити иттилоотие мусоидат мекунанд, ки иқтисоди анъанавиро иваз мекунад. Дар доираи чунин воқеиятҳо паҳлӯи иқтисодии ҳаёти ҷомеа на танҳо дар мундариҷаи он тағйир меёбад, зарурати модернизатсия, аз ҷумла дар воқеияти виртуалӣ амалӣ мегардад [1].

Яке аз аввалин муаллифоне, ки ба ҷанбаи назариявии масъала таваҷҷуҳи зарурӣ дода, аввалин таърифи тиҷорати электрониро эҷод кардааст, иқтисодшиноси амрикоӣ Дэвид Козе мебошад. Вай як муҳаққиқест, ки тиҷорати электронӣ бо истифода аз тиҷорати электронӣ ҳамчун намуна менигарад. Д. Козе сохтори савдои анъанавиро асоси тичорати электрони хисоб карда, таъкид мекунад, ки истифодаи шабакахои электрони ба он чандирият медихад. Вай чу-

нин мешуморад, ки тиҷорати электронӣ ва савдои электронӣ шабеҳияти баробар доранд. Дар баробари ин Л. Климченя тиҷорати электрониро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тиҷорати электронӣ муайян карда, савдои электрониро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тиҷорати электронӣ тавсиф мекунад [3].

О.А. Кобелев савдои электрониро ҷузъи асосӣ ва хеле муҳими тиҷорати электронӣ дониста, онро ҳамчун «фаъолияти соҳибкорӣ оид ба амалӣ намудани амалиётҳои тиҷоратӣ бо истифода аз воситаҳои электронии табодули маълумот» тавсиф мекунад.

Тиҷорати электрониро ҳамчун тиҷорати интернетӣ аз ҷониби иқтисоддонҳои ғарбӣ, аз қабили Д.Эймори ва И.Голдовский баррасӣ мекунанд: «Тиҷорати электронӣ маънои фурӯши молро дорад, ки дар он ҳадди аққал ташкили талабот ба мол тавассути Интернет амалӣ карда мешавад».

С.В. Пирогов дар бораи тиҷорати электронӣ ҳамчун "технологияи анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ ва идоракунии равандҳои истеҳсолӣ бо истифода аз воситаҳои электронии мубодилаи маълумот" сухан меронад.

Дар доираҳои илмӣ имрӯз нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад, ки кадом соҳаҳои фаъолияти инсон ба мафҳуми «тиҷорати электронӣ» дохил карда шаванд. Чун қоида, он сахт бо амалиёти савдои тавассути Интернет анҷом дода мешавад. Муносибати васеътар аз он бармеояд, ки истилоҳи «тиҷорати электронӣ» ҳама гуна муомилоти интиқоли моликият ё ҳуқуқи истифодабарии молу хизматрасониҳоро дар назар дорад, ки тавассути истифодаи воситаҳои электронии коммуникатсионӣ анҷом дода мешавад. Хусусияти муомилоти тавассути Интернет анҷомдодашуда шахсияти имзои электронӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии шабеҳ дар рӯи коғаз мебошад [2].

Тиҷорати электронӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди муосир мебошад. Шабакаи Интернет ба муштариён имкониятҳои бештари харидории молу хизматрасониро фароҳам меорад ва созмонҳои тиҷоратӣ ҳангоми пешбурди тиҷорат ҳузури худро дар ин шабака зиёд мекунанд. Ҳаҷми умумии фурӯши ҷаҳонӣ танҳо дар сегменти тиҷорати электронии истеъмолӣ дар соли 2012 аз 1 триллион доллар зиёд буда, бо афзоиши устувор хос аст. Бозори тиҷорати электронӣ дар Аврупо дар соли 2012 ба 312 миллиард евро расид. Русия аз рӯи ҳаҷми бозори тиҷорати электронӣ пас аз Британияи Кабир, Олмон, Фаронса ва Испания ҷои панҷумро ишғол кард, дар ҳоле ки ҳиссаи Русия дар соли 2012 тақрибан 10,3 миллиард евроро ташкил дод. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки падидаи тиҷорати электронӣ дурнамои хеле дурахшон дорад.

Тиҷорати электронӣ ҳамчун як намуди фаъолият ба ширкатҳо бо роҳи кам кардани вақт ва арзиши муомилот нисбат ба рақибон бартарӣ медиҳад. Биёед меъёрҳои асосии тиҷорати электрониро қайд менамоем:

- истифодаи системаҳои муосири пардохтҳои электронӣ ҳамчун аналогҳои пули нақдӣ;
- муомилот бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ;
- амалиётҳои якшакла аз ҷониби истифодабаранда ва имкони андозагирӣ ва гузаронидани аудит аз ҷониби провайдер ё ташкилоти дигар;
- ҳуқуқ ба моликият ва дороиҳо ҳам дар шаклҳои электронии анъанавӣ ва ҳам рақамӣ [4].

Дар замони муосир маҳбубияти зиёдро шаклҳои зерини тиҷорати электронӣ монанди савдо ҳамчун аудиомедиаи ҳамаҷонибае, ки хизматрасонии иттилоотӣ ва маълумотӣ интернет мағозаҳо ва пешниҳоди хадамоти бонкиро дорад[5].

Бо дарназардошти воқеияти имрӯза, монеаҳои асосии рушди тиҷорати электрониро муайян кардан мумкин аст:

- доираи маҳдуди корбарони интернет, бисёре аз онҳо афзалият ба харид дар мағозаҳои муқаррарӣ медиҳанд;
- аз ҳад зиёди сайтҳои интернетӣ ба аз даст додани муштариёни доимӣ мусоидат мекунад;
- бехатарии амалиётҳои молиявӣ;
- махфияти маълумот;
- таъмини сусти кадрии мутахассисон оид ба маркетинг - интернет ва реклама ба паст шудани сифати хидматрасонии онҳо таъсир мерасонад.

Истифодаи онҳо метавонад хароҷоти транзаксияро ба таври назаррас коҳиш диҳад ва

раванди идоракуниро стандартизатсия кунад. Ҳавасмандии иловагӣ барои ҷорӣ намудани системаҳои муосири иттилоотӣ дар амалияи идоракунӣ қобилияти баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории ширкат мебошад.

Сарфи назар аз он, ки соҳаи тиҷорати электронӣ истифодаи фаъолонаи навоворонро дар бар мегирад, татбиқи системаҳои муосири идоракунӣ дар бисёре аз ширкатҳои мо бо суръати суст идома дорад. Сабабхои суст чорӣ карда шудани таклифҳои рақамикунонӣ дар он аст, ки сохтори ташкилии корхона суст инкишоф ёфтааст. Чун қоида, дар аксари ширкатҳо имрӯз мавқеи менеҷере вуҷуд надорад, ки барои таҳия ва татбиқи қарорҳои нави IT ҳамчун воситаи рушди тиҷорат масъул бошад. Инчунин, нарасидани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи истифодаи технологияҳои ТИК дар соҳаи тиҷорати электронӣ ҳамчунон таъсир мерасонад.

Ҳамаи ин ба ширкатҳои ватанӣ имкон намедиҳад, ки мушкилоти тиҷоратро дар соҳаи тиҷорати электронӣ самаранок ҳал кунанд. Ин нуқтаи назар бо натиҷаҳои тадқиқоти аз ҷониби McKinsey гузаронидашуда тасдиқ карда мешавад. Танҳо 16% лоиҳаҳои тиҷорати электронии ширкатҳои русиро метавон муваффақ арзёбӣ кард. Сабаби ба муваффақият ноил нагардидани аксари ширкатҳо ин идоракунии сусти лоиҳа мебошад.

Муваффақияти лоиҳаҳо дар соҳаи тиҷорати электронӣ аз сатҳи рушди телекоммуникатсия дар кишвар ва дастрасии аксарияти аҳолӣ ба интернет муайян карда мешавад. Аз рӯи ин нишондиҳандаҳо ширкатҳои русӣ аз нишондиҳандаҳои корпоратсияҳои хориҷӣ каме ақиб мондаанд.

Баъзе ширкатҳо ба таҳияи веб-барномаҳои махсус барои корбарони интернети мобилӣ шурӯъ кардаанд. Ин эҷоди веб-саҳифаҳои соддакардашударо дар бар мегирад, ки ба муштариён имкон медиҳад он чизеро, ки меҷӯянд, зуд ва бидуни мушкилот пайдо кунанд. Азбаски дастрасӣ ин саҳифаҳо нисбат ба веб-саҳифаҳои муқаррарӣ осонтар аст ва онҳоро қариб аз ҳама ҷо дастрас кардан мумкин аст, баъзе пешгӯиҳо мегӯянд, ки веби мобилӣ ба як абзори тавоно дар фазои тиҷорати электронӣ табдил хоҳад ёфт.

Сарфи назар аз афзоиши шумораи ширкатҳои муваффақи тиҷорати электронӣ, шумораи зиёди вебсайтҳо ба потенсиали худ мувофиқат намекунанд. Ин ба ду сабаби асосӣ вобаста аст. Аввалан, аксари вебсайтҳо модели буридашудаи тиҷорати электрониро пешниҳод мекунанд, ки ин маънои онро дорад, ки онҳо ба муштарӣ имкони анҷом додани тамоми давраи фурӯшро намедиҳанд. Давраи фурӯш чор марҳила дорад. Аввалан, истеъмолкунандагон дар бораи маҳсулоте, ки мехоҳанд харидорӣ кунанд, саволҳо медиҳанд. Дуюм, онҳо ҷавобҳоро ҷамъ мекунанд ва муқоиса мекунанд. Сеюм, корбар дар бораи харид қарор қабул мекунад. Агар харид анҷом дода шавад, пас марҳилаи чорум оғоз меёбад - ташаккули фармоиши пардохт ва иҷроиш (таҳвили мол ё хидмат). Мушкилот дар он аст, ки бисёре аз вебсайтҳо барои ҳамаи чаҳор марҳила маълумоти кофӣ ё имконоти кофӣ пешниҳод намекунанд. Масалан, сайт метавонад дар бораи маҳсулот ҷавоб диҳад, аммо ба саволҳои истеъмолкунанда ҷавоб намедиҳад. Дар ҳолатҳои дигар, ба истеъмолкунанда дар бораи он, ки ӯ дар куҷо ва чӣ харид кардан мехоҳад, маълумот дода мешавад, аммо имконоти мувофиқи пардохт дода намешавад.

Мушкилоти дуюм вақте ба миён меояд, ки кӯшишҳо дар ташкилоти корпоративӣ дуруст муттаҳид карда намешаванд. Дар аксари ширкатҳо, тиҷорати электронӣ ҳамчун як ҷузъи системаи иттилоотӣ баррасӣ мешавад, на ҳамчун як вазифаи тиҷорат. Ин як манбаи асосии нокомӣ аст, зеро кормандоне, ки воқеан маҳсулот ва хидматҳоро истеҳсол мекунанд, барои фурӯши онлайн масъул нестанд. Як тамоюли умедбахш ин аст, ки ширкатҳои бештар ба ғайримарказикунонии қудрат барои ҷудо кардани мағозаҳои онлайн ба як воҳиди тиҷоратии алоҳида шурӯъ мекунанд, то кормандони мағозаҳо барои фурӯш дар дохили шабакаи корпоративӣ масъул бошанд.

Тиҷорати электронӣ дар солҳои охир босуръат рушд карда истодааст, системаҳои электронии пардохт, аз қабили Yandex Money, Webmoney, Qiwi торафт зиёд мешаванд. Шумораи зиёди шаҳрвандон ба ҷои пули нақд аз пардохтҳои ғайринақдӣ истифода мебаранд. Бонкҳо аллакай фаъолона таблиғ карда, онҳоро ташвиқ мекунанд, ки бо истифода аз кортҳои электронии худ харидорӣ кунанд ва барои ин мукофотҳои гуногун пешниҳод кунанд. Шояд дар оянда эҳтиёҷ ба пардохтҳои нақдӣ комилан аз байн рафта, ҳар як шахс метавонад бо истифода аз веб-хизматҳои махсуси интернетӣ молу хизматрасониҳои заруриро харидорӣ ва пардохт намояд ва пул танҳо дар шакли электронӣ вуҷуд дошта бошад.

АДАБИЁТ

13. Быстрова Н.В., Хижная А.В., Мазунова А.А., Парадеева И.Н. Имидж организации как фактор повышения ее конкурентоспособности //Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. 2017. № 8-2. С. 321-324.

14. Калужский М.Л. Электронная коммерция: маркетинговые сети и инфраструктура рынка // ОмГТУ. – Москва: Экономика, 2014. – 328с.

15. Кобелев О.А. Электронная коммерция: учеб. пособие / Под ред. проф. С.В. Пирогова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2003. – С. 10.

16. Ковалев С., Ковалев В. Секреты успешных предприятий: бизнес-процессы и организационная структура. – М.: БИТЕК, 2012. – 498 с.

17. Огородова М.В., Быстрова Н.В., Уханов А.Ф. Исследование теоретических подходов к содержанию имиджа организации // Современные научные исследования и инновации. 2016. № 12 (68). С. 490-492.

Мирзоалиев А.А., - мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. E-mail: menejment_08@mail.ru Телефон: (+992) 934444145

Кабутов Қ.М. – муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. E-mail: menejment_08@mail.ru Телефон: (+992) 935242191

Мирзоев Т.З. – докторанти (PhD) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. E-mail: tohir.mirzoev.90@mail.ru, Телефон: (+992) 918506930

Мараимов Б.М.
Мухторзода С.С.

МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Мараимов Б.М.
Мухторзода С.С.

ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Maraimov B.M.
Mukhtorzoda S.S.

PROBLEMS AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF RETAIL TRADE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DIGITAL ECONOMY SYSTEM

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ тағйиротҳо ба амал омада истодааст, савдои чакана ҳам бе таъсир монда наметавонад. Дар мақолаи мазкур мушкилот ва дурнамои рушди савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми иқтисоди рақамӣ баррасӣ шуда, роҳҳои имконпазири ҷорӣ кардани равандҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана пешниҳод карда мешавад.

Вожаҳои калидӣ: иқтисоди рақамӣ, тиҷорати электронӣ, савдои чакана, истеъмолкунанда, хариди онлайн.

В процессе глобализации, когда происходят изменения во всех сферах жизнедеятельности общества, экономическая деятельность, в частности розничная торговля не может остаться в стороне. Поэтому в наше время комплексный обзор системы цифровой экономики в розничной торговле очень важен.

Ключевые слова: цифровая экономика, электронная коммерция, розничная торговля, потребитель, онлайн-покупки.

In the process of globalization, which changes in all areas of economic activity, retail trade cannot remain unaffected. Digital business is developing in most countries of the world. In this article, the problems and prospects of the development of retail trade of the Republic of Tajikistan in the digital economy system are discussed, and possible ways of introducing digital processes in retail trade enterprises are proposed.

Keywords: digital economy, e-commerce, retail, consumer, online shopping.

Дар шароити муосир, бо назардошти вазъи макромуҳит, аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ, новобаста аз мансубияти соҳавӣ, маҷбуранд, ки воситаҳои гуногунеро истифода баранд, ки мавқеи худро дар бозор нигоҳ доранд. Ба конеъ гардондани талаботи харидорон, ташаккули дараҷаи баланд ва сифати хизматрасонии савдо дар ҳамаи раванди муносибатҳо бо истеъмолкунанда диққати махсус додан лозим аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки инқилоби рақамӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар авҷ аст ва ҳеҷ як соҳа наметавонад аз он канорагирӣ намояд. Фаҳмиши дурусти тамоюлҳо он ба ширкат имкон медиҳад, ки устувории тиҷоратро афзоиш дода, дар муддати кӯтоҳ фоидаи молиявӣ ба даст орад.

Дар шароити муосир яке аз воситаҳои гузариш ба фаъолияти инноватсионӣ, ки роҳро барои иқтисодиёти рақамӣ мекушояд, ин савдои чакана мебошад. *Б*ояд қайд намуд, ки талаботи истеъмолкунандагони имрӯза зудтағйирёбанда мебошад. Аз он ҷумла, дар давраи пандемияи COVID-19, чунки истеъмолкунандагон маҷбур буданд тарзи кор, харид ва муоширатро зуд тағйир диҳанд. Инчунин, тағйирёбии бозори савдои чакана ширкатҳоро маҷбур месозад, ки роҳи инноватсионии рушдро пайдо намуда, дар бозор рақобатпазир бошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар давраи нави тиҷорати электронӣ қариб ҳама гуна маҳсулотро

метавон онлайн фурӯхт. Имрӯз, бисёр одамон ҳаёти худро бе хариди онлайн тасаввур карда наметавонанд. Тиҷорати электронӣ ба аксари соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯза ворид шудааст. Инчунин дар давраи пандемияи COVID-19 тиҷорати электронӣ рушд намуд. Аз сабаби имконияти ба мағозаву бозор рафта натавонистани истеъмолкунанда, ба хариди онлайн гузаштанд.

Барои истеҳсолкунандагон ва миёнаравон, тиҷорати онлайн ба маънои муайян ҳаётро содда карда, боиси афзоиши фурӯш гардид, аммо дар айни замон онҳоро маҷбур кард, ки равандҳои дохилиро вобаста ба вазъи бозор омода созанд ва ба тағйироти бозор зуд омода бошанд. Ҳоло тамоюлҳои асосии бозор ин тағйир ёфтани бозор мебошад, яъне барои рақамикунонии равандҳои бизнес ё ба кор андохтани платформаҳои нави савдо дар оянда чӣ бояд кард ва оҳиста оҳиста аз шакли кӯҳнаи савдо ба шакли нав гузашт[4].

Ҳангоми ташкил намудани низоми иқтисоди рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана саволи муҳим ва асосӣ ин мебошад: чигуна технологияҳои муосирро барои дарёфти роҳҳои нави афзоиши даромад ва ташкили моделҳои инноватсионии тиҷоратӣ истифода намуд?

Барои ташкили низоми иқтисоди рақамӣ дар шароити рақобати бозор омилҳои хело ҳам зиёд таъсир мерасонанд. Омилҳои асосии табдилдиҳии иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана аз инҳо иборатанд[3]:

Зарурият ба маркетинги инноватсионӣ, рӯз аз рӯз дар соҳаи саноат афзуда истодааст, ки ин албатта бо инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ вобастагӣ дорад.

Таҷрибаи аксарияти корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти давлатҳои пешрафта шаҳодат аз он медиҳад, ки барои таъминоти рақобатпазирӣ ва бомувафаққият фаъолият намудани корхонаи саноатӣ дар бозор истифодаи тарзу усулҳои маркетинги инноватсионӣ дар он зарур аст [8, саҳ. 96]. Вазъи бозор ва муҳити вай маҷбур месозад, ки корхонаҳои соҳаи саноат чорабиниҳои маркетинги инноватсиониро ҳамавақт гузаронад.

Корхонахои саноатие, ки принсипҳои маркетинги инноватсиониро дар ҷараёни гузаронидани фаъолияти тадбиқ менамоянд ба мақсадҳои зерин соҳиб шуда метавонанд:

– зиёд намудани шумораи харидорон, ки боиси устувор гардидани вазъи молиявии онҳо мегардад;

- устувор гардонидани мавқеи худ дар бозор, ки боиси зиёд гардидани даромаднокии онҳо мегардад;
- таъминоти ликвиднокии маҳсулти истеҳсолнамуда, ки суръати гардиши молиро таъмин менамояд.

Барои тадбиқи мақсадҳои маркетинги инноватсионӣ ноил гардидан корхонаҳои саноатӣ бояд:

- ояндабинии талаботи харидорон;
- таъминоти дифференсиалии системаи нархгузорӣ;
- ташкили истеҳсолоти дифференсиалӣ.

Низоми иқтисодиёти имрӯза, ки дар он рақобат шадид мебошад [3,4,6,8,9] ҳар як корхонаи саноатиро ба он водор месозад, ки барои фаъолият намудан ва мавқеи истеҳсолии худро дар ин фазои зуд тағйирёбандаи рақобат нигоҳ доштан аз тадқиқоти маркетинги инноватсионӣ истифода намоянд. Бинобарон корхонаи саноатӣ, бояд бозорро ҳамавақт таҳқиқ намуда фаъолияти худро мутобиқ гардонанд. Тадқиқотҳои маркетинги инноватсионӣ– ин низоми омӯзиши ҳамаҷонибаи ташкили истеҳсоли маҳсулот ва фурӯши он мебошад, ки ба қонеъсозии талаботи гурӯҳҳои харидорон ва гирифтани фоида дар асоси омӯзиш ва пешгӯии тағйирёбиҳои бозор равона карда шудааст. Бо ибораи дигар, тадқиқотҳои маркетинги инноватсионӣ, ин ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳо бо мақсади ташкили истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии мақсаднок мебошад [3, саҳ. 11]. Аз ин рӯ, зарурияти гузаронидани тадқиқотҳои маркетинги инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ бо вазифаҳои мушаххаси он алоқаманд мебошад:

- кор карда баромадани қарори стратегӣ оиди тараққиёти корхонаи саноатӣ ва васеъ гардонидани доираи фаъолияти он;
- ошкор сохтани имкониятҳо барои ишғол кардани мавқеи рақиб дар сегменти бозор;
- таблиғ ва ҷойгир намудани молу маҳсулоте, ки фурӯши бомуваффақият доранд;
- тадқиқотҳои маркетинги инноватсионӣ, ин ҷараёни доимӣ ва мунтазам амалкунанда мебошад.

Мувофики натиҷаҳои тадқиқотҳо андозаи талаботи ҷорӣ ва оянда ба молу хадамоти корхона муайян карда мешавад. Инчунин пешгӯии тамоюли тараққиёти корхонаи саноатӣ ва соҳаҳои фаъолияти он омода карда мешавад. Тадқиқоти маркетинги инноватсионӣ – ин ҷамъоварии ахборот ба таври системавӣ оиди бозор, таҳлили он ва натиҷагирию пешниҳоди хулосаҳо мебошад.

Барои дар фазои рақобат бомуваффақият фаъолият кардан, корхонаи саноатӣ бояд принсипҳои зерини фаъолияти маркетинги инноватсиониро истифода барад[1, саҳ. 209]:

1. Мақсаднокӣ барои ноилшавӣ ба натиҷаи охирини амалии фаъолияти истеҳсолӣ;

2. Самти амал (нигаронидашавӣ), ин мақсади якдақиқаина набуда, балки натиҷаи кори дуру дарози маркетинги инноватсионӣ аст. Ин барои тадқиқоти дурбинӣ диққати махсусро талаб мекунад, ки дар асоси натиҷаҳои ӯ истеҳсоли мол ва бозори нав кор карда баромада мешавад, то ки онҳо даромаднокии баланди фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатиро таъмин намоянд.

3. Истифодабарии нақшаҳои тактикӣ ва стратегии таъминоти мавқеъгироӣ корхона дар бозор.

Бидуни ин принсипҳои мазкур, дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ фаъолияти корхонаҳои соҳаи саноат аз рӯи панҷ консепсияи маркетинги инноватсионӣ амал мекунанд [5, саҳ. 38-42]:

1. Консепсияи мукаммалгардонии истеҳсолӣ, ки истеҳсоллоти дифференсионалӣ-инноватсионии маҳсулотро таъмин менамояд.

2. Консепсияи такмилдиҳии мол, асосан ба такомулдиҳии хусусиятҳои истеъмолии маҳсулот равона карда шудааст.

3. Консепсияи бошиддат гардонидани истеҳсолот, ки таъминоти ликвиднокии маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаро бо назардошти технологияи муосири хизматрасонӣ дар бар мегирад.

4. Консепсияи маркетинги инноватсионӣ, ки се хусусияти маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаро дар бар мегирад: сарфакорӣ, бисёрфункционалӣ ва фоиданокӣ.

5. Консепсняи одобу ахлоқи маркетинги инноватсионӣ. Вазифаи асосии корхонаи саноатӣ муайян кардани иқтидори талабот, манфиати бозорҳои мақсаднок ва таъминоти хоҳиши истеъмолкунандагон бо усулҳои боз ҳам сермаҳсул, самаранок, нигоҳ доштан ё худ баланд бардоштани некӯаҳволии истеъмолкунанда мебошад. Консепсияи мазкур имкон медиҳад, ки ҷараёни истеҳсол ва фурӯши мол ба харидорон бо назардошти омилҳои маданӣ, фарҳангӣ ва риояи арзишҳои шахсии харидорон ба роҳ монда шавад.

Консепсияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар фазои рақобат пурзӯр гардида, истеҳсол ва гардиши молии онҳо тезонида шавад ва бо ин васила фоиданокии онҳо, низ таъмин гардад.

Албатта навъҳои маркетинги инноватсионӣ ва истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки мавқеи корхонаи саноатӣ дар вазъияти гуногуни бозор устувор гардида шумораи харидорони он зиёд карда шаванд. Бинобарон модели назариявӣ-инноватсионии фаъолияти имрӯзаи корхонаҳои саноатиро, чунин тавсиф намудан мумкин аст:

$$P_{max} = \sum_{i=\infty}^{n} \omega D_c + NC_{max}, (1)$$

Дар ин ҷо: P_{max}- даромад, ё худ фоидаи максималӣ, ωD_c-қонеъ гардонидани критерияҳои талаботи ниҳоӣ харидор, NC_{max}- зиёд намудани шумораи харидорон.

Бинобарон, дар натиҷаи кам шудани шумораи харидорон мавқеи корхона дар бозор суст гардида ва зъи молиявии он ноустувор мегардад.

Ҳамин тавр, истифодаи принсип, консепсияҳои маркетинги инноватсионӣ дар низоми имрӯзаи иқтисодиёт имкониятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро оид ба ташкили самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, таъминоти рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо фароҳам меоваранд.

Адабиёт

1. Божук, С. Г. Маркетинговые исследования : учебник для вузов / С. Г. Божук. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 304 с.
2. Бойматов, А. Қодиров А. Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг. Хуҷанд: ҶММ «Хуросон». 2002. – 290 с.
3. Дудакова И.А. маркетинг формирования и развития региональной инфраструктуры розничной торговли на примере городов (теория, методология, практика): автореферат диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / И.А Дудакова; спец. 08.00.05 Экономика и управление народным хозяйством: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами (сфера услуг). – ростов-на-Дону, 2011. – 48 .
4. Карпова С. В. Инновационный маркетинг : учебник для вузов / [и др.] ; под общей редакцией С. В. Карповой. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 474 с.
5. Калюжнова, Н. Я. Современные модели маркетинга : учебное пособие для вузов / Н. Я. Калюжнова, Ю. Е. Кошурникова ; под общей редакцией Н. Я. Калюжновой. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 170 с.
6. Котлер Ф. Основы маркетинга: Пер. с англ. /Общ.ред. и вступ. ст. Е.М.Пеньковой. - М.: Прогресс, 1993. – 420 с.
7. Мадаминов А. Асосҳои маркетинг (Курси мухтасари лексия). Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", с. 2007. с. 14
8. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 180 с.
9. Фарахутдинов, Ш. Ф. Современные тенденции и инновационные методы в маркетинговых исследованиях: учебное пособие / Ш.Ф. Фарахутдинов. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 231 с.

Ниёзов Ҷ.С. - н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДИСДДТТ jsafarovich84@gmail.com

Мизробов С.С.

РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Мизробов С.С.

РУШДИ ИҚТИДОРИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Mizrobov S.S.

DEVELOPMENT OF INNOVATIVE POTENTIAL OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

В статье описывается состояние инноваций в различных отраслях промышленности Республики Таджикистан. Приведен анализ состояния и развития промышленных предприятий в Республике Таджикистан. Рассмотрена политика Правительством Республики Таджикистан в сфере промышленности. Выявлены особенности промышленного предпринимательства и его роль в народном хозяйстве, определены стратегии и функции его развития.
Ключевые слова: инновационная деятельность, промышленное предпринимательство, инновационная стратегия, инновационная политика, инновационная инфраструктура, инновационное развитие

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақола вазъи инноватсия дар соҳаҳои гуногуни саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир шудааст. Ҳолати муосир ва рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саноат баррасӣ гардидааст. Хусусиятҳои соҳибкории саноатӣ ва нақши он дар хоҷагии халқ ошкор карда шуда, стратегия ва вазифаҳои инкишофи он муайян карда шудаанд.
Вожаҳои калидӣ: фаъолияти инноватсионӣ, соҳибкории саноатӣ, стратегияи инноватсиони, сиёсати инноватсионӣ, инфрасохтори инноватсиони

The article describes the state of innovation in various industries of the Republic of Tajikistan. The analysis of the state and development of industrial enterprises in the Republic of Tajikistan is given. The policy of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of industry was considered. The policy of the Government in the field of industry and laws adopted by the Government of the Republic of Tajikistan will be considered. The features of the innovation system in an open economy are highlighted.
Keywords: innovation activity, industrial entrepreneurship, innovation strategy, innovation policy, innovation infrastructure, innovation development

Переход национальной экономики на инновационный путь развития предопределяет необходимость институциональных изменений в организации инновационного процесса, выработки механизмов активизации инновационной деятельности промышленных предприятий[1.С,12]. Одним из направлений институциональных преобразований в инновационной сфере является формирование и развитие инновационного потенциала промышленных предприятий в Республике Таджикистан. Развития промышленного предпринимательства считается ключевой задачей в рамках стратегических инициатив национального развития экономики Республики Таджикистан. Следует отметить, что инновационная деятельность осуществляется по разным направлениям, в разных сферах экономики промышленными предприятиями. Экономика любой страны состоит из множества отраслей: промышленности, сельского хозяйства, транспорта, строительства, связи, торговли и т.д. Но основу экономики государства составляет промышленность. К промышленному сектору относятся те сектора, которые имеют различные внутренние факторы, технологии производства, технические показатели, организацию труда, рабочий процесс и т. д., в соответствии с которыми для каждого из них необходима определенная организационная система.

Задачи ускоренной индустриализации поставили перед Таджикистаном острую проблему активизации инновационной деятельности, вызванную как специфическим состоянием экономики, так и рядом ресурсных ограничений, сдерживающие динамичное экономическое развитие[2.С,77]. С обретением членства в ВТО Республика Таджикистан приняла на себя обязательство достигнуть и поддерживать должный уровень инновационного развития и конкурентоспособности национальной экономики. Здесь все большее значение в формировании национальной инновационной системы приобретают кластерные структуры, построенные на сотрудничестве предприятий, финансово-кредитных учреждений, научно-исследовательских, учебных заведений и др. Так, четвертой стратегической целью Национальной стратегии развития до 2030 года провозглашена цель индустриального инновационного развития экономики, что включает круг важных задач, связанных с переходом традиционной деятельности промышленных предприятий на инновационной тип хозяйствования. С этой целью становится необходимым изучение современной политики государства в области формирования благоприятных условий для активизации инновационной деятельности в экономике Республики Таджикистан[5].

Инновационный потенциал промышленных предприятий как постоянная характеристика проявляется в их имеющихся вероятностях для осуществления инновационной деятельности, а качество использования инновационного капитала, передаваемых знаний, воплощенных в инновациях, определяется уровнем доверия и теснотой связей между государством и экономическими субъектами[2.С,78].

В последние годы в Республике Таджикистан сформировалось достаточное нормативно-правовое поле регулирования научной и инновационной деятельности. К основным законам, регулирующим инновационной деятельностью относятся: Гражданский кодекс Республики Таджикистан, часть 3, от 1 марта 2005 года №84, Закон Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года №597 «О науке и государственной научно-технической политике» (по состоянию 31.12.2008). Налоговый кодекс Республики Таджикистан в новой редакции от 14 ноября 2020 года №1367, Закон Республики Таджикистан от 10 апреля 2002 года №605 «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан», Закон Республики Таджикистан от 16 апреля 2012 года №822 «Об инновационной деятельности», Стратегия развития отдельных отраслей промышленности Республики Таджикистан на 2015- 2024 годы, Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на период 2020-2025 года. Утверждено постановлением Правительства Республики Таджикистан, от 27 май 2020, №293.

Анализ нормативно-правовых актов регулирования инновационной деятельности в Республике Таджикистан свидетельствует о поэтапном внедрении законодательных принципов и инициатив всестороннего развития инновационной деятельности для создания условий развития инновационной деятельности в экономике Республики Таджикистан.

Важнейшим стратегическим документом, который регулирует приоритетные направления развития национальной экономики в долгосрочном периоде, является Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Третий сценарий стратегического развития экономики Республики Таджикистан, связанный с формированием инновационных подходов поддержки развития отраслей национальной экономики, является сценарий индустриально– инновационного развития. Реализация данного сценария запланирована с изменением следующих параметров деятельности национальной экономики, таких как достижение высоких темпов роста ВВП (8-9% в среднем в год), увеличение объема ВВП в 3,5 раза к 2030 году, увеличение объема ВВП на душу население за счет увеличения бюджетных расходов на образование и науку, рост доли промышленности и сокращение доли сельского хозяйства в структуре ВВП[5].

Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы на первом этапе реализации приоритетов национальной стратегии развития направлена на повышение конкурентоспособности национальной экономики, где реализация основных приоритетов представлялась в три этапа. Первый этап предусматривал решение задачи технического перевооружения предприятий отрасли на основе политики заимствования передовой технологии. Второй этап был направлен на формирование промышленных кластеров по переработке сырья и выпуску готовый продукции. Третий этап предполагал реализацию мероприятий, направленных на стимулирование экспорта за счет увеличения объемов конечной промышленной продукции[6].

В качестве основных мер, направленных на формирование инновационного потенциала промышленных предприятий, Программа среднесрочного развития включала несколько задач, в том числе:

- разработка и реализация единой промышленной программы, направленной на формирование и развитие промышленных кластеров в различных отраслях промышленности;
- развитие возможности для реализации проектов государственного- частного партнерства и создание отраслевых ассоциаций;
- реализация комплекса мер по повышению эффективности НИОКР и развития наукоёмкой производств, формирования инновационного потенциала промышленных предприятий путем усиления взаимодействия науки с производством, создания технопарков, бизнес-инкубаторов, на основе привлечения средств инновационных фондов, создания и использования фонда венчурного капитала, финансирующего инновационные возможности (потенциал) промышленных предприятий;
- разработка и реализация механизма льготного кредитования для закупки нового оборудования из развитых стран;
- освобождение от НДС и таможенных пошлин, запчастей для оборудования, сырья и материалов, которые не производятся в республике;
- создание благоприятных условий для развития отраслей промышленности с использованиями местной сырьевой базы.

Несмотря на то, что Программа предусматривала широкий спектр действий, направленных на развитие инновационного потенциала промышленных предприятий, включая совершенствование мер таможенно-тарифного регулирования, мер кредитно-финансовой и налоговой политики, а также совершенствование нормативно-правовой базы, в качестве ключевых прогнозных показателей измеримости развития инновационного потенциала страны стала динамика расходов государственного бюджета на науку и показатель роста доли занятых в НИОКР. Отражение влияния данных показателей на прогнозные значения представлено в таблице 1.

Таблица 1. Прогнозные значения расходов на науку и доли занятых на НИОКР, в сравнении с общими показателями развития промышленности по индустриально-инновационному сценарию

Показатели	2015	Прогнозные значения по НСР 2030 и ПСР РТ 2016-2020						
	Базовый	2016	2017	2018	2019	2020	2025	2030
Темпы роста реального ВВП (в %)	6.0	6,0	6,3	6,7	6,8	7,5	6,0-7,0	
Доля промышленности к ВВП (в %)	12,3	≥ 0,13	≥ 0,13	≥ 0,13	≥ 0,13	≥ 0,13	≥ 0,16	≥ 0,20-20,5
Объем промышленной продукции (млн. сомони)	12173	13400	14700	16100	17700	19500	-	-
Рост объема промышленной продукции (к 2025 году, %)	100	110	120	132	145	160	260	400
Экспорт, млн доллара США (темпы роста к предыдущему году в %)	927 (-97,9%)	950 (102,8%)	1000 (104,5%)	1200 (122,5%)	1400 (116,2%)	1600 (115,2%)	- (112,2%)	
Импорт, млн долларов США (темпы роста к	3327 (77,4%)	3300 (98,0%)	3300 (100,2 %)	3200 (98,7 %)	3200 (97,1 %)	3100 (97,5 %)	- (98,3%)	

предыдущему году в %)								
Доля занятых исследованием и разработками в общей численности занятых (%)	0,15	≥ 0,18	≥ 0,2	≥ 0,25	≥ 0,28	≥ 0,3	≥ 0,5	≥ 0,6 - 0,65
Расходы государственного бюджета на науку (в% к ВВП)	0,15	≥ 0, 18	≥ 0,5	≥0,75	≥ 0,9	≥ 1	≥ 1,2	≥ 1,5

Источник: Национальная стратегия развития 2030, с.121,124, Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 гг., с 217

Перечень мероприятий по практической реализации основных целей и задач в области стимулирования и развития инновационной деятельности промышленного производства, в том числе государственной политики по содействию процессу формирования инновационного потенциала промышленных предприятий, включены в целевые показатели отраслевых стратегий, таких как Стратегия развития промышленности Республики Таджикистан на период до 2030 года, Стратегия развития отдельных отраслей промышленности на период 2015-2024 годов, Государственная программа ускоренной индустриализации на 2020-2025 годы, Государственную программа экспортной направленности и импортозамещения на 2016-2020 годы, и Программа инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 гг.

По статистике объем производства промышленной продукции растет из года в год составляет объем производства промышленной продукции в Республике Таджикистан 20,3 млрд сомон увеличились в 2020 году по сравнению с 2014 годом, эти показатели они свидетельствуют о том, что четвертая цель национальной стратегии, т. е. индустриализация в настоящее время находится в стадии разработки, как показано на таблице 2.

Таблица 2. Основные показатели развитие сферы промышленности в Республики Таджикистан

Показатели	Годы							Темпы роста в 2020г к 2014г в % (+/-)
	2014	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	
Число промышленных предприятий в том числе:	2164	2310	2043	1999	2161	2164	2283	5,4
Добывающая промышленность	154	214	232	229	249	250	264	71,4
Обрабатывающая промышленность	1980	2071	1772	1732	1806	1746	1846	-7,8%
Объем промышленной продукции (млрд.сом.) в том числе:	10,5	12,2	15,1	20	23,9	27,5	30,8	2,9 раза
Добывающая промышленность	1402	1641	3004	4524	4686	4853	4309	3,1 раза
Обрабатывающая промышленность	6959	8006	9368	11176	13520	15952	19054	2,7 раза

Источник: Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистики при Президенте Республики Таджикистан-Душанбе 2021 стр. 394-398.

Таким образом, исходя из статистических данных 2020 структура отрасли страны, в том числе: горнодобывающая промышленность -13,9% (12,4%), обрабатывающая промышленность -61,7% (69,0%) и производство и распределение электроэнергии, газа и воды -24,4% (18,6%). А именно промышленность страны постоянно развивается и технически оснащена. Понятно, что самостоятельность государства со стадией развития, реальный потенциал отрасли отечественный с более чем 90 производств и более 140 видов продукции в этом направлении для показывает мира.

Роль государства в обеспечении экономических, политических, научно-технических,

социальных и интеллектуальных условий для развития промышленного предпринимательства в Республике Таджикистан очень велика. Страны, которые не обеспечивают требуемый уровень образования, развития науки и качества информационной среды, находятся в сильной зависимости от финансовых и информационных центров, что всегда является сущностью задачи поиска природных ресурсов и людских ресурсов для транснациональных корпораций и развитых стран, которые накапливают и хранят глобальный интеллектуальный потенциал.

Основными направлениями деятельности и развития промышленного предпринимательства в Республике Таджикистан являются:

• во-первых, постепенное увеличение производственных мощностей; • во-вторых, укрепление конкурентоспособности выпускаемой продукции;

• в-третьих, расширение экспортного потенциала страны в целом и ее отдельных регионов;

• в-четвертых, повышение научно-технического уровня производства с широким использованием современных технологий;

• в-пятых, обеспечить рынок продукцией, соответствующей международным стандартам.

В то же время необходимо разработать и внедрить систему предоставления государственных гарантий по кредитам коммерческих банков и других финансовых учреждений на республиканском уровне, что будет стимулировать реализацию инвестиционных проектов субъектами промышленной предпринимательстве страны.

Исходя из вышеизложенного, мы имеем полную уверенность, что все важные планы и цели стратегия страны, особенно цель быстрой индустриализации в ближайшем будущем в Республика Таджикистан войдет в число развитых стран.

ЛИТЕРАТУРА

1. Джумаев У.М., Наджмиддинзода А.М. Оценка современной политики формирования инновационного потенциала промышленных предприятий Республики Таджикистан/ У.М. Джумаев, А.М. Наджмиддинзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2022. - № 2 - С.75-96.

2. Комилов С.ДЖ. Инновационный кластер: условия проблемы становления / С.ДЖ. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2022. - № 1 - С.12-19.

3. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. Монография. -Душанбе: «Шарки озод»,2019. - С. 132

4. Инновационный менеджмент в России: вопросы стратегического управления и научно-технологической безопасности / Руководители авт. колл. В.Л. Макаров, А.Е. Варшавский. -М.: Наука, 2004. -880 с.

5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, от 01.10.2016 г., №392.

6. Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на период 2020-2025 года. Утверждено постановлением Правительства Республики Таджикистан, от 27 май 2020, №293.

7.Стратегия развития отдельных отраслей промышленности Республики Таджикистан на 2015- 2024 годы.

8.Стратегия развития промышленности Республики Таджикистан до 2030 года.

9. Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021. –С.335-400.

Мизробов Саидафзал Сиадходжаевич- к.э.н., и.о. дотсент, кафедры менеджмента ТГУК. E-mail: saidafzal82@mail.ru. Телефон: (+992) 93 599 70 19

Абдураҳмон Ҳ.
Шамсов Ф.Т.

БАРТАРИЯТҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАРКЕТИНГИ РАҚАМӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Абдурахмон Х.
Шамсов Ф.Т.

ПРЕИМУЩЕСТВА И ОСОБЕННОСТИ ЦИФРОВОГО МАРКЕТИНГА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Abdurahmon H.
Shamsov F.T.

ADVANTAGES AND FEATURES OF DIGITAL MARKETING IN MODERN CONDITIONS

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур муаллифон хусусиятҳои маркетинги рақамӣ ва онлайниро дар қиёс ба маркетинги анъанавӣ баррасӣ намудаанд. Мавқеи махсусро дар маркетинги рақамӣ шарҳи шабака ва воситаҳои маркетинги рақамӣ ишғол мекунад. Маркетинги рақамӣ ба мисли робитаҳои рақамӣ аз рӯи табиати худ фаъол мебошад. Медияҳои рақамӣ бошад ин маҷмӯи пешбарандагони рақамии паёмрасонҳои рекламавӣ мебошад.
Вожаҳои калидӣ: маркетинги рақамӣ, шабакаҳо ва воситаҳои маркетинги рақамӣ, онлайн-маркетинг, маркетинги нав, маркетинги электронӣ, интернет-маркетинг, маркетинги интерактивӣ, медияҳои нав, реклама, шабакаҳои иҷтимоӣ.

В статье рассматриваются особенности цифрового, онлайн маркетинга по отношению к традиционному офлайн маркетингу. Особое место в статье посвящено обзору каналов и инструментов цифрового маркетинга. Цифровой маркетинг, как и цифровые коммуникации, являются по своей природе таргетированными и интерактивными. Цифровые медиа (или новые медиа) представляют собой комплекс цифровых носителей рекламных сообщений.
Ключевые слова: цифровой маркетинг, каналы и инструменты диджитал маркетинга, онлайн-маркетинг, новый маркетинг, электронный маркетинг, интернет - маркетинг, таргетированный маркетинг, интерактивный маркетинг, новые медиа, реклама, социальные сети.

The article discusses the features of digital, online marketing in relation to traditional offline marketing. A special place in the article is devoted to an overview of digital marketing channels and tools. Digital marketing, like digital communications, is targeted and interactive in nature. Digital media (or new media) is a complex of digital carriers of advertising messages.
Key words: digital marketing, digital marketing channels and tools, online marketing, new marketing, electronic marketing, internet marketing, targeted marketing, interactive marketing, new media, advertising, social networks.

Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ташаккули хизматрасониҳои электронӣ яке аз воситаҳои муҳими таъмини рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Бозори хизматрасониҳои электронӣ ҷузъи асосии соҳаи хизматрасонӣ буда, дар он маҳсулоти гуногун дар шакли электронӣ пешниҳоди эҳтиёҷмандон гардонида мешавад. Бо шарофати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкониятҳои бозор васеъ гардида, дар он давра ба давра хизматрасониҳои нав ворид карда мешаванд.

Вобаста ба таъмин намудани амнияти иттилоотӣ ва рушди иқтисодиёти рақами Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд намуданд: “Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100

нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест.” [5]

Татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсон боиси ташаккули соҳаи хизматрасониҳо аз он ҷумла, асоси боло рафтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хусусан суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мегардад.

Маркетинги рақамӣ (digital marketing) ин маркетинги пешбурди маҳсулот ва хизматрасонӣ бо истифодабарии шабакаҳои рақамӣ барои фарогирии истеъмолкунандагон мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ мумкин аст вожаҳои гуногун аз қабилӣ, “маркетинги рақамӣ”, “digital marketing”, “онлайн-маркетинг”, “маркетинги нав”, “маркетинги электронӣ”, “интернет-маркетинг”, “маркетинги интерактивӣ” ва ғайраро во хӯрдан мумкин аст. Ҳамаи онҳо як маъно, яъне ҷалби истеъмолгарони имконпазир барои хариди мол ва хизматрасониҳои ширкатҳоро доранд. Дар он шаклҳо ва тарзҳои гуногуни ҷалб ва нигоҳдории муштариён бо мақсадҳои пешбурди брендҳо ба бозор ва афзоиши фурӯши маҳсулоти ширкат истифода бурда мешавад.

Ба чунин тарзҳо ва шаклҳои амалигардонии маркетинги рақамӣ технология, воситаҳо, шабакаҳо, усул, интернет-хизматрасониҳо ва дигар имкониятҳои муҳити рақамӣ оид ба пешбурди брендҳои ширкату ташкилотҳо дар бозори рақобатӣ дохил мешаванд. [1]

Мафҳуми “digital marketing” нисбат ба мафҳуми “интернет-маркетинг” васеътар аст, чунки он дар худ шабакаҳоеро дар бар мегирад, ки истифодаи интернет дар он талаб карда намешавад. [2]

Digital – робитаи рақамӣ метавонад ба иттилоот, контент (мусиқӣ ва филмҳо дар фиттаҳо, мақолаҳо дар Интернет ва ғайра), инчунин ба воситаҳои интиқоли иттилоот (телефони мобилӣ, плеер, ноутбук ва ғайра) истифода бурда шаванд.

Маркетинги рақамӣ ин вожаи умумӣ барои маркетинги мол ва хизматрасонӣ, ки шабакаҳои рақамиро барои ҷалб ва нигоҳ доштани муштариён истифода мебаранд. Одатан ин мафҳумро бо мафҳуми интернетмаркетинг омехта мекунанд, аммо онҳо аз якдигар фарқияти хос доранд. Аниқтараш маркетинги рақамӣ интернетмаркетингро низ фаро мегирад.

Маркетинги рақамӣ як қатор хусусиятҳои хоси зерин дорад:

1.Таъминотчии ғайримуттамаркази иттилоот, интихоби моликият, чиро бояд харид, яъне диалог бо харидорон амалӣ карда мешавад.

2. “Аз боло ба поён”. Хусусияти интиқоли иттилоот ба манфиати табиати интерактивӣ доштани пешбарандаҳои медиа куллан тағйир меёбад.

3. Медияҳои нав қобилияти интиқоли мултимедиявии контентро доранд. Онҳо аз инҳо иборатанд: матн, иттилоот, рақамҳо, ҷадвалҳо, сурат, видиёҳо, расм ва ғайраҳо.

4. Интиқоли иттилоот тавассути медияҳои нав дар тафовут аз ВАО воситаҳои техникӣ ва иттилоотӣ, технологияҳоро дар бар гирифта, ваколати касбии кормандонро низ талаб мекунад.

5. Медияҳои классикӣ ба мисли ВАО доираи номуайяни ашхосро бо иттилоот хабардор карда, хусусияти оммавии кор бо аудиторияро дорад. Интернетмедияҳои нав ҳамзамон ВАО-и нав табиати интереактивӣ доранд. Онҳо қобилияти интиқоли паёмакҳои мултимедиявиро дошта, алоқаи баръакс бо хонандагон аудиторияи мақсаднокро тақозо мекунад.

Қобили зикр аст, ки онҳо аз рӯи табиати худ фардӣ мебошанд. Принсипи робитаи ВАО-и муқаррарӣ “аз як ба бисёрӣ”, ВАО-и нав “аз бисёрӣ ба бисёрӣ” мебошад. Мутобиқи фарзия медияҳои нав ин;

1. Раванди таҳияи паёмакро метезонад;
2. Усулҳои пешинаро аз истифода берун месозад;
3. Бо тарзҳои анъанавӣ муттаҳид карда мешаванд;
4. Ба усулҳои кӯҳнаи таҳияи паёмакҳо бар гашта, аммо дар сатҳи баланд;
5. Медияҳои нав дар тафовут аз медияҳои анъанавӣ иттилоот (контент) дар реҷаи доимӣ нав карда, зуд дастрас карда мешаванд.

Мутахасисони “digital marketing” вақте, ки оид ба шабакаҳои интиқоли контент сухан меронанд, вожаи “медияҳои рақамӣ”-ро дар назар доранд. Муқоисаи тавсифи панҷ гурӯҳи асосии медиа-шабакаҳо дар ҷадвали 1. оварда шудааст. [3]

Ҷадвали 1.

Муқоисаи гурӯҳҳои асосии медиа-шабакаҳо

Нишондиҳанда	ВАО	Медияҳои интерактивӣ	Медияҳои назоратшаванда	Чорабиниҳои оммавӣ	Робитаи “як ба

					як”
Хусусияти робита	Ғайри байнишахсӣ	Ғайри байнишахсӣ	Ғайри байнишахсӣ	Қисман ғайри байнишахсӣ	Байнишахсӣ
Самти робита	Яктарафа	Қисман дутарафа	Яктарафа, дутарафа дар низоми онлайн	Қисман дутарафа	Дутарафа
Дараҷаи истифодабарии технология	Баланд	Баланд	Миёна	Миёна	Поён
Соҳибмулки шабака	Медияширкат	Ширкат ё ташкилот	Сарпараст	Сарпараст ё ташкилотчӣ	Ягон кас
Кӣ паёмакро интихоб мекунад	Рӯзномонигорон, муҳаррирон, продюсерон	Қабулкунанда	Сарпараст	Сарпараст ё ташкилотчӣ	Ягон кас
Фарогирии удитория	Паст	Баланд	Миёна	Миён	Баланд
Фарогирӣ	Баланд	Аз миёна ба паст	Аз миёна ба паст	Паст	Паст
Нарх барои контент	Баланд	Миёна	Миёна	Паст	Паст
Халалҳои асосӣ барои расидан ба самаранокӣ	Рақибӣ ва ғавғо	Бояд дастрасӣ дошта бошад	Дизайн ва расонидан, паҳн кардан	Ташриф оварданва муҳит	Ирода Ва нерӯи шахсӣ

Шабакаҳои маркетинги рақамӣ ин фазои моддӣ-техникие, ки барои ташкили алоқа байни тарафҳо, интиқол ва мубодилаи иттилоот таъин гардидаанд. Вазифаи шабакаҳои робита – ташкили алоқа, интиқол ва мубодилаи иттилоот мебошад.

Вазифаи digital-робитаҳои маркетингӣ ин интиқол ва мубодилаи иттилоот байни тарафҳо, таҳияи ташкили воқеияти нав ҳангоми иштироки фаъоли тарафҳо мебошад. Тарафҳо дар ин ҷо истеҳсолкунандаи реклама ва истеъмолкунандаи он ба ҳисоб меравад. Як тараф истеҳсолкунандаи реклама тавассути маҷмӯи чорабиниҳо харидорони имконпазирро оид брендҳои ширкати худ бо мақсади амалӣ намудани интихоби харидкунӣ хабардор мекунанд. Дигар тараф истеъмолкунанда иттилоотро қабул, коркард ва интихоби бошуури хариди худро амалӣ месозад. Дар ҷадвали 2. тавсифи муқоисавии шабакаҳо ва воситаҳои анъанавӣ ва маркетинги рақамӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 2.

Шабакаҳо ва воситаҳои анъанавӣ ва маркетинги рақамӣ

Шабакаҳои анъанавии маретинг	Шабакаҳои маркетинги рақамӣ	Воситаҳои маркетинги рақамӣ
Реклама дар ВАО (ATL-реклама)	Компютор ва планшетҳо	Медияҳои нав, медия
Ҳавасмандгардонии фурӯш (BTL)	Смартфонҳо	Почтаҳои электронӣ
Робита бо ҷомеа (PR)	Телефонҳои ҳушманд	Рекламаи контекстӣ
Фурӯши шахсӣ	Веб-сомонаҳо ва блогҳо	Рекламаи баннерӣ
Рекламаи беруна	Шабакаҳои иҷтимоӣ	Рекламаи таргетӣ
Ҷои фурӯш	Хостинги видиёӣ	Ретаргетинг
Чорабиниҳои намоишгоҳӣ ва ярмаркавӣ	POS – терминалҳо, видиёкамераҳо	Рекламаи нативӣ
Маркетинги мустақим ва директ-маркетинг	Шабакаҳои локалӣ	Рекламаи вирусӣ ва партизанӣ дар интернет
Рекламаи вирусӣ ва партизанӣ	Телевизиони рақамӣ	SMM (медияҳои иҷтимоӣ)
Борҷома	Экранҳои интерактивӣ	Реклама дар шабакаҳои иҷтимоӣ

Сарпарастӣ	Дастгоҳҳои ёридиҳанда барои бозӣ	SEO (пешбурди органикии сомона)
Иҷозатномадиҳӣ	Худхизматрасонии терминалӣ	Маркетинги мобилӣ; Рекламаи намоишӣ; Блогнависӣ.
Хизматрасонӣ	QR рамзҳо дар плакатҳои реклamавӣ ва маҷаллаҳо	Digital Art
Ивент-чорабинӣ		Ирсоли паёмакҳо
Армуғонҳои махсус		Маркетинги шарикӣ (насли пешсаф)
Маркетинг-микс		QR-рамзҳо

Ба воситаҳои маркетинги рақамӣ чорабиниҳое дохил мешаванд, ки онҳо имконият медиҳанд, миқдори зиёди одамонро хабардор ва таваҷҷӯҳи аудиторияи мақсаднокро ба маҳсулот ё хизматрасониҳои ширкат ва ташкилот ҷалб намуд. Бештари вақт, онҳо муштаракан бо якчанд воситаҳои маркетинги рақамӣ кор мекунанд.

Интернетмаркетинг ин “SEO” – “пешбурди сомона”, контекст, вебинарҳо ва ғайра буда, ҳамаи шабакаҳоеро фаро мегирад, ки истифодабарандагон ба шабакаи байналмилалии Интернет агар дастрасӣ дошта бошанд. Аммо, маркетинги рақамӣ ҳамаи болозикрро бо реклама ва пешбурд дар асоси дилхох барандагони рақамии берун аз шабака дар бар мегирад. Яъне, он робитаи рақамиеро дар назар дорад, ки ба тариқи онлайн ва офлайн сурат мегирад. Дар маркетинги рақамӣ ба реклама пешбурд тавассути шабакаҳои анъанавӣ ба монандӣ: эълонҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо, реклама дар телевизион ва дар билбортҳо дохил намешаванд. Гарчанде, ки агар дар билборт QR-рамз мавҷуд бошад, бо ёрии он метавон ба сомона ворид шуда, алакай он маркетинги рақамӣ шуда метавонад. Моҳияти интернетмаркетинг ин истифодабарии шабакаҳои рақамӣ мебошад.

Намудҳои аз ҳама маъмули маркетинги рақамӣ инҳо мебошанд:

- ✓ Телевизиони рақамӣ ва онлайн-радио;
- ✓ Реклама дар замимаҳо, месенҷерҳо ва бозиҳои онлайнӣ;
- ✓ SMS ва MMS-паёмакҳо;
- ✓ Реклама дар экранҳои интерактивӣ ва воситаҳои равшанидиҳанда дар кӯчаҳо, дар терминалҳои худхизматрасонӣ;
- ✓ SEO ва SEM-маркетинги ҷустуҷӯӣ дар шабака;
- ✓ Рекламаи контекстӣ, баннерҳо ва рекламаи тизерӣ;
- ✓ SMM – маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- ✓ Email–маркетинг;
- ✓ Маркетинги шарикӣ, ки дар он вебмастер барои ҷалби ҳар як воридшаванда ё харидор маблағи муайян ба даст меорад.

Бартариятҳои маркетингӣ рақамӣ:

1. Маркетинги рақамӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҳам ба истеъмолкунандагони онлайн ва ҳам офлайнӣ, ки планшетҳо ва телефонҳои мобилиро истифода мебаранд, бозӣ мекунанд ва замимаҳоро истифода мебаранд. Ҳамин тавр, бренд метавонад ба аудиторияи нисбатан васеътар, яъне на танҳо бо Интернет маҳдуд гардад.

2. Имконияти ҷамъоварии маълумотҳои дақиқ ва сеҳеҳ. Амалан ҳамаи корбарон дар муҳити рақамӣ аз тарафи ниҳомҳои таҳлилӣ ба қайд гирифта шуда, он имкон медиҳад дар бораи самаранокии шабакаҳои гуногуни пешбурд хулосабарорӣ намуда, ҳамзамон симои аниқи харидрро тартиб диҳем.

3. Муносибати мавзунии маркетинги рақамӣ имконият медиҳад, ки дар онлайн – бозор офлайн аудиторияро ҷалб кунем ва ё баръакси он. Мисол: бо ёрии QR-рамз дар флайер Шумо метавонед, ки истифодабарандаро ба вебсайт равона кунед. Ҳамзамон, тавассули email-паёмак мумкин аст, ки обуначиёнро ба семинар ва дигар офлайн-ивент ҷалб намоем.

Маркетинги рақамӣ ин пешбурди комплексӣ, ки дар худ маҷмӯи шабакаҳоро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, барои фаро гирифтани ҳамаи онҳо кӯшиш кардан лозим нест, балки аз ҳадафҳо ва имкониятҳои тиҷорат баромад кардан муҳим аст.

Маркетинг дар Тоҷикистон умуман дар сатҳи байналмилалӣ дар марҳилаи гузариши рақамикунонӣ қарор дошта, ин пеш аз ҳама сохторҳо, сегментҳои технологияи рақамӣ:

шабаҳои мобилӣ, агентиҳои рекламавӣ ва маркетингӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Мувофиқи маълумотҳои омории агентии маркетингӣ “wearesocial” айни замон шумораи истифодабарандагони шабакаҳои мобилӣ 466 млрд-ро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 420 млрд. истифодабарандагони фаъол мебошанд. Бешубҳа, аудитория ин омили муҳими истифодабарандагоне, ки ба интернети баландсурат дастрасӣ доранд. Аккаунт-пардохтҳо низоми ба мисли “Goooogle pay” шароити муосидро барои вазифаҳои маркетингӣ муҳайё месозад. Сабаби асосии фаъол шудани тиҷорат, ки ба маркетинги рақамӣ мегузарад, ин амалӣ намудани молу хизматрасониҳо тавассути шабакаҳое, ки бештар насди пешбар аз онҳо истифода мебарад.

Чанде пеш аз рӯи анъана офлайн-реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 90%-и бозори рекламаро фаро мегирифт. Айни замон, нақши рузафзуни рекламаи рақамӣ дида мешавад. Танҳо дар низомҳои ҷустуҷӯй мутахасиси соҳибтахасуси маркетинги рақамӣ дар Тоҷикистон зарур аст.

Дар асоси маълумотҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки талабот ба мутахасисони маркетинги рақамӣ вуҷуд дошта, дар оянда ба он боз бештар мегардад. Гарчанде, ки сегменти маркетинги рақамӣ дар Тоҷикистон бо хизматрасониҳои босифати агентиҳои реламавӣ таъмин набошад ҳам, вале талабот ба он рӯз аз рӯз бештар гардида истодааст.

Ҳамзамон, маълумотҳо нишон дод, ки 51,5% афзоиш (340 ҳазор истифодабаранда) тиҷоратро дар муҳити интернетӣ дар оянда афзалиятнок дониста, соҳибкорон ба мутахасисиони варзидаи маркетинги рақамӣ ниёз доранд. [4] Ба ақидаи мо, амалӣ намудани ҳадафҳои Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ ба рушди маркетинги рақамӣ такони ҷиддӣ медиҳад. Аммо, то кадом андоза амалӣ шудани онро вақт ба мо нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, маркетинги рақамӣ ин пешбурди брендҳо тавассути ҳамкорӣ бо корбарон дар шабакаҳои рақамӣ мебошад. Он ба афзоиши фурӯш, ташаккули бренд ва машҳур шудани он, баланд бардоштани обрӯи ширкат, ҷалби мизоҷони нав ё кам кардани хароҷоти ҷалби онҳо, мизоҷони имконпазирро нигоҳ доштан ва онҳоро ба хариди дубора водор сохтан мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Шевченко Д. А. Маркетинг образования в России. – М.: ЮнитиДана, 2017. – С. 221.

2. Котлер Ф. Маркетинг от А до Я. 80 концепций, которые должен знать каждый менеджер. – М.: Альпина Паблишер, 2019. – С. 35.

3. Шевченко Дмитрий Анатольевич Цифровой маркетинг: обзор каналов и инструментов // Практический маркетинг. 2019. №10 (272). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovoy-marketing-obzor-kanalov-i-instrumentov (дата обращения: 04.01.2023).

4. Мейерсон М. Основы интернеттмаркетинга: Все, что нужно знать, чтобы открыть свой магазин в интернете. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. – С. 54.

Абдурахмон Хакимзода – соискатель кафедры маркетинга, коммерции и сервиса Таджикского государственного университета коммерции, тел: (+992) 907704890, E-mail: ha-kimzod-90@mail.ru

Шамсов Файзулло Таварович – старший преподователь кафедры маркетинга, коммерции и сервиса Таджикского государственного университета коммерции, тел: (+992) 907807744.

Алимова М.А.
Амонов С.С.

САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ МУНОСИБАТИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИТТИЛООТӢ ДАР АСОСИ РАВИШИ ЗАХИРАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Алимова М.А.
Амонов С.С.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРОПОРЦИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ РЫНКА ИНФОРМАЦИОННЫХ УСЛУГ НА ОСНОВЕ РЕСУРСНОГО ПОДХОДА В РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

Alimova M.A.,
Amonov S.S.

MAIN DIRECTIONS OF PROPORTIONATE DEVELOPMENT OF THE INFORMATION SERVICES MARKET BASED ON THE RESOURCE APPROACH IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Дар ин мақола нақши давлат дар танзими иқтисод бар асоси равиши захиравӣ мутобиқи дахолати давлат ба сиёсати иқтисодӣ, инчунин равиши эволютсионӣ ба танзими рушди паркҳои технологӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Дар ин мақола ҳамчунин нақши сармояи хориҷӣ дар бунёди паркҳои технологи, инчунин баъзе самтҳои танзими рушди ТИК дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад.
Вожаи калидӣ: - иттилоот, технология, сифат, иқтисодиёти рақамӣ, паркҳои технологӣ, танзими давлатӣ

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье рассматривается роль государства в регулировании экономики на основе ресурсного подхода в соответствии с вмешательством государства в экономическую политику, а также эволюционный подход к регулированию развития технопарков в условиях перехода к цифровой экономике в Таджикистане. В данной статье также рассматривается роль иностранного капитала в создании технопарков, а также рассматриваются некоторые направления регулирования развития ИКТ в условиях перехода к цифровой экономике Республики Таджикистан.
Ключевые слова: - информация, технология, качество, цифровая экономика, технологические парки, государственное регулирование

This article discusses the role of the state in regulating the economy based on a resource approach in accordance with state intervention in economic policy, as well as an evolutionary approach to regulating the development of technology parks in the transition to a digital economy in Tajikistan. This article also discusses the role of foreign capital in the creation of technology parks, as well as some areas of regulation of ICT development in the context of the transition to the digital economy of the Republic of Tajikistan.
Key words: - information, technology, quality, digital economy, technology parks, government regulation, information and

Дар Старатегияи миллии рушди Ҷумҳури Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои дорозмуддати инкишофи кишвар чаробиниҳо мушаххас пешбинӣ шудаанд, ки татбиқи амалии онҳо метавонад ҷумҳуриро аз кишвари аграрӣ ба саноатӣ мубадал созад. Аз ҷумла дар самти пешрафти фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ташаккули сиёсат дастрасии арзон ва боэътимод ба шабакаи интернет ва хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, ки метавонад дар раванди хизматрасонии ҷамъиятӣ ва идоракунии самарабахш накши муҳимро бозад ба назар гирифта шудааст.

Инчунин дар сатрategияи мазкур ба тавсеаи фарогирӣ бо хизматрасониҳои алоқа; таквият додани ракрбаттавонии бозори ватании телекоммуникатсия ва густариши ояндаи он дар сатҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ тавассути азхудкунии иқтидори транзитӣ ва телекоммуникатсионии кишвар; фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди хатҳои нурию нахии алоқаи

байниминтақавию фаромарзӣ; таъмини истифодаи инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ ва шабакаҳои барқӣ чиҳати тақвият бахшидани инфрасохтори фаромарзии телекоммуникатсионӣ; фароҳам овардани шароитҳои мусоид чиҳати рушди шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии паркҳои технологӣ таъқид шудааст [3].

Бояд гуфт, ки татбиқи самтҳои зикршудаи рушди фановариҳои иттилоотию иртиботӣ дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори захиравии соҳа имкопазир мебошад.

Пешрафти фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ФИИ) метавонад омили калидии рушди иқтисодӣ гардад. ФИИ имкон медиҳад, ки потенсиали мубодилаи хизматрасониҳо, ки дар гузашта хеле маҳдуд буд, зиёд гардида, ба ин васила фурсатҳо чиҳати рушди саҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ фароҳам оварда шавад. Аз ин рӯ, бахши хидматрасонӣ (масалан, ширкатҳои нармафзор) имрӯз бо нишондиҳандаҳои шабеҳи истеҳсолоти анъанавии саноатӣ тавсиф карда мешавад. Яъне як шохаи нави саноат ба миён меояд. Соҳаи хизматрасонӣ бошад бо инкишофи шаклҳои нави шабакавӣ торафт ғанӣ мегардад.

Инфрасохтор тадричан ба вуҷуд омада, усулҳои истифодаи системаҳои нави телекоммуникатсионӣ, ки қобилияти интиқоли на танҳо рақамҳо ва матнҳо, балки тасвир ва садо (мултимедия) доранд, таҳия карда мешаванд, ки аз оғози давраи навбатии рушди иқтисодӣ дарак медиҳад. Албатта, ин давра дар адабиёти илмӣ “иқтисоди рақамӣ” унвон гирфтааст ва нишондиҳандаи муҳимтарини он густариши бесобиқаи ФИИ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт мебошад. Ба ибораи дигар, табдили рақамии иқтисод на танҳо раванди ҷорӣ кардани ФИИ, балки ҳолати сифатан дигар – ҳамгироии ФИИ ба тамоми равандҳои иқтисодӣ мебошад.

Таҳаввулоти рақамии иқтисодиёти миллӣ бидуни идоракунии фаъоли давлатӣ ғайриимкон аст. Ба ақидаи Д.Норт, «таҳаввулот вазифаи на танҳо технологияи татбиқшаванда, балки муассисаҳост». Давлат хамчун институти мухимтарин ташаббускори хамаи дигаргуниҳо ва дигаргунсозиҳо мебошад. Таҳаввулоти рақамӣ тавассути инкишофи бахши ФИИ субъектҳои идоракунии давлатӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, хонаводаҳо, объектҳои системаи иқтисодӣ, муҳити соҳибкорӣ, равандҳои иқтисодӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеаро дар маҷмӯъ фаро мегирад. Аз ин ру чунин як таҳаввулоти муҳимро наметавон бидуни иштироки бевоситаи давлат тасаввур кард.

Дастрасӣ ба ФИИ имрӯз ҳамчун эҳтиёҷоти асосии инсон муайян карда мешавад, ки барои дарёфти шуғл, таҳсил, гирифтани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ғайра имкон медиҳад. ФИИ дар даҳсолаҳои охир босуръат инкишоф ёфта, мувофиқан дар иқтисодиёт ва дигар соҳаҳо аҳамияти бузурги функционалӣ пайдо кардааст. ФИИ таҷҳизоти компютерӣ, таҷҳизоти серверӣ ва шабакавӣ, дигар воситаҳои техникӣ, нармафзор, ҳуҷҷатҳои техникиро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки ФИИ бо сабаби тағирёбии заминаи технологӣ аксар вақт ҳамчун фановариҳои рақамӣ муаррифӣ мешавад. Дар баробари технологияҳо системаҳои гуногуни рақамӣ (маълумотӣ)-ро баррасӣ кардан лозим аст, ки кори компютерҳо (пеш аз ҳама системаҳои операционӣ), татбиқи алгоритмҳо, иҷрои амалҳои гуногуни мақсаднокро дар робита бо коркарди маълумот, равандҳои ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ таъмин мекунанд. Системаҳои рақамӣ иртиботро **байни одамон, байни одамон ва мошинҳо, байни мошинҳо ва ашёҳо** таъмин мекунанд, ки имкон медиҳанд равандҳои интиқоли маълумот, амалиёти ҳисоббарорӣ ва бисёр чизҳои дигарро автоматӣ карда шавад.

Заминаҳои институтсионалии инкишофи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст. Муҳимтарин иқдомҳои давлат дар ин замина қабули Барномаи давлатии рушд ва татбиқи ТИК (бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 5-уми ноябри соли 2003, таҳти рақами №1174 тасдиқ карда шудааст), Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақами №643, аз 30.12.2011 с. тасдиқ карда шудааст) ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст) ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин вазъҷит дар ин бахш беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд.

Бояд гуфт, ки ФИИ дар кишвари мо ба таври самаранок корбурди бевоситаи амалӣ надоранд. Масалан, таҳлилҳои як идда олимони ватанӣ нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “тиҷорати электронӣ нисбатан суст тараққӣ ёфта истодааст. Баъзе аз корхонаҳо сомонаҳои худро дошта бошанд, ҳам маълумоти он сари вақт нав карда намешавад. Маълумот оиди онлайн соҳибкорӣ хеле кам буда шартномаҳо байни корхонаҳо бо истеъмолкунандагон даҳонӣ ва ё хаттӣ иҷро карда мешавад. Шартномаҳои онлайнӣ қариб ки вуҷуд надорад. Корхонаҳо ва ташкилотҳои маҳаллӣ «интернетро ҳамчун афзоли пешбурди соҳибкорӣ»

истифода намебаранд. Ҳамзамон бозори хизматрасонии Интернет на он қадар калон аст. Қисми зиёди истифодабарандагон дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд қарор доранд. Ин дар навбати худ барои васеъшавии савдои электронӣ дар тамоми ҷумҳурӣ монеа эҷод мекунад”[2]. Вазъити бавуҷудомад дахолати давлатро чун ниҳоди танзимкунандаи бозори ФИИ беш аз беш асосонок менамояд.

Бешубҳа, давлат дар ҷараёни танзими равандҳои густариши ФИИ ба бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ бидуни ихтиёр ворид мебошад. Зеро воридоти ФИИ, маблағгузории равандҳои густариши он дар бахшҳои иқтисодиёт (масалан маориф, тандурустӣ, идораҳои давлатӣ, ҳокимиятҳои иҷроияи маҳаллҳо ва ғ.) бо дастагирии бевоситаи давлат амалӣ мегардад. Илова бар ин давлат ҳаҷм ва суръати интернетро дар муассисаҳо муайян месозад, равандҳои мубодилаи ахборро дар шабакаҳои интернетӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ танзим менамояд, қонуну қавоиди тиҷоратро дар бозорӣ хизматрасониҳои иттилоотӣ тасвиб мекунад ва онро танзим менамояд. Яъне, давлат дар раванди густариши ФИИ ва ба ин васила дар рушди иқтисодиёти рақамӣ бевосита саҳмгузор аст.

Вобаста ба ин, ба назар мерасад, ки нақш ва вазифаҳои давлат дар ин самт бори дигар бозрасӣ гардад ва омилҳои таъмини самараноки танзими давлатии равандҳои густариши ФИИ дар заминаи инкишофи иқтисоди рақамӣ аз нигоҳи илмӣ тадқиқ ва баҳогузорӣ карда шаванд. Таҷрибаи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки бетафовутии давлат дар ин ё он самт метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад. Бахши ФИИ бо он нозукиҳое, ки дар аҳамият ва моҳияти худ ҷиҳати таҳаввулотҳои иқтисодиёти муосир дорад, аз бахшҳои муҳиме бояд шинохта шавад, ки пайваста зери назорати давлат қарор гирад.

Бо таваҷҷуҳ ба назария классикии нақши давлат дар танзими иқтисодиёт ду равиши комилан мутовофити дахолати давлат дар татбиқи сиёсати иқтисодӣ фарқ карда мешавад: таҳаввулотӣ ва инқилобӣ.

Равиши таҳаввуллотӣ дахолати ғайримустақими давлатро аз тариқи ба кор гирифтани абзорҳои иқтисодӣ (молиявӣ, иқтисодӣ, ниҳодӣ, зерсохторӣ ва амсоли он) ифода менамояд. Ин равиш, ки солҳои охир аз маъруфияти хос бархурдор мебошад, ба унвони равиши хеле муассир аз тарафи кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта ба таври самаранок истифода мешавад.

Бар хилофи он равиши инқилобӣ дахолати мустақими давлатро аз тариқи ба кор гирифтани абзорҳои маъмурӣ ифода менамояд. Агарчӣ ин усул солҳои охир зиёд ташвиқ намешавад, вале он ба унвони равиши самараноки дахолати давлат ба раванди тағйироти гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ васеъ истифода мешавад. Яъне равиши инқилобӣ низ дар мавқеи худ бояд самаранок истифода шавад.

Яке аз муҳаққиқони ватанӣ – М.М. Холматов қайд менамояд, ки “Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ногузир аст ва ин як раванди объективӣ дар иқтисод аст ва агар давлат барои қабул ва дастгирии ин ҳаракат омода бошанд, метавонад самаранокӣ ва чандирии худро афзоиш диҳанд.

Бо андешидани қадамҳои дуруст ҳукумат метавонанд муҳити мусоидтареро барои рушди иқтисоди рақамӣ фароҳам ованд. Нақши асосии давлат муқаррар намудани қоидаҳои равшан, шаффоф ва баробар барои ҳама ва назорати риояи онҳо мебошад. Дар баробари ин, давлат бозингари бузургтарини иқтисоди миллӣ боқӣ монда, нақши яке аз таъминкунандагони хизматрасониро ба корхонаҳо ва шаҳрвандон мебозад” [4].

Мо асосан тибқи равиши таҳаввулотӣ баъзе самтҳои танзими рушду инкишофи ФИИ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем.

1. Таъминоти кадрии иқтисоди миллӣ бо мутахассисоне, ки дорои дониш ва таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи ФИИ мебошанд. Барои ин дар тамоми самтҳои омодасозии кадрҳои баландихтисос чораҳои муассир андешидан лозим аст. Бешак, имрузҳо иқтисодиёти Тоҷикистон дар тамоми бахшҳо ба кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ФИИ ниёз дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки таъминоти кадрии ин ё он бахшҳои иқтисодиёт натиҷаҳои комилан назаррасро ба бор меоваранд. Метавон аз таҷрибаи давлатҳое чун Сингапур, Малайзия, Ҷопон, Финландия ва ғайра мисолҳо овард, ки тавассути омодасозии кадрҳои баланихтисоси соҳаи ФИИ ба дастовардҳои бузург ноил гардидаанд.

Давлат метавонад пеш аз ҳама низоми маорифро бо кадрҳои соҳибтахассуси бахши ФИИ таъмин намояд. Барои ин бояд пеш аз ҳама ҷавонони болаёқатро барои омӯзиш ба кишварҳои пешрафта сафарбар намуд. Дар қадами дувум бояд муассисаҳои таълимиро аз макотиби ибтидоӣ то донишгоҳҳои кишвар бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонид. Ва дар қадами севум раванди таълим ва тадрисро бо истифода аз ФИИ ба сатҳу сифати нав бардошт. Дар

заминаи ин густариши истифодаи ФИИ-ро дар фаъолияти бевоситаи соҳибкорӣ метавон таъмин намуд.

То он даме, ки бахши ФИИ бо кадрҳои дорои тахассуси баланд таъмин гардад кушишҳо дар ҷиҳати расидан ба аҳдофи калидии рушди иқтисоди рақамӣ барабас хоҳад буд. Кадрҳо метавонад занҷираи таъсири мусбиро дар тамоми самтҳои густариши ФИИ ба ҳаракат оваранд. Ин дар навбати худ фаъолияти тамоми бахшҳои иқтисоди миллиро фаро мегирад ва ба суръати воридшавии ФИИ ба соҳаҳое чун саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт ва амсоли он такони ҷиддӣ диҳад. Ба тариқи схемавӣ ин ҷараёнро метавон чунин тасвир кард (расми 1).

2. Татбиқи тадқиқоти илмӣ-тадқиқотӣ дар мавзӯи фановариҳои рақамӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот, таҳияи маҳсулот ва хидматҳои нав дар ин замина аз ҷониби бахши ФИИ. Дар ин замина нақши донишгоҳҳои олии кишвар ниҳоят муҳим мебошад. Дар таркиби донишгоҳҳои олии кишвар кафедраҳои тахассусие амал менамоянд, ки дар доираи корҳои илмию тадқиқотии худ паҳлуҳои мухталифи инкишофи ФИИ дар самтҳои ба худи он кафедраҳо хос метавонанд таҳлил ва мавриди истифода қарор диҳанд (пешниҳод кунанд).

Расми 1. Таъсири мутақобили таъминоти кадрӣ ва густариши фановариҳои иттилоотиву иртиботӣ

Аз тарафи дигар дар сохтори аксари донишгоҳҳои кишвар институтҳои тадқиқотӣ, поркҳои технологӣ, омузишгоҳҳо ва амсоли он фаъолият менамоянд. Муҳим аст, ки самти тадқиқоти ин марказҳои омузиш ба густариши ФИИ дар бахшҳои иқтисоди миллӣ нигаронида шавад. Инунин кайҳо вақти он расидааст, ки дар паркҳои технологии муассисаҳои олии таълимӣ коркард ва истеҳсоли фановариҳои хусусияти навоварона дошта ба роҳ монда шавад.

Марказҳои тадқиқотӣ бояд дар ин замина аз ҷониби сохторҳои масъул сармоягузорӣ шаванд. Маъмурияти донишгоҳҳо муаззафанд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди маркази илмиро бо корхонаҳои истеҳсолӣ, ширкатҳои хориҷӣ, марказҳои илмии дигар донишгоҳҳо (аз ҷумла марказҳои илмии донишгоҳҳои хориҷӣ) таъмин намоянд.

Бояд дар ин замина шартномаҳои истеҳсолию фармоишӣ баста шаванд, то дар густариши ФИИ заминаи моддиву зерсохторӣ ба вуҷуд ояд.

Поркҳои технологӣ ба унвони марказҳои генератсияи дониш, таҷриба ва маҳоратҳо

ҷиҳати густариши ФИИ баромад мекунанд. Дар ҳама кишварҳои аз нигоҳи навоварӣ пешрафта маҳз поркҳои технологӣ ва марказҳои дигари ба тадқиқотҳои ҳадафманд машғул буда дар самти татбиқи амалии ФИИ имкдомҳои калидиро зиёд месозанд.

Аз ин ру давлат бояд ба ин самти дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегии худ аҳамияти бештар диҳад. Дар ҳоли ҳозир шаклҳои мухталифи поркҳои технологӣ амал мекунанд, ки ҳар яке дар ин ё он самт ба пешрафти ФИИ метавон нақши сазовори худро гузоранд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Таъсири поркҳои технологӣ ба густариши ФИИ

Намуди технопарк	Вазифаҳо	Таъсир ба густариши ФИИ
Технопарки инноватсионӣ	Таҳияи барномаҳои инноватсионӣ якҷо бо мақомот, таҳияи ғояҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, омодасозии мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ, эҷоди маҳсулоти инноватсионӣ ва тиҷоратикунонии он.	Бевосита аз ФИИ истифода мебарад, дар ин замина кадрҳоро омода менамояд, дар ҷараёни андухтани таҷрибаи хориҷӣ саҳмгузор мешавад ва барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ФИИ шароит фароҳам месозад.
Технопарки маркетингӣ	Сертификатсия, патенткунӣ ва пешбурди дастгирии маҳсулоти инноватсионӣ дар раванди тиҷоратикунонии инноватсия.	Воридот ва содироти ФИИ, ташвиқи он дар байни аҳолӣ ва соҳибкорон.
Технопарки инвеститсионӣ	Маблағгузории марҳилаҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ; ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузории инноватсия; мусоидат дар таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ сохторҳои илмӣ ва истеҳсолӣ, инчунин парвариши тимҳои мустақили эҷодӣ бартарӣ доранд.	Таъмини молиявии густариши ФИИ, инкишофи инфрасохтори густариши ФИИ.
Технопарки истеҳсолӣ	Гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, эҷоди намунаҳои маҳсулоти инноватсионӣ ташкили базаи таҷрибавии истехсолӣ.	Ҷорӣ намудани ФИИ дар истеҳсолот ва аз тариқи он дар хизматрасониҳои баъд аз фурӯш.
Парки маҷозии (виртуалии) технологӣ	Ташкили ҳамкории иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамаи иштирокчиёни раванди инноватсионӣ.	Таъмини алоқамандии истеъмолкунандагони ва истеҳсолкунандагони ФИИ.

Ҷолиби диққат он аст, ки технопоркҳо ҷиҳати ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва технологияҳои инноватсионӣ мусоидат менамоянд, чунончи “Парк бо ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва технологии байналхалқӣ ҳамкорӣ менамояд”, дар татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои иноватсионии давлатҳои хориҷӣ иштирок варзида метавонанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Паркҳои технологӣ” Парк чунин фаъолиятҳоро оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ, дарёфти грантҳо, ва лоиҳаҳои иноватсиониро амалӣ намуда, барномаҳоро ба институтҳои молиявӣ оид ба татбиқ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва содироти технологияҳои аълосифат пешниҳод менамояд[1].

Бояд қайд кард, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ оиди паркҳои ФИИ нишон медиҳад, ки мақсаду ҳадафҳои дар пеш истодаи онҳо фарқиятҳои назаррасро доро мебошанд, аз ин лиҳоз бармеояд, ки усули ягонаи идоракунии технопоркҳо вуҷуд надорад.

Технопоркҳои вуҷуддошта дар ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз бо усулҳои куҳна бунёд карда мешаванд, барои хамин самаранокии онҳо кофӣ нест. Ба ин нигоҳ накарда технопоркҳо элементи базавии инфрасохтори минтақавӣ боқӣ мемонанд, ки дар базаи худ ба

ташаккул ва ҳамоҳангсозии фаъолият ва рушди ФИИ технопоркҳо имконият медиҳанд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки идоракунии омилҳои муҳими таъсиррасонанда ба усули идораи рушди технопоркҳо ин моҳияти сохторӣ ва ҳудудии минтақа, дараҷаи рушд ва алоқамандии инфрасохтори иноватсионӣ ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Паркҳои технологӣ”, ш. Душанбе, 21 июли с 2010, № 629. - С.2

2. Лутфулоев М.Д., Исмоилов Ш.М., Хӯҷамқулов Р.Б. Иқтисоди рақамӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - Бохтар, 2020. - № S1-4-2 (80). - С. 226-230.

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

4. Холматов М.М. Институциональные аспекты развития цифровой экономики Таджикистана // Таджикистан и современный мир. - Душанбе, 2020. - № 2 (70). - С.131. (128-137.).

Алимова Муборак Алимджоновна - старший преподаватель факультета международных экономических отношений, право и таможне Таджикского государственного университета коммерции Таджикистан, Душанбе Республика Таджикистан. Тел.: +992888884428, E-mail: malimova2084@gmail.com

Амонов Сахбон Сарватжонович – старший преподаватель кафедры экономики и организация бизнеса Таджикского государственно университета коммерции. Душанбе Республика Таджикистан. Тел. 93-577-92-00, e-mail: a_sahbon@mail.ru

Неъмонов Ҷ. М.

РУШДИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУШКИЛОТҲОИ АСОСИИ ОН

Немонов Дж.М.

РАЗВИТИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЁОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ

Nemonov J.M.

PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF INNOVATION POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Дар мақолаи масъалаҳои асосии сиёсати давлатии инноватсионӣ таҳлил гардида, нишонаҳои асосии сиёсати инноватсионии давлатӣ, принсипҳо, барномаҳо ва стратегияҳо барраси гардидаанд. Дар мақола мавқеъ ва нақши сиёсати инноватсионӣ ҳамчун самти муҳими сиёсати давлат асоснок карда шудааст.
Калидвожаҳо: давлат, сиёсати инноватсионӣ, модернизатсия, стратегия, танзими давлатӣ.

В статье проведён анализ государственной инновационной политики Республики Таджикистан в области развития инновационой политики. Обозначены основные направления государственной инновационной политики, рассмотрены её уровни, включающие принципы, программы и стратегии. Обосновываются место и роль инновационной политики как особого направления современной политики.
Ключевые слова: государство, инновационная политика, модернизация, стратегия, государственное регулирование.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

The article analyzes the state innovation policy of the Republic of Tajikistan and identifies the main features of the state innovation policy, discusses its levels, including principles, programs and strategies. The place and role of innovation policy as a special direction of modern politics are justified.
Keywords: state, innovation policy, modernization, strategy, government regulation.

Зери мафҳуми инноватсия ҷараёни мутобиқшавии давлатҳо ба воқеиятҳо ва дастовардҳои ҷаҳони муосир фаҳмида мешавад, вақте, ки номукамалии низоми сиёси-иқтисодии мавҷудаи мамлакати муаян эҳсос мегардад ва ин низом норасоиҳо пайдо намуда, дар рушёбӣ аз дигар давлатҳо ақиб мемонад, чунин ҳолат зарурияти ворид намудани ислоҳотҳо ва тағиортҳо ба вуҷуд меояд.

Дар замони муосир дар бисёр мавридҳо маҳаки асосии рушди иноватсионии мамлакат ҳокимияти давлатӣ мебошад, чунки маҳз давлат стартегияҳои муҳимтарини рушди иҷтимои – иқтисодииро коркард ва амалӣ менамояд.

Баяд қайд намуд, ки вобастагӣ иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои дигар аз ҷумла дар соҳаи энергетика, дар заминаи хароб гаштани захираҳои ҷаҳонии энергетикӣ, зарурияти рушди соҳаи инноватсиониро ба вуҷуд овардаанд.

Барои рушди самти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин механизми самараноки амалисозии сиёсати инноватсионие дар тамоми самтҳои фаъолияти давлат зарур аст, ки он барои аҳоли фаҳмо бошад ва аз тарафитамоми шаҳрвандони давлат пазируфта шаванд. Инноватсия танҳо дар он маврид натиҷа хоҳад дод, ки агар он асоси идеологии устуворе дошта бошад, ки ба ананаҳо, арзишҳои таърихива фарҳангӣ миллат такя намуда, моҳият ва зарурияти рушди иноватсионии давлатро иникос кунанд.

Иқдомҳои давлати доир ба инноватсия дар таҳияи механизмҳои сиёсати инноватсионӣ ва тартиби амали намудани онҳо зоҳир мегардад. Бо ҳамин мақсад 16 апрели соли 2012 Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» қабул гардид [1] ва 30 май соли 2015 стратегия рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2020 [3] аз тарафи давлат тасдиқ гардид.

Бояд қайд намуд, ки имруз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонба самти инноватсионӣ аҳамияти махсус медиҳад, аммо бояд қайд намуд, ки танҳо тавасути усулҳои идоракунӣ муҳити иноватсиониро ташакул ва рушд додан ғайриимкон аст. Вазифаи асосии давлат дар самти инноватсия дар он аст, ки тавасути воситаҳои инноватсионӣ муҳити инноватаисониеро ташакул диҳад, ки дар он тамоми тарафҳои манфитадор имконияти иштирок намудан дар амалисозии як мақсади умуми дошта бошанд.Аммо чи тавре таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад фаъолияти иноватсионии дар тиҷорат ва сармояҳои соҳибкоронӣ алоҳида барои ташаккули самтҳои илмҳои технологӣ бе натиҷаанд, чунки бе иштироки фаъоли давлат ташакули иқтисодиёти инноватсиони ғайримикон аст. Ғайр аз ин дар рушди инноватсия бунёди сохторҳои инноватсионӣ аҳамияти калон доранд.

Бояд қайд намуд, имруз чунин омилҳои манфӣ дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошанд:

1. Мавҷуд набудани идеологияи милли ташакулёфтае, ки арзишҳои таърихи, фарҳангӣ, ананаҳо, маросимҳои халқи тоҷикро дар бар гирифта, барои ҳар як фарди ҷомеъа фаҳмо буда, қуваву неруи ҳар як шаҳрвандро баҳри расидан ба мақсадҳои ягонаи равона гардонад. Заминаи асоси барои ташакули чунин идеология ин мавҷуд будани соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти давлат мебошад, ки манбаҳои сиёсӣ ва иқтисодиро мустаҳкам мегардонад.

2. Мавҷуд набудани стратегияи ягонаи байни идоравии рушдӣ инноватсия ва набудани мақомоти марказии давлатие, ки салоҳияти ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионии вазоратҳо ва идораҳои давлатиро дошта бошад. Ҳар як вазорат ва идораи давлати барономаҳои инноватсионии худро дошта онҳоро дар алоҳидагӣ амалӣ менамоянд, ҳолати мазкур ташакули низоми таъмини сиёсати ягонаи инноватсиониро мушкил гардонда, ҳам ба исрофи вақт ва ҳам ба исрофи воситаҳои молиявӣ оварда мерасонад. Масалан дар Иёлоти муттаҳидаи Амрико чунин маркази ҳамоҳангсози сиёсати инноватсионӣ идораи сиёсати илмӣ- техникӣ мебошад, ки дар кори омода намудани буҷети илмӣ ва ҳамоҳангсозии иштирокчиёни барномаҳои асосии иноватсионӣ салоҳиятҳои васеъ дорад. Чи тавре, ки таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, таъсиси маркази ягонаи ҳамоҳангсозӣ барои амалисозии босамарӣ сиёсати иноватсионии давлат дар қисмати интихоби барномаҳои пешрафта зарур мебошад. Айни замонбошад де-юре чунин мақомоти ҳамоҳангсоз Вазорати рушти иқтисодии Тоҷикистон мебошад, аммо де-факто фаъолияти он ба саривақт супоридани ҳисоботҳои «дуруст» анҷом меёбад.

3. Аз тиҷорат ва бозор қариб пурра ҷудо будани илму инноватсия ва танҳо (барои илм) мавҷуд будани татқиқотҳои илмӣ. Набудани алоқаманди байни илм ва иқтисодиёти воқеи бинобар сабаби мавҷуд набудани шумораи зарурии таҳқиқотҳои илмӣ, ва байни таҳқиқотҳои илмӣ ва амалия мавҷуд набудани робита ки ҳолати мазкур ба бозор ворид гардидани маҳсулотҳои иноватсиониро мушкил мегардонад. Низоми таълимоти Шуравӣ алалхусус бахшҳои техникӣ ва илмӣ-табии талаботҳои таъминоти кадрии самтҳои гуногунро пурра қонеъ менамуд.

4. Самаранок истифода набурдани захираҳои зеҳнӣ ва буҷавӣ. Дастгирии давлатии барномаҳое дар назар дошта мешавад, ки дар бештари давлатҳои дунё аз тарафи ташкилотҳои хусусӣва ё аз ҳисобӣ бозори ҷаҳонии иноватсия амалӣ мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои амали намудани ин барономаҳо манбаҳои буҷавӣ хароҷот карда мешаванд.

5. Норасоии маблагузории соҳаи илм, чи аз буҷаи давлатӣ ва чи аз ҳисоби сармояҳои хусусӣ. Кам намудани сармоягузории аз буҷаи давлатӣ ба кам гаштани самаранокии корҳои ташхисгоҳҳо ва марказҳои илмӣ – таҳқиқотӣ оварда мерасонад. Чунин раванд хоси сиёсатӣ давлатҳои пешқадам намебошад.

6. Норасоии кардҳои илмӣ: пиршавии кадрҳои илмӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар

фарқияти калони сину соли байни мактаби куҳна ва олимони ҷавони нав дар ҳолати мавҷуд набудани «зиннаи миёна», ки бешари онҳо бадигар давлатҳо рафтаанд. Синни миёнаи бештари олимон ба синни нафақа наздик аст ва дар бисёр самтҳо аз синни нафақа низ гузаштааст. Дар мавриди таъмин нагардидани маблагузории зарурӣ илмро бо кадрҳое, ки донишгоҳоро нав хатм намудаанд таъмин намудан мушкил мегардад. Ғайр аз ин норасои мутахасисони техники ба назар мерасад, ки он бештар ҳангоми истифодаи коркардҳо ва дастовардҳои техникӣ ҷаҳони муосир аён мегардад.

Бояд қайд намуд, ки ҳал намудани проблемаҳои гуногуни давлат донишҳои куллан дигар ё навро талаб намекунад, истифодаи таҷрибаи бадаст омадаи дигар давлатҳо барои расидан ба ҳадафҳои банақшагирифта кофи мебошад. Масалан дар ин самт бояд сиёсати Хитойро ба роҳбари гирифт, ки он барои иҷрои вазифаҳои ислоҳотии худ дар саноат ва хоҷагидории қишлоқ таҷрибаи пешқадами давлатҳои ҷаҳони муосирро самаранок истифода мебарад, ки ин ба он имконият медиҳад то сохтори иқтисодии ҷаъмиятро бе ягон такони ҷидии сиёсӣ ва ҷаъмиятӣ тағир диҳад.

Хусусияти комплексии рушди инноватсионӣ мувофиқи мақсад мебошад. Чунки тағийр додан ва сифатан нав намудани техника маънои онро надорад, ки проблема пурра ҳал мегардад ё ин ки тағиротҳои сохтори дар иқтисодиёт ба вуҷуъ меоянд. Сохтори иқтисодии ҷомеа баъзе тарзҳои технологиро инъикос намуда натанҳо ба технологияҳо ва маҳсулотҳо маҳдуд мегарад, балки ҳамчунин ташкил ва идоракунии ҷузъҳои рушди инноватсиониро низ дар назар дорад.

Давлат намунаи иқтисоди иинноватсиониеро бояд интихоб намояд, ки барои сохторҳои давлатӣ, тиҷоратӣ, хусусӣ ва умуман ҷомеа дар кисмати шаффофият ва шарҳи якхелаи чорабиниҳои асосии инноватсионӣ дар қисмати ягонагии натиҷаи онҳо мувофиқ бошад. Барои истеҳсоли маҳсулотҳои замонавӣ корхонаҳоро бо таҷҳизот ва технологияи муосир таъмин намудан зарур аст, ин барои тиҷорати хурд ва миёна, ки қобилияти харидории таҷҳизоти муосирро аз ҳисоби захираҳои маҳдуди молиявиашон надоранд ва ҳаҷми хурди истеҳсоли маҳсулоти хуроквори доранд хеле муҳим мебошанд. Маҳз корхонаҳои хурди инноватсионӣ бояд сарчашмаи асосии пешравии саноат бошанд.

Дар ҷамъбаст, бояд гуфт, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ комплекси буда дар як вақт якчанд вазифаҳоимуҳимроҳал намояд.

Якум лоиҳаҳои инноватсионӣ бояд рушди мунтазами иқтисоди ватанӣро таъмин намоянд, ки дар навбати худ омили устувории иҷтимои ва сиёсӣро таъмин хоҳанд кард.

Дуввум, дар онҳо бояд ҳамаи табақаҳои ҷаъмиятӣ ширкат карда тавонад – ин ба фаъолияти инноватсионӣ мазмуни "идеяи миллӣ асри XXI" [3] хоҳад дод

Сеюм, лоиҳаҳои инноватсиони бояд барои шарикони эҳтимолии мамлакат дар хориҷӣ дур ва наздик ҷолиб бошанд ва имконияти баланд бардоштани симои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд.

Чорум, татбиқи чунин лоиҳаҳо бояд зери назорати қатъии давлат қарор дошта бошанд ва давлат бояд ҳамчун «фармоишгар»-и асосии навовариҳо амал кунад.

Самаранокии амалисозии фаъолитяи инноватсионӣ мамлакат пеш аз ҳамма аз механизмҳои сиёсӣ-иқтисодӣ вобастагӣзиёд доранд аз ҷумла: танзими ҳуқуқии масъалаҳои моликияти хусусӣ махсусан натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳо; ташкил намудани сохторҳои иҷтимои дар назди Ҳукумат, ки назоратро аз болои амалисозии стратегияи инноватсионӣ амалӣ меанамояд; тақсимоти салоҳиятҳои инноватсионӣ байни мақомотҳои гуногуни давлатӣ; дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҷори намудани чорабиниҳои самараноки муборизa бар зидди корруптсия: маҳдуд намудани монеаҳои бюрократӣ барои тиҷорати хусусии инноватсионӣ; фаъол ва самаранок гардонидани ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо бо мақсади омузиш ва мутобиқгардонии сиёсатӣ инноватсионии давлатии беҳтарини хориҷӣ (механизмҳо, стратегияҳло, интситутҳо) нисбат ба давлати Тоҷикистон ва ғайра.[4]

Ҳамин тавр, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф муаян намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии мамлакат ва аз тарафи дигар интихоб намудани сиёсати дуруст ва чораҳои ҳавасмандии зарурӣ барои тағйиротҳои иноватсионии бо ананаҳои милли ҳамоҳанг бисёр мубрам мебошад. Бо вуҷуди ин дарроҳи ҷустуҷӯи роҳи хоси миллии иноват-

сионӣ, дар бораи дастовардҳои инноватсионии дигар давлатхо фаромуш набояд кард. Дар ин мавриД бояд ҳаматарафа таҷрибаи давлатҳои рушдёфта аз ҷумла ИМА, Олмон, Фаронса, Хитой ва ғайра омхта шаванд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012. №4.М. 272.

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи барномаи рушди инноватсионии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2011-2020” аз 30 апрели соли 2011 № 227.

3.Неъмонов Дж.М., Нуриддинов Б.Х. Инновационная культура как основа формирования и развития её потенциала в регонах Республики таджикистан.. Вестник филиала МГУ в г Душанбе.// Научный журнал.серия гуманитарных и экономических наук.2.(1) 2017 стр.54-60.

4. Нурдинов Б.Х. Государственная поддержка инновационной деятельности как приоритетное направление инновационного развития страны (зарубежный опыт)// Вестник Таджикского национального университета № 2/5(172). Серия экономических наук. Душанбе: Сино, 2015. с. 158.

Немонов Дж. к. п. н., доцента зав. каф. гуманитарных наук Таджикского государственного университета коммерции, тел: (+992) 934444164, Е-майл: falsafa-64@mail.ru

Ҷамшедова С.М.

САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ХӮРОКИ УМУМӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОД

Джамшедова С.М.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА ОБСЛУЖИВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО ПИТАНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

Dzhamshedova S.M.

MAIN DIRECTIONS FOR IMPROVING THE QUALITY OF FOOD SERVICES IN THE CONDITIONS OF A DIGITALIZED ECONOMY

Дар мақола самтҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва рушди хӯроки умумӣ дар замони иқтисоди бозорӣ, як ҷузъи таркибии зерсоҳаи мустақили соҳаи савдои чаканаи мамлакат мақсад, вазифа, хусусиятҳои хосси хизматрасонии хӯроки умумӣ дар шароити рақамикунонии иқтисод, ташаккули тиҷорати электронӣ, аз ҷумла бахши хӯроки умумӣ, тибқи стратегияи миллии рушд ва барномаи бехатарии озуқавории Тоҷикистон ва омилҳои мусбат ва манфии ба хӯроки умумӣ таъсиррасонанда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.
Калидвожаҳо: мол, маҳсулот, хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ, маҳсулоти истеҳсоли худӣ, молҳои харидашуда, маҳсулоти кулинарӣ, маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти нонӣ, таомҳо, истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье основные направления повышения качества услуг и развития общего питания в эпоху рыночной экономики, составляющей самостоятельной подотрасли розничной торговли страны, цель, задачи, особенности общего питания. общественного питания в условиях цифровизации экономики, формирования электронной коммерции, в том числе общего продовольственного сектора, согласно национальной стратегии развития и программы продовольственной безопасности Таджикистана и исследованы положительные и отрицательные факторы, влияющие на общее питание.
Ключевые слова: товары, продукция, общественное питание, услуги, продукция собственного производства, покупные товары, кулинарные изделия, кондитерские изделия, хлебобулочные изделия, блюда, производитель, потребитель.

In the article, the main directions for improving the quality of services and the development of general catering in the era of a market economy, a component of an independent sub-sector of the country's retail trade, the goal, objectives, features of general catering. public catering in the context of the digitalization of the economy, the formation of e-commerce, including the general food sector, according to the national development strategy and the food security program of Tajikistan, and the positive and negative factors affecting general nutrition were studied.
Keywords: goods, products, general catering, services, own production, purchased goods, culinary products, confectionery, bakery products, dishes, manufacturer, consumer.

Дастоварди бузурги ҳазораи сеюм дар шароити рушду нумуи илму техникаи муосир пайдоиши заминаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, ворид шудани иттилооти электронӣ, тиҷорати электронӣ ва дигар ихтироотҳо он бечуну чаро ба соҳҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла савдо ва хӯроки умумӣ таъсири мусбату ҳадафрас мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз ҳуҷҷатҳои асосии танзими сифати хизматрасонӣ дар зерсоҳаи хӯроки умумӣ стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Тавассути ин аснодҳои расмии соҳа, хизматрасонӣ натиҷаи ҳамкории молрасонандаю фармоишгар ва фаъолияти дохилии онҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои муштарӣ равона карда шудааст. Талабот ба хизматрасонӣ бояд дар асоси хусусиятҳое, ки муштарӣ муайян ва арзёбӣ карда метавонад, возеҳ ифода карда мешавад. Равандҳое, ки пешниҳоди хизматҳоро таъмин мекунанд, инчунин бояд дар хусусиятҳое ифода ёбанд, ки муштарӣ на ҳамеша онҳоро муайян карда метавонад, аммо бевосита ба сатҳи хизматрасонӣ таъсир мерасонад.

Мувофиқи луғати тафсирии С.И. Ожегов, истилоҳи «хизматрасонӣ» аз ду маъно иборат буда, маънои аввала - "амале, ки ба каси дигар манфиат меорад" принсипи ахлоқиро тавсиф мекунад, дувум - "мусоидати иқтисодии ба касе пешниҳодшуда" - тарафи истеҳсолии хизматҳоро ифода менамояд.

Дар адабиёти иқтисодии муосир, хизматрасонӣ одатан ба маҳсулот муқобил аст: "Хизматрасонӣ метавонад ҳамчун маҳсули меҳнат муайян карда шавад, ки таъсири судбахши он на дар шакли ашё, балки дар шакли фаъолияти ба ашё равона шуда ва (ё) ба шахсе". Хизматрасонӣ барои муштарӣ муфид аст. Бояд дар назар дошт, ки фарқи байни истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ сода ва мутлақ нест.

Таърифи муқаррарнамудаи стандартҳои хизматрасонии хӯроки умумӣ: "он фаъолияти пудратчӣ (корхонаҳои хӯроки умумии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) оид ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯроки умумӣ, фароҳам овардани шароит барои фурӯш ва истеъмоли маҳсулоти истеҳсолии худӣ, молҳои харидашуда, дар давраи истироҳат ва дигар хизматрасониҳои иловагӣ мебошад".

Истеъмолкунандаи хизматрасонӣ шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие мебошанд, ки маҳсулоти корхонаҳои хӯроки умумиро барои эҳтиёҷоти шахсӣ (истеъмоли муташаккили хӯрок, ғизо ва таом) истифода мекунад, ки бо фоида гирифтан алоқаманд нест (ниг. ба нақшаи 1).

Шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ метавонанд аз корхонаҳои хӯроки умумӣ ва барои бозфурӯшии минбаъда маҳсулот харанд, дар ҳоле ки ҳамчун фоида дар байни истеҳсолкунанда ва истеъмолгари хизматрасонӣ бо мақсади ба даст овардани фоида амал мекунанд.

Ҳадафи асосии хизматрасонии хӯроки умумӣ истеҳсол, фурӯш, ташкили истеъмоли муташаккили ғизо, истироҳати истеъмолгарони инфиродӣ мебошад.

Дар айни замон, талаботи иҷтимоӣ ва физиологии аҳолӣ қонеъ карда мешавад. Корхонаҳои хӯроки умумӣ манфиатҳои иқтисодии худро бо расонидани хизматрасониҳои аввалия қонеъ мекунанд. Ҳамин тариқ, хизматрасонии корхонаҳои хӯроки умумӣ ба истеъмолкунанда нигаронида шудааст ва барои қонеъ кардани ниёзҳои ӯ пешбинӣ шудааст. Бояд таъкид кард, ки пешниҳоди хизматрасонӣ на танҳо барои истеъмолкунанда, балки барои худи корхона, ҷомеа ва тамоми иқтисоди миллӣ низ муҳим арзёбӣ мешавад.

Баъзе хусусиятҳои хоси хизматрасонии хӯроки умумиро муфассал ва ҳамаҷониба дида мебароем.

Хусусиятҳои ғайримоддӣ. Хизматро то он даме ки истифода намешавад, чашидан, ламс кардан, дидан ва шунидан мумкин нест. Пеш аз он ки истеъмолкунанда ба корхонаи хӯроки умумӣ ташриф меорад, ӯ наметавонад дар бораи масза ва намуди зоҳирии таомҳои пешниҳодшуда, сатҳу сифати хизматрасонӣ ва бо диққат будани кормандони хизматрасонӣ тасаввуроти пурра дошта бошад. Истеъмолкунандаи хизматҳо метавонад танҳо пас аз гирифтани маълумоти мушаххасу саҳеҳ, таассурот, натиҷаву хулосаҳои амиқ дошта бошад.

Барои коҳиш додани номуайяние, ки аз сабаби ғайримоддии хизматрасонӣ ба вуҷуд омадааст, истеъмолкунанда метавонад аз манбаъҳои интернет истифода кунад, аз тақризҳои онҳо, ки аллакай ба ин корхона ташриф овардаанд, мавриди истифода қарор диҳад.

Муносибати муштараки кормандони корхона ва истеъмолкунандаи хизмат хусусияти фарқкунандаи хизматрасонӣ дар шабакаҳои хӯроки умумӣ мебошад. Дар аксари ҳолатҳо, пешниҳоди хизматрасонӣ ҳузури миёнаравҳо ва гирандаи хизматро талаб мекунад.

Ҷудонопазирии хизматрасонӣ маънои онро дорад, ки истеъмолгарон низ ба он дохил мешаванд. Ин ба зиммаи онҳо уҳдадории донистани шароити расонидани хизматрасониро мегузорад. Ба ибораи дигар, аксарияти хизматрасониҳоро барои истифодаи оянда нигоҳ доштан мумкин нест ва ҳангоми иҷрои онҳо муштарӣ бояд ҳузур дошта бошад. Ҳамин тавр, риояи истеъмолӣ таомҳо, агар истеъмолкунанда дар сари миз бошад, имконпазир аст.

Бо тамоми намудҳои гуногуни хизматрасонии корхонаҳои хӯроки умумӣ, онҳо илова бар хосиятҳои хос, инчунин қисмати асосии хизматҳоро доранд (нақшаи2).



Нақшаи. 1. Алоқамандии мафҳумҳои, муайянкунандаи таркиби хизматрасонии хӯроки умумӣ



Нақшаи 2. Хусусиятҳои хизматрасонии хӯроки умумӣ

Хизматрасониҳо дар бештари ҳолатҳо бо тағйирёбӣ тавсиф мешаванд, яъне сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда аз салоҳияти онҳо вобаста аст, ки онҳоро кӣ ва дар кадом шароит пешниҳод мекунад. Хизматрасонӣ метавонад аз ҷиҳати сифат устувор бошад, аммо дар раванди хизматрасонӣ ба ин устуворӣ метавонад халал ворид шавад. Хизматрасониҳои гуногун аз ҷониби объект ё субъект бо хусусиятҳои хизматрасонӣ дар баъзе вақтҳо вобаста карда мешавад.

Бо мурури замон кори пешхизмат метавонад зиёд ё кам шавад, воситаҳои техникӣ метавонанд фарсуда шаванд ё такмил дода шаванд (навсозӣ шаванд). Сабабҳои тағйирёбӣ метавонад мураккабии назорат бошад, зеро хизматрасонӣ ҳамзамон пешниҳод ва қабул карда мешавад; вазъи саломатии миёнарави хизматрасон; шароите, ки дар он хизмат расонида мешавад ва ғайра.

Ғайр аз он, вобаста аз омили субъективӣ, хизматрасонии харидории истеъмолкунанда имрӯз барои ӯ ғайриқаноатбахш менамояд ва фардо (масалан, дар зери таъсири ҳамшарикон) ин ақида метавонад тағйир ёбад. Сифати хизмати расонидашуда бештар аз ҳолати равонию ҳаяҷонии шахс, сатҳи тахассус ва кайфияти ӯ вобаста мебошад.

Шартҳои пешниҳоди хизматро омода кардан мумкин аст, аммо худи хизмат дар лаҳзаи оғоз пайдо мешавад ва дар лаҳзаи қатъ шудани он ба анҷом мерасад. Дар робита ба ин, корхонаҳои хӯроки умумӣ саъй мекунанд, ки аз хизамати номатлуб хешро суғурта кунанд. Масалан, тарабхона ва бар барои фармоиш мизро талаб мекунанд ва онро барнамегардонанд, ҳатто агар муштариён аз қайду истифода нагузашта бошанд ҳам.

Ба ғайр аз ин, баъзе аз хизматрасониҳо кӯшиши стандартониро рад мекунанд.

Хизматрасониҳои соҳаи хӯроки умумӣ ба навъҳои зерин мутобиқи стандартҳои миллӣ, чунин тақсим карда мешаванд (нақшаи 3).

Дигар хизматҳои хӯроки умумӣ табиатан хеле гуногунанд ва онҳо иборатанд аз:

• фармоиши ҷойҳо дар толори истеъмоли таоми корхонаҳои хӯроки умумӣ бо фармони истеъмолгарон;

• пешниҳоди купонҳо барои фурӯши таомҳо (субҳона, нисфирӯзӣ, шомона ва ғ.);

• хизматрасонии ошпаз, қаннод ва пешхизматҳо дар хона;

• хизматрасонии пешхизмат, барменҳо дар хона;

• кирояи матоъҳои расмию ширкатӣ, зарфҳо, ғизо ё хӯроку таом, таҷҳизоти ошхона ва сайёр (бо зуддӣ);

• фурӯши гулҳо, тӯҳфаҳо ва ғизоҳои ба он пайванду алоқаманд;

• таъмин намудани атру мушку хушбӯиҳо, маҳсулоти риоякунандаи гигиении шахсӣ, лавозимот барои тоза кардани либос, пойафзол ва ғайра;

• бастабандии маҳсулоти истеҳсоли худии хӯроки умумӣ, ки пас аз хизматрасонӣ боқӣ мондааст, барои истеъмолгарон;

• бастабандии маҳсулоти истеҳсоли худии хӯроки умумӣ, ки аз корхонаҳои соҳа харида шудааст;

• таъмини иртиботии истеъмолгарон бо алоқаи телефонӣ ва факс дар корхона;

• таъмини пайвастшавӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет;

• фароҳам овардани шароит барои истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва компютерҳои фардии сайёр (ноутбукҳо);

• нигоҳдории кафолатноки моликияти шахсии истеъмолгарон (либосҳои болопӯш, халтаҳо, молу мулки онҳо ва ғ.);

• бо дархости истеъмолгарон даъват намудани таксӣ;

• таъмини таваққуфгоҳи муташаккили муҳофизатӣ барои мошинҳои муштариён дар ҳудуди корхона;

• ташкили самараноку суръатноки расонидани маҳсулоти истеҳсоли худии хӯроки умумӣ.

Сарфи назар аз доираи васеи хизматрасониҳои хӯроки умумӣ, ки стандарти давлатӣ пешниҳод мекунад, инчунин он метавонад вобаста ба намуди корхонаҳо, сатҳи дараҷанокӣ, тахассуснокӣ ва хусусиятҳои муштариёни он илова ва васеъ карда шавад.

Хизматрасонии хӯроки умумӣ ба меҳмонон гуногун аст. Барои идоракунии самаранок ва баланд бардоштани самаранокии хизматҳо, онҳо бояд тасниф карда шаванд. Гурӯҳбандии хизматҳои корхонаҳои хӯроки умумӣ аз тақсимоти онҳо ба гурӯҳҳое иборат аст, ки бо хусусиятҳои умумитарин хос мебошанд, ки шакли ташаккули онҳоро ҳамчун як падидаи нави иқтисодӣ дар замони рақамикунонии иқтисод, ҷойгоҳи ҳар як намуди хизматрасонӣ дар маҷмуъ ва тамоюлҳои рушдро муайян мекунанд (ниг. ба нақшаи 4). Таснифоти пешниҳодшудаи хизматрасонии хӯроки умумӣ ба истифодаи равишҳои мухталиф барои сифатнок ва нишон додани хусусиятҳои муҳим бо дарназардошти талаботи муосир ба хизматҳо.

Дар бисёр соҳаҳои хизматрасонӣ, хосиятҳои истеҳсолӣ ва технологии бо сифат алоқаманд бо як қатор хизматҳое, ки аз ҷиҳати паҳноӣ ва тафсилот яксон нестанд, ва истифодаи таҷҳизот ва маводҳои гуногун вобастагӣ доранд.


Хизматрасониҳои хӯроки умумӣ
Хизматрасонӣ оид ба фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ
Хизматрасо-ниҳои ғизоӣ
Хизматрасонӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯроки умумӣ
Хадамот оид ба ташкили истеъмоли маҳсулоти хӯроки умумӣ ва хизматрасонӣ
Фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ ва молҳои харидашуда берун аз корхона, аз он ҷумла дар корхонаҳои гуногуни то коркарди маҳсулоти хӯроки умумӣ, қаҳвахонаи кӯдакона, филиалҳо, мағозаи кулинарӣ ва шуъбаҳои он
Фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ ва молҳои харидашуда аз толори корхонаи хӯроки умумӣ барои таҳвил содиршуда
Фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ ва молҳои харидашуда тавассути мизи фармоишӣ, буфетҳо, равзанаи пешниҳоди ғизоҳо ва ғ.
Фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ ва молҳои харидашуда дар шабакаҳои хурди чаканафурӯшии худӣ (киоскҳо, хаймаҳо, павилионҳо,воситаҳои тиҷоратии сайёр ва ғ.)
Фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ ва молҳои харидашуда тавассути шабакаҳои савдои чакана
Комплекси маҷмуи маҳсулоти хӯроки умумӣ ва молҳои харидашуда ҳамчун тӯшаи рох, аз ҷумла барои сайёҳон, барои мустақилона пухтани маҳсулоти ғизоӣ
Ташкили истеъмоли ғизо ва хизматрасониҳо дар чорабиниҳои гуногун (банкетҳо, воҳӯриҳои корпоративӣ, ...) аз он ҷумла кейтеринг
Ташкили истеъмоли ғизо ва хизматрасонии мизоҷон дар мавзеъҳои истироҳатӣ, чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, варзишӣ ва ғ.
Ташкили истеъмоли ғизо дар самти роҳи нақлиёти мусофиркашонӣ, роҳи оҳан, дарёӣ ва ҳавоӣ
Бурда расонидани маҳсулоти хӯроки умумӣ мувофиқи фармоиши корхонаҳои саноатӣ, хизматрасонӣ дар ҳуҷраҳои меҳмонхонаҳо ва дигар маконҳои ҷойгиршавӣ (рум-сервис)
Дигар хизматрасониҳои хӯроки умумӣ
Ташкили истеъмоли ғизо ва ташкили истеъмоли маҳсулоти хӯроки умумӣ ва хизматрасонӣ
Ташкили истеъмоли нӯшокиҳои алкоголӣ ва ғайралкоголӣ дар ҷойҳои хизматрасонӣ, ҳамзамон тайёр кардани коктейлҳо ва шарбатҳои тозачафида ва дигар нӯшокишои истеҳсоли худӣ
Ташкили истеъмоли ғизои ратсионалии комплексӣ барои муайян намудани шумораи зарурии истеъмолгарон
Расонидани маҳсулоти хӯроки умумӣ ва хизматрасонии истеъмолгарон дар ҷойҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматӣ
Хизматрасонӣ оид ба ташкили фароғат, аз он ҷумла шавқовар
Хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ (консалтингӣ)
Ташкили хизматрасониҳои мусиқидор ва шавқангез (аниматсионналӣ)
Ба истеъмолгарон пешниҳод намудани фароғати шавқовар бо ташкили намоишҳои телевизионӣ
Ташкили гузаронидани консертҳо, барномаи варете, барномаҳои видиоӣ ва ғ.
Хизматрасонӣ барои ташкили раванди тамокукашӣ (калян, сигар, сигарет, гӯгирд, зажигалка, хокистаргирак)
Ба истеъмолгарон пешниҳод намудани бозиҳои варзишии рӯйимизӣ, бозиҳои автоматӣ, аз ҷумла бачаҳои хурдсол дар ҳуҷраҳои бозиҳои кӯдакона
Ташкили ҳуҷраи бозиҳои бачагона барои кӯдакони хурдсол
Ба истеъмолгарон пешкаш намудани маводҳои чопӣ (рӯзнома ва маҷаллаҳо)
Машаварати мутахассисон оид ба интихоби тамоку ва маҳсулоти коркарди он
Машаварати мутахассисон оид ба интихоби шароб ва маҳсулоти алкоголӣ
Машаварати мутахассисон оид ба ташкили ғизои парҳезӣ барои гурӯҳҳои бемориҳои мухталиф
Машаварати мута-хассисон оид ба тайёр, истеҳсол, пешкаш намудани маҳсулоти хӯроки умумӣ ва зебу оро додани мизу курсиҳо
Ташкили курсҳои омӯзишии касбу ҳунарҳои таббохӣ
Тренингҳои ҳайати кормандони хӯроки умумӣ
Ташкили намоишгоҳи индустрияи ғизо ва ширкат дар намоишгоҳҳо
Расонидани маҳсулоти хӯроки умумӣ мувофиқи фармоиши истеъмолгарон, аз ҷумла барои идора, ҷойҳои корӣ ва хонаҳо
Расонидани маҳсулоти хӯроки умумӣ ба мағоза ва шуъбаҳои кулинарӣ, ба корхонаҳои савдои чакана ва шабакаҳои чаканафурӯшии хурд
Расонидани маҳсулоти хӯроки умумӣ дар нақлиёти роҳи оҳан, обӣ ва ҳавоӣ барои истеъмоли ғизо ҳангоми сафарҳо

Нақшаи 3. Намудҳои хизматрасонии хӯроки умумӣ



Нақшаи 4. Таснифи хизматрасонии хӯроки умумӣ

Корхонаҳои хӯроки умумӣ тибқи принсипҳое амал мекунанд, ки қонун барои фаъолиятҳои корхонаҳои дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ пешбинӣ намудааст. Мақсад ва вазифаҳои асосии корхонаҳои хӯроки умумӣ аз ташкили истеҳсоли зарурии маҳсулотҳои кулинарӣ, ордӣ, қаннодӣ, нонӣ, фурӯши маҳсулотҳои истеҳсоли худӣ, харидашуда ва ташкили истеъмолоти дастаҷамъонаи истеъмолгарони ватанию хориҷӣ маҳсуб меёбад [4, с. 95].

Тавассути гуфтаҳои боло қайд кардан бамаврид аст, ки сатҳи нобаробари сифат, инчунин имкониятҳои гуногуни пардохти истеъмолкунандагон барои хизматрасониҳои сатҳҳои гуногун ба назар мерасанд. Ин ҷиҳати сифат дар хӯроки умумӣ, дар дастрас будани тарабхонаҳои сатҳи дараҷанокиашон гуногун: боҳашамат (люкс), олӣ, якум ва ғ. инъикос мешавад. Нархи хизматрасонӣ дар ҳама ҳолат гуногун хоҳад буд. Бо вуҷуди ин, бояд махсус қайд бояд кард, ки сифати амалиётҳо дар ҳар як мавридҳои хизматрасонӣ бояд беҳтарин ва ҷавобгӯи сатҳи муайяни стандартҳо дар шароити рақамикунонӣ ва иқтисоду тиҷорат бошад.

Адабиёт

1. ГОСТ 30523-97 Хизматрасонии хӯроки умумӣ. Талаботи умумӣ.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.329; с. 2011, №6, мод. 439)

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” аз 23.12.2021 № 1827 ва тағйиру иловаҳо аз 08.06.2022 № 1882

4. Ҷамшедова С.М., Ҳабибова С.С. Моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоси корхонаҳои хӯроки умумӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/1(38) Душанбе, 2021, С.94-98.

Джамшедова Савринисо Махмадназаровна - ассистент кафедры экономика и организации бизнеса Таджикского государственного университета коммерции 734055, Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Деҳоти ½; тел.: 93 569 22 20; e-mail: Savri @mail.ru

Мирзоалиев Ё.А.

БЮДЖЕТИРОВАНИЕ: ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ, ПРИНЦИПЫ И МЕСТО В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ УЧЕБНЫМ ЗАВЕДЕНИЕМ

Мирзоалиев Ё.А.

BUDGETING: HISTORY OF ORIGIN, PRINCIPLES AND PLACE IN THE MANAGEMENT SYSTEM OF AN EDUCATIONAL INSTITUTION

Mirzoaliev Y.A.

БУҶЕТСОЗӢ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ, ПРИНСИПҲО ВА МАҚОМИ ОН ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

Исследование посвящено рассмотрению исторических предпосылок возникновения бюджетирования, установлению основополагающих принципов и его роли в управлении экономическими субъектами. Особое внимание уделено вопросам формирования системы бюджетирования доходов и расходов учебных заведений. Также установлено важность автоматизации процесса бюджетирования и контроля за его исполнением.
Ключевые слова: бюджет, бюджетирование, доходы, расходы, учебные заведения, денежные потоки, программирование, планирование, стратегическое планирование.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

The study is devoted to the consideration of the historical prerequisites for the emergence of budgeting, the establishment of fundamental principles and its role in the management of economic entities. Particular attention is paid to the formation of a budgeting system for income and expenses of educational institutions. The importance of automating the budgeting process and monitoring its implementation has also been established.
Key words: budget, budgeting, income, expenses, educational institutions, cash flows, programming, planning, strategic planning.

Таҳқиқот ба баррасии заминаҳои таърихии пайдоиши буҷетсозӣ, муқаррар намудани принсипҳои бунёдӣ ва нақши он дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ бахшида шудааст. Ба ташаккули низоми буҷети даромад ва хароҷоти муассисаҳои таълимӣ диққати махсус дода мешавад. Ахамияти автоматӣ кунондани процесси бючет ва назорати ичрои он низ мукаррар карда шудааст.
Калидвожаҳо: буҷет, буҷет, даромад, хароҷот, муассисаҳои таълимӣ, селаҳои пулӣ, барномасозӣ, банақшагирӣ, банақшагирии стратегӣ.

Организация действенной системы управления на уровне учреждения предполагает внедрение и использование современных технологий управленческого планирования, в т.ч. бюджетирование. В условиях неопределенности внешней и внутренней экономической среды эффективным методом управления доходами и расходами образовательных учреждений и инструментом, направленным на достижение конечных целей деятельности, является бюджетирование.

Трансформационные изменения в системе экономических отношений и существенное влияние внешней экономической среды на функционирование учебных заведений требуют поиска новых методов управления ресурсами учреждения в частности, на основе изучения генезиса, принципов и значения бюджетирования в системе управления экономическим субъектом. Это позволит в дальнейшем определить теоретические аспекты учетного обеспечения процесса

бюджетирования и раскрыть особенности формирования интегрированной системы бюджетирования с учетом рисков.

Интеграция аналитических систем, учета как в единую составляющую процесса бюджетирования эволюционировала путём длительного периода. Предпочтение отдавалось прогнозированию будущих качественных характеристик как основной стратегии. Фактическая имеющаяся аналитическая информация формировалась без относительно нормативных показателей в совокупности с учетными, соответствующие показатели не были предметом бухгалтерского документирования. В некоторых случаях фактическая аналитика все же сопоставлялась с установившимися принципиальными показателями. Наблюдается доминантное значение определения конечных показателей по результатам деятельности и достигнутого результата. Можно также прийти к выводу, что ведение сметной документации также имело место, что в свою очередь предполагало заложение в них определенных устоявшихся показателей расходов и соответствующего планирования.

Бюджетирование имело достаточно важное развитие и распространялось среди разного рода институтов в планировании деятельности и формировании прогнозируемых планов по доходам и расходам. Попытки внедрять определенные меры по прогнозированию собственной затратной части процессов свидетельствуют о стремлении к началу определенных аналитических систем, смет, которые могли бы оптимизировать деятельность.

В средние века наблюдается усиленное внимание к планированию и формированию бюджетирования. Наблюдалось стремление к прогнозированию расходов и планированию капиталовложений в целом. Желание возможно более информативного и не сложного по своей сути способа документирования и формирования бюджетов. Это в свою очередь также порождало необходимость формирования будущих бюджетов на определенный период, как, например, это происходит сейчас; создаются бюджеты на будущие периоды, обычно на год. Такая деятельность была призвана усложнением хозяйственных процессов и ограниченностью необходимых ресурсов, необходимостью эффективного их использования, формирование понимания основ камеральной бухгалтерии.

Набирало значение использование в бухгалтерских подходах сопоставление прогнозируемых показателей расходования ресурсов с фактическими реальными показателями в конце отчетного учетного периода. Индикативными показателями в этом можно считать фиксирование ответственными хозяйственными единицами расходных и доходных позиций плана расходов и его выполнения после отображения его качественных и количественных показателей по результатам деятельности. Формирование соответствующих аналитических данных и обоснований выполнения таких планов, составление периодической отчетности, которое представляет собой аналитический анализ и характеристики проведенной бюджетной политики.

Среди подходов к систематизации бюджетных процессов на этапе их эволюции существовали подходы к выделению определенных позиций бюджета и, как следствие, определение определенной взаимозависимости бюджетной системы в целом. Под влиянием такого бюджетного формирования основывались современные представления о бюджетировании и науке бухгалтерского учета в целом.

Проф. В.Б. Ивашкевич [3] утверждает, что «бюджетирование как система имеет глубокие исторические корни». Возникновение бюджетирования ученые связывают с появлением камеральной бухгалтерии, возникшей в Западной Европе и означавшей «совокупность учетных приемов того времени», поскольку учет велся «в камерах» (с лат. «комната»). Камеральный учет прошел три этапа своего развития:

Основной составляющей подходов того времени к камеральной бухгалтерии можно отметить то, что доминантным было сосредоточение на планировании и учете доходной и расходной частей бюджета. Позже сформировались подходы и видения относительно введения составляющей контроля плана расходов, их классификации по видам и направлениям, формирование соответствующих статей бюджета. То есть, процесс развития бухгалтерской науки на определенном этапе порождал необходимость не только получения аналитических информационных показателей, но и способов контроля расходов. В основе бюджета и учета его выполнения лежали 4 принципа: аналитичность – регистрация только четко установленных прав и обязательств, оформленных договорами; специализация – обособленное планирование и учет каждого вида доходов и расходов; полнота – отражение в бюджете и учете доходов и расходов общей суммой; единство – необходимость объединения всех доходов и расходов в единый бюд-

жет[8]. Ученый И. Шротт[5] видел в бюджете средство контроля над действиями руководителей и способ предупреждения возможных ошибок.

На более поздних этапах можно уже проследить попытки внедрения контроля ответственного круга лиц и подготовленной ими отчетной аналитической информации. Объектом контроля выступали не внутриорганизационные процессы и фактическая эффективность использования ресурсной базы, а проведение аналитической работы в направлении корректности расчетов и верности стратегических направлений деятельности.

Содержание последнего заключалось в установлении определенных нормативных значений деятельности учреждения и их заблаговременном отражении на счетах бухгалтерского учета. Фиксирование завершенных действий могли изменяться на основании установленных нормативных значений или другими словами – нормативов, фиксированные показатели в свою очередь содержали кроме фактических показателей и анализ состояния соблюдения нормативных значений.

Однако камеральный учет подвергался критике, прежде всего, потому, что бюджет и основанный на нем учет нельзя считать действенным инструментом контроля, ведь факты хозяйственной жизни постоянно меняются качественно, а их количество постоянно растет, что не позволяет следить за развитием хозяйственных процессов и их сущностью. Кроме того, временная ограниченность камерального учета препятствовала долгосрочному финансовому планированию, а учет исполнения бюджета не позволял получать данные об имущественном положении учреждения. Особый вклад в развитие идеи бюджетирования внес Л.И. Гомберг, считающийся создателем экономологии, предметом которой определялась хозяйственная деятельность учреждения. Ученый рассматривал бюджет как инструмент планирования, увязывая его с хозяйственными расчетами. В основе ведения бухгалтерского учета Л.И. Гомберг выделял причинно-следственные связи, а контроль трактовал как процесс установления соответствия хозяйственной деятельности цели функционирования учреждения, признавая только предварительный и последующий контроль [9].

Наибольшее развитие система бюджетирования приобрела в странах с развитой рыночной экономикой. Обусловленный объективными факторами заключения структуры экономических процессов, развитие информационных технологий, подходов, модификацией систем обработки информации, процесс эволюции бюджетирования также подвергался коррекции на соответствующих этапах его становления вместе с модернизацией всех факторов в совокупности.

Развитие и становление бюджетирования является результатом усложнения хозяйственной деятельности и появления многокомпонентных факторов, которые формируют себестоимость конечной продукции, а также усложнение конъюнктуры внешних и внутренних рынков. Это, в свою очередь, приводило к усилению конкуренции и повышению роли бюджетирования, как необходимой составляющей оптимизации расходов и повышению конкурентоспособности.

Эволюция бухгалтерского учета и появление новых компонентов стало толчком к началу первичных элементов бюджетирования.

Последнее позволяло решать проблемы управления на основе анализа результатов деятельности по центрам ответственности и их ведение базировалось на использовании плановых показателей: показателей плана затрат, существующих положений и устоявшихся факторов. Благодаря этому при планировании и учете имела место определенная имплементация качественных характеристик и экономических эффектов в хозяйственных процессах и наряду с этим оценка эффективности управленческой вертикали. Бухгалтерский учет, аккумулирующий плановые показатели, получил название бюджетного, задачей которого было предоставление информации, характеризующей доходы и убытки, самофинансирование, снабжение, производство, реализацию, деятельность центров ответственности [11, с. 30].

Основными предпосылками появления и развития системы бюджетирования определено появление камерального учета, что способствовало схематическому и контролируемому определению этапов производства и его результатов на основе предварительно составленной сметы и бюджета; появление балансовых теорий (трактование бюджета как инструмента сбалансирования доходов и расходов). Соответственно направления становления и развития бюджетирования демонстрирует рис. 1.

Два ключевых фактора, в частности: 1) формирование новейших теоретических иссле-

Рассмотрены четыре стадии развития системы стратегического управления на предприятии, относительно каждой из которых надо анализировать состояние и динами-ку конкурентной среды. Конкурентный анализ основывается на индивидуальной харак-теристике конкурентов и направлен на определение их конкурентоспособности. В насто-ящее время в практике отечественных предприятий уже находят применение методы стратегического анализа, распространенные в странах с развитой рыночной экономикой. В работе систематизированы конкурентные преимущества, присущие строительству, и дается их содержательная классификация.

Применяя методику Мак-Кинзи, автор приводит показатели привлекательности рынка строительных работ во взаимосвязи с конкурентоспособностью строительного предприятия, а также предлагает использовать экран бизнеса строительного предприятия, в котором уточнены возможные стратегии на рынке строительных работ. С использова-нием рекомендуемой методики анализа автором дана оценка привлекательности рынка жилищного строительства для двух предприятий Ростовской области. Расчеты показали, что конкурентные преимущества имеет предприятие с более высоким техническим, кад-ровым и финансовым потенциалом.

Одновременно автор не рекомендует вести анализ на основе концепции «4 Р» (продукт-рынок), поскольку в традиционной интерпретации данный метод не охватывает все вопросы, актуальные для строительства. В работе рекомендована авторская модель конкурентного анализа «Продукт-рынок» с добавлением существенных для строитель-ства элементов, к которым относит потребительские свойства строительной продукции, ценовые характеристики, параметры рынка строительных работ, возможности послепро-дажного ремонтно-строительного сервиса объектов строительства.

В условиях обострения конкурентной борьбы значительную роль приобретает маркетинговый анализ. Система маркетингового анализа, прежде всего, требует опреде-ления направлений его развития в строительной сфере. Автор сформулировал основные направления маркетингового анализа, его сущность, этапы и критерии сегментации рын-ка строительной продукции. Прежде всего, в работе рассмотрены эвристические методы, основанные на опросах специалистов, проведен анализ потребительских характеристик строительной продукции, выполнен прогноз «максимально возможной стоимости квар-тиры» и «максимально возможной

суммы предполагаемого взноса» за квартиру.

Маркетинговый анализ включает в себя изучение потребительских предпочтений путем сегментации рынка. Для изучения потребительских предпочтений на рынке жи-лищного строительства в работе рекомендованы критерии сегментации строительного рынка.

Для покупателя важна характеристика продукции по различным признакам. Авто-ром дан расчет значимости для потребителя характеристики «Современные архитектур-ный облик и внешний вид застройки». Выявление этих показателей в системе маркетин-гового анализа имеет большое значение для планирования строительства с учетом опре-деленных характеристик, которые отражают предпочтения потребителей. Следовательно, разрабатывая продуктовую стратегию, необходимо маркетинговый анализ направлять на сегментацию рынка по категориям потребителей с выявлением их предпочтений.

Методические и организационные основы функционально-стоимостного анализа к настоящему времени сформировались. Большой вклад в разработку данной проблемы внесли А.Д. Шеремет, Б.И. Майданчик, А.П.Ковалев, М.В. М.В. Мельник, В.И. Петрова. Исследование показало, что практика применения функционально-стоимостного анализа существенно отстает от теории, хотя круг практических задач, которые могут решаться с помощью этого вида анализа, в строительстве, весьма значителен, поскольку в условиях рыночной конкуренции строительных предприятий весьма сложно реализовать затрат-ный механизм ценообразования, необходимо учитывать готовность потребителя оплатить конкретную качественную характеристику строительной продукции. Это обстоятельство открывает новые возможности для применения функционально-стоимостного анализа в строительстве.

В рамках данного исследования методика функционально-стоимостного анализа адаптирована автором к решению научно-практической задачи - установлению наиболее значимых для потребителей характеристик строительной продукции, предложены этапы анализа, выявлены потребительские предпочтения на примере рынка жилищного строи-тельства Ростовской области.

ЛИТЕРАТУРА

1. Владимиров А.В. Экономический анализ деятельности строительного предпри-ятия (Монография).- М: Изд-во «Бухгалтерский учет», 2005.-12,8 п.л.

2. Горлов Д.В. Методология оценки экономического потенциала предприятия на основе стоимостной концепции стратегического управления // Социально-экономические проблемы развития рыночной экономики юга России: Материалы межвузовской научно-практической конференции: - Ростов-н/Д: ЮРГИ, 2007.-0,1 п.л.

3. Ф. Котлер «Маркетинг в третьем тысячелетии» - перевод с английского. ООО «Издательство АСТ», 1999г.

Шамсов Ф.Т. – к.т.н., и.о. доцента кафедры «Информационные системы в экономике» Таджикский Государственный универистет коммерции. Тел: (+992) 909 88 26 69. Email: shamsov.f85@inbox.ru

Орифова Ш.Р. – ст.препод. кафедры «Экономика и управление в строитель-стве» ТТУ имени академика М.С. Осими. Тел: (+992) 902 55 61 20. Email: shahnoza.orifova@mail.ru

Ярматова З.Л. – магистр 2-го курса кафедры «Экономика и управление в строительстве» ТТУ имени академика М.С. Осими. Тел: (+992) 501 19 04 94. Email: zinatlutfulloevna@gmail.com

Раджабова Н.Р.
Гаюрова Р.С.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ УЛУЧШЕНИЯ ОКАЗАНИЯ ТАМОЖЕННЫХ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Radjabova N.R.
Gayurova R.S.

ОСНОВАНИЕ И УСЛОВИЯ ПРИМЕНЕНИЯ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПО ДОГОВОРУ ПОРУЧЕНИЯ

Аннотатсия

В статье рассмотрены некоторые аспекты улучшения оказания таможенных услуг в условиях цифровизации. Особое место уделено проблемам наиболее часто возникающие при прохождении таможенных формальностей. Рассмотрены методы определения таможенной стоимости товаров, применения условий поставки, методам государственного регулирования внешнеторговой деятельности, а также вопросы создания цифровой таможни, положениям применения цифровых технологий и сравнения, существующего мирового и отечественного опыта с целью улучшения оказания таможенных услуг.

Ключевые слова: таможенные услуги, проблемы, таможенная стоимость, условия поставки, цифровая таможня, цифровые технологии

Аннотация

The article discusses some aspects of improving the provision of customs services in the context of digitalization. A special place is given to the problems most frequently encountered during the passage of customs formalities. The methods for determining the customs value of goods, the application of delivery conditions, methods of state regulation of foreign trade activities, as well as the creation of digital customs, the provisions for the use of digital technologies and comparison of existing world and domestic experience in order to improve the provision of customs services are considered.

Annotation

Keywords: customs services, problems, customs value, terms of delivery, digital customs, digital technologies

Анализ показывает, что в процессе оказания таможенных услуг существуют проблемы, наиболее часто возникающие при прохождении таможенных формальностей с учетом требования цифровизации и создания цифровой таможни. Прежде всего, возникают проблемы при определения таможенной стоимости товаров.

Опыт показывает, что таможенная стоимость на ввозимый и вывозимый товар таможенные органы вправе потребовать подтверждения стоимости товара. Под нормальной стоимостью понимается цена аналогичного или непосредственно конкурирующего товара в стране производителя или экспортера при обычном ходе торговли таким товаром. Возможность требования подтверждения стоимости товара закреплена, в частности, в случаях, если отсутствуют данные об экспортной цене товара или возникли сомнения в отношении сведений о ней, либо если имеются основания предполагать наличие ограничительной деловой практики в форме сговора в отношении экспортной цены товара, экспортная цена товара может быть определена согласно закона, на основе всей имеющейся информации.

Важно заметить, что стоимость товара по контракту, паспорту сделки и банковское подтверждение о валютном переводе по контракту могут оказаться недостаточными аргументами для подтверждения таможенной стоимости товара. Однако существует множество естественных рыночных факторов, обуславливающих цену товара ниже мировых среднестатистических цен или цен в стране производителями экспортера. Такими факторами могут быть более низкая конкурентная цена от производителя, предоставляемые скидки торговой фирмой-продавцом, производителем или субконтрактором (субподрядчиком), конкретной конфигурацией технологической системы и многие другие. Вместе с тем, данные аргументы могут быть недостаточными, и в этом случае можно предложить следующие варианты действий в разрешении спора по поводу цены:

1. Подтвердить цену можно факсовой копией экспортной декларации от продавца. При этом необходимо попросить продавца предоставить факсовую копию экспортной деклара-

ции из страны продавца. Стоимость, указанная в данной грузовой таможенной декларации, является дополнительным подтверждением стоимости товара.

2. Предоставить от продавца и покупателя письма, подтверждающие данную стоимость товара.

3. Направить письмо-запрос в таможенный отдел валютного контроля для подтверждения соответствия цены среднемировым ценам на данный товар.

4. Особенности коммерческих условий поставки товаров в Республике Таджикистан.

В основном условия поставки товаров, предусмотрены Международных правилах толкования торговых терминов - Инкотермс 2020. Условия Инкотермс в Таджикистане имеет свою специфику.

Поставка товаров на условиях DDP по контракту является условием с повышенным риском для продавца. Данный риск вызван относительно сложным, с точки зрения иностранных компаний, процессом прохождения таможенных процедур в Таджикистане и тем, что трудно точно определить размер таможенных платежей заранее, до заключения контракта или до момента прохождения таможенной очистки ввиду относительно частых изменений в ставках ввозных (импортных) таможенных пошлин и ввиду того факта, что коды ТН ВЭД и соответственно, ставки ввозной пошлины для высокотехнологичного оборудования могут быть окончательно подтверждены только при прохождении импортной таможенной очистки.

Данный риск поставки берут на себя те продавцы, которые осуществляют поставку оборудования для проектов «под ключ», предполагающих поставку, монтаж и пуск оборудования в эксплуатацию продавцом, или же по контрактам, заключенным со своей дочерней компанией.

Однако условия поставки DDP, или так называемые условия «от двери до двери», часто используются для некоммерческих поставок, так как в этом случае влияния вышеуказанных факторов незначительны.

Условия EXW также приводят к большим затруднениям, так как покупатель-нерезидент обязан на свой страх и риск и за свой счет получить экспортные лицензии, разрешения, а также осуществить прохождение экспортных таможенных формальностей в стране продавца.

Напротив, дистрибьюторы (резиденты Таджикистана) стремятся заключать контракты на закупку товара на условиях FCA, FOB с целью уменьшения расходов на перевозку.

При это важно выделить порядок определения таможенной стоимости товара и эффективно его использовать.

Таможенная стоимость товара необходима для определения таможенных платежей или иных таможенных целей. Порядок определения таможенной стоимости товаров, ввозимых на территорию Таджикbстана юридическими или физическими лицами, утвержден Постановлениями Правительства Таджикистана. Данный порядок определения приведен в соответствии с общими принципами системы таможенной оценки Генерального соглашения о Тарифах и Торговле.

Определение таможенной стоимости производится путем последовательного применения следующих методов оценки: «по цене сделки с ввозимыми товарами; по цене сделки с идентичными товарами; по цене сделки с однородными товарами; вычитания стоимости; сложения стоимости; резервный метод» [1].

Основным методом определения таможенной стоимости является оценка по цене сделки с ввозимыми товарами. В качестве базы для определения таможенной стоимости принимается цена сделки непосредственно с ввозимыми товарами, подлежащими оценке. Под ценой сделки понимается как цена, фактически уплаченная, так и цена, подлежащая уплате за возимые товары. При использовании цены сделки для определения таможенной стоимости в нее включаются следующие расходы, если они не были ранее включены: «расходы на транспортировку ввозимых товаров до места их таможенного оформления, в том числе расходы по погрузке, выгрузке, перегрузке и складированию товаров; на страхование; расходы по выплате комиссионных и иных посреднических вознаграждений; стоимость контейнеров в случаях, если в соответствии с Товарной номенклатурой внешнеэкономической деятельности они рассматриваются как единое целое с оцениваемыми товарами;, а также стоимость упаковки, включая стоимость упаковочных материалов и работ по упаковке и другие» [1].

В основном таможенная стоимость вывозимых товаров определяется в основном на основе цены сделки с вывозимыми товарами и декларируется таможенным органом при перемещении товара через таможенную границу Таджикистана.

С другой стороны, важным считаем рассмотрению методов государственного регулирования внешнеторговой деятельности. При этом ограничения в экспорте и импорте приводят к тому, что экономическая система как динамическая система теряет те степени экономической свободы, которые могли бы положительно влиять на ее эволюцию и взаимодействие с мировой экономической системой. Также, ограничения в экспорте и импорте неминуемы в современных условиях, необходимости обеспечения экономической безопасности и национальных интересов, что требует поиска компромисса между вынужденными ограничениями и объективными эволюционными законами.

Таможенно-тарифное регулирование посредством установления импортных и экспортных таможенных пошлин, утверждается постановлениями Правительства и затем соответствующими приказами Таможенной службы при Правительстве Таджикистана.

Нетарифное регулирование, то есть количественные ограничения экспорта и импорта могут вводиться в исключительных случаях Правительством Таджикистана в целях: всемерного обеспечения безопасности республики; строгого выполнения международных обязательств республики с учетом состояния на внутреннем товарном рынке и обеспечения защиту внутреннего рынка Таджикистана.

Анализ показывает, что финансовые потоки, связанные с товарными потоками во ВЭД, подлежат контролированию. В связи с укреплением государственного валютного контроля импортер обязан обеспечить ввоз в Таджикистан товара, эквивалентного по стоимости уплаченным за него денежным средствам в иностранной валюте, а в случае недопоставки товара - возврат указанных средств, ранее переведенных по импортному контракту иностранной стороне в сроки, установленные контрактом, но не позднее 90 дней.

Результаты процесса перемещения грузов показывает, что транспортные операторы или перевозчики должны обладать лицензией таможенного перевозчика, что расширяет возможности по оказанию логистических услуг для клиентов. Таможенные перевозчики, должны иметь лицензии Таможенной службы имеющие право осуществлять перевозки грузов под таможенным контролем. При этом важным считается цифровизации транспортных процессов и обобщения результатов таможенной деятельности на основе использования цифровых технологий или перехода к цифровой таможне.

Впервые термин «цифровая таможня» введен Всемирной таможенной организацией в 2016г. и с этого времени таможенные органы активно используют информационных и коммуникационных технологий в целях сбора и обеспечения гарантии уплаты таможенных пошлин, осуществления контроля перемещения товаров, людей, транспортных и денежных средств, а также в целях обеспечения безопасности трансграничной торговли.

Опыт показывает, что таможенные органы внедряют цифровые технологии, которые смогли успешно зарекомендовать себя за рубежом, и были рекомендованы к использованию Всемирной таможенной организаций [2].

Нами выявлено, что однако существуют проблемы по цифровизации при осуществлении таможенной деятельности. В связи с этим приоритетным считаем рассмотрения ключевых положений применения технологий цифровой таможни в Таджикистане и за рубежом.

Таблица 1-Основные положения применения технологий цифровой таможни

Применяемые технологии	**Опыт Таджикистана**	**Опыт зарубежных стран**
Электронное декларирование	-обязательное электронное декларирование (с 2018 года); - наличие проблем, отрицательно влияющих на качество и результативность работы действующих информационных систем	-длительный опыт применения систем электронного декларирования; - создано правовое поле для электронного декларирования товаров.
Предварительное информирование	Механизм «Единого окна» реализован отчасти	Реализация в рамках механизма «Единого окна» в полном объёме
Авторегистрация/ автовыпуск	-применение данных технологий в отношении участников ВЭД	- высокий уровень автоматизации таможенных операций в

	низкой категории риска по двум таможенным процедурам; - наличие дополнительных рисков при осуществлении таможенных процедур и контроля; - необходимо повышение защиты информационных ресурсов участников рынка таможенных услуг	целом; - необходимо повышение защиты информационных ресурсов участников рынка таможенных услуг

Таким образом, сравнительный анализ международной практики в вопросах электронного декларирования, предварительного информирования и авторегистрации / автовыпуска показал, что таможенные органы Республики Таджикистан, несмотря на значительные успехи, определенно отстают от ведущих зарубежных органов. Для сокращения разрыва необходимо не только решать насущные текущие проблемы, но и обеспечить развитие таможенных органов в условиях цифровизации и эффективного использования технологий и инвестиций, а также обучения кадров применением этой технологий.

В целом решения указанных проблем и внедрения цифровой таможни способствует улучшению таможенного обслуживания в условиях цифровизации в Республике Таджикистан.

Литература

1. Комментарии к таможенному кодексу Республики Таджикистан/под ред. генерал майора таможенной службы Н.С.Рахматова.-Душанбе, 2020.-805с.

2. Логинова Н.А. Трансформация экономических отношений в условиях цифровой экономики // Наука Красноярья. 2020. Т.9. №3-2. с.70-79.

Раджабова Н.Р. – к.э.н., доцент кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного университета коммерции. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2, Телефон: +992(37) 234-83-46 +992(37) 234-85-46. Email: mail@ddtt.tj

Гаюрова Р.С - кстарший преподаватель кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного университета коммерции. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2, Телефон: +992(37) 234-83-46 +992(37) 234-85-46. Email: mail@ddtt.tj

Ҳусейнова Ш.З. **ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАНЗИМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ**

Хусейнова Ш.З. **ИСТОРИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ**

Khuseinova Sh.Z. **HISTORICAL ASPECTS OF REGULATION OF THE MARKET ECONOMY**

Аз ҷониби давлат танзим намудани иқтисод яке аз масъалаҳои муҳим ҳисоб мешавад. Оиди зарурати дахолати давлат ба соҳаҳои иқтисод дар марҳалаҳои гуногуни ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ ғояҳои гуногун мавҷуд буданд. Ҳар кадоми аз ин ақидаҳо дорои паҳлӯҳои мусбию манфӣ буд. Дар охири асри XX дар байни иқтисодчиёну муҳаққиқон ҳамфикрии муайяне оиди нақш ва мавқеи давлат дар иқтисодиёти бозаргонии муосир ба вуҷуд омад.
Калидвожаҳо: танзими давлатӣ, рушди иқтисод, иқтисод, иқтисоди миллӣ, мактабҳои иқтисодӣ, протексионизм, сиёсати протексионизм, иқтисодиёти иҷтимоӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Регулирование экономики государством считается одним из важных вопросов. На разных этапах становления и развития рыночной экономики существовали разные представления о необходимости государственного вмешательства в экономику. Каждая из этих идей имела положительные и отрицательные стороны. В конце XX века среди экономистов и исследователей сложился определенный консенсус относительно роли и места государства в современной рыночной экономике.
Ключевые слова: государственное регулирование, экономическое развитие, экономика, народное хозяйство, экономические школы, протекционизм, политика протекционизма, социальная экономика.

The regulation of the economy by the state is considered one of the important issues. At different stages of the formation and development of a market economy, there were different ideas about the need for state intervention in the economy. Each of these ideas had positive and negative sides. At the end of the 20th century, a certain consensus emerged among economists and researchers regarding the role and place of the state in a modern market economy.
Key words: state regulation, economic development, economy, national economy, economic schools, protectionism, protectionism policy, social economy.

Муносибат ба зарурати дахолати давлат дар ҳар марҳалаи ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ гуногун арзёбӣ мегардид. Агар дар давраи ташаккули муносибатҳои бозорӣ, яъне асрҳои XVII — XVII зарурати танзими давлатии иқтисод эътироф гардида бошад, пас дар охири асри XVIII дахолати давлатро ҳамчун монеае медонистанд, ки ба инкишофи муносибатҳои бозорӣ халал мерасонад. Ин ба инкишофи тафаккури иқтисодӣ бетаъсир намонд ва барои пайдоиши консепсияҳои гуногуни танзими иқтисоди бозорӣ замина гузошт[2].

Дар давраи таназзули феодализм ва гузаштан ба капитализм мактаби иқтисодии меркантилизм ба вуҷуд омад. Асоси онро таълимоти иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодии давраи капитализми аввал (асрҳои XV — XVII) ташкил медод[1].

Намояндагони мактаби иқтисодии меркантилизм ҷонибдори сиёсати фаъоли иқтисодии давлатие буданд, ки манфиатҳои капитали тиҷорати (монополияҳои калони тиҷоратӣ) – ро инъикос менамояд ва ба рушди савдову саноати содироткоркунанда мусоидат мекунад.

Ҳадафи асосии сиёсати меркантилистиро сиёсати ба мамлакат ҳарчӣ зиёдтар ҷалб кардани тилло ва нуқра ташкил медод, яъне ҳар қадар пул бештар бошад, давлат хамон дараҷа

бойтар мегардад.

Ду марҳилаи асосии инкишофи меркантилизм вуҷуд дорад:

- марҳилаи ибтидоӣ, ки сиёсати тавозуни пулию қарзиро маънидод мекунад; мақсади он дар мамлакат нигоҳ доштани пул мебошад;

- марҳилаи баъдина, ки дар рафти он сиёсати мувозинати савдо роҳандозӣ мегардид, зиёд кардани захираи тилло ва нуқраро аз ҳисоби гардиши фаъоли савдо (яъне, аз ҳисоби зиёд будани содирот нисбат ба воридот) дар назар дошт[1].

Меркантилизм аввалин мактаби иқтисоди сиёсиест, ки сиёсати давлатии протексионизмро асоснок мекунад.

Сиёсати протексионистӣ аслан бо мақсади хубтар намудани фаъолияти иқтисодӣ дар хоҷагии халқ роҳандозӣ мегардад.

Протексионизм (аз калимаи лотинии “prtotectio” — ҳифз) сиёсати иқтисодии давлати буржуазӣ мебошад, ки мақсади он аз рақобати хориҷӣ ҳифз намудан ва ташаккул додани иқтисодиёти миллӣ иборат аст.

Протексионизм ба сиёсати ҳукумат дахл дорад, ки бо мақсади кӯмак ба саноати ватанӣ воридоти маҳсулотро маҳдуд месозад.

Ҳадафҳои протексионизм:

- ҳифзи саноати ватанӣ аз демпинг;
- ҳифзи соҳаҳои навташаккулёбанда;
- ҳавасмандгардонии афзоиши ММД;
- вокуниш ба амалҳои кишварҳои дигар;
- ҳимоя аз меҳнати хориҷӣ[1].

Байни иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон оиди раванди протексионизм масъалаи баҳсӣ вуҷуд дорад.

Мунаққидон оиди дарозмуддатии раванди протексионизм чунин хулосаҳо доранд:

- аксар вақт ба одамон ва ташкилотҳое, ки он барои муҳофизат пешбинӣ шудаанд, зарар мерасонад;
- афзоиши иктисодиётро суст мекунад;
- таварруми нархҳоро афзоиш медиҳад ва савдои озодро алтернативаи беҳтарин мегардонад.

Тарафдорон оиди раванди протексионизм чунин хулосаҳо доранд:

- метавонад дар ташкили ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар кӯмак расонад;
- ширкатҳои хурд ва навтаъсисро муҳофизат мекунад,
- афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро таъмин менамояд;
- амнияти кишварро таъмин менамояд;
- барои рақобатпазиртар гаштани иқтисоди ватанӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳм мегузорад.

Воситаҳои асосии сиёсати протексионизм инҳо мебошанд:

- нархҳо;
- квотаҳои воридотӣ;
- стандартҳои маҳсулот;
- субсидияҳои давлатӣ.

Дар шароити капитализм протексионизм одатан чун системаи тадбирҳои иқтисодӣ роҳандозӣ мегардад. Давлати буржуазӣ бо мақсади ба капитализми мутараққӣ роҳ кушодан аз хориҷа овардани молро маҳдуд менамояд, чунки онҳо метавонанд дар бозор бо молҳои маҳаллӣ рақобат кунанд. Дар натиҷаи рақобат бозори дохилӣ маҳдуд шуда, фоида ба капитали хориҷӣ метавонад гузарад. Барои пешгирии он давлат овардани молро аз хориҷа манъ мекунад, ё ба онҳо боҷ меандозад. Нархи молҳои боҷандохташуда қимат гашта, бо молҳои маҳаллӣ рақобат карда наметавонад. Протексионизм барои буржуазия, махсусан, дар давраи ташаккули капитализм нақши калон бозид[2].

Дар давраи рушди босуръати капитализм (асри XVIII) ҷои таълимоти иқтисодии меркантилизмро ғояҳои либерализм ишғол карданд. Асосгузорони ин ғояҳо А.Смит ва Д. Рикардо буданд. А. Смит низоми бозорро чун системаи худтанзимкунанда маънидод намудааст. А. Смит қайд намуда буд, ки механизми худтанзимкунӣ, ки ба манфиати шахсӣ ва майлу хоҳиши субъектҳои хоҷагӣ бо гирифтани фоида асоснок гаштааст, рафти пурсамари иқтисодиётро таъмин мекунад. Рушди ҷомеаро қонунҳои иқтисодӣ муайян мекунанд, ки онҳо бояд мисли қонунҳои табиат амал кунанд ва мувозинат дар иқтисодиёт бе дахолати давлат ба

амал меояд. Давлат бояд принсипи бетарафиро риоя кунад, он бояд бо вазифаи нигаҳдории тартибот ва ҳифзи моликияти хусусӣ ва рақобат маҳдуд шавад.

Д. Рикардо принсипи дахолат накардани давлат ба иқтисодиёт, бизнеси хусусӣ ва савдоро ҷонибдорӣ мекард. Вай афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ба мақсад мувофик будани савдои байналхалқиро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кард.

А. Смит, Д. Рикардо ва ҷонибдорони онҳо тақсимнашаванда будани ҳукмронии моликияти хусусӣ ва рақобати озодро асоснок карданд[3].

Ҷ.Сей асосгузор ва намояндаи асосии афкори иқтисодии Фаронса (ибтидои асри 19) буда. «қонуни бозор»-и худро таҳия намуд, ки мувофиқи он худи таклиф талаботро ба вуҷуд меорад. Вале ин ақида аз чиҳати муомилоти пул тасдиқи худро наёфт, чунки ин принсип танҳо оиди савдои бартерӣ дуруст буда метавонад.

Пайравони Ҷ.Сей, ба озодии иқтисодӣ, соҳибкории хусусӣ, ташаббуси хусусӣ ва дахолат накардани давлат ба низоми бозорро афзалият дода, ҷонибдорони самти неоклассикиро ҳимоят менамуданд[3].

Ҷ.Сей ва пайравонаш кӯшиш мекарданд исбот кунанд, ки «қонуни бозор» баробарии талабот ва пешниҳод ва шуғли пуррароро таъмин менамояд. Сатҳи фоизе, ки вобаста ба таносуби пешниҳоди пул ва талабот ба онҳо роҳандозӣ мегардад, худтанзим мекунад ва ҳаҷми пасандозҳову маблағгузориҳоро дар мувозинат нигоҳ медорад, гардиши маблағҳои сарфашудаи сармоягузориро фоиданок мегардонад ва дар маҷмӯъ пеши роҳи бӯҳрони иқтисодиро мегирад.

Вале бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 — 1933 ҳамаи ин ақидаҳои назариявиро рад кард. Маълум гардид, механизми бозор кори устувори иқтисодиёт, мувозинати қавии маҷмӯӣ пешниҳод ва маҷмӯӣ талабот ва раҳоии ҷомеаро аз бӯҳронҳо ва бекорӣ, таъмин карда наметавонад.

Назарияи Ҷ. Кейнс оиди нақши пешбарандаи давлат дар танзими иқтисодиёти миллӣ дар солҳои 30-юми асри XX як табаддулоти ҳақиқатан инқилобӣ дар танзими иқтисодиёти миллӣ гардид. Ҷ.Кейнс давлатро на танҳо чун институти сиёсӣ, балки институти иқтисодие менигошт, ки ба дӯши он вазифаҳои муайяни иқтисодӣ гузошта шудааст[1].

Давлат ҳангоми танзим бояд манфиатҳои миллиро ба назар гирифта, дар асоси онҳо ҳадафҳои рушди иқтисоди миллиро муайян мекард. Ин фарқияти назаррасро дар байни танзими давлатӣ ва механизми бозорӣ ба вуҷуд оварда, афзалиятро ба принсипи танзими максадноки иқтисодиёт во гузошт.

Ҷ. Кейнс принсипи «талаботи самаранок», яъне талаботи пардохтпазирро, ки боиси афзоиши даромади ҳам аҳолӣ ва ҳам фирмаҳо мегардад, ҳамчун принсипи асосӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузориро воситаи асосии рушди талабот, пешниҳод кард. Давлат бо таъсиррасонӣ ба баландшавии дараҷаи шуғли аҳолӣ, паст шудани меъёри қарз, истифодабарии хариди давлатӣ, хароҷотҳои иҷтимоӣ, бояд талаботи умумиро хавасманд гардонад.

Ҷ. Кейнс модели макроиктисодиро рӯи кор овард, ки дар он робитаи функсионалии байни сармоягузорӣ, шуғл, истеъмол ва даромад пешниҳод гардидааст. Дар ин модел нақши давлат барои баландбардории самаранокии маблағгузориҳои асосӣ ниҳоят калон мебошад. Бонки марказӣ бояд меъёри қарзро паст кунад ва барои мӯътадил гузаштани таваррум чорачӯӣ намояд. Таваррум бояд чунин афзоиши мӯътадили нархҳоро таъмин кунад, ки боиси афзоиши маблағгузориҳои асосӣ мегардад. Дар натиҷа ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, ки боиси таъмини шуғли пурра мегардад.

Ҷ. Кейнс дар назарияи худ эффекти мултипликаториро истифода бурд, ки дар натиҷаи як навъ реаксияи занҷир ба амал меояд, вақте ки маблағгузориҳои ибтидоии капиталӣ дар як соҳа зарурати афзоиши истеҳсолоти соҳаҳои омехтаро ба вуҷуд меоранд. Дар умум, вусъати маблағгузорӣ боиси афзоиши шуғли аҳолӣ ва аз ин рӯ даромади ҷамъият ва мутаносибан афзудани талаботи истеъмолкунандагон мегардад.

Ин принсипи нави кейнсчиёнро ҳукуматҳои давлатҳои пешқадами Ғарб баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии худ истифода бурданд. Махсусан, дар соҳаи иҷтимоӣ натиҷаҳои хуб дод, ки дар натиҷа варианти нави иқтисоди бозоргонӣ — иқтисодиёти иҷтимоӣ ба вуҷуд омад.

Хусусиятҳои асосии фарққунандаи иқтисодиёти иҷтимоӣ инҳо мебошанд:

- гуногунандешии шаклҳои моликият;
- зарурати сектори давлатии иктисодиёт;

- бо роҳи тақсимоти даромад қонеъгардонии эҳтиёҷоти афзалиятноки тамоми аҳолӣ;

- мавҷудияти синфи миёна (70 - 80%), ки суботи иҷтимоии ҷомеаро таъмин менамояд.

Аммо, ин версияи иқтисод низ паҳлӯҳои осебпазирӣ дорад. Азнавтақсимкунии даромадҳои субъектҳои хоҷагидорӣ заминаи моддӣ ва манфиатдории истеҳсолкунандагон ва соҳибкоронро суст карда, истифодаи чунин фишангҳое, ба монанди касри буҷаи давлатӣ, ки аз ҳисоби эмиссияи пулӣ пӯшонида мешавад, рушди равандҳои таваррумро афзоиш дода, боиси вазъияти хеле ғайриоддӣ, яъне омезиши рукуди бӯҳронӣ бо таваррум мегардад, ки стагфлятсия номида мешавад.

Ҳамаи ин сабаби дар назарияи танзим бавуҷудоии равияҳои нави зиддикейнсӣ, ки аз тарафи неоконсерваторҳо пешниход шуданд, гардид. Дар натиҷа, се мактаби неоконсерваторҳо муайян шуданд: монетаризм, иқтисоди таъминот ва назарияи интизориҳои оқилона.

Мувофиқи ақидаи монетаристҳо танзими давлатӣ бояд танҳо бо назорати муомилоти пул маҳдуд шавад, чунки пул асоси рушди истеҳсолотро муайян мекунад. Назарияи пешниҳод ба афзоиши маҷмӯӣ пешниҳод, ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи бекорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, нигаронида шудааст. Гипотезае, ки интизориҳои оқилона пешниҳод мекунад, ба интизории тадбирҳои манфиатдоре, ки аз ҷониби ширкатҳо ва хонаводаҳо андешида мешаванд, асос ёфта, сиёсати пулию қарзии ҳукуматро бесамар мегардонанд.

Ғояҳои ҳар се мактаби зикргардида ба зарурати эҳёи худтанзимкунии бозор ва ҳавасмандгардонии соҳибкории хусусӣ асос ёфта буданд.

Дар миёнаҳои солҳои 70-ум дар баъзе кишварҳо (ИМА, Британияи Кабир, Олмон ва ғ.) тавсияҳои назариявии неоконсерваторҳо истифода мешуданд, ки дар онҳо дахолати давлат ба иқтисодиёт хеле кам карда шуд, ки ин баъзе муваффақиятҳои муваққатиро ба вуҷуд овард, ки дар суръатбахшии рушди иқтисодӣ, паст шудани таваррум, кам шудани касри буҷаи давлатӣ зоҳир мегардид.

Вале бӯҳрони ҷаҳонии охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-ум масъалаи интихоби механизми беҳтарин (давлат ё бозор) - роба миён овард. Ин мухолифатро мактаби П.Самюэлсон, яъне мактаби «синтези бузурги неоклассикӣ», ки онро назарияи иқтисоди омехта меноманд, бартараф мекунад. Ин назария танзими давлатӣ ва механизми бозорро ба ҳам мепайвандад ва имкон медиҳад, ки масъалаҳои қонеъкунонии ниёзҳои иҷтимоӣ ва дархостҳои гуногуну зудтағйирёбандаи мураккаб ҳал карда шаванд. Вусъат додани дахолати давлат ё маҳдуд кардани он ба вазъи иқтисодиёт ва рушди он вобаста аст. Роҳандозии ба ҳам пайвастани давлат ва қувваҳои танзимкунандаи бозор мувозинати маҷмӯи талабот ва пешниходи умумиро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки самаранокии иқтисодиёт, адолати иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ ба вуҷуд оварда шавад ва таъсири манфии ҳам бозор ва ҳам давлат бартараф гардад.

Назарияҳои муосири ғарбӣ оид ба нақш ва мавқеи давлат дар иқтисоди бозорӣ байни ду консепсияи ниҳоӣ – неокейнсианӣ ва консепсияи неоклассикӣ қарор доранд ва ҳамаи назарияҳои дигар синтези муайяни ин консепсияи ниҳоиро ифода мекунанд.

Аз ҷумла қайд намудан ҷоиз аст, ки дар охири асри XX дар байни иқтисодчиёну муҳаққиқон ҳамфикрии муайяне, оиди нақш ва мавқеи давлат дар иқтисодиёти бозаргонии муосир, мавҷуд аст. Бешубҳа, муқаррарот оиди зарурати дахолати давлат ба иқтисоди бозорӣ барои таъмини шароити муайяни фаъолият, қабул шудааст. Айни ҳол аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ин ё он модели иқтисоди бозории омехтаро роҳандозӣ ва истифода мебаранд.

АДАБИЁТ

1. Антонова Н.Б. Государственное регулирование национальной экономики: курс лекций Н.Б. Антонова, О.Б. Хорошко. -- Мн.: Акад. Упр. При Президенте Респ. Беларусь, 2009. – 253 с.

2. Лузина Ирина Александровна. Институциональные основы государственного регулирования экономики в условиях трансформации рыночных систем : Дис. д-ра экон. наук : 08.00.01 : СПб., 1999 367 с. РГБ ОД, 71:00-8/226-8

3. Сараев Л. А., Тюкавкин Н. М.. Основы государственного регулирования экономики : учебное пособие / - Самара : Изд-во «Самарский университет», 2014. - 132 с.

Хусейнова Шахло Зариповна – соискатель Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: +992901077761, E-mail: zarifi2308@mail.ru.

Вализода Ш.Ш.

РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҒАЙРИНАҚДӢ: МУШКИЛИҲО ВА ИМКОНИЯТҲО

Вализода Ш.Ш.

РАЗВИТИЕ БЕЗНАЛИЧНОЙ ЭКОНОМИКИ: ПРОБЛЕМЫ И ВОЗМОЖНОСТИ

Valizoda Sh.Sh.

DEVELOPMENT OF CASHLESS ECONOMY: CHALLENGES AND OPPORTUNITIES

Дар мақола нақши пардохтҳои ғайринақдӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ аз рӯи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ нишон дода шудааст. Мушкилиҳои барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ таъсиррасонанда ва имкониятҳои барои рушди ин самт мусоидаткунанда муайян шуда, саҳми пардохтҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ таҳлил гардидааст.
Вожакалима: пардохтҳои ғайринақдӣ, воситаҳои пулӣ, иқтисодиёт, мушкилот, имконият.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье показано значение безналичных расчетов для развития национальных экономики в соответствии с передовым мировым опытом. Выявлены проблемы, влияющие на развитие безналичных расчетов и возможности содействовавщих развитию данного направления, а также проанализированы доля наличных и безналичных расчетов в общем объеме денежних расчетов.
Ключевые слова: безналичные расчеты, денежные средства, экономика, проблемы, возможности.

The article shows the value of non-cash payments for the development of national economies in accordance with advanced world experience. The problems affecting the development of non-cash payments and the possibilities of promoting the development of this direction are identified, and the share analyzed of cash and non-cash payments in the total volume of cash payments.
Keywords: non-cash payments, money, economy, challenges, opportunities.

Зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва пурра аз байн бурдани пардохтҳои нақдӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ имрӯзҳо яке аз масъалаҳои баррасишавандатарин дар низоми молиявии кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Рӯ овардан ба рушду тақвияти низоми пардохтии ғайринақдӣ муҳимтарин ҳадаф ва афзалияти стратегии кишварҳои рушдкарда ва рушдкардаистода мебошад.

Зеро, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз омилҳои инкишофи низоми иқтисодию молиявӣ ба ҳисоб рафта, зиёд гардидани ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ барои таъмини шаффофият, муайян намудани манбаъҳои воқеии молиявӣ, кам намудани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ, бештар шудани захираҳои молиявӣ ва устувории молиявию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Тибқи назарияи иқтисодӣ миқдори пули дар муомилот зарурбуда вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли мол, кор ва хизматрасонӣ танзим карда мешавад, дар ин замина танзими ҳаҷми пул ҳангоми рушди ҳамаҷонибаи низоми пардохтии ғайринақдӣ осон гардида, суръатнокии суръати гардиши пул, муътадилии сатҳи таваррум ва коҳишётии нархи пул ба хуби танзим карда мешавад.

Тибқи ақидаи К.Маркс миқдори пули барои муомилот зарур ҳамчун қонуни иқтисодӣ барои ҳамаи давраҳои истехсолоти молӣ (бозорӣ) муҳим буда, чун таносуби ҳаҷми молҳо ба суръати миёнаи гардиши пул сурат мегирад. Назарияи кунунии миқдори пули барои муомилот зарур буда аз ҷониби назариячиёни бо ном «миқдории пул» Ш. Монтеске, Ҷ. Локк, Д. Юм ва

назариячиёни неоклассикии «миқдории пул» А. Маршалл, И. Фишер ва дигарон таҳлил ва таҳқиқ карда шудааст [3, С. 65].

Тибқи ақидаи И. Фишер «Қобилияти харидории пул» вобаста ба омилҳои зерин муайян карда мешавад:

- Суръати гардиши пул;
- Миқдори пули нақд дар муомилот;
- Нархи миёнаи молҳои истеҳсолшуда;
- Миқдори молҳои истеҳсолшуда;
- Маҷмӯи депозитҳои бонкӣ;
- Суръати гардиши депозиту чекҳо.

Расми 1. Омилҳои муайянкунандаи «Қобилияти харидории пул» тибқи ақидаи И. Фишер

Аз инҷо бармеояд, ки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ба қобилияти харидории пул таъсири мусбӣ мерасонад, зеро дар натиҷаи истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ:

- Суръати гардиши пул меафзояд↑;
- Миқдори пули нақд дар муомилот кам мешавад↓;
- Депозитҳои бонкӣ (нигоҳдори дар суратҳисоб) зиёд мешавад↑;
- Суръати гардиши депозиту чекҳо меафзояд↑;
- Раванди пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ва дар ин замина истеҳсолот зиёд мегардад↑;

Танзими самараноки ҳаҷми пул дар муомилот таъмин мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он ки низоми пардохтии ғайринақдӣ ба таври зарурӣ рушд накардааст, аз 26 253 млн. сомонии нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4=М3+4) дар соли 2020-ум 18 058 млн. сомонӣ ё 68,7 фоизи онро пули нақди берун аз бонкҳо ташкил медиҳад [5].

Дар Шветсия, ки аввалин шуда дар ҷаҳон соли 1661 пулҳои коғазиро ҷорӣ намуд, саҳми амалиётҳои нақдӣ ҳамагӣ 11 фоизро ташкил медиҳад ва тибқи ҳадафу афзалиятҳои стратегӣ ин кишвар дар солҳои наздик саҳми пардохтҳои нақдиро то ба 0,5 фоиз кам мекунад [2, С. 23].



Диаграммаи 1. Таносуби истифодаи пардохтҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ аз ҳаҷми умумии пардохтҳо дар кишварҳои ҷаҳон. (Таҳияи муаллиф аз рӯи сарчашмаҳои интернетӣ)

Вобаста ба пешрафти иқтисодиёт, комёбиҳои илму техника, мунтазам пайдо шудани

воситаҳои нави пардохтҳои ғайринақдӣ ҳаҷми пули нақд ҳамчун воситаи муомилот истифодашаванда кам мешавад. Дар мамлакатҳои тараққикарда, ба монанди ИМА, Британиёи Кабир, Фаронса, Олмон ва ғайра ҳаҷми пули нақд дар ҳаҷми умумии гардиши пулии онҳо хело кам аст, зеро дар ин мамлакатҳо воситаҳои муосири пардохтӣ, аз қабили ба суратҳисоби кормандон, нафақахӯрон гузаронидани музди меҳнат, ба таври ғайринақдӣ додани арзиши молу хизматрасониҳо, бо чеку вексел додани пули молҳои гаронарзиш васеъ истифода мешавад [4, С. 109].

Истифода намудани шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба манфиати иқтисодиёт буда, барои банақшагирии дурусти сарчашмаҳои буҷету маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, шаффоф, камхарҷ ва самаранок намудани муносибатҳои молиявии соҳибкорон, пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани тамоми манбаъҳои даромад ва коҳиш додани иқтисодиёти ғайрирасмӣ замина мегузорад.

Тибқи таҳлилҳо дар давлатҳои мутараққӣ ҳамгоми хариду фурӯши молу хизматрасониҳо ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба таври васеъ истифода мегардад, зеро истифодаи онҳо камхарҷ буда, барои назорат ва андозбандии пурраи амалиётҳо мусоидат мекунад.

Дар дигар кишварҳои ҷаҳон бошад, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми пул ба маротиб кам буда, аз рушд ёфтани бахши бонкӣ дар иқтисодиёти онҳо бо пешниҳоди васеи хизматрасониҳои нави бонкӣ, пурра ҷорӣ гардидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, мавҷуд будани сатҳи баланди эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва татбиқи заминаи асосии иқтисодиёти рақамӣ шаҳодат медиҳад.

Аз ҷумла, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин кишварҳо тайи солҳои охир бо пайваста андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва маҳдуд сохтани истифодаи пули нақд дар муомилот, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми умумии пули миллӣ раванди коҳишёбӣ дорад. Аз ҷумлаи тадбирҳои андешидаи ин кишварҳо инҳоанд:

- пайваста такмил ва таҳким намудани заминаи ҳуқуқӣ ва методологие, ки истифодаи шаклҳои электронии воситаҳои пардохтро ба танзим медарорад;

- барои шахсони воқеӣ ҳаҷман маҳдуд намудани пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ (барои мисол: дар Русия 600 ҳаз. Рубл, дар Белгия ва Фаронса 3000 евро, дар Итолиё 1000 евро, Испания 2500 евро барои резидентон ва 15 000 евро барои ғайрирезидентон, Чехия 350000 крон, Булғория 10 ҳаз. лев, Юнон 1500 евро);

- ҳатмӣ гардонидани интиқоли музди меҳнат, нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо танҳо ба кортҳои бонкӣ [1, С. 12].

Истифодаи васеъи амалиётҳои ғайринақдӣ дар кишварҳои болоқайдгардида аз он гӯвоҳи медиҳад, ки хизматрасониҳои инноватсионии бонкӣ ва инфрасохтори зарурӣ рушд кардааст ва аз рӯи таҳқиқотҳо сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмию рушди иқтисодӣ дар онҳо хубтар ба назар мерасад.

Зиёд будани раванди гирифани пули нақд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳи медиҳад, ки то ба ҳол дар кишвар шароити зарурӣ барои пардохти ғайринақдӣ ба воситаи картаҳои бонкӣ дар ҳама минтақаҳо ва марказҳои савдо фароҳам оварда нашудааст.

Таносуби амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар Тоҷикистон бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ дар соли 2020-ум 91,6 фоиз ба 8,4 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 амалиётҳои ғайринақдӣ 1,5 банди фоизӣ зиёд гардиданд.

Мушкилоти асоси дар самти истифодаи бештари суратҳисобҳои бонкӣ ба воситаҳои муосири пардохтӣ, яъне телефонҳои мобилӣ ва барномаи махсусгардонидашуда, рамзҳои коддор, ин сатҳи пасти шумораи воситаҳои пардохтқабулкунандаю пардохтсупоранда мебошад.

Бояд дар тамоми марказҳои савдо ва хизматрасониҳо воситаҳои пардохтқабулкунандаи ғайринақдӣ мавҷуд бошад, аз ҷумла дар марказҳои савдои бузург ва худр дар назди хонаҳои истиқоматӣ, истироҳатгоҳҳо, нақлиётҳо, духтурхонаҳо, ва ғайраҳо. Ин имкон медиҳад, ки пардохтҳои ғайринақдӣ рушд карда, рақамикунонии иқтисодиёт то андозае таъмин гардад.

Бинобар ин, андешидани чораҳои судманд ҷиҳати фароҳам овардани муҳити беҳтари хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, ҷалби маблағгузориҳо барои беҳтар намудани заминаи инфрасохтрии низоми пардохтӣ, такмили механизми қонунгузорию андозбандӣ ва ҷоннок кардани фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бештар намудани пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии инноватсионӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Дар маҷмӯъ, дар замони муосир истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми

ҳисоббаробаркуниҳо барои соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ афзалияту бартариятҳои зиёд дорад, ки дар расми 2 оварда шудааст.

Ба андешаи мо, ба монеаҳои рушди бештари низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон дохил мешаванд: пеш аз ҳама сатҳи пасти фаҳмиши молиявии аҳолӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, заминаи номукаммали техникию технологии ташкилотҳои бахши савдо ва хизматрасонӣ, фаъолияти ғайримунтазами низоми пардохтии ғайринақдӣ, номукаммалӣ ва баланд будани меъёри андозҳои давлатӣ, нокифоя будани маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҷиҳати амалӣ сохтани барномаҳои махсус барои таъмини фаъолияти мунтазами низоми пардохтии ғайринақдӣ, аз ҷумла зиёд намудани шумораи терминалҳо ва банкоматҳо тибқи тағрибаи дигар давлатҳои пешрафта, набудани имтиёз барои харидани технология ва таҷҳизоти навтарини сатҳи ҷаҳонӣ, номукаммал будани фаъолияти бонкӣ, мавҷудияти пинҳонкорӣ, сатҳи пасти дастрасии молиявӣ ва технологии аҳолӣ, хабардор набудани аҳолӣ аз равандҳои технологии ҷаҳони муосир, фаҳмиши маҳдуди принсипҳои корчаллонӣ, ки дар худ принсипҳои менеҷменти муосир, таҳлили молиявӣ ва маркетингиро инъикос менамояд, сатҳи пасти маҳоратнокӣ ва тағрибаи ночизи соҳибкорон дар соҳаҳои гуногуни тиҷорати имрӯза, нокифоя будани корҳои таблиғу ташвиқотӣ дар ҷодаи манфиати иқтисодию иҷтимоии истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ, дастрас набудани иттилоот оид ба тарзи истифодаи технологияҳои муосир барои пардохтҳои ғайринақдӣ, ҷорӣ нагардидани иқтисодиёти рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва ғ. Афзалиятҳои истифодаи низоми пардохтии ғайринақдӣ дар расми 3 пешниҳод шудааст.



Расми 2. Афзалияту бартариятҳои истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо барои соҳаҳои иқтисодиёт

Расми 3. Афзалиятҳои истифодаи низоми пардохтии ғайринақдӣ

Аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда дар самти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки рушди пардохтҳои ғайринақдиро бо роҳҳои зерин таъмин намудан имконпазир аст, аз ҷумла:

- Татбиқи барномаҳои махсус ҷиҳати муҷҳазгардонии пураи нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ новобаста аз шакли моликият бо техника ва технологияи муосири қабули пардохтҳои ғайринақдӣ;
- Таҳия ва қабули барномаи махсус оид ба баланд бардоштани дастрасии молиявии тамоми қишри ҷомеа ва ҳамчунин баланд бардоштани саводнокию маърифати молиявии онҳо;
- Гузаронидани пурсиши иҷтимоӣ оид ба муайян намудани сатҳи дониш ва малака дар самти истифодаи технологияҳои пардохтӣ, аз ҷумла истифодаи низоми пардохтӣ электронӣ ва мобилӣ;
- Ташкили шароити мусоид, аз ҷумла марҳила ба марҳила ҳатмигардонии истифодаи POC-терминалҳо дар тамоми нуқта ва марказҳои савдою хизматрасонӣ;
- Татбиқи шаклҳои наву замонавии пардохтҳои ғайринақдӣ;
- Такмили заминаи қонунгузорӣ дар самти пурзӯр намудани назорат ва осон намудани воридшавии субъектҳои хизматрасон ба низоми пардохтӣ.

АДАБИЁТ

1. Деньги и кредит – 2/2013, “Наличное денежное обращение: современный этап и перспективы развития”, Г.И.Лунтовский, Первый заместитель Председателя Банка России.
2. Ирина Лаврова, Юлия Глуховская- Эволюция платежей: что заставляет людей отказываться от наличных- https://plus.rbc.ru/.
3. Сивульский Н.И. Деньги и законы их развития при социализме. Львов: Вища шк., 1987. 157 с.
4. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз.- ш. Душанбе: «ЭР-граф», 2009, 450с-саҳ-109

Вализода Шавқат Шаробудин - унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ номзади илмҳои иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ 44, телефон. 985844359, e–mail: shavkat-2003@mail.ru

Раҳматова К.Н.

РОҲҲОИ БЕҲТАР КАРДАНИ АМАЛИЁТҲОИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ БО КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

Рахматова К.Н.

ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ОПЕРАЦИЙ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ С ЦЕННЫМИ БУМАГАМИ: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

Rakhmatova K.N.

WAYS TO IMPROVE THE OPERATIONS OF COMMERCIAL BANKS WITH SECURITIES: PROBLEMS AND SOLUTIONS

Дар мақолаи мазкур нақш ва аҳамияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори коғазҳои қиматнок, амалиётҳои бонкҳо бо коғазҳои қиматнок, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо таҳия карда мешаванд.

Вожаҳои калидӣ: сармоя, танзим, бозори молиявӣ, коғазҳои қиматнок, амалиётҳои бонкҳои тиҷоратӣ, эмисссия, амалиёти сармоягузорӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье раскрываются роль и значение коммерческих банков Республики Таджикистан на рынке ценных бумаг, операции банков с ценными бумагами, проблемы и пути их решения.

Ключевые слова: капитал, регулирование, финансовый рынок, ценные бумаги, операции коммерческих банков, эмиссия, инвестиционные операции банков.

This article reveals the role and importance of commercial banks of the Republic of Tajikistan in the securities market, bank operations with securities, problems and ways to solve them.

Key words: capital, regulation, financial market, securities, operations of commercial banks, emission, investment operations of banks.

Бозори коғазҳои қиматнок қисми ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ мебошад. Инкишоф ва дараҷаи танзими он аз тарафи давлат мухимтарин нишондиҳандаҳои камолоти тараққиёти иктисодии кишвар мебошад. Бозори коғазҳои қиматнок дар маҷмӯъ дар низоми бозори молиявӣ амал мекунад ва ба он на танҳо омилҳои дохилии кишвар, балки вазъи бозори ҷаҳонии молиявӣ низ таъсир мерасонад.

Мақсади фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок аз он иборат аст, ки механизми ҷалби сармоя ба иқтисодиёт тавассути барқарор кардани робитаҳои зарурӣ байни шахсони ниёзманди маблағ ва онҳое, ки мехоҳанд даромади зиёдатиро сармоягузорӣ кунанд. Дар баробари ин хеле муҳим аст, ки бозори коғазҳои қиматнок механизмеро фароҳам оварад, ки ба интиқоли самараноки сармоягузориҳо аз даст ба даст мусоидат мекунад ва чунин интиқол бояд ҳатмӣ бошад.

Бонкҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиёт дар бозори фондӣ ҳамчун иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок бояд дар асоси умуми иҷозатнома гиранд. Бонкҳо дар бозори фондӣ, чун қоида, иштирокчиёни пешбари бозори коғазҳои қиматнок буда, барориш, сармоягузорӣ, муомилот ва чунин амалиётҳоро анҷом медиҳанд:

- интишорӣ коғазҳои қиматнок, харид, фурӯш ва нигоҳ доштани онҳо;
- аз номи муштарӣ коғазҳои қиматнокро идора кардан;
- расонидани хизматрасонии машваратӣ;
- аз номи муштариён аз руи амалиёт бо коғазҳои қиматнок ҳисоббаробаркуниро анҷом медиҳад;
- харидани саҳмияҳои ширкатҳои ғайрибонкӣ;
- ташкилотҳои махсусгардонидашудаи баҳисобгирӣ ва нигаҳдории коғазҳои қиматнок

ташкил менамояд;
- ташкилотҳое таъсис медиҳанд, ки сармоягузорони институтсионалӣ мебошанд.

Дар ҳама кишварҳо даромади бонкҳои тиҷоратӣ аз амалиёт бо коғазҳои қиматнок ва фаъолияти сармоягузорӣ дар ба даст овардани фоида нақши бештари барҷаста мебозад.
Бонкҳо ба сифати бароришгар баромад карда, амалиёт оид ба барориши коғазҳои қиматноки худ ва ҷойгиркунии аввалияи онҳо, инчунин дигар амалиётҳо оид ба таъмини татбиқи ҳуқуқҳои сармоягузороне, ки бо коғазҳои қиматноки баровардаи бонкҳо тасдиқ карда шудаанд: пардохти даромади купонҳо, фоизҳо ва дивидендҳо; бозпардохти коғазҳои қиматноки қарзӣ дар охири мӯҳлат; таъмини шароит барои иштироки саҳмдорон дар идоракунии ташкилоти қарзӣ ва ғайра анҷом медиҳанд. [7]

Ҷойгиркунии оммавии саҳмияҳои бонкҳои тиҷоратӣ яке аз роҳҳои умедбахши зиёд кардани сармоягузорӣ мебошад. Бартарии ҷойгиркунии оммавии саҳмияҳо нисбат ба дигар усулҳои маблағгузорӣ миқдори зиёди маблағҳои ҷалбшуда, шумораи зиёди сармоягузорон, нархи одилона ва шаффофияти тиҷорат мебошад.

Аз ин рӯ, намудҳои дар боло зикршудаи фаъолият на танҳо аз ҷониби ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, балки аз ҷониби ташкилотҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ низ иҷро карда мешаванд. Инчунин кӯшишҳои бисёр соҳаҳои иқтисодиёт дар фаъолияти худ барои беҳдошти хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равона карда мешаванд. Ғайр аз ин, таҳқиқҳои иқтисодӣ, баҳодиҳӣ, пешгӯиҳое, ки дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузаронида мешаванд, ба назарияи умумии иқтисодӣ ҳамчун асоси методологӣ асос меёбанд. Муҳим он аст, ки дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш асосҳои менеҷмент, ҳуқуқшиносӣ, психология, сотсиология, тиб ва илмҳои дигар истифода мешаванд [3,4].

Натиҷаи ниҳоии фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хизматрасониҳое мебошад, ки он маҳсули хоси меҳнат аст шакли моддӣ надошта, арзиши истифодаи ин хизматҳо дар таъсири муфиди меҳнати зинда, ки метавонад объекти хариду фурӯш, мол бошад, инъикос ёбад. Аммо, истеҳсол ва истеъмоли хизматҳо ҳамзамон рух медиҳанд, бинобар ин онҳо ҷамъ шуда наметавонанд.

Ғайр аз он, хизматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мебошанд, яъне. иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва хусусият дар он аст, ки дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш робитаи истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ вуҷуд дорад. Якум, истеҳсоли моддӣ истеҳсоли маҳсулоти нави варзиширо бо фармоиш, таъмири молҳои варзишӣ, истеҳсоли лавозимоти варзиширо таъмин мекунад; дуввум, хизматҳои ғайримоддӣ ниёзҳои маънавӣ, зеҳниро қонеъ мекунанд, барқарорсозии саломатӣ, рушди ҷисмонии шахсият ва рушди касбиро таъмин мекунанд. Таъсири истеъмоли ин хизматҳо на танҳо ба шароити истеҳсолот, балки ба шароити истеъмол низ вобастагӣ дорад ва дарозмуддат аст.

Ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҷомеа хизмати бебаҳо доранд, ки дар он рушди маънавӣ ва ҷисмонии инсон, тарзи ҳаёти солими аҳолӣ ва ояндаи миллат ташаккул меёбад. Дар асоси ин, мо чунин мешуморем, ки объекти навоварӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хихматҳое мебошанд, ки ба талаботи ҷомеа ва аҳолӣ ҷавобгӯ мебошанд. Хусусияти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шаклҳои зиёди он зоҳир мешавад [2,6].

Дар шароити муосир, иштирокчиёни зерини муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ мавҷуданд: шумораи зиёди фурӯшандагон, харидорони маҳсулоти варзишӣ, таъминкунандагон ва истеъмолкунандагони иттилоотии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин ташкилотчиёни чорабиниҳои варзишӣ ва фароғатӣ. Инчунин ба соҳаи фитнес ва варзиш инҳо дохил мешаванд: мухлисоне, ки истеъмолкунандагони молҳо ва хизматҳои варзишӣ мебошанд; корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, хизматрасонӣ ва иттилоот; варзишгарон, мураббиён, бошгоҳҳои варзишӣ, лигаҳо ва федератсияҳо, ки ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунандаи маҳсулоти тарбияи ҷисмонию варзишӣ ва иттилоот мебошанд.

Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ташаккули заминаи моддию техникии он, ки ба шароити тағйирёбандаи рушди тамаддунҳо, пешрафти илмӣ-техникӣ ва таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷӣ мувофиқ аст, равона карда шудааст. Лоиҳаҳои инноватсионӣ дар ин самт тибқи низоми классикии тарроҳӣ, истеҳсол, санҷиш ва ҷойгиркунии маҳсулоти комилтар дар бозор ташаккул дода мешаванд [1,2,7].

Инчунин бояд қайд кард, ки фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш эҷоди низомҳои пешрафтаи истеъмоли хизмати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дастрасии онҳоро барои ҳамаи категорияҳои аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон ва нафақахӯронро пешбинӣ мекунад. Лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳқиқоти фундаменталӣ ва амалӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотию моделҳои пешрафтаи хизматрасонии ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва мизоҷони онҳоро пешбинӣ мекунанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Меъёрҳои арзёбии лоиҳаҳои инноватсионӣ

Меъёрҳои асосии арзёбӣ	Мазмуни меъёри арзёбӣ
Меъёрҳои иҷтимоӣ	Таъминот, саломатӣ, фарҳанг, амнияти шахсӣ, сатҳи шуғл, саҳм дар ҳалли мушкилоти асосӣ, таъмини аҳолӣ бо энергия, энергетика, маводи хӯрокворӣ, хизматрасонии тиббӣ, нақлиётӣ.
Меъёрҳои иқтисодӣ	Муайян кардани самара ва самаранокӣ. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо: меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ, иттилоот маҳсулоти нави кам масраф, харочоти лоиҳа, харочоти намунавӣ, маблағгузории асосӣ барои ташкили истеҳсолот, мӯҳлати баргардонидан, вақти оғози гирифтани фоида, бозгашти сармоягузорӣ.
Меъёрҳои бозорӣ	Рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ, талабот, ивазкунии воридот, мавқеи рақобат, хавфи тиҷоратӣ.
Таъмини амнияти миллӣ	Саҳм дар баланд бардоштани қобилияти мудофиавии кишвар ва дар таъмини амнияти экологӣ, коҳиш додани партовҳои моддаҳои зараровар ба муҳити зист, саҳмгузорӣ дар фаъолияти барқароркунии табиат.
Меъёрҳои илмӣ-техникӣ	Мутобиқат ба сатҳи ҷаҳонии инноватсияҳо, саҳмгузорӣ ба тағйироти бузурги технологӣ, дараҷаи навигарӣ ва имконпазирии лоиҳаҳо, мавҷудияти муҳаққиқони баландихтисос, заминаи таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ, хавфи техникӣ ва ташкилии татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ дар вақти муайяншуда.

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст

Дар шароити муосир зарур аст, ки пеш аз ҳама шароити дохилӣ, зарурати ислоҳоти ташкилотҳои инноватсионӣ, ташаккули самаранокии идоракунӣ, барқароркунии қобилияти пардохтпазирӣ, ҷолибияти сармоягузориро дар бар мегирад.

Мо чунин мешуморем, ки барои татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои инноватсионӣ ва рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионӣ маҷмӯи чорабиниҳо ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи ташкилотҳо зарур аст. Навовариҳо дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш самараи мултипликатсиониро ба вуҷуд меоранд. Он дар маҷмӯи самараи дар соҳаҳои марбути бадастомада, ки дар фаъолияти ташкилии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мутамарказ шудаанд, ифода меёбад. Ғайр аз он, шахсоне, ки хизматҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро, ки саломатии онҳоро ташаккул медиҳанд, истеъмол мекунанд, дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ пурмахсултар кор карда, дар афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар низоми хоҷагии халқ саҳм мегиранд.

Ҳамин тариқ, тадбирҳои рушди минбаъдаи равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:

- фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии навоварӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ;
- фароҳам овардан ва нигоҳ доштани шароити мӯътадили молиявӣ, ки барои рушди фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намуда, мавҷудияти сармоягузориро таъмин менамояд;
- рушди нерӯи зеҳнии ҷомеа ҳамчун манбаи асосии ташаккули кадрҳо барои фаъолияти инноватсионӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта;
- баланд бардоштани статуси фаъолияти инноватсионӣ;
- танзими ҷанбаҳои байналмилалии инноватсия дар раванди баргузории мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ғайра.

Умуман, татбиқи ин тадбирҳо ба афзоиши самаранокии кори соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, рушди мутаносиби шахсият ва беҳбудии саломатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мусоидат мекунад.

Адабиёт

1. Питер Друкер. Иновации в сфере физической культуры./ Друкер Питер. - Москва: Вильямс, 2007. - 432с.

2. Раджабов Р.К., Саидова М.Х., Б.М. Дустматов Совершенствование механизма государственной поддержки инновационного предпринимательства в сфере услуг Республики Таджикистан/ Р.К. Раджабов, М.Х. Саидова, Б.М. Дустматов. //Вестник ТНУ, №2/4 (114), 2013. - С. 205-213.

3. Раджабов Р.К., Саидова М.Х., Саломова У.Т., Раджабова Н.Р. Некоторые вопросы внедрение инновации в сфере рыночной экономики/ Р.К. Раджабов, М.Х. Саидова, У.Т. Саломова, Н.Р. Раджабова. Вестник ТНУ №2/7 (147), 2014.- С. 230-233.

4. Саидова М.Х. Современная подготовка квалифицированных специалистов в сфере физической культуры и спорта Республики Таджикистан/ М.Х. Саидова, Д.Дж. Каримова. XVIII Международный конгресс «Олимпийский спорт и спорт для всех» - Алмата, 1-4 октябрь, 2014.-С. 320-322.

5. Саидова М.Х. Государственная поддержка развития физической культуры и спорта в Республике Таджикистан / М.Х. Саидова. //В кн.: Сборник научных трудов ТГУК. - Душанбе: ТГУК, 2003. С. 185-190.

6. Саидова М.Х. Развитие физкультурно-спортивных услуг в Республике Таджикистан / М.Х. Саидова// Сборник научных трудов молодых ученых. - Курган-Тюбе, 2003.- С. 185-187.

7. Сомина И.В. Оценка инновационной деятельности экономических систем на основе процессного подхода/ И.В. Сомина. // Социально-гуманитарные знания. - 2012, - №8. - С. 294-301.

Абдуллоев А.Б. – н.и.и., муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 734036, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2, Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail: tguk@mail.ru.

Лутфулоев М.Д.,
Исмоилов Ш.М.,
Салимов Ҳ.А.

ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАТБИҚИ ОН

Лутфулоев М.Д.,
Исмоилов Ш.М.,
Салимов Х.А.

ЦИФРОВОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И ОСОБЕННОСТИ ЕГО ПРИМЕНЕНИЯ

Lutfuloev M.D.,
Ismoilov Sh.M.,
Salimov H.A.

DIGITAL EDUCATION AND FEATURES OF ITS APPLICATION

Дар мақола таҳсилоти рақамӣ ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити гузариши ҷомеа ба иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ карда шудааст. Самтҳои иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, диққати махсус ба таҳсилоти рақамӣ дода шудааст. Хусусиятҳо ва бартариҳои таҳсилоти рақамӣ ошкор ва шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин муаммоҳое, ки дар ҷараёни татбиқи таҳсилоти рақамӣ дар назди муассисаҳои таълимии кишвар меистад, баён карда шудааст. Зикр карда шудааст, ки оянда ба таҳсилоти рақамӣ тааллуқ дорад ва гузариш ба он талаботи замони муосир аст.
Калидвожаҳо: иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, таҳсилоти рақамӣ, рақамикунонии таҳсилот, вазифаҳои таҳсилоти рақамӣ, омилҳои таъсиррасон, низоми таҳсилоти рақамӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье рассматривается цифровое образование и особенности его применения в условиях перехода общества к цифровой экономике. Представлены направления цифровой экономики в Республике Таджикистан, особое внимание уделено цифровому образованию. Раскрыты и объяснены особенности и преимущества цифрового образования. Также описаны проблемы, с которыми столкнулись образовательные учреждения страны при внедрении цифрового образования. Отмечено, что будущее за цифровым образованием и переход к нему – потребность современности.
Ключевые слова: цифровая экономика, цифровые технологии, цифровое образование, цифровизация образования, функции цифрового образования, влияющие факторы, система цифрового образования.

The article discusses digital education and the features of its application in the transition of society to a digital economy. The directions of the digital economy in the Republic of Tajikistan are presented, special attention is paid to digital education. The features and benefits of digital education are revealed and explained. It also describes the problems faced by the educational institutions of the country in the implementation of digital education. It is noted that the future belongs to digital education and the transition to it is the need of the present.
Key words: digital economy, digital technologies, digital education, digitalization of education, functions of digital education, influencing factors, digital education system.

Дар шароити имрӯза ҷаҳони муосир бо суръати зиёд дигаргун шуда истодааст. Технологияҳои нав ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон ворид шуда, раванди рақамикунонӣ ҳукмфармо аст.

Табиист, ки раванди рақамикунонӣ соҳаи таълимро низ фаро гирифтааст ва низоми таҳсилоти муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст, самтҳои иқтисодиёти рақамӣ ба таври возеҳу равшан нишон дода шуда, таҳсилоти рақамӣ яке аз самтҳои калидии онро ишғол менамояд [1].

Барои расидан ба мақсадҳои дар Консепсия гузошташуда низоми маориф бо назардошти омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ бояд азнавсозӣ карда шавад. Низоми таҳсил ба талаботи иқтисоди рақамӣ пеш аз ҳама бояд бо таваҷҷӯҳ ба малакаи таҳлили иттилоот ва рушди мафкураи эҷодкорӣ ҷавобгӯ гардад. Илова бар ин баландбардорӣ ва тақвиятдиҳии саводнокии рақамӣ дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилот бо мақсади дар муҳассилин рушд додани қобилияти эҷодӣ ва мафкураи танқидӣ амалӣ карда шуданаш зарур аст.

Рақамикуниро ҳамчун яке аз муносибатҳои асоситарин барои истифодаи захираҳои рақамӣ нафақат дар маориф, балки ҳамчунин дар иқтисодиёт ҳисоб кардан мумкин аст. Ҳамзамон тақсимоти нақши технологияҳо ва равандҳо бо мақсади мукаммалнамоии муҳити иттилоотию таълимӣ дар назар дошта мешавад.

Дар шароити гузариши ҷомеа ба иқтисоди рақамӣ, ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ таҳсилоти муосир низ дигаргун мешавад Муаммоҳои замони рақамӣ ба таҳсилот таъсир расонида, мундарича ва сохтори он, мақсадҳо, усулҳо, хусусияти ҳамкории иштирокчиёни раванди таълимро тағйир медиҳанд

Қайд кардан зарур аст, ки истифодаи оддии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар модели анъанавии таълим, инчунин интиқоли бевоситаи ӯҳдадориҳои омӯзгор ба технологияи компютерӣ асоси гузариши рақамии таълим гардида наметавонад. Барои ин методология ва амалияи коркард ва истифодаи оқилонаи технологияҳои мухталифи рақамӣ, ки ба татбиқи мақсадҳои муайяншудаи таълим нигаронида шудаанд, зарур мебошад [4].

Мақсад аз гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ноил шудан ба сифати нави таълим тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, тағйир додани шакл ва усулҳои таълим, таъмини сифат ва сайёр будани хизматрасониҳои таълимӣ, баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф ва зиёд намудани содироти хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра мебошад [2].

Вобаста ба ҳадафҳои баёншуда дар Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 вазифаҳои мушаххас матраҳ карда шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳадафи вазифаҳои мазкур роҳнамоӣ намудани амалисозии устувори рақамикунонӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Консепсия заминаи стратегӣ ва амалиро таъмин менамояд, ки дар он таваҷҷухи махсус ба технологияҳои рақамӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи маориф дода мешавад ва инчунин, бо дар назар доштани таҷрибаҳои минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ дар самти тарғибу ташвиқи технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои мушаххасро муайян менамояд

Омӯзиши рақамӣ як қатор афзалиятҳо ва хусусиятҳоро дорад, ки барои кормандони оянда ва худи муассисаҳои таълимӣ арзиши бузург доранд [3]. Ба андешаи мо, аз байни манфиатҳои калидӣ омилҳои зеринро қайд намудан мумкин аст:

- ба таври назаррас кам шудани хароҷоти молиявӣ;
- имконияти таълим додани гурӯҳҳои калон. амалан ягон маҳдудият вуҷуд надорад;
- суръати баланди татбиқи таъминоти барномавӣ;
- камкунии миқдори маводҳои чопӣ. ин ҳолат ба муҳити атроф ба таври мусбӣ таъсир мерасонад;
- стандартизатсия. имконияти таъмини ягонагии усулҳо ва муносибатҳо. барномаҳои таълимии рақамӣ бо захираҳо пурра карда шуданаш мумкин аст ва он бо натиҷаи итмоми курси таълимӣ дастрас шуданаш мумкин аст;
- дастрасӣ. донишҳои нав ва малакаи касбиро аз нуқтаи дилхоҳи сайёра соҳиб шудан мумкин аст;
- идоракунии тағйиротҳо ва иртиботҳо. бо ёрии афзолҳои рақамӣ довталабон ва донишҷӯёнро аз ин ё он намуди тағйирёбиҳо ба таври осон бохабар карда, сари вақт онро ворид намунан мумкин аст. истифодабарандагони таъминоти барномавӣ метавонанд фаъолона бо ҳам дар тамос бошанд ва гурӯҳҳои мухталифро дар барнома вобаста ба ин ё он мавзӯъ ташкил намоянд. ҳамин тариқ, сатҳи донишазхудкуниро ба маротиб баланд бардоштан мумкин аст;
- ҳосилнокии баланди таълим. муҳассилин вазифаҳои супоридашударо иҷро намуда, метавонанд худи ҳамон лаҳза аз натиҷааш бархурдор шаванд.дар ин ҳолат зарурати интизор

будан ба баҳогузорӣ аз байн меравад. таҳсилоти рақамӣ бо фавриятнокӣ ва суръати баланди коркарди маълумот тавъаманд аст;

- таъмини мавқеи фаъол. ҳамаи муҳассилин метавонад дар форумҳо ва баҳсҳои тахассусии дар дохили барнома ташкилкардашуда фаъолона иштирок намоянд.

Мусаллам аст, ки ҳамаи ин гуфтаҳо фақат дар ҳолате дастрас аст, ки агар базаи рақамии баландсифат ва бисёрвазифагӣ мавҷуд бошад. Низоми рақамии таҳсилотии таҳияшаванда бояд дақиқ ба лоиҳа гирифта шуда, шумораи зиёди унсурҳои мухталифро фарогир бошад ва ба сафарбар кардани ҳадди аксари неруи маърифатӣ нигаронида шуда бошад.

Албатта дар раванди ташкил ва татбиқи низоми таҳсилоти рақамӣ баъзе аз мушкилиҳо низ вучуд доранд, аз ҷумла таъмини қувваи барқи доимӣ, гарон будани арзиши технологияҳои рақамӣ, омода набудани баъзе аз муассисаҳои таълимӣ, маҳдуд будани миқдори кормандони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, паст будани маърифати рақамӣ ва ғайраҳо. Таҳлили ва омӯзиши омилҳои мазкур таҳқиқоти иловагиро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза муассисаҳои таълимии кишвар дар дохили худ стратегияи ягонаи гузариш ба таҳсилоти рақамиро таҳия нанамудаанд. Аксаран бо ташкили таъминоти барномавии хусусӣ, татбиқи ҷузъиётҳои хурди технологияҳои рақамӣ, ба монанди QR-кодҳо ва ғайраҳо машғуланд. Муассисаҳои таълимии кишварро зарур аст, ки низоми ягонаи таҳсилоти рақамиро дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷаи дуру наздик ва имкониятҳои хусусӣ ташкил ва роҳандозӣ намоянд.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидаи мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро пешниҳод намоем:

- рушди бесобиқаи технологияи иттилоотӣ ва татбиқи васеи онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин тамоюли наву назаррас дар низоми таълим, гузариши ногузири соҳаи таълимро ба технологияҳои рақамӣ тақозо менамояд;
- суръати гузариш ба технологияҳои рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ дорои фарқиятҳои ҷиддӣ буда, ба он омилҳои гуногун таъсири худро мерасонанд. Барои аксари муассисаҳои таълимӣ технологияҳои рақамӣ ҳамчун падидаи нав баромад мекунад ва роҳбарияти онҳоро зарурат пеш меояд, ки роҳу воситаҳои мутобиқ шудан ва таҳияи стратегияи вусъат бахшидани суръати воридшавӣ ба муҳити рақамиро ҷустуҷӯ намоянд;
- таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолнокии рақамии муассисаҳои таълимӣ собит месозад, ки солҳои охир ҳавасмандии довталабон, донишҷӯён ва муаллимон дар ин самт чашмрас буда, фазои рақамӣ дар низоми таълим зери таъсири омилҳои гуногун фарохтар мегардад;
- новобаста аз мавҷуд набудани стратегияи рақамикунонӣ дар муассисаҳои таълимӣ, равандҳои гузариш зери таъсири омилҳои мухталиф, ба монанди коркардҳои инфиродӣ, дараҷаи омодагӣ, ва имконияти молиявӣ амалӣ шуда истодаанд;
- ба қатори монеаҳои асосӣ барои татбиқи технологияҳои рақамӣ арзиши гарони технологияҳои рақамӣ, маҳдуд будани кормандони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, паст будани маърифати рақамии кормандон дар ин самт ва гайраҳоро ворид кардан мумкин аст;

Ҳамин тавр, ҳарчанд, ки гузариш ба технологияҳои рақамӣ воқеияти ҷаҳони муосир аст, вале аксари муассисаҳои таълимии кишвар тағйиротро дар ин самт нав оғоз намудаанд. Новобаста ба ин, мо чунин меҳисобем, ки оянда ба таҳсилоти рақамӣ тааллуқ дорад ва ба он ягон шубҳае нест.

АДАБИЁТ:

1. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642.
2. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042
3. Степанов, С. Ю. К проблеме выбора стратегии развития цифрового образования как непрерывного [Электронный ресурс] / С. Ю. Степанов // Непрерывное образование: XXI век. – 2019. – № 1 (25). – С. 18–7. – Электрон. дан. – DOI: 10.15393/j5.art.2019.4464
4. Уваров А.Ю. (2018b). Технологии виртуальной реальности в образовании // Наука и школа. 2018. № 4.

Маълумот оид ба муаллифон:

Лутфулоев Мазбутджон Дадожонович – муаллими калони кафедраи технологияҳои иттлоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тел.:

+992928622266, E-mail: maz_lutf@mail.ru
Исмоилов Шухратджон Мамарахимович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттлоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тел.: +992927933244, E-mail: shuhrat_29@mail.ru.

Салимов Ҳабиб Ашурович – унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992881375454, E-mail: habibjon2200@mail.ru.

ФАСЛИ 3. БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ - СОЛҲОИ 2020 – 2040

Маҷидов Ҳ.
Абдуллоева А.

МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ ҲАЛШАВАНДААНД

Маджидов Х.
Абдуллоева А.

ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ РЕШИМЫ

Majidov H.
Abdulloeva A.

ENVIRONMENTAL PROBLEMS WE SOLVED

Дар мақола ҳалли масъалаҳои экологӣ нишон дода шудааст. Маърифати экологӣ асоси сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Имрӯзҳо таъмини амнияти экологӣ вазифаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад, бинобар ин, ба он дар чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ-симпозиумҳо, семинарҳо ва конфронсҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои экологӣ ва муҳофизати муҳити зист аҳамияти ҷиддӣ зоҳир менамояд. Бо вуҷуди ҳамаи чорабиниҳои сатҳи ҳукуматӣ доир ба рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Тоҷикистон, имрӯзҳо маърифати экологии аҳолии кишвар беҳбудӣ мехоҳад.

Калидвожаҳо: масъалаҳои экологӣ, ҳалшавандаанд, замони муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон, солимгардонии аҳолӣ, истиқлоли энергетикӣ

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье показана решение экологические задачи. Экологическая мышления составляет основу государственные политики Республики Таджикистана. Сегодня обеспечение экологическая защита является мировая задача. Поэтому на него на различном международном мероприятии – симпозиумы, семинары и конференции выделяют особые внимание. Правительство Республики Таджикистан на решение экологические задачи и защита окружающей среды выделяет особое внимание. Несмотря на все мероприятие проводимые на правительственные уровни на развитие воспитание и экологические мышление населения республики желает лучшего.

Ключевые слова: экологические задачи, разрешимые, настоящее время, Республика Таджикистан, оздоровление население, энергетическая независимость

The article shows the solution of environmental problems. Environmental thinking is the basis of the state policy of the Republic of Tajikistan. Today, ensuring environmental protection is a global challenge. Therefore, it receives special attention at various international events - symposiums, seminars and conferences. The Government of the Republic of Tajikistan pays special attention to solving environmental problems and protecting the environment. Despite all the activities carried out at the government levels for the development of education and environmental thinking of the population of the republic wishes the best.

Key words: environmental problems, solvable, present, Republic of Tajikistan, improvement of the population, energy independence

Масъалаҳои экологӣ яке аз масъалаҳои асосии замони муосир дар ҷаҳон ба шумор меравад. Ҳамаи мамлакатҳои олам ба ҳалли масъалаиҳои экологӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳалли масъалаҳои экологӣ ва баланд экологии бардоштани маърифати экологии аҳолӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад ва яке аз маъсалаҳои асосӣ барои солимгардонии аҳолӣ ба шумор меравад.

Доир ба тарбия ва маърифати экологӣ аз адабиёти [1 -7] маълумоти зарурӣ гирифтан мумкин аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 23 декабри соли 2022 доир ба масъалаҳои экологӣ ин тавр қайд намуд: "Тоҷикистон яке давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад".

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 98 фоизи барқ дар неругоҳҳи барқии обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли "Энергияи сабз" кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Дар сурати истифодаи неруи барқи "тоза" -и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин васила ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани ваъзи экологии мамлакат мусоидат намуд.

Дар робита ба ин ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав ва нақлиёт супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ тадбирҳои мушаххас андешанд. Инчунин, ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз "энергияи сабз" истеҳсолгардида зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати "истеҳсоли сабз" аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чорабинӣ намоянд.

Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ идома дорад".

Маърифати экологӣ асоси сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд.

Барномаи инкишофи маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи ҳифзи муҳити зист", " Дар бораи маориф", " Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ" ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳия шудааст.

Дар замони ҳозира вобаста ба инкишофи илму техника, инчунин таъсири фаъолонаи одам бо муҳити иҳотакунанда, проблемаҳои ба вуҷуд омадаи экология аҳмияти калон пайдо намуд. Ин проблемаҳо ҷараёни ифлосшавии атмосфера, заҳрнокшавии дарёу кулҳо, боронҳои, кислотагӣ, зиёдшавии партовҳои истеҳсолот, истифодаи моддаҳои радиоактивӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Имрӯзҳо таъмини амнияти экологӣ вазифаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад, бинобар ин, ба он дар чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ – симпозиумҳо, семинарҳо ва конфоронсҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Ҳамаи давлатҳои олам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар таъмини амнияти экологӣ саҳми босазои худро гузоранд. Таъмини бехатарии экологӣ ба салоҳияти ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ба монанди СММ, ЮНЕСКО, ЮНЕП ва ғайраҳо дохил мешавад.

Бо қарори конференсияҳои СММ озмоиши яроқи ядроӣ дар ҳар гуна муҳит манъ карда шуд. Дар Тоҷикистон системаи тарбия ва маърифати экологӣ ташкил карда шудааст. Соли 2011 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ", барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 қабул карда шудааст [8,9]. Барои амалигардонии ин барнома "Чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000- ум ва дурнамо то соли 2010" таҳия гардиданд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 1996, №462 тасдиқ шудаанд [10].

Аз гуфтаҳои боло маълум аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои экологӣ ва муҳофизати муҳити зист аҳмияти ҷиддӣ зоҳир менамояд.

Бо вуҷуди ҳамаи чорабиниҳои сатҳи ҳукуматӣ доир ба рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Тоҷикистон, имрӯзҳо маърифати экологии аҳолии кишвар беҳбудӣ мехоҳад.

Аҳолии кишварамон ба тоза нигоҳ доштани муҳити атроф ва тозагии обҳои ҷӯйҳою дарёҳо аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Як қисми аҳолӣ дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе партовҳои хонаашонро дар куҷое рост ояд мепартоянд.

Яке аз манбаъҳои ифлоскунандаи атмосфера, махсусан ҳавои шаҳри Душанбе

нақлиёти автомобилӣ ба шумор меравад. Имрӯзҳо шумораи автомобилҳо дар ҷумҳурӣ чунон зиёд гардидаанд, ки аз ҳисоби гази ихроҷ кардаи онҳо, аз ҳавои шаҳри Душанбе нафас кашидан шахсро ба душворӣ оварда мерасонад. Яке аз тадбирҳое, ки ин ҳолатро барҳам мезанад, гузаштан ба нақлиёти истифодабарандаи неруи барқ-электромобилҳо мебошад.

Дар шаҳри Душанбе манбаъҳои ифлосшавандаи ҳаво марказҳои гармидиҳӣ ва корхонаҳои сементбарорӣ низ ба шумор мераванд.

Яке аз роҳҳои барҳамзадани ин камбудӣ, ба истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия гузаштани ҷумҳурӣ мебошанд.

Дар шароити имрӯза кӯшиш ба харҷ доран лозим аст, ки миқдори манбаъҳои асосии ифлоскунандаи атмосфераро дар кишвар ба минимум расонем.

Дар солҳои охир дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли ангишт ва миқдори сӯхту истифодаи он дар дохили ҷумҳурӣ хеле боло рафт.

Сӯхтани ангишт низ яке аз манбаъҳои ифлоскунандаи атмосфера ба шумор меравад.

Аз гуфтаҳои боло аниқ гардид, ки аҳолии кишвар на оби аз ҷиҳати экологӣ тоза менӯшаду, на аз ҳавои аз ҷиҳати экологӣ тоза нафас мегиранд. Бинобар ин, саломатии аҳолии кишвар ҳамеша зери хатар қарор дорад.

Мо бояд аз ҳама усулу воситаҳо истифода бурда оби нӯшиданию ҳавои нафасгириамонро тоза нигоҳ дорем ва баҳри ҳифзи саломатии аҳолӣ чораҳои зарурӣ андешем.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки доир ба баланд бардоштани таъмини амнияти экологӣ ва маърифати экологии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ягон тадқиқоти мукаммал гузаронида нашудааст.

Барои ҳалли масъалаҳои экологии кишварамон, махсусан пойтахти ватани азизамон – шаҳри Душанбе якчанд тавсияҳо пешниҳод менамоем, то ки барои ҳифзи саломатии аҳолии кишварамон саҳми муайяне гӯзорем.

1. Доир ба баланд бардоштани таъмини амнияти экологӣ ва маърифати экологии аҳолӣ татқиқоти пурра гузаронидан лозим аст.
2. Барои кам кардани партовҳои марказҳои гармдиҳӣ ва корхонаҳои сементбарорӣ, ба таври доимӣ ва саривақт дар гулӯлаҳои онҳо филтрҳо тоза ва иваз карда шаванд.
3. Дар сатҳи зарурӣ маърифати экологии аҳолии кишварро баланд бардоштан лозим аст.
4. Сухтани ангиштро дар дохили кишвар кам карда, аз энергияи электрикӣ зиёдтар истифодабариро дар ҷумҳурӣ ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ мебошад.
5. Дар шаҳри Душанбе истифодаи автобусҳои бо газу бензин ва солярка коркунандарот ба пуррагӣ барҳамзадан зарур мебошад.
6. Дар дохили шаҳри Душанбе барои мусофиркашонӣ танҳо аз тролейбусҳо ва нақлиёти бо энергияи электрикӣ коркунанда истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад.
7. Истифодаи тролейбусҳоро то маркази шаҳрҳои Ваҳдат, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода ва Бохтар ба роҳ мондан лозим мебошад.
8. Агар банди 7 иҷро карда шавад, он гоҳ ба шаҳри Душанбе омадани автомобилҳои бо газу бензин ва солярка коркунанда ниҳоят кам мегирдад ва ҳавои шаҳри Душанбе аз ҷиҳати экологӣ тоза нигоҳ дошта мешавад ва зиёда аз 1 миллион аҳолиро бо ҳавои тоза таъмин менамоем ва дар ҷодаи ҳифзи саломатии онҳо саҳми арзанда мегузорем.
9. Имрӯзҳо истеҳсоли энергияи элекртикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта истодааст.

Мо бояд аз энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза баҳри ҳифзи саломатии аҳолии кишварамон истифода барем.

АДАБИЁТ

1. Абдулваҳобов А. Экология, Душанбе , 2003.
2. Бобоев С., Самиҳов Ш., Солиев М. Экология, Душанбе,2010.
3. Бердиев Ҷ. Экологияи амалӣ ва муҳофизати табиат.Душанбе,2015.
4. Горелов А. А. Экология.Москва, 2007.
5. Мақсадов Ҳ.И., Саидов М., Қодиров А.С., Экологияи умумӣ . Душанбе, 2012.
6. Миринченко А.В., Экология. Москва, 2015.

7. Одиназода К.С., Куканов Н.К., Ғафуров С.Х., Раҷабов А.Х., Менеҷменти экологӣ. Васоити таълимӣ, Душанбе , 2020.

8. Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020.

9. Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000-ум ва дар давраи то соли 2010.

10. Чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000- ум ва дар дурнамои то соли 2010.

Ҳамид Маҷидов - Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷумҳурии тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ ½. E-mail: shamsov_f@inbox.ru Телефон: **(+992) 901860050**

Абдуллоева Амина – муаллими калони кафедраи математика ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Ҷумҳурии тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ ½. E-mail: shamsov_f@inbox.ru Телефон: **(+992) 901860050**

Табаров А.Қ.

ТАҲҚИҚИ ХОСИЯТИ СПАЗМАЛИТИКӢ ВА РЎШНОИНИГОҲДОРИИ N- АРИЛСУЛФАНИЛ АМИНҲОИ -2,3 -ДИГИДРОБЕНЗО /В/ ТИОФЕН -1,1 –ДИОКСИДҲО

Табаров А.К.

ИССЛЕДОВАНИЕ СПАЗМАЛИТИЧЕСКОЙ И СВЕТОСТАБИЛИЗИРУЮЩИХ СВОЙСТВ N- АРИЛСУЛФАНИЛ АМИНОВ-2,3 -ДИГИДРОБЕНЗО /В/ ТИОФЕН -1,1 –ДИОКСИДОВ

Tabarov A.K.

STUDY OF ANTISPASMODIC AND LIGHT-STABILIZING PROPERTIES N- ARYLSULFANYL AMINES -2,3 -DIHYDROBENZO /B/ THIOPHENE -1,1- DIOXIDES

Дар мақола фаъолнокии биологии пайваастагиҳоиN-арилсулфанил аминҳои-2,3-дигидробензо/в/тиофен-1,1-диоксидҳова хосиятҳои спазмалитикию рӯшноинигоҳдории онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Омӯзиши таъсири спазмалитикии пайвастагиҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар консентратсияи 1.10^{-5} спазмаро, ки аз таъсири хлориди барий ва атсетилхолин дар консентратсияи 1.10^{-5} ва 1.10^{-8} ба амал омадааст, пурра бартараф менамояд. Муайян карда шуд, ки 6-(N-фенилсулфанил)- амино -2,5- диметил- 2,3- дигидро бензо /в/ тиофен -1,1-диоксид мумкин аст, ки ба сифати рушноиро устувор нигоҳдорандаи атсетати селюлоза истифода бурда шавад, зеро ин пайвастагӣ ҳақиқатан аз таъсири рӯшноӣ оксидшавии полимерро бартараф менамояд.

Вожаҳои калидӣ: моддаҳои фаъоли биологӣ, хосияти спазмалитикӣ, холинолитикӣ, аминҳои бисиклии сулфур ва нитрогендор, рӯшноинигоҳдории устувор.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье рассматриваются спазмолитическая и холинолитическая активность и светостабилизирующие свойства аминов бензо /в/ тиофен иN-арилсулфанил аминов-2,3-дигидробензо/в/тиофен-1,1-диоксидов. Исследования спазмалитического и холинолитического действия соединений показало, что при концентрации 1.10^{-5}они полностью снимают спазмы, вызванные хлористым барием и ацетилхолином в концентрациях1.10^{-5} ва 1.10^{-8} . Полученные результаты свидетельствует о том, что 6-(N- фенилсулфанил)- амино -2,5- диметил- 2,3- дигидро бензо /в/ тиофен -1,1- диоксид эффективно предотвращают фотоокислительную деструкцию полимера и может быть использован в качестве светостабилизатора ацетата целлюлозы.

Ключевые слова: биологическая активность, спазмолитическая и холинолитическая активность, светостабилизирующие свойства

The article discusses the antispasmodic and anticholinergic activity and light-stabilizing properties of the amines benzo /v/thiophene and N-arylsulfanyl amines-2,3-dihydrobenzo/в/thiophene-1,1-dioxides.Studies of the antispasmodic and anticholinergic action of the compounds showed that at a concentration of 1.10^{-5} they completely relieve spasms caused by barium chloride and acetylcholine at concentrations of 1.10^{-5} to 1.10^{-8}.
The results obtained indicate that 6-(N-phenylsulfanyl)-amino-2,5-dimethyl-2,3-dihydro-benzo/в/thiophene-1,1-dioxide effectively prevent the photooxidative degradation of the polymer and can be used as cellulose acetate light stabilizer.

Keywords:biological activity, antispasmodic and anticholinergic activity, light-stabilizing properties

Бо мақсади муайян намудани хосиятҳои фоиданокӣ ва соҳаҳои истифодабарии

пайвастагиҳои аминҳои бисиклии нитроген ва сулфурдор, ки аз тарафи мо синтез карда шуда буд, мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир барои муайян ва баҳогузорӣ кардани фаъолнокии биологии моддаҳо, дараҷаи аз ҷиҳати экологӣ бехатарии пайвастҳои синтез кардашуда, таҳқиқи пешакии онҳо дар ҳайвонҳо гузаронида мешавад. Бинобар ҳамин бо истифодаи усулҳои стандартӣ пайвастҳои N- арилсулфанил аминҳои 2,3 -дигидробензо /в/ тиофен -1,1 –диоксидҳоаз таҳқиқи формакологӣ гузаронида шуданд.

Фаъолнокии биологии пайвастҳои синтезкардашуда аз қабили 6-(N- фенилсулфанил)- амино-2,3-дигидро, 6-(N- п- толилсулфанил)- амино-2,3-дигидро, 6-(N-фенилсулфанил)-амино-2-метил-2,3-дигидро, 6-(N- фенилсулфанил)- амино-2,5- диметил- 2,3- дигидро бензо /в/ тиофен -1,1-диоксидҳо дар ҳайвонҳои лабораторӣ (харгӯшҳо ва мушҳои сафед) омӯхта шуданд.

Хислати таъсири умумӣ ва заҳрнокии пайвастҳоро дар таҷриба бо мушҳои сафед омӯхтем. Барои ин моддаи тадқиқшавандаро ба организми ҳайвон ворид намудем.Пас аз ворид намудани модда, лаҳзаи дар ҳайвон таъғийрёбии рафтор, тағирёбии ҳолати бадан, ва ҳаракати ҳайвонро ҳангоми зина ба зина баланд кардани миқдори модда муайян намудем. Натиҷаҳои таҳқиқ аз он шаҳодат медиҳанд, ки пайвастҳои синтезкардашуда доруворӣ буда хосияти баланди спазмалитикӣ вахолинолитикӣ доранд.

Ҳангоми омӯзиши фаъолнокии биологии моддаҳои синтезшуда вобаста ба сохти химиявӣ муайян карда шуд, ки заҳрнокӣ мувофиқи қоидаи Ричардсон дар қатори гомологии моддаҳои синтезшудаи мо, аз пайвастҳои

6 - (N- фенилсулфанил) - амино-2,3-дигидробензо /в/ тиофен -1,1-диоксидто 6-(N-фенилсулфанил)- амино-2,5- диметил- 2,3- дигидро бензо /в/ тиофен -1,1- диоксид зиёд мешавад, яъне бо илова шудани ҳар як гурӯҳи метилӣ заҳрнокӣ ҳамон қадар баланд мегардад. [1]

Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи таҷрибаҳои гузаронидашуда муқаррар карда шуд, ки заҳрнокии ин пайвастагиҳо дар ҳудуди 344,6 - 655 мг/кг воқеъ аст. Омӯзишитаъсири спазмалитикии пайвастагиҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар консентратсияи 1.10^{-5} спазмаро, ки аз таъсири хлориди барий ва атсетилхолин дар консентратсияи 1.10^{-5}ва 1.10^{-8}ба амал омадааст, пурра бартараф менамояд.

Хосияти рӯшноиро устувор нигоҳдории баъзе пайвастҳои синтезкардашуда ба монанди 6 -(N- фенилсулфанил) - амино-2,3-дигидробензо /в/ тиофен -1,1-диоксид, 6-(N- фенилсулфанил)-амино-2,5- диметил- 2,3- дигидро бензо /в/ тиофен -1,1- диоксидҳо (1, 2) низ омӯхта шуданд. [2.3]

Озмоиш дар плёнкаҳои полимерии атсетати селюлоза, ки миқдори муайяни устуворнигоҳдоранда 2, 4, 10% аз массаи полимерро дорад гузаронида шуд. Намунаҳо ба муддати 24 соат, дар зери таъсири нурҳои ултробунафш, ки ба воситаи лампаҳои ПРК -2 ҳосил мешавад, дар масофаи 30 см дур аз манбаи шуоқарор дода шуданд.Натиҷаи устуворнигоҳдориро аз рӯи таъғирёбии часпакии хоси маҳлули намунаҳои шуогирифта муайян намудем. Барои муайян кардани часпакии хос плёнкаҳои 0,5% - ро дар атсетономоданамудем. Часпакиро дар вискозиметриУблоде дар ҳарорати 25^0 С ва андозаи капиляр 0,54 мм муайян намудем. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвал оварда шудааст.

Таъғирёбии часпакии хоси маҳлули
атсетаи селюлоза пас аз 24 соат шуодиҳӣ

Ҷадвали 1

Плёнкаи атсетати селюлоза	Консентратсияи устувор-нигоҳдоранда %	Часпакии хос		Фоизи нигоҳдории мустаҳакамӣ %
		То шуодиҳӣ	Пас аз шуодиҳӣ	
Асл	-	1,90	0,20	10,2
Устуворкардашуда	2	1,90	1,18	59,3
Устуворкардашуда	4	1,90	1,60	80,2
Устуворкардашуда	10	1,90	1,52	71,6

Дар асоси натиҷаҳои озмоиш гуфтан мумкин аст, ки 6-(N- фенилсулфанил)- амино-2,5-диметил- 2,3- дигидро бензо /в/ тиофен -1,1- диоксид мумкин аст, ки ба сифати рушноиро устувор нигоҳдорандаи атсетати селюлоза истифода бурда шавад, зеро ин пайвастагӣ ҳақиқатан аз таъсири рӯшноӣ оксидшавии полимерро бартараф менамояд.

АДАБИЁТ

1. Абдурахмонов А.Х., Камолов Г., Табаров А.К. Синтез сульфаниламидов серебра и исследование их структуры методом ПМР- спектроскопии // Сборник трудов. Научно-практического семинара”Внедрение разработок ученых Таджикистана в проышленность”. Душанбе, 2001, с.50-52.

2. Табаров А.Қ., Кадыров А.Х., Абдурахмонов А.А. Некоторые реакции 6-амино-2-метил-2,3-дигидробензо/в/тиофен-1,1-диоксида.Мат.респ.конф. “Достижения в области химии и химической технологии”, Душанбе, 2002, с.79-81.

3. Табаров А.Қ., Кадыров А.Х., Абдурахмонов А.А. Синтез нитроамино- и N-аминопроизводныхтиохроман-1,1-доксида.Республиканская научнаяконференция“Актуальныепроблемы производства лекарственных препаратов на основе местного сырья”- Душанбе, 2002- с.88-91.

Табаров Абдусами Қаюмович - н.и.х, дотсенти кафедраи маркетинг, тиҷорат ва сервиси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2.

Маҷидов Ҳ.
Абдуллоева А.

ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ АСОСИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ

Маджидов Х.
Абдуллоева А.

ЕСТЕСТВЕННЫЕ, ТОЧНЫЕ И МАТЕМАТИЧЕСКИЕ НАУКИ ОСНОВЫ ПОВЫШЕНИЕ ТЕХНИЧЕСКИХ МЫШЛЕНИЙ

Majidov H.
Abdulloeva A.

NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL SCIENCES FUNDAMENTALS OF IMPROVING TECHNICAL THINKING

Дар маърӯза роҳҳои амалигардонии талаботҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” нишон дода шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ асоси баланд бардоштани тафаккури техникии хонандагон, бакалаврҳо ва аҳолии кишвар ба шумор мераванд. Дар маърӯза қайд гардидааст, ки барои дар сатҳи зарури ташкил намудани таълими фанҳои табиатшиносӣ дар шаҳри Душанбе ва марказҳои ноҳияҳои ҷумҳурӣ кушодани магазини “Салони асбобҳо ва таҷҳизотҳои таълимӣ” зарур мебошад.

Калидвожаҳо: фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье показаны пути решение требование «Двадцатилетие изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования». Автор для повышения технических мышлений общества и успешные решение требования «Двадцатилетие изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» предлагает организации магазин для продажи физических приборов, экспериментальные установки, принадлежности и химикаты для преподавание естественные науки и выполненные научные работы в городе Душанбе, организации в телевидении республики студия «Обучения знания», для повышение качества подготовки учителей по естественных и математических дисциплинам для средних школ республики, нужно увеличение количество учебных часов и повышения зарплаты учителей этих дисциплин.

Ключевые слова: естественные, точные математические дисциплины, двадцатилетие изучения и развития естественных, точных и мтематичеких наук

The article shows ways to solve the problem "twenty Years of study and development of natural, exact and mathematical Sciences in the field of science and education". The author to improve the technical knowledge of society and the successful solution of the claim "twenty years of study and development of natural, exact and mathematical Sciences in science and education" invites the organization for the sale of physical devices, experimental setup, supplies and chemicals for the teaching of natural science and made a scientific work in Dushanbe, the organization of the TV of the Republic Studio, "Learning knowledge", improving the quality of teacher training in natural and mathematical subjects for secondary schools in the Republic, increase the number of training hours and increase the salaries of teachers in these disciplines.

Keywords: natural, exact mathematical disciplines, twenty years of study and development of natural, exact and mathematical sciences

Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Чумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст: Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд.

Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонда, наврасону ҷавононро ба мутоилаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшида ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шавад [1].

Дар ҳақиқат ҳам омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ доранд.

Ҳамаи мамлакатҳои дунё ба инкишофи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мароқи зиёд зоҳир менамоянд, чунки инкишофи ин илмҳо тараққиёти мамлакатро муайян менамоянд. Дар ҳамаи мамлакатҳои тараққӣ карда илм дар сатҳи зарурӣ инкишоф ёфтааст.

Дар инкишофи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҷумҳурии мо аҳамияти зарурӣ дода шуда истодааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар қатори дигар олимони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, саҳми олимони физикдону астрофизикони тоҷик дар инкишофи соҳаҳои гуногуни физика ба монанди академик Адҳамов А.А. дар соҳаи назарияи молекулии моеъҳо, профессор Нарзуллоев Б.Н. дар соҳаи физикаи ҷисмҳои сахт ва полимерҳо, академикҳо Бобоҷонов П.Б. ва Доброволский О.В. дар соҳаи астрофизика, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор Ҳакимов Ф.Х. дар соҳаи физикаи плазма ва ҷараёнҳои ғайрихаттӣ дар муҳитҳои конденсӣ, академик Маҷидов Ҳ.М. дар соҳаи физикаи гармӣ ва ғайраҳо хеле калон мебошад.

Махсусан тадқиқотҳои олимони тоҷик дар соҳаи астрофизика дар арсаи байналхалқӣ маълуму машҳуранд [2].

Якчанд сайёраҳои хурде, ки астрофизикони амрикоӣ кашф карданд ба шарафи олимон-астрофизикони тоҷик Бобоҷонов П.Б., Доброволский О.В., Ибодинов Х.И. ва дигарон номгузорӣ карда шуданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соҳаи тадқиқоти ҷирмҳои осмонӣ астрофизикҳои тоҷик саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Ҳамин тариқ, олимони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар инкишофи ин илмҳо саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба тайёр кардани бакалавру магистрҳои баландихтисоси соҳаи иқтисодиёт машғуланд. Дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаи иқтисодиёт таълими фанҳои риёзию табиатшиносӣ саҳми арзанда доранд. Беҳуда нест, ки таълими фанҳои риёзию табиатшиносӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои тамоюли иқтисодидоштаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар солҳои аввали таълим дохил карда шудаанд.

Барои ҳамаи ихтисосҳои иқтисодӣ нақшаҳои таълимӣ дар қатори фанҳои риёзӣ-математикаи олӣ, математикаи дискретӣ, назарияи эҳтимолият, математикаи иқтисодӣ, математикаи молиявӣ, методҳои математикаи тадқиқи амалиёт дар иқтисодиёт, эконометрика, инчунин фанни Консепсияҳои табиатшиносии муосирро дар бар мегирад.

Фанни “Консепсияҳои табиатшиносии муосир” асосан масъалаҳои табиатшиносиро, ки ба соҳаҳои физика, астрофизика, космология, биология, химия, экология ва геология тааллуқ доранд, дар бар мегирад. Дар замони ҳозира ин илмҳо дар табиатшиносӣ нақши ҳалкунанда мебозанд ва консепсияи инкишофи табиати зинда ва ғайризинда, имкониятҳои табдилдиҳии табиат, инкишофи прогресси илмӣ-техникӣ ва таъмин намудани аҳолии Замин бо маҳсулоти ғизоӣ ва ғайраҳо ба натиҷаи ин илмҳо асос карда шудааст.

Танҳо таъмин намудани инкишофи прогресси илмию техникӣ ва бо мавдои ғизоӣ таъмин намудани аҳолии замин аз ҷониби фанҳои табиатшиносӣ шаҳодати он аст, ки фанҳои табиатшиносӣ ба пешрафти иқтисодиёт ва таълими онҳо дар тарбияи иқтисодии бакалаврҳо-мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисодиёт саҳми арзанда доранд.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаи фанни “Консепсияҳои табиатшиносии муосир” дар машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва мустақилона ба бакалаврҳо аҳамияти иқтисодии онҳоро фаҳмондан лозим аст.

Масалан, ҳангоми гузаштани мавзӯи “Қонунҳои бақо” ба бакалаврҳо фаҳмондан лозим аст, ки ин қонунҳо қонунҳои фундаменталии табиатанд, ҳам барои макроолам ва ҳам барои микроолам татбиқшавандаанд, аҳамияти калони илмӣ, амалӣ ва иқтисодӣ доранд.

Пешрафту тараққиёти кишвар аз маърифати техникии шаҳрвандон вобаста мебошад.

Бинобар ин, кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки баҳри баланд бардоштани фарҳанги техникӣ чораҳои зарурӣ андешида маърифати техникии шарҳрвандонро афзун намоем.

Аз солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвари мо лабораторияҳои омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ бо асбобу дастгоҳҳои таҷрибавии замонавӣ ва маводи химиявӣ таъмин нестанд. Дастрасии асбобу дастгоҳҳои таҷрибавӣ доир ба фанҳои табиатшиносӣ душвор ва барои ин маблағи хеле зиёд лозим аст. Имрӯзҳо ҳатто лабораторияҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои ҷумҳурӣ доир ба тадқиқи соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ ба дастгоҳҳои таҷрибавии замонавӣ ниёз доранд. Дастгоҳҳои таҷрибавии мавҷуда аз сабаби ба анҷом расидани мӯҳлати истифодаашон аз кор баромадаанд ё кӯҳна гардидаанду ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд.

Ин норасоиро дар шаҳри Душанбе ташкил намудани магазини фурӯши асбобу лавозимотҳо, дастгоҳҳои таҷрибавӣ доир ба таълими фанҳои табиатшиносӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳаллу фасл менамояд.

Барои баланд бардоштани маърифати техникии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бояд марказ ва маҳфилҳои ихтироъкорон, касбомӯзон, техникҳои ҷавон дар зерсохторҳои шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо амал кунанд ва ба кори онҳо мутахассисони варзида ҷалб гарданд. Инчунин сифатнокии фаъолияти онҳоро дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштан лозим аст.

Бар асари набудани лабораторияҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ ва таълими сатҳии мавзӯъҳо доир ба фанҳои табиатшиносӣ айни замон дар ҷомеа шахсонеро дучор меоем, ки ҳатто қоидаҳои истифодаи асбобҳои барқиро дар сатҳи зарурӣ намедонанд. Аз истифодаи нодуруст онҳо зуд аз кор мебароянд ва ба буҷаи оила ва корхона зарар мерасад.

Барои баланд бардоштани маърифати техникии тамоми ҷомеа вақти он расидааст, ки дар телевизиони ҷумҳурӣ студияи “Таълими дониш” мисли то солҳои 90-уми асри гузашта ташкил карда шавад ва фаъолият намояд, ки дар он дарсҳои намунавии омӯзгорону устодони пешқадами ҷумҳурӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касби умумӣ ва олии касбӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, техникаву технологияи муосир намоиш дода шаванд.

Дар ҷумҳурии мо қариб 300 рӯз офтобист. Истифодаи энергияи афканиши Офтоб манфиати зиёд меорад. Энергияи афканиши Офтобро бо роҳи хеле осон ба энергияи электрикӣ табдил додан мумкин аст. Барои ба энергияи электрикӣ табдил додани энергияи афканишоти Офтоб панелҳои махсус (батареяҳои офтобӣ) ихтироъ карда шудаанд.

Барои истифодаи самарабахши ин неру дар ҷумҳурӣ сохтани танҳо як заводи хурди истеҳсоли батареяҳои офтобӣ кофӣ мебошад.

Истифодаи неруи афканиши офтобӣ яке роҳҳои баланд бардоштани маърифати техникии ҷомеа ба шумор меравад.

Хуб аст, ки дар кишвар сохтани неругоҳҳои хурди электрикии обӣ афзудааст. Ҳар қадре, ки шумораи онҳо зиёд шавад, сатҳи маърифати техникии ҷомеа ҳамон қадар баландтар мегардад.

Ҳамин тариқ, маро зарур аст, ки баҳри баланд бардоштани маърифати техникии тамоми ҷомеа аз ҳамаи имкониятҳо самарабахш истифода барем, то кишварро ба мамлакати аз ҷиҳати техникӣ пешрав табдил диҳем.

Барои кишварро аз мамлакати аграрию саноатӣ ба мамлакати саноатию аграрӣ табдил додан, фарҳанги техникии шарҳрвандон ёрии калон мерасонад.

Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки тараққиёти мамлакатро пешрафти илм, аз он ҷумла илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва фарҳанги техникии шаҳрвандони он таъмин менамояд.

Бинобар ин, ба мо зарур аст, ки роҳу усулҳои гуногунро истифода бурда “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”-ро амалӣ намуда, ба комёбиҳои баланди илмию амалӣ ва техникӣ соҳиб гардем.

Имрӯзҳо баланд бардоштани сатҳи дониши хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишварамон аз фанҳои табиатшиносию риёзӣ беҳбудиро мехоҳад.

Барои ин норасоиро барҳам задан пеш аз ҳама муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро аз фанҳои табиатшиносию риёзӣ бо омӯзгорони варзидаю донишманд таъмин кардан лозим аст.

В данной статье экологическая культура анализируется как неотъемлемая часть общей культуры. Исторический процесс освоения природы, формирования экологической культуры делится на три основных периода: античный период, период Средневековья, период Нового времени, и подробно анализируется каждый период. Определено, что экологическая культура состоит из нескольких компонентов, и каждый из ее компонентов выполняет в этой системе свою функциональную роль. В статье также анализируется взаимосвязь этих элементов.

Ключевые слова: сообщение, президент, культура, экология, сознание, отношения, потребность, человек, природа, элемент, система, связь, формирование.

In this article, ecological culture is analyzed as an integral part of the general culture. The historical process of development of nature, the formation of ecological culture is divided into three main periods: the ancient period, the period of the Middle Ages, the period of the New Age, and each period is analyzed in detail. It is determined that ecological culture consists of several components, and each of its components performs its functional role in this system. The article also analyzes the relationship of these elements.

Key words: message, president, culture, ecology, consciousness, relations, need, man, nature, element, system, connection, formation.

Дар Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-12-2019 ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсияи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон гардид.

Ин дастури дурандешонаи Пешвои миллат аҳли ҷомеаро водор месозад, ки баҳри амалӣ гардидани он ҷаҳду талош намоянд. Яке аз омилҳои асосии татбиқи он ташаккули маданияти экологии ҷомеа бо мақсади ҳифзи табиат ба ҳисоб меравад.

Инсон бо табиат зинда аст, зеро табиат манбаи ҳаёт, сарчашмаи асосии қонеъ гардонанаи талаботи моддию маънавии ӯ ба ҳисоб меравад. Инсоният дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти ҳамешагиаш бо табиат алоқа ва муносибатҳои гуногуне барқарор менамояд, ки тавассуташон инсон ҳамчун мавҷудоти биологию иҷтимоӣ умр ба сар барад. Ин муносибат ва алоқамандиҳо боиси тағйиротҳое мегарданд, ки ҳаёти инсонро дар хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, одамон дар муддати тӯлонии таърихии худ кӯшиш намудаанд, ки сирру асрори табиат, сабабҳои ба амал омадани ҳодисаҳои табиӣ ва моҳияти онҳоро дарк

намоянд.

Инсони ибтидоӣ хусуситҳои муҳити табииро бо хосиятҳои худ монанд менамуд. Тавре ки В.Р. Арсеньев қайд мекунад, «шуури архаикӣ бо олами ҷангал, ҳайвонот, ғояҳо дар бораи махсусият ё монандии тарзи ҳаёти онҳо ба тарзи муносибати мустақим ё баръакс зиндагӣ мекунанд: яъне ҳайвонот ҳама чизро аз рӯи аналогия бо одамон таҳия кардаанд, аммо ин ё хеле беҳтар ва одилона, ё, баръакс, бо аломати манфист" [1.с. 58].

Дар остонаи ҳазорсолаи сеюм бошад, ҷомеаи инсонӣ ба як қатор мушкилотҳое дучор омадааст, ки яке аз онҳо ба муносибати байни инсону табиат вобастагии зич дошта, масоили экологӣ ном гирифтааст.

Инсоният ҳоло беш аз пеш дарк менамояд, ки вазъи саломатии ӯ ба вазъи муҳити зист, тағйирёбии иқлим бевосита алоқаманд аст. Тақдири ояндаи мавҷудияти инсоният ба ҳифзи муҳити зист вобастааст. Дар ҳаллу фасли ин масъалаҳо чораву тадбирҳои гуногуне андешида мешавад, ки яке аз онҳо ташаккули шуури экологӣ ва дар заминаи он ба вуҷуд омадани маданияти экологӣ мебошад. Мусаллам аст, ки ҳар шакли таърихии тарзи истеҳсолот вобаста ба тараққиёти моддию-иҷтимоӣ, тағйирёбии муҳити атроф, маҳорати аз ҷониби одамон дигаргун сохтани табиат- рафтори муносиберо нисбат ба табиат ташаккул медиҳад. Раванди таърихии азхудкунии табиат, ташаккулёбии маданияти экологиро ба се давраи асосӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳар як давра хусусиятҳои ба худ хос дошта, қонуниятҳои робитаи инсону табиатро ба таври худ инъикос намуда, принсипҳои махсуси муносибатро бо табиат кор карда баромадааст:

Давраи якум – давраи антиқӣ – тафаккури асотирӣ ва маданияти антиқӣ, ки инсон худро ҳануз аз табиат ҷудо накарда буд;

Давраи дуюм – давраи асрҳои миёна – тафаккури динӣ ба офаридагор алоқаманд будани ҳама гуна зуҳуротҳои дар табиат рухдиҳанда асоси шуури экологии инсонро ташкил менамуд;

Давраи сеюм – давраи замони нав – тафаккури илмӣ- назариявӣ ва маданияти нав хоси он мебошад.

Дар замони антиқӣ аввалин ақидаҳо доир ба алоқамандии инсон бо табиат ба вуҷуд омаданд. Ин ақидаҳо дар асотирҳои Юнони қадим, Чини қадим ва Эрони бостонӣ таҷассум гардида, дар давоми ҳазорсолаҳо ба ташаккулёбии маданият таъсир расонидаанд. Шакли аввалини он анимизм (аз калимаи лотинӣ – anima – рӯҳ, тафаккур), ки тамоми табиатро ҷондор, дорои рӯҳ, тафаккур меҳисобад.

Дар китоби муқаддаси ориёинасл “Авесто”, ки ҳамчун мероси муштараки фарҳангии ҷаҳониён, навиштаҷоти муқаддаси эронитабор мебошад, баробари тарғиби “пиндори нек”, “гуфтори нек” ва “рафтори нек”, ҳифзу муносибати некро бо табиати атроф мушоҳида менамоем.

Дар асрҳои миёна бошад, тафаккури динӣ ҳукмрон буда, принсипи “парастиши табиат” ҳукмфармоӣ менамуд. Рӯҳониён чунин ақида доранд, ки дар давраи ҳукмронии ҷаҳонбинии динӣ, ҷамъият бо масъалаҳои экологӣ дучор наомада буд, зеро ки муносибати инсон ба табиат аз рӯи меъёрҳои рафтори динӣ назорат карда мешуд.

Дар китоби муқаддаси “Қуръон” ба меъёрҳои рафтори экологӣ асос гузошта шудааст. Масалан, дар сураи дуюм ояти 19 – 20 навишта шудааст. “Саҷда кунед ба Худованде, ки замин ва осмонро офарид ва аз осмон ба Шумо об ва меваҷоти хурданӣ фиристод”. Дар сураи 2-уми ояти 57 омадааст: “Хӯред, нӯшед ва ҳаловат баред аз баракати Оллоҳ ва накунед корҳои бадро дар рӯи замин”.

Давраи сеюм – аз асри XVIII – аз давраи инқилобҳои саноатӣ оғоз гардида, то замони ҳозира идома дорад. Дар ин давра принсипи “фатҳ намудани табиат”, ҳарчи бештар ба манфиати инсон истифода бурдани табиат ба амал омада, зиддияти байни ҷамъият ва табиат торафт тезу тунд мегардад ва робитаи байни ҷамъият ва табиат шакли умумибашариро қабул менамояд. Бо ифодаи В. И. Вернадский инсоният ба як “қувваи бузурги геологӣ” табдил меёбад. Имрӯз дар назди инсоният вазифаи муҳимтарин, ҳифзи муҳити зист ва тамаддун аз таҳдидҳои фалокатовари экологӣ мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо зарурияти ташаккулёбии шуури экологиро тақозо менамояд.

Ҷараёни эволютсияи донишҳои экологиро то сатҳи шуури экологӣ таҳлил намуда, Е. В. Гирусов таъкид мекунад: “Албатта, дониш танҳо новобаста аз он, ки то чӣ андоза

муҳим аст, метавонад чунин як шуури оммавиро эҷод кунад, ки имконпазир бошад. дар бораи мубаддал гаштани дониш ба эътиқод сухан ронад"[2.с.120]

Шуури экологӣ вобаста аз хислат ва аҳамиятнокиаш дар ташаккули маданияти экологӣ яке аз унсури муайянкунанда ба ҳисоб меравад. Шуури экологӣ ин маҷмӯи ақидаҳо, эътиқодҳо ва донишҳоест, ки хислати томи фаъолияти низоми "ҷамъият" ва "табиат" – ро инъикос менамояд.

Шуури экологӣ – ин шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ буда, аз рӯи мазмун ва мақсади худ барои кор карда баромадани стратегияи муштараки пешгирии хавфи экологии биоиҷтимоӣ равона карда шудааст. Асоси шуури экологиро назарияе ташкил медиҳад, ки тибқи он зарурияти пешрафти илму техника эътироф гардида, дар баробари он муҳити мавҷудаи зист бояд нигоҳ дошта, аз оқибатҳои зараровари манфӣ, табиат солим нигоҳ дошта шавад.

Таркиби шуури экологӣ аз ақидаҳо, донишҳо ва эътиқодҳои экологӣ иборат мебошад:

Ақидаҳои экологӣ - ин андешаҳо, идеяҳо ва тасаввуротҳо оиди муносибати байни инсон ва табиат, ки дар онҳо раванди таъсири мутақобилаи инсон ба атмосфера, гидросфера, литосфера, олами набототу ҳайвонот таҷассум меёбанд.

Донишҳои экологӣ – бошанд, ҳамчун падидаи махсуси шуури экологӣ баромад намуда, занҷири сарбастаи зуҳуроти антропогениро ифода менамоянд, ки дар асоси онҳо барномаҳои мушаххаси ҳифзи табиат тарҳрезӣ мегарданд ба монанди:

- тарбияи инсон дар рӯҳияи муносибати бошуурона ба муҳити зист;
- азхудкунии ақидаҳо, мафҳумҳои асосӣ ва далелҳои илмӣ дар бораи табиат, ки дар асоси онҳо муносибати эҳтиромонаи инсон нисбат ба табиат ба амал бароварда мешаванд;
- дарки он, ки табиат ҳамчун сарчашмаи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъиятӣ аст;
- ташаккулёбии манфиатҳо, робитаи инсон бо табиат ва дарки онҳо мутаносибан бо арзишҳои ахлоқӣ.

Мафҳуми маърифати экологӣ – аз ҳифзи табиат, истифодаи дурусти сарватҳои гаронбаҳои он, аз нав бавуҷудорию кабудизоркунии мавзею маҳалҳои кишвари худ, азхудкунию омӯхтани қонунҳои табиат, аз овони кӯдакӣ ташаккулёбии рафтору муносибатҳои ғамхорона ба табиат бармеоянд. Қайд намудан лозим аст, ки таи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологии шаҳрвандони мамлакат ва ҳалли масъалаҳои экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, зиёда аз 40 қонун ва барномаҳои давлатиро дар бораи экология ва сарватҳои табиӣ аз қабили: "Қонун дар бораи ҳифзи табиат" с.1993; "Қонун дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера" с. 1996; "Кодекси замин" с. 1996; "Қонун дар бораи истифода ва ҳифзи олами ҳайвонот" с. 1997; "Кодекси ҷангал" с. 1997; "Кодекси об" с. 2000; "Қонун дар бораи экспертизаи давлатии экологӣ" с.2003; "Қонуни дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» с. 2010; "Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 то соли 2010" "Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020" ва ғайраҳо қабул гардиданд.

Мутобиқи "Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 то соли 2010", ҳоло дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии ҷумҳури омӯзиши асосҳои экология ва ҳифзи табиат ба роҳ монда шудааст.

Боиси ифтихор аст, ки сиёсати хирадмандона, ташаббусҳои судмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари бонуфузи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба "Соли байналхалқии оби тоза" эълон намудани соли 2003, даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт" солҳои 2005-2015, "Соли 2013 – соли дипломатияи об" ва даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028 аз ҷониби зиёда аз 180 давлати ҷаҳон дастгирӣ ёфтанд ва конфронсҳои байналмилалӣ дар шаҳри

Душанбе гузаронида шуданд. Ҳамаи ин тадбирҳои номбаршуда дар ташаккули шуури экологӣ ва маданияти экологии ҷомеа саҳми арзандае мегузаронанд.

Дар шароити ҳозира, ки ҷомеаи мо ба давраи масъулиятноки дигаргунии қатъии таърихии худ – давраи таҳаввулоти демократӣ қадам ниҳод - тарбияи экологии шахсият, ташаккули инсони дорои тафаккури экологӣ ва дар тарбияи ҳамаҷонибаи ӯ самаранок истифода бурдани имкониятҳои моддию маънавӣ аҳамияти бағоят муҳим пайдо менамояд.

Иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маъракаҳои ниҳолшинонӣ ва ба корҳои ободонию созандагӣ, сабзу хуррамгардонии кӯчаю маҳал, хиёбонҳо, манзилҳои зист, беҳдошти муҳити атроф, бунёди боғҳои дарахтони мевадиҳандаю сояафкан ҳидоят намудани аҳолӣ ва инчунин муроҷиати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба “Шаҳри сабз” табдил додани пойтахти мамлакат - намунаи олии таҷассумёбии фарҳанги экологӣ ба ҳисоб мераванд.

Ташаккулёбии шуури экологӣ ва дар заминаи он бунёди маданияти экологӣ ҳамчун меъёри ҳаёти ҷамъиятии мутамаддин, дар заминаи субъектҳои зерин: оила, боғча, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коллективҳои меҳнатӣ, воситаҳои ахбори умум, иттиҳодияҳои эҷодӣ, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва умури давлатӣ амалӣ мегарданд.

Имрӯз мо ҳамагон бояд дарк намоем, ки дар табиати носолим, солим зистан номумкин аст. Баҳри қонеъ намудани манфиатҳои шубҳаноки инсонӣ мо набояд ҳайвоноту набототро нобуд созем.

“Ҳама гуна ҳаётро ҳифз намо” – ин шиор бояд ҷавҳари шуури экологии мо бошад.

Чуноне, ки шоир фармудаанд:

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширинаш хуш аст.

Адабиёт:

1. Арсеньев В.Р. Звери, боги, люди. - М., 1991.

2. Гирусов Э.В. От экологического знания к экологическому сознания. //Взаимодействие общества и природы. М., 1986.

3. Карпенко Е.И. Экология и проблема ответственности. //Экология, культура, образование. М.,1989

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-12-2019.

Маҳмадуло Шарипов – дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел: (+992) 934444240. E-mail: Mahmud_62@mail.ru

ФАСЛИ 4. ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ИҚТИСОДӢ РАҚАМӢ

Қудратов Н.А.
Мирзоева Қ.А.
Сафарова З.М.
Мавлонзода Ф.У.

ПЕШГИРИИ КИБЕРҶИНОЯТҲО

Кудратов Н.А.
Мирзоева Қ.А.
Сафарова З.М.
Мавлонзода Ф.У.

ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЙ

Kudratov N.A.
Mirzoeva K.A.
Safarova Z.M.,
Mavlonzoda F.U.

CYBERCRIME PREVENTION

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мафҳуми киберҷиноятҳо, мушкилиҳои пешгирии ин ҷиноятҳо ва роҳҳу усулҳое, ки барои пешгирии киберҷиноятҳо хизмат мерасонанд мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки мубориза бо киберҷиноятҳо дар ҷаҳон, аз ҷумла дар ҶТ бо якчанд мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад ва мо он мушкилиҳоро ба се намуд ҷудо намудан мумкин аст, яъне мушкилиҳои техникӣ, ҳуқуқӣ ва фаврӣ.
Калидвожаҳо: Киберҷиноятҳо; вирус; суроға; электронӣ; қаллобӣ; таркиби ҷиноят; тарзи содиркунии ҷиноят; дастгоҳи электронӣ;

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье анализируются вопросы понятия киберпреступлений, проблемы предупреждения этих преступлений, а также способы и методы, служащие предупреждению киберпреступлений. Определено, что борьба с киберпреступностью в мире, в том числе в Республике Таджикистан, сталкивается с рядом проблем, которые можно разделить на три группы, а именно технические, юридические и оперативные проблемы.
Ключевые слова: Киберпреступления; вирус; адрес; электронный; мошенничество; состав преступления; способ совершения преступления; гаджет;

This article analyzes the issues of the concept of cybercrime, the problems of preventing these crimes, as well as the ways and methods that serve to prevent cybercrime. It is determined that the fight against cybercrime in the world, including in the Republic of Tajikistan, faces a number of problems that can be divided into three groups, namely technical, legal and operational problems.
Keywords: Cybercrime; virus; the address; electronic; fraud; Corpus delicti; the manner in which the crime was committed; gadget;

Дар асри XXI пешрафту тараққиёти замонаро бе донистани техникаву технологияи компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Пешрафту тараққиёти технологияи муосир дар баробари садҳо манфиат, аз мушкилот низ холӣ нест. Яке аз чунин проблемаҳо ин тавсеа ёфтани киберҷиноят бо истифода аз технологияи компютерӣ мебошад, ки мубориза алайҳи он дар тамоми давлатҳо оғоз ёфтааст.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) тарзи тиҷорат, хариди мол ва хизматрасониҳо, фиристодан ва қабул кардани пул, муошират, мубодилаи иттилоот, ҳамкорӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳоро бо субъектҳои гуногуни ҳуқуқӣ тағйир дод. Чунин тағйирот ва истифодаи торафт афзоянда ва вобастагӣ аз ТИК осебпазириро дар соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меорад, ки аз ҷониби ҷиноятқорон ва дигар ҳамлагароне, ки ТИК-ро ҳадафи худ қарор медиҳанд ва ё бо истифода аз ТИК барои содир кардани ҷиноят шароит фароҳам меоваранд, эҷод мекунанд.

Киберҷиноятҳо пеш аз ҳама ба системаи компютерӣ равона мешаванд. Таърифҳои гуногуни системаи компютерӣ мавҷуданд. Масалан, дар моддаи 1 (а) -и Конвенсияи Шӯрои Аврупо оид ба киберҷинояткорӣ соли 2001 «системаи компютерӣ» ҳамчун «ҳама гуна дастгоҳ ё гурӯҳи дастгоҳҳои ба ҳам алоқаманд ё омехта, ки як ё якчанди он мутобиқи барнома амал карда, коркарди маълумотро ба таври автоматӣ амалӣ менамояд», фаҳмида шудааст. Дар баробари ин дар моддаи 1 Конвенсияи Иттиҳоди Африқо оид ба киберамният ва ҳифзи маълумоти шахсӣ дар соли 2014 системаи компютериро ҳамчун «дастгоҳи электронӣ, магнитӣ, оптикӣ, электрохимиявӣ ё дигар дастгоҳи баландсуръати коркарди маълумот ё гурӯҳи дастгоҳҳои ба ҳам алоқаманд ва ё ҳамроҳкунандаи вазифаҳои мантиқӣ, арифметикӣ ё нигоҳдорӣ, аз ҷумла воситаҳои нигаҳдории маълумот ё воситаҳои алоқаи бевосита бо ин дастгоҳ ё ин гуна дастгоҳҳо алоқаманд, маънидод намудааст.

Ҷиноятҳо дар соҳаи иттиоолоти компютерӣ ва ҷиноятҳо бо истифода аз компютер ва дигар дастгоҳҳо содиршаванда дар қонунгузории ҷиноятӣ як намуди ҷинояти нав ба ҳисоб мераванд ва ин намуди ҷиноятҳоро аслан киберҷиноятҳо ном мебаранд.

Таърифи умумиэътирофшудаи киберҷиноятҳо вуҷуд надорад. Аммо, таърифи зерин унсурҳои барои ҳама таърифҳои мавҷудаи киберҷиноятҳо дохилшударо дар бар мегирад. Киберҷиноят як амали қонунвайронкуние мебошад, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) содир мешавад ва ё шабакаҳо, системаҳо, маълумотҳо, вебсайтҳо ва / ё технологияро таҳти ҳадафи ҷинояткорона қарор медиҳад [2, 3, 6, 8]. Киберҷиноят аз ҷинояти анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки "ҳудуди ҷисмонӣ ё ҷуғрофиро эътироф намекунад" ва метавонад нисбат ба ҷинояти маъмулӣ бо кӯшиши камтар, осонтар ва зудтар содир карда шавад.

Europol соли 2018 киберҷиноятро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) ҳама гуна ҷиноятҳое, ки танҳо бо истифода аз компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ ё дигар шаклҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ содир мешаванд; 2) ҷиноятҳое, ки тавассути кибертехнологияҳо содир мешаванд (яъне, ҷиноятҳои анъанавие, ки тасвассути интернет ва технологияҳои рақамӣ содир мешаванд) [4,6]. Фарқи асосии байни ин категорияҳои киберҷиноятҳо нақши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар содир намудани ҷиноят мебошад ва чунин ҳолат бо он вобаста аст, ки оё ТИК ҳадафи ҷиноят аст ё қисми таркибии тарзи содиркунии ҷиноят (методи таъсиррасонӣ), ки ҷинояткор истифода кардааст. Вақте ТИК ҳадафи ҷиноят қарор мегирад, чунин ҷинояткорӣ ба махфият, комилият ва ё дастрасии маълумоти компютерӣ ё системаҳои компютерӣ таъсири манфӣ мерасонад[9].

Махфият, тамомият ва дастрасии маълумот ҷанбаҳои асосӣ мебошанд[7]: ба ибораи оддӣ, маълумоти махфӣ бояд махфӣ боқӣ монад, онро бе иҷозати соҳиби он тағйир додан мумкин нест ва маълумот, хизматрасониҳо ва системаҳо бояд ҳамеша ба соҳибаш дастрас бошанд. Вақте ТИК ҷузъи тарзи содир кардани ҷиноят аст, киберҷинояткорӣ ҷиноятҳои анъанавиро дар бар мегирад (масалан, қаллобӣ ва дуздӣ), ки содиршавии онҳо бо ин ё он тарз тавассути интернет ва технологияҳои рақамӣ сурат мегирад.

Мубориза бо киберҷиноятҳо дар ҷаҳон, аз ҷумла дар ҶТ бо якчанд мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад ва мо он мушкилиҳоро ба се намуд ҷудо намудем:

1. **Мушкилоти техникӣ.** Якчанд сабабҳои техникӣ мавҷуданд, ки мубориза бо киберҷинояткориро душвор месозанд. Сабаби аввал ин мансубият аст. Ҳар як компютере, ки ба интернет пайваст аст, метавонад бо ҳама гуна компютерҳои ба интернет пайвастшуда таъсири мутақобила расонад. Пайвандии компютерҳо тавассути интернет аз суроғаи IP вобастагӣ дорад. Суроғаи IP одатан рақами ягонаи ҷаҳонӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки компютер тавассути провайдери кишвари мушаххас ба интернет пайванд шавад. Мушкилӣ дар он аст, ки ҳамлагар (хакер) роҳҳои зиёди пинҳон кардани суроғаи IP-и худро дорад, ё ҳатто вонамуд кунад, ки вай аз суроғаи дигари IP пайваст шуда истодааст. Гузашта аз ин, ҷинояткорон метавонанд аз асбобҳои мухталиф истифода кунанд, то аз ошкор кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ канораҷӯӣ кунанд, дастрасиро мушкил гардонанд.

Мушкилоти дуввуми техникӣ бо таъминоти барномавӣ (нармафзор) алоқаманд аст. Барномаҳои компютерӣ нармафзор мебошанд. Маҷмӯи барномаҳои дар компютер истифодашавандаро таъминоти барномавии компютер ё нармафзор меноманд. Нармафзорҳои муосир миллионҳо барномаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Баъзеи ин барномаҳоро барномаҳои системавӣ, қисми дигарашонро барномаҳои татбиқӣ, сеюминашонро забонҳои барномарезӣ ва ҳоказо номгузорӣ кардаанд. Истифодабарандаи компютер метавонад ё аз барномаҳои тайёр баҳра бардорад ё худаш чунин барномаҳоро созад. То имрӯз маҷмӯи (дастаи, пакети) бениҳоят калони барномаҳои

гуногуне сохта шудаанд, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои мухталиф мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо ёрии барномаҳо ҳам бозиҳои гуногун ва ҳам масъалаҳои душвортарини математикиро ҳал намудан мумкин аст. Онҳо дар гузаронидани амалиёти бонкӣ, молиявӣ, тайёркунии санадҳо, намоишномаҳо ва ғайра ба таври васеъ истифода мешаванд. Хулоса, ҳоло чунин соҳаеро ном бурдан душвор аст, ки дар он барномаҳои компютерӣ татбиқ наёфта бошанд.

Барномаҳо дар телефон ё планшети шумо низ мебошанд. Хизматгузориҳое (сервисҳо), ки шумо дар интернет пайваст мекунед, ба монанди вебсайт, инчунин ба нармафзор дохил мешаванд. Бисёр вақт нармафзор осебпазирӣ дорад. Осебпазирӣ метавонад мушкилот дар барнома ё конфигуратсияи нодуруст бошад, ки ба ҳуҷумкунандагон имкон медиҳад, ки амалҳоеро анҷом диҳанд, ки онҳо натавонистанд иҷро кунанд (масалан, маълумоти корти кредитии муштариёнро зеркашӣ кардан).

Дарёфти осебпазирӣ барои ширкатҳои нармафзор душвор мебошад, алахусус онҳое, ки бо лоиҳаҳои калони нармафзор алоқаманданд, зуд-зуд иваз мешаванд. Баъзан ҳамлагарон пеш аз ширкати нармафзор осебпазириро пайдо мекунанд. Мувофиқи маълумоти Bilge and Dumitras, то он даме, ки осебпазирӣ номаълум боқӣ мемонад, нармафзори осебпазирро наметавон дуруст кард ва нармафзори антивирус наметавонад ҳамларо бо истифодаи сканер кардани дастгоҳ муайян кунад. Ширкат дар бораи ин гуна осебпазирӣ ҳамон вақт дарк мекунад, ки вақте он аз ҷониби киберҷиноятқорон барои ҳамла ба махфият, тамомият ё дастрасии нармафзор ва истифодабарандагони нармафзор истифода мешавад.

Мушкилоти дигари техникӣ ин инфрасохтори виртуалии ТИК мебошад. Бисёри ташкилотҳо низоми иттилоотиашонро дар серверҳое ҷойгир кардаанд, ки соҳибони он сервер дигаронанд (хост-проавйдер). Дар чунин ҳолатҳо ширкат як қисми масъулиятро барои амнияти киберӣ ба зиммаи провайдери хизматрасон мегузорад ва ҳангоми вайрон кардани амният, ширкат бояд бо провайдери хизматрасон ҳамкорӣ кунад, то ҳодисаҳоро таҳқиқ кунад, ки метавонад боиси мушкилоти техникӣ ва ҳуқуқӣ шавад.

2. Мушкилоти ҳуқуқӣ. Киберҷиноят як навъи ҷинояти фаромиллист, ки ҷиноятқорон ва ҷабрдидагони он метавонанд дар тамоми нуқтаҳои дунё, ки дар он ҷо пайвастшавӣ ба интернет мавҷуд аст, қарор дошта бошанд.

Аз ин лиҳоз, муфаттишоне, ки ҷиноятҳои кибериро тафтиш мекунанд, аксар вақт дар фаъолияти онҳо дастрасии фаромарзӣ ва табодули маълумот талаб карда мешавад. Ин вазифаро дар сурате иҷро кардан мумкин аст, ки агар маълумоти дархостшуда аз ҷониби провайдерҳои хидматрасон нигоҳ дошта шуда, чораҳо андешида шаванд, то мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба маълумот дастрасӣ пайдо кунанд. Дар чунин маврид донистани меъёрҳои боби 48 КМҶ ҶТ, яъне ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ дар тартиби расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ талаб карда мешавад.

Мушкилоти асосии ҳуқуқӣ дар таҳқиқи ҷиноятҳои киберӣ ва таъқиби киберҷиноятқорон инҳоянд: мавҷудияти низоми гуногуни ҳуқуқӣ дар кишварҳои гуногун; фарқият дар қонунҳои миллӣ вобаста ба киберҷиноятҳо; фарқиятҳо дар меъёрҳои ҳуқуқии далелҳо ва мурофиаи судии ҷиноятӣ (масалан, дар тартиби дастрасӣ ба далелҳои рақамӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; бо тартиби судӣ ё бидуни фармоиши кофтуков намудан); фарқият дар амал ва татбиқи ҷуғрофии шартномаҳои минтақавӣ ва бисёрҷонибаи киберҷиноятҳо; фарқият дар равишҳо ба ҳифзи маълумот ва риояи ҳуқуқи инсон.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳо оид ба такмили амнияти иттилоотӣ ба амал бароварда шуда истодаанд. Ба ташкили заминаи таъмини ҳуқукии амнияти иттилоотӣ оғоз карда шуда, он такмил ёфта истодааст. Дар баробари КҶ ҶТ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи алоқа», «Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ», «Дар бораи иттилоот» ва «Дар бораи ҳифзи иттилоот» қабул шуданд. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 7 ноябри соли 2003 № 1176) тасдиқ шудааст, марҳилаи нави ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ мебошад. Ҳамин тавр масъалаи ҳуқуқии мубориза бар зидди киберҷиноятҳо дар мавриди назар ва такмил қарор дорад.

3. Мушкилоти фаврӣ (оперативӣ). Яке аз мушкилоти асосии фаврӣ (оперативӣ) дар тафтишоти ҷинояти киберӣ ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо мебошад. Ҳамкории байналмилалӣ дар

таҳқиқи ҷиноятҳои киберӣ унификатсияи (ба як шакл даровардан) қонунгузорӣ дар кишварҳои ҳамкорро тақозо мекунад. Воситаҳо, ба монанди шартномаҳои ёрии ҳуқуқии мутақобила (яъне созишномаҳое, ки дар онҳо тарафҳо барои ҳамкорӣ дар таҳқиқ ва таъқиби ҷиноятҳое, ки тибқи қонунҳои миллии онҳо ҷазо дода мешавад) метавонанд барои фиристодани дархостҳои расмӣ барои кӯмак аз як кишвар ба дигаре истифода шаванд. Аммо, дархостҳо барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ метавонад вақтро талаб кунад ва натиҷаҳои қобили қабул ба даст наорад, ба монанди пешгирии ҷиноят ё пешниҳоди далелҳо барои истифода дар суд.

Дар сатҳи универсалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СММ ба муқобили ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ; Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф; Конвенсия дар бораи манъи коркард, истеҳсол, захира ва истифодаи яроқи кимиёвӣ ва нобуд кардани он; Конвенсияи ягонаи СММ дар бораи воситаҳои нашъадор; Конвенсияи СММ дар бораи моддаҳои психотропӣ; Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ; Конвенсия дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истисмори фоҳишагӣ аз ҷониби шахсони сеюм; Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм; Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо маблағгузории терроризм; Конвенсияи СММ ба муқобили коррупсия эътироф намуда, дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо дар доираи ин санадҳо уҳдадориҳои ба зиммааш гирифтаро иҷро намуда истодааст.

Дар сатҳи минтақавӣ ва ҳамкории мутақобила бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, граждани ва оилавӣ аз соли 1993; Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, граждани ва оилавӣ аз соли 2002-ро эътироф намудааст. Ҳамзамон чунин шартномаҳои дуҷониба бо давлатҳои хориҷӣ, ба монандӣ: Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи кӯмаки мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 10 майи соли 2001; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 9 апрели соли 2007; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи парвандаҳои ҷиноятӣ, тиҷоратӣ ва граждани аз 6 майи соли 1996; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи ёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи парвандаҳои ҷиноятӣ ва граждани аз 16 сентябри соли 1996; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар бораи созмон додани гурӯҳи кории муштарак оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ аз 17 июни соли 2014; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва дигар ҷиноятҳо аз 10 июни соли 2014; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина дар бораи бозпас додани ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи истирдод; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар бораи истирдод; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар бораи бозпас додани маҳбусон барои адои минбаъдаи ҷазо; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи истирдод бастааст. Дар умум миқдори чунин шартномаҳои дуҷониба ҳудуди 70 ададро ташкил медиҳанд. Оянда бо тақозои замон ва шароит ҷиҳати ба таври кофӣ баҳри мубориза бо киберҷиноятҳо санадҳои дуҷониба ва бисёрҷониба қабул намудан байни давлатҳои ҷаҳон ва минтақа ногузир мебошад.

Киберҷинояткорон аксар вақт усулҳои техникӣ ва иҷтимоиро барои содир кардани ҷиноят истифода мебаранд. Пешгирии баъзе намудҳои киберҷиноят мушкил аст, аммо корбарони технологияи иттилоотӣ метавонанд барои ҳимояи худ (то андозае) аз ҷиноятҳои киберӣ чораҳои заруриро андешанд. Политсияи Аврупо (Европол) соли 2018 дар вебсайти худ дастурҳои зиёдеро оид ба огоҳии мардум ва пешгирии ҷинояткорӣ нашр мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳатто амалҳои хурд метавонанд тағйироти калон дар ин самт ба бор оранд. Дар зер якчанд маслиҳатҳо мавҷуданд, ки ҳангоми пайвастшавӣ ба Интернет бояд дар хотир дошта бошед:

1) Системаи амалиётӣ ва нармафзори насбшударо мунтазам такмил кунед;
2) Нармафзори мунтазамеро, ки шумо дигар истифода намебаред, аз дастгоҳ тоза кунед;

3) Аз як барномаи антивирусӣ, ки аз ҷониби як ширкати мӯътабар таҳия шудааст, истифода баред;

4) нармафзор, филмҳо ё мусиқиро аз сайтҳои дастрасашон умумӣ зеркашӣ накунед - онҳо аксар вақт зарароваранд;

5) Маълумоти шахсиро дар сайтҳои номаълум ворид накунед;

6) Ҳангоми ворид кардани маълумоти молиявӣ суроғаи дурусти вебсайтро тасдиқ кунед.

Омӯзиши вазъ нишон медиҳад, ки чораи асосии мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ дар сатҳи давлатӣ маҳз танзими ҳуқуқӣ мебошад: такмили қонунгузорӣ, криминализатсияи ҷиноятҳои нав, пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои аллакай мавҷуда дар соҳаи кибер. Сарфи назар аз қонунгузории мавҷудаи кишварҳои гуногун, барои ҷиноятҳорони кибернетикӣ сарҳад ва салоҳият вуҷуд надорад. Киберҷиноятҳорон бо сабабҳои хеле гуногун ва бо ҳадафҳои гуногун ҷиноят содир мекунанд. Аммо, қайд кардан бамаврид аст, ки ҷиноятҳорони киберӣ, ки ба маълумоти махфӣ ё назорати системаҳои IT дастрасӣ пайдо кардаанд, баъзан ҳатто намефаҳманд, ки бо иттилооти гирифташуда чӣ кор кунанд.

Тавассути ҷамъоварии усулҳои дастрас Марина Лепина, рӯйхати амалҳои асосии корбаронро пешниҳод намудааст, ки дар пешгирии ҷиноятҳои киберӣ нақши муҳим доранд:

1) Истифодаи барномаҳои компютерии литсензионӣ ва нармафзори антивирусӣ;

2) Истифодаи суроғаи почтаи электронӣ бо мақсади муайян: сабти ном дар вебсайтҳо, пардохти ҳаққи хидматҳо, интиқоли иттилооти муҳим (беҳтар ҳифзшуда);

3) Кушодани замимаҳо танҳо аз фиристандаҳои маълум, агар шумо шубҳа дошта бошед, ба шумо лозим аст, ки бо фиристанда ба тариқи дигар тамос гиред;

4) Замимаҳоро барои ҷой доштани вирусҳо тафтиш кунед;

5) Дар варақаҳо ва саволномаҳои тавассути почтаи электронӣ гирифташуда нишон додани маълумоти шахсӣ номатлуб аст, зеро танҳо сайтҳои бехатар кафолати интиқоли онҳоро дода метавонанд;

6) Тасдиқи дархостҳо барои маълумоти шахсӣ аз сохторҳои тиҷорӣ ва молиявӣ тавассути тамос бо ин сохторҳо бо истифода аз алоқаҳое, ки дар вебсайти расмӣ нишон дода шудаанд, аммо на дар мактуби электронӣ;

7) Ҳангоми муошират бо мизоҷон, бонкҳо одатан паҳнкунии оммавиро анҷом намедиҳанд. Аз ин рӯ, беҳтар аст бо истифода аз воситаҳои тамос, ки дар вебсайти расмии худ нишон додаанд, ба идораи бонк тамос гиред, то вазъро равшан созед;

8) Дархостҳо барои чораҳои фаврӣ дар ҳолатҳои фавқулодда эҳтимолияти қаллобӣ доранд. Ҷиноятҳорон ҳисси изтиробро ба вуҷуд меоранд, то корбарро маҷбур кунад, ки дар ҳолати фавқулодда зуд ва бепарво амал кунад. Бояд вазъро арзёбӣ кард ва тасмими огоҳона гирифт;

9) Нашри корти иловагӣ барои пардохти мол дар Интернет;

10) Вақте ки саҳифаи шуморо мешикананд, агар шумо ягон файлро зеркашӣ карда бошед, ба сайт дароед, то саҳифаро тавассути дастгоҳи сироятнашуда барқарор кунед;

11) Ҳеҷ гоҳ файлҳоеро, ки истифодаи компонентҳои ActiveX-ро дар Internet Explorer талаб мекунанд, накушоед, зеро онҳо ба JavaScript, ки дар заминаи браузери IE кор мекунад, дастрасӣ ба объектҳои системаи амалиётӣ, аз ҷумла бор кардани файлҳои иҷрошаванда, ки эҳтимолан ашёи зараровар мебошанд ва онҳоро барои худ зеркашӣ мекунанд.

АДАБИЁТ

1. 11 правил сетевой безопасности: как защититься от кибермошенников 22.03.2021 / Марина ЛЕПИНА [Электронный ресурс]. URL: https://www.miloserdie.ru/article/11-pravil-setevoj-gigieny-kak-zashhititsya-ot-kiberprestupnosti/.

2. Goodman, Marc D. and Brenner, Susan W. (2002). The Emerging Consensus on Criminal Conduct in Cyberspace. International Journal of Law and Information Technology, Vol. 10, No. 2, 139-223;

3. International Telecommunication Union (ITU). (2012). Understanding cybercrime: Phenomena, challenges and legal response. http://www.itu.int/ITUD/cyb/cybersecurity/docs/Cybercrime%20legislation%20EV6.pdf.

4. McGuire, Mike and Dowling, Samantha. (2013). Cyber crime: A review of the evidence Research Report 75, Chapter 1:

5. Cyber-dependent crimes. https://assets.publishing.service.gov.uk/ government/uploads/system/ uploads/attachment_data/file/246751/horr75-chap1.pdf.;

6. Europol. (2018). Internet Organised Crime Threat Assessment 2018. https://www.europol.europa.eu/activities-services/main-reports/ internet -organisedcrime-threat-assessment-iocta-2018.

7. Rouse, Margaret. Confidentiality, integrity and availability (CIA Triad). TechTarget. https://whatis.techtarget.com/definition/Confidentiality-integrity-andavailability-CIA (2014)

8. Wilson, Clay. (2008). Botnets, Cybercrime, and Cyberterrorism: Vulnerabilities and Policy Issues for Congress. https://fas.org/sgp/crs/terror/RL321 14.pdf.;

9. УНП ООН (2013). Проект доклада УНП ООН «Всестороннее исследование проблемы киберпреступности». https://www.unodc.org/documents/organizedcrime/ UNODC_CCPCJ_EG.4_2013/CYBERCRIME_STUDY_210213.pdf.

Қудратов Н.А. – сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДТТ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел.: +992 8888 90 908

Мирзоева Қ.А. - дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел.: +992987121759.

Сафарова З.М. – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел.: +992987121759.

Мавлонзода Ф.У. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел.: +9928888 90 908

Меликов У.А.

ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Меликов У.А.

ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО И ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА

Melikov U.A..

LEGISLATION AND DIGITAL ECONOMY

Аннотатсия

Дар мақола бартариятҳои иқтисоди рақамӣ тавсиф гардида, баъзе масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба соҳаи мазкур таҳлил гардидааст. Хусусан масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти кормандони фосилавӣ ва майдонҳои муомилоти электронӣ баррасӣ гардида, пешниҳод шудааст, ки оянда дафтарчаҳои меҳнатӣ низ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шаванд, инчунин меъёрҳо доир ба муомилоти электронӣ дар қонунгузорӣ вусъат дода шаванд.

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ, иқтисод, рақамӣ, ҳуқуқ, қонун, электронӣ, корманд, фосилавӣ, бозор, шартнома, ӯҳдадорӣ.

Аннотация

В статье автор характеризует преимущество цифровой экономики и анализирует некоторые правовые вопросы в этой сфере. Анализируется правовое регулирование деятельности дистанционных сотрудников и торговые площадки. Предлагается внедрение электронной трудовой книжки и совершенствование норм законодательства по данному вопросу, т.е. об электронном гражданском обороте.

Ключевые слова: законодательства, экономика, цифровой, право, закон, электронный, сотрудник, дистанционный, рынок, договор, обязательство.

Annotation

Author characterized the advantage of the digital economy and analyzed some legal issues in this area. Author analyzed the legal regulation of the activities of remote employees and trading platforms. It is suggested that it is necessary to introduce an electronic labor book and improve the norms of legislation on electronic ccommerce.

Key words: legislation, economy, digital, law, rights, electronic, employee, remote, market, contract, obligation.

Ҷаҳони имрӯзаро падидаҳои нав фаро гирифтаанд, ки таҳти назар қарор додани онҳо барои пешравии давлату миллат ниҳоят муҳим мебошад. Яке аз ин падидаҳои нав иқтисоди рақамӣ мебошад, ки доир ба он дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2021 чунин зикр шудааст: «Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чорабиниҳои намоянд.» [1].

Воқеан ҳам иқтисоди рақамӣ пеш аз ҳама дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд. Яъне фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҷараён хизматрасониҳои электронӣ, «мол»- ҳои электронӣ дар тиҷорат васеъ ба роҳ монда мешаванд. Ҳамзамон гардиши маблағҳо тавассути воситаҳои электронӣ ба роҳ монда мешаванд, ки омили муҳимтарини тиҷорати электронӣ мегарданд.

Ба вуҷуд овардани иқтисоди рақамӣ натанҳо ба савдо рабт дорад, он инчунин дар соҳаҳои алоҳида: маориф, тандурустӣ, бонкдорӣ, суғуртавӣ, боркашонӣ ва ғайра низ татбиқпазир аст. Масалан, ба роҳ мондани таълимоти фосилавӣ, ташкил намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо бо кормандони фосилавӣ, баргузор намудани музоядаҳои электронӣ ва ғайра.

Ҳангоми рушди иқтисоди рақамӣ якчанд бартариятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст (сарфаи вақт, дастрасӣ ба иттилоот доир ба молу маҳсулот, шаффофият,

мониторинг ва ғ.). Сарфа шудани вақт. Ҳангоми дар иқтисодиёт истифода кардани технологияҳо пеш аз ҳама вақт сарфа мегардад. Вақт дар иқтисод нақши муҳим дорад. Ҳамаи ҷараёнҳои иқтисодӣ бо вақт алоқамандии зич доранд. Масалан, он кореро, ки инсон дар як рӯз анҷом медиҳад, технология метавонад дар як соат анҷом диҳад. Ҳамзамон технологияҳои ҳозиразамон ҳатто дар бораи ҳар як ҷузъиёти истеҳсолот ва хизматрасонӣ маълумоти дақиқ дода метавонанд. Ин гуна маълумотҳо барои банақшагирӣ ва баровардани қарори дуруст шароит фароҳам меорад. Масалан, сайтҳои мақомоти давлатӣ имкон фароҳам меоранд, ки дар бораи масъалаҳои гуногун (барқ, об, партовҳо ва ғайра) сари вақт маълумот ба онҳо расонида шавад.

Сарфа шудани маводҳои истеҳсолӣ. Ҳангоми истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт натанҳо вақт, инчунин маводҳо низ зиёд сарфа мешаванд. Масалан, ҳангоми коргузории электронӣ дар ташкилот имкон дорад, ки қисми зиёди хароҷотҳо доир ба коғаз, ранг, мубодилаи ҳуҷҷатҳо сарфа гарданд. Ҳамзамон технологияҳои рақамӣ дақиқ муайян мекунанд, ки кадом миқдор маҳсулот барои истеҳсолот зарур аст, саҳми ҳар корманд дар корхона чӣ қадар аст ва ғайра.

Сарфа шудани қувваи корӣ (ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории нав). Аллакай дар бисёр ташкилотҳо вазифаи котиб ихтисор шуда истодааст. Зеро, ҳар корманд бевосита худаш маводҳои заруриро чоп менамояд. Ҳамзамон ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳо нафари алоҳида зарур нест. Инчунин корҳои хазиначӣ, муҳосибот ва дигар мутахассисон низ осон гаштааст. Масалан, тавассути барномаҳои махсуси муҳосиботӣ тамоми ҳисобу китоби даромад ва хароҷот дар як барнома ҷойгир шудааст. Яъне зарурат ба шумораи зиёди кормандон дар бахши муҳосибот аз байн меравад. Ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд. Масалан, айни ҳол кормандони шабакавӣ қариб дар тамоми ташкилотҳо барои ба низом овардани шабакаҳои дохилию берунии ташкилотҳо зарур мебошанд. Онҳо барои ба низом овардани коргузории электронии ташкилот мусоидат менамоянд.

Ба вуҷуд омадани шаффофият. Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии фаъолияти корӣ, шаффофият низ ба вуҷуд меояд. Роҳбарият метавонад тамоми бурду бохти фаъолияти ташкилотро тавассути барномаи зарурии хоси ташкилот таҳти назорати худ қарор диҳад. Масалан, дар донишгоҳ маъмурият тавассути технологияҳои рақамӣ метавонад давомоти донишҷӯёнро дар дарс назорат намояд, сифати дарсгузарии устодонро мушоҳида намояд ва ғайра. Барои мониторинг ва таҳлил шароит ба вуҷуд меояд. Ҳангоми муомилоти молу маҳсулот тавассути технологияҳо нишондодҳо барои омма дастрас мегарданд. Омӯзиши бозор осон мегардад. Тавассути омӯзиши бозор ва талабот маҳсулоти зарурӣ метавонад омода гардад.

Рушд намудани моликияти зеҳнӣ. Дар иқтисодиёти рақамӣ нақши калидиро моликияти зеҳнӣ мебозад. Аз як тараф эҷодкорон барномаҳои электронии махсуси худро омода карда ба бозор мебароранд, аз тарафи дигар рақобат дар ин соҳа зиёд мегардад. Масалан, дар Playmarket аллакай барномаҳои гуногуни ватанӣ ҷойгир шудааст (Ёрии ҳуқуқии ман, БДА- ҷаримаҳо, ЕССЕ бо забони тоҷикӣ ва ғайра).

Беҳтар шудани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии дохилию хориҷӣ. Истифодаи технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки муошират инсоният дар дилхоҳ макон ва замон ба осонӣ сурат гирад. Дар ин ҷараён хароҷотҳои алоқавӣ сарфа мешаванд, баъдан тавассути технологияҳо маблағҳои заруриро хусусан муҳоҷирон ба хонаводаашон мерасонанд. Тоҷирон ҳатто ба бозор ташриф наоварда, молро тавассути технология аз назар мегузаронанд.

Босуръат афзоиш намудани тиҷорат ва гардиши мол. Технология воситаи осонтарин ва арзонтарини рекламаи молу маҳсулот аст. Яъне шарт нест молу маҳсулот дар бозор бошад, муҳим он ки дар сомонаҳои рекламавӣ (масалан, дар сомонаи somon.tj) тамоми маълумоти молу маҳсулот гузошта мешавад ва ин имкон медиҳад, ки савдо ва тиҷорат рушд ёбад.

Таҳсилоти фосилавӣ. Дар шароити пандемияи коронавирус ба ҳамагон маълум аст, ки фосилаи иҷтимоӣ барои пешгирии бемории мазкур нақши муҳим дорад. Аз ҳамин сабаб таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун чораи зарурӣ дар ин росто мадди назари мутахасисон мебошад. Яъне гузаронидани дарсҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ, гузаронидани чорабинҳои илмию фарҳангӣ метавонад ба ҳадди зарурӣ бо тариқи фосилавӣ анҷом шавад.

Омилҳои номбаршуда охирин нестанд, зеро технологияи рақамӣ мисли рақам имкониятҳои беохир дорад. Дар ин ҷода муҳаққиқонро зарур аст, ки ба таҳлили масъалаҳои воқеӣ ва зарурӣ машғул шаванд ва техонологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро рушд дода, онро дар та-

моми соҳаҳои ҳаёт пайванд намуда, самаранок истифода баранд. Аз тарафи дигар ҳар соҳиб-касб метавонад аз ин технологияҳо истифода бурда, ба истеҳсолот ва эҷодиётҳои нав, машғул гардад.

Дар рушди иқтисоди рақамӣ нақши калидиро давлат мебозад. Зеро тамоми масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии марбут ба иқтисоди рақамиро бо таври устувор давлат метавонад ба низом дароварад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ин ҷараён мақомоти давлатӣ ба самтҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд:

- танзими ҳуқуқӣ;
- омода кардани мутахассисон;
- баланд бардоштани маърифати технологӣ;
- гузаронидани тадқиқотҳои соҳавӣ;
- ташкил намудани инфрасохтори технологӣ;
- ташкил намудани инфрасохтори иттилоотӣ;
- таъмини амнияти иттилоотӣ ва ғ.

Дар ин ҷараён яке аз муҳимтарин бахшҳо, ҷанбаи ҳуқуқии масъала мебошад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки баҳри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегардад аз байн бурда мешавад. Ҳамин тариқ бо қонун низоми иқтисодӣ муайян ва идора карда мешавад. Ва ин усул дар давраи ҳозира, ки онро давраи рушди иқтисоди рақамӣ арзёбӣ менамоянд, қобили татбиқ аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои асосии танзими ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ вуҷуд дорад. Зеро, тамоми он қонунҳое, ки муносибатҳои иқтисодиро ба танзим меоранд дар ин самт низ татбиқпазир мебошанд. Аммо андешидани тадбирҳои иловагӣ барои вусъат бахшидани соҳа нақши калидӣ мебозад.

Яке аз ин тадбирҳои иловагӣ ин ба вуҷуд овардани меъёрҳои нав дар Кодекси меҳнат оид ба кормандони фосилавӣ мебошад. Тибқи моддаи 1 Кодекси меҳнат “кори фосилавӣ (дистансионӣ) - шакли махсуси амалӣ намудани раванди меҳнат берун аз маҳалли ҷойгиршавии корфармо бо истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди кор” мебошад.

Дар боби 23 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба шароити меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғуланд ва баҳисобгирии вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғуланд, муқаррар шудааст.

Тибқи моддаи 256 КМ ҶТ корфармо ба корманд воситаҳои коммуникатсионӣ (воситаҳои алоқа) пешниҳод намуда, харочоти пайвасткунӣ ва хизматрасонии онро ба зимма мегирад. Дар ҳолатҳое, ки корманд воситаҳои коммуникатсионии худро доимо истифода мебарад, корфармо онро ҷуброн менамояд. Ҳаҷм ва тартиби пардохти он бо розигии корманд муқаррар карда мешаванд. Бо розигии тарафҳо корфармо метавонад, ба корманди фосилавӣ (дистансионӣ) дигар харочотҳоро вобаста ба иҷрои кор (маблағи қувваи барқ, об ва дигарҳо) пардохт намояд.

Ҳамзамон тибқи моддаи 257 барои кормандони ба кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда меъёри давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳати бо Кодекси мазкур муқарраргардида татбиқ мегардад. Баҳисобгирии вақти корӣ барои кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда ва хусусияти назорати риояи реҷаи вақти корӣ, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва риояи ин шартҳо бо шартномаи меҳнатӣ муайян карда мешаванд.

Инчунин тарафҳо метавонанд, ки доир ба дигар ҷузъиётҳои кори фоиславӣ дар шартномаи меҳнатӣ шартҳои хосаро пешбинӣ намоянд.

Аз муқаррароти зикршуда чунин бар меояд, ки қонунгузор тафовут байни корманди “муқаррарӣ” ва фосилавӣ намегузорад. Баръакс, қонунгузор корфарморо вазифадор кардааст, ки тамоми чораҳоро доир ба таъмини имконияти корӣ ва бехатарӣ барои корманди фосилавӣ андешад. Ин имконияте, ки қонун фароҳам овард, бозори кориро аз ду ҷиҳат вусъат медиҳад:

1) ҳамватанони мо новобаста аз макон ва замон метавонанд, ки дар самтҳои гуногун фаъолият варзанд, хусусан метавонанд, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ карда, тавассути интернет дар бозори меҳнати дигар давлатҳо кор намоянд;

2) корфармоҳои ватанӣ мутахассисони хориҷиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ тавассути интернет ҷалб намоянд.

Алабатта чунин имкон пеш ҳам вуҷуд дошт, аммо бинобар набудани муқаррароти қонун, масъулини бахши кадрҳо барои расмӣ намудани шартномаҳо, пур кардани табелҳо, пешниҳоди рухсатии меҳнатӣ ва пардохти он душворӣ мекашиданд. Масалан, корфармо ба шаҳрванд И.Ҷ. барои он ки кори ӯ фосилавӣ буд, дар давоми ҳашт соли меҳнатиаш рухсатии меҳнатӣ пешниҳод накард. Корфармо чунин тасаввурот дошт, ки вақте, корманд дар ҷойи кор нест пас ба ӯ рухсатии меҳнатӣ додан маъно надорад. Аммо суд ҳолатҳои корро ба инобат гирифта, новобаста аз он ки корманд дар ҷойи кор воқеан набуд, аммо бо таври фосилавӣ супоришҳои корфарморо иҷро мекард, корфарморо вазифадор кард, ки барои ҳаштсола пешниҳод накардани рухсатии меҳнатӣ ба корманд ҷуброн пешниҳод намояд .

Муқаррароти боби 23 КМ ҶТ барои ҳам корфармо ва ҳам корманд шароит ба вуҷуд овард. Татбиқи муқаррароти КМ ҶТ дар бораи кормандони фосилавӣ албатта нозукиҳои худро доро аст. Пеш аз ҳама маҳсулнокии он бояд мадди назар бошад. Яъне корманд ва корфармо бояд дар бораи натиҷаи кор мувофеҳ бошанд. Корфармо онро дар шакл ва ҳаҷми мувофиқ бояд пазирой карда тавонад. Дар таҷриба корманд корҳои бо таври фосилавӣ анҷомнамудаашро дар шакли ҳисобот ҳар моҳ пешниҳод менамояд. Ё ин ки корфармо тавассути воситаҳои техникӣ ҷараёни фаъолияти корманди фосилавиро назорат менамояд. Умуман пазироии кор ва назорати он аз хусусияти ҳар намуди кор вобаста аст, ки он пеш аз ҳама дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар мегардад. Ҳамин тариқ бозори меҳнат дар шакли истифода аз воситаҳои электронӣ васеъ мегардад.

Ин масъаларо пайгирӣ намуда, қонунгузориро вусъат додан зарур аст. Зеро, оянда дафтарчаҳои меҳнатиро низ ба шакли электронӣ гузаронидан зарур меояд. Дар Россия аллакай иқдом гирифта шудааст, ки аз соли 2020 сабти маълумотҳои дафтарчаи меҳнатӣ дар шакли электронӣ пеш бурда шавад. Чунин тарзи кор барои дуруст ва муттамарказ сабт намудани дафтарчаҳои меҳнатӣ сабабгор мешавад.

Дигар масъалае, ки маркази таваҷҷӯҳ мебошад, ин ба вуҷуд овардани майдонҳои тиҷоратии (бозорҳои) электронӣ, музоядаҳои электронӣ, муомилотҳои электронӣ ва ғайра мебошад. Ба ҳар истилоҳе, ки бошад сухан дар бораи ба вуҷуд овардани имкони муомилоти тиҷоратии электрониро дар назар дорем.

Мафҳуми бозор дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба маъноҳои гуногун пешбинӣ гардидааст. Дар сарчашмаҳо чунин мафҳумҳо оварда шудааст: Бозор - институт è механизме, ки харидорон ва фурӯшандагони молҳо ва хизматҳоро рӯ ба рӯ мекунад [2, с.25].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ” мафҳумҳои намудҳои бозор чунин дода шудааст:

- бозори фурӯши чакана - маҷмӯи молу мулке, ки аз қитъаи замини аз ҳудуди ҳамшафат ҷудо ва бо объектҳои дар он қарордошта, аксаран аз объектҳои шабакаи савдои хурди чаканаи дорои вазифаи мутамаркази хизматрасонӣ, идоракунӣ ва муҳофизатӣ иборат буда, барои фурӯши молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасонии маишӣ) дар асоси нархҳои озоди бевосита ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯши чакана ва шартномаҳои пудратии маишӣ муайяншуда пешбинӣ гардидаанд;

- бозори универсалӣ- бозори фурӯши чакана, ки дар он камтар аз ҳаштод фоизи миқдори умумии ҷойҳои савдо барои фурӯши як навъи мол таъин гардидааст;

- бозори махсусгардонидашуда - бозори фурӯши чакана, ки дар он бештар аз ҳаштод фоизи миқдори умумии ҷойҳои савдо барои фурӯши як навъи мол таъин гардидааст;

- бозори кооперативии кишоварзӣ - бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ки он аз ҷониби ташкилоти мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли кооперативи истеъмолӣ ба қайди давлатӣ гирифташуда идора карда мешавад;

- бозори кишоварзӣ - бозори махсусгардонидашуда, ки дар он фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад.

ного поведения, дорожно-транспортных происшествий, помощь в розыске пропавших людей и прочее. Причем полученная информация может быть использована в суде, например, для демонстрации места преступления присяжным. Также важно, что использование беспилотных летательных аппаратов намного дешевле, чем использование вертолетов» [7].

В то же время для практического использования Интернета вещей в целях предотвращения преступности необходимо внедрение скоростного Интернета для обмена информацией в реальном времени и соответственно технологическое переоснащение правоохранительных органов.

По прогнозам экспертов, человечество на пороге «четвертой промышленной революции». Сети, используют мобильные технологии 5-ого поколения (5G), и массовое распространение устройств, поддерживающих Интернет, станут нормой в ближайшем будущем. При таких условиях существенно повышается скорость передачи данных, которые генерируются и хранятся в сложных и виртуальных способах.

То есть речь идет о новом технологическом подходе предотвращение преступности-это цифровизация деятельности правоохранительной системы.

Выводы: Широкий спектр возможностей сети Интернет по сбору, хранению и анализу криминологический значимой информации в сфере незаконного оборота наркотиков создает условия для повышения уровня эффективности предохранительной деятельности. Для повышения профессионального уровня работников правоохранительных органов по использованию сети Интернет и предотвращения преступности связанной с незаконным оборотом наркотиков целесообразно перенять положительный зарубежный опыт в исследуемой сфере.

ЛИТЕРАТУРА

1. Технологии, которые меняют то, как полиция ведет бизнес. URL: https://www.thebalancecareers.com/technologiesthat-are-changing-the-way-police-do-business-974549 (дата обращения: 03.01.2023).

2. Одом Дж. Дополненная реальность помогает голландской полиции выходить на места преступлений. URL: https://augmented.reality.news/news/ (дата обращения: 03.01.2023).

3. Интернет речей. URL: https://uk.wikipedia.org/wiki/Інтернет_речей (дата обращения: 03.01.2023).

4. Бюн Дж., Насридинов А., Пак Ю. Интернет вещей для интеллектуального обнаружения преступлений. URL: https://pdfs.semanticscholar.org (дата обращения: 03.01.2023).

5. Хилл С. От дронов до камер наблюдения за телом технологии меняют борьбу с преступностью. URL: https://www.digitaltrends.com/features/dt10 (дата обращения: 03.01.2023).

6. Сонка Дж. Луисвилл добивается одобрения FAA для пилотной программы полетов автоматизированных беспилотных летательных аппаратов к местам обстрелов.URL: https://insiderlouisville.com/metro/louisville-seeks-faa-approval-for-pilot-program-to-fly-automated-drones-to-gunshot-sites(дата обращения: 03.01.2023).

7. Камбер Р. Взлетайте на полицейских дронах BBC: дистанционно управляемый «летучий отряд» для преследования преступников и поиска пропавших людей. URL: http://www.dailymail.co.uk/news/article-4329714/Remote-controlled-flying squad-chase-criminals.html (дата обращения: 03.01.2023).

8.https://uk.wikipedia.org/wiki/(дата обращения: 03.01.2023).

Гайратов Тимуршо Муборакшоевич - кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции. Адрес 7340233, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Испечак 10/6. Телефон 933-37-41-37. **E-Mail:tgayratov84@gmail.com**

Хакимов Шахбоз Шодибоевич – Таджикский государственный университет коммерции, соискатель кафедры коммерческого и антикоррупционного права. Адрес: 734055 Республика Таджикистан г. Душанбе ул. Дехоти ½ Телефон: 988-78-17-78. E-Mail: shahbozhakimov97@mail.ru

Бобоев Ҷ.Қ.

РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАИ РАСОНИДАНИ ЗАРАР ТАВАССУТИ ФАЪОЛИЯТЕ, КИ БАРОИ АТРОФИЁН ХАТАРИ КАЛОНРО БА МИЁН МЕОРАД

Бобоев Дж.К.

О ПРОБЛЕМЫ ПРИЧИНЕНИЯ УЩЕРБА ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ, ПРЕДСТАВЛЯЮЩЕЙ БОЛЬШУЮ ОПАСНОСТЬ ДЛЯ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ

Boboev J.K.

O DAMAGE PROBLEMS BY ACTIVITIES PRESENTING A GREAT ENVIRONMENTAL HAZARD

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми расонидани зарар тавассути фаъолияте, ки барои атрофиён хатари калонро ба миён меорад баррасӣ мегардад. Дар доираи мақолаи мазкур мафҳуми ҳуқуқии манбаи хатари калон, назарияҳои объект ва фаъолият, номгӯи объекти манбаи хатари калон ва дигар масъалаҳои баҳсноки он аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ баррасӣ гардидааст. Дар он инчунин пешниҳодҳои муаллифӣ ва инкору асосноккунии назарияҳои пешниҳодгардида дида мешавад.
Калидвожаҳо: Кодекси гражданӣ, манбаи хатари калон, зарар, ҷуброн, иродаи инсон, қувва.

В данной статье рассматривается некоторые вопросы которые возникают в случае причинения вреда источнком повышенной опасности. В рамках данной статьи рассматриваются понятие источника повышенной опасности, теория объекта и деятельности, перечень объектов источника повышенной опасности и другие спорные вопросы с точки зрения теории права. В ней приводится авторские мнения, поддержка и критика имеющихся теоретических взгядов.
Ключевые слова: Гражданский кодекс, инсточник повышенной опасности, вред, возмещение, воля человека, сила.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

This article discusses some of the issues that arise in the event of harm caused by a source of increased danger. Within the framework of this article, the concept of a source of increased danger, the theory of an object and activity, a list of objects of a source of increased danger, and other controversial issues from the point of view of legal theory are considered. It provides the author's opinions, support and criticism of the existing theoretical views.
Key words: Civil Code, source of increased danger, harm, compensation, human will, strength

Яке аз масъалаҳои мубрам ва предмети омӯзиши алоҳида дар ҳуқуқи гражданӣ ин масъалаи зарар, ки аз ҷониби фаъолияте, ки барои атрофиён хатари калонро ба миён меорад мебошад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур ақидаҳои баҳсноки илмӣ дида мешавад. Мушкилоти консепсияи ҷавобгарии гражданӣ ҳуқуқӣ низ маҳз аз мавзуи манбаи хатари калон сарчашма мегирад. Зеро одатан дар ҳуқуқ яке аз шартҳои ҷавобгарӣ ин мавҷуд будани гуноҳ мебошад, ки дар манбаи хатари калон вай шарти асосӣ намебошад.

Бо назардошти он ки дар қонунгузории имрӯза ба масъалаи манбаи хатари калон моддаи алоҳида бахшида шудааст зарур дониста мешавад, ки баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур дида шавад.

В.Т. Смирнов ва А.А. Собчак пешбинӣ гардидани институти мазкурро дар КГ чунин маънидод мекунанд: «Дар ҳолати расонидани зарар аз манбаи хатари калон механизми расонидани зарар ва шартҳои бавуҷуд омадани уҳдадориҳои деликтӣ куллан аз асосҳои умумӣ фарқ мекунад, ки зарурат ба ҷудо намудани ҳолати мазкурро ба навъи махсуси уҳдадориҳои деликтӣ маънидод мекунад. Зарар дар ин ҳолатҳо аз фаъолияте расонида мешавад, ки ба атрофиён хатари калонро бавуҷуд меорад. Чунин хатари зарар ҳангоми дар фаъолияти

ташкилотҳо ва шаҳрвандон истифода кардани объектҳои моддии муайян, ки дар қонун манбаи хатари калон номида мешавад бавуҷуд меояд»[12,С33].

Дар замони шуравӣ олими машҳур Б. С. Антимонов манбаи хатари калонро мавриди омӯзиш қарор дода чунин иброз намуда буд, ки дар замони капиталистӣ ва дигар сохти истисморгар ҳама ҷаҳду талоши соҳибкорон барои ҳарчи бештар гирифтани фоида равон гардидааст. Муҳим ин фоидаро аз ҳама гуна воситаҳои техникии нав ҳарчи тезтар ва бештар гирифтан аст. Зоҳиршавии зарар аз қонуниятҳои табиат истисморгарро ба ташвиш намеорад[1,29].

О. В. Дмитриева дар шароити иқтисоди бозорӣ вазъи дорандагони манбаи хатари калонро то андозае бо вазъи монополистон ҳаммонанд мешуморад. Зеро ба андешаи вай, онҳо манфиатҳои молу мулкии худро қонеъ намуда (бадаст овардани фоида), шахсони дигарро аз ин фаъолият зери хатари калон мемонанд, азбаски ки алтернативаи истифодаи манбаи хатари калон дар замони имрӯза нест[7,30].

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар таносуб бо КГ Федератсияи Россия (моддаи 1079), Ҷумҳурии Қазоқистон (моддаи 931), Қирғизистон (моддаи 1007) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми манбаи хатари калонро додааст.

Мафҳуми додашудаи манбаи хатари калон иборат аз қуввaҳои физикӣ, физикӣ-химиявӣ ва биологӣ иборат мебошад. Хатаре, ки аз қуввaҳои зикр гардида бавуҷуд омада метавонад онро О.А. Красавчиков дар асарҳои илмии худ иброз дошта буд[9,44]. Ин ақида яке ақидаҳои устувор гардида дар илмӣ ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз онро аз нигоҳи О.А. Красавчиков дида мебароем.

1. Қувваи (манбаи) физикӣ. Намуди мазкур ба 3 гурӯҳӣ асосӣ тақсим мешаванд:

а) механикӣ (ба ин гурӯҳ автомобилҳо, ҷамъи нақлиёти роҳи оҳан, киштиҳои обӣ, таҷҳизоти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ва ғ.р дохил мешаванд);

б) электрикӣ (дар инҷо ба таҷҳизот ва дигар агрегатҳои энергосистема, ки зери шаддати баланд қарор доранд, яъне зери шиддати 380 волт ва аз он зиёд мебошанд бояд ёдовар шуд);

в) гармӣ (ба ин гурӯҳ таҷҳизоти сеҳҳои металлургии гарм, дастгоҳи табдилдиҳии қувваи буғ ба қувваи механикӣ бо фишори баланд ва ғ.р. дохил мешаванд).

2. Манбаҳои физикӣ-химиявӣ. Намуди мазкур гуруҳбандӣ карда намешавад. Ҳамаи объектҳои моддӣ, ки метавонанд хатари калонро ба воситаи таъсиррасонии радиоктивӣ бавуҷуд оранд (масалан, муҳаррик дар сӯзишвории атомӣ) вайро фарогир мебошанд.

3. Манбаи хатари калони кимёвӣ. Намуди мазкур ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: а) захролудкунанда; б) моддаҳои тарканда ва в)оташангез (заҳр, тротил, бензин ва ғ.р.)

4. Манбаҳои хатари калони биологӣ. Ба ин гурӯҳ ҳайвонҳои ваҳшӣ ва баъзе намудҳои микробиологии организмҳо дохил мешаванд[10,С.395-396].

Баҳодиҳии ин ё он фаъолият ба сифати манбаи хатари калон дар баъзе ҳолатҳо душвориҳоро ба вуҷуд намеорад (масалан, воситаи нақлиёт). Аммо дар дигар ҳолатҳо эътироф кардан (ё накардан) –и объект ҳамчун манбаи хатари калон заҳматҳои зиёдро талаб менамояд. Масалан, на ҳама микробҳои биологӣ ба сифати манбаи хатари калон баромад мекунанд. Ба сифати манбаи хатари калон танҳо он микробҳои биологӣ баромад карда метавонанд, ки сирояткунанда мебошанд. Ҳатто на ҳамаи микробҳои биологии сирояткунанда, балки баъзе аз онҳо.

Одатан ҳайвонҳои хонагӣ ба сифати манбаи хатари калон баромад карда наметавонанд. Аммо ақидаи баъзе аз олимон, ки баъзе намудҳои зоти ҳайвоноти хонагӣ, ки бо табиати ҷангҷӯёнаи худ аз дигар зотҳо фарқ мекунад метавонад ҳамчун манбаи хатари калон эътироф карда шавад дуруст мебошад[3,С.472].

Ё ин ки газ ва маводи сӯзишворӣ, ки дар оташгиронак мавҷуд аст, ба сифати манбаи хатари калон баромад карда наметавонад. Аммо нуқтаи фурӯши сузишворӣ ба сифати манбаи хатари калон баромад карда метавонад. Аз ин лиҳоз эътироф кардани фаъолият ҳамчун манбаи хатари калон аз миқдор ва таркиби объект вобаста мебошад[4,С.40].

Лозим ба ёдоварист, ки дар матни КГ ба забони русӣ 4 манбаи хатари калон пешбини гардидааст. Дар матни тоҷикии моддаи мазкур танҳо 3 манбаи хатари калон иброз гардидааст. Манбаи хатари калони кимиёвӣ дар матни тоҷикии қисми мазкур нишон дода нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар КГ субъектҳоеро, ки фаъолияти онҳо бо хатари калон барои атрофиён алоқаманд мебошад пешбинӣ кардааст. Ҳамзамон моддаи 1094 КГ дар шакли кушода номгӯи фаъолияте, ки ҳамчун манбаи хатари калон дониста мешаванд номбар кардааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ солҳои тулонист, ки баҳсҳои илмӣ атрофии мафҳуми манбаи ха-

тари калон вуҷуд дорад. Метавон ду назарияи бо ҳам муқобилро пайдо намуд. Тибқи назария «фаъолият» манбаи хатари калон ин натанҳо ҳаракат, амал балки навъи муайяни фаъолият мебошад[1,С.71].

О.С. Иофе иброз менамояд, ки «…зимни ҳаллӣ масъала оид ба шарти ҷавобгарӣ, манбаи хатари калон – ин объекте нест, ки ба амал дароварда мешавад, балки фаъолиятест, ки бо объекти муайян алоқаманд мебошад[8,С.804]. Дар замони имрӯза ин назария аз ҳама маъмултарин ба ҳисоб меравад. Ин нуқтаи назар дар қисми 2 моддаи 1094 КГ дастгирии худро ёфтааст. Манбаи хатари калон ҳама гуна фаъолият, ки анҷом додани он эҳтимолияти баланди хатарро барои атрофиён бавуҷуд меорад дониста мешавад.

Ба назарияи «фаъолият» назарияи «объект» муқобилгузорӣ карда мешавад, ки тибқи он зери манбаи хатари калон он ҷисмҳои моддӣ, ки ба атрофиён бо хислати хатарнокияш таҳдид менамояд ва зери назорати пурраи инсон қарор гирифта намешавад дониста мешавад.

Ҷой доштани назарияи объект то андозае дуруст мебошад. Зеро аввало, дар қ.1.моддаи 1094 КГ ки дар он мафҳуми манбаи хатари калон дода мешавад, сухан дар бораи объект меравад. Дуюм, қонунгузор дар абз.2 қ.2. моддаи 1094 КГ қайд менамояд, ки уҳдадории ҷуброни зарар ба зиммаи шахси ҳуқуқи ё шаҳрванде гузошта мешавад, ки манбаи хатарро дар асоси ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ ё тибқи ҳама гуна асосҳои дигари қонуни (шартномаи кирояи амвол, ваколатнома барои идораи воситаи нақлиёт, бо ҳукми фармоиши мақомоти салоҳиятдор оид ба интиқоли манбаъ ва ғайра) соҳибӣ менамоянд.

Ҳамзамон ақидаи дигари илмӣ вобаста масъалаи мазкур дида мешавад. Масалан, А.П.Сергеев имконпазир будани манбаи хатари калонро ҳам бо мафҳуми фаъолият ва ҳам бо мафҳуми объект муайян карданро ба шарте, ки дар ҳар ду ҳолат мафҳуми зикршуда бо ҳам алоқамандии зич дошта бошанд иброз менамояд[5,С.49].

Ин пешниҳод дар воқеи диққатҷалбкунанда ва дар ҳолати бавуҷуд омада дуруст мебошад. Масъалаи дигаре, ки дар м.1094 ГК ҷой дорад ин нишон додани номгӯи фаъолиятҳое мебошад, ки ҳамчун манбаи хатари калон дониста шудаанд. Моддаи 1094 КГ ин номгӯйро ба таври кушода нишон додааст. Дар назария ҳуқуқ оиди ин масъала ду консепсия маъмул гаштааст. Ба ақидаи тарафдорони консепсия «негативӣ» қонун бояд номгӯи мукаммали манбаи хатарро пешбинӣ намояд.

Солҳои 50-уми асри ХХ олими машҳур Б.С.Антимонов ба ояндаи КГ нигариста иброз намуда буд, ки нигоҳ доштани номгӯи ҳолатҳои намунавии ҷавобагрии ғайришатномавӣ барои хатари калон бефоида аст. Номгӯи ҳолатҳои ҷавобгарии хатари калон бояд пурра бошад, зеро сухан дар бораи меъёри махсус меравад[1,С.101].

Баъдан дар илми ҳуқуқшиносӣ консепсияи «позитивӣ» пайдо ва маъмул гардид. Моҳияти ин консепсия инкор кардани имконияти дар қонун овардани номгӯи пурраи манбаҳои хатари калон ва аз ин ҷо инкор кардани зарурарти пурраи таснифоти манбаҳои мазкур мебошад.

Е.А. Суханов иброз медорад, ки ҳама гуна номгӯй ё таснифот характери намунавӣ ва шартӣ дорад, чунки инкишофи илм ва техника доимист [6, С.675].

Чунин ақида дар воқеъ дуруст мебошад, зеро манбаи хатари калонро ба таври пурра дар қонун нишон додан ғайри имкон аст. Қонун танҳо он объектҳои манбаҳои хатарро, ки эҳтимолияти зиёда расонидани зарарашон вуҷуд дорад номбар карда онро кушода мондааст.

Дар қисми 2 м.1094 ГК ташкилотҳои нақлиёти ҳамчун манбаи хатари калон пешбини гардидаанд. Дар таносуб бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон КГ Федератсияи Росия воситаҳои нақлиётро ҳамчун манбаи хатари калон эътироф намудааст. Ҳамзамон дар қатори ташкилотҳои нақлиётӣ дар қисми мазкур инчунин моликони воситаҳои нақлиёт омадааст. Пешбини гардидани ҳам ташкилотҳои нақлиётӣ ва ҳам моликони воситаи нақлиёт бо он маънидод карда мешавад, ки зери ташкилотҳои нақлиёти - шахсони ҳуқуқӣ баромад менамоянд. М.Т. Раупова иброз медорад, ки қонунгузор дар моддаи 1094 КГ воситаи нақлиётро дар ҷои аввал гузоштааст. Баъдан илова менамояд, ки нақлиёти ҳавоӣ гарчанде, ки дар ин номгӯй оварда нашудаанд, аммо ҳодисаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки фоҷиаҳо низ дар амал ба миен меоянд. Фаъолияте, ки бо истифода кардани воситаи мазкур алоқаманд аст, зери назорати инсон қарор гирифта наметавонад[11, С.212-213].

Бояд қайд намуд, ки ақидаи мазкур то андозае нодуруст мебошад, зеро дар қонунгузории Россия воситаи нақлиёт дар ҷои аввал меистад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои нақлиёти дар ҷои аввал меистад. Баъдан бояд як ҳолати дигарро илова намуд, ки тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» ба воситаҳои нақлиёт

нақлиётҳои ҳавоӣ, роҳи оҳан, автомобилӣ, обӣ, баҳрӣ ва қубурӣ, ки барои ҳамлу нақл муқаррар шудаанд дохил мешаванд.

Аз ин лиҳоз гӯё ки нақлиёти ҳавоӣ ба ин номгӯй дохил намешавад хатост. Эҳтимолан муаллиф зимни таҳлили ин масъала қонунгузории Россияро ба инобат гирифтааст.

Пешбинӣ гардидани ташкилотҳои нақлиётӣ дар назар ташкилотҳои нақлиётии ҳавоиро дорад. Зеро бо назардошти арзиши ҳавопаймо дар аксари вақт моликони он ташкилотҳо баромад мекунанд. Дар сурати расонидани зарар маҳз чунин ташкилот зарарро ҷуброн менамояд. Тавре маълум аст бинобар сабаби он, ки нақлиёти ҳавои ба мисли дигар воситаҳои нақлиёт зери назорати пурраи инсон қарор гирифта намешавад, моддаи 124 Кодекси фазои Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ҳатмии масъулияти молики ҳавопайморо дар назди шахсони сеюм пешбинӣ кардааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ солҳои охир ақидае боиси баҳсҳои илмӣ гаштааст, ки онро В.М. Болдинов иброз намудааст. Ба андешаи вай «дар ояндаи наздик аз ҳама маъмултарин фактори зараррасонӣ на ин ки ашё балки иттилоот мегардад. Алакай имрӯз имконияти расонидани зарари калони молумулкӣ дар натиҷаи истифода кардани компютерҳо вуҷуд дорад. Сухан дар бораи вирусҳои компютерӣ меравад. Вируси копютерӣ-ин объекти иттилоотии зарароват мебошад. Таҳлили табиат ва нишонаҳои он имкон медиҳад, ки онро ба сифати манбаи хатари калон эътироф намуд[2, С.10].

Ин ақида то андозае баҳснок мебошад. Чунончи хусусияти асосии ҷавобгарӣ барои зарар, ки аз манбаи хатари калон расонида мешавад, аз он иборат аст, ки вай новобаста аз гуноҳи дорандаи манбаи хатари калон фаро мерасад. Баъдан вай зери назорати пурраи инсон қарор гирифта намешавад. Тавре маълум аст, вирусҳои компютерӣ аслан мақсаднок ва ба доираи муайяни одамон равона карда мешавад.

Адабиёт

1. Антимонов Б.С. Гражданская ответственность за вред, причиненный источником повышенной опасности. –М.: Юр.лит. 1952. - 293 с
2. Болдинов, В. М. Ответственность за причинение вреда источником повышенной опасности: Автореф. канд. юрид.наук. СПб.,2000. С.10
3. Гражданское право: Учебник. Т. II / Под ред. О.Н. Садикова.— М.: Юридическая фирма «КОН¬ТРАКТ»: ИНФРА-М, 2007. - 608 с
4. Гражданское право. Том 3. Под ред. А. П. Сергеева, Ю. К. Толстого. – М., Статут, 1999.
5. Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3.— 4-е изд., перераб.и доп. / под ред. А. П. Сергеева, Ю. К. Толстого. — М. : ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005.— 784
6. Гражданское право: В 4 т. Том 4 : Обязательственное право: отв. ред. — Е.А. Суханов. — 3-е изд., перераб. и доп. — М.: Волтерс Клувер, 2006. — 816 с.
7. Дмитриева О. В. Ответственность без вины в гражданском праве: Учеб. пособие. – Воронеж. Изд-во ВВШ МВД РФ, 1997. 136с
8. Иоффе О. С. Обязательственное право. –М.:«Юрид. лит.», 1975.С.804
9. Красавчиков О.А. Возмещение вреда, причиненного источником повышенной опасности / О.А. Красавчиков. – М.: Издательство «Юридическая литература», 1966. – 200 с.
10. Красавчиков О.А. Советское гражданское право. В 2-х томах. Том 2. –М.: «Высшая школа». –1968. С.395-396
11. Раупова М.Т. Классификация источников повышенной опасности // 10-лет Гражданскому кодексу Республики Таджикистан/ Отв. ред. Рахимов М.З.,Менглиев Ш.М. Душанбе,2010. С.212-213
12. Смирнов В.Т., Собчак А.А. Общее учение о деликтных обязательствах в советском гражданском праве. Учебное пособие. Л.: ЛГУ, 1983. 152с.

Бобоев Ҷамрод Қурбонович- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14. тел.: 907-97-65-12, e-mail: **jamrod@mail.ru**

Абдуллаев Ф.Р.
Исмоилов А.Ш.

СООТНОШЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО И ВНУТРИГОСУДАРСТВЕННОГО – ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЕ ОТНОШЕНИЙ СОБСТВЕННОСТИ

Абдуллаев Ф.Р.
Исмоилов А.Ш.

АЛОҚАМАНДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДОХИЛИДАВЛАТИИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛУМУЛКӢ

Abdullaev F.R.
Ismoilov A.Sh.

RELATIONSHIP OF INTERNATIONAL AND DOMESTIC - LEGAL REGULATION OF PROPERTY RELATIONS

В данной статье рассматривается вопрос соотношения правового регулирования отношений собственности в международном праве и национальном праве.
Ключевые слова: право собственности, частная собственность, международные договоры, внутреннее законодательство, Инкотермс.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур масъалаи таносуби танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба моликият дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ оварда шудааст.
Калидвожаҳо: ҳуқуқи моликият, моликияти хусусӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории дохилӣ, Инкотермс.

This article discusses the question of the relationship between the legal regulation of property relations in international law and national law.
Key words: property right, private property, international treaties, domestic legislation, Incoterms.

Право собственности – одно из уникальных явлений жизнедеятельности общества, государства, и каждой отдельной личности. Занимая в системе вещных прав центральное место, право собственности, пожалуй, является самой распространенной и исторически известной категорией гражданского права, и не только. Какую бы отрасль права мы ни рассматривали, отмечает Г.К. Дмитриева, одно из важных мест в ней занимает вопрос о собственности. И это не случайно. Ведь каждый человек, невзирая на возраст и социальную принадлежность; организация, вне зависимости от организационно - правовой формы; государство – от формы государственного устройства и формы правления, удовлетворяют свои потребности путем господства над определенными благами, обладая некой долей собственности над определенными вещами. Важно также отметить, что залогом устойчивого развития экономики (как внутренней, так и внешней) является стабильность экономических отношений, выступающей в качестве основы развития общества и государства в целом, где важнейшим экономико-правовым институтом является как раз-таки рассматриваемый нами институт собственности. [1.С.127 -132].

В доктринах международного частного права предметом дискуссий выступают соотношение и взаимодействие национального и международного права, а также вопросы о роли и значении таких договоров в регулировании внутригосударственных отношений.

В последнее время вопросы о месте международных договоров в национальных правовых системах, механизме их реализации в национальном праве государств рассматриваются с учетом анализа национальных законодательств государств - участников СНГ. Указанные проблемы нашли отражение в работах А.Н. Беседина, С.А. Джамалдинова, В С. Иваненко и др. [1, 84].

В рамках данного диссертационного исследования следует обратить внимание на то, что конституции, гражданские кодексы, законы о международных договорах всех государств - участников СНГ закрепляют положения, определяющие место международных договоров среди актов национальных законодательств государств. Эти нормы имеют различные формулировки, общий смысл которых сводится к следующему.

Во-первых, международные договоры (ратифицированные, признанные, вступившие в силу) являются составной частью системы законодательства (Азербайджан) [4], частью законодательства

(Киргизия, Республика Беларусь) [5], частью правовой системы (Армения, Таджикистан, Российская Федерация), действующим правом в государстве (Казахстан).

Во-вторых, международные договоры подлежат добросовестному исполнению и имеют приоритет в случае коллизий с нормами национального законодательства.

Наряду с приоритетом международных норм широко известные базисные условия - международные обычаи в международной торговле. Так, для единообразного понимания правил, регулирующих отношения продавца и покупателя по каждому базисному условию, Международная торговая палата в Париже впервые в 1936 году опубликовала свод международных правил по толкованию торговых терминов – Инкотермс. В 1953, 1967, 1976, 1980 и 1990, 2000 и 2010 гг. в документ были внесены значительные изменения. В настоящее время «Инкотермс» действуют в редакции 2010 года.

С правовой точки зрения Инкотермс представляют собой свод обычно-правовых норм, созданных многолетней коммерческой практикой и имеющих факультативный характер. Они юридически обязательны для продавца и покупателя лишь при наличии в договоре прямой ссылки на этот документ. Поэтому предприниматели, которые желают использовать «Инкотермс», должны четко указать, что они в договоре руководствуются каким его изданием.

Например, базисные условия «Инкотермс-2000» часто используемые отечественными предпринимателями в Республике Таджикистан полностью следуют структуре «Инкотермс-1990», в которых эти условия были для облегчения понимания сгруппированы в четыре категории, отличающиеся между собой по существу, начиная с термина, согласно которому продавец только предоставляет товар покупателю непосредственно в своих помещениях (категория EX WORKS).

Далее идет вторая категория «F», согласно которой продавец обязан поставить товар перевозчику, назначенному покупателем (термины группы «F»- FCA, FAS и FOB).

Согласно терминам третьей группы «C», продавец обязуется заключить договор перевозки, но без принятия на себя риска потери или повреждения товара или дополнительных затрат после отгрузки и отправки товара (CFR, CIF, CPT и CIP).

Четвертую группу составляют термины «D», согласно которым продавец должен нести все расходы и риски, необходимые для доставки товара в страну назначения (DAF, DES, DEQ, DDU и DDP).

Таким образом, «Инкотермс-2000» содержит правила толкования порядка тринадцати торговых терминов, которые могут быть избраны сторонами при заключении договоров международной купли-продажи. По сравнению с изданием 1990 года «Инкотермс-2000» внесло существенное изменение в распределение обязанностей между сторонами [3, 346].

Как указывалось, ранее, в регулировании взаимоотношений контрагентов по международным коммерческим сделкам важную роль играют международные торговые обычаи и обыкновения. Обобщение и унификация таких обычаев и обыкновений представляются весьма полезными для развития успешных коммерческих связей между предприятиями различных стран. Поэтому организации предпринимателей, создаваемые как в отдельных странах, так и имеющие международный характер, заинтересованы в проведении такой деятельности.

Большое значение в создании благоприятной правовой среды для реализации деловых отношений в сфере международных экономических отношений имеет деятельность Международной торговой палаты (МТП). Созданная в 1919 году, Палата обозначила в качестве своей основной цели содействие бизнесу и последовательно проводит деятельность в этом направлении. Основным инструментом, обеспечивающим достижение указанной цели, является разработка рекомендаций для использования предпринимателями в договорной практике.

Основной причиной разработки Инкотермс явились значительные различия в торговых терминах, принятых в отдельных странах (и даже портах одной страны), а также различия по этому вопросу в законодательстве отдельных стран. Главной целью стандартизации в Инкотермс базисных условий поставки товара и четкого изложения отдельных обязанностей продавца и покупателя является обеспечение единообразного понимания общепризнанных и широко используемых коммерсантами ключевых понятий при заключении международных сделок [2, 70].

Заметим, что до сих пор остается открытым и спорным де-юре вопрос применения в РТ положений Инкотермс в любой её редакции. Некоторые страны пошли по пути признания этих базисных условий. Например, на основании Закона Российской Федерации «О торгово-промышленных палатах» постановлением Правления Торгово-промышленной палаты Российской Федерации от 28 июня 2001 года, №117-13 (п. 4), Инкотермс признаны торговым обычаем, что имеет важное практическое значение для обеспечения определенности и предсказуемости их применения участниками

международной купли-продажи товаров, а также участниками смежных международных контрактов. Таким образом, в России в отличие от Республики Таджикистан на основании ст. 5 и п. 5 ст. 421 ГК РФ базисные условия Инкотермс признаются одним из регуляторов имущественных отношений сторон.

Обоснованность применения торговых обычаев признается всеми авторитетными центрами международного коммерческого арбитража, в частности в созданном в 2015 в г. Душанбе Международном коммерческом арбитраже при Торгово-промышленной палате Республики Таджикистан. В соответствии с ч.3 ст. 43 Закона Республики Таджикистан «О международном коммерческом арбитраже» во всех случаях арбитраж принимает решение в соответствии с условиями договора и с учетом торговых обычаев, применимых к данной сделке.

Арбитражный Регламент Международного арбитражного суда МТП, являющегося одним из наиболее авторитетных международных арбитражных институтов, ежегодно рассматривающим сотни международных коммерческих споров, содержит аналогичное правило: во всех случаях состав арбитража принимает во внимание положения контракта и соответствующие торговые обычаи.

Инкотермс, таким образом, представляют собой свод правил толкования терминов поставки, называемых базисными условиями поставки товаров. Условно можно выделить две группы вопросов, по которым в Инкотермс предлагается единообразное толкование: 1) коммерческие; 2) юридические.

Наиболее важными коммерческими вопросами, урегулированными в Инкотермс, являются следующее: определение цены, которая непосредственно зависит от согласованного сторонами базисного условия поставки; распределение обязанностей сторон по перевозке и выполнению погрузочно-разгрузочных работ; распределение обязанностей сторон по представлению отгрузочных, платежных и иных документов, а также необходимых извещений; распределение обязанностей сторон по страхованию товара, т.е. по обеспечению рисков, которым может быть подвергнут товар в период транспортировки; распределение обязанностей сторон по обеспечению надлежащей упаковки товара; распределение обязанностей сторон по осуществлению инспектирования товара; распределение обязанностей сторон по выполнению таможенных формальностей, необходимых для вывоза и ввоза.

Следовательно, выбор базисного условия поставки определяет цену, распределение между продавцом и покупателем расходов по доставке товара, а в конечном счете коммерческую эффективность сделки международной купли-продажи, так, как и продавцу, и покупателю сразу становится ясен объем принимаемых каждым из них обязанностей.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Беседин А.Н. Развитие гражданского законодательства в государствах - участниках Содружества Независимых Государств: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. - М., 2005.

2. Гражданское и торговое право зарубежных государств: учебник / Отв. Ред. Е.А. Васильев, А.С. Комаров. - 4-е изд., перераб. И доп В 2-х т. – Т.II. Междунар. Отношения, 2006. С.70.

3. Гражданское и торговое право зарубежных стран: Учебное пособие/ Под общей редакцией В.В. Безбаха и В.К. Пучинского. – М.: МЦФЭР, 2004. –С. 346.

4. Конституция Азербайджанской Республики: принята на всенародном голосовании (референдуме) 12 нояб. 1995 г., ст. 148.

5. Конституция Кыргызской Республики: принята 5 мая 1993 г.: С изм. и доп. от 10.02.1996 г, ст. 12; О международных договорах Республики Беларусь: Закон Респ. Беларусь, 23 окт. 1991 г. ст. 27.

Абдуллаев Ф.Р.- доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права ТГУК, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½. Тел.: 935800343

Исмоилов А.Ш. – старший преподаватель кафедры коммерческого и антикоррупционного права ТГУК, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½. Тел.: 935800343

Маҳмадхонов Т. **ОИД БА МАФҲУМИ СИРРИ ТИҶОРАТӢ**

Махмадхонов Т. **О ПОНЯТИЕ КОММЕРЧЕСКОЙ ТАЙНЫ**

Mahmadkhonov T. **ABOUT THE CONCEPT OF COMMERCIAL SECRET**

Дар мақолаи мазкур оид ба мафҳуми сирри тиҷоратӣ сухан меравад. Сирри тиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ вобаста буда, қимати муайяни иқтисодӣ дорад.
Калидвожаҳо: сирри тиҷоратӣ, сирри хизматӣ, иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, фаъолияти соҳибкорӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье речь идёт о понятия коммерческой тайны. Коммерческая тайна связана с предпринимательской деятельность и имеет определённую экономическую ценность.
Ключевые слова: коммерческая тайна, информация, содержащая коммерческую тайну, служебная тайна, предпринимательская деятельность.

In this article we are talking about the concept of trade secrets. A trade secret is associated with business activities and has a certain economic value.
Key words: trade secret, information containing a trade secret, official secret, entrepreneurial activity.

Институти сирри тиҷоратӣ барои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, муносибатҳои вобаста ба он пайдо шуда, асосан, бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ба тартиб дароварда мешаванд. Сирри тиҷоратӣ иттилооти махсусе мебошад, ки режими фарқкунандаро соҳиб аст.

Сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти муҳими ҳуқуқи соҳибкорӣ ва аз ҷумла тиҷоратӣ барои амалӣ кардани фаъолияти тиҷоратӣ аҳамияти хеле калон дорад. Он яке аз намудҳои асосии иттилооти конфиденсиалӣ ба ҳисоб меравад. Иттилооти конфиденсиалӣ ё пинҳонӣ маълумоти дастрасаш маҳдуд аст, ки дар соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории шахсони алоҳидаи воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарор дорад.

Мафҳуми сирри тиҷоратӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Мувофиқи моддаи 153 Кодекси зикргардида сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ маълумотҳое ҳастанд, ки ба сабаби ба ашхоси сеюм маълум набуданашон арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта, дастраси умум нестанд ва молики онҳо ба мақсади махфӣ нигоҳ доштани ин маълумотҳо тадбирҳо меандешад.

Бояд зикр намуд. ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ду намуди асрори конфиденсиалӣ (пинҳонӣ), яъне сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ якхела маънидод карда шудааст. Аз ин сабаб, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба фарқият ва монандии сирри тиҷоратӣ ва хизматӣ ду ақида вуҷуд дорад.

Як гуруҳ тадқиқотчиён мафҳум ва моҳияти ҳар ду намуди иттилооти дар боло овардашударо сарфи назар карда, онҳоро зери мафҳуми «сирри тиҷоратӣ» ифода менамоянд. Масалан, яке аз олимони машҳури ҳуқуқшиноси рус А.П. Сергеев ақида дорад, ки мафҳумҳои сирри хизматӣ ва тиҷоратиро бо мафҳуми “сирри тиҷоратӣ” ифода кардан мумкин ва қулай аст[1, 674].

Олими дигар В.О. Калятин оид ба ихтиёрдории сирри тиҷоратӣ ва хизматӣ сухан ронда менависад, ки чунин маълумот мумкин аст, дар асоси шартномаи литсензионӣ ба дигар шахс барои истифода дода шавад[2, 416].

Аз таҷрибаи тиҷоратии мамлакатҳои мутараққӣ ва меъёрҳои қонунгузории гражданӣ маълум аст, ки предмети шартномаи литсензионӣ фақат баъзе намудҳои сирри тиҷоратӣ, ки аҳамият ва қимати баланди тиҷоратӣ дошта, барои гирифтани даромадҳои калони давлат ё корпоратсияҳои бузург заруранд, буда метавонанд. Сирри хизматӣ бошад, мавриди ихтиёрдории корманд шуда наметавонад.

Гуруҳи дигари олимони ҳуқуқшинос дар он ақидаанд, ки сирри тиҷоратӣ ва хизматӣ мафҳумҳои гуногун мебошанд ва ҳар яке маъноҳои махсусро ифода намуда, ҳамчун истилоҳҳои ҳуқуқии соҳаҳои мухталиф аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Аз он ҷумла, С.Э. Жилинский қайд менамояд, ки сирри тиҷоратӣ ва сирри хизматӣ институтҳои гуногуни ҳифзкунандаи иттилоот мебошанд. Яке (сирри хизматӣ) ба ҳуқуқи оммавӣ ва

дигаре (сирри тиҷоратӣ) ба ҳуқуқи граждани мансуб мебошанд. Ҳамчунин, оид ба фарқияти институтҳои мазкур ӯ фикрашро давом дода, ба хулосае омадааст, ки "муносибатҳои ба сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ алоқамандро ба воситаи як қонун ба танзим даровардан аз имкон берун аст, аз ин рӯ, муттаҳид кардани онҳо дар як моддаи Кодекси граждани хато мебошад" [3, 187].

Мафҳуми сирри хизматӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қимматнок» аз 28 июни соли 2011 [4] низ дода шудааст, ки хусусияти соҳавӣ дорад. Мувофиқи моддаи 33 Қонун иттилооти хизматӣ ҳама гуна иттилооти дастраси умуминабуда дар бораи эмитент ва коғазҳои қиматноки эмиссионии баровардаи ӯ ҳисоб меёбад, ки шахсони дорои онро бинобар вазъи хизматӣ, уҳдадориҳои

меҳнатӣ ё шартномаҳои бо эмитент басташуда дар муқоиса бо дигар иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок дар мавқеи афзалиятнок ҷой медиҳад. Эмитенти коғазҳои қиматнок шахси ҳуқуқиест, ки барориши коғазҳои қиматнокро мутобиқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, аз номи худ уҳдадор мешавад, ки уҳдадориҳоро дар назди соҳибони коғазҳои қиматнок, ки аз шартҳои барориши коғазҳои қиматнок бармеоянд, иҷро мекунад.

Дар меъёри мазкур ба ҷои мафҳуми «сирри хизматӣ» мафҳуми «иттилооти хизматӣ» истифода гардидааст, ки касро ба иштибоҳ меандозад. Ба фикри мо, ҳаҷми мафҳуми «иттилооти хизматӣ» нисбат ба мафҳуми «сирри хизматӣ» васеътар аст, аз ин рӯ, ба чои мафҳуми «иттилооти хизматӣ» бояд мафҳуми «сирри хизматӣ» истифода гардад.

Қайд кардан лозим аст, ки сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ ҳар ду иттилооти конфиденсиалӣ (пинҳонӣ) мебошанд, яъне ошкор сохтани онҳо қатъиян мумкин нест. Асрори мазкур то ошкор шудан ё дастраси

дигарон шуданаш қимати тиҷоратӣ дорад. Муносибатҳое, ки оиди сирри тиҷоратӣ ба вуҷуд меоянд, мувофиқи меъёрҳои қонунгузории граждани,меҳнатӣ ва инчунин дигар соҳаҳо ва муносибатҳое, ки оиди сирри хизматӣ ба вуҷуд меоянд, мувофиқи меъёрҳои қонунгузории маъмурӣ танзим карда мешаванд.

Молики сирри тиҷоратӣ ҳангоми ҳифзи иттилооти пинҳонӣ бо се гуруҳ хизматчиён муносибатҳои худро муқаррар менамояд. Гуруҳи аввал хизматчиёне мебошанд, ки дар асоси қарордоди меҳнатӣ ва бо супориши соҳибкор адои хизмат менамоянд. Бо ин гуруҳ молики сирри тиҷоратӣ мумкин аст, илова ба қарордори меҳнатӣ шартномаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ бандад, ё ин ки шартҳои махсусро оиди ҳифзи тиҷоратӣ дар қарордоди меҳнатӣ муайян намояд. Ба ин гуруҳи хизматчиён муҳандисон, муҳосибон, инструкторон ва дигарон дохил мешаванд. Муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар байни молики сирри тиҷоратӣ ва хизматчиёни корхонаи ӯ ба вуҷуд меоянд. дар асоси қонунгузории меҳнатӣ ба тартиб дароварда мешавад.

Гуруҳи дуюм хизматчиёне мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои граждани ба молики сирри тиҷоратӣ робитаи шартномавӣ доранд ва мувофиқи уҳдадориҳои худ амали муайянеро ба онҷом мерасонанд. Масалан, дар асоси шартномаи пудрат иҷро намудани фаъолияти муайян аз тарафи татқиқотчиёни ягон соҳа. Муносибатхои байни ин хизматчиён ва молики сирри тиҷоратӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи граждани ҳаллу фасл мегарданд [5, 43].

Гуруҳи сеюм хизматчиёни давлатӣ мебошанд, ки бо молики сирри тиҷоратӣ алоқаи бевосита надоранд. Онҳо аз ваколатҳои дар асоси қонун доштаашон ҳуқуқ доранд, бо баъзе маълумотҳое, ки барои фаъолияташон зарур аст, шинос гарданд.

Муносибатҳои молики сирри тиҷоратӣ ва ин гурӯҳи хизматчиён мувофиқи қонунгузориҳои махсуси ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуки маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва ғайра танзим карда мешаванд.

Иттилооте, ки сирри хизматиро ташкил менамояд, нисбат ба сирри тиҷоратӣ маҳдуд мебошад. Ба хизматчиёни мақомоти давлатӣ иттилооте пешниҳод карда мешавад, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматии онҳо зарур аст.

Молики сирри тиҷоратӣ кӯшиш менамояд, ки иттилооти пурқиматро сахт ҳифз намуда, дар ҳеҷ сурат ба хизматчиён ошкор нанамояд. Дар ин маврид ҳаҷми сирри хизматӣ нисбат ба сирри тиҷоратӣ маҳдуд буда, бо ҳамдигар ҳамарзиш ва ҳаммаъно шуда наметавонад [6, 155].

Институти сирри хизматӣ, тавре ки зикр гардид, нав набуда, дар қонунгузории пешинаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дошт. Муносибатҳои доир ба сирри хизматӣ ба вуҷуд омада дар асоси қонунгузории маъмурӣ танзим карда мешуд.

Ҳамин тавр, ба фикри мо, таърифе, ки ба сирри тиҷоратӣ дар моддаи 153 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, аломатҳои сирри тиҷоратиро пурра ифода карда наметавонад.

Хотиррасон бояд кард, ки ғайр аз таърифи дар болотар овардашуда, дар қонунгузории гражданӣ таърифи дигари сирри тиҷоратӣ низ вуҷуд дорад

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 8 июни соли 2008 ба сирри тиҷоратӣ чунин таъриф дарҷ шудааст: Сирри тиҷоратӣ махфияти иттилооте аст, ки имконият медиҳад ба дорандаи он дар ҳолати мавҷуда ё имконпазир даромадашро зиёд гардонад, ба харочоти беҳуда роҳ надиҳад, мавқеашро дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ нигоҳ дорад ё худ фоидаи дигари тиҷоратӣ ба даст орад.

Иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ҳамчун иттилооти илмӣ-техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, молиявию иқтисодӣ ё худ дигар иттилооти дорои арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ, ки бинобар сабаби онро надонистани шахсони сеюм, ки наметавонанд ин иттилоотро дар асоси қонун озодона дастрас намоянд ва нисбати он дорандаи чунин иттилоот низоми сирри тиҷоратиро ҷорӣ кардааст, маънидод гардидааст.

Дар асоси моддаи 232 КГ ҶТ ҳуқуқи моликият аз ваколатҳои соҳибӣ кардан, истифода ва ихтиёрдорӣ намудан иборат мебошад. Ин муқаррарот ба сирри тиҷоратӣ низ дахл дорад, ба шарте ки он дар ягон мавод сабт ёфта бошад. Ин маънои онро дорад, ки маълумотҳои пинҳонӣ, аз ҷумла сирри тиҷоратӣ аз тарафи дорандаи он бе мамониат истифода бурда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ ҳуқуқи нисбии истисноӣ мебошад. Ба ибораи дигар гўем, неъматҳои моддӣ (масалан, хона, автомашина, яхдон, либос) ба шахси муайян тааллуқ доранд, аммо сирри тиҷоратӣ мумкин аст, дар як вақт аз тарафи якчанд кас истифода ва ихтиёрдорӣ карда шавад, зеро гирифтан ва истифода бурдани сирри тиҷоратӣ нисбат ба ашё то дараҷае осон мебошад. Масалан, ташкилоти савдо таҷрибаи тиҷоратии худро пинҳон медорад. Ташкилоти дигари савдо мумкин аст, аз ҳамон таҷриба огоҳӣ ёфта, дар фаъолияти худ истифода барад.

Чунин таҷриба аз тарафи якчанд субъекти тиҷоратӣ мумкин аст, мавриди истифодабарӣ қарор бигирад.

Зикр намудан лозим аст, ки сирри тиҷоратие, ки оддӣ мебошад, як муддати муайян пинҳон монда, сипас аз он дигарон низ огоҳӣ меёбанд. Масалан, агар як корхона истеҳсоли намуди нави қулфи дарро ба роҳ монад, ки арзону қуллай аст, ин сирри истеҳсолӣ дар муддати кўтоҳ ба дигар корхонаҳои истеҳсолкунандаи предмети мазкур ошкор мешавад. Дар натиҷа дигар корхонаҳо ҳам истеҳсоли онро ба роҳ монда метавонанд. Агар сирри тиҷоратӣ то андозае мураккаб бошад, огоҳ ёфтан аз он душвории зиёд дорад ва дорандааш ба ҳар роҳ мекўшад, ки чунин маълумот пинҳон нигоҳ дошта шавад.

Сирри истеҳсолии баъзе маводҳо, хусусан, сирри истеҳсоли асбобу анҷоми техникӣ, сирри истеҳсолии механизмҳои гуногун ва монанди инҳо вақтҳои дуру дароз пинҳон нигоҳ дошта мешавад, бо ин сабаб дигар корхонаҳо онро истеҳсол карда наметавонанд.

Дар охир, тамоми фикрҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба сирри тиҷоратӣ чунин таъриф додан мумкин аст: Сирри тиҷоратӣ иттилооти ба гуруҳи муайян шахсон маълум аст, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ вобаста буда, қимати иқтисодӣ дорад ва барои ҳифзи манфиатҳои молумулкии дорандааш зарур аст. Таърифи мазкур, ба андешаи мо, моҳият ва табиати ҳуқуқии сирри тиҷоратиро то андозае ифода карда метавонад.

АДАБИЁТ

1. Сергеев А.П. Право интелектуальнной собетвенности в Российский Федерации. Учебник. М., 2000.

2. Калятин В.О. Интелектуальнная собетвенность (исключинольное право). М.: Изд.НОРМА, 2000.

3. Жилинский С.Э. Предпринимательское право (Правовая основа предпринимательской деятельности). Учебник для Вузов. М.: «НОРМА»., 2002.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» аз 28 июни соли 2011// АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. №6. М.456.

5. Акопов Г.Л. Иформационное право. Учеб. пособие. Ростов н/Д: Феникс, 2008.

6. Маҳмадхонов Т., Назаров Б.,Сафарова З.М., Валиев Р.Н. Комплекси (маҷмуаи) таълимӣ-методӣ аз ҳуқуқи тиҷорат. Маводи таълимӣ. Душанбе: «Ашуриён», 2019. 256 с.

Маҳмадхонов Т. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел.: +992987121759.

Алиев Ф.Ш.

ЧАНД АНДЕША ОИДИ ГУНОГУНИИ ФАҲМИШИ МАФҲУМИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

Алиев Ф.Ш.

НЕКОТОРЫЕ МЫСЛИ О РАЗНООБРАЗИИ ПОНИМАНИЯ ПОНЯТИЯ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ

Aliyev F. Sh.

SOME THOUGHTS ON THE DIVERSITY OF UNDERSTANDING OF THE CONCEPT OF LEGAL EDUCATION

Дар мақолаи мазкур асосан фаҳмишҳои гуногуни мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ таҳлил гардидаанд.
Калидвожаҳо: Ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ, рафтори қонунӣ, қонуният, фарҳанги ҳуқуқӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье анализируются и делаются выводы о различных пониманиях понятия правового воспитания.
Ключевые слова: Право, правовое воспитание, правовое поведение, законность, правовая культура.

This article analyzes and draws conclusions about different understandings of the concept of legal education.
Key words: Law, legal education, legal behavior, legality, legal culture.

Масъалаи мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ дар илм яксон набуда, вобаста ба он таърифҳои зиёд мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла ба ақидаи Э.С. Насриддинзода тарбияи ҳуқуқӣ ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа барои ташаккул додани шуури ҳуқуқиву фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва ашхоси соҳибмансаб мебошад [5,с.98]. Ба андешаи муҳаққиқ Р.Ш. Шарофзода «тарбияи ҳуқуқӣ – фаъолияти мунтазами муташаккил, мақсаднок ва танзимгаштаи мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба сомон мерасад» [11,720].

Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолиятест, ки мақсади он аз насл ба насл боқӣ гузоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии ҷамъият ҳисобида мешавад. Тарбияи ҳуқуқиро ба маънои васеъ ҳамчун иҷтимоикунонии ҳуқуқӣ дар ҷомеа фаҳмидан лозим аст, ки таҳти таъсири муҳит, шахсони мансабдор ва давлат ба амал меояд. Ба маънои маҳдуд, тарбияи ҳуқуқӣ, ин баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии инсон, гурӯҳи одамон ё умуман ҷамъият мебошад [8,с.65].

Ба андешаи баъзе муаллифон дар тарбияи ҳуқуқӣ ба маънои васеъ сухан аслан на дар бораи тарбияи ҳуқуқӣ, балки сотсиализатсияи ҳуқуқии инсон меравад, ки ӯ дар иҳотаи вазъияти умумӣ, дар муҳити фаъолияти ҳуқуқӣ ва рафтору кирдори одамон, шахсони мансабдор, намояндаҳои соҳаҳои ҳуқуқии дастгоҳи давлатӣ «тарбия меёбад» Ҳол он ки одамон, мансабдорон, мақомоти давлатие, ки фаъолияти ҳуқуқиро дар амал татбиқ мекунанд, барои дигаронро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тарбия кардан мақсади бевосита надоранд. Бо вуҷуди ин, чунин таъсиргузорӣ барои атрофиён ҷой дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ ба маънои маҳдуд бошад, бо мақсаднокиаш фарқ мекунад, яъне чунин тарбия ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии инсон, гурӯҳи одамон ва умуман ҷамъият нигаронида шудааст [14,с.99]. Тибқи андешаи дигар, тарбияи ҳуқуқӣ – ин ҷараёни муташаккил ва мақсадноки таъсиррасонӣ ба шуури одамон аст, ки мақсади ташаккули донишу арзишҳои ҳуқуқӣ, таъмини рафтори қонунии шахсро дорад[1,с.284].

Ба андешаи А.А. Кваша «тарбияи ҳуқуқӣ дар таҳвил, зиёд ва дуруст аз худ кардани донишҳо, принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин дар ташаккули муносибати дуруст нисбат ба ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он, имконияти истифода бурдани ҳуқуқҳои хеш, иҷро кардани манъкуниҳо ва риояи вазифаҳо ифода меёбад»[2,с.160]. Тибқи мафҳуми мазкур тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мунтазами субъектони дахлдор, ки бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ равона гардидаанд, фаҳмида мешавад [12,с.223].

Ш.С. Ҳамроев «тарбияи ҳуқуқии ҷавонони мактабиро» ҳамчун фаъолияти мақсадноки омӯзгорон ва мураббиён, инчунин мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба ташаккули шуури

ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии насли наврас муайян мекунад[13,с.16-17]. Ба ақидаи муҳаққиқ М.В. Саакян «тарбияи ҳуқуқӣ таъсири мақсаднок ва муназзам ба шуур ва фарҳанги рафтори аъзои ҷомеа мебошад, ки бо мақсади ташаккул додани ҳисси эҳтиром ба қонун ва одати риояи қонун дар асоси эътиқоди шахсӣ амалӣ карда мешавад» [10, с.107].

Л.П. Рассказов таърифи зерини тарбияи ҳуқуқиро медиҳад: «Тарбияи ҳуқуқӣ – раванди мақсадноки таъсиррасонӣ ба шуури одамон бо мақсади ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Вазифаҳои он иборатанд аз ташаккули: а) дониши ҳуқуқӣ; б) эҳтироми дохилӣ ба қонун; в) қобилияти дар амал татбиқ намудани донишҳои ҳуқуқӣ; г) одати мувофиқ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ амал кардан». Инчунин, Л.П. Рассказов моҳияти тарбияи ҳуқуқиро чунин шарҳ медиҳад: «... системаи унсурҳое, ки ҷараёни тарбивӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Ба ин низом субъектҳо (мураббиён), объектҳо (тарбиятгирандагон), фаъолияти тарбиявии ҳуқуқӣ (шаклҳо, усулҳо, воситаҳо) дохил мешаванд» [9,с.448-449]. К.В. Науменко тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун «низоми тадбирҳое, ки ба ташаккули ғояҳо, меъёрҳо, принсипҳои ҳуқуқие, ки арзишҳои ҷаҳонӣ ва фарҳанги ҳуқуқии миллиро ифода мекунанд, муайян мекунад» [6].

О.В. Кравчено тарбияи ҳуқуқиро чунин муайян менамояд: «Тарбияи ҳуқуқии ноболиғон равандест, ки бо иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамрадиф мебошад ва барои аз тарафи фард кор карда баровардани таҷрибаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ шароит муҳайё месозад» [3,с.55]. Р.Х. Макуев мафҳуми тарбияи ҳуқуқиро чунин пешниҳод менамояд: «Тарбияи ҳуқуқӣ – фаъолияти мақсаднок оид ба тақвият ва инкишофи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии мавҷуда бо таҳвили минбаъдаи он аз як насл ба насли дигар бо мақсади азнавсозии ҳолати маънавӣ ва муайянкунии рафтори ҷомеа ва шахс ба ҳисоб меравад» [4,с.379]. Тарбияи ҳуқуқӣ, инчунин ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти давлат муайян карда мешавад. «Таълими ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазами мақсадноки давлат, мақомоти он ва кормандони онҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ барои ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад» [7,с.195].

Ҳангоми муайян кардани мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ», олимони муосири илмҳои ҳуқуқшиносӣ ақидаҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. Аммо ба ақидаи мо тарбияи ҳуқуқӣ – ин таъсиррасонии мақсаднок ва муназзам ба шуур ва фарҳанги рафтори аъзои ҷомеа мебошад, ки мақсади он ташаккул додани ҳисси эҳтиром ба қонун ва одати риояи қонунҳо дар асоси эътиқоди шахсӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тарбияи ҳуқуқӣ – ин кумаки иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва педагогӣ ба шахс дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, дарки ҳисси шаъну шарафи инсон, дарки арзиши иҷтимоии қонун мебошад. Он инчунин, роҳи муассири пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, рафъи падидаҳои манфӣ ва оқибатҳои нигилизми ҳуқуқӣ мебошад.

Тарбияи ҳуқуқӣ як силсила чорабиниҳое иборат мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ, татбиқи онҳо дар амал, баланд бардоштани эҳтиром ба қонун ва ба даст овардани рафтори қонунии шаҳрвандон равона карда шудаанд. Тарбияи ҳуқуқӣ аз таълим ҷудонашаванда буда, тавассути таълими ҳуқуқӣ – мустақиман аз худ кардани донишҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Тарбия бидуни омӯзиш сурат намегирад ва омӯзиш ба ин ё он тарз таъсири тарбиявӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2008.
2. Кваша А.А. Правовые установки граждан: дис. … канд. юрид. наук / А.А. Кваша. – Ростов н/Д, 2002.
3. Кравченко О.В. Проблемы правовой социализации несовершеннолетних в Республике Таджикистан: теоретический аспект. автореф. дисс. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020.
4. Макуев Р.Х. Теория государства и права: учебник. – М.: ЮРИСТЪ, 2006.
5. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019.
6. Науменкова К.В. Проблемы правового воспитания граждан России на рубеже веков: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: /tsu.tmb.ru.kon. arhiv (санаи мурочиат: 24.12.2022 с.).
7. Певцова Е.А. Правовое воспитание как средство формирования правовой культуры // Современное право. – 2003. – № 8. - С. 195.

8. Рачабзода Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – № 2 (46). – 2020. – С. 65.

9. Рассказов Л.П. Теория государства и права. – М., 2008.

10. Саакян М.В. Правовое воспитание и обучение как средство формирования правовой культуры // Вестник Адыгейского гос. ун-та. – 2009. – №3. – С. 107-110.

11. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Сино, 2018.

12. Халифабобо Ҳ., Зариф А. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Қонуният, 2004.

13. Ҳамроев Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодёжи в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003.

14. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд, 2009.

Алиев Фарух Шарифович - мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикичтон, Тел: 917375555; E-mail: falizoda2017@mail.ru

Ҷабборов Ф.Н.
Солиҳов М.А.

ҲУҚУҚ БА ОБ ДАР ҶАНБАИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Джабборов Ф.Н.
Солихов М.А.

ПРАВО НА ВОДУ В МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОМ АСПЕКТЕ

Jabborov F.N.
Solihov M.A.

THE RIGHT TO WATER IN THE INTERNATIONAL LEGAL ASPECT

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур ҳуқуқ ба об ҳамчун ҳуқуқи насли дуюми инсоният баррасӣ гардида, муҳимияти он дар шароити имрӯза нишон дода шудааст. Муаллифон муқаррароти асосии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллиро оид ба об баррасӣ намуда, зарурияти эълон доштани Соли байналмилалии оби тозаро асоснок намуданд. Муаллифон таъкид мекунанд, ки истифодаи об барои эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва маишӣ аз дигар намудҳои истифодаи об афзалият дорад.
Калидвожаҳо: ҳуқуқ ба об, оби тоза, идораи захираҳои об, эҳтиёҷоти нӯшиданӣ, обҳои байналмилалӣ, санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ.

В данной статье право на воду рассматривается как право второго поколения человечества и показывается его важность в современных условиях. Авторы рассмотрели основные положения международно-правовых документов и национального законодательства о воде и обосновали необходимость объявления Международного года чистой воды. Авторы подчеркивают, что использование воды для питьевых и хозяйственно-бытовых нужд предпочтительнее других видов водопользования.
Ключевые слова: право на воду, чистая вода, управление водными ресурсами, питьевые потребности, международные воды, международно-правовые документы.

This article considers the right to water as the right of the second generation of mankind and shows its importance in modern conditions. The authors reviewed the main provisions of international legal documents and national legislation on water and substantiated the need to declare the International Year of Clean Water. The authors emphasize that the use of water for drinking and household needs is preferable to other types of water use.
Keywords: right to water, clean water, water resources management, drinking needs, international waters, international legal documents.

Яке аз масъалаҳои ҷиддии истифодаи захираҳои обҳои фаромарзӣ барои эҳтиёҷоти маишии аҳолӣ ин таъмини оби тоза мебошад. Об ҳамчун асоси ҳаёт ва рушд дар як маврид метавонад ҳамчун паҳнкунандаи бемориҳои гуногун ва сабабгори оқибатҳои вазнин гардад.

Маҷмаи Умумии СММ бо мақсади ҷоннок намудани фаъолият оид ба ҳалли масъалаҳои нисбатан муҳими вобаста ба об қатъномаи 55/196 аз 20 декабри соли 2000 соли 2003-ро “Соли байналмилалии оби тоза” эълон намуд. Дар ҳошияи соли байналмилалӣ аз ҷониби СММ ва сохторҳои он, давлатҳои алоҳида, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва сектори хусусӣ як қатор чорабиниҳо оид ба нигоҳдорӣ ва муҳофизати захираҳои об, аз ҷумла оби тоза гузаронида шуданд.

Нисбати муҳофизат ва истифодаи оби нӯшокӣ ва идораи захираҳои об аҳамияти Эъломияи ҳазорсолаи СММ [2] назаррас аст, ки аз рӯи он дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин вазифаҳо гузошта шуданд: то соли 2015 ду баробар кам кардани ҳиссаи аҳолие, ки ба оби бехатар, аз ҷумла аз сабаби нарасидани воситаҳо дастрасӣ надоранд; қатъ кардани истифодаи ғайрисамараноки захираҳои об бо назардошти таҳияи стратегияи фаъолияти хоҷагии об дар

сатҳҳои маҳалҳо, миллӣ ва минтақавӣ, ки барои дастрасӣ ба об ва ба тариқи кофӣ пешкаш кардани он мусоидат мекунад. Мақсади таъмини дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон, ба истиснои мамлакатҳои Африқо ва Сахара имконпазир аст [3, 9]. Чунин саъйу кӯшишҳо оид ба ноил гардидан ба Эъломияи ҳазорсолаи СММ давлатҳои ҳавзаи дарёҳои фаромарзиро вазифадор месозад, ки ба таври дахлдор ҳамкорӣ намоянд. Таъмини ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ҷараёни душвор ҳам бошад, дар мактуби Котиботи СММ ба иҷлосияи 64-ум, банди 53 (а) рӯзмарра қайд гардидааст, ки "...таърих аксар маврид гувоҳ аст, ки талаботи ҳаётан муҳим нисбати об омили қавӣ барои ҳамкорӣ кардан буда, ҳатто ҷонибҳои мухолифро ба созиш меорад. Об бештар маврид халқҳо ва ҷомеаҳоро муттаҳид месозад, нисбат ба оне ки ҷудоӣ меандозад" [1, 19].

Қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва маишӣ бо роҳи истифодаи обҳои фаромарзӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ имконпазир аст, зеро захираҳои оби дарёҳои фаромарзии ин минтақа тоза ва барои нӯшокӣ мусоиданд. Масъалаи асосие, ки ба обтаъминкунӣ мамоният эҷод мекунад, ҳамкориҳои ғайрикофӣ ва нарасидани таҷҳизотҳои обтозакунӣ ба ҳисоб мераванд.

Масъалаи истифодаи обҳои фаромарзӣ вобаста ба таъмини саломатии одамон бо Муоҳидаи Ҳелсинки оид ба муҳофизат ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992 ва протоколи иловагӣ ба он - Протокол оид ба масъалаи об ва саломатӣ ба танзим дароварда мешавад. Тибқи банди 2 моддаи 2 Муоҳидаи мазкур ҷонибҳо баҳри бартараф, маҳдуд ва ихтисор намудани ифлоснамоии об, ки боиси расонидани таъсири фаромарзӣ мегардад ё метавонад, ки дар оянда боиси расонидани чунин таъсир гардад, тамоми тадбирҳои заруриро меандешанд. Таъсири фаромарзӣ дилхоҳ оқибати назарраси зараровар мебошад, ки дар ҳолати тағйироти ҳолати оби фаромарзӣ дар натиҷаи фаъолияти инсон ба миён омада, аз рӯи он манбаи хатар қисман ё пурра дар ноҳияи зери тобеияти ҳуқуқии як Ҷониб қарордошта ҷойгир буда, зарар ба муҳити зисти ноҳияе мерасад, ки дар тобеияти ҳуқуқии Ҷониби дигар қарор дорад. Ин метавонад оқибати номусоидро барои ҳаёт, саломатӣ ва бехатарии инсон пеш орад.

Дар ҳошияи ИДМ Созишнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи самаранок ва муҳофизати объектҳои оби фаромарзӣ аз 11 сентябри соли 1998 қабул гардидааст, ки ҷонибҳои он Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Тибқи Созишномаи мазкур Ҷонибҳо уҳдадоранд чорабиниҳои хоҷагии обро, ки метавонанд ба муҳити зист, аз ҷумла ба объектҳои об таъсири манфӣ расонанд, наандешанд; принсипҳои тақсим ва истифодаи захираҳои обро муайян намоянд; чорабиниҳоро вобаста ба паст кардан ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулоддаи хислати табиӣ ва техногенӣ дошта гузаронанд; тадбирҳои заруриро, ки баҳри бартараф намудан ва аз байн бурдани ифлоснамоӣ, бухоршавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ андешанд.

Нақши Муоҳидаи СММ оид ба намуди ғайрикиштигардии истифодаи обҳои байналмилалӣ дар танзими истифодаи захираҳои об барои эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва маишии аҳолӣ калон аст. Муоҳида ҳар як намуди истифодаи обро баробарҳуқуқ эътироф мекунад (қисми 1 моддаи 10) ва дар ҳолати мухолифат байни намудҳои алоҳидаи истифода давлатҳоро уҳдадор месозад, ки масъалаи мазкурро бо назардошти принсипҳои истифода ва иштироки одилонаю оқилона ва уҳдадории нарасонидани зарар ва бо додани таваҷҷуҳи хоса ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти зарурии аҳолӣ ҳал намоянд (қисми 2 моддаи 10). Бешубҳа об барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва маишии аҳолӣ, ё ин ки ба ибораи дигар об барои ҳаёт баҳри мавҷудияти инсоният аввалиндараҷа буда, бартарияти он аз рӯи қисми 2 моддаи 10 Муоҳида бараъло аён аст. Ҳамчун қоида, барои истифодаи захираҳои обҳои фаромарзӣ шумораи ками об сарф мегардад, аз ин рӯ баҳс аз рӯи ин намуди истифода ба миён намеояд.

Ҳуқуқи инсон ба об дар сатҳи миллӣ низ муқаррар гардидааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон обро моликияти истисноии давлат эълон дошта, истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад (моддаи 13).

Бартариятнокии истифодаи об барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва маишии аҳолӣ дар қонунгузории оби давлатҳои алоҳида мустаҳкам гардидааст. Масалан, моддаи 30 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки объектҳои об пеш аз ҳама барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва маишии аҳолӣ пешкаш мегардад. Муқаррароти мазкур дар қонунгузории оби мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ ва ИДМ низ ҷой дода шудааст.

Эҳтиёҷоти нӯшиданӣ – эҳтиёҷоти инсон ба нӯшидан, эҳтиёҷоти маишӣ бошад, эҳтиёҷоти инсон барои истифодаи об барои гигиена, шустушӯй, омода намудани таом,

санитария, хоҷагии қишлоқи натуралӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи инсон ба об маънои онро дорад, ки ӯ ҳуқуқ ба оби тоза, мусаффо ва босифат дорад. Аз ин рӯ яке аз талаботи асосӣ нисбати оби барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва маишии аҳолӣ пешбинишаванда мутобиқати он ба талаботҳои санитарӣ мебошад. Сифати об барои оббозӣ, машғулияти варзишӣ, истироҳат, табобат бояд ба талабот ва меъёрҳои санитарӣ ҷавобгӯ бошад. Танҳо дар ҳолати хулосаи мусбии санитарию эпидемиологӣ оид ба мутобиқат ба қоидаҳои санитарӣ объектҳои об барои истифодаи нӯшиданӣ ва маишӣ дода мешавад.

Дар санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва адабиёт яке аз масъалаҳои баҳснок мансубияти захираҳои об дар ҳолати табииашон ба ҳисоб меравад. Инҷо сухан дар бораи эътирофи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ҳамчун моли иқтисодӣ ё неъмати умумӣ меравад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба об (ҳуқуқ ба истифодаи об барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва маишӣ) хислати ҷудонашавандагӣ дошта, дар ҳолати вайрон гаштани қоидаҳои истифодаи об ҳуқуқи ин намуди истифода набояд қатъ гардад.

АДАБИЁТ:

1. Водные ресурсы, мир и безопасность: сотрудничество в области трансграничных вод. 64 сессия, пункт 53 (а) // Избранные Резолюции ГА ООН в области международного водного права [Матн]. - Ташкент, 2010.

2. Декларация тысячелетия Организация Объединенных Наций от 8 сентября 2000 г. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/summitdecl.shtml (санаи мурочиат - 21.12.2022).

3. Духовный В.А. Юлдашева К.А. Избранные резолюции Генеральной Ассамблеи ООН в области международного водного права [Матн]. - Ташкент, 2010.

4. Раҷабов С.А., Ҷабборов Ф.Н. Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об. Монография. Душанбе: Эр-граф, 2018.

Ҷабборов Ф.Н. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. Тел.: +992981067122; E-mail: jabborovf@mail.ru.

Солиҳов М.А. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. Тел.: +992987121759.

Табаров Н.А.

МАҚОМИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Табаров Н.А.

МЕСТО ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПРАВА В СИСТЕМЕ ПРАВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Tabarov N.A.

THE PLACE OF PROCEEDING LAW IN THE SYSTEM OF LAW REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Мақола ба масъалаи мақоми ҳуқуқи мурофиавӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки мубрамияти таҳқиқи мақоми ҳуқуқи мурофиавӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурияти таъмини ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ташкили механизми таъсирбахши татбиқи онҳо сабаб шудааст. Дар сохтори ҳуқуқ ду намуди меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҳуқуқи моддӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ амал мекунанд.

Калидвожаҳо: низоми ҳуқуқ, сохтори ҳуқуқ, ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқи мурофиавӣ, таъмини ҳимояи ҳамаҷониба, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Статья посвящена проблеме места процессуального права в системе права Республики Таджикистан. В статье автор отмечает, что актуальность исследования места процессуального права в системе права Республики Таджикистан обусловлена необходимостью обеспечения всемерной охраны прав и свобод граждан, создания действенного механизма их реализации. В структуре права взаимодействуют два вида правовых норм - материального и процессуального права.

Ключевые слова: система права, структура права, материальное право, процессуальное право, обеспечения всемерной охраны, прав и свобод граждан.

The article is devoted to the problem of the place of procedural law in the legal system of the Republic of Tajikistan. In the article, the author notes that the relevance of studying the place of procedural law in the legal system of the Republic of Tajikistan is due to the need to ensure the full protection of the rights and freedoms of citizens, to create an effective mechanism for their implementation. In the structure of law, two types of legal norms interact - substantive and procedural law.

Keywords: system of law, structure of law, substantive law, procedural law, ensuring comprehensive protection, rights and freedoms of citizens.

Мубрамияти таҳқиқи мақоми ҳуқуқи мурофиавӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурияти таъмини ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ташкили механизми таъсирбахши татбиқи онҳо сабаб шудааст.

Дар сохтори ҳуқуқ ду намуди меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҳуқуқи моддӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ амал мекунанд [6, с. 3]. Меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ мақсади муайян намудани мазмуни ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектони ҳуқуқро дорад ва ба саволи барои татбиқи ин ҳуқуқу уҳдадориҳо чӣ бояд кард ҷавоб медиҳанд, меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бошанд ба саволи дар кадом шакл, чӣ тавр, бо кадом тартиб ҳуқуқу уҳдадориҳо метавонанд ва бояд татбиқ карда шаванд, ҷавоб медиҳанд. Меъёрҳои мурофиавӣ салоҳият, мавзӯи пешбурд, ваколатҳои ҳокимиятии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдорро, ки субъектони мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ) мебошанд, муайян менамоянд. Ба ғайр аз ин, меъёрҳои мурофиавӣ ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои дигар иштирокчиёни мурофиаро муайян менамоянд. Бинобар ин, яқин аст, ки дар бораи ҳолати низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз рӯи мазмуни

соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ фикру мулоҳиза кардан имконнопазир аст.

Ҳуқуқи мурофиавӣ шароити муносибро барои ноилшавии натиҷаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок дар режими қонуният ба вуҷуд меорад [5, с. 190].

Зиёдшавии майлу рағбат ба таҳқиқи ҳуқуқи мурофиавӣ дар таркиби назарияи умумии ҳуқуқ дар солҳои 60-70-уми асри XX ба амал омад, ки дар натиҷаи он консепсияи фаҳмиши «васеъ»-и мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ) инкишоф ёфт. Асосгузорони ин консепсия П.Е. Недбайло ва В.М. Горшенев буданд, ки ба андешаи онҳо ҳуқуқи моддӣ мурофиаро муайян менамояд, ҳуқуқи мурофиавӣ бошад шаклҳои мурофиавиро сабт менамояд, ки барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ заруранд, муносибатҳоеро танзим менамояд, ки дар самтҳои татбиқи онҳо ба вуҷуд меоянд [11, с. 164].

Чунин фаҳмиши ҳуқуқи мурофиавӣ аз ҷониби намояндагони илмҳои анъанавии мурофиавӣ ба таври манфӣ қабул карда шуд, ки дар таҳти ҳуқуқи мурофиавӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро мефаҳманд, ки муносибатҳоро дар раванди амалӣ намудани адолати судӣ, вобаста бо он ё вобаста ба фаъолияте, ки амалӣ намудани адолати судиро омода менамоянд, танзим мекунанд.

Тарафдорони консепсияи ҳуқуқи судӣ кушиш мекунанд мавҷудияти соҳаҳои дуюми комплексии ҳуқуқро асоснок намоянд, ки сохтори судӣ, мурофиаи судии ҷиноятӣ ва гражданиро муттаҳид намуда, соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ мебошанд, зимнан ҳамаи онҳо мустақилияту хусусиятҳои хоси худ ва хосияти соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқро нигоҳ дошта, бо муносибати бевоситаи ҳар кадоме аз онҳо ба соҳаи ягонаи фаъолияти давлатӣ – адолати судӣ алоқаманд карда мешаванд [7, с. 24].

Норозигии худро муқобили фаҳмиши васеи мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ) С.С. Алексеев низ баён намудааст. Дар асари худ «Социальная ценность права в советском обществе» таъиноти шакли мурофиавиро вай танҳо дар самти ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва граждании мебинад, вале онро барои фаъолияти маъмурӣ нодаркор ҳисоб мекунад. Баъдан вай дар низоми ҳуқуқ мавҷуд будани ҳуқуқи мурофиавиро ҷоиз медонад, вале таъиноти он, ба андешаи С.С. Алексеев, танҳо дар батартибандозии фаъолияти давлатӣ-маҷбуркунии мақомоти салоҳиятдор аст [1, с. 197-198].

Дар таҳқиқотҳои муосири илмӣ ҳуқуқи мурофиавӣ ҳамчун қисми нисбатан мустақили низоми ҳуқуқ муайян карда мешавад, ки барои ба тартиб андохтани муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ равона шуда, меъёрҳои муҳими мурофиавии ҳуқуқ, институтҳои мурофиавӣ, зерсоҳаҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ, инчунин тарзҳои танзими ҳуқуқиро муттаҳид менамояд [8, с. 11].

Ҳуқуқи мурофиавӣ блоки бисёрсоҳавӣ ва бисёрихтисосии низоми умумии ҳуқуқро ифода менамояд [4, с. 71]. Ҳастии он бо мавҷудияти сохтори ягонаи шакли мурофиавӣ низ тасдиқ карда мешавад. Шакли мурофиавии ҳуқуқӣ – ин таркиби якхелакардашудаи ҳама гуна намуди мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ) ва навъи илмии муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ мебошад, ки бо унсурҳои сохтории мантиқан пайваста пешниҳод шуда, якҷоя амал кардани онҳо қонеъ намудани эҳтиёҷоти муносиб кардани намудҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ-ҳокимиятиро таъмин менамояд [5, с. 212]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки шакли мурофиавии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ барои амалӣ намудани принсипҳои аз ҳама бештар демократии роҳбарии давлатӣ ба ҷомеа дар назар дошта шудааст. Пеш аз ҳама, шакли мурофиавӣ яке аз кафолатҳои ҳуқуқии (юридикии) таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсиятро ифода менамояд. Вай барои баланд шудани самаранокии идоракунӣ мусоидат менамояд, зеро қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор татбиқ намудани ваколатҳои ба онҳо додашударо дар бар мегиранд. Дар таркиби шакли мурофиавии ҳуқуқӣ аҳамияти калидиро таркиби субъектӣ соҳиб мегардад. Хусусияти он мавҷудияти ҳатмии субъекти ҳоким мебошад, ки аз номи давлат амал мекунад. Истеҳсолоти мурофиавӣ ҳамчун унсури шакли мурофиавии ҳуқуқӣ тарафи предметии (мавзӯии) фаъолияти давлатиро тавсиф менамояд. Ҳадди рафтори имконпазири субъект на танҳо бо предмети (мавзӯи) рафтори имконпазир, яъне бо оне, ки иҷозат дода шудааст, балки бо оне, ки дар кадом шакл, чӣ тавр, бо кадом пайдарҳамӣ, дар кадом вақт рафтори фаъол имконпазир аст, ҷудо карда шудааст. Мақсади ҳар як намуди мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ) ноил шудан ба натиҷа мебошад. Натиҷаи мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ) – маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби барандагони ҳокимияти оммавӣ қабул карда мешаванд ва изҳори иродаи ҳокимиятии субъектони пешсафро ифода менамоянд. Ба сифати қисмати ҳуқуқтаъминкунандаи шакли мурофиавии ҳуқуқӣ ҷавобгарии (масъулияти) мурофиавӣ баромад менамояд.

Шакли мурофиавии ҳуқуқӣ ба принсипҳои ҳуқуқи мурофиавӣ асос мешавад. Асоси прин-

сипҳои мурофиавиро принсипи қонуният ташкил медиҳад. Ҳамчунин ба принсипҳои мурофиавӣ принсипҳои ошкоро будан, баробарии мурофиавӣ ва ғайраро мансуб донистан мумкин аст. Принсипҳои мурофиавӣ ба стандартҳои баланди байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя менамоянд.

Нисбат ба ҳуқуқи моддӣ ҳуқуқи мурофиавӣ хусусияти хизматӣ дорад. Ҳама гуна меъёрҳои моддӣ ҳамеша ба шаклҳои мурофиавии баёни (ифодаи) ғайримустақими худ эҳтиёҷ доранд ва бояд ба блоки ҳуқуқии мурофиавӣ пайваст карда шаванд. Дар акси ҳол онҳо доираи таъсири худро фақат бо дараҷаи иттилооти ҳуқуқӣ маҳдуд менамоянд, ки баромади мустақимро ба танзими бевосита надоранд [10, с. 14-15]. Робитаи мутақобилаи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ хосияти муҳими ҳуқуқ – мураттабии онро таъмин менамояд. Танҳо ҳангоми пайвастани ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ нақши муназзимии ҳуқуқ иҷро карда мешавад.

Масалан, С.В. Поленина қайд менамояд, ки меъёрҳои моддӣ мақоми (статуси) ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ояндаи мурофиавӣ, шартҳо ва асосҳои ба вуҷуд омадани чунин муносибатҳоро муайян менамоянд. Тарзҳои ҳал намудани ҳолатҳои баҳснок ҳангоми татбиқи меъёрҳои соҳаҳои моддии ҳуқуқ бо соҳаҳои мурофиавӣ муқаррар карда мешавад [9, с. 8].

Ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат мебошанд, ки бо ёриии фаъолияти мурофиавӣ иҷро карда мешавад. Махсусан, меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ инкишофи мўътадили муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар дигар ҳолатҳо бошад ба қатъ гаштани зуҳуроти манфии иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Азбаски танзими ҳуқуқии мурофиавӣ хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ, омирона (ҳокимиятӣ) дорад ва аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор татбиқ карда мешавад, фаъолияти онҳо бояд ба таври дахлдор ба тартиб андохта шуда бошад.

Ба андешаи Д.Н. Бахрах, мурофиакунонӣ барои баланд гаштани самаранокии тамоми кори давлатӣ шароит фароҳам меорад [2, с. 9]. Батартибандозии мурофиавӣ муносибатҳои ҳамдигарии шаҳрвандон ва ҳокимияти оммавиро, ки дар онҳо як субъект дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ, дигар субъект бошад беҳокимият аст, ҳамвазн менамояд. Дар натиҷа ҳангоми риоя накардани шакли мурофиавии ҳуқуқӣ татбиқи ҳуқуқи тарафи дигар имконнопазир мегардад.

Кодексикунонии соҳаҳои анъанавии мурофиавии ҳуқуқ наметавонист ба миқдор ва сифати соҳаҳо ва институтҳои қонунгузории мурофиавӣ бе таъсир монад [3, с. 147].

Ҳуқуқи мурофиавӣ ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи тамаддунии ҷомеаи имрўза аз ҳолати воқеии механизми танзими ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад, кафили ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсият мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳар қадаре ки дараҷаи инкишофи давлат баланд бошад, ҳамон қадар қонунгузор фаъолиятро оид ба ҳимояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ муфассалтар ба тартиб меандозад, манфиати хусусӣ ва оммавиро ҳамоҳанг месозад. Бинобар ин шубҳае нест, ки бо инкишоф ва ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд низоми ҳуқуқи мурофиавӣ ба таври ҷиддӣ васеъ ва такмил дода хоҳад шуд.

АДАБИЁТ

1. Алексеев С.С. Структура советского права. - М.: Юрид. лит., 1975. - 264 с.

2. Бахрах Д.Н. Юридический процесс и административное судопроизводство // Журнал российского права. - 2000. - №9. - С. 6-17.

3. Борисов Г.А. Закономерность процессуализации законодательства в России: проблемы модернизации юридического образования // Научные ведомости БелГУ. Сер. Философия. Социология. Право. - 2010. - № 14 (85). - С. 145-150.

4. Борисов Г.А. Процессуально-правовая ответственность в современном законодательстве России // Журнал российского права. - 2003. - № 2. - С. 70-78.

5. Борисов Г.А. Теория государства и права: учебное пособие. - Белгород: БелГУ, 2009. - 320 с.

6. Лукьянова Е.Г. Процессуальное право и его место в структуре права: дис. ... канд. юр. наук. - Москва, 2000. - 218 с.

7. Лукьянова Е.Г. Теория процессуального права. - 2-е изд., перераб. - М.: Норма, 2004. - 240 с.

8. Ляхова А.И. Принципы процессуального права: автореф. дис. ... канд. юр. наук. - Белгород, 2011. - 22 с.

9. Поленина С.В. Взаимодействие системы права и системы законодательства в современной России // Государство и право. - 1999. - № 9. - С. 5-12.

10. Процессуальные нормы и отношения в советском праве (в «непроцессуальных» отраслях): Монография; И.А. Галаган, А.П. Глебов, В.С. Основин и др. - Воронеж: Воронежский университет, 1985-208 с.

11. Теория юридического процесса / Бенедик И.В., Горшенев В.М., Крупин В.Г., Мельников Ю.И., и др. - Харьков: Вища шк. Изд-во при Харьк. ун-те, 1985. - 192 с.

Табаров Неъмон Амонович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14. тел.: 907-97-65-12, e-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

Шарифзода Тахмина **ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ АНДОЗҲО**

Шарифзода Тахмина **РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ НАЛОГОВ**

Sharifzoda Tahmina **DEVELOPMENT OF THE THEORY OF TAXES**

Дар мақола аз ҷиҳати ретроспективию таърихӣ пайдоиши ақидаҳо ва инкишофи назарияи андозҳо дар заминаи таҳаввулоти амалия ва низомҳои андозбандӣ баррасӣ шудааст; даврaҳои инкишофи назария ҷудо карда шудаанд ва принсипҳои барпо намудани низоми оптималии андозбандӣ дар Тоҷикистон муайян карда шудаанд.
Калидвожаҳо: андоз, низоми андозбандӣ, назарияи андозбандӣ, таҳаввулот, андозҳои мустақим ва ғайримустақим, оптимизатсияи андоз.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье в ретроспективно-историческом плане рассматривается зарождение представлений и развитие теории о налогах в контексте эволюции практики и систем налогообложения; выделены этапы развития теории и определены принципы построения оптимальной системы налогообложения в Таджикистане.
Ключевые слова: налог, система налогообложения, теория налогообложения, эволюция, прямые и косвенные налоги, оптимизация налогообложения.

The paper considers the origin of the conceptions and tax theory development in the context of practice and tax system evolution in the retrospective historical aspect. Theory development phases are singled out and principles of the optimum tax system construction in Tajikistan are determined.
Keywords: tax, taxation system, taxation theory, evolution, direct and indirect taxes, taxation optimization.

Низоми андоз зинаи муҳими иқтисоди бозорӣ мебошад. Аз самаранокии фаъолияти он нашъунамои иқтисодӣ ва иқтидори мамлакат, некуаҳволӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ вобастаанд.

Омӯзиши раванди тағирёбии низоми андоз дар иқтисодиёти Тоҷикистон бо таҳлили таҳаввулоти назарияҳои андозбандӣ мувофиқат мекунад. Дар раванди таҳаввулоти онҳо якчанд марҳилаҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) ташаккул, 2) рушд ва 3) такмил, инчунин 4) ҷустуҷӯи модели оптималии андозбандӣ. Ба андешаи мо, ин имкон медиҳад, ки равандҳои тағйирёбанда дар сиёсати андоз инъикос карда шаванд, хусусиятҳои фаъолияти низоми андоз муайян карда шаванд ва консепсияи ягонаи андозбандӣ дар Тоҷикистон таҳия карда шавад. Дар таҳти мафҳуми назарияи андоз бояд «низоми мушаххаси донишҳои илмӣ дар бораи моҳияти андозҳо, ҷойгоҳ, нақш ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии ҷомеа» фаҳмида шавад [1, С. 13].

Моҳияти иқтисодии андоз аз он иборат аст, ки қисми маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ, ки арзиши тамоми неъматҳои моддии дар мамлакат дар муддати муайян (сол) ба вуҷуд овардашударо дар бар мегирад, дар марҳалаи тақсимкунӣ аз истеҳсолкунандагон ба фоидаи давлат бегона карда шуда, заминаи моддиро барои мавҷудияти он фароҳам меоварад. Алоқамандии фаъолияти давлат ва низоми андозбандӣ тақозо менамояд, ки моҳияти чунин мафҳум, ба монанди бори андоз муайян карда шавад. Ин нишондиҳандаест, ки бо таносуби маблағи умумии ситонидани андозҳо ба маҷмӯи маҳсулоти миллӣ муайян карда мешавад. Муайян намудани андозаи оптималии сарбории андоз барои бисёр кишварҳо проблемаи таъхирнопазир мебошад. Ба ҳамин монанд проблемаҳо дар назди корхонаҳо меистад.

Андоз имрӯз унсури ҳаёти иҷтимоӣ буда, ҳамчун падидаи иқтисодӣ, молиявӣ ва сиёсӣ қабул карда мешавад, зеро он пардохти ҳатмиеро ифода менамояд, ки мақомоти давлатӣ аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ситонида, ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун ворид карда мешаванд. Чунин тафсири андоз, ба назари мо, кифоя аст. Дар ҳақиқат дар андозҳо низоми мураккаби муносибатҳо ва манфиатҳои ҷамъиятӣ ифода ёфтааст. Моҳияти иқтисодии андозро бегона кардани қисми моликияти пардохткунанда, моҳияти молиявиро уҳдадории пардохт ва пур кардани хазинаи давлат аз онҳо,

моҳияти сиёсиро аз нав тақсим кардани неъматҳо, имтиёзҳо, ҷорӣ намудани низомҳои махсуси андоз барои ифодаи манфиатҳои табақаҳои алоҳидаи ҷамъият муайян менамояд.

Дар доираи аввалини онҳо яке аз аввалин назарияҳои умумии андоз назарияи мубодила гардид. Моҳияти назарияи мубодила аз он иборат аст, ки андоз ин нархи неъмати ҷамъиятии ба шаҳрвандон додашуда – адолати судӣ, тартибот мебошад. Дар асоси назарияи мубодила дар давоми 200 сол назарияҳои дигар инкишоф ёфтанд, ки муносибатҳои мавҷудаи ҳар як давраи мушаххаси таърихии замонро инъикос мекунанд.

Асарҳои илмии А.Смит ва Д.Рикардо оид ба назарияи андозҳо, ки ба классикӣ табдил ёфтаанд, нисбат ба назарияҳои пештара пешравии назарраси ақидаҳо дар бораи андозҳо буданд. А.Смит мухолифи усулҳои мутамаркази идоракунии иқтисодиёт буд, ки ғайримарказикуниро роҳи беҳтарини қонеъ гардонидани эҳтиёҷот медонад [2, С. 341-344]. П.Годме ин назарияро либералӣ номид [3, С. 385]. Консепсияи ӯ ҳадафи ягонаи андоз - маблағгузории хароҷоти давлатиро инъикос мекунад.

Марҳилаи навбатӣ бо табдили назарияи либералӣ ба назарияи неоклассикӣ, ки дар ақидаҳои ҷонибдорони онҳо истифодаи оқилонаи низоми андозбандӣ дар равандҳои иқтисодӣ инъикос ёфтааст, хос аст.

Назарияи кейнсианӣ комилан баръакси класситсизм гардид, ки мувофики он аз шаҳрвандон пасандозҳо ситонида мешаванд, ки дар натиҷаи иштирок накардани ин пасандозҳо дар раванди истеҳсолот монеаи рушди иқтисодӣ мебошад [4].

Бо дарки зарурати гузаштан ба иқтисодиёти иҷтимои нигаронидашуда марҳилаи дигари он вобаста аст, ки барои он ҷустуҷӯи модели таносуби оптималии андозҳо барои ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ талаб карда шуд.

Асоси назарияи монетаризми М. Фридманро ғояи таъсири пули зиёдатӣ ба рушди иқтисодиёт ва татбиқи танзими он тавассути муомилоти пулӣ ташкил медиҳад.

Мувофиқи назарияи иқтисоди таклифи М.Бернс, Г.Стайн, А.Лаффер, кам шудани бори андоз ба хеле болоравии иқтисодиёт оварда мерасонад. Мувофиқи хатти каҷи А.Лаффер, ки алоқаи байни меъёрҳои (ставкаҳои) андоз ва ҳаҷми даромади андозро ба буҷет нишон медиҳад, кам кардани меъёрҳо (ставкаҳо) то нуқтаи ниҳоии андозбандӣ сабаби кам шудани воридот ба буҷет мегардад. Дар айни замон, боло бурдани меъёрҳо (ставкаҳо) пас аз нуқтаи ниҳоӣ ҳамчунин боиси коҳиши даромадҳои андоз мегардад.

Масъалаи адолат ва оптималии низоми андозбандӣ то имрӯз таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб мекунад. Саҳмашонро дар ҳал намудани он, дар қатори А.Вагнер, М.Фридман ҳамчунин муҳаққиқон Д.Боголепов, А.Буковетский, А.Исаев, М.Соболев низ гузоштаанд. Масалан, А.Милов тасдиқ менамояд, ки агар ситонидани андоз аз 30-55%-и фоида зиёд бошад, рушди иқтисодӣ суст мешавад [5, С. 105]. Масъалаи сарҳадҳои андозбандӣ кам аҳамият надорад[6, С. 163], зеро «... меъёрҳои (ставкаҳои) баланди андоз, - ҳисоб мекунад К.Эклунд, — метавонад боиси афзоиши сектори «сиёҳ» дар иқтисодиёт аз ҳисоби сектори легалӣ гардад».

Бо инкишофи назарияҳои умумии андозҳо назарияҳои андози хусусӣ низ инкишоф ёфтанд. Аз ҳама пештар дар байни онҳо назарияи андозбандии мустақим ва ғайримустақим буд. Вай ғояи омезиши оптималии андозҳои мустақим ва ғайримустақимро инъикос мекард. Ба андозаи инкишоф ёфтани назария ҷонибдорони он ба хулосаҳои гуногун омаданд: дар бораи афзалияти андозбандии мустақим ё дар бораи зарурати муқаррар намудани андозбандии ғайримустақим. Дар охири асри XIX афзалият ба самте дода шуд, ки дар он мувозинат байни андозҳои мустақим ва ғайримустақим нигоҳ дошта мешуд.

Назарияи хусусӣ ҳамчунин назарияи андози ягона мебошад. Асоси онро андози ягона аз ҳама гуна як объекти андозбандӣ - замин, даромад, сармоя, амволи ғайриманқул ташкил менамояд. Иқтисоддонҳо пас аз баҳсҳои зиёд ба хулосае омаданд, ки дар баробари содда будани ҳисоб ва ситонидани он ин андоз регрессивист. Аммо андози ягона метавонад дар якҷоягӣ бо дигар низомҳои андозбандӣ ва хеле самаранок татбиқ карда шавад. Амалия ин хулосаро пас аз татбиқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектони соҳибкории хурд тасдиқ намуд.

Мувофиқи назарияи интиқоли Ҷ.Локк, дар ниҳоят андозҳо ба онҳое меафтанд, ки соҳиби заминанд. Масъалаи интиқоли андозҳо имрӯз ҳам аҳамияти худро дорад. Назарияи андозбандии мутаносиб ва прогрессивӣ таносуби манфиатҳои гурӯҳӣ ва синфиро инъикос мекунад. Он бо принсипҳои баробарӣ ва адолат – меъёри (ставкаи) андоз ба андозаи афзудани даромади андозсупорандагон меафзояд, асоснок карда шудааст.

Таҳлили назарияҳои андози дар боло зикргардида, чи умумӣ ва ҳам хусусӣ, ба хулоса оиди он

меорад, ки назарияи андоз – ин модели бунёди низоми андози давлат буда, мавқеъ ва нақши андозҳоро дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, ба таври муносиб ба вазъияти мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ муайян менамояд. Бо назардошти ин, коркардҳои назариявии муосир бояд меъёри ҷамъиятӣ, яъне азхудкунии давлат, сарҳадҳои соҳибихтиёрии иқтисодӣ, зарурати ғайримонополикунонии низоми муносибатҳои андоз ва меъёрхои муайян кардани объектҳои моликияти андозсупорандагонро муқаррар намоянд.

Дар назарияи андозбандӣ нишондодҳо ва принсипҳои умумӣ мавҷуданд, ки мувофиқи онҳо ташкили илмию амалии он амалӣ карда мешавад. Дар асоси чунин принсипҳои бунёдӣ, илми муосир имконият ба даст овардааст, ки низоми андозбандиро моделсозӣ намояд. Асоси низоми муосири андозро принсипҳои таҳиякардаи А.Смит ташкил медиҳанд, ки минбаъд аз ҷониби пайравон такмил ва илова карда шудаанд. Албатта, ҳанӯз то А.Смит қоидаҳои муайяни ситонидани андозҳо мавҷуд буданд. А.Вагнер онҳоро илова намуда, нуҳ қоидаи асосии андозбандиро тартиб дод. Онҳо инчунин асоси принсипҳои бунёди низомҳои андозро ташкил доданд [7, С. 4-5]. Дар рафти тараққиёти ҷамъият баъзеи онҳо рад карда шуда, дурустии дигарон бошанд бо амалия тасдик карда шуданд.

Дар ин бора ҳанӯз дар ибтидои асри XX И.М.Кулишер гуфта буд: «Ин қоидаҳо, ки ба аксиома табдил шудаанд, аллакай дар замони А.Смит навоварӣ набуданд. О.Мирабо (1761), Ф.Юсти (1766), П.Верри (1771) якхела будани андозбандӣ, аниқ бо қонун муайян кардани андозҳо, муносиб будан барои пардохткунанда, эҳтимолан кам кардани харочоти ситонидани андозро талаб намуда, ба ин илова карданд, ки андозҳо «набояд тобеъонро аз ҳад зиёд нороҳат намоянд, афзоиши ахолӣ, савдо ва ҳунарҳоро боздоранд, на бояд барои муваффақиятҳо дар соҳаи саноат ҷазо дода шавад. Хизмати А.Смит на дар кашфи афзалиятноки ин принсипҳо, балки дар ифодаи равшану дақиқ ва асоснок кардани онҳо буд» [8].

Мувофиқи назарияи классикӣ, оқилона андозбандие ҳисобида мешавад, ки агар он ба принсипҳои асосии зерин асос ёбад:

1) бетарафии низоми андоз, ки аз таъмини стандартҳои баробари андоз барои андозсупорандагон иборат мебошад. Воқеан, дар мамлакатҳои бо иқтисодиёти гузариш ин бетарафӣ амалан вуҷуд надорад;

2) баробарӣ, ки маънои онро дорад, ки пардохти андозҳо бояд вобаста ба имкониятҳои андозсупорандагон анҷом дода шавад, яъне мувофиқи даромади гирифташаванда;

3) муайянӣ, ки муқаррар намудани муҳлатҳои пардохт, намуд ва маблағи пардохтҳои равшан ва аниқро барои ҳар як андозсупоранда дар назар дорад;

4) муносибӣ, ки дар таҳти он зарурати ситонидани андоз кай ва бо кадом тарз, кай ва чӣ тавр барои андозсупоранда муносиб аст;

5) арзонӣ, ки аз таъмини харочоти ниҳоят кам барои ситонидани андоз иборат аст [9].

Дар асарҳои олимони муосир ин принсипҳо инкишофи минбаъдаи худро меёбанд. Б.М. Сабанти ҳисоб мекунад, ки андозҳо пардохтҳои ҳатмӣ мебошанд, ки мувофиқи сохтори мамлакат ташаккул меёбанд [10]. Э.Н. Евстигнеев [11] низоми томи принсипҳои андозбандиро пешниҳод мекунад: иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ. Т.А. Козенкова [12] дар таҳти принсипҳои андозбандӣ хусусиятҳои андозро мефаҳмад, ки дар таърифи он дарҷ гардидааст. А.И. Косолапов [13] як қатор принсипҳои андозбандиро, ки А.Вагнер пешниҳод кардааст, инкишоф ва илова кардааст, ки татбиқи онҳо ба ташкили «низоми андози дуруст сохташуда» мусоидат мекунад.

И.Ланг ба асоси принсипҳои андозбандӣ як қатор талаботи асосиро ба ташаккули низоми андозбандӣ дохил намуд, ки дар байни онҳо инҳоро қайд мекунем: адолат (аз ҷумла самаранокии иқтисодӣ), басарфагӣ (аз ҷумла чандирӣ), амалӣ будан (аз ҷумла арзонӣ ва намоёнӣ), ноаёнӣ (аз ҷумла роҳатӣ). Олими олмонӣ қайд мекунад: «Мо касби андозро зарур мешуморем, зеро механизмҳои бозорӣ дастрасии пешниҳодро ба шахсоне, ки аллакай мавқеъи худро дар бозор муқаррар кардаанд, таъмин карда, қобилияти ташкил намудани низоми аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули ҳуқуқро надоранд» [14].

Принсипҳои андозбандии таҳия намудаи У.Хусси ва Д.Любик муқаррароти зеринро дар бар мегиранд:

- ҳамаи қонунҳо дар бораи андозбандиро мувофиқи мақсад аст дар як қонун ҷамъ кард, ки ба он ба ҷои қабули қонунҳои иловагӣ ҳар дафъае, ки ҳукумат ба маблағ ниёз дорад, ҳамаи тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд;

– мақсади фаъолияти конунэҷодкунӣ бояд возеҳият ва фаҳмо будан бошад, ки аз рӯи имконият бо аниқӣ пурра карда шавад;

- иқтисодиёт ба таври беҳтар рушд меёбад, агар вай истеҳсолкунандаи самарабахш дар хоҷагии

ҷаҳонӣ гардад. Ва қабули низомҳои андозбандии протексионистӣ, ки манфиатҳои дохилиро аз сармоягузории хориҷӣ бартарӣ медиҳанд ё ба бахшҳои алоҳидаи иқтисоди ватанӣ бо роҳи озодкунии муваққатии андоз ё дигар имтиёзҳои андоз шароити беҳтарин фароҳам меоранд, ба манфиати аслии кишвар нест;

- бо мақсади кам кардани хароҷоти маъмурӣ зарур аст, ки қисми асосии даромади буҷетҳо аз ҳисоби боҷҳои гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва андоз аз даромади корпоратсияҳо ташкил карда шавад;

- адолат (ки ба қобилияти пардохтӣ асос шудааст) андози инфиродиро аз даромади шахсони воқеӣ талаб мекунад;

- тарзи қонеъ гардондани эҳтиёҷот ба адолат андоз аз молу мулки ғайриманқул мебошад;

- зарурати таҳияи механизмҳои баҳисобгирии таваррум, ки то зери назорат гирифтани тавarруми кӯтоҳмуддат истифода мешаванд;

- таҳия ва навиштани қонунҳо танҳо муқаддимаи чизи асосӣ дар ислоҳоти андоз - рушди воситаҳои муассири идоракунӣ мебошад [15].

Талабот ба такмили низоми андозбандӣ илми иқтисодиро ба зарурати муайян намудани принсипҳои иловагии андозбандӣ оварда расонд, ки онҳоро Д.Стиглитс мураттаб карда буд [16]. Вай панҷ принсипи асосии низоми андози ҷомеаи демократиро муайян мекунад:

1) самаранокии иқтисодӣ: низоми андоз набояд ба тақсимоти самараноки захираҳо дахолат кунад;

2) масъулияти сиёсӣ: низоми андоз бояд тавре тарҳрезӣ шавад, ки низоми сиёсӣ афзалиятҳои шахсони воқеӣ ва қобилияти онҳоро дар назорати низоми андоз ба таври мувофиқ инъикос намояд;

3) чандирӣ: низоми андоз бояд ба тағйироти иқтисодиёт чандир (дар баъзе мавридҳо ба таври автоматӣ) эътино намояд;

4) соддагии маъмурӣ: низоми андоз бояд барои андозсупорандагон ва мақомоти андоз фаҳмо, инчунин нисбатан арзон бошад;

5) адолат: низоми андоз бояд одилона бошад ва бояд тавре ташаккул ёбад, ки умумияти андозбандӣ ва тақсими якхелаи андозро дар байни шаҳрвандон мутаносибан ба даромади онҳо инъикос намояд.

Агар дараҷаи боҷҳои воридот ва содирот хеле баланд бошад, барои ғамхорӣ дар бораи истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ чандон ҳавасмандӣ нест. Андозбандии баланди даромади меҳнатӣ метавонад дар рад кардани ҷустуҷӯи даромади иловагӣ, барвақт ба нафақа баромадан ва зиёд кардани вақт барои таълим ифода карда шавад. Андозҳои баланди аксизӣ ба намуди алоҳидаи мол истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро ба дараҷаҳои гуногун барои иваз кардани он бо дигар мол ҳавасманд мекунад [17].

А.Маршалл [18] пешниҳод кард, ки давлат метавонад некӯаҳволии умумии иқтисодиро тавассути андозбандии соҳаҳо бо хароҷоти афзоянда дар он ҳолат афзоиш диҳад, ки агар воридоти андозӣ қобилияти зиёда аз коҳиши дар натиҷаи афзоиши истеъмолӣ бошад ва аз даромадҳо барои субсидия додани соҳаҳо бо хароҷоти камшаванда истифода барад, ки субсидияҳо аз афзоиши ниҳоии изофаи истеъмолӣ камтар шуда метавонанд.

Аммо М.Блауг [19] ин фарзияро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки барои бовар накардан ба теоремаи А.Маршалл сабабҳо мавҷуданд. Чун қоида, андозҳо дараҷаи муайяни таҳрифро доранд, аммо аз ҷиҳати назариявӣ андозҳое мавҷуданд, ки «таҳрифнашаванда» ном доранд. Ба онҳо андозҳое мансубанд, ки ба шахсони воқеӣ имкон намедиҳад, ки бори андози худро тағйир диҳанд. Мисол метавонанд андозҳое шаванд, ки ба чунин категорияҳои тағйирнаёбанда ба монанди синну сол ва ҷинс асос ёфтаанд. Ба он нигоҳ накарда, ки онҳо самараноктаринанд, мустақилияти онҳо аз даромад ё сарват ба адолати андозбандӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Хароҷоти ғайримустақим дар шаклҳои гуногун ифода карда мешаванд: хароҷоти вақт ва воситаҳои пардохткунандагон, ки бо муайян кардани маблағи андоз аз онҳо, ба буҷет гузаронидан ва ҳуҷҷатгузории дурустии пардохти андозҳо алоқаманданд; хароҷоти вобаста ба хизматрасониҳои машваратии машваратчиёни андоз ва ҳуқуқшиносон, инчунин дигар намудҳои хароҷот. Ҷ. Слемрод, масалан, баҳо додааст, ки хароҷоти ғайримустақим нисбат ба хароҷоти мустақим на камтар аз панҷ маротиба зиёдтар аст [20].

Дар байни иқтисоддонҳои кишварҳои алоҳида, дар масъалаи маҷмӯи принсипҳои андозбандӣ ягонагии мавқеъ вуҷуд надорад. Масалан, В.Г. Панскров [21] ба принсипҳои асосии андозбандӣ баробарӣ ва адолат, самаранокӣ, якдафъаинавӣ, универсализатсия, устувории меъёрҳои (ставкаҳои) андоз, тақсимоти дақиқи андозҳо аз рӯи сатҳҳои идоракунии давлатӣ, муносибӣ ва вақти ситонидани

андозҳо, мувофиқати оқилонаи андозҳои мустақим ва ғайримустақим, равиши илмӣ ба муқаррар намудани андозаи мушаххаси меъёри (ставкаи) андоз, истифодаи низоми имтиёзҳои андозро мансуб медонад.

Ба андешаи В.Кашин [22], принсипҳои зерини андозбандӣ ба таври умум қабул шудаанд: умумият, адолат, муайянӣ, устуворӣ, самаранокӣ, андозбандӣ накардани омилҳои асосии истеҳсолот, якмаротибагӣ, бидуни табъиз. Ба сифати принсипҳои асосии андозбандӣ муаллиф умумият, адолат ва муайяниро таъкид мекунад. Принсипҳои боқимондаи номбаршударо ҳосила ё иловагӣ меҳисобад. Ба ғайр аз он, ба таснифоти принсипҳои номбаршудаи андозбандӣ муносибати дигар низ имконпазир аст.

В.А. Кашин тақсими онҳоро аз рӯи соҳаҳо роҳ дода, ба соҳаи сиёсати андоз умумият, адолат ва устуворӣ; ба соҳаи раванди андоз - муайянӣ, андозбандӣ накардани омилҳои асосии истеҳсолот, якмаротибагӣ; ба соҳаи маъмурияти андоз самаранокӣ ва бидуни табъизро мансуб медонад.

Егорова Е.Н. ва Петров Ю.А. [23] ба сифати муҳимтарин принсипҳои андозбандӣ инҳоро ҷудо мекунанд:

- ҷубронпулӣ. Ҳар қадаре ки самаранокии сектори ҷамъиятӣ паст бошад, ҳар қадаре ки давлат заъиф мебошад, ҳар қадаре ки молистеҳсолкунандагон камтар рақобатпазир бошанд, ҳамон қадар бояд бори андоз ба иқтисодиёт барои ҷуброни шароити бадтари фаъолияти он камтар бошад;

- системавӣ. Барои арзёбии пешниҳодҳо оид ба тағйир додани қонунгузории андоз ва маъмурияти андоз таҳлил намудани на танҳо таъсири бевоситаи онҳо ба даромадҳои низоми буҷет, балки таъсири низоми фискалӣ, яъне таъсири мустақим ва ғайримустақими тағйирёбии меъёрҳои (ё параметрҳои дигар) як андоз ба манбаи андозбандиҳои дигар, уҳдадориҳои андозии маҷмӯии истеҳсолкунандагон, корхонаҳо, кормандони он низ лозим аст. Чунин вобастагӣ ба таври назаррас воридоти андозро аз рӯи баъзе андозҳо ҳангоми тағйири меъёри (ставкаи) баъзеи дигар муайян менамоянд.

Принсипҳои баррасишуда дар вақти ҳозира аҳамият доранд. Зимнан, бисёре аз коршиносон онҳоро принсипҳои дараҷаи олӣ ҳисоб менамоянд. Ба ғайр аз он, онҳо ҳамчун дастури ниҳоии ташаккули низоми андоз дар ҷомеа хизмат мекунанд [24, С. 53-54].

Принсипҳои умумии андозбандӣ танҳо дар қонунгузории андоз муқаррар карда мешаванд ва институти мушаххаси ҳуқуқи андозро ташкил медиҳанд. Принсипҳои умумии низоми андозро ба таври зайл ифода кардан мумкин аст.

1. Ҳар як шахс бояд андозҳо ва пардохтҳои қонунан муқарраршударо супорад. Муқаррароти мазкур ба принсипҳои қонуният, умумият ва баробарии субъектҳои андозбандӣ асос ёфтааст. Охирин дар назар дорад, ки ҳангоми муқаррар намудани андозҳо қобилияти воқеии андозсупоранда барои пардохти онҳо ба назар гирифта мешавад.

2. Андозҳо ва пардохтҳо наметавонанд хусусияти табъизӣ дошта бошанд ва аз рӯи меъёрҳои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва дигар меъёрҳои шабеҳ татбиқ карда шаванд. Мувофиқи принсипи адолат муқаррар намудани меъёрҳои (ставкаҳои) дифференсиалии (тафриқавии) андозҳо ва хироҷҳо, имтиёзҳои андоз вобаста ба шакли моликият, шаҳрвандии шахсони воқеӣ ё маҳалли пайдоиши сармоя иҷозат дода намешавад.

3. Андозҳо ва пардохтҳо бояд асоси иқтисодӣ дошта бошанд ва худсарона буда наметавонанд. Андозҳо ва пардохтҳое, ки ба шаҳрвандон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои конститутсионии худ халал мерасонанд, қобили қабул нестанд.

4. Муқаррар намудани андозҳо ва пардохтҳое, ки ягонагии фазои иқтисодии Тоҷикистонро вайрон мекунанд, иҷозат дода намешавад. Принсипи ҳаматарафа будан роҳ надодан ба маҳдудиятҳои мустақим ва ғайримустақимро барои ҳаракати озоди молҳо ё захираҳои молиявӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар назар дорад, агар фаъолияти дахлдори иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ва шахсони воқеӣ тибқи қонун манъ нашуда бошад.

5. Андозҳо ва пардохтҳои умумидавлатӣ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозҳо ва пардохтҳои маҳаллӣ - бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии худидоракунии маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд. Ҳамаи ин меъёрҳо мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Ҳеҷ кас наметавонад барои пардохти андозҳо ва пардохтҳо, дигар ҳиссаҳо ва пардохтҳое, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ накардааст, уҳдадор карда шавад. Ҳамин тариқ, сарчашмаи ягонаи қонунгузории андоз муқаррар карда мешавад.

6. Ҳангоми муқаррар намудани андозҳо бояд ҳамаи унсурҳои андозбандӣ муайян карда шаванд. Мутобиқи ин муқаррарот, санадҳои қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо бояд тавре тартиб дода шаванд, ки ҳар як андозсупоранда донад, ки кадом андозу пардохтҳоро кай ва бо кадом

тартиб бояд супорад.

7. Ҳама шубҳаҳои бартарафнашаванда, зиддиятҳо ва номуайянии санадҳои қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо ба фоидаи андозсупоранда шарҳ дода мешаванд.

Тамоюлҳои тараққиёти ҷамъият аз такмили низоми андозбандӣ, инкишоф додани принсипҳо, техникаи ситонидани андозҳо дар асоси ташаккули таълимоти ҷаҳонбинӣ дар бораи моҳияти иқтисодии андоз шаҳодат медиҳанд.

Таҳлили низоми андозбандӣ дар заминаи императивҳои ташаккули сиёсати андози Тоҷикистон нишон дод, ки ба монанди моделҳои назариявии дар боло зикршуда, дар ин ҷо масъалаи асосноккунии меъёрҳои (ставкаҳои) андоз актуалӣ мебошад, ки ҳадди болоӣ (бо сатҳи эҳтиёҷоти молиявии давлат муайян карда мешаванд) ва поёнӣ (вобаста ба имкониятҳои андозсупорандагон) доранд.

АДАБИЁТ

1. Демчук Н.К. Теория налогов и некоторые практические аспекты её применения // Налоговый вестник. 1999. № 7. С. 13.
2. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов: в 2 т. Т. 2. М., 1975.
3. Годме П. Финансовое право. М.: Прогресс, 1978. С. 385.
4. Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. М.: Прогресс, 1978. 494с.
5. Милов А. Не добивать налогами хиреющую экономику // Экономические науки. 1992. № 2. С. 105.
6. Эклунд К. Эффективная экономика. М.: Экономика, 1991. С. 163.
7. Болдырев Г.Н. Подоходный налог на Западе и в России. Л., 1924. С. 4-5.
8. Кулишер И.М. Очерки финансовой науки. Петроград: Наука и школа, 1919.
9. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Соцгиз, 1935.
10. Сабанти Б.М. Теория финансов. М.: Менеджер, 2000.
11. Евстигнеев Е.Н. Налоги, налогообложение и налоговое законодательство. СПб.: Питер, 2000.
12. Козенкова Т.А. Налоговое планирование на предприятии. М.: АиН, 1999.
13. Косолапов А.И. Налоги и налогообложение. М.: Дашков и К°, 2005.
14. Ланг И. Проект кодекса налоговых законов для государств Восточной Европы. Бонн: Министерство финансов ФРГ, 1993.
15. Хасси У., Любик Д. Основы Мирового налогового кодекса: проект, финансируемый Международной налоговой программой Гарвардского университета. Гарвард: Такс Аналистс, 1993.
16. Стиглиц Д. Ревущие девяностые. Семена развала / пер. с англ. и прим. Г.Г. Пирогова; вступ. ст. Г.Ю. Семигина, Д.С. Львова. М.: Совр. экономика и право, 2005.
17. Стиглиц Дж.Ю. Экономика государственного сектора: пер. с англ. М.: ИНФРА-М, 1999.
18. Маршалл А. Принципы политической экономии: пер. с англ. М.: Прогресс, 1983.
19. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе: пер. с англ. М.: Дело ЛТД, 1994;; Slemrod J. Did the Tax Reform Act of 1986 Simplify Tax Matters? // Journal of Economic Perspectives. 1992. Vol. 6, N 1.
20. Пансков В.Г. Налоги и налогообложение в Российской Федерации. М.: МЦФЭР, 2006.
21. Кашин В.А. Обзор фискальной политики в Российской Федерации и за рубежом в 2003 году. М.: Изд-во экономико-правовой литературы, 2004.
22. Егорова Е.Н., Петров Ю.А. Налоговые системы России и 20 зарубежных стран в 1991-1997 гг.: сравнительный анализ полных налоговых ставок. М.: ЦЭМИ РАН, 1999.
23. Развитие налоговой системы РФ: опыт, проблемы, перспективы: доклады и выступления участников круглого стола, 3 нояб. 2004 г., Москва. М.: Финансовая академия при Правительстве РФ Ворд-Бук, 2005.
24. Васильева М.В., Соловьев К.А. Развитие принципов налогообложения // Финансы и кредит. 2008. № 35(323). С. 53-54.

Шарифзода Тахмина – дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj

Наботов С.Х.

ҶУБРОНИ ЗАРАРИ МАЪНАВӢ ҲАМЧУН ТАРЗИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

Наботов С.Х.

ВОЗМЕЩЕНИЕ МОРАЛЬНОГО ВРЕДА КАК СПОСОБ ЗАЩИТЫ ГРАЖДАНСКИХ ПРАВ

Nabotov S.H

COMPENSATION FOR MORAL DAMAGE AS A WAY OF CIVIL PROTECTION OF RIGHTS

Дар мақолаи мазкур мушкилоти рӯзмарраи ҷуброни зарари маънави ҳамчун институти алоҳидаи тарзи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин дар мақола мушкилоти қонунгузорӣ дар самти тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи маданӣ низ, мариди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати такмили қонунгузории маданӣ таклифу пешниҳодҳо манзур гардидааст.
Калидвожаҳо: Маданӣ, қонунгузорӣ, ҷуброн, зарари маънавӣ, тарзи ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқ, ҳифз институт.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье анализируются и рассматриваются проблемы, связанные с возмещением морального вреда как отдельного института защиты гражданских прав. Также в статье были проанализированы и рассмотрены проблемы законодательства в направлении способов защиты гражданских прав, внесены предложении по совершенствованию гражданского законодательства.
Ключевые слова: гражданский, законодательство, компенсация, гражданский ущерб, способ защиты прав, право, охрана институт.

This article analyzes and discusses the problems associated with the compensation of moral damage as a separate institution for the protection of cultural rights. The article also analyzed and considered the problems of legislation in the direction of ways to protect cultural rights, made suggestions and suggestions for improving cultural legislation.
Keywords: civil, legislation, compensation, civil damage, method of protection of rights, law, institute protection.

Таҳлили қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ дар низоми ҳифзи ҳуқуқҳо мавқеи махсусро ишғол менамояд. Масалан, дар моддаҳои 21 ва 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида ҷуброни зарар, аз ҷумла дар ҳолати расонидани зарар давлат (мақомоти ё шахсони мансабдори он) пешбинӣ шудааст [1].

Ҳуқуқ ба ҳифз чораҳои дорои хусусияти моддию ҳуқуқӣ ва мурофиавиро дар бар мегирад. Ҳуқуқ ба ҳифз берун аз муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дошта, онро ба муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас алоқаманд намудан қобили қабул намебошад. Тавре аз таҳлили адабиёт бармеояд, мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқ» дар маънои аниқи ҳуқуқӣ бо мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқ» ҳаммаъно намебошад. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқ» нисбат ба «ҳимояи ҳуқуқ» васеъ буда, ҳамагуна чораҳоеро дарбар мегирад, ки барои таъмини манфиати субъекти ваколатдор равона карда шудааст. Аз ин рӯ, дар зери мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқ» маҷмӯи кафолатҳои давлатиро мефаҳманд, ки манъкунии меъёрӣ ё дигар маҳдудкунии амали муайяни ба муқобили объекти ҳифзшаванда алоқамандбуда ва барои огоҳонидан ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, равона карда шудааст[7].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногуни тарзҳои ҳифзи ҳуқуқ мавҷуданд. Ба андешаи М.З. Раҳимзода мазмуни ҳуқуқ ба ҳифзро чораҳои зерин ташкил медиҳанд: Аввало, маҷмӯи чораҳои ҳимояи ҳуқуқие, ки метавонад субъекти ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ истифода барад. Сониян, намудҳои гуногуни таъсиррасонии бевосита ба ҳуқуқвайронкунанда. Солисан, маҷмӯи чораҳои маҷбурии давлатие, ки дар сурати натиҷаи дилхоҳ надодани амалҳои мустақилона шахси ваколатдр метавонад татбиқ намояд[8].

Намудҳои гуногуни таснифи чораҳои ҳифз дар адабиёти ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Аксарияти олимон ҳангоми баррасии масъалаи мазкур дар пайравӣ ба В.П. Грибанов чораҳои ҳифзи ҳуқуқро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд:

1) амали воқеии субъектони ваколатдор, ки дорандаи аломатҳои худмуҳофизаткунии ҳуқуқҳои маданӣ мебошанд;

2) чораҳои таъсири фаврӣ ба вайронкунандаи ҳуқуқҳои маданӣ;

3)чораҳои дорои хислати ҳифзи ҳуқуқдошта, ки нисбати вайронкунандагони ҳуқуқҳои маданӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ё дигар мақомот татбиқ карда шудаанд, аз ҷумла чораҳои ҷавобгарии маданӣ[6].

Аслан, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон аз Конститутсияи ҶТ сарчашма мегирад. Масалан, ба таври умумӣ ҳифзи ҳуқуқҳо ва ҷуброни товони зарар дар қ.2 м.12, 14, 19, қ.1 ва 3 м. 32 дарҷ гардидаанд, ки иҷроиш ва амалигардонии онҳо муҳим мебошад. Тарзҳои умумии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ дар моддаи 12 КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд, вале ин номгӯй ниҳоӣ намебошад, зеро ҳангоми риояи шартҳои пешбининамудаи қонун истифодаи дигар усулҳо низ иҷозат дода мешавад. Тарзҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқи маданӣ мутобиқи интихоби шахси ваколатдор метавонад ҳам инфиродӣ (алоҳида) ва ҳам дар якҷоягӣ истифода бурда шавад. Он ҳолатҳое истисно мебошанд, ки агар дар қонун бевосита нишон дода шуда бошанд ё бо дарназардошти хусусияти ҳуқуқи вайронгардида (мавриди баҳс) метавонанд танҳо бо тарзи муайян ҳимоя карда шаванд.

Тарзи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ вобаста аз тартиби татбиқи онҳо метавонад ба се гурӯҳ тақсим карда шавад:

1) онҳое, ки танҳо аз ҷониби суд ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ истифода бурда мешаванд, ки зарурати ба онҳо муроҷиат намуданро дар хусуси ҳифз тавассути усули мушаххас дар назар дорад (эътирофи ҳуқуқ), барқарор намудани вазъе, ки то вайрон кардани ҳуқуқ мавҷуд буд, пешгирии амале, ки ҳуқуқро вайрон мекунад ва ғайра);

2) онҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мустақиман истифода бурда мешаванд (худмуҳофизат, қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ бо роҳи яктарафа рад намудани иҷрои ӯҳдадорӣ, агар чунин имконият тибқи қонун ё шартнома пешбинӣ шуда бошад ва ғайра);

3) онҳое, ки ҳам бо ёрии мақомоти судӣ ва ҳам мустақил истифода бурда мешаванд (товони зиён, ситонидани ноустуворона ва ғайра) [5].

Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи дар моддаи 12 Кодекси граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашударо дар илми ҳуқуқ ба асосҳои гуногун тасниф менамоянд. Вобаста ба мазмуни амали ҳуқуқ тарзи ҳифзро ба моддӣ ва мурофиавӣ ҷудо намудан мумкин аст.

Ҷуброни зарари маънавӣ, ки аз рӯи мазмуни амали ҳуқуқ ба тарзи мурофиавӣ дохил мешавад дар инҷо дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ истода мегузарем. Баъзе олимон ба мисли М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов ба сифати тарзи имконпазири ҳифз, ҷуброни зарари маънавиро номбар мекунанд. Бо назардошти муқаррароти моддаи 171 КГ ҶТ чунин тарзи ҳифзро шаҳрвандон метавонанд ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ё арзишҳои ғайримоддӣ истифода баранд[5]. Тибқи моддаи 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқи молумулкӣ, зарари маънавӣ танҳо дар ҳолатҳое ҷуброн карда мешавад, ки агар мустақиман дар қонун пешбинӣ шуда бошад[4].

Мавриди қайд аст, ки танҳо дар шакли пулӣ ба андозаи муқаррарнамудаи суд зиёни зарари маънавӣ ҷуброн карда мешавад. Моддаи 171 ва моддаи 1115-1116 КГ ҶТ асосҳои ҷуброни зарари маънавӣ ва ҳолатҳое, ки ҳангоми муайян кардани андозаи он ба инобат гирифта мешавад, муқаррар кардаанд.

Тавре дар боло зикр гардид, дар қатори муносибатҳои номбурда ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ меъёрҳои махсус дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ки тибқи онҳо ҳифзи ин ҳуқуқҳо кафолат дода мешаванд. Аммо дар қонунгузории маданӣ ҳарчанд масъалаи танзими ҳуқуқии онҳо ба таври лозима пешбинӣ шуда бошанд ҳам, баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд. Масалан, агар ба шаҳрванд дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ё ба дигар неъматҳои ғайримоддии ӯ таҳдид дар шакли зиёни маънавӣ (азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ) расонида шуда бошад, суд метавонад шахси ҳуқуқвайронкардаро вазифадор созад, ки ин зиёнро дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ ҷуброн намояд. Аз муқаррароти моддаи 171

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброни зиёни маънавӣ суд дараҷаи гуноҳи шахси вайронкардаи ҳуқуқ ва ҳолатҳои дигари қабули таваҷҷуҳро ба назар мегирад. Ҳамзамон, суд бояд дараҷаи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва руҳии марбут ба хусусиятҳои инфиродии шахси ҷабрдидаро ба назар гирифта ҷазои одилонаро таъин намояд.

Агар ба моддаи 172 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат диҳем мушоҳида менамоем, ки шахсе, ки ҳуқуқи ғайриамволиаш вайрон шудааст, инчунин ба ҷуброни зиёни маънавӣ ҳуқуқ дорад. Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкиро суд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ сарфи назар аз гуноҳи шахси вайроннамудаи ҳуқуқ татбиқ мешавад. Шахсе, ки ҳифзи ҳуқуқашро талаб кардааст, бояд далели вайрон гардидани ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкиашро исбот карда тавонад, дар акси ҳол маъала баҳснок хоҳад монд. Дар баробари ин, шахсе, ки ҳуқуқи ғайримолумулкиаш вайрон гардидааст, метавонад бо хости худ рафъи оқибати онро аз шахси гунаҳкор талаб намояд ё аз ҳисоби гунаҳкор мустақилона амалҳои заруриро анҷом диҳад ва ё иҷрои онҳоро ба шахсони сеюм супорад. Дар карори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992 қайд карда шудааст, ки суд ҳуқуқ дорад талаботи шаҳрвандонро дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ (ғайримолумулкӣ), ки дар натиҷаи аз тарафи воситаҳои ахбори умум паҳн кардани маълумотҳои ба ҳақиқат номувофиқ, ки шаъну шарафи ўро паст мезананд, баррасӣ намояд. Мутаносибан, ҳаҷми зарари маънавиро суд дар ифодаи маблағи пулӣ ба хусусият ва мазмуни нашр, дараҷаи гуноҳи шахси вайронкардаи ҳуқуқ, ҳамчунин дараҷаи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва рӯҳии шаҳрванд муайян менамояд. Умуман, суд тамоми ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷуҳдоштаро ба назари эътибор мегирад[9].

Дар маҷмуъ зиёни маънавӣ- ин азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва руҳие, ки бо амал (беамалӣ) расонида шудаасту ба неъматҳои ғайримолумулкии шаҳрвандон, ки аз лаҳзаи таваллуд ё тибқи қонун ба даст овардаанд, суиқасд менамояд ё худ ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрвандонро вайрон мекунад, фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ, ҷуброни зиёни маънавӣ тавассути присипҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд:

а) зиёни маънавӣ дар ҳолатҳои вайрон кардан ё суиқасд ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шаҳрванд, ҷуброн карда мешавад. Дар мавриди вайрон шудани ҳуқуқҳои амволии шаҳрвандон ҷуброни зиёни маънавӣ дар ҳолатҳои пешбиинамудаи қонун, ба амал бароварда мешавад. Масалан, ҷуброни зарари маънавӣ бо қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» пешбинӣ карда шудааст, ки дар амалия хеле васеъ истифода бурда мешавад. Ҳолати мазкур хусусан дар муносибатҳои шартномавӣ, ба монанди хариду фурӯши чакана, тиҷорат, иҷораи манзил, хизматрасонӣ, хизмати молиявӣ, мусофиру боркашонӣ ва ғайраҳо татбиқ карда мешавад;

б) ҷуброни зиёни маънавӣ аз руи қоидаҳои умумӣ дар сурати мавҷуд будани гуноҳи шахси зараррасон роҳ дода мешавад.

Аммо аз рӯи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарари маънавӣ сарфи назар аз гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳои зерин ҷуброн карда мешавад:

– агар зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд аз манбаи хатари калон дошта расонида шуда бошад;

– агар зарар ба шаҳрванд дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум кардан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба сифати чораҳои эҳтиёти ғайриқонунӣ истифода бурдани баҳабсгирӣ ё забонхат барои ба ҷое нарафтан, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ҳабс ё корҳои ислоҳии меҳнатӣ, расонида шуда бошад;

– агар зарар дар натиҷаи паҳни маълумоте, ки шаъну шараф ва эътибори кориро паст мезанад, расонида шуда бошад (моддаи 1115 КГ ҶТ).

Дар натиҷаи андешаҳои болозикр, зарари маънавӣ новобаста аз ҷуброни зарари моддӣ пардохта мешавад (ё якҷоя). Мутаносибан, ҳаҷми ҷуброни зарари маънавиро суд муқаррар менамояд.

Гузашта аз ин ба назар гирифтани дараҷаи гуноҳи шахси зараррасон, дараҷаи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва руҳии шаҳрванд, инчунин талаботҳои оқилона ва одилона бояд пурра ба инобат гирифта шаванд. Мавриди қайд аст, ки мушаххасоти ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонида шудааст ва хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешавад [9].

Амалия пешбинӣ менамояд, ки масъалаи баҳисобгирии имконияти ҳолати молумулкии шахси зараррасон, дар мавриди муайян кардани ҳаҷми ҷуброни зарари маънавӣ бояд ба назар гирифта шавад. Ҳамин тавр, ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун навоварии давраи иқтисоди бозоргонӣ имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ на танҳо ҳифз карда шавад, балки дар шакли маблағи пулӣ низ барқарор карда шавад.

Инчунин масъалаи танзиму истифодаи ҷуброни зиёни маънавӣ дар қонунгузорӣ ба тариқи маҳдуд ва хеле нокифоя мустаҳкам карда шудааст. Хусусан дар кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин муносибатҳои мураккаб танҳо муқаррароти 3 ё 4 модда нигаронида шудааст, ки (171, 172, 1115, 1116 КГ), ки ин ҳолат ҷиҳати танзими ҳуқуқии неъматҳои ғайримоддӣ нокифоя мебошанд ва бешубҳа минбаъд танзими пурраи худро тақозо менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло бо дарназардошти сайри илмӣ дар масири адабиёти илмӣ, низоми қонунгузории миллӣ, адабиёти илмию таълимӣ ва таҷрибаи амалии низоми судӣ, пешниҳод мегардад, ки масоили танзими ҳуқуқии муқаррар намудани ҷуброни зарари маънавӣ дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи васеъ муқаррар карда шуда, тартиб, тарз ва воситаҳои рӯйпӯш намудани онҳо возеҳ ва равшан нишон дода шаванд; мафҳумҳои азобу шиканҷаи ҷисмонию руҳӣ қонунан кушода дода шуда, ба шаҳрвандон имконияти мустақилона муайян намудани ҳаҷми зарари маънавӣ ва ҷуброни онҳо дар қонунгузории маданӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки ба эътибор гирифани ҳолати моддии шахси зараррасон, дар мавриди муайян кардани ҳаҷми ҷуброни зарари маънавӣ ба талаботи замони муосир номутобиқ аст ва дар асл, ба принсипи баробарҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мухолиф аст. Аз ин хотир, ки ҳар як субъекти ҳуқуқвайронкунанда новобаста аз ҳолати моддии худ бояд масъулияти ҳуқуқи маданиро зоҳир намояд, таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ баръало бояд аён бошанд, татбиқи амалии онҳо ба роҳ монда шаванд.

АДАБИЁТ

1.Зухурзода Д.Ш. Проблемы гражданско-правового регулирования возмещения имущественного вреда, нанесенного публичной властью по законодательству Республики Таджикистан. Дис.кон. юр.наук. Душанбе 2018. С.105-106.

2.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2016.

3.Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/кодекси-граждании-ҷумҳурии-тоҷикист-2/ (санаи мурочиат 25.12.2022)

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2004, №12.

5.Маҳмудов, М.А., Тағойназаров, Ш.Т., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР– граф, 2010. – С. 49-50.

6.Меликов У.А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создании и распространении средств массовой информации. – Душанбе, 2011. – С. 153-154.

7.Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: МН Дониш. 2019. – С .532.

8.Раҳимзода М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. – С . 531-538

9.Сангинов С. С. Ҷуброни зарари маънавӣ – яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи граждани. Реҷаи дастрасӣ; http://isfara.sud.tj/ubroni-zarari-manav-yake-az-tarz-oi-ifzi-u-u-i-grazhdan/ (Санаи мурочиат 25.31.2022)

Наботов Сиёвуш Холмуродович – доктори ҳуқуқ (PhD), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел: +992900015101: E-mail: nabotov@inbox.ru

Маҳмадхонов Т.

ОИД БА МАФҲУМИ ШАРТНОМАИ МАҲСУЛОТСУПОРӢ БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ

Махмадхонов Т.

О ПОНЯТИЕ ДОГОВОРА ПОСТАВКИ ТОВАРОВ ДЛЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ НУЖД

Mahmadhonov T.

ABOUT THE CONCEPT OF THE AGREEMENT FOR THE SUPPLY OF GOODS FOR STATE NEEDS

Мақола ба масъалаи шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бахшида шудааст. Шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ дар асоси фармоиши давлат оид ба маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлат, инчунин шартномаҳои дар асоси он басташудаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ анҷом дода мешавад.

Калидвожаҳо: шартномаи маҳсулотсупорӣ, шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, фармоиши давлатӣ, бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Статья посвящена вопросу договора поставки товаров для государственных нужд. Поставка товаров для государственных нужд осуществляется на основе государственного заказа на поставку товаров, а также заключаемых в соответствии с ним договоров поставки товаров для государственных нужд.

Ключевые слова: договор поставки, договор поставки товаров для государственных нужд, государственный заказ, заключение договора поставки товаров для государственных нужд.

The article is devoted to the issue of the contract for the supply of goods for state needs. The supply of goods for state needs is carried out on the basis of a state order for the supply of goods, as well as contracts concluded in accordance with it for the supply of goods for state needs.

Key words: supply contract, contract for the supply of goods for state needs, state order, conclusion of a contract for the supply of goods for state needs.

Дар амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ шартномаи маҳсулотсупорӣ мақоми назаррас дорад. Шартномаи мазкур таърихи дуру дароз надорад. Олимони ҳуқуқшинос пайдоиши онро ба асри 18 нисбат дода, онро натиҷаи афкори ҳуқуқии Россия ҳисоб мекунанд [1, 14].

Дар ҳақиқат, шартномаи мазкур дар низоми ҳуқуқии мамлакатхои Аврупо дида намешавад. Он дар асоси қолаби шартномаи хариду фурӯш кор карда, барои амалиёти такроршаванда ва муҳлати нисбатан дароз пешбинӣ гардидааст.

Қайд кардан лозим аст, ки дар давраи Шуравӣ ба шартномаи маҳсулотсупорӣ диққати ҷиддӣ дода, ҳамчун шартномаи мустақил шуморида мешуд, зеро таъмини ташкилотҳои давлатӣ бо ашёи лозима, таъмини нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ бо моли ниёзи мардум дар асоси шартномаи мазкур сурат мегирифт [2, 297]. Мутобиқи банди 4 моддаи 488 КГ ҶТ бошад, шартномаи маҳсулотсупорӣ як намуди шартномаи хариду фурӯш аст.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартнома чунин таъриф додаст: Мутобиқи шартномаи маҳсулотсупорӣ фурӯшанда (маҳсулотсупор) уҳдадор мешавад, ки дар муҳлати қайду шартшуда, ё муҳлатҳои истеҳсол, ё муҳлатҳои аз ҷониби ӯ муайянгардида харидани мол барои харидор ҷиҳати истифода дар фаъолияти соҳибкорӣ ё мақсадҳои дигар молро ба харидор расонад.

Тавре ки аз таърифи мазкур бармеояд, яке аз мақсадҳои асосии бастани шартнома аз тарафи харидор истифодаи мол барои фаъолияти соҳибкорӣ ва аз ҷумла фаъолияти тиҷоратӣ

мебошад. Дар ҳақиқат, ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки ба тиҷорат машғуланд, молро аз истеҳсолкунандагон барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ мегиранд.

Албатта, ташкилотҳое низ ҳастанд, ки шартномаи маҳсулотсупориро барои қонеъ кардани талаботи дохилии худ мебанданд. Масалан, ташкилоти тиҷоратӣ мумкин аст, ки дар асоси шартномаи маҳсулотсупорӣ ташкили хӯроки кормандонашро таъмин намояд.

Муносибатҳое, ки аз бастан ва иҷро намудани шартномаи мазкур ба вуҷуд меояд, ба воситаи меъёрҳои § 4 боби 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд[3].

Як намуди шартномаи маҳсулотсупорӣ шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ мебошад. Шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ дар асоси фармоиши давлат оид ба маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлат, инчунин шартномаҳои дар асоси он басташудаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ анҷом дода мешавад. Эҳтиёҷоти давлат талаботест, ки бо тартиби муайянкардаи қонун аниқ гардида, аз ҳисоби маблағи буҷет таъмин карда мешавад (моддаи 562 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Қайд кардан зарур аст, ки дар Кодекси пешинаи граждании чунин шартнома вуҷуд надошт, ки ин табиист, зеро тамоми корхонаҳои саноатӣ моликияти давлатӣ буданд[2,296].

Дар баробари гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ зарурати муқаррар кардани чунин шартнома ба вуҷуд омад, зеро давлат барои амалӣ кардани вазифаҳои худ ба хариди маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ эҳтиёҷ дорад.

Мақсади асосии бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- қонеъ кардани талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои он;
- таъмини бехатарӣ ва амнияти давлат;
- таъмини саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.и.

Хотиррасон бояд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ бо дигар давлатҳо шартномаҳои гуногуни тиҷоратӣ мебандад. Аз ҷумла чунин шартномаҳо бо мақсади харид кардани маҳсулоти гуногуни саноатӣ ва ашёи хом бо ташкилотҳои дохилӣ ва соҳибкорони инфиродӣ баста мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ду намуди алоқаҳои шартномавӣ мушоҳида мегардад:

-тартиби соддаи шартнома;

-тартиби мураккаби шартнома[2, 298].

Ҳангоми тартиби соддаи шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ фармоишгари давлатӣ ё харидор бевосита бо маҳсулотсупор созишнома мебандад.

Дар мавриди тартиби мураккаби шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бошад, фармоишгари давлатӣ маҳсулотсупорро бо харидор вобаста менамояд. Чунин алоқаи тарафайн дар асоси огоҳномаи фармоишгари давлатӣ оид ба вобаста намудани онҳо сурат мегирад.

Қайд кардан лозим аст, ки бастани шартнома хусусияти ҳатмӣ дорад, зеро дар муносибатҳо оид ба маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ давлат ҳуқуқи афзалиятнокро соҳиб аст. Муносибатҳое, ки аз бастан ва иҷро намудани шартномаи мазкур ба вуҷуд меояд, ба воситаи меъёрҳои § 4 боби 29 КГ ҶТ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд [3].

Дар асоси таҳлили моддаҳои мавҷудбудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаи номбаршуда чунин таъриф додан мумкин аст: Мувофиқи шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ маҳсулотсупор уҳдадор аст, дар асоси фармоиши давлатӣ моли муайянро, ки барои эҳтиёҷоти давлатӣ зарур аст, ба фармоишгари давлатӣ супорад[4, 324].

Ба мисли шартномаҳои хариду фурӯш ва маҳсулотсупорӣ ин шартнома низ музднок, коненсуалӣ ва дуҷониба мебошад.

Шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ дуҷониба мебошад. Тарафҳои шартномаи мазкур маҳсулотсупор (фурӯшанда) ва харидор ном доранд.

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартномаи мазкур мафҳумҳои нав ба монанди “фармоиши давлатӣ” ва “фармоишгари давлатӣ” ворид карда шудааст. Зери мафҳуми “фармоиши давлатӣ” тадбири давлат оид ба бастани шартнома фахмида мешавад, “фармоишгари давлатӣ” мақоми давлатиест, ки фармоиши давлатиро амалӣ менамояд ва оид ба бастани шартномаҳои маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ тадбирҳо меандешад[4,324].

Фурӯшанда ё маҳсулотсупор соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои гуногун шуда метавонанд. Аз номи давлат бошад, мақомоти гуногуни давлатӣ, ки ба ин кор ваколатдор мебошанд, ба сифати харидор амал менамоянд[2, 298].

Тартиби харид ва ҳуқуқи мақомотҳои зикршударо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад.

Дар охир бояд қайд намоем, ки барои ба танзим даровардани шартномаи маҳсулотсупорӣ то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсус қабул карда нашудааст. Набудани қонун ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии шартномаи маҳсулотсупориро то андозае душвор мегардонад. Аз ин сабаб, мумкин аст дар оянда ин масъала ах тарафи мақоми қонунгузор қобили таваҷҷуҳ қарор дода шавад.

Адабиёт:

1. Пугинский Б. И. Коммерческое право России. Учебник. М.: Изд. «Зерцало», 2008. С. 14.

2. Гражданское право. В 2 т. Том II. Полутом I. Учебник /Отв. ред. Е.А.Суханов.М.: «Изд. БЕК»,2013. С.297.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 3 марти соли 2006 // АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон.2006. №3. М.158.

4. Гражданское право. Учебник. В 3 Т. Т.3 / Под. ред. А.П. Сергеева. М.: Изд-во РГ-Пресс, 2015. С. 324.

Маҳмадхонов Т. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Деҳотӣ ½. тел.: +992987121759.

Солихов М.А.

ОИД БА МАФҲУМИ ШАРТНОМАИ МАҲСУЛОТСУПОРӢ БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ

Солиҳов М.А.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИСЛОҲОТИ ОБУ ЗАМИН ДАР ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ СОЛҲОИ 1918 – 1926

Solihov M.A.

SOME PROBLEMS OF CONDUCTING LAND AND WATER REFORM IN THE TERRITORY OF NORTHERN TAJIKISTAN (1918-1926)

В данной статье идёт речь о земельно – водной реформы на территориях Северного Таджикистана в период 1918 – 1926 г.г.. Советская власть с первых дней Революции для ликвидации феодально – капиталистического отношения вела активную борьбу. Речь идёт о правах и распределение земли и воды на территориях Ходженского уезда и Уратюбинского района. Во второй части статьи речь идёт о милитаризации земли и воды.
Ключевые слова: реформа, вода, земля, территория, распределение, национализация.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи реформаи замину об дар ҳудуди Тоҷикистони шимолӣ солҳои 1918 – 1926 меравад. Давлати Шӯравӣ аз рӯзҳои аввали инқилоб барои аз байн бурдани муносибатҳои феодалӣ ва капиталистӣ муборизаро оғз намуд. Аслан сухан дар бораи ҳуқуқ ва тақсимоти обу замин дар ҳудуди ноҳияҳои Конибодом, Ашт ва Уротеппа меравад. Асосан, масъалаи милликунонии обуз амин дар мади аввал ҷой дорад.
Калидвожаҳо: ислоҳот, об, замин, ҳудуд, тақсимот, милликунонӣ

This article deals with the land and water reform in the territories of Northern Tajikistan in the period 1918 - 1926. From the first days of the Revolution, the Soviet government waged an active struggle to eliminate the feudal - capitalist relationship. We are talking about the rights and distribution of land and water in the territories of the Khodzhensky district and the Uratyubinsky district. The second part of the article deals with the militarization of land and water.
Key words: reform, water, land, territory, distribution, nationalization.

Проблемы истории государства и права Республики Таджикистан, особенно советского периода считаются более или менее исследованными. Но и немало проблем и аспектов, которые остались малоизученными. Одной из таких является подготовка и проведение земельно – водной реформы на территориях нынешнего Таджикистана.

Разработка и проведение земельно - водной реформы является важнейшим этапом становления и развития новых социалистических отношений в аграрном секторе среднеазиатских республик. Проведение этого важнейшего мероприятия было тем более актуальной, для укрепления самых основ новой государственности, привлечения широких трудящихся масс на свою сторону, ликвидации феодальных отношений на территории революционного Таджикистана.

Отдельным аспектам данной темы посвящены работы исследователей таджикской истории и права Тахирова Ф.Т [13], Мосова Р. [9], Искандарова М. [5], Исмоилова Ш. [8] др. Отмечаем, что данные авторы выявили политическую и экономическую сущность, правовое значения данной реформы, в их работах приводится огромное число архивных источников по исследуемой теме. Но этих работ характеризует, то что в них проблема изучается в ракурсе поставленной исследователем задачи – исследования определенной проблемы. Необходимо выделить работу Тохирова Ф.Т. в которой проблема, в общих чертах решена, в той мере в какой позволяла цель подготовленное им монографии.

Анализ архивных и исторических материалов показывает, что исследованиями не охвачены некоторые аспекты проблемы, а также есть необходимость с новой позиции исследовать проблему.

В результате победы октябрьского вооруженного восстания в Петрограде 25 октября (7 ноября) 1917 года Временное правительство было низложена, и власть перешла в руки рабочих, солдатских и крестьянских депутатов в форме Советов.

Советская власть с первых дней революции приступили к ликвидации феодальных и капиталистических отношений и утверждения социалистического общества. Наряду с другими мероприятиями, огромное внимание уделялось вопросам реформирования земельных отношений, а на территории Средней Азии, земельно-водным отношениям. Будучи частной, вакф ной и эмирской собственностью земля и вода были главными орудиями порабощения масс, составляли основу могущества землевладельцев [5].

Начав с национализации земли, как правительство БНСР, так и Туркестанской АССР в своих законодательных актах решали этот вопрос [13]. Примером может служить IV съезд Советов Туркестана, проходивший с 19 по 26 января 1918 года в Ташкенте, который во исполнение «Декрета о Земле» принимает постановление, а котором предложил местным Советам:

Строго контролировать выполнение «Декрета о Земле», объявить недействительными все сделки о продаже недвижимого имущества, совершенные после издания декрета, конфисковать имущество и привлечь к суду участников незаконных сделок вместе с нотариусами к казиями, принимавшими участие в оформлении указных сделок. В постановлении съезда предлагалось также ускорить формирование земельных комитетов. Эти комитеты должны были быть созданы до середины февраля 1918 года, а там, где это невозможно образовать временные комитеты. Съезда ставить также задачи в области орошения новых земель [7].

Решения данного съезда стали основой создания Народного Комиссариата земледелия, образования земельно – водных комитетов на местах, на которые и было возложены практическое осуществление политики в области земельно – водных реформ.

На территории Ходжентского уезда наряду с земельно – водными комитетами создавались союзы кишлачной бедноты, которые сыграли важную роль в защите нового строя, создание совхозов и коммун [14]. В Ходжентском уезди еще в 1919 году были два совхоза, 18 сельхозартелей и коммун, крупнейшими из которых были «Дашти Амин», «Чумчук - Арал», «Сари – Тукай» располагала 1200 десятинами земли, тремя водокачками, сельхозинвентарем, 7 лошадьми и 15 быками. В коммуне состояло 1160 человек. В 1921 году в Уратюбинском уезде существовало 9 колхозов, которые объединяли 500 человек, имели 1250 десятин земли, 144 лошади, 2 коровы и 155 различных сельскохозяйственных орудий [2].

Несмотря на становление новых форм ведения сельского хозяйства на территории северного Таджикистана в 1918- 1920 гг. их было мало, а земля и вода оставалось в руках баев, и крупных землевладельцев. Также проведение аграрных мероприятий выявила проблему кулачества или землевладения переселенцев из центральных губерний России.

Для решения этой проблемы на территории Туркестанской АССР 1921 году начинается новая земельно- водная реформа, которая завершается 1923 году. Согласно решениям Туркестанских властей, основной целью данной реформы было – уравнение в правах на землю и воду коренного и русского земледельческого населения края. Даная реформа была проведения преимущественно в тех районах, где располагалось наиболее число переселенческих поселков. Данная реформа проводилась в Канибадаме, а землеустроительные работы в Ходжентском уезде. В Канибадамском районе было 5 переселенческих поселков, где кулачество, обосновавшееся на незаконно захваченных землях, эксплуатировало трудящихся.

Необходимо указать активность трудящихся Канибадамского района, например, а Махрамской области в течение недели было организовано 12 собраний трудовых дехкан. На этих собраниях решались вопросы земельно-водной реформы. С помощью трудящихся Ферганская земельно- водная комиссия в Канибадамском районе была выявлена 1102 десятин земли, в основном земли четырех медресе [10].

В результате проведенной земельно- водной реформы в 1920 году, а Махрамской волости было выявлено земли 220 участков, которые были переданы 952 трудовым хозяйствам [1]. А в Ходжентском уезде было выявлено 415 нетрудовых хозяйств, с площадью земли в 3172 десятины и 323 головами рабочего скота [10].

Таким образом, реформа 1921- 1923 года охватывало сравнительно небольшую террито-

рию и не могло дать существенных экономических результатов. Но в плане укрепления доверия местного населения- трудящиеся дехкан к советской власти можно считать важнейшим мероприятием бесповоротного перехода их в сторону новой власти.

В ходе двух земельно- водных реформ были решеные вопросы закрепления за дехканами земли эмирские, крупных землевладельцев [6], оставленные земли, а также конфисковались излишки земли переселенческого населения- крестьян и кулаков из России. Данные реформы были подготовительным для проведения окончательного решения земельно-водных отношений на территории Советских республики Средней Азии.

С проведением национально- территориального размежевания на территории Туркестанской АССР и БНСР создаются Советские социалистические республики, а Таджикистан как автономная Советская социалистическая республика входит в состав Узбекской ССР.

Правительство Узбекской СРР согласно резолюции СНК СССР, проводит третью по счету земельно-водную реформу, которая должна была быть завершением проведения в жизнь принципов революции в области земельных отношений [5].

До проведения реформы было проведено выборочное обследование социально-экономического состояния кишлаков в девяти волостях Узбекистана. На территории Северного Таджикистана была обследована Исфаринская область Канибадамского района [12].

Анализ показал, что общая численность населения волости составляет 25.950 человек (35.988чел в 1917 г.), сокращение составляло 28% населения. Обследование показало, что, например, в кишлаке Шахрак 14,6% баев владели почти половиной всех посевов, 25,2% населения были безземельными. Бедняцкие хозяйства составляли половину всех хозяйств волости [5].

Накануне реформы в пользовании 32.783 хозяйств Ходжентского округа находилось 58.093 десятин земли. Почти 37% всех земель и вод владели 6% хозяйств, зато 85% хозяйств имели 44,9% земли, а 2,9% или 960 хозяйств были безземельными [3]. Такое же положение наблюдалось в других районах Таджикистана. Например, в Курган-тюбинском вилояте безземельные дехкане составляли 22,49%. В Кулябском вилояте – 12,28%, а в Гиссарском – 10,38%. От 19% - до 24% хозяйств в этих вилоятах не имели скот [11].

Чрезвычайная сессия ЦИКА УЗССР 2 декабря 1925 года издала декреты «О национализации земли и воды» и «О земельно – водной реформе», согласно которой «Все земли, воды и недра… образуют единый государственный земельно- водний фонд».

На территории нынешнего Таджикистана земельно-водная реформа была проведена только в тех районах, которые тогда входили непосредственно в состав Узбекской ССР – Аштском, Исфаринском, Канибадамском, Науском и Ходжентстком районах.

В Ходжентском уезде кроме земельно-водной комиссии уезда были созданы Унджинская, Костакозская, Гулякандозкая и Науская земельно-водные комиссии, которые были подотчетны Самаркандскому облисполкому. Канибадамская и Аштская районные земельные комиссии были созданы по решению Ферганского облисполкома 5 декабря 1925 года. Задачи этих комиссий было изложено в «Инструкции районным комиссиям по проведению земельной реформы в Самаркандской, Ферганской и Ташкентской областях», оь 12 декабря 1925 года.

В подготовке и проведение земельно-водной реформы активно участвовали многие видные государственные работники Ходжента, Канибадамского района, а также трудящиеся массы [6]. Реформу начали с разъяснения задач и сущности проводимых мероприятий. Во втором этапе было проведено конфискация земли и инвентаря феодальных хозяйств и передача земли дехканам. В Третьем этапе дехканам выдавали сельскохозяйственный инвентарь.

По Ферганской долине, в том числе Ходжентской округе, было установлено, что хозяйство должно владеть не более 40 десятин поливной земли, а по Самаркандской не более 50 десятин земли. В ходе проведения реформы указывалось, что не только необходимо наделить дехкан землей, но и рабочим инвентарем.

Несмотря на решение ЦИКа УЗССР и уставленной нормы одного хозяйства -40 десятин земли, норма оставляемой бывшим хозяевам и дехканам была различной. Норма наделения землей была различной в зависимости от наличия фонда земли и число нуждающихся в ней. В Канибадамском районе было установлено 6-7 десятин, в Ашт -8-9 десятин, а в Ходжентском районе 6-12 десятин.

Общая площадь конфискованных земель составило 4.2655,53 десятин земли. В результате проведенной реформы в Ходжентском округе 2942 хозяйства, получили 6067,2 десятин земли [5].

Земельно-водная реформа в основном было завершено к 10 февраля 1926 года. В 1928 го-

ду были проведены обследования мест, где была проведена реформа. И почти во всех районах были обнаружены хозяства нетрудового типа. Например, в кишлаке Самгар Ходжентского района Мирза Фатулло Шоди Мирзаев владел 25 десятинами земли, 6 быками и 2 лошадьми, а в кишлаке Кучкак Канибадамского района у богача Карабая был 61 танап земли. В результате до ликвидации байских хозяйств 3791 дехканское хозяйство получило 7631, десятин земли [6].

Как известно, 1924 году в результате национально – территориального размежевания была создана Таджикская Автономная Советская Социалистическая республика. Первый Всетаджикский съезд Советов в 1926 году принимает Декларацию «О национализации земли, воды, недр земли и лесов Тадж. АССР». Согласно Декларации право частной собственности отменялась и устанавливалось государственная собственность на земли о воду. Несмотря на то, что Декларацией воспроизводила многие правила и нормы законодательства СССР и УЗССР, принятые ранее по данным вопросам, а также того, что земельный вопрос решается в неразрывной связи с водопользованием, при анализе водно-правовых отношений на территории Тадж. АССР, установленные этой Декларацией, обращает внимание регулирование отношений отличающиеся от них [13]. Например, земли, находившиеся во владении нетрудовых хозяйств, если, обрабатывались, не подлежали изъятию и оставались в их пользовании [13].

Содержание и правовое значение декларации подробно исследовано Тахировым Ф.Т., который приходит к выводу о том, что различия в республики не только были существенными, но и что Декларации имела прав отменяющий характер [13]. Им Обращено внимание на целый ряд правил Декларации, которые отменяли норму ст.6 Конституции БНСР и ст. 25 Земельного кодекса Бухарской НСР разрешающий куплю-продажу земли и право свободного распоряжения всем живым и мертвым инвентарем [13].

На территории Тадж. АССР в связи с продолжением гражданской войны, а также началом периода коллективизации в сельском хозяйстве актуальность проведения земельно-водной реформы отпадает. Несмотря на это в рамках правовые акты, которые в той или иной мере решали задачи регулирования водных отношений в новое время.

Земельно-водная реформа подняло авторитет Советского государства. Несмотря на громадное значение данной реформы, она лишь создало «необходимые экономические и политические предпосылки для разрешения земельного вопроса, без чего невозможен быстрый рост дехканского хозяйства и укрепление социалистических элементов в нем» [4].

Таким образом, проведение земельно-водной реформы в Северных районах Таджикистана ставила и решила следующие задачи: -уничтожение феодальных отношений в селе, конфискация земли и инвентаря, наделение землею и инвентарем мало и безземельных дехкан, улучшения хозяйственного использования земельных площадей. Наряду с прямыми задачами и целями реформа решила крупную политическую задачу привлечение трудящихся на сторону советской власти, отказ от борьбы против новой власти, ликвидации эксплуатации человека человеком, основание социалистических отношений в аграрном секторе народного хозяйства.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аминова Г.Х. Аграрные преобразования в Узбекистане. – Ташкент: Наука, 1965. – С.90.

2. Аминова Р.Х. Аграрные преобразования в Узбекистане. – Ташкент: Наука, 1965. – С.199.

3. Антоненко Б.А. Октябрьская революция и борьба за разрешение агрорного вопроса в Таджикистане в 1917-1929гг// Труды АН ТаджССР. Т.80., 1957. - С. 92.

4. Земельно-водная реформа в Средней Азии. – Ташкент, 1926. – С.18.

5. Искандаров М. Земельно – водная реформа. 1926 г.- С.21.

6. Искандаров М. Из истории советского строительства в Таджикистане (1924-1929гг.). - Душанбе: Ирфон, 1976. - С.71.

7. Искандаров М.Указ. раб. – С.12.

8. Исмоилова Ш. Установление и укрепление Советской власти в Каратегине и Дарвазе. - Душанбе: Ирфон, 1977.

9. Масов Р. Историография социалистического сельского хозяйства в Таджикистане. – Душанбе, 1974. Искандаров М. Земельно – водная реформа в севере Таджикистане. Душанбе: Ирфон, 1968.; Также его же работа: Из истории советского строительства в Таджикистане (1924-1929гг.). - Душанбе: Ирфон 1976.

10. Очерки истории народного хозяйства Таджикистана. – Душанбе, - С. 92.
11. Салбиев Х. Осуществление ленинской теории некапиталистического пути развития в Таджикистане. - Душанбе, 1973. – С.50.
12. Современный кишлак Средний Азии Вып. VI. Исфаринская волость (Ферганская область Узбекистан ССР). - Ташкент, 1927. – с. 23.

Солихов М.А. - кандидат юридических наук, доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного праватаджикского государственного университета коммерции. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½. Телефон: +992 987 12 17 59 E-mail: solehov.m@mail.ru

Шарипов С.С.

ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

Шарипов С.С.

УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ОБМАНА ПОТРЕБИТЕЛЕЙ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Sharipov S.S.

CRIMINAL RESPONSIBILITY FOR CONSUMER FRAUD AT THE PRESENT STAGE

Дар мақолаи мазкур диққати асоси ба асосҳои иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ва инкишофи он дар замони муосир, яъне пас аз қабул шудани КҶ ҶТ соли 1998 дода шудааст. Муайян гардид, ки кам чен кардан, кам баркашидан, кам додани пул, зиёд кардани нархҳои муқарраркардашудаи чакана ё бо роҳи дигар фиреб додани харидорон ва фармоишгарон ҳангоми аз анбор ё мағоза баровардани мол аз тарафи шахсони мансабдор ё шахсони масъули молиявӣ бо мақсади рӯйпӯш кардани камомади маблағҳои моддӣ ё пулии дар натичаи дуздӣ ё хунукназарӣ ба амал омада, дуздии моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо роҳи сӯиистеъмол кардани вазифаи хизматӣ ё худ хунукназарӣ ва фиребгарии харидорон ва фармоишгарон ҳамчун фириби истеъмолкунандагон эътироф мегардид.

Калидвожаҳо: фиреб; истеъмолкунанда; ҷиноят; кирдор; кам баркашидан; кам чен кардан; мол; объект; ҷавобгарӣ.

В данной статье основное внимание уделено социальным основаниям установления уголовной ответственности за потребительское мошенничество и ее развитию в современное время, то есть после принятия УК РТ в 1998 году. Установлено, что обманом потребителя считалась обмеривание, обвешивание, обсчет, повышение фиксированных розничных цен или иной обман покупателей и заказчиков при изъятии товаров со склада или магазина должностными или финансовыми служащими в целях покрытия недостачи денежных средств, хищение государственных или общественных имущество путем злоупотребления служебным положением либо по неосторожности и обману покупателей и заказчиков.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Ключевые слова: обман; потребитель; преступление; действие недостаточный вес; меньше мерить; товары; объект; подотчетность

This article focuses on the social grounds for establishing criminal liability for consumer fraud and its development in modern times, that is, after the adoption of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan in 1998. It was established that consumer fraud was considered to be measuring, weighing, calculating, raising fixed retail prices or other fraud of buyers and customers when goods were withdrawn from a warehouse or store by officials or financial employees in order to cover the shortage of funds, theft of state or public property by abuse of official position or by negligence and deception of buyers and customers.

Key words: deceit; consumer; the crime; action underweight; measure less; goods; an object; accountability

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир - таъмини аҳолӣ бо неъматҳои (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғайра) ҳаётии босифат ғайриимкон аст. Ҳалли амалии он самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян мекунад, балки бевосита

барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам меорад ва ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмӯъ кафолат дода мешавад.

Соҳаи истеъмоли мол ва хизматрасонӣ яке аз муҳимтарин дар сохтори тамоми фаъолияти иқтисодӣ ба шумор меравад, зеро комилан ҳар як шаҳрванд дар тӯли умри худ ба сифати истеъмолкунанда амал мекунад ва зарурати мантиқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ бавуҷуд меояд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳадафи ин таҳқиқот кӯшиши фаҳмидани самаранокии механизми ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои истеъмолкунандагон ва дурнамои мукаммалнамоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон мебошад. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон як соҳаи гардиши моликият буда, барои кишваре, ки дар он муносибатҳои мутамаддини бозор ташаккул меёбанд, аҳамияти бузург дорад. Тағйироти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар охири солҳои 80 - ум ва ибтидои солҳои 90 - ум оғоз шуда буд, бори аввал ба яке аз калонтарин гурӯҳҳои муносибатҳое, ки дар бозори мол ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, таъсир расонд, яъне муносибатҳо бо иштироки истеъмолкунандагон. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати фаврии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳифзи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро ба миён овард.

Дар баробари ин, Асосгузолри сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 такид намуданд, ки «… хотирнишон месозам, ки бозори дохилӣ барои пешбурди соҳибкорӣ ва сармоягузории мустақим бояд ҷалбкунанда бошад ва дар он истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи молу маҳсулот озодона фаъолият намуда, ба ҳар гуна монеаҳои сунъиву бюрократӣ ва фишори назорату тафтишоти маъмурӣ дучор нагарданд»[1].

Заминаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Бахусус Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон”, аз 9 декабри соли 2004, №72 дар таҳрири нав қабул гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунанда ва фурӯшандагонро дар мавриди хариди молу маҳсулот ва фармоиши кору хизматрасонӣ ба танзим медарорад. Проблемаи муқовимат вобаста ба нақзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, сарфи назар аз ислоҳоте, ки қонунгузор дар солҳои охир гузаронидааст, имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами рӯз боқӣ мемонад. Сатҳи пасти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон дар якҷоягӣ бо қонунвайронкуниҳои сершумори ин соҳа ҷустуҷӯи роҳҳои бештар конструктивии ҳалли мушкилоти мавҷударо тақозо менамояд, ки асоси онҳо таҳияи механизми самарабахши ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне мебошад, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро поймол мекунанд ва барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо бояд ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар байни ҳама навъҳои муқовимат ба вайронкунии онҳо маҳз ҳифзи қонуни ҷиноятӣ самараноктар аст.

Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон некӯаҳволӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагонро тавассути таълим, сафарбаркунӣ ва намояндагӣ муҳофизат мекунад. Ҳимояи истеъмолкунандагон кафолат медиҳад, ки истеъмолкунандагон дар бораи интихоби худ қарорҳои хуб қабул кунанд ва ба механизмҳои муассири ҷуброн дастрасӣ дошта бошанд. Он инчунин соҳибкоронро ташвиқ мекунад, ки сифати маҳсулот ва хидматҳои пешниҳодшударо кафолат диҳанд. Барои доштани низоми функсионалии ҳифзи истеъмолкунандагон, ҳукумат, тиҷорат ва истеъмолкунандагон бояд якҷоя кор кунанд. Ҳукумат бояд сиёсатҳо, қонунҳо ва қоидаҳои мувофиқро ҷорӣ кунад, то истеъмолкунандагонро аз амалҳои зараровари тиҷорат муҳофизат кунанд. Дар байни муассисахои дахлдоре, ки барои татбиқи ҳуқуқи истеъмолкунандагон масъуланд, инчунин алоқа ва координацияи самарабахш ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, соҳибкорон бояд аз амалҳои қаллобӣ ё беинсофона, ки истеъмолкунандагонро гумроҳ мекунанд ё таъсири манфӣ мерасонанд, худдорӣ кунанд. Истеъмолкунандагон, дар навбати худ, бояд дар бораи ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд ва тавонанд онро фаъолона ҳимоя кунанд. Чамъиятхои матлубот дар бобати баланд бардоштани шуурнокй ва дастраси умум гардондани истеъмолкунандагон нақши калон мебозанд.

Динамика ва сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама бо ислоҳоти низоми иқтисодӣ, аз нав дида баромадани принсипҳои танзими давлатии ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, тағирёбии хусусияти муносибатҳои гуногуни субъектҳои соҳибкорӣ ба монанди - истеҳсолкунандагон, дистрибюторҳо ва истеъмолкунандагон алоқаманд карда шавад. Ба дараҷаи муайян, ин равандҳои бозсозӣ ба муносибатҳое, ки вобаста ба фаъолияти низоми бонкӣ, соҳаи фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд омадаанд, таъсир расонд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ рӯ ба болоравӣ дорад.

Масалан, дар соли 2014 – 2891, соли 2015 – 3060, соли 2016 – 2797, соли 2017 – 3521, соли 2018 – 3547 ва соли 2019 – 3572 ҷинояти иқтисодӣ содир карда шудааст. Дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ содиршавии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон низ назаррас мебошад. Масалан, дар соли 2000 - 203; 2001 - 197; 2002 - 120; 2007 - 123; 2010 - 160; 2011 - 270; 2012 - 281; 2013 - 248; 2014 – 444; 2015 – 223; 2016 – 236; 2017 – 225; 2018 – 227 ва 2019 – 195[4], яъне танҳо дар чордаҳ сол 3152 ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон содир карда шудааст, ки ин нишондиҳанда ташвишовар мебошад.

Ҳамзамон, ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар бештар маврид хусусияти латентиро ба худ касб намудааас, инчунин бо сабаби камаҳамияти буданаш (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ) истеъмолкунандагон кӯшиш баҳри ҳифз намудани ҳуқуқҳои худро ҳаракат намекунанд.

Механизми ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии истеъмолкунандагон, аз ҷумла Камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон ба мукамалгардӣ ниёз дорад, ки бояд махсус ҳангоми таҳияи таҳрири нави КҶ ҶТ ва такмили қонунгузорӣ ба назар гирифта шаванд.

Давраи сеюми рушд ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон бо Истиқлолияти давлатии ҶТ ва қабули КҶ Нави ҶТ соли 1998 алоқаманд мебошад. Ин давра бо пошхӯрии Империяи Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон алоқаманд аст. Пошхӯриии Империяи Шӯравӣ дар охири асри гузашта, на танҳо ба парокандагии давлати абарқудрат, балки ба вайрон гардидани як системаи мукаммали бехатарӣ дар шашяки масохати сайёра овард. Дар заминаи аз байн рафтани Иттифоқи Шӯравӣ, кишварҳои соҳибистиқлолу мустақил пайдо шуданд, ки онҳо ба ивази системаи мукаммали қонунгузорӣ ба тағийроти ҷиддӣ, рӯҳафтодагии ҳуқуқӣ, зиддиятҳои сиёсӣ ва талоши ҳокимият гирифтор гардиданд.

Фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби Тоҷикистон гузариши ҷумҳуриро ба шаклҳои бозории хоҷагидорӣ, таҳкими конститутсионии моликияти хусусӣ ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ, густариши рақобат ва густариши савдои хориҷӣ, ки ба ҳаёти ҷамъияти тоҷик таъсири куллӣ расонд. Воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле зуд тағйир ёфт ва таърихи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз гардид[5].

Танзими муносибатҳои иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлат буда, онро бо роҳҳои гуногун ба амал бароварда, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳифз менамояд. Яке аз воситаҳои ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ аз ҷониби давлат тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Вобаста ба ин, дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон фасли XI ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт бахшида шудааст, ки он аз ду боб, яъне боби 26 ҷиноятҳо ба муқоболи моликият ва боби 27 ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ – ин маҷмӯи ҷиноятҳои дар боби 27 ва дигар бобҳои КҶ пешбинигардида мебошад, ки ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти иқтисодӣ таҷовуз мекунанд. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҳама боби калонтарин дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки аз 39 моддаи мустақил иборат аст. Ҳар як моддаҳои ин боб дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ва тарафи объективии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд[3].

Фиреби истеъмолкунандагон ҷинояти иқтисодии классикӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарӣ барои он дар ҷаҳони мусулмонӣ ҳама вақт ҷой дошт. Муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ҳангоми хариду фурӯши мол (хизматрасонӣ), ҳуқуқи истеъмолкунандагон оид ба харидани моли (хизматрасонии) дорои сифати муносиб, гирифтани маълумот оид ба мол (хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, № 72 муқаррар ва ба танзим дароварда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим дароварда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян мекунад.

Мутаассифона, дар замони имрӯза дар бозору нуқтаҳои савдо, умуман, марказҳои хариду фурӯш байни фурӯшандагону харидорон нофаҳмиҳои зиёд рух медиҳанд. Фурӯшандагон барои фурӯхтани моли санаи истеъмолаш ба қарибӣ мегузашта ва ё аллакай гузашта ба тариқи арзонкунии махсус мехоҳанд, молашонро бо нархи арзон фурӯшанд. Харидор бошад, аз арзонии мол хурсанд шуда, ба санаи истеҳсолу муҳлати истеъмолаш нигоҳ накарда, молро мехарад ва дар аксар маврид баъди фаҳмидан худро фиребхӯрда меҳисобад. Бинобар ин, бояд ҳар нафар пеш аз харидани мол ба сифат ва муҳлати истеъмолаш диққати махсус диҳад ва аз дастрас намудани ин қабил маҳсулот худдорӣ намоянд. Бисёр мехостам, ки ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор аз мавҷудияти қонуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бохабар бошанду тибқи он амал намоянд. Фурӯшандагон низ ҳуқуқҳои харидорро хуб донанд, зеро онҳо дар як вақт харидор ҳам ҳастанд. Бисёр вақт оид ба ин масъала нофаҳмӣ ҷой дорад. Аксар фурӯшандагон худро аз ҳуқуқи истеъмолкунандагон бехабар вонамуд карда, шикояти харидорро ба инобат намегиранд. Онҳо, албатта, бо ин амал ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд, балки поймол мекунанд. Агар фурӯшанда ҳуқуқи харидорро эътироф кунад, бозори истеъмолиро бо маҳсулоти босифату арзон ва мувофиқ ба талаботи истеъмолгар таъмин намояд, он вақт нофаҳмӣ ва бозпасгардонии мол низ кам хоҳад шуд.

Профессор Сафарзода А.И. дуруст қайд менамояд, ки м. 294-и КҶ ҶТ воситаи ҳифзи як намуди махсуси муносибатҳо, яъне муносибатҳои истеъмолӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии байни истеъмолкунандагон ва соҳибкорон – истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон (инчунин миёнаравҳо) дар раванди амалигардии ҳуқуқ ва манфиатҳои ва манфиатҳои қонунии (хактери истеъмолидошта) ҳамчун корхонаҳо ва истеъмолкунандагон тавассути ба амал баровардани фаъолияти тиҷоратӣ (фурӯши мол, хизматрасонӣ), аз як тараф ва амалисозии функсияи истеъмолӣ, аз тарафи дигар бавучуд меояд. Дар асоси ин, хулоса баровардан мумкин аст, ки хавфи ҷамъиятии фиреби истеъмолкунандагон аз вайрон кардани тартиби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ, инчунин расонидани зарар ба истеъмолкунандагоне иборат аст, ки хизматрасонӣ ё молро танҳо барои манфиатҳои шахсӣ истифода мебаранд, ки бо гирифтани фоида алоқаманд нестанд[4].

Моҳияти ҷамъиятии ҳар гуна ҷиноят дар хавфи ҷамъиятии он зоҳир мегардад, яъне ки ин ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад. Бо назардошти он, ки моддаи 194 дар боби 27-и КҶ ҶТ омадааст, метавон гуфт, ки ҷиноят ба гуруҳи ҷиноятҳои иқтисодӣ шомил мебошад.

Ҷиноятқории иқтисодиро тавсиф карда, В.В. Лунеев чунин менависад: «Бо тамоми равишҳои гуногуне, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ мавҷуданд, моҳияти ҷиноятқории иқтисодӣ дар мамлакатҳои иқтисоди бозаргонӣ ҷиноятҳое мебошанд, ки корпоратсияҳо ба муқобили иқтисодиёти давлатӣ, ба муқобили дигар корпоратсияҳо, коркунони корпорацияҳо ба мукобили худи корпоратсия ё корпоратсияҳо бар зидди истеъмолкунандагон содир мекунанд"[2]. Чунин ба назар мерасад, ки ба сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳамчунин бояд ҷиноятҳое, ки кормандони корпоратсияҳо нисбат ба истеъмолкунандагон содир мекунанд, дохил карда шаванд. Зарурати ин тавзеҳот бо он шарҳ дода мешавад, ки кормандони корпоратсияҳо аксар вақт бар хилофи манфиатҳои ин корпоратсия аз мавқеи хизматии худ бо роҳи фиреб додани мизоҷони корпоратсия барои ғанӣ гардонидани манфиатҳои шахсӣ истифода мебаранд.

Барои равшан кардани моҳияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии фиреби истеъмолкунандагон хусусиятҳои асосии фарқкунандаи онро муайян кардан лозим аст. Ин ҷиноят пеш аз ҳама дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фурӯши мол, ба истеъмолкунандагон хизмат расонидан содир мешавад. Қ. 3 м. 1-и КГҶТ фаъолияти соҳибкориро ҳамчун фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар кардаи қонун ба қайд гирифта шудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст, эътироф намудааст. Аз ин мафҳум чунин бармеояд, ки соҳибкорӣ танҳо фаъолияти қонунӣ мебошад ва ба гирифтани мунтазами фоида аз ҷониби шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифта шудааст, равона карда мешавад. Фиреби истеъмолкунандагон низ хусусияти мунтазамиро дорад. Тасодуфӣ нест, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин ҷиноятро бештар ҳангоми хариди назоратӣ (санчиши) муайян мекунанд, ки дар аксари мавридҳо фиреби мунтазами истеъмолкунандагонро тасдиқ мекунанд. Маҳз бо фиреби мунтазами истеъмолкунандагон судҳо ба хулосае омаданд, ки ҷинояткор қасди содир кардани ин ҷиноятро пешакӣ доштааст. Бо содир намудани кирдорҳои фиребгарона (қаллобона) ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ҷинояткорон кӯшиш мекунанд, ки мунтазам ба ҳар як шумораи номаҳдуди истеъмолкунандагон зарари нисбатан

начандон вазнин расонида, фоидаи ғайриқонунӣ ба даст оранд.

Ин ҳолатро ҳамчун хусусияти ба ҷамъият хавнокии ин кирдор эътироф намуда, А.И. Мещерин чунин менависад “ба ҷамъият хавнокии тақаллуб дар шакли фиреби истеъмолкунандагон на танҳо дар ҳаҷми зарар, балки дар худи факти дидаю дониста содир кардани кирдорҳои қаллобӣ (фиребгарӣ), ки кирдори ҷиноятӣ хусусияти низомнокиро дорад, ифода мегардад [3].

Бояд қайд намуд, ки нақши давлат дар ташаккули иқтисоди бозаргонӣ назаррас буда, тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои рафтори озоди иқтисодӣ, фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагиро муайян ва танзим менамояд ва ин меъёрҳо ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти иқтисодӣ баробар ва якхела татбиқ мегарданд. Дар умум давлат ҳимояи ҳама гуна муносибатҳои бозаргонӣ, аз ҷумла иштирокчиёни ин муносибатҳоро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ба зиммаи худ мегирад.

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир - таъмини аҳолӣ бо неъматҳои (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғайра) ҳаётии босифат ғайриимкон аст. Ҳалли амалии он самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян мекунад, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам меорад ва ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмӯъ кафолат дода мешавад.

Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) дар моддаи 294 ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон муқаррар намудааст. Мувофиқи он фиреби истеъмолкунандагон ин камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ба миқдори назаррас содир шуда бошанд, фаҳмида мешавад.

АДАБИЁТ

1. Аз Паём то Паём. Мураттибон Шарипов М.Р., Тураев Қ.А., Зоиров С.М. Душанбе, 2022. С. 377

2. Лунеев В.В. Преступность XX века. Мировые, региональные и российские тенденции. - М.: НОРМА. 1999. - С.256.

3. Мещерин А.И. Криминологическая характеристика и профилактика органами внутренних дел мошенничества в виде обмана потребителей. Дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2005. - С.53.

4. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Дис. ... док-ра юрид. наук. - Душанбе, 2019. - С. 277.

5. Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. - Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 5-6.

Шарипов Самандар Самариддинович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони рӯдакӣ 17. E-mail: samandar@gmail.com Телефон: +992904 34 60 00

Раджабов А. С. **ЛИЧНОСТЬ ТЕРРОРИСТА**

Рачабов А. С. **ШАХСИЯТИ ТЕРРОРИСТ**

Radjabov A. S. **PERSONAL TERRORIST**

В данной статье рассматриваются некоторые вопросы, связанные с личностью террориста.
Ключевые слова: личность, террорист, преступник, терроризм, террористический акт, террористическая деятельность, мотивация, криминология, законодательства.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳо оид ба шахсияти террорист мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.
Вожаҳои калидӣ: Шахсият, террорист, ҷинояткор, терроризм, амали террористӣ, фаъолияти террористӣ, ангеза, криминология, қонунгузорӣ.

This article discusses some issues related to the personality of a terrorist.
Key words: personality, terrorist, criminal, terrorism, terrorist act, terrorist activity, motivation, criminology, legislation.

Личность террориста – это совокупность личных профессиональных, возрастных, психологических и иных качеств, характеризующих лицо, участвующее в той или иной форме в террористической деятельности, знание которых позволяет сотруднику специальных служб и правоохранительных органов моделировать его поведение, предотвращая совершение им акций терроризма, осуществляет мероприятия по его обнаружению и обезвреживанию. Ни один криминолог, какую бы научную школу он ни представлял, не может обойти проблемы, связанной с человеком, совершающим преступления [1].

Личность – это «социальное лицо человека», то, кем он стал в процессе социального развития, формирования и деятельности в обществе. Таким образом, при употреблении понятия «личность преступника» следует иметь в виду именно социальные характеристики человека, совершившего преступление[1].

Повышенная опасность преступлений террористической направленности обусловливает необходимость пристального изучения психолого – криминологических особенностей личности террориста. Не зная их, нельзя понять причины совершения ими преступления, без чего, в свою очередь, невозможно вести речь о предупреждении рецидива преступлений, результативном воздействии на них. Психолого-криминологическое изучение личности террориста позволяет определить его качественные отличия от других преступников, а также их отдельных категорий – убийц, грабителей и т.д.

Вскрыть причины преступлений против общественной безопасности невозможно, не касаясь личности террориста. Личность – вторая сторона во взаимодействии со средой, и в ней коренятся субъективные причины, приведшие к совершению преступлений рассматриваемого вида. Именно поэтому в криминологических исследованиях уделяется большое внимание личности террориста.

На основании анализа различных подходов к проблеме «личности» дать одно определение невозможно. Так как изучение личности в целом не является объектом данного исследования, автор ограничился выделением той характеристики, на основе которой можно провести анализ структуры личности – такой, как личность преступника.

По данному вопросу некоторые ученные, в частности И.А. Кудрявцев и Н.А. Ратинова, справедливо замечают, что «подходы к изучению личности преступника, к тому, что является личностью преступника, какие свойства входят в объем этого понятия, в отечественной криминологии и юридической психологии крайне разнообразны»[2].

Личность террориста всегда привлекала к себе внимание исследователей. Считалось, что стоит изучить это сложно организованное целое, как все станет понятным в психологии террориста

и проблема борьбы с ними получит надежную научную базу. Однако именно это оказалось самой сложной задачей, над решением которой до сих пор бьются террологи. Члены террористических групп рекрутируются из всех слоев общества и профессий, представляют самые разнообразные культуры и национальности, придерживаются различных религиозных и идеологических убеждений[3].

В структуре личности преступника выделяют несколько подсистем (компонентов, признаков)[4].

В рамках настоящей работы целесообразно проанализировать социально-демографические, социально-ролевые, правовые и нравственно-психологические подсистемы структуры личности лиц, совершивших акты терроризма.

Социально-демографическое описание личности начинается с таких основных позиций, как пол и возраст. Согласно статистическим данным ГИАЦ МВД Республики Таджикистан подавляющее большинство лиц, совершивших преступления (акт терроризма), мужчины.

Такое положение объясняется социальными ролями мужчин и женщин, психофизическими особенностями полов, а также тем, что подобные преступления часто совершаются с помощью определенных технических устройств (оружия, взрывных устройств и т.д.), использование которых не свойственно женщинам. Большинство специалистов отмечают, что явная психопатология среди террористов достаточно редкая вещь. Доля лиц, совершивших акты терроризма в состоянии невменяемости, незначительна. В состоянии алкогольного опьянения акты терроризма совершается редко. К сожалению, официальная статистика не содержит конкретных сведений о совершении рассматриваемого преступления в состоянии наркотического опьянения. Отдельные авторы пытаются выделить ряд характеристик, составляющих обобщенный психологический профиль личности террориста. Полученные в исследованиях данные позволяют представить индивидуально-личностные качества, характеризующие личность террориста: агрессивное, депрессивное состояние, чувство вины, недостаток мужественности, эгоцент-ризм, потребность в риске, поиск сильных ощущений.

В практике были предложены 3 модели личности террориста:

1) террорист по идеологическим, политическим и религиозным убеждениям. Террорист такого типа считает, что его действия полезны для общества и что любые жертвы для достижения справедливых целей оправданы. Сфера сознания таких людей крайне сужена идеологическими, религиозными мотивами. Поэтому он способен совершить все, что угодно. В политической терминологии он является фанатиком и идейными сторонниками своего мировоззрения либо психопатом;

2) террорист – это просто крайне агрессивный человек по своим личностным особенностям, а его участие в террористической деятельности – один из вариантов проявления природной агрессивности;

3) террорист – это психопатологический или социально патологический тип развития личности (трудное детство, жестокое обращение в семье). Такие люди могут стать объектом интереса террористических организаций.

Для оценки личности преступника также имеют значение мотивы, которые движут террористами. Как показывает историческая практика, террористические акты осуществляются совершено разными людьми с широким спектром убеждений и целей, а порой и при их отсутствии. Поэтому не вполне оправданно переносить психологические мотивации одной категории террористов на объяснение всего многообразия их разновидностей. Действительно, имеющиеся примеры психологического анализа терроризма изобилуют объяснениями, которые игнорируют или затемняют многообразие и комплексность проблемы.

Таким образом, на основании вышеуказанного можно отметить следующие основные мотивы совершения актов терроризма:

1) обида на всех, ненависть ко всем, месть;

2) религиозная, национальная ненависть или вражда;

3) политические мотивы;

4) корыстные мотивы, то есть желание получить определенные материальные выгоды для себя или других лиц, а равно избавиться от материальных затрат.

По нашему мнению, необходимо выделять три типа лиц, совершивших акты терроризма:

1) лица с психическими аномалиями. Чаще всего они совершают акты терроризма в одиночку, руководствуясь только им понятными мотивами мести, жажды разрушения или, наоборот, спасения мира;

2) лица криминального типа, которые, совершая рассматриваемое преступление, стремятся удовлетворить свои личные, материальные, политические или иные интересы, амбиции. Как правило, такие преступники действуют группой по предварительному сговору;

3) члены террористических групп, террористических организаций, преследующие определенные политические, национальные, религиозные цели. Не последнее место в их мотивации занимает корысть, так как за совершение актов терроризма большинство из них получает материальное или иное вознаграждение. Это так называемые наемники.

Все вышесказанное позволяет сделать следующие выводы:

1) число зарегистрированных актов терроризма невелико, отсутствует какая-либо устойчивая тенденция изменения терроризма во времени;

2) наблюдается постоянный рост количества преступлений террористического характера.

3) возросла направленность преимущественно на лишение жизни людей, повышенная жестокость, тщательное планирование актов терроризма, высокий уровень конспиративности террористических организаций, хорошая информационная обеспеченность, материальная и техническая оснащенность;

4) участились угрозы использования террористами ядовитых веществ, биологических агентов или токсинов, ядерных материалов, радиоактивных веществ и источников радиоактивного излучения, сращивание с организованной преступностью и др.;

5) совершают акты терроризма, как правило, мужчины в составе группы, но как показывает судебно – следственная практика в РТ террористы в своих целях используют своих женщин и детей.;

6) невелика доля лиц, совершивших акты терроризма в состоянии невменяемости.

На основании изложенного можно сделать выводы о том, что террористы сегодня – это уже не столько фанатики – революционеры, боевики одиночки, угонщики самолётов и убийцы-камикадзе. Современные террористы – это представители, члены мощных структур с соответствующим оснащением и финансово-экономическими возможностями[5].

ЛИТЕРАТУРА

1. Долгова А.И. Криминология / Учебник. 3-е издание переработанное и дополненное. - М.: Издательство НОРМА, 2008. - С. 330.

2. Кудрявцев И.А., Ратинова Н.А. Криминальная агрессия (экспертная типология и судебно-психологическая оценка) - М.: Издательство Московского университета, 2000. - С. 66

3. Горбунов К.Г. Терроризм: история и современность. - М., 2012. - С.199

4. Четвериков В.С. Криминология. Учебное пособие. - М.: ИНФРА-М-НОРМА, 1996. - С.66; Криминология /Под ред. Н.Ф.Кузнецовой, Г.М. Миньковского - М., 1994. С. 95

5. Устинов В.В. Обвиняется терроризм. - М., 2002. - С.57

Раджабов Абдулмаджит Самадович, прикрипленный к Академии МВД РТ, сотрудник ГКНБ РТ, полковник юстиции, 734018, РТ, г.Душанбе, ул.Н.Карабаева, 54/2,тел: (+992) 919-24-27-10; E-mail:amadjit64@mail.ru

Ҳамидова З.Ҳ.

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОПЕРАТОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ АЛОҚАИ БАРҚӢ

Хамидова З.Х.

ПРАВОВОЙ СТАТУС ОПЕРАТОРА УСЛУГ ЭЛЕКТРОСВЯЗИ

Hamidova Z.H.

LEGAL STATUS OF A TELECOMMUNICATION SERVICE OPERATOR

Дар мақолаи мазкур вазъи ҳуқуқии оператори хизматрасонии алоқаи барқӣ муайян гардидааст. Муаллиф ҳуқуқу уҳдадориҳои оператори хизматрасонии алоқаи барқиро ба таври муфассал баррасӣ кардааст.
Калидвожаҳо: оператори хизматрасонии алоқаи барқӣ, провайдерҳо, шахси ҳуқуқӣ, сирри гуфтугӯи телефонӣ, қонунгузор.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье определяется правовой статус оператора услуг электросвязи. Автор подробно рассмотрел права и обязанности оператора услуг электросвязи.
Ключевые слова: оператор услуг электронной связи, провайдеры, юридическое лицо, тайна телефонного разговора, законодатель.

This article defines the legal status of an operator of telecommunication services. The author examined in detail the rights and obligations of the operator of telecommunication services.
Keywords: operator of electronic communications services, providers, legal entity, secrecy of a telephone conversation, legislator.

Мунтазам мукаммал гардидан ва тағйири технология, зиёд гаштани ҳаҷми хизматрасониҳои иловагӣ, сатҳи баланди рақобат дар бозори алоқаи барқӣ зарурияти ҷой доштани нуктаи назари комплексиро ба ҷараёни танзими муносибатҳо дар ин бозор ба миён меорад.

Иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонии алоқаи барқӣ оператор ва провайдери алоқа ба ҳисоб мераванд.

Тибқи моддаи 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи алоқаи барқӣ” оператори шабакаи алоқаи барқӣ - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки соҳиби шабакаи алоқаи барқӣ буда, кору амал, рушди онро таъмин менамояд ва хизмати алоқаи барқиро ба ҷо меорад. Провайдери хизмати алоқаи барқӣ бошад, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки дар асосҳои тиҷоратӣ ба воситаи шабакаи операторон ба истифодабарандагон хизмати алоқаи барқӣ мерасонад [2].

Соҳибҳуқуқии оператор аз фаъолияти оинномавӣ, мақсад ва вазифаҳояш бармеояд. Ин соҳибҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии он ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба вуҷуд меояд. Муҳимаш он аст, ки оператор бояд захираи рақамгузорӣ ё суръати махсус дошта бошад. Қобилияти амали оператори алоқа аз он иборат аст, ки вай ҳуқуқ дорад қисме аз ҳуқуқу вазифаҳои худро ба оператори дигар вогузор намояд [3].

Қонунгузор ба оператор ва провайдери алоқа чунин ҳуқуқҳоро додааст:

- дар сурати аз ҷониби истифодабарандагон вайрон кардани қоидаҳои муқарраргардидаи истифодаи алоқаи барқӣ хизматрасониро ба онҳо боздоранд;
- ҷуброни зарареро, ки бо айби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ рӯӣ медиҳад, талаб кунанд;
- нисбат ба амали ғайриқонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузорӣ арз кунанд.

Операторон ва провайдерон мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқҳои дигарро низ дошта метавонанд (м. 18 Қонун дар бораи алоқаи барқӣ).

Ба ин шахсон қонун дар бораи алоқаи барқӣ чунин вазифаҳоро вогузор намудааст:

- ба истифодабарандагон хизмат расонанд;

- ба амал баровардани фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ мувофиқи шартҳои иҷозатнома ва қоидаҳои муқарраршуда;

- мутобиқи стандартҳо, қоидаву меъёрҳои муқарраргардида сифати хизмати расонидашавандаро таъмин намоянд;

– ба падару модар маълумотро дар бораи истифодаи хизмати алоқаи барқӣ аз ҷониби фарзандон ройгон пешниҳод кунанд (ҚҶТ аз 15.03.2016 с., №1301);

- шартномаро бевосита бо худи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шахсони воқеӣ ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ банданд; (ҚҶТ аз 28.12.13с., №1047)

– тибқи Тартиб ва талаботи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавбақайдгирии симкортҳои истифодабарандагонро гузаронанд;(ҚҶТ аз 25.12.15с., №1271)

- сирри гуфтугуҳои телефонӣ, телеграфӣ ва дигар ,маълумотеро, ки тариқ шабакоти алоқаи барқӣ интиқол мегарданд, риоя кунанд;

- ба истифодабарандагон сари вақт ахбороти муфассал доир ба шароиту тартиби расонидани хизмати алоқаи барқӣ, аз ҷумла тағйирёбии тарифҳо ба хизмати алоқаи барқӣ пешниҳод намоянд;

- пардохтани товони зарари расонидашударо ба истифодабарандагон мувофиқи қонунгузорӣ бинобар иҷро накардан ва ё бо сифати номувофиқ иҷро намудани шартномаҳои расонидани хизмати алоқаи барқӣ, инчунин нарасонидан ва ё бо сифати номувофиқ расонидани хизмат пардозанд.

Аз баррасии ҳуқуқу вазифаҳои операторҳо ва провайдерҳо бармеояд, ки феҳристи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, ки дар қонуни алоқаи барқӣ оварда шудааст, ниҳоӣ ва комил намебошад ва мумкин аст, ки онҳо дигар ҳуқуқу вазифаҳо дошта бошанд, ки аз қонун бароянд.

Масалан, ба сифати ҳуқуқҳои оператор ва провайдерони алоқаи барқӣ, ки дар феҳристи ҳуқуқҳои онҳо нестанд, метавонанд инҳо баромад кунанд:

а) ҳуқуқ ба бастани шартнома оид ба расонидани хизмати алоқа;

б) ҳуқуқ ба пайвасткунии шабакаи шуд ба шабакаи истифодаи умумӣ (дар асоси шартнома);

в) ҳуқуқ ба иштирок дар музояда ё озмун барои гирифтани иҷозатнома ва ғайра.

Ба сифати вазифаҳои оператор ва провайдерони алоқаи барқӣ, ки дар феҳристи вазифаҳои онҳо нестанд, метавонанд инҳо баромад кунанд:

а) вазифаи ба мақомоти давлатӣ пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ, пешкаш намудани иттилоот оид ба ҳолати техникӣ, оид ба шартҳои хизматрасонӣ;

б) вазифаи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи муқаррароти қонун пешниҳод намудани маълумот оид ба ном ва ҷои истиқомати муштарӣ, вақт ва давомияти суҳбат.

в) операторҳои алоқа ки хизматро оид ба пешкаш намудани дастрасӣ ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии Интернет мерасонанд, вазифадор ҳастанд, ки дастрасиро ба ин иттилоот дар асоси қонун маҳдуд ё барқарор намоянд.

Қонуни ҶТ “Дар бораи алоқаи барқӣ”-ро ба асос гирифта мумкин аст чунин намудҳои операторҳои алоқаро тафриқа созем: операторҳои алоқа, ки дар шабакоти алоқаи истифодаи умумӣ мақоми бартарӣ доранд (минбаъд оператори мақоми бартарӣ дошта) ва операторҳое, ки дар шабакоти алоқаи истифодаи умумӣ мақоми бартарӣ надоранд (операторҳои одӣ). Фарқият байни онҳо чунин аст: оператори муҳим мустақил аст ё бо шахсони ба ӯ ҳамроҳшуда дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ рақамгузорӣ дорад ё дар тамоми қаламрави ҶТ на камтар аз 25% зарфияти монтажшаванда дорад ё имконияти амалӣ намудани гузариши на камтар аз 25% трафикаро дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳама мамлакатҳо ширкатҳои гуногун мақоми оператори муҳимро соҳиб мегарданд, аммо ҳамчун қоида онҳо операторҳои бузурги алоқа ҳастанд. Феҳристи операторҳо, ки мақоми муҳимро дар шабакаи алоқаи истифодаи умумӣ ишғол мекунанд, аз тарафи мақомоти танзимкунандаи алоқаи барқӣ тартиб дода мешавад ва дар сомонаи расмии он ҷой дода мешавад.

Мафҳумҳои “оператори муҳим” ва “оператори одӣ”-ро ба инобат гирифта, муносибатҳои байниоператориро ба ду гуруҳ тақсим намудан мумкин аст: гуруҳи аввалро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо яке аз тарафҳо (ё ҳар ду тарафҳо) оператори муҳим аст; гуруҳи дуюмро ҳамкории операторон ташкил медиҳанд, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо оператори муҳим нестанд.

Чунин фарқиятгузорӣ муҳим аст, чунки нисбати оператори муҳим як қатор меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба алоқаи барқӣ татбиқ шуда, онҳо ба таври ҷиддӣ ҳамкорӣ намудани ин гуна операторонро бо операторҳо-контрагентҳо муқаррар мекунанд (зарурияти пайваст намудани ҳамаи операторҳо, ки оид ба пайвастшавӣ ба алоқа дархост фиристодаанд, муҳлати имзои шартномаи байниоператорӣ, тарификатсияи хизматрасонӣ ва ғайра). Нисбати дигар операторҳо чунин маҳдудияти амал намекунад ва принсипи озодии шартнома амал мекунад.

Гуруҳи аввали муносибатҳои ҳуқуқиро бо иштироки оператори муҳим баррасӣ мекунем. Инҷо татбиқи меъёр оид ба шартномаи оммавӣ муҳим аст. Тибқи қ. 1 моддаи 458 КГ ҶТ "Шартномаи оммавӣ шартномае мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ баста шуда, дар он ӯҳдадории ташкилот дар мавриди фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки чунин ташкилот мувофиқи хусусиятҳои фаъолияташ бояд нисбати ҳар мурочиаткунанда анҷом диҳад (савдои чакана, мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум, хизматрасонии алоқа, таъминоти барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва ғайра) муайян гардидааст" [1]. Новобаста аз он ки дар Қонуни ҶТ "Дар бораи алоқаи барқӣ" бобати ба шартномаи оммавӣ мансуб будани хизматрасонии алоқаи барқӣ, ки аз тарафи оператори дорои мақоми бартарӣ пешкаш мегардад, чизе гуфта нашудааст, ин нуқсонро қ. 1 моддаи 458 рӯйпӯш намудааст. Дар шартнома оид ба пайвасти шабакаҳо, ки шартҳои хишматрасонии пайвастшавиро муайян мекунад, ҳамчунин уҳдадориҳои ба онҳо вобаста оиди ҳамкории шабакаҳои алоқаи барқӣ ва гузариши трафика нисбати оператори дорои мақоми бартарӣ муқаррароти шартномаи оммавӣ татбиқ мегардад.

Васли байнишабакотӣ дар асоси шартномаҳои байни операторони алоқаи барқӣ, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорат ва танзим дар соҳаи алоқаи барқӣ тасдиқ мекунад, ба амал бароварда мешавад. Муқаррароти шартнома оид ба васли байнишабакотӣ набояд ба муқаррароти Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва шартҳои васли байнишабақотӣ, ки онҳо тариқи қонунгузорӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ муқаррар гардидаанд, мухолиф бошанд.

Дар сурати вуҷуд доштани имконияти техники барои васли байнишабакотӣ иҷрои он набояд рад карда шавад. Ҳар як радкунии васли байнишабакотӣ бояд пурра асоснок карда шавад (м. 29 Қонун дар бораи алоқаи барқӣ). Масалан, агар васлшавии байнишабакотӣ, ҳамкории онҳо ба шартҳои иҷозатнома, ки ба оператори алоқа дода шудааст ё ба қонунгузории амалкунанда зид бошад, рад кардани оператор аз бастани шартнома асоснок ҳисобида мешавад. Оператори мақоми бартарӣ дошта уҳдадор аст, ки тамоми тадбирҳои зарурио барои дастгирии фазои рақобатпазир андешад: вай бояд шароити баробари ғайритабъизиро ба шабакоти худ на танҳо нисбати сохтор ва шахсони ба ӯ ҳамроҳшуда, балки барои дигар иштирокчиёни бозор таъмин намояд.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: "Қонуният", 2004.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 10 майии соли 2002 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002,№4, қ.2, мод. 323.
3. Правила оказания услуг телефонной связи. Утверждены Приказом Министерства связи Республики Таджикистан № 42 от 24.06.99 г. Махзани иттилоотии АДЛИЯ-7.

Ҳамидова Зарина Ҳамидовна – докторанти PHD-и кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тел.: +992939910909; E-mail: zarina_910909@mail.ru

Қаландарова Г.И. **БА ТАВРИ ОСОИШТА ҲАЛ КАРДАНИ БАҲСҲОИ МАРЗӢ**

Каландарова Г.И. **МИРНОЕ УРЕГУЛИРОВАНИЕ ПОГРАНИЧНЫХ СПОРОВ**

Kalandarova G.I. **PEACEFUL SETTLEMENT OF BOUNDARY DISPUTES**

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Яке аз муҳимтамин масъалае, ки дар назди тамоми давлатҳои ҷаҳон истодааст, мувофиқи тамоми принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил намудани харитаи сиёсии ҷаҳон мебошад. Давлатҳои ҷаҳон уҳдадоранд, ки аз таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ ҷиҳати вайрон кардани сарҳади мавҷудаи байналмилалӣ ва ё ҳамчун воситаи ҳалли баҳсҳои марзӣ истифода бурдани он худдорӣ кунанд.
Калидвожаҳо: баҳси байналмилалии ҳудудӣ (сарҳадӣ), ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои марзӣ, роҳҳои ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои марзӣ, сарҳади давлатӣ.

Одним из важнейших вопросов, стоящих перед всеми странами мира, является создание политической карты мира в соответствии со всеми принципами международного права. Государства мира обязаны воздерживаться от угрозы силой или ее применения для нарушения существующих международных границ или применения силы как средства разрешения пограничных споров и вопросов, связанных с национальными границами.
Ключевые слова: международно-территориальный (пограничный) спор, мирное урегулирование пограничных споров, способы мирного разрешения пограничных споров, государственная граница.

One of the main questions before the countries of the world is the formation of political map of the world in accordance with all principles of International law. All states of the world are obliged to abstain from the threatening of the power or its use for violation of existed International borders or the use of the power as the means of settlement of border disputes and problems having connection with the national borders.
Keywords: International – territorial (border) disputes, peaceful settlement of border disputes, the means of peaceful settlement of border disputes, state border

Баҳси байналмилалӣ-марзӣ ин баҳси байни давлатҳо дар бораи ба яке аз тарафҳои баҳс тааллуқ доштани ҳудуди муайян мебошад. Баҳсҳои ҳудудӣ (марзӣ) аз замони таъсиси аввалин давлатҳо пайдо шуда, айни замон ҳам мубрам боқӣ мемонад. Аммо баҳсҳои ҳозираи байналмилалии марзӣ ба амнияти миллии давлатҳо, тарафҳои баҳс ва тамоми сулҳу амнияти байналмилалӣ хавфи калон доранд.

Баҳсҳои байналмилалии марзӣ дар асоси принсипҳои истифода набурдан қувва ва бо роҳи осоишта ҳал кардани баҳсҳо баррасӣ карда мешаванд. Ин принсипҳо ба инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири калон расонда, тамоми воситаҳои мусолиҳаи мавҷударо ба назар мегиранд ва барои ҳалли баҳсҳои байналмилалии марзӣ равона карда шудаанд.

Ҳангоми интихоби воситаҳои ҳалли баҳсҳои байналмилалии марзӣ на танҳо манфиатҳои миллӣ бояд ба назар гирифта шавад, балки ба ҳарфи тарафҳои баҳскунанда гӯш кардан лозим аст, то ки ба низоъҳои мусаллаҳона ва таҳдид ба амнияти миллӣ пешгирӣ карда шавад.

Барои ҳимояи манфиатҳои худ ба давлатҳои баҳскунанда лозим аст, ки дар сатҳи давлатӣ низоми чораҳо барои кам кардани зарар ба амнияти миллӣ дар натиҷаи баҳси ҳудудӣ (марзӣ) андешида шаванд. Зеро ин гуна чораҳо чӣ дар сатҳи дохилидавлатӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ асос мешаванд, ки рух додани баҳсҳои байналмилалӣ-марзӣ коҳиш ёбанд.

Давлатҳои ҷаҳон вазифадоранд, ки аз таҳдиди қувва ё истифодаи он барои вайрон кардани сарҳади мавҷудаи байналмилалӣ ё чун воситаи ҳалли баҳсҳои марзӣ ва масъалаҳо вобаста ба сарҳади давлатӣ аз истифодаи қувва худдорӣ намоянд [1].

Баҳсҳои марзӣ ба маънои васеи калима ихтилофи байни давлатҳо дар бораи соҳиби ин ё он қаламрав будан ё муайян кардани марзи байни онҳо мебошад. Истифодаи қувва ё таҳдиди истифодаи он барои ҳалли ин ихтилофҳо аз ҷониби ҳуқуқи байналмилалии муосир манъ карда шудааст [4, 83].

Дар амалияи байналмилалӣ роҳҳои осоиштаи ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ ин гуфтушунид, хизмати шоён, миёнаравӣ, комиссияҳои тафтишотӣ, арбитражи байналмилалӣ ва суди байналмилалӣ мебошанд.

Ҷомеаи ҷаҳон эътироф мекунад, ки гуфтушунид дар роҳи ҳалли ҳар як категорияҳои баҳсҳои байналмилалӣ қадами аввалин мебошад, ки дар Оинномаи СММ, Санади умумӣ оид ба ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ аз соли 1949 ва Эъломияи Манила оид ба ҳалли осоиштаи баҳсҳо аз соли 1982 муқаррар шудаанд.

Тамоми равандҳои гуфтушунид ба принсипи баробарҳуқуии соҳибихтиёрии давлатҳои иштироккунанда асос ёфтааст.

Яке аз шаклҳои гуфтушуниди бисёртарафа ин конфронси байналмилалӣ бо иштироки давлатҳои манфиатдор мебошад, ки конфронси байналмилалӣ оиди муайян кардани реҷаи ҳуқуқии Антарктида бо иштироки 12 давлат мисоли он шуда метавонад.

Шакли дигараш ин миёнаравӣ, хизмати шоён ва комиссияи тафтишотӣ мебошанд, ки онҳо дар сурати ба кор нарафтани гуфтушунид ба роҳ монда мешаванд.

Хизмати шоён - ин ҳалли баҳсҳои байни давлатҳо аз ҷониби давлати сеюм бо роҳи пешниҳоди маслиҳатҳо бо иштирок дар гуфтушунидҳо мебошад. Миёнаравӣ бошад баръакси хизмати шоён бо иштироки давлати сеюм дар гуфтушунидҳо гузаронида мешавад [2, 91].

Комиссияҳои тафтишотӣ аз ҷониби давлатҳои баҳскунанда барои муайян кардани асосҳо дар баҳс ва пешниҳоди нишондод ба давлатҳо ва таҳлилу тайёр кардани лоиҳа оид ба ҳалли баҳсҳо таъсис дода мешаванд.

Арбитражи байналмилалӣ хусусият асосияш дар он аст, ки қарораш барои тарафҳо хислати ҳатмӣ дорад, аммо муроҷиат ба он бо розигии давлатҳо сурат мегирад. Дар умум тарафҳо худашон мавзӯи баҳсро муайян карда, арбитраж ва арбитрро интихоб карда, салоҳияти онро, ки арбитраж бояд аз доираи он набарояд, муайян мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки тибқи моддаи 52 Оинномаи СММ шакли асосӣ ва паҳншудаи баҳсҳои ҳудудӣ ин баҳсҳои маҳаллӣ мебошанд, яъне баҳси байни ду ва зиёда давлати аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар як минтақа мавҷудбуда. Моддаи мазкур инкишофи истифодаи роҳҳои осоиштаи ҳалли баҳсҳоро бо муроҷиат ба созмонҳои минтақавӣ ва мақомотҳои СММ, аз ҷумла Суди байналмилалии СММ баррасӣ менамояд.

Суди байналмилалии СММ низ баҳсҳоро вобаста ба масъалаи қаламрав баррасӣ мекунад. Баррасии парвандаҳо вобаста ба даъвоҳои аз ҷониби тарафҳои баҳскунанда пешниҳодшуда танҳо баъди арзи давлатҳо барои ҳалли осоиштаи он ба роҳ монда мешавад. Баҳс вобаста ба аломатгузории қаламрави баҳрӣ байни Норвегия ва Британиёи Кабир, ки соли 1951 аз ҷониби Суди байналмилалӣ баррасӣ шуда буд, ҳам ба баҳси қаламрави давлатӣ ва ҳам ба баҳс вобаста ба баҳри кушод тааллуқ дошт [3, 190].

Ҳамин тавр, масъалаи тасниф намудани баҳсҳои байналмилалӣ дар умум ва баҳсҳои байналмилалии марзӣ дар таълимоти ҳуқуқи байналмилалӣ то ҳол мавриди баҳсу мунозира қарор дорад. Бо вуҷуди ин, таснифоти пешниҳодшуда ба мо имкон медиҳад, ки воситаҳо ва шаклҳои ҳалли баҳсҳоро интихоб кунем, ки ба табиати ҳуқуқии ин ё он шакли баҳс бештар мувофиқанд.

АДАБИЁТ

1. Декларация Генеральной Ассамблеи ООН 2625 (XXV) «О принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом ООН» от 24 октября 1970 г.

2. Капустин А.Я. Основные принципы современного международного права // Международное право: Учебник / Под ред. А.Я. Капустина. — М.: Гардарики, 2008.

3. Кукушкина А.В. Международно-правовое урегулирование и предупреждение международных экологических споров // Россия и международное право: Материалы междуна-

родной конференции, посвященной 100-летию Ф.И. Кожевникова / Под ред. А.Н. Вылегжанина, Ю.М. Колосова, Э.С. Кривчиковой. — М.: МГИМО-Университет, 2006.

4. Левин Д.Б. Принцип мирного разрешения международных споров. — М.: Наука, 1977.

Қаландарова Г.И. - магистранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: 992939982122; Email: qalandargulya@gmail.com

Сатториён Б.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТ

Сатториён Б.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ФИНАНСОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВА

Sattoriyon B.

LEGAL REGULATION OF THE FINANCIAL ACTIVITY OF THE STATE

Дар мақолаи мазкур мафҳуми молияи давлатӣ оварда шуда, масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти молиявии давлат баррасӣ мегардад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки принсипҳои асосии фаъолияти молиявии давлатро ошкор намояд.
Калидвожаҳо: молия, буҷети давлатӣ, воситаҳои пулӣ, институти молиявӣ, функсияҳои фаъолияти молиявӣ, фондҳои ғайридавлатӣ, қонуният.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье представлено понятие государственных финансов, а также рассмотрен вопрос правового регулирования государственной финансовой деятельности. Автор попытался раскрыть основные принципы финансовой деятельности государства.
Ключевые слова: финансы, государственный бюджет, денежные средства, финансовые институты, функции финансовой деятельности, негосударственные фонды, законность.

This article presents the concept of public finance, as well as the issue of legal regulation of state financial activities. The author tried to reveal the basic principles of the financial activities of the state.
Key words: finances, state budget, funds, financial institutions, functions of financial activity, non-state funds, legality.

Дар шароити ба вуҷуд омадани муносибатҳои бозорӣ давлат ҷомеаро идора карда, аз чунин фишангҳои иқтисодӣ, монанди молия, пул, кредит, андозҳо фаъолона истифода мебарад. Дар адабиёти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мафҳуми «молия» дар ду ҷиҳат баррасӣ мешавад: ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие, ки ҳангоми ба вуҷуд овардан, тақсим кардан ва истифода бурдани фондҳои муайяни маблағҳои барои иҷрои вазифаҳо ва функсия давлат зарур ба миён меоянд; ҳамчун маҷмӯи фондҳои востаҳои пулӣ, ки барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои давлат заруранд [2, 16].

Молия на худи воситаҳои пулӣ, балки муносибати байни одамон оид ба ташкил, аз нав тақсим кардан ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулӣ мебошад [4, 145]. Молия ҳамчун воситаи иқтисодии тақсимоти маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ ва даромади миллӣ хизмат мекунад. Молия воситаи назорати истеҳсол ва тақсимоти неъматҳои моддӣ, ҳамчунин воситаи ҳавасмандгардонии тараққиёти давлат мебошад. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки молия ва муносибатҳои молиявӣ ҳатман муносибатҳои пулӣ мебошанд, аммо на ҳама муносибатҳои пулӣ молиявӣ мебошанд. Масалан, пуле, ки ба муносибатҳои хариду фурӯш, маҳсулотсупорӣ, ҷаримаҳои маъмурию ҷиноятӣ хизмат мекунад, молия ба ҳисоб намеравад, зеро он бо соҳаҳои дигари ҳуқуқ, аз қабили ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра танзим мешавад.

Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташкил, тақсим ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулии давлат, воҳидҳои ҳудудии он, инчунин корхонаҳо ва ташкилотҳое мебошанд, ки барои таъмини таҷдиди васеъ ва ниёзҳои иҷтимоӣ заруранд, ки дар ҷараёни онҳо тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятӣ ва назорат аз болои қонеъ гардондани талаботи ҷамъиятӣ сурат мегирад [5, 64].

Сохтори молия ҳамчун категорияи ҷудонашавандаи ҳуқуқӣ бо хосиятҳои умумии худ якчанд институтҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад.

Институти молиявӣ гуруҳи якхелаи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки аз рӯи шаклҳо ва усулҳои тақсими воситаҳои пулии бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимшаванда ба ҳам алоқаманданд [7, 201]. Маҷмӯи звеноҳое, ки ба ҳайати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, дар ҳамбастагии онҳо низоми молиявиро ташкил медиҳанд. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сохторҳои зерин иборат аст: низоми буҷетӣ дар сатҳҳои умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; молияи корхонаҳо, иттиҳодияҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, соҳаҳои хоҷагии халқ; суғуртаи амволӣ ва шахсӣ; кредит (давлатӣ ва бонкӣ).

Дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказӣ ба низоми буҷетӣ тааллуқ дорад, ки бо ёрии он фондҳои воситаҳои пулии сохторҳои дахлдори давлатӣ ва маъмурӣ-ҳудудӣ ташкил карда мешаванд. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар бар мегирад. Ҳангоми тавсифи молияи шахсони ҳуқуқӣ бояд қайд кард, ки ба онҳо чунин фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ дохил мешаванд, ки дар таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон нақши муҳим доранд, аз қабили Фонди нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Ба низоми молия инчунин фондҳои ғайридавлатӣ, фондҳои низоми бонкӣ; маблағҳои ташкилотҳои суғурта; маблағҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва минтақавӣ; маблағҳои дигар шахсони ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти молиявии давлат иҷрои вазифаҳои он оид ба ташкил, тақсимот ва истифодаи нақшавии фондҳои пулӣ (захираҳои молиявӣ) бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини қобилияти мудофиавӣ ва амниятии кишвар мебошад.

Ҳангоми тавсифи фаъолияти молиявии давлат бояд қайд кард, ки ин як намуди махсуси фаъолияти давлатӣ мебошад, зеро онро мақомоти давлатии ҳар се шохаи ҳокимияти давлатӣ: ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар доираи салоҳияти худ амалӣ менамоянд [8, 42].

Мазмуни фаъолияти молиявии давлат дар функсияҳои сершумор ва гуногун дар соҳаи маориф, тақсим ва истифодабарии фондҳои пулии давлатӣ (захираҳои буҷетӣ ва кредитӣ; фондҳои пулии суғуртавӣ; воситаҳои молиявии хоҷагии халқ ва корхонаҳои давлатӣ) ифода меёбад. Функсияҳои фаъолияти молиявиро инчунин мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва ғайра) дар доираи соҳаҳо ё самтҳои идоракунии ба салоҳияти онҳо вогузоршуда иҷро мекунанд. Ин функсияҳо иҷрои вазифаҳои ин мақомотро дар соҳаҳои дахлдор таъмин мекунанд.

Фаъолияти молиявии давлат дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба принсипҳои муайян, яъне ба қоидаҳо ва талаботи асосию роҳбарикунанда асос меёбад, ки хусусиятҳо ва максади асосии онро ифода мекунанд [3, 62].

Дар байни принсипҳои асосии фаъолияти молиявии давлат инҳоро номбар намудан мумкин аст:

Принсипи қонуният дар фаъолияти молиявӣ дар он ифода меёбад, ки тамоми раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ муфассал танзим карда мешавад ва риояи он бо имконияти татбиқи чораҳои маҷбурии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Принсипи ошкорбаёнӣ дар амалигардонии фаъолияти молиявӣ дар рафти ба маълумоти шаҳрвандон расонидани мазмуни лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии молиявӣ, ҳисоботи қабулшуда дар бораи иҷрои онҳо, натиҷаҳои санҷишу ревизияҳои фаъолияти молиявӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма зоҳир мегардад.

Принсипи банақшагирӣ маънои онро дорад, ки тамоми фаъолияти молиявии давлат ба як низоми томи санадҳои молиявию банақшагирӣ асос меёбад, ки сохтори онҳо, тартиби тартиб додан, тасдиқ ва иҷро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррар карда шудааст.

Фаъолияти молиявии давлат бо усулҳои гуногун амалӣ мегарданд. Гуногунии онҳо аз бисёр омилҳо вобаста аст: субъекти муносибатҳо, шартҳои ҷамъоварӣ ва истифодаи воситаҳои пулӣ. Усулҳои амалигардонии фаъолияти молиявиро дар адабиёти ҳуқуқӣ одатан ба ду гуруҳ ҷудо мекунанд: усулҳои ҷамъоварии маблағҳо ва усулҳои тақсим ва истифодаи онҳо.

Муҳимтарин усули ҷамъоварии маблағҳо барои буҷети умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ – усули муқаррар намудани андозҳо мебошад.

Усули шабеҳи ҷамъоварии маблағҳо усули пардохти ҳатмӣ (аъзоҳаққӣ, хирочҳо) ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ мебошад. Ҳангоми тақсим ва истифода маблағҳои давлатӣ ду усули муҳим истифода мешаванд: усули маблаггузорӣ ва қарздиҳӣ [6, 201].

Усули маблағгузорӣ дар пешкаш намудани маблағҳо дар асоси бебозгашт ва беподош ифода меёбад [1, 81]. Қарздихӣ бошад, ҷудо кардани маблағ бо шартҳои муздноки ва баргардонидан мебошад. Маблағгузорӣ нисбат ба ташкилотҳои давлатӣ, усули қарздиҳӣ бошад, ҳам нисбат ба ташкилотҳои давлатӣ ҳам ғайридавлатӣ истифода мешавад.

Фаъолияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозираро тавсиф намуда, қайд кардан зарур аст, ки он дар шароити ҳамкории иқтисодӣ бо мамлакатҳои ИДМ дар соҳаи молия ва муомилоти пул дар асоси бастани шартномаю созишномаҳои дахлдор амалӣ мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Горбунова О.Н. Бюджетное право России. М. 2002. С. 81.
2. Грачева Е.Ю. Проблемы правового регулирования государственного финансового контроля. Дис … д-ра юр. наук: 12.00.14. 2000. С. 16.
3. Карасева М.В. Крохина Ю.А. Финансовое право / Под ред. М.В. Карасевой. М. 2000. С. 62.
4. Лаврушин О.Н. Деньги, кредит, банки. М. 1999. С. 145.
5. Нефедов С.И. Экономическая функция государства в современных условиях. М. 1996. С. 64.
6. Управление финансами в государственных органах исполнительной власти: Учеб, метод, пособие. М. 2003. С. 115.
7. Шавров А.С. Финансовое право. М. 1999. С. 201.
8. Шохин С.О. Бюджетно-финансовый контроль в России (Теория и практика). М. 1995. С. 42.

Сатториён Б. - унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: +992900255555; Email: b.sattoriyon@moliya.tj

Холинов Д.М.

РАЗВИТИЕ ПРИНЦИПА ИНДИВИДУАЛЬНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В МЕЖДУНАРОДНОМ УГОЛОВНОМ ПРАВЕ

Холинов Д.М.

ИНКИШОФИ ПРИНСИПИ ҶАВОБГАРИИ ФАРДӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶИНОЯТӢ

Kholinov D.M.

THE DEVELOPMENT OF THE PRINCIPLE OF INDIVIDUAL RESPONSIBILITY IN THE INTERNATIONAL CRIMINAL LAW

В этой статье речь идет о «развитий принципа индивидуальной ответственности в международном уголовном праве», и анализируются ключевые моменты в развитии индивидуальной ответственности в международном уголовном праве.

Ключевые слова: индивидуальная ответственность, международная уголовное право, нормы, физические лица, мировая война, международное уголовное ответственность, международный трибунал.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Мақолаи мазкур ба ташаккули принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ бахшида шуда, нуктаҳои асосии рушди масъулияти инфиродӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалиро таҳлил мекунад.

Калидвожаҳо: ҷавобгарии фардӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, меъёрҳо, шахсони воқеӣ, ҷанги ҷаҳонӣ, ҷавобгарии ҷиноятии байналмилалӣ, суди байналмилалӣ.

This article is devoted to "the development of the principle of individual responsibility in international criminal law" and analyzes the main points of the development of individual responsibility in international criminal law.

Key words: individual responsibility, international criminal law, norms, natural persons, world war, international criminal responsibility, international court.

Начиная говоря о развитий принципа индивидуальной ответственности в международном уголовном праве следует отметить Гуго Гроция — общепризнанного основоположника идеи индивидуальной ответственности физических лиц, ставившего для себя задачу определения в отдельных конкретных случаях необходимых предпосылок для порождения международно-правовой ответственности государя или общества. В своем трактате «О праве войны и мира» Гроций, в частности, указывал: “В соответствии с тем, что нами вообще выяснено, зачинщики войны обязаны к возмещению за содеянное их силами или по их совету. Они ответственны за то, чем обычно сопровождается война, а также за все обычные действия, поскольку совершены они по их повелению или совету, и не встретили препятствий их стороны, когда для этого имелась возможность” [2, 186]. В целом идея Г. Гроция о том, что физические лица не должны оставаться без ответственными за совершаемые деяния во время войны заслуживает особого внимания и признания ее непосредственного влияния на развитие рассматриваемого института [3].

Ответственность является одним из древнейших институтов международного права. Ответственность возникает всякий раз, когда имеет место нарушение международного обязательства, независимо от его происхождения [6, 59].

Международное уголовное право, отрасль международного публичного права, представляет собой совокупность норм, предназначенных для запрещения определенной категории поведения, международных преступлений (геноцид, преступления против человечности, военные преступления, пытки и т. д.) и для наказания лиц, виновных в их совершении. Помимо того, что он разрешает или налагает на государства обязательство преследовать в судебном порядке и наказывать лиц, совершивших эти преступления, он регулирует ведение уголовных разбирательств в международных судах или трибуналах.

Признание индивидуальной уголовной ответственности по международному уголовному праву произошло относительно недавно. Совершение массовых злодеяний в 20-м веке побудило международное сообщество признать, что лица могут нести уголовную ответственность непосредственно в соответствии с международным правом, и работать над созданием международного уголовного суда, обладающего юрисдикцией в отношении международных преступлений, совершенных отдельными лицами.

Стоит отметит, что возложение уголовной ответственности на отдельных лиц не исключает того, что государства могут быть привлечены к ответственности за нарушения международного права, которые также потенциально могут быть приравнены к международным преступлениям

Наполеон Бонапарт можно считать, как первый случай привлечения к ответственности отдельного человека за преступления перед международным сообществом. Французский император был сослан на остров Святой Елены. Хотя он был наказан по законам Великобритании, последняя действовала скорее от имени держав-победительниц, нежели в собственных интересах. А преступления, в которых обвиняли Наполеона, все же носили международный характер. По сути, это был первый случай, когда государственный лидер подвергся наказанию за ведение агрессивной войны [1].

Первая мировая война «с необычайной силой продемонстрировала жизненно важное для всего человечества значение запрещения агрессивных войн» [5, 118] и существенно повлияла на развитие института уголовной ответственности.

Очередной попыткой привлечения лидера государства к международной уголовной ответственности явился Версальский мирный договор 1919 г. Согласно этому документу кайзер Германии Вильгельм II был объявлен военным преступником и главным виновником мировой войны.

Без преувеличения, именно тогда была предпринята попытка выработать правила, которыми руководствовались все последующие уголовные суды и трибуналы. Однако эта инициатива не увенчалась успехом, ибо Вильгельм II бежал в Нидерланды, где в полном достатке и спокойствии провел остаток жизни. Но с позиции истории международной уголовной ответственности данное событие можно рассматривать в качестве отправной точки для создания в будущем уголовных учреждений [1].

Только в 1945 г., по завершении Второй мировой войны, международное сообщество пришло к согласованному мнению, что за тягчайшие международные преступления необходимо привлекать к международной уголовной ответственности через специально созданные уголовные учреждения. Беспрецедентная жестокость, с которой велась война, и общая политика фашистских лидеров стали своего рода катализатором воплощения исследуемой идеи, устранив былые разногласия и сомнения.

Таким образом, после Второй мировой войны был установлен принцип, согласно которому физические лица, а не только государства, могут быть адресатом обязательств, совершать преступления и, следовательно, нести уголовную ответственность непосредственно по международному праву. Как подтвердили судьи, заседавшие в Нюрнберге: «Преступления против международного права, совершаются людьми, а не абстрактными субъектами, и только путем наказания лиц, совершающих такие преступления, можно обеспечить соблюдение положений международного права». Как следствие, в настоящее время бесспорно то, что лица должны быть наказаны за совершение преступлений по международному праву, которые серьезно наносят ущерб интересам международного сообщества в целом, так что цели предотвращения и сдерживания могут быть достигнуты. Этот принцип теперь хорошо выражен в преамбуле Римского статута 1998 года, где утверждается, что «наиболее серьезные преступления, вызывающие обеспокоенность международного сообщества в целом, не должны оставаться безнаказанными» [8] и что Международный уголовный суд стремится «положить конец безнаказанности лиц, совершивших эти преступления, и тем самым способствовать предупреждению таких преступлений» [8].

В учредительном документе первого в своем роде международного уголовного суда были сформулированы международно-правовые принципы: недопустимо освобождение от ответственности или ее смягчение ввиду должностного положения подсудимого, действие во исполнение приказа не освобождает от ответственности. Согласно ст. 1 Устава под юрисдикцию Трибунала попадали деяния трех категорий: преступления против мира, военные пре-

ступления и преступления против человечности. Таким образом, сформированы три группы международных деяний, в рамках которых уже разрабатывались конкретные составы преступлений.

Позже нормы Женевских конвенций 1949 г., Дополнительного протокола I и других международных документов, обретя силу международного обычая, завершили формирование перечня международных преступлений.

Конвенция о предупреждении преступления геноцида и наказании за него 1948 г. предусмотрела новый состав преступления — геноцид. С учетом тяжести и степени опасности этого деяния состав не был включен ни в одну из трех упомянутых групп международных преступлений. Статья 6 установила: «В отношении выдачи виновных геноцид и другие перечисленные в статье III деяния не рассматриваются как политические преступления» [4].

Знаковым событием в становлении и реализации идеи индивидуальной уголовной ответственности перед международным сообществом явилось учреждение двух специальных трибуналов в 1993—1994 гг. Международный трибунал по бывшей Югославии (МТБЮ) был создан резолюцией Совета Безопасности ООН № 827 в связи с военными действиями на территории Югославии, несущими угрозу миру и международной безопасности. Целями создания Трибунала были стабилизация отношений в регионе и судебное преследование лиц, ответственных за серьезные нарушения международного гуманитарного права. Международный трибунал по Руанде (МТР), как и МТБЮ, был учрежден на правах вспомогательного органа СБ ООН для судебного преследования лиц, ответственных за геноцид и другие нарушения норм международного права, совершенные на территории Руанды в период с 1 января 1994 г. по 31 декабря 1994 г. [7].

Создание международных трибуналов явилось важным шагом в развитии международного уголовного права и идеи уголовной ответственности государств перед международным сообществом. При этом отметим, что МТБЮ и МТР были учреждены как суды ad hoc, т. е. для специальной цели и с ограниченной юрисдикцией на временной основе.

Первым международным трибуналом, функционирующим на постоянной основе, стал учрежденный в 1998 г. Международный уголовный суд (МУС). Этот судебный орган уполномочен осуществлять юрисдикцию в отношении лиц, ответственных за самые серьезные преступления, вызывающие озабоченность международного сообщества и указанные в Римском статуте 1998 г.

В Римском статуте закреплены многие положения, выработанные в международном праве, а именно: о структуре международного уголовного учреждения, составах международных преступлений. Однозначно установлена личная уголовная ответственность за посягательства на мир и безопасность человечества. В гл. III Статута регламентированы принципы такой ответственности: недопустимость ссылки на должностное положение, ответственность командиров и других начальников, неприменимость сроков давности, недопустимость ссылки на приказ начальника или предписание закона [8].

В конце хотелось бы добавит, что в индивидуальной ответственности лиц по международному уголовному праву, что общим субъектом преступления должен расцениваться любой человек, вне зависимости от демографических, социальных, имущественных либо иных характеристик, совершивший это преступление и подлежащий ответственности по международному уголовному праву. В отличие от национальных уголовных законов, практически во всех источниках международного уголовного права отсутствуют какие-либо указания на признаки, характеризующие субъекта преступления. В международных актах речь обычно идет о «лице», «всяком лице», «любом лице».

Литература:

1. Бородкин А. Е. Международная уголовная ответственность: от средних веков до наших дней / электронное приложение к «российскому юридическому журналу». М. 2014 г. – С. 18 - 22. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/mezhdunarodn (дата обращения: 28.12.2022).

2. Гроций Г. О праве войны и мира: Репринт с изд. 1956 г. – М.: Ладомир, 1994. – 868 с. С. 186—188.

3. Каримбекова, А. С. Принцип индивидуальной ответственности / А. С. Каримбекова. — Текст: непосредственный // Актуальные вопросы юридических наук : материалы III Между-

нар. науч. конф. (г. Чита, апрель 2017 г.). — Чита : Издательство Молодой ученый, 2017. — С. 13-17. — URL: https://moluch.ru/conf/law/archive/226/12179 / (дата обращения: 27.12.2022).

4. Конвенция о предупреждении преступления геноцида и наказании за него (Париж, 9 декабря 1948 г.) // Ведомости Верховного Совета СССР. 1954. № 12. Ст. 244. https://www.un.org/ru/documents/dec (дата обращения: 26.12.2022).

5. Ледях И. А., Лукашук И. И. Нюрнбергский процесс: право против войны и фашизма. М., 1995. 263 с.

6. Раджабов С.А. Международное право. Учебное пособие. - Душанбе. – 2022. – 368 с.

7. Резолюция СБ ООН № 955 от 8 ноября 1994 г. // https://www.un.org/securitycouncil/ru/content/resolutions-adopted-security-council-1994 (1994). (дата обращения: 26.12.2022).

8. Римский Статут Международного уголовного суда от 17.07. 1998 г. // file:///C:/Users/Admin/Downloads/rome_statute(r).pdf (дата обращения: 29.12.2022).

Холинов Д.М. – докторант PHD Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, Душанбе, Республика Таджикистан; Тел.: 938530102

Ҳомидов Р.А.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАНОСУБИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ДИНӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Хомидов Р.А.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СООТНОШЕНИЯ ПРАВОВЫХ И РЕЛИГИОЗНЫХ НОРМАХ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Khomidov R.A.

LEGAL AND RELIGIOUS NORMS: ANALYSIS OF THEIR INTERACTION

Дар мақолаи нишон дода шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди дигар кишварҳои аъзои ИДМ, иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо карда шудаанд ва қонунгузорӣ ягон бартарии ин ё он динро муқаррар намекунад. Қайд шудааст, ки ҳуқуқ ва дин дар Тоҷикистон бо ҳамдигар дар иртибот буда, якдигарро пурра намуда, раҳнамову такмилдиҳандаи шахсият мебошанд.
Калидвожаҳо: Озодии виҷдон, танзими ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои динӣ, фаъолияти динӣ, давлати ягонаи дунявӣ, тундгароӣ, ифротгароӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье показано, что в Таджикистане, как и во многих странах СНГ, религиозные объединения отделены от государства и законодательно не устанавливается какой-либо приоритет той или иной религии. Отмечается, что право и религия в Таджикистане взаимодействуют, дополняют друг друга, направляют и совершенствуют личность.
Ключевые слова: Свобода совести, правовое регулирование, религиозные объединения, религиозная деятельность, унитарное светское государство, радикализм, экстремизм.

In the article it is shown that in Tajikistan, as in many CIS countries, the religious associations are separated from the state and no priority is given to any religion by law. It is noted that law and religion in Tajikistan interact, complement each other, guide and improve the personality.
Keywords: Freedom of conscience, legal regulation, religious associations, religious activity, unitary secular state, radicalism, extremism.

Дар интиҳои асри XX Тоҷикистон, ки узви ИҶШС-и собиқ маҳсуб меёфт, дар натиҷаи аз байн рафтани он ва ислоҳоти демократӣ ба узвияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ворид шуд. Дар навбати худ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди дигар кишварҳои ИДМ, дар масъалаҳои афзалиятнокии озодии виҷдону озодии дин ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дигаргунӣ ба амал омад. Тоҷикистон соҳибистиқлол шуда, Конститутсия ва қонунҳои дахлдорро қабул намуд ва мақоми ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро муайян кард.

Мусаллам аст, ки дар кишваре, ки ба дин таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, беш аз пеш зарурати ҷалби ҷавонон ба мафкураи диннӣ ба миён меояд, ки бештар ба арзишҳои динии ташаккулдиҳандаи шуури динии ҷомеа ва худшиносии субъекти иҷтимоӣ асос ёфтаанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии муосир ба инобат гирифта шудаанд. Таҳлили қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар заминаи ду принсипи асосии зерин ба роҳ монда мешаванд:

-иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо карда шуда, қонунгузорӣ афзалияти ин ё он динро муқаррар накардааст;

- мактаб аз дин ҷудо карда шудааст; низоми таҳсилот хусусияти дунявӣ дорад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии виҷдон ва озодии дин, бегуфтугӯ, ба принсипҳои демократӣ асос ёфтааст.

Дар Тоҷикистон, ба мисли ҳар кишвари алоҳидаи дигар, хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои давлат бо иттиҳодияҳои динӣ зоҳир мешаванд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон аксарияти аҳолӣ пайрави дини ислом аст, ислом дини «анъанавӣ» мебошад, вале дар қонунгузорӣ чун «дини давлатӣ» зикр карда нашудааст, давлат ҳам дунявӣ эълон шудааст, гарчанде эъломи ғояи давлати дунявӣ на ҳамеша маънои татбиқи принсипҳои дунявиро дар ҳаёти воқеии ҷомеаи Тоҷикистон дорад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки равандҳои гузариши саросарӣ ба тарҳрезии дунявии шуури ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон, ба назари бархе аз олимон, боиси буҳрони ҷаҳонбинӣ шуда, дар ҷомеа халои рӯҳиро ташаккул медиҳад ва ин ҳолат ба ҷараёнҳои манфии ҷамъиятӣ оварда мерасонад. Аммо тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъқид менамоянд, ҳарифони сиёсии мо моҳияти дунявӣ доштани давлати Тоҷикистонро ҳамчун атеизми давлатӣ маънидод мекунанд, ки ин ҳама аз рӯйи ғараз аст. Раъйи мардум оид ба ин масъала дар Конститутсия ба ин тартиб мақоми қонунӣ пайдо кардааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкура ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гуруҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад».

Ин чунин маъно дорад, ки мо аз шакли радикализм - атеизми давлатӣ даст кашидем, вале ба зуҳуроти дигари радикализм - зуҳуроти низоми динию сиёсӣ низ роҳ намедиҳем. Ҳифзи моҳияти дунявӣ доштани давлат дар шароити таҳдиди хатари радикализм ин амалан маънои ҳимоя ва таҳким бахшидани пояҳои демократии ҷомеаи моро дорад, ки онро яке аз дастовардҳои муҳими истиқлолияти Тоҷикистон номидан мумкин аст[4].

Мисли ҳар давлати дунявии ягона, ҶумҳурииТоҷикистон ҳам манбаи меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Ин ҷо қайд бояд кард, ки иҷроиши меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар кишвар тавассути механизмҳои давлатии маҷбуркунӣ таъмин мешавад, дар ҳоле ки меъёрҳои динӣ чунин механизми маҷбуркунӣ надоранд. Валекин, ҳамзамон бояд гуфт, ки меъёрҳои динӣ нерӯи азими таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятиро дошта, аз ин сабаб ташаккулдиҳандаи навъи махсуси шуури ҷамъиятӣ - шуури динӣ мебошанд.

Таҷрибаҳои амалӣ нишон додаанд, ки дар ҷомеаҳои муосир аксаран падидаҳои марбути инкори меъёрҳои ҳуқуқӣ бо номи нигилизми ҳуқуқӣ ҷой доранд, ки меъёрҳои диниро инкор мекунанд.

Маълум аст, ки қоидаҳои муқарраркардаи динҳои гуногун ва барои пайравонашон ҳатмӣ меъёрҳои динӣ номида мешаванд. Чунончи, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба ҳуқуқи румию (романию) олмонӣ асос ёфтааст, қонунгузорӣ оид ба дину ташкилотҳои динӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонун «Дар бораи дин ва иттиҳодияҳои динӣ» иборат аст.

Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро чун давлати ҳуқуқӣ, дунявӣ, ягона эълон кардааст (м.1). Инсон, ҳуқуқу уҳдадориҳои (озодиҳои) он арзиши олӣ мебошанд. Баъдан дар Конституитутсия омадааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд (м.5 Конститутсия).

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо карда шудаанд ва ба корҳои давлатӣ дахолат карда наметавонанд. Санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қисме аз низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мебошанд.

Агар ба илми таърихи давлат ва ҳуқуқ назар афканем, хоҳем дид, ки як қатор меъёрҳои динӣ мазмуни маънавӣ доранд. Дар давраҳои тӯлонии таърих бисёре аз меъёрҳои динӣ хусусияти ҳуқуқӣ доштанд, муносибатҳои давлатӣ, шаҳрвандӣ (гражданӣ), мурофиавӣ ва оилавиро танзим мекарданд. Масалан, дар як қатор кишварҳои исломӣ Қуръону Суннат чун қонуни судӣ истифода шуда, ҳама ҷиҳатҳои ҳаёт ва роҳи дурусти шахси мусулмонро муайян мекарданд.

Дар Тоҷикистон дар баробари механизмҳои ҳуқуқӣ, таъсири дин ба ҷомеа ва шуури ҷамъият хеле калон аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ба мисли Конститутсия, ҷудоии дин (дурусттараш - ташкилотҳои динӣ) аз давлат, ҷудоии низоми давлатии таҳсилот аз дин собит шуда, инчунин баробарии ҳуқуқи баробари шаҳрвандон сарфи назар аз муносибаташон ба дин муайян гардидааст.

Дар мавриди таносуби меъёрҳои ҳуқуқӣ ва динӣ дар Тоҷикистон ҳаминро бояд гӯем, ки ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикон паҳлӯҳои зиёд дошта, аз фарҳанг - санъат, дину мазҳаб, ҷиҳати миллӣ ва аз ҷумла забон иборат аст.

Алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатӣ аз болои фаъолияти динии баъзе ҳизбҳо сахттар шуда истодааст. Чунончӣ, фаъолияти ҳизбҳои ифротгарои Ҳизб-ут-Таҳрир ва Ҳизби наҳзати ислом манъ карда шудаанд.

Дар ҳоли ҳозир тундгароёну ифротгароён на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсояи он хатар доранд. Дар робита бо ин, тадбирҳои қатъӣ ва куллӣ оид ба таҳияи чораҳои муштараки бо истифода аз василаҳои ҳуқуқии мубориза алайҳи тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм лозиманд.

Ҳама гуфтаҳои боло ҳатман қабулкунии санадҳои меъёрии иловагиро дар сатҳи байналмилалӣ талаб менамоянд. Зимнан онҳо бояд бар зидди ифротгароёни динӣ равона шуда, хусусиятҳои динӣ ва миллии ин ё он кишварро ба назар гиранд ва албатта, фарогири механизмҳои муассири татбиқи он бошанд.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари дунявӣ эътироф мекунад, ки дар мамлакат ҳеҷ яке аз динҳо расмӣ ё давлатӣ нест ва ягон дин ҳатмӣ ё бартар шинохта намешавад.

Дар Тоҷикистон тибқи қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ибодат дар дохили бинои ташкилот, дар муассисаҳои давлатӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ шудааст, онро танҳо дар манзилҳои хусусӣ ва масҷиду калисо ва ибодатгоҳҳои расман ба қайд гирифташуда доир намудан мумкин аст.

Назарияи давлат ва ҳуқуқ собит карда, ки дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандони баъзе аз кишварҳо «ҳуқуқи ахлоқӣ» нисбат ба ҳуқуқи расмии ҳуқуқӣ бартарӣ дорад. Амалияи ҳуқуқии бисёре аз кишварҳо нишон дод, ки бартарии давлат бар ҳуқуқ, аз як тараф, нигилизми ҳуқуқӣ ва аз сӯи дигар, тобеияти ғуломонаи шарқиосиёиро ба бор меоварад.

Дар асл, бояд дар назар дошт, ки дар ҷаҳони муосир, ҷаҳони ҳамгироию тағйирот, барои ҳувияти тоҷикон коркарди намунаи нави муносибати байни фард, шахсият ва ҷомеа, шаҳрванд ва давлат хеле душвор буд.

Ҳуқуқ ва дин дар Тоҷикистон бо якдигар ҳамкорӣ дошта, ҳамдигарро такмил медиҳанд, ҳидоят мекунанд ва боиси такмили шахсият мегарданд.

Ҳамин тариқ, масоили марбути таносуби меъёрҳои ҳуқуқӣ ва диниро дар Тоҷикистон ҷамъбаст намуда, қайд кардан мумкин аст, ки ҳуқуқ ва дин дар якҷоягӣ вазифаи танзимро иҷро намуда, ба ин восита ҳамчун қоидаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, чун қисми таркибии механизми танзим ҳамкорӣ мекунанд ва дар раванди ҳамкорӣ онҳо метавонанд ба рафтори одамон таъсир расонида, муносибатҳои ҷамъиятиро мувофиқи манфиатҳои ҷомеаҳои ҳамгиро танзим намоянд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки мо дар фикри он нестем, ки давлати дигаре ба мо монанд бошад, вале онро ҳам қабул надорем, ки дигарон бо роҳи фишору зӯрӣ аз мо шабеҳи худ чизе бисозанд ё тарзи давлатдории худро ба гарданамон бор кунанд. Умуман давлате, ки мо бунёд мекунем, албатта, бо такя ба таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ дар заминаи таърих, тамаддун, фарҳанг, психология, расму оин, арзишҳои маънавию ахлоқии халқамон қомат меафрозад.

Хуллас, дар Тоҷикистон арзишҳои маънавию диниро қисматҳои махсус ва навъи махсуси тамаддун ва ҳувияти хоси инсон муайян мекунад. Ин қисмҳои таркибии арзишҳои маънавӣ ва дин ба меъёрҳои шуури ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҷомеа низ таъсир мерасонанд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. (бо тағйироту иловаҳои 26.09.1999 с., 22.08.2003 с. ва 22.05.2016 с.) .– Душанбе: Ирфон, 2016. –64 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ» аз 8.12.1990 с. // Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. –1990. –№ 24. –Мод. 418; Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –1991. –№ 22. –Мод. 297; –1992. –№ 12. –Мод. 203; –1994. –№ 23-24. –Мод. 452; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –1997. –№ 9. –Мод. 117. –№ 23-24. –Мод. 333; –1999. –№ 9. –Мод. 232; –2001. –№ 4. –Мод. 155.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26.03.2009 с., №489 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2009. –№3. –Мод. 82; –2011. –№6. –Мод. 450.

4. Беспалько В.Г. Проблемы теории государства и права. -М., 2010. – 368с.

5. Камаров О.А., Малько А.В. Теория государства и права: Учебник. - М.: НОРМА-ИНФРА-М, 1999. – 448с.

6. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: Учебник. - М.: Юрист, 2004. – 512 с.

7. Раҳмонов Э.Ш. Дар бораи дин. Душанбе, 2006. –553 с.

8. Спиридонов Л.И. Теория государства и права. - СПб, 1995. – 300с.

Ҳомидов Раҳматулло Амруллоевич –муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. Тел.: 918-74-74-84. E-mail: rahmatullo.81@mail.ru

Норова П.С.

МАСОИЛИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

Норова П.С.

ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ГЕНДЕРНОГО РАВЕНСТВА В ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Norova P.S.

LEGAL ISSUES OF GENDER EQUALITY IN LABOR RELATIONS

Дар мақолаи мазкур масъалаи таъмини баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ оид ба меҳнатро таҳлил намуда, принсипи баробарии марду занро асоси муътадилии муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ арзёбӣ мекунад.
Калидвожаҳо: баробарии гендерӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, тафриқасозӣ, рушди устувор, қонунгузории меҳнатӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье рассматривается вопрос обеспечения гендерного равенства в трудовых отношениях. Автор анализирует нормы международного права и национального законодательства о труде, рассматривает принцип равенства мужчин и женщин как основу нормальных трудовых правоотношений.
Ключевые слова: гендерное равенство, трудовые отношения, дифференциация, устойчивое развитие, трудовое законодательство.

This article deals with the issue of ensuring gender equality in labor relations. The author analyzes the norms of international law and national labor legislation, considers the principle of equality of men and women as the basis of normal labor relations.
Key words: gender equality, labor relations, differentiation, sustainable development, labor legislation.

Баробарии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои асосии меҳнатӣ асоси соҳибҳуқуқии меҳнатиро ташкил медиҳад, ки барои ҳамаи кормандон, новобаста аз ҷинс якхела аст.

Ҳангоми ба муносибатҳои меҳнатӣ ворид шудан ба мардон ва занон ҳуқуқҳои баробар дода мешаванд; бо назардошти хусусиятҳои объективии кор ва сифатҳои кордонии корманд ҳуқуқ доранд, ки барои кори арзиши якхела музди баробар гиранд; занону мардон иштирокчиёни баробарҳуқуқи муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ мебошанд; аз рӯи қоидаҳои умумӣ ба онҳо ҳафтаи кор ва рухсатии муздноки якхела кафолат дода мешавад; барои ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда ба таври баробар ба ҷавобгарии моддӣ ва интизомӣ кашида мешаванд; ҳангоми поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳояшон аз воситаҳои ҳимоя якхела истифода мебаранд. Ин номгӯи пурраи ҳуқуқ ва уҳдадориҳое нест, ки қонунгузории меҳнатӣ ба ҳамаи кормандон, новобаста аз ҷинс баробар дода бошад. Маҳз дар ҳамин ягонагии қонуни меҳнат зоҳир мегардад: барои кормандон сарфи назар аз ягон омили объективӣ ва субъективӣ шароиту имкониятҳои баробар таъмин карда шавад [4, 52].

Аммо, чунон ки маълум аст, дар муносибатҳои меҳнатӣ бад баробари баробарҳуқуқии мардону занон тафриқасозӣ ҷой дорад. Дар робита ба баробарии гендерӣ ин маънои онро дорад, ки аслан тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меҳнатӣ аз рӯи гендерӣ бетараф буда, ба ҳамаи кормандон нигаронида шудаанд, вале дар айни замон имтиёзҳо, маҳдудиятҳо ва ё баръакс афзалиятҳо мавҷуданд, ки субъектҳои онҳо ё мардон ҳастанд, ё занон. Сухан дар бораи тафриқасозии танзими ҳуқуқии меҳнатӣ аз рӯи ҷинс ё гендер меравад.

Дар ду даҳсолаи охир истилоҳҳо, аз қабили «гендер», «сиёсати гендерӣ», «масъалаҳои гендерӣ», «қолабҳои гендерӣ» ва ғайра дар илми ватанӣ ва қонунгузории миллӣ васеъ паҳн гардидаанд. Азбаски қонунгузории кишварамон маънои истилоҳи "гендер"-ро ба пуррагӣ ифшо намекунад, ба манбаи аслӣ муроҷиат кардан лозим аст.

Истилоҳи "гендер" бори аввал дар солҳои 1960-ум аз ҷониби равоншиноси амрикоӣ

Роберт Столлер пешниҳод шудааст [8, 328]. Консепсияи Роберт Столлер ба ҷудоии ҷинси биологӣ (sex) ва ҷинси иҷтимоӣ (gender) асос ёфтааст. Мафҳуми «гендер» маънои «ҷинсияти иҷтимоӣ», яъне нақшҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаеро, ки ҷомеа барои иҷрои одамон вобаста ба ҷинси биологии худ муқаррар менамояд, дар назар дорад.

Консепсияи фаҳмиши «гендер» дар тӯли ним аср тағйир наёфтааст. Равиши шабеҳи пешниҳодкардаи Роберт Столлер, масалан, дар Муоҳидаи Шӯрои Аврупо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон ва хушунати хонаводагӣ (ба истилоҳ «Конвенсияи Истанбул») истифода мешавад [2].

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалишавии онҳо” аз 1 марти соли 2005 мафҳуми «гендер» ҳамчун муносибатҳои иҷтимоии байни мардону занон, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқ, идеология, фарҳанг зоҳир мегардад, ифода ёфтааст [3].

Ба фикри мо чунин таъриф ба таври хоса муваффақ нест. Таҳлили семантикии таърифи пешниҳодшуда дар асоси мафҳуми вожаҳои «иҷтимоӣ» ва «ҷанба» ба мо имкон медиҳад ба хулосае ояд, ки гендер як нуқтаи назари иҷтимоӣ, нуқтаи назар ё фаҳмиши муносибати байни мардон ва занон мебошад. Яъне дар таърифи пешниҳодшуда таъкид ба муносибати зану мард дода мешавад, дар ҳоле ки гендер ба маънои классикӣ моҳияти муносибатҳои байни ҷомеа ва шахсро ифода мекунад, ки вобаста ба ҷинси биологиашон ҷомеа ҷонҳоро вазифадор мекунад, ки меъёрҳои муайяни иҷтимоӣ ва фарҳангиро риоя кунанд.

Сарфи назар аз мавҷуд набудани консепсияи «тасдиқшуда», дар вақтҳои охир тамоюли устувори омӯзиши муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ тавассути призмаи ҷузъи гендерӣ ба назар мерасад. Ин бештар аз он сабаб аст, ки аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сатҳи миллӣ татбиқ намудани яке аз принсипҳои асосии давлатҳои демократӣ — принсипи баробарии имконият ва муносибат дар соҳаи меҳнатро суботкорона талаб мекунад.

Илова бар ин, соли 2015 дар Саммити Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор таъмини баробари гендерӣ дар байни 17 ҳадафи бунёдӣ эълон шуд. Сипас, Пан Ги Мун, собиқ дабири кулли СММ зимни муроҷиат ба раҳбарони ҷаҳон таъкид кард, ки “баробарии гендерӣ бояд авлавияти миллӣ бошад” [6].

Дар асарҳои тадқиқотчиёни алоҳидаи ватанию хориҷӣ мафҳуми гендер воқеан бо ҷинси биологӣ муайян карда мешавад. Масалан, О.В. Нечаева баробарии гендериро ҳамчун мақоми баробарҳуқуқии занону мардон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи он арзёбӣ мекунад, ки имкон медиҳад ба ҳарду ҷинс барои озодона инкишоф додани қобилиятҳои худ, инкишоф додани маҳорату малакаҳо барои иштирок дар рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва азхудкунии дастовардҳои он [5, 12-13]. В.В. Чвикалов бошад, менависад, ки «категорияи «баробарии гендерӣ»-ро бояд ҳамчун принцип — ғоя фаҳмид, ки баробарии де-юре ва де-фактои ҳуқуқхои зану мард ва имкониятхои татбики онҳоро мустахкам менамояд». Аммо набояд таассуроти ғалате ба вуҷуд овард, ки баррасии масъалаи гендерӣ дар илми ҳуқуқи пасошӯравӣ ба ҷои иваз кардани истилоҳи муқарраршудаи «ҷинс» бо истилоҳи англисии «гендер» кам карда шудааст [7,9].

Ҷомеашиносони аврупоӣ (масалан, Ҷудит Лорбер, Сюзан Фаррел) қайд мекунанд, ки категорияи ҷинсӣ дар вақтҳои охир он қадар мураккаб шудааст, ки дигар ба мафҳуми анъанавии ҷинси биологӣ мувофиқат намекунад, яъне мафҳуми «гендер» хеле васеъ аст.

Дар давоми бист соли охир касбу кор ва равияҳои оилавии марду зан тағйир ёфт: консепсияи анъанавӣ, ки аз рӯи он мард касб бунёд карда, оиларо таъмин мекунад ва зан бошад, ҳатто кор кунад ҳам, кори хонаро анҷом медиҳад тадриҷан аз тарафи консепсияи оилаи дукасбавӣ маҳдуд карда мешавад. Чунин динамика аз сарнагун шудани арзишҳои классикии оилавӣ шаҳодат намедиҳад, баръакс, аз ҷалби мардон ба соҳаҳое шаҳодат медиҳад, ки қаблан бахшҳои масъулияти занон бештар ба ҳисоб мерафтанд. Дар хусуси занон бошад, онҳо иқтидори меҳнатӣ ва илмии худро торафт бештар инкишоф дода истодаанд.

Сиёсати давлатӣ бояд чунин дигаргунихои иҷтимоиро ба назар гирад. Имрӯз баъзе мардон омодаанд ба рухсатии барои нигоҳубини кӯдак, нигоҳубини аъзои бемори оила бароянд, занон бошанд, ба сафарҳои хизматӣ равонд ё ба изофакорӣ ҷалб карда шаванд. Омезиши нақшҳои иҷтимоӣ зарурати баррасии категорияи ҳуқуқии баробариро на танҳо тавассути призмаи ҷинси биологӣ, балки тавассути призмаи гендерӣ ба миён меорад.

Чунон ки дар монографияи «Гендер дар қонун» қайд мегардад: «... худи мафҳуми «гендер» маҷмӯи андешаҳо дар бораи шахсият ва хислатҳои рафтори зану мардро ифода

мекунад. Нақшҳои иҷтимоии марду занро ҷинс пешакӣ муқаррар накардааст, балки аз он вобаста аст. Аз ин рӯ, равиши гендерӣ на ба маънои биологӣ ва анатомӣ, балки ҳамчун як навъ ҷинси «иҷтимоӣ» ва «сиёсӣ» омӯзиши ҷинсро дар бар мегирад [1, 256-257].

Дар ноил шудан ба баробарии гендерӣ нақши муҳимро механизмҳои миллӣ иҷро мекунанд. Механизмҳои миллӣ системаи махсуси сохторҳои идоракунии сиёсӣ ва тадбирҳои амалии давлат мебошанд, ки ба ҷорӣ намудани муносибати гендерӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсат ва ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар ҳамаи масъалаҳо равона сафарбар гардидаанд.

Механизми миллӣ бояд сохторҳои умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро дар бар гирад. Ин сохторҳо дар асоси принсипҳои ягонаи ҳуқуқӣ, идеологӣ, ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ, назоратӣ амал намуда, аз ҷиҳати молиявӣ таъмин буда, бояд сиёсати пайвастаи таъмини баробарии гендериро амалӣ созанд.

АДАБИЁТ:

1. Гендер в законе: монография / М.В. Лушникова, Н.Н. Тарусина, А.М. Лушников. М.: Проспект, 2015. С. 256-257.
2. Конвенция Совета Европы о предотвращении и борьбе с насилием в отношении женщин и домашним насилием. CETS/STCE № 210. (Заключена в г. Стамбуле 11.05.2011) // [Электронный ресурс] – Режим доступа:https://www.coe.int/en/web/conventions/full-list/-/conventions/rms/090000168006b0687 (санаи муроҷиат: 17.12.2022).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалишавии онҳо” аз 1 марти соли 2005// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, мод. 129.
4. Невежина М.В. Проблемы гендерного равенства в трудовых отношениях. Дисс... канд. юрид наук. М., 2019.
5. Нечаева О.В. Гендерные проблемы России как социального государства (конституционно-правовое исследование): дис. … канд. юрид. наук. Саранск, 2007.
6. Цели в области устойчивого развития // Организация объединенных наций. [Манбаи электронӣ] – Реҷаи дастрасӣ: http://www.un.org/sustainabledevelopment/ru/ (санаи муроҷиат 17.12.2022).
7. Чвыкалов В.В. Гендерное равенство в праве (историко-правовое исследование): автореферат дис. … канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону, 2012.
8. Stoller R.J. Sex and Gender: On the Development of Masculinity and Femininity. New York: Science House. 1968. 383 p. Stoller R.J. Sex and Gender: the Transsexual Experiment. Hogarth Press. 1968.

Норова П.С. - магистранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: 992554441056

Насруллоев Х.

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ГУЗАШТАН АЗ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Насруллоев Х.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА НЕЗАКОННОЕ ПЕРЕСЕЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ГРАНИЦЫ В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

Nasrulloev Kh.

ESTABLISHMENT AND DEVELOPMENT OF CRIMINAL LIABILITY FOR ILLEGAL CROSSING OF THE STATE BORDER IN INDEPENDENT TAJIKISTAN

Мақолаи баррасишаванда ба таърихи ташаккул ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст. Қонунгузории муосири ҷиноятӣ, ки раванди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро танзим менамояд, ба низоми нави ҳуқуқии кишвар рост меояд. Пешбинӣ гардидани м. 335 дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998) барои ҷавобгарии ҷиноятӣ дар мавриди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ аз таваҷҷуҳи махсуси давлат нисбат ба ин ҷиноят мебошад. Муаллиф дар хулосаи таҳқиқ, пешниҳоди худро ҷиҳати такмили м. 335 мувофиқи мақсад донистааст.
Калидвожаҳо: сарҳади давлатӣ; ҷавобгарӣ; ҷиноят; ғайриқонунӣ гузаштан.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Статья посвящена истории становления и развития уголовной ответственности за незаконное пересечение государственной границы в независимом Таджикистане. Современное уголовное законодательство, регулирующее процесс незаконного пересечения государственной границы, соответствует новой правовой системе страны. Ожидание м. 335 УК РТ (1998 г.) об уголовной ответственности за незаконное пересечение государственной границы – особое внимание государства в отношении данного преступления. В заключении исследования автор внес предложение по совершенствованию m. 335 считается целесообразным.
Ключевые слова: государственная граница; ответственность; преступление; незаконное пересечение.

The article under review is devoted to the history of the formation and development of criminal responsibility for illegally crossing the state border in independent Tajikistan. Modern criminal legislation, which regulates the process of illegal crossing of the state border, corresponds to the new legal system of the country. Anticipation of m. 335 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan (1998) for criminal liability in case of illegal crossing of the state border is a special attention of the state in relation to this crime. In the conclusion of the research, the author made his proposal for the improvement of m. 335 considered appropriate.
Key words: state border; accountability; crime; to pass illegally.

Давраи муҳими инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар давраи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр (аз соли 1991) рост меояд. Яъне оғози марҳилаи нави инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пош хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ низоми ҳуқуқии кишвар комилан тағйир ёфта, қонунгузории он, аз он ҷумла қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба низоми нави интихобнамуда

муқаррар гардид.

Албатта, дар рӯзҳои аввали ташаккулёбии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ масъалаи давомати (меросияти) ҳуқуқ, яъне татбиқи муваққатии қонунгузории марҳилаи пешин ба миён омад. Вобаста ба яку якбора барҳам хӯрдани ИҶШС, Тоҷикистони навтаъсис, дарҳол наметавонист барои танзими муносибатҳои дар шароити муосир бавуҷудомада қонунгузории миллии ҷадидро созад. Барои ҳамин, «соҳибистиқлол эълон гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, - менависад академик Ф.Т. Тоҳиров, - дар соҳаи ҳуқуқ масоили навро ба миён оварда, ки ин ҳам бошад ташкил намудани низоми ҳуқуқии нави Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва масоили бо он сахт марбути давомат дар ҳуқуқ ба ҳисоб меравад» [1, 6].

Азбаски таҳия ва қабули қонунҳои нав дар як муддати кӯтоҳ ғайриимкон буд, дар асоси Қарори Шӯрои Олии ҶТ дар бораи ратификатсияи Созишнома «Дар бораи таъсиси ИДМ» (8-декабри соли 1991, Минск), то қабул намудани қонунҳои нав тамоми қонунҳои собиқ ИҶШС, ки ба Конститутсия ва қонунҳои дигар мухолифат намекунанд, дар ҳудуди ҷумҳурӣ амал менамоянд. Ин санад ба қонунгузории ҷиноятӣ низ дахл дошт. Дар асоси ҳамин қарор Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961), то қабули кодекси ҷиноятии нав, яъне то 21 майи соли 1998 амал кард. То аз эътибор соқит кардани он, ба он тағйироту иловаҳои зиёде ворид карда шуд.

Дар ин марҳила, давлати Тоҷикистон қонунгузории ҷиноятии худро такмил дода, онро ба санадҳои байналмилалӣ мутобиқ намуд. Ин меъёрҳо бо танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии асосҳои ҷавобгарӣ алоқаманданд, ки аз ҷумла иловаи «интихоби ҷои истиқомат ва машғулият» дар м. 212 КҶ ҶШС Тоҷикистон – «Вайрон кардани қоидаҳои ворид шудан ё истиқомат дар маҳалҳои сарҳадӣ» ва як қатори дигар буданд [2, 365]. Вале бо вуҷуди ин, чунин миқдор тағйироту иловаҳо натавонист камбудиву норасоиҳои ин санади меъёриро бартараф созад, зеро он ба шароити гузариши Тоҷикистон ба муносибатҳои нави бозоргонӣ, мафкураи нав ва низоми сиёсие, ки Тоҷикистон пеш гирифта буд, мувофиқат намекарданд.

Ҳамаи ин андешаҳо аз он гувоҳӣ медоданд, ки Кодекси ҷиноятии соли 1961 дигар наметавонист ба таври дахлдор ҳифзи муносибатҳои нави ҷамъиятии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миёномадаро таъмин намоянд. Бо ҳамин сабаб, зарурияти таҳия ва қабули Кодекси нави ҷиноятӣ ба вуҷуд омад.

Т.Ш. Шарипов ва Қ.Х. Мирзоев доир ба ин масъала чунин менависанд: «гузаронидани ислоҳоти куллӣ барои гузариш ба сохти нави ҷамъиятӣ ва давлатӣ бе созмон додан ва такомул додани қонунгузорӣ, асосҳои ҳуқуқии боэътимод, заминаи дурусти қонунӣ, аз он ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ номумкин мебошад» [3, 290].

Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои тартиб додани лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ гурӯҳи кории ҳукуматӣ аз ҳисоби мутахассисони илми ҳуқуқшиносӣ, кормандони амалӣ ва дигар шахсони босалоҳият таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ моҳи майи соли 1997 лоиҳаи Кодекси ҷиноятиро тайёр карда ва аз номи Президенти ҶТ онро барои муҳокима ва қабул ба Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод намуд. Бинобар сабаби набудани таҷрибаи қонунгузорӣ дар байни аъзои гурӯҳи таъсисёфта лоиҳаи мазкур қариб ду сол тӯл кашид. Он аз ҷониби мутахассисони ҳуқуқшинос ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омӯхта шуда, дар якчанд семинару конференсияҳо муҳокима гардид. Ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи КҶ ҶТ аз ҷониби мутахассисон таклифҳои зиёде пешниҳод гардиданд, ки қисми зиёди ин пешниҳодҳо дар раванди такмили лоиҳаи кодекс ба инобат гирифта шуданд [4, 147].

Ҳамин тариқ, дар таърихи Тоҷикистон аввалин маротиба лоиҳаи Кодекси ҷиноятии ҶТ мустақилона аз ҷониби мутахассисони ватанӣ нависта шуд. Он дар асоси Қонуни ҶТ аз 21 майи соли соли 1998, №574 «Дар бораи қабул намудани Кодекси ҷиноятии ҶТ» ва 1 сентябри соли 1998 мавриди амал қарор додани КҶ ҶТ дар асоси Қарори Маҷлиси Олии ҶТ «Оиди мавриди амал қарор додани Кодекси ҷиноятии ҶТ» аз 21 майи соли соли 1998, №575 амалӣ шуда буд.

Ин рӯйдоди муҳиму арзишманд на танҳо дар амалияи муосири ҳуқуқии ҶТ, балки дар таърихи рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, муҳимтарин воқеа дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар Кодекси мазкур дастовардҳои пешқадами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос гардида, заминаҳои ҳуқуқӣ барои муборизаи самаранок бар зидди ҷиноятқорӣ дар замони муосир гузошта шудаанд. Кодекс ба таври ҳамаҷониба мувофиқан ба вазифаҳо, функсияҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия гашта, бо назардошти вазъи як қатор навгониҳои мусбатро ҳам дар қисми умумӣ ва ҳам дар қисми махсус дар бар мегирад.

Кодекси нави ҷиноятӣ бо хусусиятҳои хоси худ, дар мазмуни институтҳои асосии он ифода ёфта, анъанаҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва хусусияти иқтисодии мамлакатро инъикос намуда, уҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтаро ба инобат гирифт. Андешаҳои муҳаққиқон ва мутахассисони ватанӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки КҶ ҶТ соли 1998 дар маҷмуъ талаботи бо қонуни ҷиноятӣ ба танзим андохтани муносибатҳои сифатан нави ҷамъиятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намуда, ба стандартҳои ҷаҳонӣ низ мувофиқ аст [5, 142].

Бахусус Қисми махсуси Кодекси мазкур аз Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (с.1961) ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам мазмун фарқ мекунад. Мутобиқи Конститутсияи ҶТ [6,3], ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шудаанд, дар қонунгузории нави ҷиноятӣ низ бар хилофи қонунгузориҳои пешин дар мадди аввал ҳамчун объекти ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ меистад [7, 51].

Рушди қонунгузории муосири ҷиноятӣ, ки раванди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро танзим менамояд, чунончи дар боло зикр намудем, ба низоми нави ҳуқуқии кишвар рост меояд.

Меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад аз ҷониби қонунгузор дар м. 335 КҶ ҶТ бо номи «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва боби 31 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ», ки ба фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» марбут аст, ҷойгир карда шудааст. Моддаи 335 КҶ ҶТ дар таҳрири қаблӣ аз 2 қисм иборат буд, ки қ.1-уми он «Ғайриқонунӣ, бидуни ҳуҷҷати муайяншуда ва иҷозати зарурӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад» мебошад. Дар қ.2 ҳамин модда бошад «Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғайриқонунӣ, бо маслиҳати пешакӣ гузаштани гуруҳи шахсон ё гуруҳи муташаккил ё бо истифодаи зӯроварӣ ё бо таҳдиди истифодаи он,- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад» муқаррар гардида буд [8, 944].

Сипас мутобиқи Қонуни ҶТ аз 31 декабри соли 2008 №45 ба қ.1, м.335 ҷавобгарӣ дар намуди «ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо» илова ворид гардид. Ҳамчунин дар асоси Қонуни ҶТ аз 2-юми январи соли 2019 №1554 ба моддаи мазкур тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки он аз се қисм иборат шуд. Дар қ.3-юми он зикр шуд, ки «Кирдорҳои дар қ.1 ё қ.2-юми ҳамин модда пешбинигардида, агар онҳо дар алоқамандӣ бо савдои одамон содир шуда бошанд, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ сол ва маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати панҷ сол ҷазо дода мешавад»[9].

Моддаи 335 КҶ ҶТ дар таҳрири имрӯзааш аз 3 қисм ва инчунин эзоҳ иборат аст. Дар эзоҳ гуфта мешавад, ки кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешазрванд, ҳангоми гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани қоидаҳои вуруд, барои истифодаи ҳуқуқи паноҳгоҳи сиёсӣ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, тааллуқ надорад.

Бояд қайд намеоем, ки то ба КҶ ҶТ ворид гардидани м.м. 335-1 ва 335-2 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд дар доираи м. 335 КҶ ҶТ амалӣ мегардид.

Мафҳуми сарҳади давлатӣ ва қоидаҳои гузаштан аз онро Қонуни ҶТ «Дар бораи Сарҳади давлатии ҶТ» аз 1-уми августи с.1997, № 481 муайян кардааст. Махсусан м. 45-и Қонун «Ҷавобгарӣ барои қонуншиканӣ дар сарҳади давлатӣ» ном дорад, ки он ба боби 10 «Ҷавобгарӣ барои қонуншиканӣ дар сарҳади давлатӣ ва назорати иҷрои ҳамин қонун» шомил аст. Дар ин модда омадааст: «Афроде, ки дар вайрон намудани низоми сарҳади давлатӣ, низоми сарҳадӣ ва низоми гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ гуннаҳгоранд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида мешаванд» [10] .

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда ба чунин хулоса омадем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои ҷавобгарӣ дар мавриди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Аз ҷумла қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи Сарҳади давлатии ҶТ» аз 1-уми августи с.1997, № 481, такмили диспозитсияи м. 335 КҶ ҶТ ва ворид намудани м.м. 335-1 ва 335-2 КҶ ҶТ, барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд дар доираи м. 335 КҶ ҶТ, аз сиёсати мусбати ҳуқуқии давлат шаҳодат медиҳад. Техникаи ҳуқуқӣ, ки дар ташкили меъёри м. 335 истифода гардидааст, ба такмили минбаъда низ ниёз дорад. Чунки дар меъёри м. 335 КҶ ҶТ мақсади содир намудани

ҷиноятҳои фавқуззикр мушаххас карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, дар назар дошта шавад, ки ворид шудан ба қаламрави ҶТ ва берун баромадан аз ҶТ бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, сарҳади давлатӣ ва ғайра содир мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Тахиров Ф.Т. Проблемы формирования правовой системы РТ // Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – С. 6

2. Азизов У. А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Дисс. на соискание ученой степени д-а юридических наук. Душанбе - 2015. 454 с.

3. Шарипов Т.Ш. ва Мирзоев Қ.Х. Рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар даврони Истиқлолият. С.290.// Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон). -Душанбе, 22 июни 2021

4. Азизов У.А. Марҳилаҳои асосии инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол. С.147 // 15 - лет независимости Республики Таджикистан: действительность и перспективы развития: Материалы научно-теоретической конференции, проведенной в г. Душанбе, 31 августа 2006 г. - Душанбе, 2006 г. -147с.

5. Шарипов Т.Ш., Баҳриддинов С.Э. ва Сафаров А.И. Инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. С.142.// (маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон). –Душанбе: “Эр-граф”, 26-29 августи соли 2011.

6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: 2016.

7. Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ. С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) Душанбе, 2011. С.51.

8. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. 1123 с.

9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 №574. - Манбаи дастрасӣ: URL:http://mmk.tj/content/. (Санаи мурочиат: 22.12.2022)

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1. 08. 1997, № 481«Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Манбаи дастрасӣ: URL:http://mmk.tj/content/%D0%B4%D0%...(Санаи мурочиат: 06.01.2023)

Насруллоев Хайриддин - унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: 992554441056

Болтуева Ш.С.

АСОС ВА ШАРТҲОИ ТАТБИҚИ ҶАВОБГАРӢ ДАР ШАРТНОМАИ СУПОРИШ

Болтуева Ш.С.

ОСНОВАНИЕ И УСЛОВИЯ ПРИМЕНЕНИЯ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПО ДОГОВОРУ ПОРУЧЕНИЯ

Boltueva Sh.S.

BASIS AND TERMS OF APPLICATION OF LIABILITY IN THE CONTRACT OF DELIVERY

Дар мақола асос ва шартҳои татбиқи ҷавобгарӣ дар шартномаи супориш мавриди таҳлили қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ проблемаҳои дар ин самт ҷойдоштаро муайян ва баҳри ҳалли онҳо пешниҳодҳои мушахас намудааст.
Калидвожаҳо: супориш; шартнома; ҷавобгарӣ

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье анализируются основание и условия реализации ответственности в договоре поручения. На основе анализа научной литературы автор выявил проблемы в данной области и внес конкретные предложения по их решению.
Ключевые слова: назначение; договор; подотчетность

In the article, the basis and conditions of implementation of the responsibility in the assignment contract are analyzed. Based on the analysis of the scientific literature, the author identified the problems in this area and made specific proposals to solve them.
Keywords: assignment; contract; accountability

Ҷавобгарӣ, аз ҷумла барои вайрон кардани шартномаи хоҷагидорӣ, ба маҷбуркунӣ, ба иҷрои ӯҳдадорӣ дар ҳолати маҷбуркунӣ алоқаманд буда, чун қоида, ин ӯҳдадорӣ дар ҷуброни зиён, пардохти ҷарима зоҳир мегардад. Аксаран ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ аломатҳоеро дохил мекунанд, ки барои тафовут намудани он аз дигар намудҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ (ахлоқӣ, иқтисодӣ ва ғайра) имкон медиҳанд. Баъзан дар ин мафҳум ҷанбаҳои амалии ба татбиқи меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои мушахасро пешбинӣ менамоянд, таъкид мешаванд. Аз диди назариявӣ, чунин маҳрумият уҳдадории дар қонун мустаҳкамшудаи ҳуқуқвайронкунанда ба «мувоҷеҳшавӣ ба оқибатҳои номусоид» маҳсуб мешавад.

Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ-граждани барои вайрон намудани шартҳои шартномаи супориш, ҳуқуқвайронкуние маҳсуб меёбад, ки дар шакли иҷро накардани уҳдадорӣ ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадорӣ ифода меёбад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, масъулият барои кори дастурдодашуда иҷрои қоидаҳои пешбинӣ шударо бо назардошти оқибатҳои манфии эҳтимолӣ ва муносибати бодиққат ба иҷрои вазифаҳои супурдашударо талаб менамояд.

Тибқи б.1 м. 914 вакил вазифадор аст супориши ба ӯ мутобиқи дастурҳои ваколатдиҳанда додашударо иҷро намояд. Дастури ваколатдиҳанда бояд мушаххас, ҷоиз ва имконпазир бошад.

Талаби асосии чунин дастурҳо аз он иборат аст, ки онҳо набояд хилофи шартнома бошанд. Асосан, дастурҳо ба усулҳои иҷрои фармоиш марбутанд ва мумкин аст ҳам дар худи шартномаи супориш ва ҳам дар дастурҳои махсуси ваколатдиҳанда, ки мазмуни шартномаро муайян мекунанд, ҷой дошта бошанд. Ба вакил дастурҳои мушаххас ё умумӣ аз ҷониби ваколатдиҳанда дода мешавад. Вакил бошад бе вайрон кардани дастурҳои бевоситаи ваколатдиҳанда, бояд худаш роҳҳои мушаххаси иҷрои дастурҳоро ҳал намояд. Дастурҳое, ки ваколатдиҳанда ба вакил оид ба анҷом додани амалҳое, ки танҳо аз ҷониби ваколатдиҳанда иҷро шуда метавонанд ғайриқонунӣ дониста мешавад ва аз ин рӯ, эътибор надоранд.

Мувофиқи м. 915 КГ ҶТ вакил вазифадор аст: супориши ба ӯ додашударо шахсан иҷро намояд; ба ваколатдиҳанда тибқи талаботи ӯ оид ба ҷараёни иҷрои супориш ҳамаи маълумотро хабар диҳад; ба ӯ бетаъхир тамоми маблағи вобаста ба анҷом додани муомилот ба даст овардаашро диҳад; баъди иҷрои супориш ба ваколатдиҳанда бетаъхир ваколатномаи мӯҳлати

эътибораш нагузаштаро баргардонад ва агар ин аз рӯи хусусияти супориш тақозо гардад, ҳисоботро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод намояд.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ барои вайрон намудани шартҳои шартномаи супоришро танзим менамояд, имкон медиҳад, ки чунин шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданиро ҷудо намоем:

а) расонидани зарари воқеӣ;

б) зиддиҳуқуқӣ будани амалҳои иҷрогардида;

в) мавҷуд будани алоқаи сабабӣ байни амали зиддиҳуқуқӣ ва зарари расонидашуда;

г) мавҷуд будани гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда.

Яке аз шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ-граждани амали зиддиҳуқуқие, ки дар натиҷаи содир намудани онҳо зарар расонида шудааст, ба ҳисоб меравад. Амали зиддиҳуқуқӣ дар ҳуқуқӣ граждани бо баъзе хусусиятҳояш аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ фарқ мекунанд. Барои он, ки амали зиддиҳуқуқӣ шарти ҷавобгарии ҳуқуқӣ-граждани шавад, он бояд, ба истиснои баъзе ҳолатҳо, амал (беамалӣ) хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ бошад ва ҳамзамон ҳуқуқҳои касеро вайрон кунад[1].

Тибқи м. 916 КГ ҶТ ваколатдиҳанда, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, вазифадор аст: вакилро бо васоити барои иҷрои супориш зарурӣ таъмин намояд; бетаъхир аз ҷониби вакил иҷрои мутобиқи шартнома анҷомдодашударо қабул кунад; ба вакил хароҷотеро, ки барои иҷрои супориш зарур буд, пардозад; баъди иҷрои супориш, агар он тибқи шартнома ё қонунҳо пешбинӣ шуда бошад, ба вакил подошпулӣ пардозад.

Номушахас будани дастурҳои ваколатдиҳанда метавонад сабаби бастанашуда эътироф гардидани шартномаи супориш шавад. Ҳамин тавр, дар Қарори суди иқтисодии вилояти Суғд қайд мегардад, ки: «...Мувофиқи б. 1 м. 912 КГ ҶТ дар шартномаи супориш як тараф (вакил) аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар (ваколатдиҳанда) иҷро кардан ё ба ҷо овардани амали муайяни ҳуқуқиро ӯҳдадор мешавад. Вобаста ба муомилае, ки вакил анҷом медиҳад, ҳуқуқ ва вазифаҳоро бевосита ваколатдиҳанда пайдо менамояд. Тибқи б. 1 м. 914 КГ ҶТ вакил вазифадор аст супориши ба ӯ мутобиқи дастурҳои ваколатдиҳанда додашударо иҷро намояд. Дастури ваколатдиҳанда бояд мушаххас, ҷоиз ва имконпазир бошад Шарти муҳими шартномаи супориш предмети он - амалҳои мушаххаси ҳуқуқии дар шартнома муайяншуда мебошад, вакил бояд онҳоро аз ном ва аз ҳисоби ваколатдиҳанда анҷом диҳад.

Дигар шарти ҷавобгарии ҳуқуқӣ – граждани робитаи сабабии байни рафтори зиддиҳуқуқии қарздор ва оқибатҳои манфии молу мулкӣ (зарар) маҳсуб мешавад. Барои ба ҷавобгарӣ кашидан на ҳама чиз, балки танҳо чунин рафтори шахс, ки ба расонидани зарар мусоидат намудааст, аҳамият дорад [2]. Масъалаи ҷой доштан ё надоштани робитаи сабабиро бо чунин пайдарҳамӣ муайян намудан мувофиқи мақсад мебошад:

а) муқаррар намудани мавҷудияти оқибат (фарз мекунем, зарар);

б) муқаррар намудани чизе, ки факти ҷойдошта натиҷаи он мебошад, яъне муайян намудани сабаби зарар.

Гуноҳ аз зумраи дигар шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии граждани – ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар атрофи он байни муҳаққиқон баҳсҳо идома доранд. Яке аз масъалаҳои ба мафҳуми гуноҳ иртиботдошта он аст, ки оё гуноҳ унсури ҳатмии таркиби ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ё ҳуқуқ мумкин аст бо амалҳои бегуноҳӣ ва ҳатто ҳодисаҳо вайрон карда шавад.

Гуноҳ дар ҳуқуқӣ граждани шарти субъективии ҷавобгарии граждани ба ҳисоб рафта, ҳамчун муносибати руҳии субъект ба рафтори зиддиҳуқуқиаш муайян карда мешавад, ки дар он дараҷаи беэътиноии субъект ба манфиатҳои тарафи дигари ҷомеа зоҳир мегардад.

Дар бораи хусусиятҳои ба «гуноҳ» ҳамчун падида хос сухан ронда, мекушем, сабабҳои ба сермаъно будани ин истилоҳ таъсиррасонро муайян намоем:

1) мавҷудияти муносибати бошууронаи субъект, ки воқеияти муҳит ва зуҳуротҳои онро ба таври айнан инъикос менамояд. Даркшавандагӣ ҳам яке аз хусусиятҳои гуноҳ мебошад;

2) ҳуқуқвайронкунандаи гунаҳкор, ҳангоми содир намудани амали зиддиҳуқуқӣ нисбати қоидаҳои ҳатмии рафтори дар ҷомеа муқарраршуда, муносибати манфӣ ё нописандӣ баён менамояд (лекин, муносибати бепарвоёнаро низ истисно набояд кард).

3) муносибати манфии ҳуқуқвайронкунанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар интихоби варианти рафтори зиддиҳуқуқӣ зоҳир мешавад.

Гуноҳ ҳамчун шарти ҷавобгарии граждани дар шартномаи супориш дорои хосиятҳои худ мебошад. Чунончӣ барои ваколатдиҳанда ва вакил, асосҳои ягонаи ҷавобгарии молу мулкӣ ба-

рои вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ муқаррар карда шудааст. Мутобиқи б. 1, м. 432 Кодекси гражданӣ, тарафҳо ҳангоми вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавии худ, сарфи назар аз мавҷуд будан ё набудани гуноҳашон ҷавобгаранд, агар қонун ё шартнома тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

Ҳама аҳдҳое, ки вакил аз номи худ ва ба манфиати худ анҷом додааст, уҳдадориҳоро на барои ваколатдиҳанда, балки барои вакил ба вуҷуд меоранд. Ғайр аз ин вакиле, ки берун аз манфиат ва иродаи ваколатдиҳанда амал менамояд, дар назди вай барои иҷро накардани супориш ҷавобгар аст.

Дар сурати набудани ваколати амал кардан аз номи шахси дигар ё баромадан аз доираи чунин ваколат, агар шахси дигар (ваколатдиҳанда) минбаъд чунин аҳдро бевосита маъқул донад, аҳд аз номи шахси анҷомдодаи он ва ба манфиати ӯ суратгирифта эътироф карда мешавад.

Вакил инчунин вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи муқаррар ва муайян кардани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии байни вакил ва шахсони сеюмро супорад. Ҳангоми аз ҷониби вакил ба таъхир андохтани иҷрои уҳдадории мазкур ваколатдиҳанда ҳуқуқ дорад ҷуброни зарари расонидашударо талаб намояд. Агар вакил маблағи пулро беасос нигоҳ дошта бошад, ваколатдиҳанда ҳуқуқ дорад пардохти фоизҳоро барои истифодаи ғайриқонунии пулҳоро талаб намояд.

Чунин вакил ҳуқуқ дорад, тибқи м. 388 ГК ҶТ ашёеро, ки бояд ба ваколатдиҳанда супорида шавад, нигоҳ дорад то талаботи ӯ тибқи шартномаи супориш таъмин карда шавад. Бояд қайд кард, ки намояндаи тиҷоратӣ наметавонад ашёеро, ки барои додани онҳо ба шахсони сеюм пешбинӣ шудааст, нигоҳ дорад. Ин ҳуқуқ танҳо нисбат ба ашёе, ки ба ваколтанома дода мешавад, эътибор дорад.

Тибқи қ. 2 м. 916 ГК ҶТ ваколатдиҳанда, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, вазифадор аст бетаъхир аз ҷониби вакил иҷрои мутобиқи шартнома анҷомдодашударо қабул кунад. Ба ин сифат ҳам пул, ҳам ашё ва ҳам ҳуҷҷатҳое, ки вакил аз шахсони сеюм вобаста ба иҷрои амали таъиншуда гирифтааст, баромад карда метавонанд. Агар ваколатдиҳанда аз қабули иҷрои дурусти пешниҳодкардаи вакил даст кашад, тибқи м. 437 КГ ҶТ оқибатҳои ҳуқуқии аз ҷониби кредитор гузаронидани мӯҳлат ба вуҷуд моянд.

Ин ба қарздор (вакил) ҳуқуқ медиҳад, ки зиёни аз сабаби гузаронидани мӯҳлат расонидашударо талаб намояд агар кредитор (ваколатдоркунанда) исбот карда натавонад, ки гузаронидани мӯҳлат мутобиқи ҳолатҳое ба миён омадааст, ки барои он ҳолат на ӯ шахсан ва на дигар шахси ба зиммаашон бо амри қонун ё супориши кредитор қабули иҷрои ӯҳдадорӣ вогузошташуда ҷавобгар намебошанд. Инчунин мутобиқи ӯҳдадории пулӣ барои пардохти фоиз дар давраи гузаронидани мӯҳлат аз тарафи кредитор қарздор масъул намебошад (қ. 3 м. 377 КГ ҶТ).

Ваколатдоркунанда ҳуқуқ дорад дар ду ҳолат аз қабули дастури иҷрошуда даст кашад:

1) агар иҷро аз ҷониби вакил берун аз шартнома ё дастури минбаъдаи ваколатдиҳанда анҷом дода шуда бошад;

2) агар шартҳое, ки дар онҳо чунин дасткашӣ иҷозатдода мешавад вуҷуд надошта бошад.

Бинобар сабабе, ки вакил супоришро аз ном ва аз ҳисоби ваколатдиҳанда иҷро мегардад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ӯҳдадор аст ба вакил ба ҳароҷотеро, ки барои иҷрои супориш зарур буд, пардозад (б.3 м. 916 КГ ҶТ). Меъёри зикргардида дар назар дорад, ки агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, барои иҷрои шартномаи супориш ваколатдиҳанда вазифадор аст, ки тамоми ҳароҷоти имконпазири вакилро пешакӣ ҷуброн намояд. Дар ин сурат сухан на дар бораи ҳамаи ҳароҷотҳои имкондошта, балки танҳо дар бораи ҳароҷоти зарурии вакил, ҳаҷму муҳлате, ки таъминоти онҳоро дар шартнома муайян кардан мумкин аст, меравад. Вакил дар ҳолати ҳангоми иҷрои супориш ба вуҷуд омадани ҳароҷотҳоро зарур шуморад, ҳуқуқ дорад онро аз ваколатдиҳанда талаб намояд.

Ӯҳдадории ваколатдиҳанда оид ба ҷуброни ҳароҷот, чун қоида, дар ду ҳолат ба миён меояд:

1) агар таъминоти пулӣ ба вакил пешниҳод нашуда бошад;

2) агар ҳароҷоти воқеӣ аз маблағи таъминот зиёд бошад.

Бояд қайд кард, ки вакил ҳуқуқ дорад ҷуброни танҳо чунин ҳароҷоти ба ӯ расонидашударо, ки зарурати онро барои иҷрои супориш исбот карда метавонад, ҷуброн намояд. Тибқи қ. 4. м. 916 КГ ҶТ ваколатдиҳанда, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, вазифадор аст баъди иҷрои супориш, агар он тибқи шартнома ё қонунҳо пешбинӣ шуда бошад, ба вакил подошпулӣ пардозад.

Шартномаи супориш пулакӣ эътироф мешавад, ки агар он дар қонун, дигар санадҳои ҳуқуқӣ ё худи шартнома бевосита пешбинӣ шуда бошад, инчунин дар ҳолатҳое, ки шартномаи супориш ба фаъолияти соҳибкории ақаллан яке аз тарафҳои он алоқаманд бошад (м. 913 КГ ҶТ).

Фарзияи пулакӣ будани супориш танҳо дар сурате эътибор дорад, ки дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Дар баробари ин, меъёри умумии б. 2 м. 913 КГ ҶТ қоидаеро муқаррар менамояд, ки тибқи он ҳангоми дар шартномаи супориши пулакӣ мавҷуд набудани шартҳо оид ба ҳаҷми подошпулӣ ва тартиби пардохт он мувофиқи қисми 3 моддаи 456 ҳамин Кодекс тибқи нархномаи маъмулан ба чунин шакли хизматрасонӣ қабулшуда муайян гардида, баъди иҷрои супориш пардохта мешавад.

Боби 45-и КГ ҶТ қоидаеро дар бар намегирад, ки аз кадом лаҳзае, ки супоришдиҳанда ӯҳдадор аст барои хидмати вакил пардохт кунад. Амалия оид ба ин масъала чунин хулосаеро дар бар мегирад, ки ухдадории пардохти подош ба вакил новобаста аз натиҷаи ниҳоии амали вакил ба миён меояд, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Чунин хулосаи судҳо бо он алоқаманд аст, ки предмети шартномаи супориш аз ҷониби вакил ҳатмӣ ба даст овардани натиҷаро ҳамавақт дар назар надорад.

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки шарти пардохт ҳангоми ба даст овардани натиҷаи дигар ҳам муқаррар намудан мумкин аст ва он ба ҳаққи муваффақият дахл надорад, илова бар ин, ҳаққи муваффақият бояд ба "эҳтимоли оқилона" мувофиқат кунад. Шахсе, ки талаби ҷуброни хидмати намоянда дорад, маблағ ва далели пардохти онҳоро исбот менамояд ва тарафи дигар ҳуқуқ дорад аз ҳад зиёд будани онҳоро исбот кунад.

Ба андешаи мо, мавҷудияти пулакӣ ё ройгон дар шартномаи мушаххаси супориш бояд ба шартҳои фарорасии ҷавобгарии вакил дар назди ваколатдиҳанда барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супориш таъсир расонад. Вакил бо шартномаи бемузд бояд танҳо дар сурате масъулият дошта бошад, ки дар кирдораш қасд мавҷуд бошад ва бо шартномаи пулакӣ агар беэҳтиёт бошад ҳам бояд ҷавоб диҳад.

Ӯҳдадории иҷрои шахсӣ танҳо ба амалҳои қонунии вакил таалуқ дорад. Нисбат ба амалҳои воқеӣ, ки дар ҳолатҳои алоҳида метавонанд бо амалҳои ҳуқуқӣ предмети шартномаро ташкил диҳанд, вакил метавонад, агар дар худи шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шахси сеюмро ҷалб намояд. Дар ин ҳолат вакил тибқи қоидаҳои умумӣ дар бораи масъулияти қарздор барои амали шахси сеюм (м. 434 КҶ ҶТ масъулият дорад.

Бо додани ваколати худ ба шахси дигар дар сурати набудани дастури бевоситаи ваколатдиҳанда дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 212 КГ ҶТ вакил бояд он ҳолатро ба назар гирад , ки дар ин ҳолат ӯ бояд барои амали муовин (вакил) ҷавобгар бошад. Дар ҳолате, ки ба шахси дигар додани ваколат аз ҷониби ваколатдиҳанда вогузошта шуда бошад ва ин шахс дар шартнома тибқи шартнома зикр шуда бошад, вакил на барои интихоби худ ва на барои пешбурди кораш ҷавобгар нест. Агар дар шартнома ҳуқуқи ваколатдор оид ба додани иҷрои супориш ба шахси дигар пешбинӣ нагардида бошад ё пешбинӣ шуда бошад, вале муовин дар он номбар нагардида бошад, вакил дар назди ваколатдиҳанда барои интихоби нодурусти супориш масъулият дорад. (қ. 3 м. 917).

Шахсони сеюм метавонанд дар назди ваколатдиҳанда масъулият дошта бошанд, агар онҳо донанд, ки онҳо муомилаеро анҷом медиҳанд, ки аз доираи ваколатҳои вакил берун аст. Бояд тазаккур дод, ки дар доираи ҳалли баҳсҳо дар амалияи судӣ аксар вақт дар бораи қонунӣ будани ба шартномаи супориш дохил намудани банди ҷарима барои аз шартнома даст кашидан савол ба миён меояд.

Ҳамин тавр,

1.Ҳама аҳдҳое, ки вакил аз номи худ ва ба манфиати худ анҷом додааст, уҳдадориҳоро на барои ваколатдиҳанда, балки барои вакил ба вуҷуд меоранд. Ғайр аз ин вакиле, ки берун аз манфиат ва иродаи ваколатдиҳанда амал менамояд, дар назди вай барои иҷро накардани супориш ҷавобгар аст.Дар сурати набудани ваколати амал кардан аз номи шахси дигар ё баромадан аз доираи чунин ваколат, агар шахси дигар (ваколатдиҳанда) минбаъд чунин аҳдро бевосита маъқул донад, аҳд аз номи шахси анҷомдодаи он ва ба манфиати ӯ суратгирифта эътироф карда мешавад. Чунин шартнома беэътибор дониста мешавад, зеро он аз рӯи табиати худ қисми ҷудонашавандаи шартномаи зикршуда мебошад ва наметавонад аз он алоҳида мавҷуд бошад ва иҷро карда шавад.

2. Вакил инчунин вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи муқаррар ва муайян кар-

дани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии байни вакил ва шахсони сеюмро супорад. Ҳангоми аз ҷониби вакил ба таъхир андохтани иҷрои ухдадории мазкур ваколатдиҳанда ҳуқуқ дорад ҷуброн и зарари расонидашударо талаб намояд. Агар вакил маблағи пулро беасос нигоҳ дошта бошад, ваколатдиҳанда ҳуқуқ дорад пардохти фоизҳоро барои истифодаи ғайриқонунии пулҳои шахсони дигар талаб намояд.

АДАБИЁТ

1. Мирзоев С.А. Танзими шартномавии таъмини барқ. дис. … ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2020.С. 97.

2. Иоффе О.С. Избранные труды: в 4 т. Т. 1. Правоотношение по советскому гражданскому праву. Ответственность по советскому гражданскому праву. СПб., 2003. – С. 147.

Аминзода З.Т.

БАЪЗЕ АЗ МАСАЛАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҚИСМИ АДОНАШУДАИ ҶАЗО АЗ РӮИ ҲУКМИ ПЕШТАРА ҲАНГОМИ ТАЪИНИ ҶАЗО АЗ РУИ МАҶМУИ ҲУКМҲО

Аминзода З.Т.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ СОСТАВА НАКАЗАНИЯ НА ОСНОВЕ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО ПРИГОВОРА ПРИ ПРИСОЕДИНЕНИИ НАКАЗАНИЯ СОВОКУПНОСТЬЮ ПРИГОВОРЕНИЙ

Aminzoda Z.T.

SOME OF THE ISSUES OF DETERMINING THE PART OF THE PUNISHMENT BASED ON THE PRELIMINARY SENTENCE WHEN THE PUNISHMENT IS ATTACHED BY THE SET OF SENTENCES

Масъалаи муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо ҳангоми аз тарафи шахсе, ки нисбаташ ҳукми айбдоркунандаи суд ҷой дораду ҷазоро пурра ё қисман адо накарда боз ҷиноят содир намудааст, ба миён меояд.

Мутобиқи муқаррароти қ.1 м.68 КҶ ҶТ «агар маҳкумшуда пас аз баровардани ҳукм, вале то адои пурраи ҷазо ҷинояти нав содир карда бошад, суд ҷазоеро, ки аз рӯи ҳукми пештара то охир адо нашудааст пурра ё қисман ба ҷазои дар асоси ҳукми нав таъиншуда зам мекунад».

Дар банди 11 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 13 марти соли 2003 таҳти №5 «Доир ба тағрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» муқаррар шудааст, ки «ҳангоми таъин намудани ҷазо аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо ба судҳо лозим аст, ки дар қисми муқаддимавии ҳукм намуд ва қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншударо, ки дар асоси моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд пурра ё қисман ба ҷазои бо ҳукми нав таъиншуда зам карда мешавад, муфассал муқаррар намуда, онҳоро аниқ нишон диҳанд»[1].

Зимнан, мутобиқи Қарори мазкур қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда инҳо дониста мешаванд:

– қисми воқеии маҳрум сохтан аз озодӣ, ки барои адо кардан дар лаҳзаи дастгиркунӣ ва ба ҳабс гирифтани ӯ барои содир кардани ҷинояти нав бокӣ мондааст;

– муҳлате, ки маҳкумшуда аз адо намудани боқимондаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда пеш аз муҳлат озод карда шудааст;

– муҳлати ҷазои бо ҳукми пештаро таъиншуда, ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст;

– муҳлати мавқуф гузоштани адои ҷазо, ки ба занҳои ҳомиладор ва занҳои кӯдаки хурдсол дошта таъин карда шудааст.

Ғайр аз ин, дар қ.2 б.11-и Қарори мазкур омадааст, ки «Дар мавриди таъин намудани ҷазо барои содир кардани ҷинояти нав нисбати шахсе, ки ба тариқи бахшиши ҷазо мутобиқи м.м. 77 ва 83 КҶ ҶТ қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, ба ҷазои барои ҷиноят нав таъинкардашуда, қисми адонагардидаи ин ҷазои нисбатан сабуктар пурра ё қисман зам карда мешавад», яъне қисми адонагардидаи ҷазои нисбатан сабуктар ҳангоми татбиқ гардидани м.м. 77 ва 83 КҶ ҶТ.

Ҳангоми муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо муқаррар намудани лаҳзае, ки сарҳади байни қисми адошуда ва адонашудаи ҷазо гашта метавонад, зарурият дорад.

Мутобиқи б.11 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 13 марти соли 2003 таҳти №5 «Доир ба тағрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» лаҳзаи ҷудокунандаи қисми адонашудаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, аз лаҳзаи интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳасб барои содир кардани ҷинояти нав ҳисобида шавад. Вале, дар Қарори мазкур ягон тавзеҳот оид ба муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо дар мавриди интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳасб нисбати шахсе, ки ба ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда маҳкум шудааст, ҷой надорад. Аз ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки ин тавзеҳот инчунин ҳангоми ба ҳисоб гирифтани муҳлати ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набуда низ дахл дорад.

Бо мақсади пурратар намудани тавзеҳоти Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 13 марти соли 2003 таҳти №5 «Доир ба тағрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо

ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» пешниҳод менамоем, ки ба банди 11-и он илова зерин ворид карда шавад:

– «қисми воқеии ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ, ки барои адо кардан дар лаҳзаи дастгиркунӣ ва ба ҳабс гирифтани ӯ барои содир намудани ҷинояти нав, боқӣ мондааст;

– ҳангоми интихоб нашудани чунин чораҳо муҳлате, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукми охирон боқӣ мондааст».

Чунин тавзеҳот ба муқаррароти қ.4 м.70 КҶ ҶТ дар бораи ба ҳисоб гирифтани ҷазо нисбати шахсоне, ки то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм дар ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, мутобиқат менамояд.

Қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, инчунин «муҳлати ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст», (б.11.Қарори зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ) эътироф мегардад.

Мутобиқи қ.8 м.71 КҶ ҶТ «агар маҳкумшуда дар давоми муҳлати санҷиш ҷинояти нав содир намояд, суд шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намуда, мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 68 ҳамин Кодекс ҷазо таъин мекунад», яъне мутобиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олӣ ва дар асоси м.68 КҶ ҶТ суд муҳлати ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст, пурра ё қисман ба ҷазои дар асоси ҳукми нав таъиншуда зам мекунад. Ғайр аз ин дар б.15 -и Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ муқаррар шудааст, ки судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки «муҳлати адо намудани ҷазои ниҳоӣ мувофиқи қоидаи... м. 68 КҶ ҶТ таъин кардашуда, аз рӯзи баровардани ҳукми охирин бо ба ҳисоб гирифтани давраи то суд бо парвандаи охирин дар хабс ба тариқи чораи пешгирӣ ё дастгиркунӣ нигоҳ доштан, бояд бо ҳисоб гирифта шавад». Ин ҷо низ тавзеҳоти Пленум чандон равшан нест, зеро дар он вобаста ба масъалаи ба ҳисоб гирифтани давраи то суд бо парвандаи аввал дар хабс ба тариқи чораи пешгирӣ ё дастгиркунӣ нигоҳ доштан чизе зикр нашудааст.

Тавзеҳоти мазкурри Пленуми Суди Олии ҶТ бо мазмуни м.68 ва 70 КҶ ҶТ мухолифат менамояд. Мухолифат дар он зоҳир мегардад, ки мутобиқи қ.4 м.70 КҶ ҶТ то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм дар ҳабс нигоҳ доштан ба муҳлати ҷазо... ба ҳисоб гирифта мешавад, яъне муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ҳамчун қисми адошудаи ҷазо ҳисобида мешавад. Дар асоси м.68 КҶ ҶТ бошад, суд танҳо ҷазоеро, ки аз рӯи ҳукми пештара то охир адо нашудааст, ҳамроҳ менамояд. Барои бартараф намудани чунин ҳолат пешниҳод менамоем, ки ба б.11 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 13 марти 2003 чунин тағйирот ворид карда шавад: қисми адонашудаи ҷазо «муҳлати ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст, ба истиснои муҳлати то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм дар ҳабс нигоҳ доштан» ҳисобида мешавад.

Дар б.11 Қарори зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ омадааст, ки қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, ин муҳлати мавқуф гузоштани адои ҷазо, ки ба занҳои ҳомиладор ва занҳои кӯдаки хурдсолдошта таъин карда шудааст [1] ба шумор меравад. Дар ин маврид Пленуми Суди Олӣ ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро қисми адонашудаи ҷазое, ки аз рӯи ҳукми пештара таъин шудааст, бояд қисми ҷазое дониста шавад, ки адои он аз ҷониби занони ҳомила ё занони дорои фарзандони то синни ҳаштсола мавқуф гузошта шудааст (м. 78 КҶ ҶТ).

Ҳамчунин, қ. 4 м. 78 КҶ ҶТ муқаррар намудааст, ки «пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад. Чунин намуди озоднамоӣ аз адои ҷазо нисбати занони ҳомилаи маҳкумшуда ё занони дорои фарзандони то синни ҳаштсола ба истиснои заноне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум гардидаанд, татбиқ карда мешавад.

Нисбати қисми адонашудаи ҷазо барои занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд, бояд ҳолатҳои зеринро ба инобат гирифт. Ҳангоми мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва занони кӯдакони то синни ҳаштсола дошта, агар мавқуфгузорӣ якбора дар рафти баровардани ҳукм муйян шуда бошад, қисми адонашудаи ҷазо тамоми муҳлати ҷазои бо ҳукми суд таъингашта эътироф мешавад. Агар мавқуф гузоштан барои зан дар давраи адои ҷазо дода шуда бошад, пас он қисми ҷазо адонашуда ҳисоб мешавад, ки воқеан дар лаҳзаи баровардани таъиноти суд доир ба мавқуф гузоштани адои ҷазо иҷро нашудааст.

Бинобар он лозим аст, ки Пленуми Суди Олии ҶТ ба ин қарори худ тағйирот ворид намуда, иштибоҳи ҷой доштаро бояд бо матни зерин ислоҳ намояд: «Қисми адонагардидаи

ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, муҳлати ҷазое дониста мешавад, ки адои он ҷониби занони ҳомила ё занони дорои фарзандони то синни ҳаштсола мавқуф гузошта шудааст ё онҳо аз адои ҷазо озод гардидаанд».

Бояд зикр намуд, ки дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ ҶТ «Доир ба тағрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» аз 13 марти 2003 на ҳама вариантҳои мавҷуд будани қисми адонашудаи ҷазо аз рӯи ҳукми пештара муайян шудааст. Аз ҷумла, аз мадди назари Пленум муайян намуданаи қисми адонашудаи ҷазо, ки бо ҷазои дигари вазнинтар иваз шуда бошад, берун мондааст.

Ҳамин тавр, масъалаҳои марбут ба муайян намудани қисми адонагардидаи ҷазоро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадем:

Нодуруст муқаррар намудани қисми адонашудаи ҷазои аз рӯи ҳукми пештара таъиншуда метавонад ба нодуруст муайян шудани ҷазои ниҳоӣ дар умум барои маҷмуи ҳукмҳо оварда расонад.

Лаҳзае, ки қисми адошуда ва адонашудаи ҷазоро ҷудо менамояд, бояд лаҳзаи баровардани ҳукми суд (на ин ки ба қувваи қонунӣ даромадани он) барои ҷинояти дуюм дониста шавад. Мутаносибан, ҳамчун қисми адошудаи ҷазо бояд доираи муҳлати аз оғози адои ҷазо (аммо бидуни ба ҳисоб гирифтани муҳлати нигоҳдории шахс дар ҳабс ҳамчун чораи пешгирӣ ё дастгиркунӣ) ё ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм, агар ҷазо амалан адо нашуда бошад ва то лаҳзаи баровардани ҳукм (на ин ки ба қувваи қонунӣ даромадани он) барои ҷинояти дуюм ҳисобида шавад.

Ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 13 марти соли 2003 таҳти №5 «Доир ба тағрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» тағйирот ворид карда шуда, банди 11 ба тариқи зайл ифода карда шавад:

Қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда инҳо дониста мешаванд:

– қисми воқеии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ва маҳрум сохатан аз озодӣ, ки барои адо кардан дар лаҳзаи дастгиркунӣ ва ба ҳабс гирифтани ӯ барои содир намудани ҷиноят нав, боқӣ мондааст;

– ҳангоми интихоб нашудани чунин чораҳо муҳлате, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукми охирон боқӣ мондааст;

– муҳлате, ки маҳкумшуда аз адо намудани боқимондаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда пеш аз муҳлат озод карда шудааст;

– муҳлати ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда, ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст, ба истиснои муҳлати то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм дар ҳабс нигоҳ доштан;

– муҳлати ҷазое, ки адои он аз ҷониби занони ҳомила ё занони дорои фарзандони то синни ҳаштсола мавқуф гузошта шудааст ё онҳо аз ҷазо озод гардидаанд;

– муҳлати намуди ҷазои нисбатан вазнинтар , ки бо тартиби дар қ.5 м.481, қ.5,9 м.49, қ.3, м.52, қ.3, м.54 КҶ ҶТ таъин гаштааст.

АДАБИЁТ

1. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992–2011). Душанбе,2012 – С. 306.

ДИГАР САМТҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ

Дустбоев Ш.
Рустамов Ф.М.

БАЪЗЕ ПАҲЛУҲОИ НАЗАРИЯВИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Дустбоев Ш.
Рустамов Ф. М.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

Dustboev Sh.
Rustamov F.M.

SOME THEORETICAL ASPECTS OF HUMAN CAPITAL

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақола мафҳум, моҳият, таснифот, принсип, вазифаҳо ва омилҳои сармояи инсониро аз нуқтаи назари якчанд муаллифон таҳлил гардидааст. Муаллифон моҳият, таснифот ва омилҳои рушдёбандаи сармояи инсониро омӯхтанд ва онҳоро тибқи ақидаҳои хеш гурӯҳбандӣ намудаанд.
Калид вожаҳо: сармояи инсонӣ, таснифот, омилҳо, принсип, вазифаҳо.

В статье анализируются понятие, сущность, классификация, принципы, задачи и факторы человеческого капитала с точки зрения ряда авторов. Авторы изучили природу, классификацию и факторы развития человеческого капитала и сгруппировали их по своему мнению.
Ключевые слова: человеческий капитал, классификация, факторы, принципы, задачи.

The article analyzes the concept, essence, classification, principles, tasks and factors of human capital from the point of view of several authors. The authors studied the nature, classification and developing factors of human capital and grouped them according to their opinions.
Key words: human capital, classification, factors, principles, tasks.

Дар охири асри XX ва оғози асри XXI олимони иқтисоддон ба чунин хулоса омадаанд, ки яке аз омили муҳими рушди иктисодиёти ҷаҳон на сармояи ҷисмонӣ, балки сармояи инсонӣ мебошад, чун ки номбурда пеш аз ҳама ба боло бурдани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамояд. Аз ин рӯ сиёсати иқтисодии Давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳон ба ҳарчи бештар хароҷоту сармоягузорӣ намудан ба сармояи нигаронида шудааст, зеро ин омили муҳими рушди устувори иқтисодиёт мебошад. Ин ақида аз давраи гузаштан аз иқтисодиёт усули экстенсивӣ рушди истеҳсолот ба усули интенсивии он собит мегардад. Дар ин замина истифодаи технологияҳои нав босуръат пеш меравад ва талабот ба афзоиши шумораи коргарон кам гардида, арзиши ақидаҳои эҷодии сармояи инсонӣ хело ҳам баланд гардида мавқеаш дар истеҳсолот аввалиндараҷа мегардад.

Исботи гуфтаҳои болоро бо пайдоиши ширкати Google, ки соли 1998 дар заминаи ақидаҳои замонавии созанда ва истифодаи технологияи иттилоотии муосир таъсис ёфтааст, тасдиқ намудан мумкин аст.

Ҳамчунин даҳсолаҳо пештар аз ин ширкати номбурда, ҳоло соли 1967 дар заминаи Стивен Ҷобс ширкати Apple гардида буд, ки таъсис ёфта, дар замони муосир яке аз бонуфузтарин ва гаронарзиштарин ширкатҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад. Чи тавре қайд гардид, заминаи асосии рушд ва муваффақияти ширкатҳои мазкур, ин истифодаи самараноки ғояҳои эҷодӣ ва созандаи сармояи инсонӣ мебошад аксарияти ширкатҳои гуногуни ҷаҳон омода ҳастанд, ки барои истифодаи ин арзишҳо бо ширкатҳои рушдёфта ҳамкорӣ намоянд.

Дар ин самт нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ки дар аксари давлатҳои рушдёфта дар асоси принсипҳои озодии инсон ва муттаҳид гардидани одамон асос ёфта, барои рушди технологияҳои муосир ҳаракати қувваи корӣ ва мол мусоидат менамояд. Дар навбати худ дар бозори ҷаҳон низ ҳаркати капитал, қувваи корӣ ва молҳоро ширкатҳои алоҳида барои ҳамкориҳои мутақобилаи судманд байни корманд ва менеҷер самаранок истифода менамоянд, инҷо сухан дар бораи истифодаи таҷрибаю малакаҳои кормандон аз тарафи менеҷерон меравад [1].

Дар шароити муосир аҳамияти чунин малакаҳо ба монанди қабули қарорҳои фаврӣ, аллалхусус дар ҳолатҳои хавфу хатар ва ташкили шароит барои бехатарии кормандон мустақилияти кормандон ва ғайра, аҳамияти хоса дорад, ки ин ҳам дар асоси ғояҳои эҷодӣ бадаст оварда мешавад [2].

Доир ба таъриф ва маънои мантиқии сармояи инсонӣ дар адабиёт нуқтаи назари олимон гуногунранг аст ва ин масъаларо дар татқиқотҳои оянда ба таври бояду шояд дида мебароем. Ҳоло яке аз таърифҳои аз тарафи аксари олимону мутахассисон эътирофгардидаро, ки чунин мазмун дорад пешкаши хонандагони гиромиқадр менамоем: “Сармояи инсонӣ гуфта маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ ва пйдонамуда буда нишонҳои саломатии бардавом, малакаҳо, ҷамъи донишҳоро (донишҳои касбию фарҳангӣ, фалсафаю иқтисодӣ ва сиёсиро) дар бар гирифта барои рушди ҷомеа (иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳангӣ) хидмат менамояд, меноманд.

Дар давраи гузариш боло бурдани самаранокии истеҳсолот ҳамчунин аз ҳамбастагӣ ва якдигарфаҳмии кормандон вобаста мебошад. Ҳар як корманд бояд нафақат дар соҳаи хеш мутахассиси баландихтисос бошад ва дар баробари ни ҳамеша, ба омӯзиши навовариҳо машғул гардида, малака ва маҳорати хешро такмил диҳад ва аз уҳдаи истифодабарии саривақтии технологияҳои муосир баромада тавонад.

Мавриди зикр аст, ки дар чунин раванд давлат ё ширкатҳои алоҳида барои рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳон барои аз техникаву технологияҳои муосир, сарватҳои табиӣ самаранок истифода бурдан, бештар барои мавҷудияти мутахассисҳои баландихтисоси дорои қобилиятҳои эҷодӣ ва ғояҳои созанда диққати калон медиҳанд. Чунки бе ҳамин тавр кадрҳои баландихтисос натиҷаи хуби иқтисодӣ ба даст овардан ғайриимкон аст.

Дар низоми иқтисоди бозорӣ сармояи инсонӣ ҳамчун шакли нерӯи инсонӣ ба шумор рафта дар муайян намудани захираҳои инсонии ҷомеа – маҷмӯи сармояи меҳнатӣ, инсонӣ ва иттилоотӣ аҳамияти калон дорад. Ба таври дигар, заминаи ташаккули меҳнатии давлатро рушди нерӯи иқтидори сармояи инсонӣ ташкил медиҳад.

Чи тавре дар боло қайд гардид, сармояи инсонӣ омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт вобастагии калон дорад. Зеро ин нишондиҳанда дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст [3].

Принсипҳои калидии самти мазкури фаъолият бо баинобатгирии ҳалли маҷмӯи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ, инчунин фароҳам овардани шароит ва заминаҳои устувор доир ба ташаккул ва истифодаи донишҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Вазифаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар давраи дарозмуҳлат инҳо мебошанд [4]:

- пешбурди соҳаҳои иҷтимоиёт тариқи баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла, дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ, таъмини саривақтии барқ ва ғайра;

- фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ.

Қобили зикр аст, ки нерӯи инсонӣ ва сармоя дар раванди рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар хоҷагии ҷаҳон нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд, ки он на танҳо дар сатҳи умумии истеҳсолоту истеъмоли молу хизмат, балки ба рушди технологӣ ва инноватсионии он таъсиррасон мебошад. Дар навбати худ, дар ин замина захираҳои сармояи инсонӣ ташаккул ёфта, барои боло бурдани сифати истеҳсоли маҳсулоту хизмат дар ширкатҳои алоҳида ва инчунин иқтидори истеҳсолии онҳо нақши бориз мебозад.

Бо ибораи дигар байни рушди сармояи инсонӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт як пайвастагии органикии ду тарафа ҷой дорад ва ин омилҳо аз якдигар вобаста ва боҳам пайваста мебошанд. Ин қонуният ки дар заминаи рушду бакамолрасии захираҳои инсонӣ ба амал меояд, пурра ба иқтисоди миллӣ тааллуқ дорад ва дар навбати худ барои пешравии на фақат хоҷагидорӣ, балки инфрасохторӣ иҷтимоӣ ва роҳҳои дигаргунсозии он таъсиррасонбуда, бо дарназардошти талаботҳои инноватсионӣ боиси омода намудани мутахассисони баландихтисос барои бозори меҳнат мегардад, ки ин омил дар навбати худ барои боло бурдани самаранокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли молу хизмат дар мамлакат мусоидат менамояд.

Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки дар ҷомеаи муосир инсон фақат бо дониш, қобилият, ғояҳо ва малакаву маҳорати баланд метавонад ҳамчун сармояи баландарзиш гардад ва арзиши он, ҳатто аз

боигариҳои табиии кишвар муҳимтар мебошад, зеро агар ин ё он мамлакат дорои захираҳои бои табии бошаду, мутахассисони соҳавӣ, ки онро самаранок коркард намуда барои истеъмоли дохилӣ ва фурухтан дар бозори ҷаҳон надошта бошад, захираҳои табии ҳамчун “захира” бе истифода боқи мондан мегиранд.

Аз ҳамин лиҳоз, бо дарназардошти рақобати шадид дар бозори ҷаҳон ҳар як давлат вазифадор аст, ташаккул ва рушди сармояи инсонии замонавӣ, ки ба талаботҳои хоҷагии ҷаҳони муосир ҷавобгӯ мебошанд ба механизм ва роҳҳои омода намудани он корҳои илмию амалӣ ва ташкилии онро ҳамчун вазифаи муҳиму стратегӣ пеш барад.

Инҷо ба маврид аст, ки мо таснифоти умумии сармояи инсониро аз нигоҳи олимони соҳа пешкаш намуда, мавқеи худро пешниҳод намоем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Таснифоти сармояи инсонӣ

№	Ақидаи олимон оид ба сармояи инсонӣ	Таснифот
1	Тасниф аз рӯи сатҳ ва сохтори сармояи инсонӣ	Сармояи инсониро дар сатҳҳои микро -, мезо- ва макро, ё ба таври дигар - сармояи инсонии инфиродӣ, коллективӣ ва миллӣ номидан мумкин аст. Бо ибораи дигар сармояи инсонии дар сатҳи микро ё индивид. Сатҳи мезо бошад ҳамчун як ташкилот, ширкат, гурӯҳи ширкатҳоро дар бар мегирад.
2	Бъченко Ю.Г.	Муаллиф сармояи инсониро аз рӯи табиати пайдоишаш ба ду намуд ҷудо намудааст: биологӣ ва фарҳангӣ. маънои қобилияти инсонро ба ҷисмонӣ ва зеҳнӣ ҷудо намуданро дорад. Яъне ба сармояи биологӣ қобилияти иҷрои ҷисмонии ҳар гуна кор, вазъи саломатӣ ва ба сармояи фарҳангӣ – маълумот, малака, маҳорат, таҷриба, хислат ва дигар сифатҳои маънавии инсон, ки дар фаъолияти меҳнатиаш истифода мегарданд, дохил мешавад.
3	Илинский И.В.	Таснифоти профессор Илинский И.В. ба таснифоти Бъченко Ю.Г. монанд буда, фақат фарқ дар он аст, ки дар таснифи Илинский И.В. сармояи инсонии фарҳангиро ба сармояи маориф ва сармояи фарҳангӣ ҷудо намуда, ба ин сохтор сармояи саломатиро илова намудааст, ки дар навбати худ он ба сифатҳои ирсӣ модарзодӣ (меросӣ) ва бадастомада тақсим мешавад.
4	Аз рӯи соҳаи тадқиқот	Вобаста ба мавзӯи тадқиқот сармояи инсонӣ ба сармояи умумӣ ва мушаххас тасниф карда мешавад. Ба сармояи умумӣ - дониш ва иттилоот дохил мешавад ва сармояи инсонии мушаххас малака ва маҳорати инсонро дар бар мегирад.
5	Ба ақидаи муаллиф	Сармояи инсониро вобаста ба дараҷаи истифодабарии он тасниф намудан мумкин аст. Чунки аз рӯи нишонаҳои биологӣ одамон дорои дониши муайяне мебошанд ва он танҳо аз рӯи дараҷаи истифодабарӣ муайян карда мешавад. Мисол, баъзан инсонҳо дониши баланди илмӣ доранд, вале қобилияти истифодабарии онро надоранд. Ва қисмати дуюм, маҳорати баланди ташкилотчигӣ доранд, вале дониши он қадар баланд надоранд.

Аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Мо ҳамақида ҳастем бо профессор Илинский И.В. дар он хусус, ки сармояи инсониро бо дарназардошти ҳамаи қисматҳояш бо формулаи зерин муайян намудааст:

$$СИ=СС+СМ+СФ \quad (1)$$

СИ – сармояи инсонӣ;

СС – сармояи саломатӣ;
СМ – сармояи маълумот;
СФ – сармояи фарҳангӣ.

Таҷриба нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию демографии давлат таъсири мусбӣ расонида, ҳамчунин тавассути маблағгузорӣ бахотири такмилдиҳии қобилиятҳои инсонӣ, барои сарфа гардидани вақт дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизмат мусоидат менамояд. Бинобар ин сармояи инсонӣ аз рӯи хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва демографӣ баҳогузорӣ гардида, бо формулаи зерин муайян карда шавад:

$$СИ=СИҚ+СИҶ+СФ+СД \quad (2)$$

СИ – сармояи инсонӣ;
СИҚ – сармояи инсонӣ иқтисодӣ;
СИҶ – сармояиинсонӣ иҷтимоӣ;
СФ – сармояи фарҳангӣ;
СД – сармояи демографӣ.

Таҳлил нишон медиҳад, ки агар сармояи инсонӣ аз рӯи хусусиятҳо бо формулаи 1 ва аз рӯи истифодаи он дар бахшҳои гуногуни фаъолияти инсон (иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг) бо дарназардошти омилҳои демографӣ бо формулаи 2 тасвир карда мешавад. Дар ҳолати аз тарафи олимони соҳа 5 коркарди услуби ҳисобу китоби бахшҳои алоҳидаи дар ин формулаҳо овардашуда, сармояи умумии инсониро бо формулаҳои 1 ва 2 ҷамъбаст намудан мумкин аст.

Барои рушд ва самаранок истифода гардидани сармояи инсонӣ баинобатгирии омилҳои зерин ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам назариявӣ доранд (расми 1).

Расми 1

Омилҳои рушди сармояи инсонӣ



Ба маврид аст, ки баъзе аз омилҳои ба сармояи иноснї таъсиррасониро, ки дар расми 1 оварда шудааст, шарҳ диҳем.

Дар ҷанбаи макроиқтисодӣ омилҳои рушди сармояи инсониро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард: макроиқтисодӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодӣ, навоварӣ, иҷтимоӣ, миллӣ-давлатӣ, демографӣ, институтсионалӣ, экологӣ, байналмилалӣ, идеологӣ [5].

Ба омилҳои иқтисодӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла: даромадҳои шахсони воқеӣ, сатҳи таваррум, ММД ба ҳар сари аҳолӣ, қобилияти харидории пули миллӣ, сатҳи бекорӣ, сатҳи озодии иқтисодӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Дараҷаи ҳосилнокии мехнат ва динамикаи он, ҳаҷми вақти кор дар як сол, дараҷаи музди кор, таҷҳизоти технологии замонавии корхона, шароити такмили ихтисос ва ғайра ба сохтори омилҳои истеҳсолию иқтисодї дохил мешаванд.

Омилҳои инноватсионӣ: аз шумораи кормандоне, ки дар соҳаи илм ва тадқиқотҳои илмӣ

машғуланд, ҳиссаи хароҷот барои илм ва тадқиқот дар ММД, шумораи патентҳо, ихтироъҳо, ҳуқуқи муаллифӣ, намунаҳои технологияҳои нав ва ғайра иборатанд.

Ба омилҳои иҷтимоӣ шумораи аҳолии бо кор таъминшуда ва бекорон, сатҳи таҳсилоти шаҳрвандон, сохтори касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ, вазъи тандурустӣ ва фарҳанг, ва ғайра дохил мешаванд.

Омилҳои миллӣ: сиёсати инноватсионӣ, сатҳи дастгирии соҳибкорӣ аз тарафи давлат, сиёсати манфиатҳои ҷамъиятӣ, сиёсати экологӣ ва ғайра.

Омилҳои демографӣ нишондиҳандаҳои: шумораи аҳолӣ, давомнокии миёнаи умр, суръати афзоиши табиии аҳолӣ, фавт, муҳоҷират ва ғайра иборат аст.

Омилҳои институтсионалӣ - сатҳи рушди иттифоқҳои касаба, иттифоқҳои корфармоён, сатҳи рушди биржаҳо, агентиҳои таблиғотӣ ва кадриро дарбар мегирад.

Омилҳои экологӣ: сифати ғизою, об, муҳити зист, шароити рекреатсионӣ ва иқлимӣ.

Омилҳои идеологӣ, ин арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, афзалиятҳои миллӣ, давлатї ва ѓайра иборат мебошанд.

Ба омилҳои байналмилалӣ бошад, дараҷаи ҳамгироии мамлакат ба фазои байналмилалӣ, сатҳи сармоягузории хориҷӣ, мавҷудияти корпоратсияҳои трансмиллӣ дар кишвар, муҳоҷирати меҳнатии байналхалќї ва ғайра дохил мешаванд.

Бояд гуфт, ки истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар се сатҳи иќтисодиёт: дар сатҳи мамлакат, минтаќа ва дар сатҳи корхонаю ширкатҳо ба амал оварда мешавад аз, стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 бар меояд ва барои рушди устувори иќтисодию иҷтимоии кишвар наќши калидї мебозад.

Дар ин росто сармоягузорӣ ба илму маориф, аз ҷумла аз ҳисоби сармоягузорони инфиродӣ боло бурдани масъулияти иҷтимоии соҳибкорон ва эътимоднокии онҳо ба ҷомеа, аз самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир, аз сатҳи давлат, то ширкатҳои хусусӣ ва шахсони алоҳида вобастагӣ дошта, ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию демографии кишвар таъсири назаррас мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Поздняков, В.А. Сущность и содержание категории «Человеческий капитал». //Фундаментальные исследования.-2012.-№11-3.-с.572-575

2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – 2016. – С. 46 – 67

3. Тростинская, В.П. Человеческий капитал современной России./В.П. Тростинская, И.Р. Тростинская.//Международные отношения и диалог культур.-2014.-№2(2013).-с.91-110

4. Хафизова, Г. Накопление и потребление человеческого капитала. //Риск: ресурсы, информация, снабжение, конкуренция.-2011.-№4.-с.347-348

5. Гафарова, Л.А. Человеческий капитал: Условия накопления и отдачи // Вестник УГНТУ. Наука, образование, экономика. Серия:Экономика.-2012.-№2 (2). – с.16-18

Дустбоев Шодимурод – д.и.и., профессори кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ, Тел: (+992) 935435228. E-mail: fitrat_f@mail.ru

Рустамов Фитрат Музафарович - н.и.и., декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумрук, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДДТТ. Тел: (+992) 93-539-20-20. E-mail: fitrat_f@mail.ru

Дустбоев Ш.
Нурмахмадов З.М .

БАЪЗЕ ПАҲЛУҲОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дустбоев Ш.
Нурмахмадов З.М .

НЕКОТРЫЕ АСПЕКТЫ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Dustboev Sh.
Nurmakhmadov Z.M.

SOME ASPECTS OF LABOR MIGRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Дар мақола вазъи кунунии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Ҳамчунон паҳлуҳои мусбию манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар мамлакатҳои содиркунандаю қабулкунандаи қувваи корӣ дида баромада шудааст.
Вожаҳои калидӣ: муҳоҷирати меҳнатӣ, маблағ, интиқол, содиркунандаи қувваи корӣ, воридкунандаи қувваи корӣ, камбизоатӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье анализируется современная миграционная ситуация в Республике Таджикистан. Также рассматриваются положительные и отрицательные аспекты трудовой миграции в странах доноров и странах реципиентов.
Ключевые слова: трудовая миграция, денежные средства, денежные переводы, экспортер рабочей силы, импортер рабочей силы, бедность.

The article analyzes the current migration situation in the Republic of Tajikistan. The positive and negative aspects of labor migration in donor and recipient countries are also considered.
Key words: labor migration, money, remittances, exporter of labor, importer of labor, poverty.

Муҳоҷирати аҳолӣ як раванди мураккаби иҷтимоӣ аст, ки бо тағйири сохтори иқтисодӣ ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда, бо афзоиши ҳаракати иҷтимоӣ ва меҳнатии аҳолӣ зич алоқаманд аст. Муҳоҷирати корӣ ба як ҷузъи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ табдил ёфтааст [1].

Айни замон муносибатхои иқтисодии байналхалқӣ васеътар ва гуногунтарафа шуда истодаанд. Рушди воситаҳои муосири алоқа, нақлиёт, муттаҳидсозии қонунгузорӣ ва кушоди иқтисодӣ давлатҳо имкон медиҳад, ки байни кишварҳо озодии муносибатхои иқтисодӣ на танҳо барои содироту воридоти молу хидматҳо, балки барои омилҳои истеҳсолот низ гузарад. Яке аз омилҳои истеҳсолии ҳаракаткунандаи қувваи корӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба яке аз шаклҳои муҳими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Муҳоҷирати кории байналмилалӣ як қисми равандҳои муҳоҷират дар ҷаҳон аст. Дар баробари муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати иҷборӣ ҷой дорад, ки ин натиҷаи оқибатҳои рӯйдодҳои низомӣ, сиёсӣ, таъқибҳо дар заминаи қавмӣ ва мазҳабӣ мегардад ва қисмати аҳолиро маҷбур мекунад ҷои зисти худро ҳамчун тағйир диҳанд. Мувофиқи ҳисоботи СММ, шумораи муҳоҷирони хориҷӣ босуръат меафзояд (ниг. ба расми 1) [5].

Дар расми 1 динамикаи мусбии шумораи муҳоҷирон нишон дода шудааст. Агар соли 1990 шумораи онҳо 153 миллион нафарро ташкил диҳад, пас дар соли 2017 ба 258 миллион нафар расидааст. Мувофиқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, дар соли 2016 шумораи гурезаҳо дар ҷаҳон 17,2 миллион нафар расидааст, ки 7% -ро аз ҳиссаи умумиашон муҳоҷири хориҷиро ташкил намуд.

Расми 1 - Динамикаи шумораи муҳоҷирони хориҷӣ (миллион нафар)



Ба даст овардани истиқлолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки ҳамчун як ҷузъи таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад. Бинобар ин иқтисоди Тоҷикистон имрӯз ҷузъи таркибии иқтисодиёти ҷаҳон аст, ки бо омилҳои ҳаракаткунандаи ба ҳам пайвастаанд ва дар ин самт саҳми назаррас аст.

Иқтидори демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши босуръати аҳолӣ, аз як тараф, норасоии захираҳои молиявӣ барои рушди босуботи ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои корӣ мувофиқ, аз тарафи дигар, сабаби зиёд гардидани захираҳои меҳнатӣ ва ба муҳоҷирати меҳнати рӯй овардани онҳо гардид.

Аз ин рӯ Тоҷикистон дар панҷ соли охир ба яке аз давлатҳои содиркунандаи қувваи корӣ гардид. Тибқи гузориши ҳармоҳаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ дар моҳи августи соли 2019 тақрибан 54 ҳазор нафар аз ҷумҳурӣ барои ҷустуҷӯи кор муҳоҷир шуданд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 ҳазор нафар зиёд аст.

Хуруҷи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар моҳи августи соли 2017, нисбати ҳамин давраи соли 2016, ҳатто ба 40 ҳазор нафар нарасидааст. Дар моҳи августи соли 2015 муҳоҷирати корӣ аз Тоҷикистон тақрибан дар ҳамон сатҳи моҳи августи соли 2018 қарор дошт. Қабл аз он, дар солҳои 2013 ва 2014 дар моҳи август мутаносибан беш аз 80 ҳазор нафар муҳоҷирони корӣ ҷумҳуриро тарк карданд (ниг. ба расми 2) [2].

Расми 2 - Муҳоҷирати корӣ дар солҳои 2013-2019



Дар ин гузориш қайд шудааст, ки дар ҳашт моҳи соли 2019 беш аз 411 ҳазор нафар аз Тоҷикистон ба муҳоҷирати корӣ рафтанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26% бештар аст.

Афзоиши сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ дар моҳҳои январ-августи соли 2019 дар муқоиса бо соли гузашта ба сабаби каме беҳтар гаштани шароити кор барои муҳоҷирони меҳнатӣ (тағирот ба созишнома оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ) ва рушди иқтисод дар Русия вобаста буд [3]. Тибқи маълумоти Раёсати муҳоҷирати Русия, то давраи пандемияи COVID-19 дар қаламрави ин кишвар беш аз 1 миллион шаҳрванди Тоҷикистон кору зиндагӣ мекарданд.

Тибқи як пажӯҳиши Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо се навъи муҳоҷирони кории хориҷӣ тавсиф мешавад:

- ❖ муҳоҷироне, ки тибқи шартномаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ бо корхонаҳои қабулкунанда кор мекунанд (тақрибан 20% ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ), ки муҳлати кории бештар аз як сол аст;
- ❖ муҳоҷироне, ки дар сохтмони хусусӣ ва дар бахши кишоварзӣ кор мекунанд (тақрибан 50%). Онҳо одатан берун аз кишвар аз моҳи март то ноябр ҳангоми сохтмони фаъол ва корҳои мавсимӣ дар бахши кишоварзии Русия фаъолият мекунанд;
- ❖ савдогарони яклухт (тақрибан 30%), ки дар доираи муҳоҷирони кории хориҷӣ маълумоти олӣ доранд ва дар як муддати кӯтоҳ берун аз кишвар кор мекунанд.

Сабабҳои иқтисодӣ, ки асоси муҳоҷирати кории беруна гардидаанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

- набудани миқдори кофии ҷойҳои корӣ;
- даромад ва маоши кам;
- надоштани тахассуси муайян;
- муҳити заифи иқтисодӣ ва ғайра.

Омили мусбати муҳоҷирати хориҷӣ сари вақт интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ ба кишвари аслӣ мебошад.

Интиқоли пул ба унсури хеле муҳими рушди иқтисодӣ дар кишварҳои иқтисоди гузариши камдаромад табдил меёбад. Интиқоли асъор аз ҳисоби муҳоҷирони корӣ манбаи устувори асъори хориҷӣ дар иқтисоди кишвар буда, ба беҳ гардидани вазъи иқтисодии хонаводаҳо таъсири бевосита мерасонад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки интиқоли маблағ ба оилаҳо барои истифода дар лаҳзаҳои душвор, сармоягузорӣ барои харидани амвол, дастрасии беҳтар ба таҳсилот ва тандурустӣ ва маблағгузори ба хотри тиҷорати хурду миёна кумак мекунад. Азбаски интиқоли маблағ асосан дар соҳаи истеъмолот маблағгузорӣ ба кор бурда мешавад, ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад (ниг. ба расми 3) [4].

Расми 3 - Вобастагии иқтисоди Тоҷикистон аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон (интиқоли маблағ,% нисбат ба ММД)



Бояд зикр намуд, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирон сеяки ММД -ро ташкил дода, тақрибан 77% даромади аҳолиро низ ташкил медиҳад.

Инчунин хусусияти фарқкунандаи муҳоҷирати корӣ аз Тоҷикистон хусусияти муваққатӣ, мавсимӣ ва бозгашти муҳоҷиронро дарбар мегирад, ки бо робитаҳои анъанавии мустаҳкамии оилавии тоҷикон алоқаманд аст.

Имрӯз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии қувваи корӣ тағйир меёбад. Аз як тараф, муҳоҷирати кории беруна коргарони беихтисосро дарбар мегирад, ки ихтисос надоранд бори аввал вориди бозори меҳнат мешаванд, аз тарафи дигар, мутахассисони баландихтисос, ки иҷборан бо сабаби набудани ҷои кор маоши баланддошта тарки ватан мекунанд.

Хулоса барои кишварҳои қабулкунандаи қувваи корӣ оқибатҳои мусбати муҳоҷирати кории байналмилалӣ инҳоянд:

1. афзоиши захираҳои меҳнатии иловаги дар соҳаи иқтисод, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, даромади умумӣ ва талабот дар маҷмӯъ;

2. рафъи нобаробарии сохторӣ дар бозори меҳнат;
3. сабук кардани мушкилоти «пиршавии миллат»;
4. боло рафтани рақобатпазирии маҳсулот аз ҳисоби кам шудани музди меҳнат;
5. сустшавии таваррум, бинобар зиёд будани майл ба пасандозҳо дар байни коргарони хориҷӣ;
6. пасандозҳо дар нафақа ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ;
7. сарфа дар омӯзиш (дар сурати ҷалби коргарони соҳибихтисос).

Аз оқибатҳои манфӣ инҳоро бояд қайд намуд:

1. афзоиши хароҷотҳои буҷетӣ;
2. афзоиши шиддати иҷтимоӣ, муноқишаҳои байни миллатҳо;
3. муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва оқибатҳои ба он алоқаманд (аз ҷумла криминогенӣ);
4. паст шудани сатҳи музди меҳнат бинобар афзоиши пешниҳоди қувваи корӣ;

Барои кишварҳои донор оқибатҳои мусбати муҳоҷирати байналмилалии корӣ инҳоянд:

1. паст кардани шиддат дар бозори меҳнати маҳаллӣ;
2. паст шудани сатҳи бекорӣ;
3. сабук гардидани бори буҷет аз ҳисоби кумакпулӣ барои бекорӣ ва дигар хароҷоти буҷетӣ (маориф, тандурустӣ ва ғайра);
4. афзоиши даромади аҳолӣ аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирон;
5. афзоиши талабот ба мол ва хизматрасонӣ дар бозори дохилӣ аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирон;
6. имконияти баргардонидани коргарони баландихтисос, ки дар хориҷа таҷриба ва таҳсил гирифтаанд;
7. паст кардани сатҳи камбизоатӣ.

Ба оқибатҳои манфӣ дохил мешаванд:

1. "резиши мағзҳо", хуруҷи кадрҳои баландихтисос ва дар натиҷа ақибмонии технологӣ;
2. афзоиши эҳтимолии таваррум дар сурати таъсири вазни назарраси интиқоли маблағҳои беруна.

Ҳамин тавр муҳоҷирати меҳнатӣ падидаи байналмилалӣ буда кулли давлатҳои ҷаҳонро фаро мегирифтааст. Манфиатҳои ду тарафа дорад ва бештар ба мамлакатҳои қабулкунандаи корӣ манфиат меорад, ҳамзамон мамлакатҳои содиркунандаи қувваи кор аз манфиат холи нестанд.

АДАБИЁТ

1. Афонин М.В., Л.Д. Руденко, 2013. Миграционные процессы в современном городе. Ярославь: ЯрГу.
2. Сомонаи расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://www.mehnat.tj/ дата обращение - 09.10.2021
3. Сомонаи расмии Хадамоти федералии муҳоҷирати Федератсияи Русия: http://www.fms.gov.ru/ дата обращение - 10.10.2021
4. Таджикистан держится на деньгах от мигрантов: https://novosti.tj/migraciya/tadzhikistan-derzhitsya-na-dengah-ot-migrantov.html дата обращение - 10.10.2021
5. Щербакова Е.М. Международная миграция, 2017 // Демоскоп Weekly. 2017. № 753–754. С. 4. [Электронный ресурс]. URL: http://demoscope.ru/ weekly/2017/0753/barom01.php дата обращение – 08.10.2021

Дустбоев Шодимурод – д.и.и., профессори кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ, Тел: (+992) 935435228

Нурмахмадов Замир Мирмахмадович - муаллими калони кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ, Тел: (+992) 901111734, E-mail: zamir_1tj@mail.ru

Мирзоалиев А.А.
Шаропов А.Ҷ.

МУҲИМИЯТИ ТАҲЛИЛИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАРАЁНИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАВӢ: МУНОСИБАТИ ТАҶРИБАВӢ

Мирзоалиев А.А.
Шаропов А.Дж.

ВАЖНОСТЬ АНАЛИЗА ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ПРИНЯТИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКИХ РЕШЕНИЙ: ЭМПИРИЧЕСКИЙ ПОДХОД

Mirzoaliev A.A.
Sharopov A.J.

THE IMPORTANCE OF ANALYSIS OF FINANCIAL REPORTING IN THE PROCESS OF ADMINISTRATION OF MANAGEMENT DECISIONS: AN EMPIRICAL APPROACH

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Маълумоти баҳисобгирӣ тавассути ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла ҳисобот дар бораи фоидаи умумӣ ва вазъи молиявӣ, аксар вақт дар шакли кӯтоҳ пешниҳод карда мешавад. Маълумоти ҳисоботи молиявиро ба таври визуалӣ дида истода, мо метавонем боварӣ пайдо созем, ки ҳақиқат дар бораи натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи молиявӣ пинҳон карда шудааст. Барои ба даст овардани манфиатҳои оптималӣ ва инчунин ба корбарон додани тасмимҳои асоснок, ҳисоботи молиявӣ бояд бо истифодаи нишондиҳандаҳо таҳлил карда шавад. Аз ин рӯ, барои муқаррар намудани нақши таҳлили таносубҳо дар муносибатҳои корӣ, ин таҳқиқот ҳам манбаҳои ибтидоӣ ва ҳам дуюмдараҷаи ҷамъоварии маълумотҳоро дарбар мегирад. Дар ҷараёни омӯзиш, маълумотҳои аз манбаъҳои аввалия гирифташуда бо меъёрҳои муқаррарнамудаи амалияи байналмилалӣ муқоиса карда шуданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки таҳлили коэффисентӣ аҳамияти назаррас дорад.
Дар баробари ин, сайёҳони хориҷӣ ҳангоми сафар ба Тоҷикистон асосан ба кӯҳнавардӣ, шиноварӣ, рафтинг, шикорӣ, моҳидорӣ, аспсаворӣ, сайёҳии экстремалӣ, сайёҳӣ ва дидани мавзеъҳои фарҳангию фароғатии ҷумҳурӣ машғул мешаванд, ки дар солҳои охир ривоҷ ёфтааст.

Ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 288 муассисаи хидматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла 182 меҳмонхона, 29 хобгоҳ ва мотел, 50 осоишгоҳ, 6 осоишгоҳ ва лагери кӯдакона, 7 пойгоҳ ва осоишгоҳ, 8 хонаи истироҳатӣ, 1 пансионат ва кемпинг, инчунин 5 базаи сайёҳӣ ва истироҳат фаъолият мекунанд.

То имрӯз аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 12 кишвари ҷаҳон созишнома ва ёддоштҳои ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Аз қабили Имороти Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Шоҳигарии Ҳошимии Урдун, Узбекистон, Қазоқистон, Русия, Швейтсария, Фаронса, Кувайт, Туркманистон, Эрон ва Покистон ва ҳамкориҳои дуҷониба бо ин кишварҳо дар соҳаи гардишгарӣ ба роҳ мондаанд.

Маълум мешавад, ки сайёҳӣ ба як соҳаи калону мустақили хоҷагии халқ табдил меёбад, ки фаъолияти он ба қонеъ гардонидани талаботи мушаххаси ахолӣ нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ заминаҳои ғании объективӣ дорад. Маҳсулоти асосии сайёҳии Тоҷикистон гуногунрангии сарватҳои табиӣ, мероси таърихию фарҳангӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи рушди соҳаи сайёҳӣ зарур аст таъмин намояд:

- ҳамоҳангии сиёсат дар соҳаи рушди сайёҳӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ва возеҳи вазифаҳое, ки барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори рушди сайёҳӣ ваколатдор ва масъул мебошанд: давлат, бахши хусусӣ, ташкилотҳои касбии ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи маҳаллӣ;

- муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишу ташаббусҳои давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди сайёҳӣ кумаки техникӣ мерасонанд, намояндагони бахши хусусӣ ва иттиҳодияҳои касбии онҳо;
- ҷорӣ намудани институти ҳамгирошудаи уфуқӣ ва амудии шарикии иҷтимоӣ: давлат – бахши хусусӣ ва ассотсиатсияҳо, ташкилотҳои касбии онҳо – ҷамоатҳои маҳаллӣ ҳамчун механизми таъмини муколамаҳои баробар.

АДАБИЁТ

1. Агешкина, Н. А. Основы турагентской и туроператорской деятельности: учебное пособие / Н.А. Агешкина. – Москва: ИНФРА-М, 2021. – 567 с.
2. Богданов, Е. И. Экономика отрасли туризма: учебник / Е. И. Богданов, Е. С. Богомолова, В. П. Орловская; под ред. проф. Е. И. Богданова. – Москва: ИНФРА-М, 2021. – 318 с.
3. Туризм: словарь / под ред. д-ра экон. наук, проф. М.А. Морозова. – Москва: ИНФРА-М, 2019. – 300 с.
4. Соммонаи расмии Президенти Ҷумҳарии Тоҷикистон: http://www.president.tj/
5. Сомонаи расмии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://ctd.tj/

Ҳомидов А.Н. – н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ, Тел: (+992) 936008858, E-mail: homidov_4090@mail.ru

Нурмахмадов З. М. - муаллими калони кафедраи «иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ» ДДТТ, Тел: (+992) 901111734, E-mail: zamir_1tj@mail.ru

Ҳикматов С.И.
Давлатов З.
Абдуқодирзода Ҷ.

НАҚШИ ТАНЗИМГАРИ ВАКОЛАТДОРИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДАР РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУМРУКӢ

Хикматов С.И.
Давлатов З.
Абдукадирзода Дж.

РОЛЬ УПОЛНОМОЧЕННОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РЕГУЛЯТОРА В РАЗВИТИИ ТАМОЖЕННОЙ УСЛУГИ

Khikmatov S.I.
Davlatov Z.
Abdukadirzoda J.

THE REGULATOR'S ROLE OF THE ECONOMIC AUTHORITY IN THE DEVELOPMENT OF CUSTOMS SERVICES

Аннотатсия

Дар мақола нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар дар рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дида баромада шудааст. Диққати асосӣ ба даровардани тағйирот ба Кодекси гумруки Тоҷикистон ҷиҳати баррасии фаъолияти ин самт дода шудааст. Ин имконият медиҳад, ки рушди устувори муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо беҳтар гардад.

Вожаҳои калидӣ: рушди устувор, муносибатҳои иқтисодӣ, танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, Кодекси гумрук

Аннотация

В статье исследуется роль уполномоченного экономического регулятора в развитии таможенной службы. Основное внимание уделено внесению изменений в Таможенный кодекс Таджикистана с целью пересмотра деятельности данного направления. Это дает возможность улучшить устойчивое развитие экономических отношений Таджикистана с другими странами.

Ключевые слова: устойчивое развитие, экономические отношения, уполномоченный экономический регулятор, Таможенный кодекс.

Annotation

The article examines the role of the authorized economic regulator in the development of customs services. The main attention is paid to making changes to the Customs Code of Tajikistan in order to review the activities of this direction. This provides an opportunity to improve the sustainable development of Tajikistan's economic relations with other countries.

Key words: sustainable development, economic relations, authorized economic regulator, Customs Code

Дар шароити муосир Хадамоти гумрукӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон ҷиҳати ддастгирии субъектони пешбарандаи ФИХ дар доираи ваколатҳояш тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Ҷорӣ гардидани равзанаи ягонаи барасмиятдарорӣ ва шартномаҳои тарафайн бо кишварҳо ҷиҳати татбиқӣ «Долонҳои сабз» исботи гуфтаҳои болост.

Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои барасмиятдарории гумрукӣ барои корхонаҳое, ки ба талаботҳои муайян ҷавобгу мебошанд таъсис ёфта, ҳадафи асоси он ҷоннок ва ба тариқи соддагардонидашуда ба роҳ мондани ҳамкориҳо миёни субъектони пешбарандаи фаъолияти иқтисодӣ ва мақомоти мебошад. Маълум аст, ки чунин мақом на барои ҳама ширкатҳо, балки танҳо барои онҳое зарур аст, ки фаъолияти иқтисодии хориҷиро анҷом медиҳанд.

Аввалин заминаи меъёрӣ барои муайян кардани соддагардониҳо ба субъектҳои боэътимоди пешбарандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Конвенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардонии расмиёти гумрукӣ (бо тағирот дар соли 1999), ки бо номи Конвенсияи Киото маъруф аст, гузошта шудааст. Тибқи ин конвенсия ширкатҳое, ки ба як қатор талабот ҷавобгӯ буданд, метавонистанд аз ҷониби мақомоти гумрук ба “руйхати сафед” ворид қарда шуда ҳуқуқ пайдо кунанд, аз соддагардониҳои муайян истифода намоянд. Дар авоили солҳои 2000-ум дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ дар кишварҳои ИДМ рӯйхатҳои ба истилоҳ “сафед ва сабз” пайдо шудан гирифт. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар замони имрӯза дар як қатор кишварҳои

пешрафта, низ таҷрибаи истифодаи институтҳои ба танзимгари ваколатдори иқтисодӣ монанд амалӣ гашта истодааст. Дар кишварҳо ва Иттиҳодҳои иқтисодии пешрафта институти танзимгари ваколтадори иқтисодӣ (ТВИ) дар шаклҳо ва талаботҳои гуногун фаъолият мебарад.

Аз ҷумла дар ИМА ба ТВИ монанд «Барномаи ҳамкории савдо ва гумрук ҷиҳати муковимат бо тероризм» аз соли 2006 мавриди амал қарор дорад. Ба барномаи мазкур воридкунандагон ва содиркунандагони молҳо, боркашонҳо, брокерони гумрукӣ ва дигар субъектони иштироккунанда дар раванди ФИХ ҷалб карда мешаванд. Ҳадафи барномаи амрикоӣ асосан такмил додани амнияти тиҷоратӣ ва занҷираи таъминот мебошад.

Дар Иттиҳоди Аврупо низ институти ТВИ мавриди амал қарор гирифта, дар ҳудуди Иттиҳод ба субъектони боэътимоди пешбарандаи ФИХ соддагарданоҳои махсус пешниҳод карда мешавад. Дар Иттиҳоди Аврупо мақоми ТВИ дар се шакл «С», «S», «F» пешниҳод карда мешавад, ки ширкатҳо вобаста ба хусусияти фаъолияташон метавонан яке аз навъҳои соддагардониҳоро "Имтиёзҳои гумрукӣ", "Амният" ва "имтиёзҳои гумрукӣ" / "амният "-ро истифода намоянд.

Институти ТВИ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой бо мақсади баҳодиҳӣ дар самти пардохтпазирии ширкатҳо асос меёбад. Баъди ислоҳот дар соли 2014 дар ин кишвар низТВИ дар се мақом “АА - сатҳи баланд”, “А - сатҳи муқаррарӣ”, “В – оддӣ” пешниҳод карда мешавад. Агар барномаи ТВИ дар ИМА барои таъмини бехатарии занҷири байналмилалии таъминот сохта шуда бошад, пас барномаи Чин ба арзёбии қобилияти қарзии корхона асос ёфтааст .

Дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мақоми ТВИ-ро вобаста ба интихоби шахси ҳуқуқӣ бо дарназардошти содагардониҳои интихобнамудааш пешниҳод менамоянд. Дар Иттиҳоди мазкур низ мақом дар се шакл пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади иҷрои талаботи Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба содагардонии расмиёти савдо, дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, таҳти № 1678 ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиру иловаҳо ворид гардида, ба Кодекси гумрук боби нав 8 оид ба ҷорӣ намудани консепсияи «Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ» (Иштирокчии боэътимоди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ) илова карда шудааст.

Ворид гардидани боби нав Кодекси гумрукро ба принсип ва меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва соддагардонии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото аз 18 майи соли 1973) мутобиқ гардонида ҷиҳати кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ дар содироту воридот, дастгирии субъектони фаъолияти хориҷӣ, соддагардонии барасмиятдарорӣ ва ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт бо назардошти талабот, хусусиятҳо ва равандҳои байналмилалии пешбурди фаъолияти гумрукӣ, ба афзоиш ёфтани гардиши мол ва воридоту содирот, заминаи мусид фароҳам меорад

Боби мазкур мафҳуми "Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ", шартҳои додани мақоми "Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ" ба шахси ҳуқуқӣ, дохил намудани он ба Феҳрист, додани шаҳодатнома, бозхондани он, содагардонии махсуси ба "Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ" пешниҳодшаванда ва дигар масъалаҳо марбут ба танзимгари ваколатдори иқтисодиро дар бар мегирад.

Мутобиқи меъёри мазкур дар ҷумҳурӣ гурӯҳи шахсони ҳуқуқии ватанӣ ташкил мешавад, ки тибқи қонунҳои амалкунанда фаъолият намуда, расмиёти содагардонидашудаи махсуси барасмиятдарории гумрукиро истифода мебаранд ва ба “руйхати сафед” ворид карда мешаванд. Ба иштирокчии боэътимоди бозор, ки ба “рӯйхати сафед” ворид мешавад ва дар Кодекси гумрук “Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ” номида шудааст, содагардонии махсуси зерин дар рафти барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳод карда мешавад:

- дар навбати аввал анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар навбати аввал гузаронидани назорати гумрукӣ дар шакли азназаргузаронии гумрукӣ ё муоинаи гумрукӣ;
- нигаҳдории муваққатии мол дар биноҳо, майдончаҳои кушода ва дигар ҳудудҳои худи Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;
- иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ;
- анҷом додани амалиёти гумрукӣ марбут ба иҷозати мол дар биноҳо, майдончаҳои кушода ва дигар ҳудудҳои худи Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- пешниҳод накардани таъмини иҷрои уҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ ва ҳангоми иҷозати моле, ки нисбати он Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ҳамчун декларант баромад мекунад.

Бо мақсади иҷрои қисми 2 моддаи 68 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2020, №94-ф «Дар бораи тасдиқ намудани Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ» тасдиқ карда шуд. Ҷиҳати ворид гаштан ба Феҳрист бо ариза мурочиат намуда,

Барои дохил шудан ба Феҳрист шахси манфиатдор бояд ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- доштани дороӣ барои иҷрои уҳдадорӣ оид ба таъмини пардохтҳои гумрукӣ;

- амалисозии фаъолияти савдои хориҷӣ на камтар аз се сол то рӯзи мурочиат ба Хадамоти гумрук бо ариза оид ба додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- дар рӯзи мурочиат ба Хадамоти гумрук мавҷуд набудани уҳдадориҳои иҷронашудаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо, ҷаримаҳо аз рӯи қарорҳо оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд;

- дар давоми 1 (як) сол пеш аз мурочиат ба Хадамоти гумрук мавҷуд набудани ҳолатҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

- мавҷуд будани низоми баҳисобгирии молҳо, ки имконият медиҳад маълумотҳои ба мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол пешниҳодшударо бо маълумотҳо вобаста ба амалиётҳои хоҷагидорӣ мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намояд.

Шахсони манфиантдор дар ҳолатҳои зерин наметавонанд ба гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ даъвогар бошанд:

- агар, дар раванди азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ва муфлисшавӣ бошанд;

- мавҷуд будани тавозуни манфӣ барои соли қаблӣ аз мурочиат ёдорои воситаҳои асосӣ ба маблағи камтар аз 500 (панҷсад) ҳазор сомонӣ.

Ҳамзамон бо супоридани ариза барои дохил намудан ба Феҳрист шахси манфиатдорро зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои зеринро ба Хадамоти гумрук пешниҳод намояд:

- ҳуҷҷатҳои таъсисёбӣ;

- ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ;

- ҳуҷҷат оидба сабт дар мақомоти андоз;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ бо усулҳои пешбининамудаи моддаи 385 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи на камтар аз 8000 (ҳаштҳазор);

–нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо нишондоди ҳангоми мурочиат муқарраршуда;(Россия 1 млн. евро);

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, дар бонкҳои дарфеҳристи мақомоти гумрук дохилбуда;

- ҳисоботи муҳосиботӣ дар давоми 1 (як) сол пеш аз мурочиат, бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб, инчунин бо муҳр тасдиқшуда;

- на кам аз ду шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ, ки корманди мурочиаткунанда мебошанд;

- шартномаи байни мурочиаткунанда ва Хадамоти гумрук басташуда, ки он тартиби ҳамоҳангсозии фаъолият ва регламенти мубодилаи маълумотҳоро муайян месозад

Фармоиш ва Тартиби мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рамзи 1030 аз 18 августи соли 2020 ба қайд гирифта шуда, аз 26 августи соли 2020 мавриди амал қарор дорад.

Дар маҷмӯ нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар дар рушди хизматрасониҳои гумрукӣ афзуда истодааст ва ин имконият медиҳад, ки рушди устувори муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо беҳтар гардад.

Адабиёт

1. Кодекси гумруки ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: Хадамоти гумрук, 2021.-347с.

2. Раҷабов Р.К., Ҳикматов С.И., Раҷабова Н.Р. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт. Китоби дарсӣ. -Душанбе: ДДТТ «Ирфон»,2021.- 293 саҳ.

3. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон/зери таҳрири генерал-майори хизмати гумрукӣ Рахматов Н.С.-Душанбе,2020.-805с.

Ҳикматов С.И.-н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+ 992) 900 14 88 88. E-mai: tguk@mail.ru.

Давлатов Зулфиқор - унвонҷӯи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+ 992) 900 14 88 88. E-mai: tguk@mail.ru.

Абдуқодирзода Ҷамшед-унвонҷӯӣ кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+ 992) 900 14 88 88. E-mai: tguk@mail.ru.

Ҷабборов А.
Аҳмал А.С.
Мирзомуродова Ф.З.

МАСЪАЛАҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОЙ- МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

Джабборов А.
Аджмал А.С.
Мирзомуродова Ф.З.

ПРОБЛЕМЫ СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В РАЗВИТИИ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ

Jabborov A.
Ajmal.A.S.
Mirzomurodova F.Z.

THE ESSENCE AND ROLE OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS IN THE DEVELOPMENT OF A MARKET ECONOMY

Аннотатсия

Дар мақола моҳият ва нақши муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти бозор баррасӣ шудааст. Инчунин бо таври муфассал баррасӣ намудани самаранокии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ ва тавсифи он ба ҷанбаҳои иҷтимои-меҳнатӣ, ҳуқукӣ ва психологии субъектҳои муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ, дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ ва нозукиҳои он дар сатҳи қонунгузорӣ инъикос мегардад.

Калимаҳои асосӣ: сиёсати иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, иқтисоди бозорӣ

Аннотация

В статье рассматривается сущность и роль социально-трудовых отношений в развитии рыночной экономике. Также подробно рассматривается эффективность социально-трудовых отношений и то как они характеризуют социально-экономические и психологические аспекты субъектов социально-трудовых отношений их взаимосвязей, так и правоотношения, отражающие проекцию фактических социально-трудовых отношений на государственном и местном уровне и ее тонкости на институциональном, законодательном уровне.

Ключевые слова: социальная политика, социально-трудовые отношения, рыночная экономика

Annotation

The article examines the essence and role of social and labor relations in the development of a market economy. The effectiveness of social and labor relations is also examined in detail and how they characterize the socio-economic and psychological aspects of the subjects of social and labor relations of their relationships, as well as legal relations reflecting the projection of actual social and labor relations at the state and local levels and its subtleties on the institutional, legislative level.

Keywords: social policy, social and labor relations, market economy

Дар шароити тағийрёбии иқтисодиёти миллӣ доимо ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сифатан нав ба вуҷуд меояд, ки дар навбати худ муносибатҳои нави иҷтимои-меҳнатиро ба вуҷуд меорад. Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ нишон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси онҳо инҳоянд:

- полисубъективӣ, яъне бисёре аз иштирокчиён (субъектҳо) дар муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ;
- полиобъективӣ, яъне муносибатҳое, ки дар ҷараёни ҳамкории байни субъектҳо оиди бисёре аз мавзуъҳо, ки ба фаъолияти меҳнатӣ вобастагӣ дорад;
- бисёрсатҳагӣ, яъне ташаккули муносибатҳое, ки дар сатҳҳои гуногун амали гардонида мешавад: давлатӣ, субъекти давлатӣ, минтақа, маҳҳал, корхонаҳо. [5. С. 104].

Гузашта аз ин дар асарҳои муҳаққиқони категорияҳои муайяншудаи идоракунӣ ба монанди идоракунии меҳнат мафҳуми “идоракунии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ” бараъло мушоҳида карда мешавад. Истилоҳи мазкур дар самти таъсироти идоракунӣ истифода бурда шуда натанҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти коргарон дар сатҳи корхона ва хоҷагии хонаводаҳо балки ба кулли дигар субъектҳое, ки вориди ин муносибатҳо мешаванд

вобастагии зич дорад. Ба сифати муҳитарин субъект бо ин ё он тарзи ба танзим даровардани ин муносибатҳо давлат ва органҳои идоракунии сатҳҳои гуногун (митақавӣ, маҳаллӣ) амал намуда, чунончи муваффақтарин истифодаи ин истилоҳ дар сатҳи давлат минтақа ва маҳаллӣ назаррас буда, ҳарчанд дар сатҳи корхона ва хоҷагии хонаводаҳо чунончи идоракунии меҳнат ва идоракунии маҳаллии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ имконпазир мебошад. Дар низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ соҳибкорон ё ин, ки корфармо низ мавқеи муҳимро ишғол намуда масъулияти онҳо натанҳо дар таъмини ҷойҳои кор балки бо таъмини идоракунии меҳнат тавассути идоракунии соҳаи муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ, ки дар он муносибитҳои меҳнати оиди шартҳои истеҳсоли ва ҷамъияти ба монанди: амалигардони, ташкили, пардохт, интизом, одоби корӣ, ташаккул ва фаъолияти ҷомеаҳои меҳнатӣ рушд ва инкишоф меёбанд.Субъектҳои дар болозикргардида вобаста аз рӯи вазифагузориҳои худ ба маҷмӯи муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ, ки дар сатҳҳои гуногун арзи вуҷуд дорад таъсироти идоракунӣ доранд, аммо таъсири он гуногун ба назар мерасад.

Яке аз субъектҳои муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ коргари кироя-шаҳрванд ба ҳисоб меравад, ки бо корфармо яъне роҳбари ташкилот ё корхона барои иҷрои вазифаи муайян вобаста аз дониши касбӣ ва қобилияти корӣ ӯ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад.Дар амал ба сифати коргар ва шахсони алоҳида, гурӯҳи коргарон, ки аз рӯи мақоми иҷтимоӣ, касбӣ бо муайян гаштани самтҳои ҳавасмандии онҳо ва дигар бартариятҳои ҷойдошта ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ шинохта мешаванд.

Ҳимояи манфиати коргарони кироя бар души иттифоқҳои касаба- яъне ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки коргарони кирояро муттаҳид месозад, ба ҳисоб меравад.

Корфармо – ин шахсияте ба ҳисоб меравад, ки мустақилона ба фаъолият машғул буда, доимо як ё якчанд шахсро ба кор ҷалб месозад. Корфармо метавонад соҳиби воситаҳои истеҳсолот бошад ё ин, ки намоянда ба мисоли: роҳбари ташкилот ё корхона бо набудани соҳиби он ҳамчун намоянда баромад мекунад. [7. С. 97].

Давлат дар низоми муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар нақшҳои зерин баромад мекунад: қонунгузорӣ, ҳамоҳангсоз ва танзимкунандаи ин муносибатҳо, корфармо, миёнарав ва ҳакамони баҳсҳои соҳаи меҳнат.

Сатҳи муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ бо хусусиятҳои муҳити иҷтимоӣ, ки дар он субъектҳои ин муносибатҳо муайян карда мешаванд, яъне метавон ба сатҳи инфиродӣ ва гурӯҳи, соҳавӣ, ташкили ҷои кор ва ғайраҳо тақсим намуд.

Ҷадвали № 1.

Динамикаи шуғл ва захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳазор нафар

[1. С. 80].

	2015	***2016***	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	**2021**
Трудовые ресурсы – дар маҷмуъ	**5111**	**5224**	**5326**	**5427**	**5521**	**5585**	**5623**
аз ҷумла:							
Қувваи корӣ	2437	2438	2460	2478	2514	2557	2587
аз он:							
-аҳолии шуғлнок	2380	2384	2407	2426	2463	2506	*2534*
-ба таври расмӣ бекор эътироф шудааст	57	54	53	52	51	51	53
истифодаи ками меҳнат дар иқтисодиёт	2674	2786	2866	2949	3007	3068	3066
аз ҷумла донишҷӯён	602	615	632	638	647	670	663

Сатҳи бекорӣ (шумораи расман эътирофшудаи бекорон бо фоиз (%) нисбат ба қувваи корӣ	2,3	2,3	2,2	2,1	2,1	2,1	2,1

Ба сифати воситаҳои инфиродии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти меҳнатии шахс дар марҳилаҳои гуногуни давраи зиндагии он: худмуайянкунии меҳнатӣ, роҳнамоии касб, киро кардан-аз кор озод кардан, арзёбии меҳнат, шароит ва пардохти меҳнат, масъалаҳои нафақа ва ғайраҳо баромад мекунанд. Мавзӯи муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ сиёсати кадрӣ, ки тамоми доираи фаъолияти ташкилот оид ба идоракунии кадрҳо ба ҳисоб меравад, ба танзим медарорад.

Намудҳои муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ба иҷтимои-психологӣ, шаклҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии байни субъектҳо тавсиф карда мешаванд. Нақши асосиро дар ташаккули намудҳои муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ принсипи таъмини баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳои субъектҳои ҳамин муносибатҳо мебозад. Татбиқи ин принсип ва омезиш бо принсипҳои ҳамбастагӣ ва шарикии баробарҳуқуқ ё “ҳукмронӣ-итоат” таҳкурсии намудҳои гуногуни тавсифи муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ хизмат мекунад, ки дар ҷадвали №2 тасвир ёфтааст.

Барои фаъолияти муътадил низоми муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ ба танзим ва идоракунӣ дар ҳама сатҳҳо (давлатӣ, минтақавӣ,маҳаллӣ)зарурият пайдо намуда, дар асоси барномаҳои давлатӣ ва танзими меъёрӣ, ки тамоми самтҳои соҳаи иҷтимои-меҳнатиро ба монанди: шуғл, шарт ва пардохти музди маош, сиёсати демографӣ, сиёсати муҳочирати меҳнатӣ ва ғайраро дар бар мегирад, амали гардонида мешавад.Дар сатҳи ташкилоту корхонаҳо идоракунии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ тавассути низоми шартномаҳои коллективӣ амали гардонида мешавад, ки дар доираи он мавқеи ба созишовардашудаи коргарони дилхоҳ ташкилот ё корхона ва кормфармоёни онҳо оиди ҳаллу фасл намудани масъалаҳои муҳим ба монанди: шарт ва пардохти музди маош, пардохти иҷтимоӣ ва ҷубронпулиҳо,инчунин таъмини иҷтимоӣ, суғурта ва ғайраҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Низоми бисёрзинагии идоракунии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали №2 оварда шудааст.

Ҷадвали №2- Таснифи намудҳои асосии муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ

Намудҳои муносибатҳои иҷтимои-меҳнатӣ	**Таснифот**
Патернализм	Танзими қатъии тарзи рафтори субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, шароит ва тартиби ҳамкории онҳо аз ҷониби давлат ё роҳбарияти ташкилот
Шарикии иҷтимоӣ	Ҳимояи манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ва худшиносии онҳо дар сиёсати ҳамоҳангсозии афзалиятҳои тарафайн дар масъалаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ барои таъмини ҳамкории созанда
Рақобат	Рақобат байни субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ барои имконият ва шароити беҳтар барои амалӣ намудани манфиатҳои худ дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ
Якдилӣ	Масъулияти мутақобилаи одамон дар асоси якдилӣ ва иттиҳоди манфиатҳои онҳо барои тағирот дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ва ба мувофиқа расидан дар қабули қарорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат
Субсидия	Хоҳиши шахс ба масъулияти шахсӣ барои расидан ба ҳадафҳои бошуурона ва амалҳои онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ

Табъиз	Маҳдудкунии худсарона, ғайриқонунии ҳуқуқҳои субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ки дар натиҷаи он принсипҳои имкониятҳои баробар дар бозори меҳнат вайрон карда мешаванд
Низоъ	Дараҷаи ниҳоят ифодаи зиддияти манфиатҳо ва кулл! субъектҳо дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ки дар шакли баҳсҳои меҳнатӣ, корпартоӣ, локаутҳо зоҳир мешаванд

Барои коркарди самараноки сиёсати иҷтимоӣ сарчашмаҳои бавуҷудоии он нобаробари, асоснок ва ё беасоси иҷтимоии он ба таври фавқулодда муҳим ба ҳисоб меравад.Равиши иқтисодӣ нобаробарии иҷтимоиро ҳамчун натиҷаи гуногун дар вазифаҳои иқтисодӣ бо сабаби нобаробар будани он ба муносибатҳои моликият барраси мегардад.Назарияи давлати иҷтимоӣ нобаробарии иҷтимоиро падидаи табиӣ эътироф мекунад.Нобаробари ҳамчун натиҷаи рақобати инсонӣ дар натиҷаи фарқи малакаи аз даврони кудаки бадастовардаи худ, ки имконияти амали гардонидани он бо ҳолат ва дараҷаи рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ дар назар дошта мешавад, вобастагии зич дорад.Сохти иниститутсионалии сиёсати муосири иҷтимоӣ аз се ҷузъӣ асосӣ иборат аст: низоми кафолати иҷтимоӣ(стандартҳои минималии иҷтимоӣ), низоми ёрии иҷтимоӣ ва низомӣ суғуртаи иҷтимоӣ.Дар адабиёти илмии олимони ватанӣ барои таъиноти ҳар се ҷузъӣ дар болозикргадидаи сохти иниститутсионалии сиёсати иҷтимоӣ мафҳуми “ҳифзи иҷтимоии аҳоли” истифода мегардад.

Дар рушди сиёсати иҷтимоии давлати Русияро дар асрҳои XX-XXI Балюшин Ю.Л. (2010) ба чор марҳила гурӯҳбандӣ мекунад, ки бо намудҳои махсуси низоми муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоии байни инсонҳо: патернализм, либерализм, неолиберализм ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор мераванд. Нишонаҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун шарти муҳими самараноки сиёсати иҷтимоӣ хизмат мекунанд: дар соҳаи иқтисодиёт- мавҷуд будани иқтисодиёти нигаронидашудаи иҷтимоӣ, ки барои тамоми қишри ҷомеа фаъолият мекунад; дар соҳаи сиёсат-муттасил будани сиёсати иҷтимоӣ, ки бо иваз шудани ҳизбҳои ҳукмрон ва ҳокимият ҳам фаъолияташ идома меёбад; дар соҳаи иҷтимоӣ-дар ҷомеа чунин мансабҳои ахлоқи шаҳрвандӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва гуманизм васеъ паҳн шудааст. [2. С. 106]

Диаграммаи №1. Сохтори аҳолии шуғлнок аз рӯи намудҳои моликият

Мураккаб будани равандҳои рушд ва ворид намудани лоиҳаҳои иҷтимоӣ, барномаҳо ва



стратегияҳо, ниёз ба ҳамкории ҳамоҳангшуда байни иштирокчиёни зиёди ҷараёнҳои иҷтимоӣ ҳангоми ташаккули сиёсати иҷтимоӣ идеология ва методологияи муносибати синергетикӣ истифодаи онро тақозо мекунад.Ин самти методологӣ дар фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ истифодаи маҷмӯи ғояҳои синергетики, мафҳумҳо ва усулҳо дар омӯзиш ва идоракунии системаҳои кушоди ғайрихатии худтанзимкуниро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, сиёсати иҷтимоӣ ин низоми аз шумораи зиёди қисмҳо иборат буда ба таври мураккаб бо ҳамдигар алоқаманди дорад. Сиёсати иҷтимоӣ соҳаи фаъолияти инсонро инъикос намуда, ки бо муносибатҳои қудратии субъектҳо (давлат бо сохторҳои худ дар шакли ваколатҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии сатҳҳои гуногун; ҳизбҳои сиёсӣ; ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ; одамоне, ки бо кори амалии иҷтимоӣ касбӣ ё ба таври ихтиёрӣ машғул буда) ва ба тамоми аҳолӣ ҳамчун объекти иҷтимоӣ равона карда шудааст, дар назар дошта мешавад.Сиёсати иҷтимоӣ сохторҳоро, ки дар марҳилаҳои гуногун қарор доранд муттаҳид намуда барои таъмини мувофиқаи мутақобилаи ҳамаи зерсистемаҳо ва унсурҳо, инчунин ҳамоҳангсозии суръати рушди онҳо мусоидат менамояд.

Литература:

1. Статистический ежегодник Республики Таджикистан: Агентство по статистике при Президенте РТ, 2022. С.413.
2. Балюшина Ю.Л. Социальное государство в России: история и современность // Вестник Костромского государственного университета. – 2010. – № 1.
3. Промышленность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2019. С.43.
4. Научный отчёт по теме: «Социально-экономические проблемы совершенствования системы управления трудом в Республике Таджикистан» (2012-2016). НИИ тмзн. – Душанбе, 2016. – 528 с.
5. Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования). / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов, Ю.Р. Юсуфбеков. – Душанбе: «Дониш», 2016. – 509 с.
6. Социально-трудовые проблемы равновесия на рынке труда в условиях трансформируемой экономики. / Отв. ред. Юсуфбеков Ю.Р. – Душанбе, 2015. – 349 с.
7. Трудовая миграция в структуре социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан. / Отв. ред. – Мутиева С.Дж., Юсуфбеков Ю.Р. – Душанбе, 2016. – 236 с.
8. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе 2020 год.

Джабборов Абдусаттор - профессор кафедры финансов Таджиксого государственного университет коммерции. Тел: (+992) 938999885, Email: tguk@mail.ru

Ачмал Абдул Субҳон – магистарнт 2 курса Таджикского государственного университета коммерции. Тел: (+992) 938999885, Email: tguk@mail.ru

Мирзомуродова Фарида Зайниддиновна – магистарнт 2 курса Таджикского государственного университета коммерции. Тел: (+992) 938999885, Email: tguk@mail.ru

Юнусова М.М.

МУАММОИ ИНТИХОБИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОД

Юнусова М.М.

ПРОБЛЕМЫ ВЫБОРА СОЦИАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ И ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ

Yunusova M.M.

PROBLEMS OF CHOICE SOCIAL DEVELOPMENT AND THE ECONOMIC GROWTH

Дар мақола оид ба назарияи рушди иқтисод ва омилҳои ба он таъсиррасон, махсусан бо ҳам вобаста будани ин ҳадаф аз заминаҳои инкишофи иҷтимоии ҷомеа аз нигоҳи муаллиф қайд карда мешавад. Натиҷаи рушди иқтисод дар сатҳ ва сифати зиндагӣ иникос меёбад,ки бевосита аз манбаъи даромад вобастагии мустақим дошта, ҳамзамон бо он дар ҷомеа гурӯҳҳои аҳолии даромади баланд дошта ва аҳолии камдаромад, яъне ба табақаҳои иҷтимоӣ ҷудо шудани одамон арзи вуҷуд менамояд. Ҳар яки ин гурӯҳҳо метавонанд ба иқтисод ҳам ба воситаи пасандоз ва ҳам ба воситаи истеъмолот таъсири манфию мусбӣ расонида, боиси паст ва баланд шудани суръати рушди иқтисод мегарданд.

Вожаҳои калидӣ: рушди иқтисод, инкишофи иҷтимоӣ, сатҳ ва сифати зиндагӣ, даромад, тамсила, табақаҳои иҷтимоӣ, нобаробарӣ, суръати рушд, сиёсати иҷтимоӣ иқтисодӣ, пасандоз, истеъмолот.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статье речь идет о теории экономического роста и влияющего на него факторы, которые непосредственно взаимосвязаны с предпосылками социального развития общества. Результат экономического роста отражается на уровне и качестве жизни населения, которое находится в прямой зависимости от источника дохода, и в то же время существуют группы высокодоходного населения и малообеспеченного населения, т.е. происходит разделение людей на социальные слои. Каждая из этих групп может оказывать отрицательное или положительное воздействие на экономику как через сбережения, так и через потребление, вызывая снижение или увеличение темпов экономического роста.

Ключевые слова: экономический рост, социальное развитие, уровень и качества жизни, доход, модель, социальное развитие, неравенства, темп роста, социально- экономическая политика, сбережения, потребления

The article deals with the theory of economic growth and the factors influencing it, which are directly interconnected with the prerequisites for the social development of society. The result of economic growth is reflected in the level and quality of life of the population, which is directly dependent on the source of income, and at the same time, there are groups of high-income population and low-income population, i.e. there is a division of people into social strata. Each of these groups can have a negative or positive impact on the economy, both through savings and through consumption, causing a decrease or increase in the rate of economic growth.

Keywords: economic growth, social development, level and quality of life, income, model, social development, inequalities, growth rate, socio-economic policy, savings, consumption

Дар афкори муосири ҷомаеи мо зарурати даст кашидан аз мулоҳизае, ки дар ибтидои ислоҳоти иқтисодӣ ба амал омада буд эътироф карда мешавад. Зеро ба даст овардани имконияти

ҳадафи рушди иқтисодро аз ҳисоби омилҳои иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд. Дигаргун сохтани самти инкишоф таҳлили масъалаҳои гуногунҷабҳаю мураккаби сиёсӣ ва институтсиониро талаб менамояд, ки аз доираи ин мақола берун буда, мо асосан ба ҷанбаҳои иқтисодии ин муммо истода мегузарем.

Дар адабиёти муосири иқтисодии ватанӣ ба масъалаҳои алоқамандии байни рушди иқтисод ва тақсимоти даромад он қадар тадқиқоти зиёде гузаронида нашудааст ва онҳо ҳам аз заминаҳои таъминоти суръати баланди рушди иқтисодро бо дигар омилҳо вобаста кардаанд.

Ин аз бисёр ҷиҳат мавқеи дуруст аст, зеро ин ақидаҳо дар зери таъсири мактабҳои гуногуни иқтисодӣ арзи вуҷуд намуданд ва он ба адабиёти иқтисодӣ бо номи “гипотезаи Кузнетс” ворид шуд. Иқтисодчии машҳур Саймон Кузнетс, ки аввалин маротиба дар гузаштаи таърихӣ тамсилаҳои рушдро дар кишварҳои пешрафта тадқиқ намуда, мулоҳиза кард, ки дар марҳалаи ибтидоии рушди иқтисод тақсимоти даромад байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ тамоюли мутамарказшавиро (ҷамъшавиро) дар гурӯҳҳои сердаромад дошта, вале дар даврaҳои минбаъдаи рушди иқтисод тақсимоти бештар баробари даромад байни гурӯҳҳои аҳолии даромадашон баланд ва камдаромад ба амал меояд. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки дар марҳалаи ибтидои рушди иқтисод инкишоф аз ҳисоби бахшҳои муосири иқтисод (тамсилаи дутаркиба дигаргунсозиҳои иқтисодии Артур Люис), ки дар он ҷо шумораи кормандон кам буда, вале ҳосилнокӣ ва музди меҳнат нисбатан баланд аст ва мувофиқан тавофути даромади аҳолие, ки дар сохторҳои муосир ва анъанавии иқтисод заҳмат мекашанд, метавонад хеле баланд бошад. Ҳамзамон, дар даҳсолаҳои охир як қатор корҳои тадқиқотие ба нашр расиданд, ки “гипотезаи Кузнетс”-ро рад намуданд, аз ҷумла “Инкишофи иқтисодӣ”[5] -и М.Тодаро, ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ ва дигарҳо.

М. Тодаро аз ҷумла ба мақсаднок мувофиқат намудани сатҳи тақсимоти даромадро дар байни гурӯҳҳои аҳолии сердаромад ва камдаромадро дар кишварҳои инкишофёфтаистода дида мебарояд. Вай мавқеи худро бо он асоснок менамояд, ки тақсимоти баробартари даромад дар кишварҳои инкишоёфтаистода ба рушди босуръат оварда, барои ба вуҷуд овардани чунин манбаъҳои иқтисодии ҷомеъа меҳнат ва сармоя мусоидат намуда, аз назари муаллиф заминаҳои обеъективии суръати баландтари рушди иқтисодиро дар ин кишварҳо муҳайё месозад.

Заминаҳои иқтисодӣ барои ин тамсилаи инкишоф он ба ҳисоб меравад, ки даромади баланди гурӯҳи ками аҳолӣ ҳолат ва шароити зарурирo барои ташаккули пасандоз ба амал оварда, минбаъд ба маблағгузории самтҳои муосири иқтисод равона карда мешаванд. Агар гурӯҳи аҳолии даромади баланддошта истеҳсолотро маблағгузорӣ намояду гурӯҳи аҳолии даромади кам дошта маблағҳои худро ба истеъмолот сарф намояд, бо он шарте, ки вобастагии мустақими байни суръати афзоиши ММД ва пасандоз мавҷуд буда, иқтисод бо сатҳи бештари баланди нобаробарии даромад бо суръати зудтар, назар ба набудани ин нобаробарӣ, инкишоф меёбад.

Ин ба афзудани даромади миллӣ ва даромад ба ҳар нафар аҳолӣ то он миқёсе меоварад, ки азнавтақсимкунии даромади байни гурӯҳҳои аҳолии сердаромад ба кам даромадро бо ёрии андозҳо ва интиқоли маблағҳои иҷтимоӣ бо таъсири камтарин метавон гузаронид, вале барои ба даст овардани сатҳи муайяни инкишофи иқтисодӣ кушиши аз навтақсимкунии даромад метавонад танҳо ба коҳиш додани рушди иқтисодиёт оварад. Тарафдорони ин равия ҳисоб менамоянд, ки чунин навъи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба аз ҳад афзун намудани суръати рушди иқтисод дар давраи дарозмуддат нигаронида шудааст, метавонад сатҳи баланди зиндагии ҳамаи гуруҳҳои иҷтимоиро таъмин намуда, муаммои барҳам додани камбизоатӣ худ аз худ (хусусан дар шароити шуғли пурра) аз байн меравад. Агар таърихи гузаштаи инкишофи иқтисодии ҷумҳуриро (Иттиҳоди Шуравӣ) дида бароем, он гоҳ суръати баланди рушди иқтисод, ки дар давраи “сиёсати индустраликунонӣ” ба даст оварда шуда буд, аз ҳисоби истифода бурдани шабеҳи ҳамин тамсилаи инкишофи иқтисодӣ буд. Маълум аст, ки истифодаи ин тамсила дар он вақт (Иттиҳоди Шуравӣ ва Чини муосир) бо сабаби он буд, ки миқдори зиёди аҳолии кишвар бесавод буда, дар деҳот ҳаёт ба сар мебурданд ва зиндагии худро аз ҳисоби хоҷагии натуралӣ мегузарониданд. Ин аҳолӣ мувофиқи тамсилаи дутаркибаи Люис ҳамон сохтори анаънавии иқтисодро ташкил мекунад.

Дар замони муосир, ки аҳолии мамлакат вобаста ба дастраси ба манобеъ ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҷудо шуда, нисбати тақсимоти даромад дар байни ин таркиби иҷтимоии аҳолӣ маълумоти омориро аз манбаъҳои дастрас пайдо намудан ғайриимкон аст, возеҳ аст, ки ҳадафи чоруми стратегии ҳукумути кишвар дар самти аз кишвари аграрию индустриалӣ ба кишвари

индустиалию аграрӣ табдил додани ҷумҳуриамон иқдоми олии иқтисодӣ мебошад. Барои ба кишвари индустиалӣ табдил ёфтан пеш аз ҳама мавҷудияти замина ва омилҳои асосӣ: а) манбаи энергия, ки ба ин самт маблағҳои зиёде аз буҷети кишвар ҷудо шуда истодааст, аз ҷумла давом додан ва ба анҷом расонидани сохтумони неругоҳи обию барқии Роғун ва дигар нерӯгоҳҳо, ки ба сармоягузории зиёде эҳтиёҷот дорад. б) ба вуҷуд овардани фаъолияти бемамониати инфрасохтори нақлиётӣ ва дигар шабакаҳои коммуникатсионӣ. Дар ин самт сохтумони роҳҳои наву аз навсозӣ ва пайвастшавии минтақаҳои гуногуни мамлакат бо ҳам ва баромадан ба хориҷи кишвар ҳам корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда ва давом ёфта истодааст; в)омода ва тайёр намудани мутахассисони муҳандисию техникӣ ва технологию иттилоотӣ дар хориҷи кишвар ва таъмини онҳо бо шароити шоистаи зиндагӣ баъди бозгашт дар дохили кишвар. Инчунин омӯзиш ва истифодабарии таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ бо мутобиқат ба шароити вуҷуддошта дар кишвар; г) барҳам ва аз байн бурдани хатогиҳои оморӣ ва иттилоотӣ дар вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат оид ба тафриқаи иқтисоди воқеӣ, ки барои қабули қарорҳои дуруст ва таъмини қисми даромади буҷети кишвар бо манбаъҳои иловагӣ мамониат менамояд.

Худи таъмини аз се ду ҳадафи стратегие, ки дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ меистод, заминаи воқеӣ ва мустаҳкам барои ҳадафи чорум ба ҳисоб рафта, дар оянда метавонад боиси суръати баланди рушди иқтисод, ки яке мақсади асосии давлат буда, ба сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолии кишвар оварда мерасонад, ки аз таъмини ҷои кор, манбаъи даромад ва нигоҳ доштани сатҳи таваррум вобастагии мустақим дорад.

“Ҳоло дар ҷумҳурӣ 2800 корхонаи саноатӣ амал мекунад, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд, ки умуман аз саноати истихроҷ, саноати коркард ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва буғ, об иборат аст”[2].

Ҳамин тавр, дар шароити муосири иқтисодии мамлакат, ки ҳадафи чоруми стратегии кишвар саноатикунонии босуръати мамлакат меистад, ҳанӯз ҳам рушди иқтисоди мамлакат на аз ҳисоби маҳсулоти тайёри саноатӣ, балки аз ҳисоби коркарди ашъёи хоми саноати истихроҷ ва коркарди маъданҳо ва содироти онҳо таъмин карда мешавад, дар амал истифодаи тамсилаи инкишофи иқтисодӣ, ки тақсимоти даромад аз ҳисоби табиати иҷтимоии бозор ва интиқоли маблағҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад, бо ақидаи мо на ба афзоиш, балки ба коҳиш додани суръати рушди иқтисод боис мегардад. Ба андешаи мо барабартар тақсим намудани даромад метавонад шарти зарурии таъмини босуръати баланди рушди иқтисод, ки сабабҳои гуногунро низ доранд дар ҷомеъа гардад, ки баъдтар ба он мо бармегардем.

АДАБИЁТ

1. Ахинова Г.А., Жильцов Е.Н. Экономика общественного сектора: Учеб. Пособие.- М.: ИНФРА-М, 2014.-345с.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022с. ш. Душанбе.

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Текст: электронный // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: [сайт]. - URL: http://mmk.tj. (дата обращения: 23.12.2022).

4. Юнусова М.М. Социальное проблемы роста национальной экономики. Душанбе: Ирфон: 2007-138с.

5. Тодаро М.Экономическое развитие.Учеб./Пер.с англ./Под ред. С.М..Яковлева, Л.З.Зевина. М.: Экономический фа-культет МГУ, ЮНИТИ. 1997.

Юнусова М.М. – дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел: +992934445499

Назарамонова Х.
Нуриддини Ф.

РЕЗУЛЬТАТЫ АНАЛИЗОВ ФИЗИКО-ХИМИЧЕСКИХ ХАРАКТЕРИСТИК ВОДЫ (наприме реки кафарниган)

Nazaramonova H.
Nuriddini F.

BOTTOM SEDIMENTS of the KAFIRNIGAN RIVER

Назарамонова Ҳ.
Нуриддини Ф.

НАТИҶАИ ТАҲЛИЛИ ХИМИЯВӢ-ФИЗИКИИ ТАВСИФИ ОБИ КОФАРНИҲОН

Проведено изучение элементного состава донных отложений реки Кафирниган в Центральном Таджикистане. В ходе исследований выявлены геохимические аномалии, связанные с повышенным содержанием сурьмы и мышьяка.
Ключевые слова: Донные отложения, река Кафирниган, Центральный Таджикистан, макро- и микроэлементы.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Elemental composition of the bottom deposits of Kafirnigan River in Central Tajikistan is described. The studies were identified geochemical anomalies associated with high concentration of antimony and arsenic.
Keywords: Bottom sediments, Kafirniganriver, Central Tajikistan, major- and microelements.

Омӯзиши таркиби элементҳои таҳшинҳои поёни дарёи Кофириҳон дар Тоҷикистони Марказӣ анҷом дода шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот, аномалияҳои геохимиявӣ бо зиёд шудани сурма ва мишяк ошкор карда шуданд.
Калимаҳои калидӣ: таҳшинҳои об,дарёи Кофарниҳон,Тоҷикистони Марказӣ, макро ва микроэлеиентҳо.

При отбореобразцов, который был произведен в период половодья (май-июнь месяцы),в местах отбора образцов были произведены анализы физико-химических характеристик воды [1-3]. При помощи прибора «Hydrolab» типа DS-5(США) были измерены основные характеристики вод, которые приведены в таблице 4.

Таблица 1. *Физико-химические характеристики воды в реках*

Реки	pH	Соли (мг/л)	Раст. вещест. (мг/л)	Удельная Проводимость (мС/с)	Редокс-потенциал (мВ)	растворен. (%)	O_2 растворен. (мг/л)
Сиома	7,6	40	62,1	0,096	435	95,1	10,8
Тагоб	7,72	60	93,1	0,145	419	94	9,36
Оби Чаппа	8,12	90	128,2	0,2004	400	94,8	8,51
Оджук	7,5	40	70,4	0,118	386	96	9,06
Варзоб 1	7,9	80	109,5	0,171	380	97,9	9,6
Варзоб 2	7,7	80	112,8	0,176	437	101,1	10,43
Сарбо	7,5	50	81,9	0,128	390	96,4	9,61
Сардаи Миёна	7,6	70	99,5	0,1556	409	93,9	9,24
Кафирниган1	7,8	80	117,4	0,1834	445	100	10,15
Кафирниган2	7,6	100	135,2	0,2112	341	106,6	10,21

Кафирниган3	7,3	130	172,1	0,2691	334	106,5	9,67
Елок	7,5	300	387,6	0,5805	470	98,2	8,95
Вахш 2	7,31	220	278,5	0,4353	372	100,6	10,03
Вахш 1	7,46	650	785	1,23	353	104,8	9,71
Гунт							
Пяндж 1							
Пяндж 2	7,75	520	633	0,9887	355	105,5	8,9
Сырдарья 1	7,93	920	1111	1,732	413	104,5	8,02
Сырдарья 2	8,04	700	821,1	1,323	418	103	8,75
Исфара 1	8,25	150	194,6	0,3043	369	97,4	8,76
Исфара 2	8,1	1030	1230	1,921	373	100,7	7,31
Сабурган	7,58	160	209,7	0,3277	357	94,3	9,49
Каратаг 1	7,19	40	69,9	0,1097	348	94,7	10,04
Каратаг 2	7,33	70	99,6	0,1558	438	96,2	9,75
Рогова	7,5	80	114,1	0,1783	408	91,5	8,73
Хонако 1	7,35	40	68,5	0,1071	395	93	9,46
Хонако 2	7,44	60	89,9	0,1404	400	92	8,96
Шахристан 1	7,77	110	146,9	0,2294	388	83,9	8,8
Шахристан 2	8,08	200	221,1	0,4005	354	83,1	8,96
Шахристан 3	7,97	130	171,4	0,2669	360	78,7	9,3
Шахристан 4	7,61	40	64,3	0,1007	384	79,3	8,13

Измерения физико-химических параметров воды показало, что воды в реках Таджикистана являются слабощелочными. Наименьшее значение pH присуще реке Каратаг (pH=7,19), максимальное значение реке Исфара (pH=8,25). К сожалению, для рек Гунт и Пяндж 1 (мост в поселке Тем) измеренияфизико-химических параметров воды не были произведены. На представленных рисунках ниже верховья рек представлены слева, низовья справа.



Рисунок 1. pH характеристика вод в реках Таджикистана в период половодья



Рисунок 2. Концентрация солей в реках Таджикистана

Соли в водах рек Таджикистана распределены достаточно интересно, наибольшая концентрация соли (1030 мг/л) зарегистрирована в реке Исфара 2 (до вливания в Ферганский канал), рис. 2. Минимальная концентрация (40 мг/л) присуща образцу Шахристан 4 (конец перевала Шахристан со стороны Айни).



Рисунок 3. Общий состав растворенных в водах веществ в реках

Общий состав растворенных в водах веществ (рис. 3) достаточно хорошо согласуется с картиной распределения концентрации солей, что является хорошим доказательством правильности проведенных измерений.

Проведено исследование элементного состава донных отложений отобранных на 10 точках в реке Кафирниган в Центральном Таджикистане. При проведении анализов были определены содержание 38 элементов, начиная от натрия до урана.

В реке Кафирниган выявлена геохимическая аномалия, связанная с повышенным содержанием сурьмы и мышьяка. В верховьях наблюдается повышенное содержание золота.

По мере продвижения к устью реки в донных отложениях увеличивается концентрация почвенных пород, которые становятся доминирующими в долинах, в условиях спокойного течения реки.

В целом можно отметить, что в долине р. Кафирниган породные аномалии превалируют над техногенными, несмотря на присутствие объектов промышленного характера по р. Варзоб.

Авторы выражают благодарность сотрудникам ИЯФ г. Ташкента и г. Алма-Аты за проведенный элементный анализ образцов.

ЛИТЕРАТУРА

1. В.И.Крюков, «Схема территориального деления Таджикской ССР для целей экологического мониторинга окружающей среды республики» /В.И.Крюков// Рукопись статьи депонирована в ТаджикНИИНТИ. 07.08.1989. № 48. (648),Тиа-Д-89, Душанбе , стр. 39-41.

2. Атлас Таджикской ССР, (1968), – Душанбе: Географическое общество СССР.

3. GoogleEarth, http:Google_earth.com

Назарамонова Ҳалима – старший преподаватель кафедры «Высшая математика и естественные дисциплины» Таджикский государственный университет комерции. E-mail: oliftaeva.marifat@gmail.com Тел: +992934222204

Нуриддини Файз – старший преподаватель, кандидат технических наук кафедры «Безопасность жизнедеятельности и экология» Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими. E-mail: h.gulahmadov@mail.ru. Тел: +992935656595

Ҳусейнова Ш.З.

НАҚШИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ВА ДАСТГИРИҲОИ ИН СОҲА АЗ ҶОНИБИ ДАВЛАТ

Хусейнова Ш.З.

РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РАЗВИТИИ НАРОДНОГО ХОЗЯЙСТВА И ПОДДЕРЖКА ЭТОЙ ОТРАСЛИ ГОСУДАРСТВОМ

Khuseinova Sh.Z.

THE ROLE OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY AND STATE SUPPORT FOR THIS INDUSTRY

Аннотатсия

Дар ҳақиқат ташаккулу рушди хоҷагии халқ бевосита бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва хусусан соҳибкории саноатӣ вобагӣ дорад. Барои оқилона ташаккул додани иқтисодиёти миллӣ нигоҳ доштану ташаккул додани саноати ватанӣ, ки ба талаботи бозори дохилӣ мутобиқ аст, содироти молҳои рақобатпазирро таъмин менамояд, зарур мебошад. Дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо роҳҳову чорабиниҳои дастгирии соҳаҳои соҳибкориро пешбинӣ ва роҳандозӣ менамоянд.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти миллӣ, соҳибкорӣ, соҳибкории саноатӣ, мол, маҳсулот, фоида, рушд, содирот, сиёсати иқтисодию саноатӣ, танзими давлатии соҳибкорӣ, дастгирии давлатӣ, мораторий.

Аннотация

На самом деле становление и развитие национальной экономики напрямую связано с развитием предпринимательства, особенно промышленного предпринимательства. Для рационального формирования народного хозяйства необходимо поддерживать и развивать отечественную промышленностӣ, отвечающее требованиям внутреннего рынка, обеспечивающее экспорт конкурентоспособных товаров. В этом направлении Правительство Республики Таджикистан постоянно предусматривает и реализует пути и мероприятия по поддержке предпринимательского сектора.

Ключевые слова: национальная экономика, предпринимательство, промышленное предпринимательство, товары, продукция, прибыль, развитие, экспорт, экономическая и промышленная политика, государственное регулирование предпринимательской деятельности, государственная поддержка, мораторий.

Annotation

In fact, the formation and development of the national economy is directly related to the development of entrepreneurship, especially industrial entrepreneurship. For the rational formation of the national economy, it is necessary to support and develop the domestic industry that meets the requirements of the domestic market and ensures the export of competitive goods. In this direction, the Government of the Republic of Tajikistan constantly provides and implements ways and measures to support the business sector.

Key words: national economy, entrepreneurship, industrial entrepreneurship, goods, products, profit, development, export, economic and industrial policy, state regulation of entrepreneurial activity, state support, moratorium.

Истеҳсолоти интенсивӣ ва дорои динамикаи баланд, ки дар натиҷаи он намудҳои молу технологияи истеҳсолшаванда, истеҳсол ва тақсимоти онҳо босуръат нав мешавад, хоси марҳилаи ҳозираи тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Дар ин самт соҳибкорӣ ба таъмини устувории молиявию иқтисодии ташкилот бештар таваҷҷӯҳ намуда, аз методҳои ташкилӣ, иттилоотию идоракунӣ ва дастовардҳои илм бештар истифода мебарад.

Густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро дар тамоми соҳаҳои он таъмин менамояд.

Барои ноилгардӣ ба натиҷаҳои баланди иқтисодӣ ва таъмини рушди босуръати иқтисоди миллӣ зарурати объективии аз нав ба роҳ мондани раванди фаъолияти соҳибкорӣ аз савдо ва соҳаи қарзию молиявӣ ба сектори воқеии иқтисодиёт мебошад.

Дар айни замон бояд чунин модели соҳибкорӣ ба вуҷуд ояд, ки зарари бӯҳрони иқтисодии ҷаҳониро ба кишвар нисбатан паст бурда, таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва самаранок истифода бурдани имкониятҳои содиротии саноати кишварро ба роҳ монад. Ба ин талабот бештар соҳибкорие, ки ба истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудааст, мувофиқат мекунад. Фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ бояд тамоили муҳими сиёсати иқтисодию саноатии мамлакат гардад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва мавҷудаи ватанӣ тасдиқ мекунад, ки содироти ашёи хомро, аз ҷумла, пахта, алюминий, маҳсулоти маъданӣ, ҳамчун воситаи асосии нигоҳдорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ баррасӣ кардан, ба қадри кофӣ асоснок нест. Барои таъмини оқилонаи рушди иқтисодиёти миллӣ саноати ватанӣ ва пеш аз ҳама соҳаҳои бавуҷудомадаи он, ки ба талаботи бозори дохилӣ мутобиқ гардида, содироти молҳои рақобатпазирро таъмин намудаанд, нигоҳ доштан ва ташаккул додан зарур аст.

Проблемаи бисёрҷонибаи ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ дар айни замон дар корҳои илмии мутахассисону олимони хориҷию ватанӣ ниҳоят васеъ инъикос гардида бошад ҳам, сарфи назар аз нақши муҳими он дар ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, рушди соҳибкории саноатӣ дар бахши воқеии хоҷагии халқ ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст[3].

Дар Тоҷикистон соҳибкорӣ, бахусус истеҳсолот дар марҳилаи ибтидои густариш қарор дорад. Ҳоло тақрибан 4% ба соҳибкории истеҳсолӣ, 3% ба фаъолияти молиявӣ ва 93% ба тиҷорат машғуланд. Соҳибкорӣ дар Тоҷикистон асосан дар соҳаи тиҷорат ташаккул ёфтааст, ки манбаи асосии даромад дар он фарқияти нархҳо ҳангоми хариду фурӯши молҳост. Дар ин доира соҳибкорон метавонанд, дар як муддати кӯтоҳ дар дасти худ маблағи калон ҷамъ ованд, вале айни замон ин шароит дар фаъолияти бевоситаи истеҳсолӣ имконнопазир мебошад[6].

Дар марҳилаи аввали ислоҳот афзоиши корхонаҳои нав дар соҳаи молия, миёнаравӣ ва савдо мушоҳида мешуд, зеро ин соҳаҳо аз нигоҳи меъёрҳои иқтисоди бозорӣ суст ташаккул ёфта буданд. Дар соҳаи истеҳсолот структураҳои ташкилии муқарраршуда асосан нигоҳ дошта шудаанд. Дар давраи пурра пеш рафтани либерализатсияи иқтисодиёт афзоиши баланди сектори молия ва бӯҳрони сектори истеҳсолот ошкор гардид. Ин нобаробарӣ сабаби кам шудани сармоягузории асосӣ ва паст рафтани майли соҳибкорон ба сектори истеҳсолӣ гардид. Ҳаракати кадрҳои соҳибкор, ки дар соҳаи молиявию тиҷоратӣ муваффақ шудаанд, ба сектори истеҳсолот қариб ки дида намешуд[6].

Фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти зеҳнии шахси зудамал ва ташаббускор мебошад, ки дорои арзишҳои муайяни моддӣ буда, онҳоро барои ташкили фаъолияти тиҷоратӣ - истеҳсолотӣ истифода мебарад. Соҳибкоре, ки барои худ фоида мегирад - ба нафъи ҷомеа кор мекунад[1].

Гузариши иқтисодиёт ба муносибатҳои бозорӣ бешубҳа бо ташаккул ва инкишофи соҳибкорӣ алоқаманд аст. Муваффақиятҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ тавассути дониш, амалия, захираҳои моддӣ ва сифатҳои психологии шахс таъмин карда мешаванд.

Соҳибкорӣ - истеҳсолӣ номида мешавад, агар худи соҳибкор бевосита бо истифода аз воситаҳои меҳнат истеҳсоли маҳсулот, мол, хизматрасонӣ, кор, иттилоот, арзишҳои маънавиро барои фурӯши минбаъда ба истеъмолкунандагон, харидорон, ташкилотҳои савдо ба роҳ монад.

Аломатҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ:

1. истифодаи сармояи худӣ ё қарзӣ дар гардиш;

2. танзим ва назорати равандҳои истеҳсолот ва гардиши сармоя;

3. идоракунии раванди ҳаракати сармоя дар ҳама гуна соҳа ва ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар;

4. баҳисобгирӣ ва истифодаи ғунҷоиши бозор, рақобати талабот ва пешниҳод ва ғайра;

5. мустақилият дар қабули қарорҳои иқтисодӣ бо мақсади нигоҳ доштани усулҳои техникию иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ бо хароҷоти камтарини истеҳсол;

6. тамоюли истеҳсолкунандагон чун провайдерҳо - нақлкунандагони таъминот барои

қонеъ гардонидани эҳтиёҷот, рақобаткунандагон - интиқолдиҳандагони талабот ва таъмини ҷомеа бо молу хизматҳо аз ҳисоби афзоиши маҳсулнокии меҳнат;

7. майл доштан ба озмоиш, навоварӣ ва таваккал барои ноил шудан ба муваффақиятҳои назаррас[3].

Дар шароити иқтисоди бозоргонии рушддошта соҳибкорӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: умумииқтисодӣ, захиравӣ, эҷодӣ ва инноватсионӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ.

Функсияи умумииқтисодӣ ҳалкунанда аст, ки асоси онро нақши ташкилотҳои соҳибкорӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун субъектҳои бозорӣ муайян мекунад. Фаъолияти соҳибкорӣ, чун қоида, ба истеҳсоли молу хизматрасонӣ ва расонидани онҳо ба истеъмолкунандагони мушаххас нигаронида шудааст, ки мафҳуми вазифаи умумииқтисодиро ташкил медиҳад. Азбаски фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби субъектҳои он таҳти таъсири тамоми системаи қонунҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешавад, асоси вазифаи умумииқтисодӣ мебошад. Рушди босуръати соҳибкорӣ яке аз шартҳои ҳалкунандаи рушди иқтисодӣ мебошад ва ин ҳамчун ифодаи системаи муносибатҳои иқтисодии вазифаи умумииқтисодӣ амал мекунад.

Функсияи захиравӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи самараноки ҳам захираҳои такроршаванда ва ҳам захираҳои нодир имкон медиҳад, ки соҳибкорӣ рушд кунад. Бешубҳа, пеш аз ҳама, инҳо захираҳои меҳнатӣ, замину сарватҳои табиӣ, тамоми воситаҳои истеҳсолот ва комьёбиҳои илм буда, истеъдоди соҳибкорӣ низ мавқеи махсус дорад. Соҳибкор, агар аз қувваи кории баландихтисос истифода барад, ҳама намуди захираҳоро дуруст ва самаранок сарф кунад, албатта, метавонад ба комёбиҳои ҳадди аксар ноил шавад.

Функсияи эҷодӣ-ҷустуҷӯӣ, навоварона хоси соҳибкорӣ аст, ки на танҳо бо истифодаи ғояҳои нав дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ, балки бо истеҳсоли воситаҳо ва омилҳои нав барои иҷрои вазифаҳо ҳамоҳанг карда мешавад. Функсияи созандаи соҳибкорӣ бо дигар вазифаҳо зич алоқаманд буда, бо сатҳи озодии иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ ва шартҳои қабули супоришҳои ҳамоҳангсозӣ муайян карда мешавад.

Соҳибкорӣ дар марҳилаи ташаккули иқтисоди бозорӣ вазифаи иҷтимоиро иҷро мекунад, ки дар қобилияти соҳибкорӣ доштан ва дар ин раванд самаранок истифодаи бурда тавонистани истеъдод ва имкониятҳои мушаххаси ҳар як шахси қобили меҳнатро ифода мекунад. Ин вазифа дар дуруст ҷобаҷокунии кадрҳои ташаббускору лаёқатманд, ки донандаи хуби вазифаҳои худ буда, саъй мекунанд ба мақсадҳои пешбинишуда ноил гарданд, бештар зоҳир мешавад. Дар ҳамин ҳол, шумораи коргарони кироя меафзояд, ки ин ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ аз дараҷаи устувории фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст[1].

Вазифаи ташкилӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар қабули қарори мустақил аз ҷониби соҳибкорон дар бораи ташаккули тиҷорати шахсӣ, ташкили идоракунии соҳибкорӣ, ташаккули сохторҳои соҳибкорӣ ва ғайра ифода меёбад. Ин вазифа махсусан дар тараққиёти бевоситаи корхонаҳои хурду миёна, инчунин дар «соҳибкории коллективӣ» ва дигарҳо равшан зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, мазмуни соҳибкорӣ махсусан дар маҷмӯи тамоми вазифаҳои он ифода меёбад, ки воқеан ба соҳибкории рушдёфта хос аст, вале бештар ба худи субъектҳои хоҷагидорӣ, ба системаи дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкорӣ вобастаанд.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо бо ташаккул ва рушди соҳибкорӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар бораи умуман иқтисодиёт ва алалхусус дар бораи иқтисоди бозорӣ сухан ронда, бешубҳа, ба соҳибкорӣ ҳамчун қисми таркибии фаъолияти иқтисодӣ диққат додан лозим аст.

Соҳибкорӣ метавонад дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ аз рӯи шакл ва махсусан аз рӯи хусусияти амалиёт ва усулҳои татбиқи онҳо фарқ кунад. Самти фаъолият ба намуди молҳо ва хидматҳое, ки соҳибкор истеҳсол мекунад ё пешниҳод мекунад, таъсири ҷиддӣ мегузорад. Соҳибкор, ки танҳо унсурҳои истеҳсолотро мехарад, метавонад худаш маҳсулот ва хизматрасонӣ истеҳсол намояд, инчунин метавонад маҳсулоти тайёрро харидорӣ намуда, ба истеъмолкунанда боз фурӯшад. Ва инчунин соҳибкор метавонад танҳо истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, фурӯшандагон ва харидоронро пайваст кунад[6].

Баъзе намудҳои тиҷорат, вобаста ба омилҳои истифодашаванда дар фаъолият, аз рӯи шакли моликият низ фарқ мекунанд.

Муносибатҳои мутақобилаи бахши тиҷорат, иқтисод ва ҷомеа хеле мураккабанд. Фаъолияти соҳибкорӣ ҳам дар ташаккули ҷамъият ва ҳам дар пешрафти иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои соҳибкорӣ дар иқтисодиёт аз он иборат аст, ки соҳибкорон «авангард»-и иқтисодиётро ташкил медиҳанд, чунки онҳо дар бисёр ҳолатҳо бошуурона ва баъзан вобаста ба пайдо шудани вазъияти иқтисодӣ таваккалӣ қарор қабул мекунанд. Чунин ҳолатро худи соҳибкор таваккалан ба дӯш гирифта, захираҳоро ташкил ва истифода бурда, тадриҷан ба гирифтани фоида аз фурӯши маҳсулот ё хизматрасонӣ умед мебандад. Муваффақияти соҳибкор бештар ба сифатҳои шахсии ӯ, аз қабили фаҳмиш ва рӯҳияи соҳибкорӣ вобаста аст. Агар талаботи қонеънашуда ё эҳтимолияти ташаккули он ошкор шавад, соҳибкор бояд пеш аз ҳама дар маҳалли ин «ҳодиса»-и иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор дошта, тамоми чораҳоро андешад, ки ин талабот ташаккул ёфта, баъдан қонеъ карда шавад. Фаъолияти соҳибкорӣ пайваста дар бартараф кардани шиддати номутаносибии талабот ва пешниҳод дар иқтисодиёт алоқаманд аст.

Бевосита истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, истеъмоли саноатии онҳо, инчунин фаъолияти иттилоотӣ дар ин соҳаҳо, фаъолияти инноватсионӣ, илмию техникӣ ба соҳибкории саноатӣ дохил карда мешаванд. Ҳар як соҳибкоре, ки тасмим гирифтааст, ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул шавад, аввал бояд муайян кунад, ки ӯ чӣ гуна молҳои мушаххасро таҳия мекунад, кадом намуди хизматрасониро пешниҳод карданӣ аст. Пас аз он, соҳибкор бояд фаъолияти маркетингиро оғоз кунад. Ин фаъолият аз муайян кардани эҳтиёҷот ба маҳсулот, талабот ба он иборат аст, баъдан ӯ бояд бо истеъмолкунандагони эҳтимолӣ, харидорони мол, бо ташкилотҳои савдои яклухт ё чакана робита кунад. Анҷоми расмии гуфтушунид метавонад шартномаи басташуда байни соҳибкор ва харидорони ояндаи мол бошад. Ин шартнома ба кам кардани хавфи соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Имрӯз соҳибкор на танҳо захираҳои нав, аз қабили конҳои нафт, газ ё маъданҳои нодирро кашф мекунад, балки имкониятҳои иловагии истифодаи захираҳои мавҷударо ба тарзи нав, аз қабили партовҳо ё манбаъҳои барқароршавандаи энергияро ба роҳ мемонад.

Соҳибкорон барои истифодаи оқилонаи захираҳо дар назди ҷомеа масъулияти иқтисодӣ доранд. Бо ибораи дигар гӯем, онҳо кӯшиш доранд, ки на танҳо истеҳсоли маҳсулотро хушсифат анҷом диҳанд, балки самараи онро ҳам баланд бардоранд. Байни ду мафҳум: истеҳсолот ва самаранокӣ фарқ гузоштан лозим аст. Истеҳсолот раванди пайвастани захираҳои истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ мебошад. Мафҳуми самараи иқтисодии истеҳсолот вақте ба миён меояд, ки мо таносуби байни хароҷоти захираҳои дар истеҳсолот истифодашаванда ва ҳаҷми фоидае, ки дар натиҷаи истеҳсолот ба даст меояд, нишон диҳем.

Ҳамин тариқ, самаранокӣ таносуби натиҷаҳо, истеҳсолот (ҳаҷми мол ва хизматрасонии ба вуҷуд овардашуда) ва арзиши захираҳо барои истеҳсоли онҳо мебошад. Аз ин рӯ, ҷомеа кӯшиш мекунад, ки ҳаҷми маҳсулотро ба як воҳиди захираҳои истеҳсолӣ баҳогузорӣ намояд. Аз захираҳои дар ихтиёри корхонаҳо буда, ҳар кадар бештар фоида ба вуҷуд оварда шавад, ҳамон қадар онҳо самараноктар фаъолият мекунанд.

Аз ин рӯ, афзоиши самаранокии истеҳсолот вобастагӣ дорад аз афзоиши натиҷа аз истифодаи миқдори пешбинишудаи захираҳо (яъне аз миқдори муайяни захираҳо ба даст овардани ҳаҷми бештари маҳсулот) ва кам кардани хароҷоти захираҳо. Барориши миқдоран ками маҳсулоти пешбинишуда аз миқдори муайяни захираҳо далели паст шудани самараи истеҳсолот мебошад.

Соҳибкорон дар рушди технологияҳои нав низ саҳми назаррас мегузоранд. Пешрафти тамаддун ба инкишофу такмили технологияҳои нав вобаста аст. Идеяҳо барои чунин пешравиҳо маҳз дар мафкураи соҳибкор ба вуҷуд меоянд, ки барои рушди онҳо тамоми корҳои заруриро анҷом медиҳад.

Гирифтани фоида ҳадафи ягонаи соҳибкор нест. Соҳибкор се хислати фарқкунанда дорад: майл ба мустақилият, хоҳиши зиёд барои расидан ба ҳадаф ва майл ба таваккалият. Онҳо хатоҳои содиршуда ва муваффақиятҳои бадастомадаро ба зимма мегиранд. Дар ҳолатҳои ноком гардидан, омодаанд, қуввааву неруи ақлонии худро истифода бурда, фаъолиятро аз нав оғоз кунанд.

Ҳамин тариқ, соҳибкорон одамоне мебошанд, ки барои дар як раванди истеҳсолот муттаҳид кардани захираҳо ташаббус нишон медиҳанд, корхонаро идора мекунанд, технологияи навро дар истеҳсолот ҷорӣ мекунанд ва таваккали ташкили фаъолиятро ба дӯш мегиранд. Ин танҳо дар шароите имконпазир аст, ки соҳибкор соҳиби захираҳои истеҳсолот бошад.

Дар ташаккулу рушди хоҷагии халқ мавқеи соҳибкории саноатӣ дар ҳақиқат калон мебошад. Зеро дар дуруст ба роҳ мондан ва амалӣ намудани мақсадҳои пешбинишуда, пешрафти истеҳсолӣ, технологӣ, идоракунӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ мегардад.

Соҳибкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозаргонии ҳар як кишвари пешрафта ба ҳисоб меравад. Бешубҳа, соҳибкорӣ мардумро бо кор таъмин мекунад, ба буҷет андозҳои назаррас медиҳад, дар барномаҳои иҷтимоӣ иштирок мекунад. Нақши соҳибкорӣ дар иқтисодиёт хеле муҳим аст. Ин мавзӯъ дар ҳақиқат имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои актуалӣ мебошад, чунки соҳибкорӣ ба як қисми таркибии системаи такрористеҳсолкунии иҷтимоӣ табдил ёфтааст, ки бидуни он рушди бомуваффакияти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва таъмини афзоиши самараи баланди даромад имконнопазир аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба соҳаи соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолиро дастгирӣ менамояд. Дар ин самт як қатор чорабиниҳо аз ҷониби давлат роҳандозӣ карда шудаанд.

Ҳамасола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдат, пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ оиди мавқеи соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ дар пешрафту рушди босуръати иқтисодиёту ҷомеа хотиррасон намуда, ба вазорату мақомотҳои дахлдор оид ба ҳамаҷониба дастгирӣ намудани соҳаи соҳибкорӣ дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад.

Пешниҳод намудани солҳои 2014-2020 давраи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ эълон кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдат, пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми соли 2013 як иқдоми басо хуб мебошад[4].

Аз ҷумла, ҷашнгирии «Рӯзи соҳибкорон», ки ҳамасола ба 14 - и октябр рост меояд, аз қадрдонии соҳибкорони ватанӣ аз ҷониби ҳукумату давлат дарак медиҳад.

Бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳаи соҳибкориву сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои корӣ нав, дар таҳрири нави Кодекси андоз, ки он аз якуми январи соли 2022 амалӣ гардид, аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ, сарфи назар аз таъсири манфӣ доштанашон ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд дар соҳаи соҳибкории саноатӣ пешниҳод гардидаанд.

Иловатан, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 18.03.2015с., таҳти рақами №1194 мисоли амиқи дасгирии соҳаи соҳибкорӣ аз ҷониби давлату ҳукумат мебошад[2].

Ин Қонун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ оиди ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад[2].

Роҳандозии мораторий дар санҷиши фаъолиятисоҳибкорон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдат, пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон, боз як иқдоми давлату ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мебошад

Мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то 1 январи соли 2023 идома меёбад.

Мақсади асосии роҳандозии ин иқдоми пешгирифта аз дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус дар соҳаҳои истеҳсолӣ, муҳайёсозии фазои мусоид барои ҷалби сармоя, ташаккули иқтидори саноатию содиротии кишвар, ташкили ҷойҳои корӣ нав ва кам намудани санҷишҳо иборат мебошад.

Асоси муносибатҳоро оид ба мораторийи эълоншударо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ташкил дода, муқаррароти он ба ҳама мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук пешниҳод мегардад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомотҳои дахлдор аз ҷониби Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифадор гардидаанд, ки вобаста ба иҷрои ҳадафҳои давлату ҳукумат дар самти рушди босуръати иқтисодиёт ва дастгирии ҳамаҷонибаи бахшҳои соҳибкорӣ, ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, барои амалӣ гардидани иқдомҳои созандаи онҳо мусоидат намоянд[5].

Адабиёт

1. Ашуров Г.Д. Предпринимательство – основа развития переходной экономики Республики Таджикистан. Душанбе., “Ирфон”, 2004. – 52-55с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 18.03.2015с., таҳти рақами №1194

3. Маҳмудов М.А., Маҳмудов Ф.Ф. Соҳибкории хурд ва миёна дар низоми иқтисоди бозорӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: “Тоҷир”.: - 2021. – с.73-78

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021

6. Толибов Қ.Қ. Самтҳои афзалиятноки соҳибкории хурди тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе., “Ирфон”, 2004. – 78-80 с.

Хусейнова Шахло Зариповна – соискатель Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: +992901077761, E-mail: zarifi2308@mail.ru.

Қурбонов А.Р.
Сафаров Ҷ.А.
Ташрифзода А.

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Курбонов А.Р.
Сафаров Дж.А.
Ташрифзода А.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Kurbonov A.R.
Safarov J.A.
Tashrifzoda A.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF BUSINESS ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар асоси таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодии мамлакат дар мақолаи мазкур раванди ҷорӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ва ҷараёни рушди он то имрӯз дида баромада шуда, мавриди тадқиқоти илмӣ қарор дода шудааст. Инчунин масъалаи танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва тартиби андозбандии он дар мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Калимаҳои калидӣ: ташаккули соҳибкорӣ, рушди соҳибкорӣ, соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ, рушди соҳибкорӣ, андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ.

На основе анализа предпринимательской деятельности и ее роли в экономическом развитии страны, в данной статье были рассмотрены процесс внедрения предпринимательской деятельности физическими и юридическими лицами в эпоху независимости страны и процесс ее развития до сегодняшнего дня, что стало предметом научного исследования со стороны ученых экономистов. Также был изучен вопрос регулирования и государственной поддержки индивидуальной предпринимательской деятельности и порядка ее налогообложения в стране.

Ключевые слова: формирование предпринимательства, развитие предпринимательства, предпринимательство, индивидуальное предпринимательство, развитие предпринимательства, налогообложение предпринимательства, государственная поддержка предпринимательства, регистрация субъектов хозяйствования.

Based on the analysis of entrepreneurial activity and its role in the economic development of the country, this article examined the process of introducing entrepreneurial activity by individuals and legal entities in the era of the country's independence and the process of its development to the present day, which has become the subject of scientific research by scientists economists. The issue of regulation and state support of individual entrepreneurial activity and the procedure for its taxation in the country was also studied.

Keywords: formation of entrepreneurship, development of entrepreneurship, entrepreneurship, individual entrepreneurship, development of entrepreneurship, taxation of entrepreneurship, state support for entrepreneurship, registration of business entities.

Бо баробари ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодӣ роҳандозӣ гардида, мамлакат роҳи пешравии хоҷагидориашро тибқи иқтисоди бозорӣ муайян намуд. Гузариш аз иқтисодиёти амалкунандаи нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ хело давраи

тӯлониро дар бар гирифта, дар баъзе аз соҳаҳо то ҳол идома дорад. Масалан дар масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, то ҳол низоми таъминоти иҷтимоӣ бо тартиби даврони Шуравӣ сурат мегирад, ки дар вохӯрии худ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар рӯзи 10.05.2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳори нигаронӣ намуданд. Дар ин самт гузаштан ба стандарҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва автоматикунонии ҳисобот мисол шуда метавонад, ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз пурра ҷорӣ нагаштаанд. Инчунин масъалаи рақамикунонии иқтисодиёт, ки дар меҳвари асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, дар баъзе аз соҳаҳо ҳануз ҳам суст ба роҳ монда шудааст.

Масъалаи пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби андозсупорандагон, ки бояд тариқи электронӣ ба роҳ монда шавад пурра тадбиқи худро наёфта, махсусан дар минтақаҳои ҷумҳурӣ он пурра амалӣ карда нашудааст.

Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ, Маҷлиси вакилони Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст” [3].

Инчунин кайд гардид, ки дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил дод, ки ин зиёда аз 30%-и буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар навбати худ чунин сабукиҳо ба он оварда расонид, ки рушди ММД дар соли 2022 ба 8% баробар гашт, ки дар давраи ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ нишондиҳандаи басо муҳим ба ҳисоб меравад.

Баъди қабули Кодекси нави андоз дар соли 2021 аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз ҳамасола маблағи тақрибан 1,5 миллиард сомонӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад, ки ин дастгирии муҳими давлатии соҳаи мазкур мебошад.

Дар самти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст, ки он ба рушди сохторҳои соҳибкорӣ мусоидат намуд, ки солҳои охир шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта, имрӯз мувофиқи омори давлатӣ ба 339 ҳазор расидааст, ки нисбат ба панҷ соли пеш беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.

“Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Дар ин самт, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад.

Ҳамчунин, роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва доир ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои бетаъхир андешанд” [3].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои дастгирии соҳибкорон як қатор чораҳои муассирро роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла эълон намудани моратория барои санҷиши фаъолияти соҳибкорон 34 маротиба дар давраҳои зерин қабул карда шудааст:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маратория субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз 3 июли соли 2012 таҳти №589;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маратория субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз 18.03.2015 № 1192;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маратория субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз 7 феврали соли 2018 № 994;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маратория субъектҳои соҳибкорӣ аз 27 апрели соли 2022 № 700.

Қонунҳои мазкур барои манъ намудани ҳамагуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорон асос гузошта, барои пешрафти соҳа саҳми арзанда гузошт, зеро ҳама гуна дахолат ва монеъаҳо ба фаъолияти соҳибкорон таъсири манфӣ расонида онро халалдор менамояд.

Қабули қонун дар бораи маратория самаранокии иқтисодии худро собит намуд, ки он дар бо тадриҷ афзоиш ёфтани ҳаҷми солонаи ММД ба ҳисоби миёна то 7,3% дар солҳои амали қонуни мазкур боис гардид. Ба ғайр аз ин ҳиссаи сектори соҳибкории истеҳсолӣ дар ММД сол аз сол афзоиш ёфта, теъдоди корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродии нав бақайди давлатӣ гирифташуда, сол аз сол афзоиш меёбад.

Қариб ҳар сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон вохуриҳо баргузор нменамоянд, ки дар он суҳбати ошкоро доир ба камбудиҳои соҳа масъалагузорӣ карда шуда, баҳри ҳалли он чораҳо андешида мешаванд, ки барои рушди соҳа аҳамияти хоса дорад.

Ташаккули соҳибкории муосир ва мутамаддин дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ муҳимтарин омили стратегии рушди устувори иқтисодӣ ва ба даст овардани сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ мебошад.

Соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи худро дорад, аз қадимулайём, дар шакли тиҷоратӣ ва дар шакли ҳунарҳо вуҷуд дошт. Аввалин соҳибкоронро, савдогарон ҳисобидан мумкин аст.

Худи бозор дар мамлакатҳои шарқӣ ва Осиёи марказӣ як ҷузъӣ маданияти милии халқҳои маскуни ин минтақаҳо маҳсуб шуда, бо он тарзи фаъолияти истеҳсолӣ, косибӣ, хариду фурӯш ва ғайра шуғлу фаъолияти наслҳои гуногун алоқамандии зич дорад.

Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи роҳи абрешим ҳанӯз дар давраҳои қадим фаъолияти соҳибкориашонро бо мамлакатҳои Ҳин, Чин ва Аврупо хело ҳам тақвият дода буданд.

Алимов Р.К., дар таҳқиқоти худ нишон медиҳад, ки: «таърихи соҳибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони муосир ба асрҳо гузаштааст. Масалан, Роҳи Бузурги Абрешим барои рушди тиҷорати байни кишварҳои Шарқ ва Ғарб аҳамияти бузурги таърихӣ дошт» [1]. Дар навбати худ, С.Тиллоев дар асарҳои илмии худ тасдиқ мекунад, ки: "Якчанд масири Роҳи Бузурги Абрешим аз қаламрави муосири Тоҷикистон (Суғд, Қаротегин, Хатлон ва Помир) гузаштааст" [4].

«Дар охири асри 15 ва аввали асри 16 дар натиҷаи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ, рушди киштиронӣ ва роҳҳои тиҷорати байниқитъавӣ аҳамияти Роҳи Бузурги Абрешим коҳиш ёфт. Дар охири асри 19 - ибтидои асри 20, ба муносибати вуруди қаламрави Тоҷикистони муосир ба империяи Россия, вуруди тоҷирони рус ба Бухоро ва Туркистон, фаъолияти соҳибкорӣ ба таври назаррас шиддат гирифт.

Бузургтарин рушди соҳибкорӣ ба охири асри 19 ва аввали асри 20 тааллуқ дорад. Дар ин вақт, фаъолияти савдогарони рус ва хориҷӣ дар Туркистон ва Бухоро якбора афзуд. Бо мақсади ба даст овардани фоидаи калон, онҳо сармояи худро ба соҳаҳои сӯзишворӣ ва коркард, ба сохтмони роҳи оҳан ва иншооти обёрӣ сарф карданд. Ширкатҳои тиҷоратӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва филиалҳои бонкҳои бузурги Русия таъсис дода шуданд, ки фаъолияташон асосан ба амалиёти пахта алоқаманд буд. Бо кӯмаки сармояи хориҷӣ сохтмони роҳи оҳан, иншооти гуногуни саноатӣ, эҳёи фаъолияти саҳҳомӣ ва рушди саноати нафт оғоз ёфт. Дар қаламрави Туркистон 30 кони нафт мавҷуд буд, ки ба шахсони алоҳида ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ тааллуқ доштанд. Яке аз калонтаринҳо шарикии САНТО (Шарикии Истеҳсоли Нафт дар Осиёи Марказӣ) буд, ки дар наздикии Конибодом ҷойгир буд, истеҳсоли нафт соли 1905 бо сармояи асосии 500 ҳазор рубл оғоз ёфт, аммо пас аз 10 сол сармояи ин шарикӣ аз ду миллион гузашт [5]. Аммо, пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ роҳи аз байн бурдани робитаҳои иқтисодии бозорӣ, милликунонии ҳамаи корхонаҳои калон, ғасби воситаҳои истеҳсолот ва моликияти ҳамаи соҳибкорони хусусӣ пеш гирифта шуд. Солҳои сиёсати нави иқтисодӣ - НЭП ба фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон эҳёи муайян оварданд. Аммо, дар охири солҳои 30-юм. соҳибкорӣ боз ҳам маҳдуд карда мешавад ва ин бо илми иқтисодии давраи шӯравӣ алоқаманд буд, ки ҷанбаҳои назариявии соҳибкориро аз нуқтаи назари танқиди назарияҳои буржуазӣ баррасӣ мекард. Заминаи ибтидоии танқид муқаррарот дар бораи номутобиқатии соҳибкории хусусӣ бо системаи

такроистеҳсолкунии сотсиалистӣ буд. Аммо, дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри 20 дар СССР муносибати нав ва тағйироти иқтисодӣ ташаккул ёфт. Давлат имконнопазирии рушди самарабахши иҷтимоию иқтисодии кишварро бидуни фаъолсозии меҳнат, аз ҷумла иқтидори соҳибкории аҳолӣ дарк кард. Қонуни ИҶШС "Дар бораи фаъолияти меҳнатии инфиродӣ", ки соли 1987 мавриди амал қарор гирифт, боиси афзоиши соҳибкории инфиродӣ шуд. Инкишофи соҳибкорӣ инчунин тибқи Қонуни ИҶШС аз 26 майи соли 1988 № 8998-XI "Дар бораи ҳамкорӣ дар ИҶШС " мусоидат кардааст. Кооперативҳо дар байни ҳама намудҳои корхонаҳои хурд, ки дар давраи бозсозӣ таваллуд шудаанд, аз ҳама динамикӣ ва ба шароити мусоид ҷавобгӯ буданд. Ғайр аз он, Шӯрои Вазирони ИҶШС дар 08.08.1990. Қарори № 2790 "Дар бораи чораҳо оид ба ташкил ва рушди корхонаҳои хурд" қабул карда шуд, ки дар он гуфта мешуд, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дастгирии соҳибкорӣ таъсиси босуръати шабакаи корхонаҳои хурдро, ки қодиранд фаъолсозии таҷдиди сохтори иқтисодиёт бошанд, талаб мекунад, таъмини озодии васеи интихоб ва ҷойҳои кори иловагӣ, хароҷоти зудро таъмин намуда, ба тағирёбии талаботи истеъмолкунандагон фавран посух диҳанд. Рушди корхонаҳои хурд мебоист ба зудтар пур шудани бозор бо молҳо ва хидматҳо, рафъи монополияи соҳавӣ ва минтақавӣ, густариши рақобат, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ мусоидат мекард.

Дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт фаъолияти кооперативҳо оғоз ёфт. Манбаъҳои асосии пайдоиши корхонаҳои хурд дар солҳои аввали соҳибихтиёрӣ ихтисор ва азнавташкилдиҳии корхонаҳои давлатӣ бо хусусигардонии минбаъдаи онҳоро мефаҳмонд.

Соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун соҳаи иқтисоди бозории хусусӣ, ки дорои намудҳои мушаххаси фаъолият ва идоракунӣ мебошад, дар авоили солҳои 90, пас аз қабули Қонун "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 22 декабри соли 1991 фаъолона рушд кард.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, дар аксари ҳолатҳо, моҳияти ин падида бо ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ иваз карда мешавад. Аммо, тавре ки дар боло қайд кардем, соҳибкорӣ як намуди махсуси тиҷорат мебошад, ки ҳадафи он на ба даст овардани фоида дар маҷмӯъ, балки фоидаи фавқулодда аст, яъне, даромади соҳибкорӣ. Соҳибкор хидмати маркетингиро ба қадри имкон муассир месозад. Вай, аз дигарон беҳтар, бозореро муайян мекунад, ки дар он хариди воситаҳои истеҳсолот аз ҳама фоидаовартар аст, аниқтараш барои кадом маҳсулот, дар кадом вақт, дар кадом сегменти бозор талаботҳои муассиртаринро «тахмин мезананд». Ҳамин тариқ, ӯ назар ба соҳибкорони оддӣ фоидаи бештар ба даст меорад, то аз дигарон зиёдтар даромад ба даст орад, яъне як навъ ҷуброн барои ин хавф.

Ба ибораи дигар, соҳибкорӣ шакли махсуси инноватсионии истеҳсолот мебошад, ки дар шароити мувофиқи таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ бартарӣ пайдо мекунад, ки барои тамоми такроистеҳсолоти ҷамъиятӣ динамикаи зарурироро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, соҳибкор шахсе мебошад, ки ташаббуси якҷоя кардани захираҳои замин, сармоя ва меҳнатро ба раванди ягонаи истеҳсоли маҳсулот ё хидматҳо, инчунин вазифаи душвори қабули қарорҳои асосӣ дар раванди пешбурди тиҷоратро нишон медиҳад. Ғайр аз он, соҳибкор як навоварест, ки мехоҳад ба тиҷоратикунонии маҳсулоти нав, технологияҳои нави истеҳсолӣ ё шаклҳои нави ташкили тиҷорат машғул шавад; ӯ шахсе аст, ки таваккал мекунад [2].

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки таърифҳои дар боло зикршуда ҷанбаҳои муҳим, аммо фақат падидаҳои бисёрҷабҳаи соҳибкориро тавсиф мекунанд. Дар изҳороти муаллифони дигар, ин хусусиятҳо бо дигар хислатҳои соҳибкорӣ илова карда мешаванд, ба монанди ҳадафи ташкили сарвати миллӣ, таъмини некӯаҳволии миллат, рушди моликият, ки ба афзоиши сармоя ва азхудкунии фоида, эҷод нигаронида шудааст ва ташкили корхонаи нав, раванди татбиқи хусусиятҳои психологии соҳибкор ба шумор меравад.

Ба андешаи мо, соҳибкорӣ падидаи мураккаби ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки хусусиятҳои онро муаллифони дигар ҳамчун як намуди фаъолияти иқтисодӣ, як бахши иқтисоди бозорӣ, раванди эҷоди чизи нав ё раванди навоварона муайян кардаанд.

Хусусияти соҳибкории муосир бояд бо фаҳмиши он ҳамчун як омили ташаккулёбандаи системаи иқтисоди бозорӣ, ки иқтидори дохилии худшиносӣ, рушди худ ва такмили худро дорад, илова карда шавад.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки соҳибкорӣ ифодаи диалектикаи омезиши омилҳои истеҳсолот ва дараҷаи баланди дастовардҳои ташкилот, ҷустуҷӯи шаклҳои нави ташкили

истеҳсолот, усулҳои нави идоракунӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Алимов Р.К. Таджикистан — Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? М.: ИДВ РАН, 2012. 248 с.
2. Кемпбелл Р. Макконнелл, Стенли Л. Брю. Экономикс. М.: Изд-во "Республика", 1992. - 37-38.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 23.12.22.
4. Тиллоев С. Таджикистан на маршрутах великого шелкового пути // Вестник Таджикского технического университета. 2013. № 1(21). С. 130–135.
5. Хайдаров Г. История таджикской ССР. Душанбе; 1991. С.8.

Курбонов Абдукарим Рахимович – доцент кафедры налоги и налогообложения Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: +992934444150. Email: qkarim@mail.ru.

Сафаров Джовидон Азизмадович – старший преподаватель кафедры мировая экономика Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: +992934444857. Email: tguk@mail.ru.

Ташрифзода Амирали – соискатель Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан.

Рахимова Р.Ҳ.

НИЗОМИ НИШОНДИҲАНДАҲО ВА АРЗЁБИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ХЎРОКИ ОММА

Рахимова Р.Х.

СИСТЕМА ПОКАЗАТЕЛЕЙ И ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА УСЛУГ ОБЩЕСТВЕННОГО ПИТАНИЯ

Rahimova R.H.

SYSTEM OF INDICATORS AND ASSESSMENT OF THE QUALITY OF PUBLIC CATERING SERVICES

Аннотатсия

Мавзӯи тадқиқот самтҳои муосир ва умедбахши низоми нишондиҳандаҳо ва арзёбии сифати хизматрасониҳои хӯроки омма мебошад. Соҳаи хӯроки омма такягоҳи иқтисоди қавии кишвар мебошад. Ҳадафи мақолаи мазкур ин омӯзиши паҳлуҳои гуногуни низоми нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонии хӯроки умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: бозори хӯроки омма, бозори истеъмолӣ, назорати давлатии бозор, низоми нишондиҳандаҳо, арзёбии сифати хизматрасонӣ, корхонаи хӯроки умумӣ, унсурҳо, соҳаи хӯроки умумӣ.

Аннотация

Темой исследования являются современные и перспективные направления системы показателей и оценки качества услуг общественного питания. Пищевая промышленность является основой сильной экономики страны. Целью данной статьи является изучение различных аспектов системы показателей качества общего питания Республики Таджикистан.

Ключевые слова: рынок общественного питания, потребительский рынок, государственное регулирование рынка, система показателей, оценка качества обслуживания, предприятие общепита, элементы, предприятие общепита.

Annotation

The subject of the research is modern and promising directions of the system of indicators and assessment of the quality of public catering services. The food industry is the backbone of the country's strong economy. The purpose of this article is to study various aspects of the system of indicators of the quality of general nutrition in the Republic of Tajikistan.

Keywords: public catering market, consumer market, state regulation of the market, system of indicators, service quality assessment, public catering enterprise, elements, public catering enterprise.

Дар нақшагирии стратегӣ ва фаъолияти хизматрасониҳои хуроки омма системаи нишондиҳандаҳо мавқеи муҳимро мебозад. Барои муайяннамои ҳолати кунунӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи хӯроки омма, инчунин дурнамои он зарур аст. Ҳангоми таҳияи системаи нишондиҳандаҳо, масъалаи марказӣ интихоби самтҳои муҳими бозори хуроки омма мебошад. Ба намуди умуми ва принсипи ягонаи рушди бозор онро бу ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

- назорати давлатии бозори хуроки омма;
- ташкил ва идорракунании корхонаҳои хуроки омма.

Таҳияи системаи нишондиҳандаҳо дар асоси нишонаҳои зерин муайян менамояд, ки назорати давлатии бозори хуроки омма аз дигар субъектҳои иқтисодӣ ба кулли фарқият дорад. Аз ин рӯ, барои танзими иқтисодиёт мақсадҳои асосӣ таъмини рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисодиёт ва ҷузъҳои сохтории он, ҳамчунин таъмини ҳифзи иҷтимоии ҷомеа мебошад. Ҳолати махсуси татбиқи ин ҳадаф таъсиси корхонаҳои хуроки омма барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Дар корхонаҳои тиҷоратии пешниҳодкунандаи хуроки омма, мақсади асосии фаъолият ин

аст, ки дар муддати тӯлонӣ фоида ба ҳадди аксар расонида шавад, гарчанде, ки дар амалияи воқеӣ онҳо бисёр мақсадҳои дигарро пайгирӣ мекунанд.

Мақсади асосии фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма инҳоянд:

- максималикунонии даромад – фаъолияти кунунии корхонаҳои хуроки омма бо дар назардошти омилҳои рушди он дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки барои максимизатсиякунонии даромад омилҳои зерин: афзоиши ҳаҷми маҳсулоту хизматрасониҳо вобаста ба зиёдшавии аҳолӣ, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ таъсир мерасонанд.

- баланд бардоштани мавқеи корхонаҳои хуроки омма (сифати баланди маҳсулот ва хизматрасониҳо, ташаккули брендҳои машҳур ва м.и.).

Вазифаи махсуси корхонаҳои дар соҳаи хӯроки умумӣ фаъолияткунанда:

- рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ (рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳо, ҷалби сармоягузорӣ);
- мусоидат ба шуғли пурмаҳсул;
- баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва ҳаёти маишӣ;
- зиёдкардани даромади корхонаҳои савдо бо васеъ кардани доираи пешниҳоди хизматрасониҳо;
- таъмини ғизои хушсифат барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ.

Мақсади асосии назорати давлатӣ ва корхонаҳои хуроки омма мустақилона амал намудан дар бозор инчунин ба роҳ мондани фаъолияти ҳамсон, ки натиҷаи он барои расидан ба як мақсад равона карда шудааст. Барои ҳамин пеш аз ташкили фаъолият бояд самти фаъолияти корхона ба самти фаъолияти давлат алоқаманд карда шаванд.

Аз ин ҷо чунин хулоса барорӣ намудан мумкин аст, ки самти фаъолияти давлат нисбат ба самти фаъолияти корхонаҳои хуроки омма гуногунҷабҳа ва васеъ мебошад. Таносуби назорати давлатии равандҳои иттилоотӣ дар бозори хуроки омма ва корхонаҳои хуроки омма дар расми зерин пешниҳод карда мешавад (расми 2.)

Расми 2. Таносуби массиви иттилооти давлатӣ ва корхонаҳои хӯроки омма

Ҷиҳати ташкили иқтисодии корхонаҳои хуроки омма бояд дар зинаи аввал ҳалли масъалаҳои сохтории он мадди назар карда шавад, ки онро система ва зерсистемаи нишодиҳандаҳо меномем. Системаи нишондиҳандаҳо дар асоси таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷи таҳия карда шудааст (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Системаи нишондиҳандаҳои бозори хӯроки омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

СИСТЕМАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХӮРОКИ ОММА	
Гурӯҳи I. Масъалаҳои ташкилию иттилоотти ташаккули маҳсулоти хуроки омма	**Гурӯҳи II.** Баҳодиҳию пешгӯинамоӣ ва асоснокнамоии масъалаҳои ташаккули корхонаҳои хуроки омма
1. Марҳилаҳои рушд ва ташаккули бозори хурокии омма	Нишондиҳандаҳои иқтисодии ҳолати бозорҳои истеъмолӣ ва бозори хуроки омма
2. Низоми қонуниятҳои хоҷагидорӣ ва назорати давалтӣ	Низоми нишондиҳандаҳое, ки ба ташаккули самтҳои алоҳидаи ҳобозори хуроки омма равона карда шудааст
3. Вобаста ба шакли фаъолият ҷудо намудани корзҳонаҳои хуроки омма	Назорати давлатии корхонаҳои хуроки омма
4. Автоматикуноииии равандҳои корхонаҳои хуроки омма	Зерсистемаи нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои хуроки омма
5. Автоматикунонии ситемаҳои пардохти корхонаҳои хуроки омма	Дастрасӣ ба маҳсулоту хизмтараосниҳит хуроки ома

Сарчашма: аз ҷониби муалифи мақола тартиб дода шудааст

Чӣ хеле дар боло қайд намуда будем, унсури асосии бозори хуроки омма системаи нишондиҳандаҳо буда, паҳлӯҳои микдории ҳодиса ва ҷараёнҳоро бо назардошти хусусиятҳио хоси иқтисодиёт меомӯзад.

Зери мафҳуми «системаи нишондиҳандаҳо» ягон маҷмӯи батартибовардашудаи нишондиҳандаҳои байни ҳам алоқаманд ва байни ҳам дар мувофиқабуда фаҳмида мешавад, ки ҷиҳатҳои асосии амалиёти иқтисодӣ ва тамоми иқтисодиётро тавсиф медиҳад .Мувофиқаи байни нишондиҳандаҳои бо роҳи ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқати муайянкунӣ ва таснифот, ки дар асосашон ҳисобкунии онҳо ба амал меояд, ба даст оварда мешавад.

Мувофиқати нишондиҳандаҳо имконият медиҳад, ки комбинатсияи онҳо истифода бурда шуда, инчунин коэффитсиентҳои ҳосилавии гуногуни аҳамияти аналитикии калон дошта ҳисоб карда шавад. Масалан, мувофиқати усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои имконият медиҳад, ки коэффитсиенти нисбати ин бузургиҳоро тавсифдиҳанда ҳисоб карда шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои бозори хуроки омма ин ё он ҷиҳатҳои ҷараёни иқтисодиро тавсифдиҳанда зерсистемаи системаи умумии иқтисоди куллан тағйир медиҳад. Ҳамин тариқ, системаи нишондиҳандаҳои бозори хуроки омма аз маҷмӯи зерсистемаи байниҳамалоқаманди иттилооти иқтисодӣ иборат аст. Масалан, чунин зерсистемаҳо, нарх, молиёт, харид, фуруш ва ғайра маҳсуб меёбанд.

Мафҳуми «нишондиҳанда» дорои ду маъно аст. Якум, ин тавсифи миқдории мушаххаси ин ё он ҳодиса, масалан шумораи пешниҳодкунандаи хизматрасонии хуроки омма, дуюм, ин муайянкунии мазмуни умумии ин ё он нишондиҳанда мебошад, яъне унсурҳое, ки бояд ба нишондиҳанда дохил карда шавад. Масалан, муайянкунии ММД он намудҳои пардохтро муайян мекунад, ки корхонаю ташкилоти дар самти мазкур фаъолияткунанда бояд дар ҳисобкунии ин нишондиҳанда дохил намоянд.

Муайянкунии мазмуни нишондиҳанда ва усулҳои баҳодиҳии онҳоро таҳияи методологӣ меноманд. Таҳияи методологӣ чун қоида даврaҳои зеринро дарбар мегирад:

- боҳаммонандкунӣ (идентификатсия)-и ҳодиса ва ҷараёнҳои ба омӯзиши ҳолати кунунӣ (муайянкунии намуди маълумоти коркардро талабкунанда), баёнкунии мақсад, ки барояш ин ё он нишондиҳанда бояд ҳисоб карда шавад (масалан, мақсади андозагирии истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, инчунин суръати рушди иқтисодӣ мебошад). Боҳаммонандкунии нишондиҳандаҳоро дар асоси супоришҳои бевосита ва дархостҳои ташкилоти гуногуни идоракунии давлатӣ гузаронидан мумкин аст.

Аммо аксаран вай бо роҳи омӯзиши барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои тараққиёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ҳуҷҷатҳое, ки самти сиёсати иҷтимоӣ - иқитисодӣ тавсия шудааст, ба амал оварда мешавад.

1. Боҳаммонандкунии нишондиҳандаҳое, ки бояд коркард шаванд, натиҷаи омӯзиши таҷрибаи байналмиллалӣ, ӯхдадории мамлакат дар назди ташкилоти байналмиллалии иқтисодӣ оид ба пешниҳоди ин ё он иттилоот мебошад;
2. Муайянкунии мазмуни нишондиҳандаҳо;
3. Масалан ҳангоми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои корхонаҳо бояд аниқ муайян намоем, ки кадом намуди активҳои иқтисодӣ ба ин нишондиҳандаҳо дохил мешаванд;
4. муайянкунии усулҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои алоҳида, масалан намуди нарх, ки бояд барои баҳодиҳии намудҳои гуногуни активҳои корхонаҳои хуроки омма ҳангоми ҳисобкунии сарвати миллӣ истифода бурда мешаванд: нархи харид, нархи гузошташуда ва ғайра;
5. муайянкунии таснифоти асосӣ, ки бояд барои тақсимкунии ҳодисаи иқтисодии омӯхташаванда ба гурӯҳҳои якҷинса дар асоси ин ё он меъёр татбиқ карда шавад [1. С. 45].

Муайянкунии сарчашмаҳои асосии маълумоти барои ҳисобкунии нишондиҳандаҳо зарур, инчунин қоидаи коркарди маълумоти ҷамъовардашуда бо мақсади ҳосилкунии нишондиҳандаҳои умумӣ.

Қайд кардан лозим аст, ки методологияи ҳисобкуни чун қоидаи созиш байни он, ки аз нуқтаи назари назария дастраскунӣ мувофиқи мақсад ва дар амал дар асоси маълумоти мавҷуда ҳосил намудан мумкин аст, мебошад. Масалан, аз нуқтаи назари назариявӣ ҳангоми ҳисобкунии ММД ба он арзиши хизматрасониҳо оиди тайёр кардани таом, пешниҳоди он ба истеъмолкунандагон ва ғайраро дохил намудан лозим аст, аммо дар амалия баҳои эътимоднок гирифтан оиди ин хизматрасонӣ ниҳоят мушкил аст, барои ҳамин методологиям қабулшудаи ҳисобкунии ММД арзиши хизматрасонии корхонаҳои хуроки оммаро кам дар бар мегирад.

Ғайр аз ин, нишондиҳандаҳо ба ин ё он дараҷаи аниқӣ ба ин ё он дараҷаи тақрибӣ ба воқеият, ки андозагириашон мушкил аст, ҳисоб карда мешавад. Дараҷаи аниқии ҳисобкунии нишондиҳандаҳои алоҳида вобаста аз як қатор омилҳои гуногун мебошад. Масалан, аз мураккабии омӯзиши ҳодисаҳо, дараҷаи гуногуни таснифоти он, инчунин аз талаботи аниқии маълумот аз тарафи истеъмолкунандаи иттилоот, ки дар навбати худ аз мақсади истифодабарии онҳо вобаста аст. Бисёр нишондиҳандаҳо фақат барои ошкоркунии тамоюли умумии тараққиёти иқтисодӣ зарур аст, барои ҳамин ба таври аниқ ҳисоб кардани онҳо зарур нест. Идораҳои марбута бояд меъёрҳои махсус қабул кунанд, то ки ба хатогиҳои тавсифи мунтазам роҳ надиҳанд. Дар омор хатогиҳои тасодуфӣ ва мунтазам аз якдигар фарқ мекунанд. Хатогиҳои тасодуфӣ маъмулан дар вақти татбиқи усулҳои мушоҳидаи интихобӣ ба амал меоянд. Онҳо якдигарро ҳангоми ба дараҷаи нисбатан баланди ҷамъкунии маълумот гузаштан бартараф мекунанд.

Бояд мадди назар намуд, ки системаи нишондиҳандаҳои бозори хуроки омма зурур аст, дар оянда ҷиҳати таҳлили аниқ ва муайян намудани ҳолати кунуниии бозори хуроки омма [2. С. 76].

Аз нигоҳи мо дар шароити муосир сифати хизматрасонҳои корхонаҳои хуроки омма ба се усул вобаста аст: сифати хизматрасониҳои корхонаҳои савдои умумӣ, сифати пешниҳоди хизматрасониҳо ба истифодабарандагони маҳсулоти хуроки омма, коршиносони корхонаҳои савдои маҳсулоти хуроки омма. Чунин меҳисобем, ки самти асосии фаъолияти корхонаҳои хуроки омма баҳои иқтисодӣ ба сифати маҳсулоту хизматрасониҳои хуроки омма мебошад.

Аз дигар нуқтаи назар таъсири истеъмолкунандагон дар раванди пешниҳоди хизматрасонии хуроки омма на ҳамавақт баҳои воқеии хизматрасониро боло мебарад, балки раванди пешниҳоди онро метизонад ва гирдгардиши маҳсулоти хуроки оммаро васеъ менамояд. Самти дигари фаъолияти корхонаҳои хуроки омма бо дарназардошгти омилҳои субъективӣ ва объективӣ ташаккул меёбад, ки онро миқдоран ва сифатан боло рафтани сифати маҳсулоти хизматрасонии хуроки омма номидан мумкин аст.

Ба сифати омили объективӣ зиёдшудани талаботи умумӣ аҳоли таъсир расонад ба омили субъективӣ зиёдшдуани талабот ба ҳар як иштирокчии бозори хуроки оммаро дар назар дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо чунин қайд намудан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои асосии бозори хуроки омма дар зинаҳои зерин (Ҷадвали 2) тавсиф карда мешавад [3. С. 12].

Ҷадвали 2. Тавсифи нишондиҳандаҳои асосии бозори хӯроки омма [4. С. 102]

ГУРУҲИ НИШОНДИҲАНДАҲО	ТАВСИФИ НИШОНДИҲАНДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲО
Ҳолати базаи модию техникии корхонаҳои хуроки омма	Таъмини корхонаҳои хуроки омма бо таҷҳизотҳои навтарини соҳа
	Дар амалия татбиқ намудани зизматрасониҳо бо истифодаи технологияҳои навтарин
	Мутобиқ намудани корхонаҳои хуроки омма ба ҳолати санитариву гигиентӣ
Намуди хизматрасонӣ ва сифати маҳсулоти пешниҳодгардида	Нишон додани намудҳои асосии хизматрасонӣ ва маҳсулоти хуроки омма дар лавҳаҳо
	Пур кардани намуд ва номгӯи хизматрасониҳо
	Сифати баланди хизматрасониҳои пешниҳодгардида
Салоҳиятнокӣ ва касбияти корхонаҳои хуроки омма	Мавҷудияти фазои боэътимод ва ҳамдигарфаҳмии кормандони хуроки омма
	Муносибат, некӯӣ ва эҳтиром муносибати коркунони соҳа ба истеъмолкунандагон
	Имконият фароҳам овардан ҷиҳати қабул ва додани машварат ба иштирокчиён
	Дастрас гардонидани иттилотҳои зарурӣ ба иштирокчиён
	Равон намудани диққати асосӣ ба мизоҷон
	Қобилияти таҳлил ва пешгӯинамоии талаботи харидорон
	Салоҳияти баланди кормакнд ва муносибати шахсӣ ба мизоҷон
Мавқеи пешниҳоди	Ҷойгиршавии корхонаи хуроки омма дар ҷойҳои

хизматрасонӣ ва суръати хизматрасонӣ	серодам
	Шароити мусоид барои дастрасӣ ба хизматрасонӣ
	Аз байн бурдани фосила ҳангоми дастрасӣ ба хизматрасонӣ

Сарчашама: аз ҷониби муаллифи мақола тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, мо пешниҳод менамоем, ки гурӯҳҳои асосии нишондиҳандаҳо оид ба арзёбии сифати хизматрасонии маҳсулоту хизматрасониҳои хуроки омма: заминаи моддию техникии корхонаҳо; ассортимент, нарх ва сифати маҳсулоту хизматрасонии хуроки омма; касбияти кормандон; бехатарии хизматрасониҳо ва риояи қоидаҳои он; дастрасии иттилоотҳои марбута дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ; ҷойи пешниҳоди хизматрасонҳо, намуди фаъолияти корхонаи дар ин самт фаъолияткунанда ва суръати хизматрасонӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Фадеева, З.О. Общественное питание в условиях рыночной экономики // Сборник материалов научно-практической конференции «Современные тенденции развития общественного питания и сервиса» - Екатеринбург. Изд-во УрГЭУ, 2007. 312 с.

2. Экономика предприятий торговли и общественного питания: под ред. Т. И. Николаевой, Н. Р. Егоровой. М.: КноРус, 2008. - 399 с.

3. Ресторанный рынок – 2021: открыты десятки новых ресторанов URL: http: // www. serviceproject.ru (дата обращения 17.12.22)

4. Проценко. С. Оценка удовлетворенности качеством услуги URL: http://www.archive-online. ru/read/salespro/437. (дата обращения 15.12.22)

Рахимова Р.Ҳ. - унвонҷӯёни кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Кармишева М.Н.

САМАРАНОКИИ ИТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ВА НИШОНДОДҲОИ АСОСИИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Кармышева М.Н.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ И ЕЁ ОСНОВНЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ В НАРОДНОМ ХОЗЯЙСТВЕ

Karmysheva M.N.

EFFICIENCY OF USE OF LABOR RESOURCES AND ITS MAIN INDICATORS IN THE NATIONAL ECONOMY

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Дар мақолаи мазкур оид ба самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва нишондодҳои асосии он дар иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаст. Иқтисодиёти муосир, омӯзиши на танҳо мафҳумҳои моҳият ва аҳамияти ҳосилнокии меҳнатро, балки марҳилаҳои таҳаввули онро низ тақозо менамояд. Дар тадқиқотҳои гузаронидашуда назария ва амалияи иқтисодии нишондоди паҳнгаштаи баҳодиҳии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ҳосилнокии меҳнат баромад мекунад.
Вожаҳои калидӣ: захираҳои меҳнатӣ, иқтисодиёти миллӣ, муносибатҳои захиравӣ, чандирнокӣ, маҳсулнокии меҳнат, истеҳсоли маҳсулот.

В данной статье рассматривается эффективность использования трудовых ресурсов и ее основные показатели в народном хозяйстве. Современная экономика требует изучения не только представлений о сущности и значении производительности труда, но и этапов ее развития. В проведенных исследованиях в экономических теории и практике распространенным показателем оценки эффективности использования трудовых ресурсов является производительность (продуктивность) труда.
Ключевые слова: трудовые ресурсы, народное хозяйство, ресурсные отношения, гибкость, производительность труда, производство продукции.

This article discusses the efficiency of the use of labor resources and its main indicators in the national economy. The modern economy requires the study of not only ideas about the essence and significance of labor productivity, but also the stages of its development. In the studies conducted in economic theory and practice, a common indicator for assessing the effectiveness of the use of labor resources is the performance (productivity) of labor.
Key words: labor resources, national economy, resource relations, flexibility, labor productivity, product manufacturing.

Зарурати муайян намудани ҳосилнокии меҳнат дар доираи иқтисодиёти сиёсии классикӣ манша мегирад. Дар асри XVIII ақидаҳо оид ба ҳисоб намудани ҳосилнокии меҳнат дар консепсияҳои либерализми иқтисодӣ ба миён омада буданд, ки дар озодии рафтори иқтисодӣ, махсусан соҳибкорӣ такя мекарданд[3]. Намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ, хусусан А. Смит ва Д. Рикардо заминаи методологии ҳосилнокии меҳнатро муқаррар карда буданд. Ба ақидаи А. Смит инкишофи истеҳсолот бо дарназардошти тақсимоти меҳнат ба некуаҳволии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад, ки дар навбати худ омили афзоиши ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад.

А. Смит гумон дорад, ки тақсимоти меҳнат ҳосилнокии меҳнатро бо се тарз баланд менамояд:

- афзоиши малакаи кории ҳар як коргари алоҳида;

- сарфаи вақти ҳангоми гузариш аз як намуди фаъолият ба дигар намуди фаъолият;
- ҳавасмандгардонии ихтироот ва истеҳсоли мошинаҳо, ки меҳнати инсонро соддатар мегардонад[10].

Дар инкишофи истеҳслот, инчунин дар тақсимоти меҳнат, нақши асосиро инсони иқтисодӣ ичро мекунад, ки меҳнати худро дар шароити бозор барои манфиатҳои худ истифода мебарад. Табиатан инсон кӯшиш мекунад доимо оқилона рафтор карда, барои тайёр намудани молҳо вақти камтарро сарф намояд, яъне ӯ ҳамон намудани фаъолиятро пеша мегирад, ки меҳнаташ маҳсулнок бошад[4].

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун унсури зарурӣ дар раванди таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо дарназардошти истифодабарии самаранок дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ тавсиф карда мешавад. Дар назария ва амалияи иқтисодӣ ақидае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он байни захираҳои меҳнатӣ ва тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобастагӣ ва алоқамандии шуморавӣ ва сифатӣ вуҷуд дорад. Вобастагии шуморавӣ пеш аз ҳама дар афзоиши эҳтиёҷот ба захираи меҳнат ҳангоми таъмини рушди иқтисодӣ зоҳир мегардад. Бо баробари ин мавҷудияти шумораи зиёди захраҳои меҳнатӣ барои соҳаҳои иқтисодиёт масъалаҳои истифодабарии ҳамаҷонибаи онро дар назар дорад.

Аз ҷиҳати вобастагии сифатӣ бошад, захираҳои меҳнатӣ бо эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба малакаи кории касбӣ ва сатҳи тайёрии иқтидори меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Дар навбати худ мавҷудияти иқтидори меҳнатӣ бо сатҳи мувофиқи тайёрӣ барои васеъшавии намудҳои алоҳидаи истеҳсолот мусоидат менамояд. Ҳамчун таҳкурсии таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъиноти функсионалии захираҳои меҳнатӣ дар баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ муайян карда мешавад. Бо баробари ин, самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ метавонад дар ҳолате таъмин гардад, ки агар барои инкишофи худи инсон ҳамчун дорандаи қобилияти меҳнатӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд. Боиси таъкид аст, ки шароити мусоид барои инкишофи инсон дар натиҷаи истифодабарии самарноки қобилияти меҳнатии ӯ таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ қайд намудан ба маврид аст, ки истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва шароити муосид барои инкишофи инсон дар амал баҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра мегардонанд ва дар як самт инкишоф меёбанд. Дар назария ва амалияи иқтисодӣ нишондоди паҳнгаштаи баҳодиҳии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ҳосилнокии (маҳсулнокии) меҳнат баромад мекунад. Бинобар ҳамин дар ҳама низомҳои хоҷагидорӣ, ҳосилнокии меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои инкишофи иқтидори инсонӣ ва меҳнатии истеҳсолоти ҷамъиятӣ баромад карда, ба сифати нишондоди самаранокии иқтисодии истеҳсолот хизмат мекунад.

Дарки ҳосилнокии меҳнат аз таълимоти К. Маркс оид ба табиати духелагии меҳнат ибтидо мегирад, ки мувофиқи он “ҳамагуна меҳнат, аз як тараф ин сарфи қувваи кории инсон аз ҷиҳати физиологӣ буда, дар ягонагии меҳнати инсон арзиши молро ифода мекунад. Аз тарафи дигар меҳнат ин сарфи қувваи кории одамон дар шакли махсус, ки қобилияти бавуҷуд овардани арзиши истеъмолиро дорад”[8]. Бо ибораи дигар К. Маркс ҳосилнокии меҳнатро ҳамчун маҷмӯи меҳнати шиддатнок ва қувваи маҳсулноки он мушоҳида мекунад. Ҳамчун хусусияти хоси меҳнати муайян, ҳосилнокии меҳнат дараҷаи самаранокии онро дар воҳиди вақти фоидаовари фаъолияти инсон нишон медиҳад. Ба сифати меҳнати абстрактӣ, шиддатнокии меҳнат сарфи меҳнатро нишон медиҳад, яъне сарфи меҳнатро дар воҳиди вақт.

Моҳияти ҳосилнокии меҳнатро муайян карда, К. Маркс ин нишондодро на танҳо бо меҳнати зинда, балки ҳамчун маҷмӯи меҳнати ҷамъиятӣ алоқаманд мекард. Аз мавқеъи таъсисёбӣ ва баланд шудани арзиш меҳнати дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта бо меҳнати зинда омехта мегардад. Онҳо танҳо бо он фарқ мекунанд, ки меҳнати зинда дар арзиши истеъмолӣ инъикос ёфта, меҳнати таҷассумёфта бошад дар воситаҳои истеҳсолот инъикос ёфтааст. Бо ибораи дигар ба ҳосилнокии меҳнат, меҳнати гузашта (дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта) ва меҳнати зинда таъсир мерасонанд. Мутаробиқан, ҳама меҳнати таҷассумёфта ин меҳнати дар гузашта зинда арзёбӣ карда мешавад, бинобар ҳамин онҳо сифатан якҷинса мебошад, зеро “меҳнати дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта ин шумораи муайяни меҳнати ҷамъиятӣ мебошад. Меҳнате, ки дар ҷараёни истифодабарии воситаҳои истеҳсолот ҳамроҳ мешавад, шумораи иловагии меҳнати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад”[8], яъне ҳар ду шакли меҳнат харочоти зарурии меҳнати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки коҳишёбии онҳо ба воҳиди маҳсулот бо ифодаёбии мутлақ сатҳи ҳосилнокии меҳнати ҷамъияиро нишон медиҳад. Ҳамин тавр ҳосилнокии

маҷмӯи меҳнати ҷамъиятӣ, ҳосилнокии меҳнатро ифод менамояд. Лекин дарки ин ҳолат маънои онро надорад, ки меҳнати пештар дар ҷараёни истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот сарфшуда маҳсулнокии бештар дорад. Бояд дар назар дошт, ки сарфа намудани меҳнати таҷассумёфта барои сарфаи меҳнати зинда дар марҳилаҳои минбаъдаи такрористеҳсолот низ замина мегузорад.

Оид ба ҳосилноки меҳнат сухан гуфта, бояд дар назар дошт, ки байни мафҳуми "ҳосилнокӣ" ва "ҳосилнокии меҳнат" фарқият мавҷуд аст. Як қатор иқтисодчиён ҳосилнокии меҳнатро ҳамчун унсури ҳосилнокӣ ва ченаки махсус арзёбӣ менамоянд. Дар фарҳанги (луғати) истиллоҳҳои иқтисодии Б.А. Райзберг ин нишондиҳандаҳо чунин маънидод карда мешаванд: "ҳосилнокӣ ин нишондиҳандаи самаранокии истеҳсолот мебошад, ки ҳаҷми истеҳсолотро ба ҳисоби як воҳиди захираҳои истифодашаванда (омилҳои истеҳсолот) муайян менамояд, бо ибораи дигар ин нишондиҳанда ба воситаи тақсим намудани ҳаҷми истеҳсолот ба хароҷоти захираҳо муайян карда мешавад"[9].

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, қайд кардан зарур аст, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамавақт бо худ яке аз захираҳои истеҳсолиро ифода мекунанд, ки ҷалби онро ба ҳаёти хоҷагидории ҷамъият дар ҳама марҳилаҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар назар дорад. Ҳосилнокии меҳнат бо худ "нишондиҳандаи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатиро, яъне омили меҳнатро нишон медиҳад"[9]. Ҳосилнокии меҳнат ба воситаи шумораи маҳсулоти истеҳсолшуда бо ифодаи пулӣ ва ё ашёвӣ (натуралӣ), ки аз тарафи як коргар дар давоми давраи муайяни вақт (сол, моҳ, рӯз, соат) истеҳсол карда шудааст. Мутобиқан, мафҳуми ҳосилнокиро ба сифати нишондоди самаранокии истифодабарии ҳама омилҳои истеҳсолот мушоҳида кардан зарур мебошад. Ҳосилнокии меҳнат бошад, танҳо нишондоди истифодаи самараноки захираи меҳнат баромад мекунад.

А.Н. Азрилиян дар Фарҳанги иқтисодӣ ҳосилнокиро ҳамчун "истеҳсоли маҳсулот, хизмат, маҳсулоти нимтайёр ва ғайра дар воситаи вақт аз тарафи як коргар, як воҳиди таҷҳизот, як ҷузъи истеҳсолот"[1] маънидод мекунад.

Вобаста аз ақидаҳои дар боло овардашуда, қайд намудан мумкин аст, ки ҳосилнокии меҳнат натиҷагирӣ ва самаранокии хароҷоти меҳнатро тавсиф карда, бо шумораи маҳсулоти дар воҳиди вақти корӣ истеҳсолшуда ифода меёбад, ки ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳои иҷрошуда, хизмати пешкашшуда рост меояд. Умуман барои фаъолияти босамари ҳама корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият, самти истеҳсолот, аҳамияти миллӣ ва ғайраҳо интихоби усули истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Ба ақидаи Маҳмадаминов М. "объекти асосии идоракунии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ин ҷараёни меҳнати ҷамъиятӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва натиҷагирии он, муносибат байни одамон оид ба иштироки онҳо дар ҷараёни меҳнат ва такомули он, инкишофи инсон ва коллективҳои меҳнатӣ, васеъшавии такрористеҳсоли қувваи корӣ ва ғайраҳо баромад мекунанд"[6]. Зеро ҳангоми ташкили истеҳсолот як қатор вазифагузориҳо муайян карда мешаванд, ки ҳалли онҳо барои самаранокии истеҳсолот ва истифодабарии захираҳои иқтисодӣ алалхусус захираҳои меҳнатӣ зарур мебошанд.

Боиси таъкид аст, ки аҳамияти аввалиндарҷаи муайян намудан ва баҳогузории нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат барои банақшагирӣ ва таҳлили фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар сатҳи гуногун зарур аст. Аз рӯи натиҷаҳои ҳисоб ва баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат, муайян намудани сабаби боздории рушди самарнок дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ, инчунин таъмини истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва табиӣ имконпазир мегардад.

Сатҳи ҳосилнокии меҳнат ба суръати афзоиши музди меҳнат, афзоиши даромади аҳолӣ, тараққиёти истеҳсолот, нишондиҳандаҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад. Барои истеҳсолот сарҳади баланд намудани ҳосилнокии меҳнат мавҷуд нест. Бо ибораи дигар ҳосилнокии меҳнат бо баробари таҷдид ва автоматикунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав ба сатҳи баландтар мегузарад. Ҳисоб ва таҳлили мутасили ҳосилнокии меҳнат барои муайян намудани имкониятҳои афзоиши марҳила ба марҳилаи истеҳсоли маҳсулот дар асоси баланд намудани он ва истифодабарии оқилонаи захираҳоро фароҳам меоварад. Бо ин мақсад таҳлили ҳосилнокии меҳнат дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ зарур арзёбӣ мегардад. Ҳосилнокии меҳнат ва унсурҳои ба он таъсиррасонанда бояд дар ҳама сатҳҳои идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ амалӣ карда шаванд, алалхусус: ҳангоми банақшагирӣ, ташкили ҷараёни истеҳсолот, таҳлил ва баҳодиҳии натиҷаҳои дастрасгардида.

Ҳангоми банақшагирии фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташкили истеҳсолот ҳосилнокии меҳнат аз чунин унсурҳо иборат мебошад:

- истифодабарии техника ва технология, таҷҳизот ва мошинаҳо дар ҷараёни истеҳсолот;
- дараҷаи истифодабарии воситаҳои гардон;
- сатҳи истифодабарии ҳайати кормандон;
- мавҷудияти менеҷменти тахассусӣ;
- дарёфти бозори фурӯш.

Азбаски унсурҳои оддии ҷараёни меҳнат бетағйир боқӣ мемонанд, унсурҳои номбаршудаи ҳосилнокии меҳнат метавонанд танҳо бо таносубҳои гуногун амал намоянд. Бо баробари тараққиёти истеҳсолот нақши яке аз унсурҳо коҳиш ёфта, нақши дигар унсурҳо пурзӯртар мегарданд ва дар натиҷа таносуби байни онҳо дигаргун мешавад. Дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи ҷамъият ба омилҳои шахсии истеҳсолот нақши ҳалкунанда вобаста карда мешуд. Таносуби унсурҳо дар баланд намудани ҳосилноки меҳнат бо дарназардошти инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда тағйир ёфта, нақши унсурҳои ташкилию техникии шароити меҳнат афзоиш ёфтанд.

Бешубҳа захираҳои меҳнатӣ фаъолияти инсон буда, дар сатҳи корхонаҳои алоҳида, соҳаҳо ва иқтисодиёт ҳамчун омили истеҳсолии асосии дарк карда мешавад. Ҳосилнокии меҳнат бошад нишондиҳандаи асосии истифодабарии самараноки меҳнат баромад мекунад[5]. Дар навбати худ қайд намудан зарур аст, ки барои баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат ҳамчун нишондиҳандаи истифодабарии самараноки он, як қатор нишондиҳандаҳои истифода мешаванд. Ҳосилнокии меҳнат истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатиро дар асоси ду нишондиҳандаҳои асосӣ муайян менамояд: коркарди маҳсулот ба ҳар сари коргар ва меҳнаттғунҷоиш[2].

Дар назария ва амалия се усули асосии муайян намудани маҳсулнокии меҳнатро аз ҳам фарқ мекунанд: усули шайъӣ – ба воситаи нисбияти ҳаҷми маҳсулоти шайъӣ ба шумораи миёна коргарон муайян карда мешавад; усули арзишӣ – ба воситаи нисбияти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба фурӯш рафта ба шумораи миёнаи коргарон муайян карда мешавад; усули меҳнатӣ – дар баҳодиҳии истифодабарии нишондиҳандаи меҳнатғунҷоиши маҳсулот асос гирифта, ҳамчун хароҷоти меҳнат барои воҳиди маҳсулот муайян карда мешавад.

Новобаста ба мавҷудияти чунин усулҳо дар амалия бештар усусли арзиши истифода мешавад. Зеро ин усули муайян намудани ҳосилнокии меҳнат, ин нишондиҳандао на танҳо дар истеҳсолотҳои оддии як намуд маҳсулот истеҳсол мекарда, инчунин дар истеҳсолоти номгӯи зиёди маҳсулот истеҳсол мекарда истифода шуда метавонад. Чунин тарзи муайян намудани ҳосилнокии меҳнат дар дохили корхона, соҳа, иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ истифода шуда метавонад.

Таъиноти ҳосилнокии меҳнатро дар ҷараёни истеҳсолот ҳамчун амалигардонии чораҳои коркардшуда ва барномаҳои комплексӣ оид ба идоракунии истеҳсолот ифода намудан мумкин аст. Айнан дар марҳилаи таъминоти таносуби оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва моддию техникӣ ҷустуҷӯи доимии захираҳои афзоишёбӣ амалӣ шуданаш зарур мебошад.

Таҳлил ва баҳодиҳии таъсири ҳосилнокии меҳнат ба вазъияти истеҳсолот имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда бо натиҷаҳои ба даст овардашуда муқоиса карда шаванд ва дар ин васила самти тағйироти ба миён омада ва сабабҳои тағйирот муайян карда шаванд. Дарёфти захираҳои рушди ҳосилнокии меҳнат дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Чораҳои комплексӣ, ки ба самаранокии истифодабарии қувваи корӣ равона карда шуда, барои истифодабарии самараноки меҳнат таъинот дорад аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва методӣ пайдо мекунанд. Чунин вазъият дар асоси такомули шароит ва ташкили меҳнат, ҷо ба ҷо гузорӣ ва сохтори кадрҳо, нигоҳдории фаъолияти мутасил, баланд намудани манфиатнокии ҳайати кормандон, истифодаи оқилонаи дигар захираҳо, фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайраҳо амалӣ карда мешавад. Ифодаёбии чунин унсурҳои афзоиш, ба монанди мавҷудияти бозори фурӯш ва сифати менеҷмент дар истифодабарии маҷмӯавии меҳнати таҷассумёфта ва зинда ифода меёбад.

Ҳатман ҳосилнокии локалии меҳнат ва ҳосилнокии инфиродии меҳнатро фарқ намудан зарур аст. Афзоиши ҳосилнокии меҳнати инфиродӣ сарфаи вақти кориро нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот ва ё шумораи иловагии маҳсулот дар воҳиди вақт зарур мебошад. Бузургии миёнаи ҳосилнокии меҳнати коргарон, ки дар барои соҳа ва ё корхона муайян

карда мешавад, ҳосилнокии локалиро ифода мекунад[9].

Бо баробари ин дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва суръати афзоиши шумораи ҳайати кормандони соҳаҳои истеҳсолот муқаррар карда мешаванд. Афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ таносуби байни меҳнати таҷассумёфта ва меҳнати зиндаро дигаргун менамояд. Афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ба афзоиши вазни қиёсии меҳнати таҷассумёфта ва коҳишёбии меҳнати зиндаи ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда рост меомада оварда мерасонад. Бо баробари ин бузургии умумии хароҷот ба воҳиди маҳсулот бетағйир боқӣ мемонад, ки чунин вобастагиро К. Маркс қонуни иқтисодии афзоиши ҳосилнокии меҳнат номидааст.

Дар таҷрибаи хоҷагидорӣ ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ дар миқёси иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он истифода шуда, дар сатҳи корхонаҳо нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнати инфиродӣ бештар истифода мешавад. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи корхона танҳо ҳамчун самаранокии хароҷоти меҳнати зинда мушоҳида шуда, ба воситаи нишондиҳандаи бароориш ба ҳар сари коргар ва нишондиҳандаи ғайримустақими меҳнатгунҷоиши маҳсулот муқаррар карда мешавад. Қайд намудан ба маврид аст, ки чунин тарзи ҳисоби ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи соҳаҳо низ имконпазир аст.

Нишондоди асосии ҳосилнокии меҳнат бевосита ҳаҷми бароориш ба ҳар сари корманд дар шакли шайъӣ ва арзиши маҳсулот муайян карда мешавад, ки дар воҳиди муайяни вақт (сол, семоҳа, моҳ, ҳафта, баст, соат) ба вуҷуд оварда мешавад. Нишондоди арзишии истеҳсоли маҳсулот аз таъсири як қатор омилҳо вобастагӣ дорад, ки ба ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонанд, масалан, тағйирёбии нархи ашё ва масолеҳи истеҳсолӣ, нархи маҳсулот ва ғайраҳо. Дар сатҳи як қатор корхона ҳоҳ ҳосилнокии меҳнат бо нишондиҳандаи меъёр-соат муайян карда мешавад. Қобили таъкид аст, ки чунин тарзи муайян намудани ҳосилнокӣ бештар ба худи омили меҳнат таалуқ дошта, барои баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнати коргари алоҳида, гуруҳи кормандон, сеҳҳо истифода мешавад.

Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат бо муқоисакунии истеҳсоли аслии маҳсулот бо истеҳсоли нақшавӣ ва муқоисакунӣ бо давраҳои гузашта баҳогузорӣ карда мешавад. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат бо зиёдшавии истеҳсоли аслӣ нисбат ба ҳаҷми банақшагирифташуда ба миён меояд.

Ҳосилнокии меҳнат инчунин ба воситаи тақсим намудани ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда ба шумораи коргарон ҳисоб карда шуданаш мумкин аст.

Нисбатан дақиқтар сатҳи ҳосилнокии меҳнатро коркарди (истеҳсоли) маҳсулот дар воҳиди вақт ифода карда метавонад. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда метавонад дар шакли шайъӣ ва арзишӣ ифода ёбад.

Хароҷоти вақти корӣ барои воҳиди маҳсулот нишондоди меҳнатгунҷоиши маҳсулотро ифода менамояд. Меҳнатгунҷоиши воҳиди маҳсулот барои ҳама намуди маҳсулоти истеҳсолмешуда бо ифодаёбии шайъӣ муайян карда мешавад. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳосилнокии меҳнат як қатор афзалиятҳо дорад, ки аз байни онҳо асоситаринаш инҳо мебошанд:

- муайян намудани вобастагии мутақим байни хароҷоти меҳнат ва ҳаҷми истеҳсолот;
- истисно намудани таъсиррасонӣ ба ҳосилнокии меҳнат;
- алоқаманд намудани тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат бо захираҳои афзоиши он, муқоисакунии хароҷоти меҳнати сохторҳои гуногуни корхонаҳо;

Вобаста ба нақши хароҷоти меҳнат дар ҷараёни истеҳсолот ва сохтори онҳо чунин намудҳои меҳнатгунҷоиш аз ҳам фарқ карда мешаванд: технологӣ, хизматрасонӣ, истеҳсолӣ, идоракунии истеҳсолот ва меҳнатгунҷоиши пурра. Меҳнатгунҷоиши технологӣ хароҷоти меҳнати кормандони асосиро барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот дар бар мегирад.

Маҷмӯи хароҷоти меҳнати кормандони ёрирасони истеҳсолоти асосӣ ва коргарони ҳама ҷузъҳои истеҳсолот, ки ба таъминоти ҷараёни истеҳсолот машғул мебошанд меҳнатгунҷоиши хизматрасонии истеҳсолотро ифода мекунад.

Меҳнатгунҷоиши идоракунии ҳайати кормандон ин нишондиҳанде мебошад, ки ба воҳиди маҳсулоти истеҳсол мешуда рост меояд.

Меҳнатгунқоиши пурраи воҳиди маҳсулот – ин хароҷоти ҳама категорияҳои коргарони корхона ба ҳисоб меравад. Бо мақсади беҳтар намудани истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ такомули сохтори онҳо зарур буда, коркарди чораҳои ба беҳтаргардонии истифодабарии вақти корӣ равона шуда мувофиқи мақсад мебошанд. Дар ин самт диққати махсус ба ташкили меҳнат ва истеҳсолот зоҳир карда шуданаш лозим, зеро риоя намудани принсипҳои ташкили ҷараёни

истеҳсолот кафили таъмини нишондодҳои баланди иқтисодӣ мебошад.

Унсурҳои асосии низоми ташкили оқилонаи ҷараёни истифодабарии меҳнат ва истеҳсолот умуман инҳо мебошанд:

- ҷо ба ҷо гузории кадрҳо дар истеҳсолот ва тақсимоти меҳнат;
- ташкил ва таъмини ҷойҳои кории мусоид;
- ворид намудани ҷараёнҳои истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ;
- таъмини шароити мусоид барои фаъолияти меҳнатӣ;
- таъмини ҳавасмандгардонии кормандон;
- ташкили омӯзиш, баланд намудани тахассуснокӣ ва азнавтайёркунии кормандон;
- ҳифз ва таъмини шароитҳои бехатари меҳнат.

Дар ҳар як корхона бояд фарҳанги истеҳсолот баланд бардошта шавад, ки он баҳри риоя намудани озодагӣ ва тартибот дар коргоҳ равона карда шавад.

Ташаккулёбии қувваи корӣ дар шароити муосир о тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ки техника ва технологияи истеҳсолиро хуб медонанд маҳдуд намегардад. Ҳайати кормандони корхонаҳои муосир ҳатман дорои қобилияти навоварӣ, истифодаи онҳоро дар ҷараёни истеҳсолот дошта бошанд. Асоси ҷараёнҳои навоварӣ бевоситаи иқтидори эҷодии кормандон (роҳбарият, мутахассисон ва коргар) мебошад. Нишондиҳандаҳои сифатии захираҳои меҳнатӣ ба воситаи нишондиҳандаҳои сатҳи умумии касбӣ, собиқаи корӣ аз рӯи тахассус ва натиҷаҳои меҳнатӣ муайян карда мешаванд.

Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ нишондиҳандаи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи корхона маҳсулоти интиҳоии меҳнат низ баромад мекунад, ки ҳамчун тағйирёбии ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотро ҳангоми тағйирёбии захираи меҳнатӣ ба як воҳид ҳангоми тағйирнопазирии ҳаҷми сармояи истеҳсолӣ нишон медиҳад.

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ (мураттиб муаллиф)

Нишондиҳандаҳо	**Тарзи ҳисоб намудан**	**Натиҷа ва хулосабарорӣ**
Ҳосилнокии меҳнат	$Х_М = \frac{ҲМ}{ШМ}$	Муайян намудани коркарди маҳсулоти истеҳсолӣ аз тарафи як коргар
Ҳосилнокии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ	$Х_{Мп} = \frac{ҲМ_П}{ШМ}$	Муайян намудани коркарди маҳсулоти истеҳсолӣ бо ифодаёбии пулӣ аз тарафи як коргар
Меҳнатғунҷоиш	$М_ғ = \frac{ШМ}{ҲМ}$	Муайян намудани истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот
Маҳсулоти интиҳоии меҳнат	$МИМ = \frac{ΔҲМ}{ΔШМ}$	Муайян намудани самаранокии истифодаи воҳиди иловагии захираи меҳнатӣ
Маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ	$МИМ_П = \frac{ΔҲМ_П}{ΔШМ}$	Муайян намудани самаранокии истифодаи воҳиди иловагии захираи меҳнатӣ бо ифодаи пулӣ
Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат	$\varepsilon_{ШМ}^{ҲМ} = \frac{МИМ}{Х_М}$	Муқаррар намудани миқдори зарурии захираҳои меҳнатӣ барои истеҳсолот

Дигар нишондиҳандае, ки самаранокии истифодабарии захираи меҳнатро нишон медиҳад, ин чандирнокии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот аз рӯи меҳнат баромад мекунад. Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат тағйирёбии фоизии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар натиҷаи тағйирёбии ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ ба як фоиз нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда ба нисбияти

маҳсулоти интиҳоии меҳнат ба ҳосилнокии меҳнат баробар аст. Боиси таъкид аст, ки тағйирёбии нисбии ҳаҷми истеҳсолот вобаста аз таносуби маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва ҳосилнокии меҳнат муқаррар карда мешавад. Чи хеле, ки аз ҷадвали 1 мушоҳида кардан мумкин аст, дар шароити муосир истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бо нишондиҳандаҳои маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва чандирнокии бароориш аз рӯи меҳнат пурра карда шудааст.

Айнан ҳамин нишондиҳандаҳои имкон медиҳанд, ки сатҳи самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар доираи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ баҳогузорӣ карда шаванд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатии пешкаш шаванда дар асоси муносибатҳои захиравӣ, харочотӣ, арзишӣ, интиҳоӣ ва чандирнокӣ имконият медиҳад, ки қарорҳои сифатан ва ҳаматарафа дуруст дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ қабул карда шаванд. Дар ин ҷода ба таҳлили тағйирёбии нишондодҳои ин нишондиҳандаҳо аҳамияти хоса зоҳир кардан зарур аст, зеро чунин муносибат баҳри истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ равона карда мешавад.

Ҳамин тавр, муқаррар карда мешавад, ки яке аз фишангҳои зарурии стратегии ҳама корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ, ки аз ҳисоби истифодабарии оптималии захираҳои меҳнатӣ ба даст оварда мешаванд, ҳатман баланд намудани тахассуснокӣ ва сатҳи донишандӯзии захираҳои меҳнатиро дар назар дорад. Аз сатҳи нишондиҳандаҳои пешкаш кардашуда бевосита натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ умуман вобастагии калон доранд.

АДАБИЁТ

1. Большой экономический словарь/ под ред. А.Н. Азрилияна. М., 2004, С-412.
2. Воропаева Н.В., Гиниева С.Б. Достойный труд - основа стабильного общества: материалы IV Междунар. науч.-практ. конф. Уральский государственный экономический университет г. Екатеринбург. Часть 2 - Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2012. - Ч. 2. – 228 с.
3. Идеи экономического либерализма [Захираи электронӣ] – реҷаи дастрасӣ: https://spravochnick.ru/ekonomika/ekonomicheskiy_liberalizm/idei_ekonomicheskogo_liberalizma/
4. Козырев В.М. Адам Смит: его роль в становлении экономической науки // Вестник РМАТ. – 2012. - №2.3. – С. 48-58
5. Колесникова С.В. Эффективность использования трудовых ресурсов в организации // Вопросы экономики и управления. – 2016. – №5. – С. 153-154.
6. Махмадаминов М. Проблемы повышения эффективности структуры занятости трудовых ресурсов Таджикистана / Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы трудовых отношений и социального развития в Таджикистане». – Душанбе, 29-30 октября 2010. – С. 8.
7. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь. 5-е изд. перераб. и доп. – Москва: ИНФРА-М, 2022 – 512с
8. Рыжков Д. А. Трудовые ресурсы: сущность, эффективность управления и использования в современных условиях // Вестник МГУЛ – Лесной вестник. 2010. №2. С.170-179.
9. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь. 5-е изд. перераб. и доп. – Москва: ИНФРА-М, 2022 – 512с.
10. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Соцэкгиз, 1962. 684 с.

Кармышева Майсара Назруллоевна – ассистент кафедры мировой экономики и международного отношения Таджикского государственного университета коммерции. Республика Таджикистан. Душанбе. E-mail: maysara.karmysheva@bk.ru. Тел.: +992918677444.

Амонатова М.А.
Сафаров У.

НАҚШИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ЭНЕРГИЯИ САБЗ

Амонатова М.А.
Сафаров У.

РОЛЬ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ ТАДЖИКИСТАНА В ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭНЕРГЕТИКИ

Amonatova M.A.
Safarov U.

THE ROLE OF TAJIKISTAN'S WATER RESOURCES IN ENSURING THE DEVELOPMENT OF GREEN ENERGY

Дар мақолаи мазкур нақши захираҳои обии Тоҷикистон дар таъмини рушди энергияи сабз барраси шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираиҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва дигар захираҳои тавлидкунандаи нерӯи барқ мебошад, ки ҳангоми мавриди истифода қарор додани онҳо мамлакати мо танҳо эҳтиёҷоти худиро бо нерӯи барқ пурра қонеъ мегардонад, инчунин имкон пайдо мекунад, ки содироти онро ба хориҷи кишвар ба роҳ монда, дар ин замина имконоти мусоидро барои рушди иқтисоди кишвар ба даст орад.
Калид вожаҳо: энергияи сабз, иқтисодиёти сабз, нерӯи барқ, иқтидор, сарфаҷӯи, пиряхҳо, кӯлҳо, дарёҳо, манбаъҳои ғизогирӣ, манбаъҳои барқароршаванда.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В данной статье рассматривается роль водных ресурсов Таджикистана в обеспечении развития зеленой энергетики. Республики Таджикистан имеет огромные возобновляемые гидроэнергетические ресурсы и другие ресурсы, для выработки электроэнергии. При их вводе в эксплуатацию наша страна не только полностью удовлетворит свои собственные потребности в электроэнергии, но также, экспортируя её за пределы страны, достичь благоприятных возможностей для экономического развития страны.
Ключевые слова: зеленая энергия, зеленая экономика, электроэнергия, потенциал, сбережения, ледники, озера, реки, источники питания, возобновляемые источники.

This article discusses the role of Tajikistan's water resources in ensuring the development of green energy. The Republic of Tajikistan possesses tremendous renewable hydropower resources for and other resources for generating electricity. When they are integrated, our country will not only fully meet its own electricity needs, but will exporting it outside the country, may have ample opportunities for economic development of the country.
Key words: green energy, green economy, electricity, potential, savings, glaciers, lakes, rivers, power sources, renewable sources.

Захираҳои обии Тоҷикистон дар таъмини рушди устувори энергияи сабз нақши ҳалкунандаро мебозад. Асоси саноати энергетикаро истеҳсоли қувваи барқ аз ҳисоби захираҳои об ташкил медиҳад. Об дар айни замон манбаи асосии энергия дар ҷумҳурӣ буда, зиёда аз 98%-и қувваи энергияи ҷумҳурӣ дар неругоҳҳои барқи обӣ ҳосил мегардад. Саноати электроэнергетика дар Тоҷикистон аз солҳои Ҳокомияти Шӯравӣ оғоз гардидааст. Истеҳсоли нерӯи барқ асоси инкишофи иқтисодиёт, пешрафти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати захираҳои об Тоҷикистон ба ҳар нафар аҳолӣ (ба ҳисоби миёна) дар байни мамлакатҳои ИДМ ҷои дуюмро ишғол мекунад ва аз рӯи таъминот бо обҳои рӯизаминӣ баъди Руссия ва Гурҷистон дар ҷои 3-юм меистад[4]. Захираҳои обии Тоҷикистон ба 98,6 км^3 баробар буда, дорои захираҳои калони оби тоза мебошад, манбаи асосиро пиряхҳо, кӯлҳо, обҳои зеризаминӣ, дарёҳо ташкил медиҳанд. Дар маҷмӯъ, маҷрои миёнаи дарёҳои дар Тоҷикистон

ҳосилшуда 64 км³/сол, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Амударё 62,9 км³/сол ва дар ҳавзаи дарёи Сирдарё 1,1 км³/солро ташкил намудааст (расми 1). Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккулёбии гидрографияи Осиёи Марказӣ хело бузург аст. Аз 115,6 км^3 оби ҳавзаи баҳри Арал қариб 90% он аз ҳудуди Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷорӣ мегардад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 947 дарё (бо дарозии зиёда аз 10 км) ба ҳисоб гирифта шудааст, ки дар якҷоягӣ бо дарозии 28 ҳазор километр тӯл ёфтаанд[2]. Ба ҳиссаи дарёҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд 64 км^3 ва ба ҳиссаи кӯлҳо 46,3 км^3 (аз ин миқдор 20 км^3 он оби тозаи нӯшоки мебошад) ва бештар аз 6 км^3 оби тоза ба ҳиссаи обҳои зеризаминӣ рост меояд. Захираи умумии обҳои зеризаминӣ 18,7 км^3-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин дар ҳудуди кишвар 1449 кӯлҳои хурду калони табиӣ, ки масоҳати онҳо ба 705 км^2 мерасад (0,5 %-и қаламрави кишвар) мавҷуд аст, ки ҳар кадом хусусияти хоси табиӣ ва пайдоиши худро доранд. Пиряхҳои Тоҷикистон дорои захираи бузурги оби нӯшокӣ буда, ҳоло дар ҳудуди ҷумҳурӣ 14 ҳазор пирях бо масоҳати умумии 8,5 ҳаз. км^2 (қариб 6% масоҳати кишвар) ташкил медиҳад, ба ҳисоб мераванд [1]. Ин пиряхҳо қариб 460 км^3 оби нӯшокии сифати баланддоштаи кишварро таъмин менамоянд [4]. Ба таври дигар дар ин пиряхҳо 52% захираи умумии оби нӯшокии тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуд аст. Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои беинтиҳои манбаъҳои гидроэнергетикӣ буда, аз рӯи бузургии ҳаҷми умумии онҳо дар ҷаҳон ҷои 8-умро ишғол мекунад. Ҳамчунин боришоти миёнаи солона 760 мм буда, фарқияти он дар баъзе ноҳияҳои ҷанубии кишвар 100 мм ва дар баландкӯҳӣ Бадахшон то 2400 мм рост меояд[5].

Ба тарзи силсила ҷойгир намудани неругоҳҳои барқи обӣ боиси самаранок истифода бурдани энергияи обии дарёҳо мегардад. Қувваи энергияи истеҳсолшуда аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, ягон хавфу хатар надорад, яъне “энергияи сабз” дар рушди “иқтисоди сабз”нақши муассиро мебозад. Дар асоси захираи обии дарёи Вахш, ки бо сабаби самаранок истифода бурдани энергияи об, нерӯгоҳҳои барқи оби ба таври силсила сохта шудааст (ҷадвали 1). Калонтарин нерӯгоҳҳои барқи обии дарёи Вахш: аз солҳои 1972-1979 нерӯгоҳи барқи обии Норак бо иқтидори 3000 мегаватт, ки истеҳсоли қувваи барқ ба ҳисоби миёна соле беш аз 11,2 миллиард кВт/с мерасад, аз соли 1986-1988 нерӯгоҳи барқи обии Бойғозӣ бо иқтидори 600 мегаватт, ки соле 2,9 млрд кВт/с қувваи барқ истеҳсол мекунад, аз соли 2008-2009 нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1 бо иқтидори муқарраршуда 670 мегаватт ва аз соли 2011-2014 нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-2 бо иқтидори 220 мегаватт инчунин неругоҳи барқи обии Роғун, ки аз соли 1976 ба нақша гирифта шуда буд, калонтарин неругоҳ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, маълумоти мухтасар оиди силсиланеругоҳҳои барқи обӣ дар ҷадвали 1ишора гардидааст.

Ҷадвали 1.- Силсиланеругоҳҳои барқи обии дарёи Вахш

Дарёи Вахш	**Ҳаҷми обанбор, км^3**	**Иқтидори неругоҳҳои барқи обӣ (МВт)**	**Ҳаҷми истеҳсол, млрд кВт.с/сол**	**Соли оғози сохтмон ва фаъолияти нерӯгоҳ**
нерӯгоҳи барқи обии Роғун	13,3	3600	17,0	2018
нерӯгоҳи барқи обӣ Шуроб	0,027	850	2,1	дар нақша

нерӯгоҳи барқи обӣ Норак	10,5	3000	11,2	1972
нерӯгоҳи барқи обӣ Бойғозӣ	0,084	600	2,9	1986
нерӯгоҳи барқи обӣ Сангтӯда-1	2,7	670	2,5	2008
нерӯгоҳи барқи обӣ Сангтӯда-2	0,932	220	0,665	2011
нерӯгоҳи барқи обӣ Сарбанд	-	240	0,96	1962
нерӯгоҳи барқи обӣ Шаршара	-	29,95	0,21	1958
нерӯгоҳи барқи обӣ Марказӣ	-	15,1	0,114	1964
Ҳамагӣ:	**27,543**	**9225,05**	**33,649**	

Ғайр аз ин, дар кишвар боз нерӯгоҳи барқи обии Варзоб аз солҳои 1936-1949 бо иқтидори умумии 25 мегаватт, дар дарёи Сирдарё низ нерӯгоҳи барқи обии Қайроққум, ки соли 1957 бо иқтидори 126 мегаватт сохта ба истифода дода шуд(ҷадвали 2). Ҳамчунин, дар солҳои 1971-1973 дар дарёи Ғунт нерӯгоҳҳои барқи обии Хоруғ ва дар солҳои 1984-2005 Помир-1 бо иқтидори умумии 37 мегаватт низ фаъолият мекунанд.

Ҷадвали 2. - Иқтидори нерӯгоҳҳои барқи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номгӯи неругоҳҳои барқи обӣ	**Иқтидори истеҳсолии неругоҳҳои барқи обӣ (МВт)**	**Шумораи воҳидҳои истеҳсолӣ**	**Иқтидори неругоҳҳои барқи обӣ (МВт)**
нерӯгоҳи барқи обии Қайроққум	21	6	126
силасила нерӯгоҳҳои барқи обии Варзоб	3,72/7,2/1,76	2/2/2	7,44/14,4/3,52

Ташшакул ва азхудкунии обҳои руизаминӣ бо назардошти калонтарин обанборҳо барои рушди иқтисодиёти миллӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад. Иқтидори асосии гидроэнергетикии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои дарёҳои Сирдарё, Вахш ва Панҷ ҷойгир шудааст (расми 1., ҷадвали 3).

Расми 1. – Иқтидори гидроэнергетикии ҳавзаҳои дарёҳои Сирдарё, Вахш ва Панҷ



Захираи оби дарёҳои Тоҷикистон вобаста ба хусусияти танзим ва навъҳои истифодабарӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад. Хусусияти дигари нерӯгоҳҳои Тоҷикистон ғайр аз истеҳсоли нерӯи барқ барои пешгирии обхезӣ, обёрии заминҳои корам, бо оби

ошомидани таъмин намудани аҳолии шаҳру деҳот, моҳидорӣ ва рекреатсия низ истифода мегардад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. - Хусусияти нерӯгоҳҳо дар дарёҳои Тоҷикистон

Номи нерӯгоҳҳои барқи обӣ	**Ҷой гир-шавӣ**	**Манбаи об**	**Ҳаҷм, млн.км^3**		**Хусусияти танзим**	**Навъҳои истифодабарӣ**
			пурра	**муфид**		
Фарҳод	В.Суғд	д.Сирдарё	330	2	ҳар рӯз	обёрӣ, энергетика, рекреатсия, таъминоти об
Қайроққум	В.Суғд	д.Сирдарё	4160	2600	мавсимӣ	энергетика, обёрӣ, таъминоти об, моҳидорӣ, рекреатсия, пешгирии обхезӣ
Каттасой	В.Суғд	д.Каттасой	55	36,6	мавсимӣ	энергетика,обёрӣ, таъминоти об, моҳидорӣ, рекреатсия, пешгирии обхезӣ
Норак	В.Хатлон	д.Вахш	10500	4500	мавсимӣ	обёрӣ, энергетика, рекреатсия, таъминоти об
Сарбанд	В.Хатлон	д.Вахш	94,5	20,0	ҳар рӯз	обёрӣ, энергетика, рекреатсия, таъминоти об
Бойғозӣ	В.Хатлон	д.Вахш	125	87	мавсимӣ	обёрӣ, энергетика, рекреатсия, таъминоти об
Сангтуда-1	В.Хатлон, ноҳияи Данғара	д.Вахш	250	120	маъмурӣ	моҳидорӣ, обёрӣ, энергетика, таъминоти об
Сангтуда-2	В.Хатлон, ноҳияи Данғара	д.Вахш	75	5	маъмурӣ	моҳидорӣ, обёрӣ, энергетика, таъминоти об
Роғун	НТМ, шаҳр	д.Вахш	1330	860	бисёрсола	энергетика,обёрӣ, таъминоти об, моҳидорӣ, рекреатсия,

	и Роғун		0 0	0		пешгирии обхезӣ
Дашти ҷум	ВМКБ	д.Панҷ	1 7 6 0 0	1 0 2 0 0	бис ёрс ола	энергетика,обёрӣ, таъминоти об, моҳидорӣ
Ҷумар	ВМКБ	д.Панҷ	2 3 0 0	1 3 0 0	ҳар рӯз	энергетика
Рушон	ВМКБ	д.Панҷ	5 5 0 0	4 1 0 0	мав си мӣ	энергетика

Сарчашма: Стратегия развития водного Таджикистана. Душанбе, 2006.- С.40-90

Дар айни замон истеҳсоли солонаи энергияи барқ дар Тоҷикистон зиёда аз 19 млрд кВт/с ва иқтидори захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ба 527 млрд кВт/соат дар як сол баҳо дода мешавад, ки 5%-и захираи ҷаҳониро ташкил медиҳад[3]. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 ба хориҷи кишвар 3307 млн. кВт/с нерӯи барқ низ содирот карда шудааст.

Ҳамчунин, истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ба хусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди "энергияи сабз" ва рушди "иқтисоди сабз" ба ҳисоб меравад. Вобаста аз таҷрибаи бои давлатҳои абадқудрат ва иқдому ташаббусҳои ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ доир ба рушди манбаъҳои барқароршаванда ва аз лиҳозӣ экологӣ тозаи нерӯ ҳамчун зербинои "иқтисоди сабз" мебошад, зеро 98 фоизи нерӯи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан бо истифода аз нерӯи об истеҳсол гардидааст. Нерӯи барқ дар самти рушди соҳаҳои мухталифи саноат низ зарур аст, ки гузариш ба технологияҳои инноватсионӣ, хусусан бо таҷҳизоти каммасрафи барқӣ таъмин гардида, дар ин замина истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо истифода аз "энергияи сабз" васеъ ҷори карда мешавад. Мавҷудияти иқтидорҳои фаровони энергетика аз ҷумлаи омилҳои калидии рушди соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ) мебошад, вобаста ба ин захираҳо"Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия аз 23.11.2015с.,№1254, ки яке аз соҳаҳои истифодабарии самаранок ва афзалиятноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба миён меоянд, танзим намуда, асосҳои ташкили, ҳуқуқӣ ва иқтисодии сарфаҷӯи беш аз пеши энергия, ҳифзи муҳити зист, кам кардани таъсири номатлубро ба иқлим, сарфаю сариштаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияро ба наслҳои оянда муайян менамояд"[5].

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ зиёда аз 287 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидорӣ аз 5 то 4300 киловатт ба қайд гирифта шудааст, аз қабили: нерӯгоҳҳои барқи обии «Марзич» бо иқтидори 4300 кВт дар ноҳияи Айнӣ, «Сангикар» дар ноҳияи Рашт бо иқтидори 1000 кВт, «Питовкул-2» дар ноҳияи Лахш бо иқтидори 1100 кВт, «Кӯҳистон»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчо бо иқтидори 500 кВт сохта ба истифода дода шудааст. Мусалам аст, ки манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҷараёни нерӯи офтоб, бод, обҳои гарми зеризаминӣ ва биомассаҳо, ки ба сӯзишвории истихроҷӣ дохил намешаванд, тақрибан 10 %-и талаботи ҷумҳуриро ба энергия таъмин карда метавонанд (ҷадвали 3). Дар байни ҳамаи намудҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҳудуди кишвар самараноктар захираҳои об мебошад.

Ҷадвали 3.-Манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ)

Номгӯи нерӯгоҳҳои	**Шумораи агрегатҳои**	**Иқтидори нерӯгоҳҳои**

гуногуни барқӣ дар ҷумҳурӣ	**тавлидкунанда (адад)**	**барқӣ (кВт)**
нерӯгоҳи барқи офотобӣ	2433 (танзими насби офтобӣ)	8,87
нерӯгоҳи барқи бодӣ	9 (танзими насби бодӣ)	5,1
нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ	287	26565

Истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла нерӯи офтоб ва бод ба манфиат буда, дар ин самт асосноккунии 3 лоиҳа бо иқтидори умумии 260 мегаватт оғоз гардидааст, ки мувофиқи сарчашмаҳо дар панҷ соли оянда татбиқ карда мешавад[1]. Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли “энергияи сабз” шашум кишвари пешсафи сайёра ба ҳисоб меравад. Бо пурра ба кор даромадани нерӯгоҳи барқи обии Роғун, Тоҷикистон дар миқёси олам ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи “энергияи сабз” шомил мегардад.

Ҳамин тариқ, баҳри таъмини бемайлони аҳолӣ бо нерӯи арзону аз лиҳози экологӣ тозаи барқ, афзоиши иқтидорҳо ва ноил гардидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ бо иқтидориҳои истеҳсолӣ барои пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишвар заминаи мусоид фароҳам меовард.

АДАБИЁТ

1.Аз Паём то Паём (аз солҳои 2001-2021). Душанбе, 2021.-С.629-704.

2. Ғаффоров Ш. Захираҳои табиӣ ва вазъи истифодабарии онҳо. Душанбе, 2004.- С.81-120

3. Концепция по рациональному использованию и охране водных ресурсов в Республике Таджикистан. Душанбе, 2012-65с.//Постановления Правительства республики Таджикистан. №55 от 1 декабря 2001г.

4.Муҳаббатов Х. , Диловаров Р., Акобиров Ш. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он. Душанбе, 2019.-С.39-70

5.Программа реформы водного сектора Таджикистана на период 2016-2025 годы.- С.2.

Амонатова Маҳбуба Атоевна – кандидат географических наук, и.о., доцента кафедры мировой экономики и международных отношений Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, Республика Таджикистан. Тел.:(+992)985110984, E-mail: amonat_84@mail.ru.

Сафаров Усмон – ассистент кафедры мировой экономики и международных отношений Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, Республика Таджикистан. Тел.:(+992) 888845688.

Раҳмонов И.Қ.
Мирзоалиев А.А.

МУШКИЛОТҲОИ НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ МЕҲМОНХОНАҲО

Рахмонов И.К.
Мирзоалиев А.А.

ПРОБЛЕМЫ СИСТЕМЫ МЕДЖМЕНТ КАЧЕСТВА ГОСТИНИЧНЫХ УСЛУГ

Rakhmonov I.K.
Mirzoaliev A.A.

PROBLEMS OF THE SYSTEM QUALITY MANAGEMENT OF HOTEL SERVICES

Аннотатсия

Сатҳи шадиди рақобат дар бозори хизматрасонии меҳмонхонаҳо маҷмааҳоро водор менамояд, ки дар назди худ вазифагузорӣ намоянд то, ки сатҳу сифати хизматрасониҳоро мунтазам баланд бардошта, мушкилотҳои сифати хизматрасониҳои меҳмонхонавиро ҳалу фасл намоянд. Қадами аввал барои ноил шудан ба ин ҳадаф аз ҷониби маҷмааи меҳмонхонаҳо арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо мебошад. Ҳама усулҳои муосири арзёбӣ ва таҳлили сифати хизматрасонӣ ба намунаҳои рафтори истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳо асос ёфта, дар асоси ин маълумот модели сифат сохта мешавад.

Калидвожаҳо: ташкили раванди технологӣ, сифати хизматрасонии тайёр, менеҷменти сифат, хизматрасонии меҳмонхонаҳо, тиҷорат, салоҳияти кормандон, имиҷ, стратегияҳои маркетинги меҳмонхонавӣ баҳодиҳӣ, идоракунӣ ва ғ.

Аннотация

Острый уровень конкуренции на рынке гостиничных услуг заставляет ставить перед собой задачи постоянного повышения уровня и качества услуг и решения проблем качества гостиничных услуг. Первым шагом для достижения поставленной цели является оценка уровня качества обслуживания гостиничным комплексом. Все современные методы оценки и анализа качества услуг основаны на закономерностях поведения потребителей этих услуг, и на основе этой информации создается модель качества.

Ключевые слова: организация технологического процесса, качество готовой услуги, менеджмент качества, гостиничные услуги, бизнес, компетентность работников, имидж, маркетинговые стратегии гостиницы, оценка, управление и др.

Annotation

The acute level of competition in the hotel services market forces us to set ourselves the task of constantly improving the level and quality of services and solving problems of the quality of hotel services. The first step to achieve this goal is to assess the level of service quality by the hotel complex. All modern methods for assessing and analyzing the quality of services are based on the patterns of behavior of consumers of these services, and based on this information, a quality model is created.

Keywords: organization of the technological process, quality of the finished service, quality management, hotel services, business, employee competence, image, hotel marketing strategies, evaluation, management, etc.

Проблемаи сифати хизматрасонӣ дар маҷмааи меҳмонхона яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар шароити бозори имрӯза ба шумор меравад, зеро маҳз бо сабаби аз ҳад зиёд шудани инноватсияҳои гуногуни технологӣ ва шумораи зиёди хизматрасониҳои мушаххаси меҳмонхонаҳо сифати хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо ба мушкилотҳои гуногун дар ҷараёни хизматрасонӣ вохурдан мумкин аст. Яке аз афзалиётҳои қавитарини рақобатпазирӣ ва ҳалли ҳолатҳои мушкилотҳо дар маҷмааҳои меҳмонхонавӣ ин ҷорӣ намудани маделҳои муосири хизматрасонӣ

дар меҳмонхонаҳо мебошад. Сифати баланди хизматрасонии меҳмонхонаҳо самаранокии иқтисодии худи маҷмааи меҳмонхонаро зиёд менамояд.

Имрӯз дар шароити ҳамгироиҳо ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ дар назди комплексҳои мехмонхона вазифаи нав — ба даст овардани мавқеи устувор дар бозори байналхалқӣ ба миён омада аст. Ҳалли ин мушкилоти хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ аз он иборат аст, ки хизматрасонии меҳмонхонаҳои пешниҳодшаванда бо сифати баланде, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии тиҷорати меҳмонхонаҳо ва татбиқи стандартҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Яке аз муҳимтарин хусусиятхои хизматрасонии мехмонхонаҳо, пеш аз ҳама хусусияти фарқкунандаи хизматрасониҳои саноатӣ мебошад, ки дар раванди хизматрасонӣ васеъ истифода бурдани захираҳои инсониро тақассум менамояд (кадрҳои хизматрасонӣ) мебошад. Ҷалби кадрҳои соҳибтахассус ба раванди ташкили хизматрасонии меҳмонхонаҳо боиси гуногунрангии онҳо, сифатҳои тағйирёбанда ва мушкилии стандартизатсия мегардад, ки дар рушди соҳаи меҳмонхонаҳо мушкилии муҳим ба шумор меравад.

Бисёр мутахассисони соҳаи хизматрасонии меҳмонхонаҳо ба хулосае омаданд, ки дар маҷмааи меҳмонхонаҳо роҳҳои ҳалли мушкилоти марбут ба хизматрасонии меҳмонхонавиро (зуд ва фаврӣ) пайдо намоянд. Маҳз ҳамин омил ҳангоми интихоби меҳмонхона ва тарабхона аз ҷониби меҳмонон яке аз муҳимтарин омилҳост. Масалан, вақти пешниҳоди як қатор хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ, аз қабили брон кардан ва ба қайдгирифтан ҳатто бо сонияҳо ҳисоб карда мешавад. Олимони маъруф, монанди Кабушкин Н.И., Бондаренко Г.А. ба як вақт нагузаштани ҷараёнӣ хизматрасонӣ ва истифодаи хизматрасониҳои мехмонхонаҳо диққати махсус дода мешавад). Барои хизматрасоние, ки дар маҷмааи меҳмонхонавӣ пешниҳод карда мешавад, чунин қоидаи умумии хизматрасониҳо, монанди ҳамзамон, муттасилӣ дар ҷараёнҳои хизматрасонӣ ва истеъмол пурра татбиқ намешавад. Баъзе хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ ҳузури меҳмонро талаб намекунанд.

Яке аз шартҳои асосии кори бомуваффақияти маҷмааи меҳмонхонавӣ ин дар давоми рӯз иштироки доимии маъмур, дарбон ва дигар коркунон мебошад. Мутаассифона, маҳз ҳамин ҳолат самаранокии коркунони хизматрасониро хеле паст мекунад. Аммо, ин камбудӣ аз тарафи комплексҳои меҳмонхонаҳои хориҷӣ ва ватанӣ бо роҳи ба ҳам пайвастани вазифа, ташкили бригадавии меҳнат ва истифодаи фаъолонаи технологияи информатсионӣ бомуваффақият бартараф карда мешавад. Масалан, бо роҳи ҷорӣ намудани навъҳои гуногуни технологияҳои инноватсионӣ метавон шумораи ҳайати пешхизматҳо ва дарбононро то ҳадди ақал кам кард [2].

Мушкилоти муҳими саноати меҳмонхона, ин назорати сифати хизматрасонӣ мебошад. Хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо ғайримоддӣ аст, бинобар ин арзёбӣ ва таърифи «ҳолатӣ тавсияшаванда» дар воқеияти муосири рушди тиҷорат қариб ғайриимкон аст [3]. Аксар вақт назорати сифати хизматрасонӣ тавассути назорати рафтори кормандони маҷмааи меҳмонхона сурат мегирад.

Хизматрасонии асосии меҳмонхона ин пешниҳоди хизматрасонии ҷойгиршавӣ мебошад. Инчунин, муқаррарот муваззаф шудааст, ки на танҳо як ҳуҷра бо шароити муосир таъмин карда шавад, балки инчунин ташкили хӯроки меҳмонон бо сатҳу сифати баланд ва саривақт таъмин карда шавад. Камтарин чизе, ки маҷмааи меҳмонхона метавонад барои меҳмонони худ таъмин кунад, субҳона аст. Хӯрок дар меҳмонхона як хизматрасонии иловагӣ мебошад. Хизматрасонии хӯрокворӣ ва ҷойгиркунӣ ҳамдигарро пурра намуда, барои муддати тӯлонии меҳмонон дар маҷмааи меҳмонхона фазои мусоид фароҳам меорад. Комплементарӣ хусусияти тамоми хизматрасониҳои меҳмонхона аст, ҳар як хизматрасонӣ новобаста аз он ки пулакӣ аст ё не, ҳамдигарро пурра мекунад.

Мушкилоте, ки дар таъмини хизматрасонии босифати меҳмонхонаҳо ба миён меоянд, бо сабабҳои табиии доимӣ меҳмонхонаҳои гуногунро ба ташвиш овардааст. Руз аз руз дар мамлакат дараҷаи некуаҳволии табақаҳои миёна баланд мешавад, дараҷаи мадании тамоми аҳолӣ баланд мешавад, бинобар ин дар чунин шароит майлу хоҳиши истеъмолкунандагон ба гирифтани фақат хизматрасониҳои босифат ва ба дараҷаи талаботашон ҷавобгу комилан табиист. Сифати хизматрасонӣ яке аз воситаҳои асосии рақобатпазир шудани маҷмааҳои меҳмонхонавӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар шароити рақобати шадид ба сифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо аҳамияти калон дода мешавад, зеро фаъолияти самараноки маҷмааи меҳмонхона аз сифати хизматрасонии меҳмонхонавӣ вобастагии калон дорад.

Менеҷменти сифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо яке аз ҷузъҳои муҳимтарини тамоми механизми идоракунӣ буда, ба роҳҳои ташкили фаъолияти маҷмааи меҳмонхона дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Менеҷменти сифати хизматрасонӣ на танҳо мониторинги муносибатҳои байни ҳамаи иштирокчиёни раванди технологии пешниҳоди хизматрасонӣ, балки шаклу усулҳои таъсиррасониро ба раванди иҷрои хизматрасонии меҳмонхонаҳоро дар бар мегирад. Менеҷментӣ сифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо бояд ба таҳияи қарорҳои идоракунӣ барои банақшагирӣ, эҷод ва мониторинги минбаъдаи хизматрасонии баландсифат равона карда шавад.

Сифати хизматрасонӣ душвортарин раванди идоракунӣ ва назорат дар маҷмааи меҳмонхонавӣ аст. Мушкилот аксар вақт дар он аст, ки кормандони маҷмааи меҳмонхона стандартҳои муқарраршудаи сифатро ба таври худ қабул мекунанд, ки метавонанд аз андешаи меҳмонон дар бораи сифати хизматрасонии меҳмонхона комилан фарқ кунанд.

Сабаби ин мушкилот истифодаи усулҳои кӯҳнашудаи идоракунӣ мебошад. Мутаассифона, бисёре аз маҷмааҳои меҳмоннавозӣ консепсияҳои ях кардаи таҷрибаҳои идоракуниро, ки аксар вақт манбаи бесамарӣ мебошанд, дар раванди хизматрасонии меҳмонхонавӣ истифода менамоянд. Бо назардошти ин идеяҳо, кормандон тавре рафтор мекунанд, ки ризоияти роҳбариятро ба даст оранд. Чунин рафтори коркунон боиси фаъолиятӣ бесамарии тамоми маҷмааи меҳмонхонаю тарабхонаҳо мегардад. Роҳбарони маҷмааи меҳмонхона қариб ҳар рӯз бо ҳалли чунин мушкилотҳо, аз қабили хизматрасонии бесамар ва вайрон кардани равандӣ технологии хизматрасонии меҳмонхона дучор мешаванд. (нигаред ба расми 1)

Расми 1. Мушкилоти асосии менеҷменти сифат.(Сарчашма: аз тарафи муаллифон дар асоси маводҳо тартиб дода шудааст)



Консепсияҳои идоракунии сифати хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ моҳияти усулҳои мухталиферо, ки дар методологияи идоракунии сифат барои ҳалли масъалаҳои гуногуни сифати хизматрасон истифода мешаванд, инъикос мекунанд. Идоракунии сифат дар идоракунии маҷмааи муосири меҳмонхона ва тарабхонаҳо аҳамияти калон дорад.

Идоракунии сифат дар меҳмонхона ҳамеша бо хароҷоти муайян алоқаманд аст. Ин харочот асосан ба ислоҳи он камбудиҳое нигаронида шудаанд, ки дар рафти таҳлили системаи ҳозираи идоракунии сифат ошкор карда шудаанд. Аксар вақт чунин хароҷот аз инҳо иборатанд: талафи вақти кор ва захираҳои моддӣ. Аз ин рӯ, тафаккури консервативӣ, ки ба хизматрасонии устувор ва босифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо халал мерасонад, ба даромаднокии маҷмаа таъсири манфӣ мегузорад. (нигаред ба расми 2)

Идоракунии сифати хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ	Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми сифат
	Раванди идоракунии сифат
	Технологияи идоракунии сифат
	Принсипҳои идоракунии хизматрасонии меҳмонхонаҳо
	Функсияҳои идоракунии сифат
	Одам дар системаи идоракунии сифат
	Усулҳои идоракунии сифат
	Системаи идоракунии сифат
	Сохтори идоракунии сифат
	Муошират дар идоракунии сифат
	Техникаи идоракунии сифат

Расмӣ 2. Системаи идоракунии сифат дар маҷмааи меҳмонхонавӣ

Инчунин, маҷмааҳои меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо бо татбиқи чораҳои муҳофизатӣ барои бад нашудани эҳтимолии сифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо хароҷоти калон доранд. Дар маҷмаахое, ки стратегияи радикалӣ доранд, ин навъҳои хароҷот аз ҳама баландтарин хоҳанд буд, зеро маданияти хизматрасонӣ ҷустуҷӯи доимии хизматрасониҳои хушсифатро талаб мекунад. Маҳз рамзи пешгирӣ ба ҳамаи камбудиҳо диққати калон дода мешавад, сифати хизматрасонии меҳмонхона доимӣ буда, тамоми интизориҳои меҳмононро қонеъ мегардонад. Аксаран, тамоми чораҳои эҳтиётӣ хароҷоти меҳнатро барои ноил шудан ба фаҳмиши умумии стандартҳо дар коллектив, омӯзонидани кормандон ба усулҳои гуногуни мониторинги сифати хизматрасонӣ, инчунин вохӯриҳои доимӣ ва арзёбии самаранокии инфиродӣ ва коллективӣ дар тамоми маҷмааи меҳмонхонаҳо дар бар мегиранд.

Системаи идеалии идоракунии сифат дар расми 2 нишон дода шудааст.

Ин система аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки вай бар хилофи аксари системаҳои дигар омили инсониро дар тамоми система равшан нишон дода, дар айни замон ҷои тавсифҳои технологиро муайян мекунад.

- қонунҳои идоракунии сифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Яъне робитаҳои назаррас ва такроршаванда бо унсурҳои системаи идоракунии сифат, ки бехатарӣ ва якпорчагии ин системаро таъмин мекунанд;

- объекти идоракунии сифат дар ин система воҳидҳои сохторӣ дар меҳмонхонаҳо, ҳайати роҳбарони сатҳи миёна ва поёнӣ, инчунин шӯъбаҳои онҳо мебошанд;

- предмети менеҷменти сифат метавонад хизматрасонӣ ё маҷмӯи хизматрасоние ҳисобида шавад, ки дар меҳмонхонаҳо ба меҳмонон пешниҳод карда мешаванд;

- функсияҳо ва усулҳои идоракунии сифат шаклу усулҳои мушаххаси таъсири мақсаднокии мақомоти идоракунии сифат ба манфиатҳо ва шароити зиндагии кормандони маҷмааи меҳмонхона мебошанд;

- раванди идоракунии сифат маҷмӯи амалҳои муайяне мебошад, ки барои табдил додани унсурҳои воридотӣ ба система (кадр, технология, захираҳои моддӣ) ба унсурҳои баромад равона карда шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки мақсади менеҷменти сифат беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ ва устувории маҷмаа тавассути баланд бардоштани сифати хизматрасонии меҳмонхона ва ҷузъҳои он мебошад. Умуман, «рисолати» умумии менеҷменти сифатро дар маҷмааи меҳмонхона метавон ҳамчун ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар таъмини сифати хизматрасонӣ бо наза-

рдошти манфиатҳои кормандони маҷмаа ва манфиатҳои иқтисодии кормандони роҳбарикунанда тавсиф кард. Маҷмааи меҳмонхона ва тарабхона бо сармоягузорӣ ба идоракунии сифат метавонад хизматрасонии худро ба сатҳи нав бардорад, даромади худро афзоиш диҳад ва инчунин камбудиҳои хизматрасониро пешгирӣ кунад ва ба ин васила қаноатмандии меҳмононро афзоиш диҳад. Моҳияти раванди идоракунии сифат дар таҳияи доимии қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки сифати хизматрасонӣ аз он вобаста аст.

Адабиёт:

1. Бузни А.Н., Карлова А.И. Дар бораи модели муттаҳидшудаи рушди иқтисодӣ // Бюллетени илми иқтисодии Украина. 2013. № 1 (23). 29-30.

2. Кабушкин Н.И. Идоракунии меҳмонхона ва тарабхона. М.: ҶДММ Дониши нав, 2003. 221 с.

3. Миронова Т.Л., Карлова А.И. Моҳияти иқтисодии категорияҳои «инноватсия» ва «равандҳои инноватсионӣ» // Иқтисоди рушд. 2009. № 4-52. 43-45.

4. Мирзоалиев А.А. Раҳмонов И.Қ. Мушкилоти менеҷменти сифати хидматрасонӣ дар тиҷорати меҳмонхона, Паёми ДДТТ, №4, 2019. 0,25ҷ.ч.;

5.Мирзоалиев А.А., Раҳмонов И.Қ., Таъсири низоми идоракунии сифат ба фаъолияти меҳмонхонаҳо, Паёми ДДТТ, 2308054-Х, 2020 №1

6.Окрепилов В.В. Управление качеством. Издание второе Издательство: Наука, 2000 г. Твердый переплет, 912 стр.,

7. Шадрин А. Идоракунии сифат. Аз асосҳо то амалия. М.: НТК Трек, 2004. 359 с.

Раҳмонов И.Қ. – муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Мирзоалиев А.А. – мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Ҳусейнов Б.А.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Хусейнов Б.А.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ОРГАНИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА ТАДЖИКАНЕЦ И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНЕНИЯ

Khuseinov B.A.

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE ORGANIZATION OF THE NATIONAL TAJIKAN GOVERNMENT AND NATIONAL UNITY

Дар мақола асосан нақши пешвои миллат чун асогузори давлати соҳибистиқлол дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ нишон дода шудааст.
Калидвожаҳо: тоҷик, ориёӣ, истиқлол, дунявӣ, миллат, пешво, фарҳанг, мондагор ва ғайраҳо.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

В статья на основе научно исторические хронологии виявленно роль Основателя мира, национального единство и созидатель сувенерного и независимого государство в Республики Таджикистан.
Ключевые слова: таджик, арийц, независимость, светский, нация, вождь, культура, труженик и др.

The article, based on scientific and historical chronology, reveals the role of the Founder of the World, national unity and the creator of a souvenir and independent state in the Republic of Tajikistan.
Key words: Tajik, Aryan, independence, secular, nation, leader, culture, worker, etc.

Миллати тоҷик ҳамчун як узви мардуми ориёӣ, яке аз халқҳои қадимтарини ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ халқи тоҷик таърихи бисёрҳазорсоларо дорост, ки он аз саҳифаҳои дар таърих дурахшони қаҳрамонию мардонагии фарзандони равшанфикраш дар қатори 25 чеҳраҳои мондагор фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90 – уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё намудани давлати миллии худ шурӯъ намуд. Истиқлолият дар таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик воқеаи хеле бузурги таърихӣ аст. Мутаассифона, Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои Истиқлолият дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории навини худ, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар бо мушкилоту монеаҳои вазнин рӯ ба рӯ гардид. Танҳо бо кӯшиш ва талоши халқи тоҷик ин мушкилиҳо бартараф ва роҳ ба сӯи фардои дурахшон оғоз гардид. Гузаштаи таърихии тоҷик борҳо нишон додааст, ки халқи тоҷикро хатари парокандашавию нести дар пайраҳаҳои зиндагӣ доим домангир буданд. Барои исботи ин таърих гувоҳ аст, ки ҳуҷуми душманони аҷнабӣ ба ин сарзамин ба монандӣ: юриши юнону мақдуниҳо (а. IV п.м.), арабҳо (а. VII – VIII п.м), қабилаҳои туркнажоди қарахонӣ, ғазнавӣ, салҷуқӣ (а. X – XII), муғулҳо (а. XIII), ва аштархонӣ (а. XVI – XVIII), манғитҳо (а. XVIII – ибтидои асри XX), ҳамзамон мустамликадории Россияи подшоҳӣ (нимаи дуюми асри XIX – то ибтидои асри XX) – ро пеши назар оварда. Аммо дар ҳамаи ин марҳилаҳои ҳассосу ҷонгудоз миллати мо, бо хираду баланду хислати созандаи хеш ва бо фарзандони далеру шуҷоъи худ тавонистаанд аз худу ҳувияти миллии худ дифоъ намоянд. Таврe, ки кишваршиноси рус Н.Г.Павлов дар китоби «История Туркестана» менависад: «Мо акнун шоҳиди эҳёи ин миллати ҷонсахт, боистеъдод, яъне тоҷик ҳастем. Аз рӯи ақлу дониш бояд гуфт, ки тоҷикон то кунун халқи аз ҳама азияткашидаанд: миллатҳои хело кам мисли тоҷикон ба ин зарбаҳои сахт дучор омадаанд, аммо қадре вақт кифоя буд, ки онҳо боз ҷон бигиранд». Дар ин росто зикри номи як зумра симоҳои барҷастаи равшанфикрони халқи тоҷик, ки барои давлату давлатдори ва нигоҳдории забони тоҷик мубориза бурдаанд аз қабили Куруши Кабир, Спитамен, Ардашери Бобакон, Анушервони Одил, Абӯмуслим, Яъқуби Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ, С.Айнӣ, Ҷ. Зокиров, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Бобоҷон Ғафуров, аз солҳои 90- ум Эмомалӣ Раҳмон ва дигарон ба мавриди аст.

Тоҷикистони мо дар остонаи солҳои 90-ум истиқлолияти нави хешро ба даст овард. Нуҳуми сентябри соли 1991 аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид, ки аз пайдоиши давлати нави соҳибихтиёр дар арсаи ҷаҳонӣ дар саҳифаи нави таърих гувоҳӣ дод. Барои ҳамин ҳам, сарфи назар аз вазъи мураккаби дохилии кишвар, бо кӯшиш ва ҷаҳду талошҳои пайвастаи Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон манфиатҳои миллии худ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷиашро пурра муайян намуд.

Барои ҳифзи миллат аз хатари парокандашавӣ ва бо мақсади аз байн бурдани ҳар гуна зуҳуроти номатлуб дар дохили кишвар, аз қабили маҳалгароӣ ва бегонапарастӣ, ки омилҳои бевоситаи заифкунандаи пояҳои Истиқлолияти давлатӣ мебошанд, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳалли масъалаҳои зеринро ҳамчун омил ва заминаҳои пойдор намудани давлати соҳибистиқлол таъкид кардаанд: «якум, муттаҳидшавии миллат, пойдор намудани ягонагӣ, тамомияти арзӣ ва таҳкими иқтидори давлати миллии соҳибистиқлол, сулҳпарвар, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократӣ; дуюм дар заминаи ваҳдати миллат, муҳаббат ба Ватан, забон, илму адабиёту фарҳанг ва тафаккури миллӣ бедор намудани ҳисси худшиносию ифтихори миллӣ; сеюм, таҳти парчами Ватан ва ғояҳои ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон сарҷамъ омадани ҳамаи ҳизбу созмонҳо ва ташкилотҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, дар доираи қонун бо роҳи мусолиҳа ва гуфтушунид ҳал намудани ҳамаи ихтилофоти бамиёномада; чорум, ҳифз намудани бойигариҳои моддӣ ва маънавии миллат, бузургдошт ва қадршиносии ашхосе, ки дар ҷодаи ваҳдати миллат, худшиносию ифтихори миллӣ, муттаҳидии мардуми Тоҷикистон хизматҳои арзанда кардаанд»

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сатҳи худшиносӣ, асолати ватандорӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандонро хеле боло бурда раиятро оиди масъалаи мазкур ҳушдор намуд.

Аз ибтидо дар суханронию фаъолияти фарзанди фарзонаи тоҷик маълум буд, ки ин шахс инсони меҳанпарасте, ки сухану корашон якест.

Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои нахустин бо суҳбатҳою мулоқотҳояш бо мардум онҳоро аз дилшикастагию озурдахотирӣ яъне аз торикию зулмот ба нуру равшанӣ, созандагӣ ҳидоят менамуд. Мулоқотҳои Сарвари давлат дар он солҳо як умеде ё як шуълае аз ояндаи нек дар замири мардум ба вуҷуд меовард.

Таваҷҷуҳ намоед, ки дар он солҳои пурдаҳшат, кӣ аз нангу номуси миллат ҳарф мезад, кӣ ёди ҳазор сол баъдро мекард ва билохира, ки ояндаи ҳазор сол баъди давлати тоҷиконро мекард? Албатта касеро аз роҳбарони он вақта ёфтан душвор аст, ки дар чунин фикрҳо бошанд.

Ҳамзамон дар аввалин муроҷиатномаи худ Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми кишвар гуфта буд, ки «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона хизмат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷоннисорӣ мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам боварӣ дорам». Аввалин вохӯриашон дар шаҳри Душанбе дар кули комсамол бо ҷавонони кишвар шуд, ки чунин гуфтанд; ” Ман такя ба ҷавонон дорам ва ба онҳо чун қувваи пешбарандаи ҷомеа, ояндаи ҷомеа ҷавонон мебошанд бовари дорам”

Аз ин гуфтаҳо ба таври возеҳу равшан бармеояд, ки ӯ аз рӯзҳои аввал ба хуби ин масъулиятро яъне масъулияти роҳбариро хуб дарк намуда, хизмат барои миллату давлатро қарзи виҷдонии худ мешумориданд. Дар ин радиф файласуфи Чини қадим Конфутсий дуруст мефармояд, ки «Некон ба ҳукми виҷдон анҷоми вазифа мекунанд ва бадон ба хотири рутба ва мақом».

Аз он рӯзгор инак 30 сол сипарӣ шуд. Таҷрибаи солҳои минбаъда нишон дод, ки ин марди шариф бо талошҳои созандаи хеш тавонист ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро бо Ваҳдати миллӣ мубаддал созад. 27 июни соли 1997 баъди талошҳои ҳадафмандонаи Пешвои миллат мо ба шароити сулҳу ваҳдат расидем. Ҳар фарди соҳибхирад имрӯз хуб дарк мекунад, ки Тоҷикистони мо таи ин муддат бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар тараққиёти ҳама соҳаҳо муваффақ гаштааст. Аввалан, нурафшонии хуршеди оромиву осоиш ва баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ба Ватан ва парвози кабутари сулҳу ваҳдат дар фазои хонадони ҳар як сокини кишвар хизмати арзандае ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқони илми таъриху ҷомеашиносӣ ба ин назаранд, ки таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар бузургтарин ва бебаҳотарин хизмати Эмомалӣ Раҳмон мебо-

шад. Таъмини ваҳдату оромӣ дар мамлакат тақдири ояндаи давлатдории тоҷиконро мустаҳкам намуд. Агарчанде дар роҳи ба даст овардани он мушкилиҳои зиёде пеш омада буданд, аммо ин марди бузурги таърих тавонист чун сиёсатмадори хирадманду фурӯтан онро бо як усули беназир ба даст орад. Ин ҳодисаи таърихӣ ва симои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори аслии сулҳ дар Тоҷикистон аз ҷониби бисёр сиёсатмадорону коршиносони байналмилалӣ баҳои арзандаю мувофиқ гирифтаанд. Тавре, ки Президенти Федератсияи Россия В.В.Путин мегӯяд: «Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони ИДМ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки мислаш дар ҳеҷ мамлакате, ки чунин вазъияти мутташаниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чӣ оиди ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамлакатҳои дигар». Дар ҳамин радиф собиқ раиси Ҷумҳурии Халқии Чин Сзян Сзэмин чунин мегӯяд: «Мардуми Тоҷикистон бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳазораи сеюм бо боварӣ қадам мезананд. Ба ҳама маълум аст, ки саҳми Сарвари давлати Тоҷикистон баҳри ҳаракати мустаҳкамкунии робитаҳои дӯстии халқҳои Осиё назаррас аст. Мо ҳама ҷонибдори сулҳ ва якдигарфаҳмию тараққиёти ояндаи Тоҷикистонем».

Боиси ифтихору сарфарозист, ки имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби бузурги сулҳпарварӣ ва барои ҳалли низоъҳои дохилию байни давлати эътироф намуда, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор медиҳанд. Дар замони муосир ҷомеае метавонад пояҳои давлатдории хешро қавӣ созад, ки сатҳи дониш ва ҳисси худогоҳию ватанпарварӣ, худшиносии миллиаш баланд бошад. Табиист, ки омили асосии баланд бардоштани худшиносии миллӣ мактаб буда, он аз сатҳи донишу ҷаҳонбинии мардуми кишвар вобаста аст. Бо дарки ин нукта муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми солҳои роҳбарии худ диққати аввалиндараҷаро ба соҳаи маориф дода онро соҳаи афзалиятноки давлату ҳукумат эълон намуда, пайваста барои рушди соҳа ғамхориҳо зоҳир менамоянд.

Хулоса гуфтаҳои боло шабоҳат медиҳанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона шахсияте мебошанд, ки баъди асосгузори аввалин давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ дар таърих ҳамчун сарвари раиятпарвар ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон баъд аз эҳё намудани давлати бузурги тоҷикон баъди солҳои 90 -ум, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуда, дар мувофиқасозии санадҳои байналмилалие, ки сарчашмаи ҳамкориҳои Тоҷикистон гаштаанд, саҳми беандоза гузоштанд ва дар таҳким ва рушди чунин ҳамкориҳо то имрӯз бо 179 давлати ҷаҳон ҷаҳду талош намуданд.

АДАБИЁТ:

1.Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 1 – Душанбе, 2002

2. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2 – Душанбе, 2002

3. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ, Душанбе, 2006

4. Раҳмонов Э. Ш Давлатдории тоҷикон: аз Сомониён то оғози асри 21(Суханронӣ бахшида ба иди Истиқлолва 1100солагии Давлати Сомониён – 8 сентябри соли 1999) – Душанбе, 1999

5. Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе - 201

6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1,2. Душанбе – 2008.

7.Набиев В. Ваҳдат пояи миллат. Хуҷанд – 2020

Ҳусейнов Бойалӣ Алиевич, мудири шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДДТТ, аъзои корвони сулҳу ваҳдати Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 234-83-46. +992(37) 234-85-46. Email: mail@ddtt.tj

Мирзоалиев А.А.
Абдуллоев З.А.

ТАШАККУЛЁБИИ НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ СИФАТ

Мирзоалиев А.А.
Абдуллоев З.А.

ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ МЕНЕДЖМЕНТА КАЧЕСТВА

Mirzoaliev A.A.
Abdulloev Z.A.

FORMATION OF A QUALITY MANAGEMENT SYSTEM

Муҳтавои мақолаи мазкур дар асосҳои ташаккулёбӣ ва марҳилаҳои рушди низоми менеҷменти сифат дарҷ гардидааст. Дар мақола саҳми коршиносони низоми менеҷменти сифат нишон дода шудааст.
Вожаҳои калидӣ: менеҷмент, менеҷменти сифат, идоракунӣ, марҳилаҳо, коршиносон, стратегия, низом, сифатнокӣ.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Содержание данной статьи включено в основы формирования и этапы развития системы менеджмента качества. В статье показан вклад специалистов системы менеджмента качества.
Ключевые слова: менеджмент, менеджмент качеством, управление, этапы, эксперты, стратегия, система, качество.

The content of this article is included in the foundations of the formation and stages of development of the quality management system. The article shows the contribution of specialists of the quality management system.
Key words: management, quality management, management, stages, experts, strategy, system, quality.

Таваҷҷӯҳ ба идоракунии сифат ҳангоми ташаккули истеҳсолоти оммавии саноатӣ ба миён омад. Аз охири асри 19 то замони мо идоракунии сифат якчанд марҳиларо тай кардааст, ки бо таҳияи технологияҳои муайяни истеҳсолӣ алоқаманд аст. Ин марҳилаҳо ҳудуди дақиқи муайяне надоранд.

Дар марҳилаи аввал, идоракунии сифат бештар ба назорати параметрҳо ва хусусиятҳои маҳсулот таваҷҷӯҳ зоҳир кард. Ин марҳила ба охири асри 19, аввали асри 20 рост меояд. Он бо таваҷҷӯҳи зиёд ба маҳсулот ва муайян кардани мушкилоти маҳсулот тавсиф карда мешавад. Дар ин давра, дар корхонаҳо хидматҳои калони назорати сифат рушд карданд, ки бо тафтиши ҳар як маҳсулот машғуланд. Назорат одатан дар охири давраи истеҳсолот амалӣ карда мешавад ва иштироки нозирони махсуси омӯзиширо талаб мекунад.

Марҳилаи дуввум тақрибан ба солҳои 20-50-уми асри 20 дахл дорад. Ин марҳила "марҳилаи назорати раванд" ё "идоракунии раванд" номида мешавад. Идоракунии сифат диққатро аз маҳсулот ба равандҳои истеҳсолот мегузаронад. Ин гузариш тавассути таҳияи усулҳои назорати равандҳои оморӣ ва ҷадвалҳои назоратӣ имконпазир гардид. Дар натиҷа, имкон дошт, ки хароҷоти санҷиш хеле кам карда шуда, сифати маҳсулот беҳтар карда шавад.

Марҳилаи сеюми рушди он, идоракунии сифат дар давраи аз солҳои 50-ум то аввали солҳои 80-ум сурат гирифт. Ба андозаи зиёд, гузариш ба туфайли кӯшишҳое, ки ширкатҳои Ҷопон барои зиёд кардани рақобат барои маҳсулоти худ анҷом додаанд, вобаста аст. Ин марҳиларо метавон "марҳилаи беҳтар кардани сифат" ё "кафолати сифат" номид. Дар ин давра, менеҷменти сифат ба такмили зерсистемаҳои корхона дар маҷмӯъ - равандҳои истеҳсолӣ, равандҳои идоракунӣ, равандҳои таъминот, идоракунии кадрҳо, харид, фурӯш, фурӯши маҳсулот ва ғайра диққати махсус медиҳад.

Марҳилаи чорум тақрибан дар охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум шакл гирифт. Дар ин давра рақобат байни истеҳсолкунандагон ба таври назаррас афзоиш меёбад. Менеҷменти сифат диққати бештарро ба банақшагирии сифат оғоз намуд, аз ин рӯ, ин марҳиларо «марҳилаи банақшагирии сифат» номидан мумкин аст.

Таҷрибаи ташаккул ва рушди менеҷменти сифат бо номҳои бисёр олимон, коршиносон ва муҳандисон, ки дар ҳалли масъалаҳои сифат саҳми калон гузоштаанд, зич алоқаманд аст.

Корҳои як қатори онҳо барои гузариш ба идоракунии сифат ва марҳилаи ояндаи рушди он ба ҳайси "катализаторҳо" буданд. Аз ҷумла (расми 1.):

Олимон ва коршиносон	**Саҳми онҳо дар ташккули менеҷменти сифат**
Walter Shewhart (Уолтер Шухарт)	бо таҳияи усулҳои омории назорати раванд машғул буд. Истифодаи диаграммаҳои назоратӣ дар истеҳсолот (Диаграммаҳои назорати Shewhart) бо номи ӯ алоқаманд аст. Инчунин, кори Шухарт ҳамчун заминаи эҷоди як давраи беҳбуди сифат, ки бо номи PDCA (Plan - Do - Check - Act) маъруф аст, хизмат кардааст.
Joseph Juran (Ҷозеф Ҷуран)	бо таҳияи "сегонаи сифат" маъруф аст. Сегонаи сифат сикли банақшагирии сифат, назорати сифат ва баланд бардоштани сифатро дар бар мегирад. Инчунин, Juran таҳиягари консепсияи CWQM (Company - Wide Quality Management) - идоракунии корпоративии сифат мебошад.
Edwards Deming (Эдвардс Деминг)	асосгузор ва таҳиягари мафҳуми умумии идоракунии сифат (Total Quality Management) ҳисобида мешавад. Вай дар таҳияи усулҳои омории назорати раванд саҳми калон гузоштааст. Вай инчунин бо таҳияи усули муназзам ба баланд бардоштани сифат маъруф аст, ки тавонист онро дар шакли содда ва фаҳмо пешкаш кунад - дар шакли даври такмилёфтаи PDCA (давраи Шухарт-Деминг).
Armand Feigenbum (Арманд Фейген-баум)	принсипҳои назорати умумии сифатро таҳия кардааст. Вай муассис ва раиси академияи байналмилалии сифат буд.
Kaoru Ishikawa (Каори Исикава)	таҳиягари бисёр асбобҳои сифатӣ мебошад. Машҳуртарини онҳо диаграммаи сабабҳо ё диаграммаи Ишикава мебошад. Ӯ принсипҳои асосии системаи корпоративии назорати сифатро таҳия намуда, пешниҳод намуд, ки «доираи сифат» барои тавсифи марҳилаҳои мавҷудияти маҳсулот истифода бурда шавад.
Genichi Taguchi (Геничи Тагучи)	бо таҳияи усулҳои оморӣ ва истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ машғул буд (ба истилоҳ "усулҳои Тагучи"). Ҳоло ин усулҳо асоси консепсияи 6-сигма мебошанд. Инчунин Ӯ таҳиягари методологияи банақшагирии таҷрибаҳои саноатӣ мебошад. Вай консепсияи баланд бардоштани сифат ва кам кардани хароҷотро пешниҳод кард. Ин мафҳум ба консепсияи "функсияи аз даст додани сифат" асос ёфтааст.
Shigeo Shingo (Шигео Шинго)	яке аз таҳиягарони системаи машҳури банақшагирӣ ва истеҳсолии Ҷопон Just-in-Time (дар вақташ) мебошад. Вай инчунин бо эҷоди усули SMED (мубодилаи дақиқаи марг) ва системаи Poka-Yoke (исботи хато), ки ҳоло як қисми системаи лоғар мебошанд, машҳур аст.
Philip Crosby (Филип Кросби)	таҳиягари барномаи маъруфи сифрии камбудиҳо аст. Вай дар таҳияи усулҳои баланд бардоштани сифат саҳми калон гузоштааст, ки пояҳои он дар шакли 14 марҳилаи беҳтар намудани сифат таҳия шудааст.

Расми 1. Нуқтаҳои назар оид ба низоми менеҷменти сифат (таҳияи муаллифон).

Дар марҳилаи муосири рушд, менеҷменти сифат заминаи калони назариявӣ дорад, ки унсурҳои бисёр илмҳоро дар бар мегирад. Аммо, аз ибтидои таъсисёбӣ то имрӯз, идоракунии сифат як илми амалӣ боқӣ мондааст. Вазифаи асосии он банақшагирӣ, эҷод ва таъмин намудани натиҷаи баландсифат (маҳсулот, системаи идоракунӣ, равандҳо, инфрасохтор, зист ва ғайра) мебошад. Ҳалли ин масъала тавассути эҷоди системаҳои замимавӣ, ки дар ширкатҳои мухталиф татбиқ ва фаъолият мекунанд, таъмин карда мешавад.

Низомҳои машҳуртарин ва маъмултарин, ки имрӯз менеҷменти сифат дар бар мегирад, инҳоянд:

ISO 9000 системаи менеҷменти сифат мебошад, ки ба стандартҳои байналмилалии силсилаи ISO 9000 асос ёфтааст, ки ин яке аз системаҳои маъмултарин ва расмӣ мебошад. Он ба танзими қатъии фаъолият, ҳамкории возеҳи кормандон ва такмили доимии ҳам зерсистемаҳои инфиродӣ ва ҳам дар маҷмӯъ ташкилот равона карда шудааст.

TQM (Total quality management) – он ҳам система ва ҳам фалсафаи идоракунӣ мебошад. TQM маъмултарин ва паҳншудатарин дар Ҷопон аст, ки он ҷо таҳия шудааст. TQM ба консепсияҳои Деминг, Ҷуран, Кросби ва дигарон асос ёфтааст.Принсипи асосие, ки дар он системаи менеҷмент сохта шудааст, принсипи такмил додани ҳама чизест, ки дар ширкат беҳтар карда мешавад. Талаботи қатъии расмӣ вуҷуд надоранд (масалан, тавре ки дар ISO 9000), ки мувофиқи он система бояд сохта шавад.

Ҷоизаҳои сифат - Инҳоро ҳамчун як варианти дигари системаи сифат метавон баррасӣ кард. Кишварҳои мухталиф ҷоизаҳои сифатии худро доранд, масалан, ҷоизаи Деминг, ҷоизаи Болдридж, EFQM (Бунёди Аврупоии Менеҷменти Сифат). Бо мукофотҳо танҳо беҳтарин ташкилотҳое, ки ба меъёрҳои муқарраршудаи мукофот сарфарозанд, қадр карда мешаванд. Маҷмӯи ин меъёрҳо ба қадри кофӣ васеъ аст, ки барои қонеъ кардани ин меъёрҳо, ташкилот бояд усулҳои гуногуни идоракунии сифатро истифода барад.

6 сигма (6 sigma) – методологияи баланд бардоштани сифати равандҳои ташкилот. Он ба ошкор ва бартараф кардани сабабҳои ихтилофот ва нуқсонҳои гуногун равона шудааст. 6 Sigma маҷмӯи воситаҳо ва стратегияҳои сифатӣ мебошад. Он дар ибтидо аз ҷониби Motorola таҳия ва истифода шудааст ва аз охири солҳои 80-уми асри 20 шӯҳрат пайдо кардааст. Методологияи 6 Sigma бар асари Тагучи асос ёфтааст.

Истеҳсоли боэҳтиёт (камсарф) (Lean manufacturing, lean production) маҷмӯи амалияҳои истеҳсолӣ мебошад, ки истифодаи он ба шумо имкон медиҳад, ки хароҷотро кам ва сифати маҳсулоти ниҳоиро беҳтар созед. Консепсияи истеҳсоли боэҳтиёт ба он принсип асос ёфтааст, ки хароҷоти захираҳои ҳама гуна ташкилот бояд танҳо барои эҷоди арзиш барои истифодабарандаи охирин равона карда шавад. Мутаносибан, ҳар гуна истеъмоли захираҳое, ки арзиши изофа намедиҳанд, бояд кам карда шаванд. Барои ин маҷмӯи усулҳо, усулҳо ва воситаҳои гуногуни идоракунии сифат истифода мешаванд. Консепсияи мазкур пас аз нашри маълумот дар бораи системаи истеҳсоли Toyota дар аввали солҳои 90-уми асри 20 шӯҳрат пайдо кард ва паҳн шуд. Ин мафҳум бар асари Шигео Шинго асос ёфтааст.

Кайзен- фалсафа ва маҷмӯи амалияҳое, ки ба такмили доимии равандҳои ташкилот нигаронида шудаанд. Ин истилоҳи Ҷопон барои саъй кардан ба беҳтарин аст. Кайзен ҳамчун усули систематикӣ барои баланд бардоштани самарабахшӣ аз ибтидои солҳои 50 шакл гирифтааст ва яке аз усулҳои асосии системаи TQM мебошад. Моҳияти ин равиш иборат аз он аст, ки такмилдиҳии хурд ва хурд, вале онҳоро доимо (ҳаррӯза) кунед. Дар натиҷа, бо мурури замон, шумораи зиёди беҳбудиҳои хурд ба беҳбудиҳои калон оварда мерасонад. Аз ин ҷиҳат Кайзен қонуни маълуми диалектикаи гузариш аз миқдор ба сифатро ифода мекунад.

Таҷрибаҳои беҳтарин - ин маҷмӯи воситаҳо ва усулҳоест, ки ба шумо имкон медиҳанд, ки натиҷаи сифат ба даст ored. Натиҷаҳои сифат натиҷаҳои беҳтарин ширкатҳои соҳа мебошанд. Паҳн намудани таҷрибаи пешқадам дар ибтидои солҳои 90-уми асри 20 оғоз ёфт. Чун қоида, онҳо дар шакли маҷмӯаҳо ё стандартҳо ташаккул меёбанд. Ин стандартҳо талаботро барои истифодаи баъзе усулҳо, аз ҷумла усулҳои идоракунии сифат дар бар мегиранд.

Ин рӯйхати пурраи техника ва системаҳое мебошад, ки дар идоракунии сифат таҳия ва татбиқ карда мешаванд. Дар айни замон мафҳумҳо ва усулҳои нави идоракунии сифат ташаккул меёбанд. Ва худи мафҳуми «сифат» торафт бештар гуногунҷабҳа шуда истодааст.

АДАБИЁТ

1. Менеджмент качества: учебник / В. В. Окрепилов. – СПб. : Изд-во Политехн. ун-та, 2013. – 650 стр.

2. Мирзоалиев А.А.. ва диг. Масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - 2022. - № 3 (92). - С. 40-52.

3. Мирзоалиев А.А. Раҳмонов И.Қ. Мушкилоти менеҷменти сифати хидматрасонӣ дар тиҷорати меҳмонхона, Паёми ДДТТ, №4, 2019. 0,25ҷ.ч.;

4. Мирзоалиев А.А., Раҳмонов И.Қ., Таъсири низоми идоракунии сифат ба фаъолияти меҳмонхонаҳо, Паёми ДДТТ, 2308054-Х, 2020 №1

5. Окрепилов В.В. Управление качеством. Издание второе Издательство: Наука, 2000 г. Твердый переплет, 912 стр.,

6. Пяршина Т. Б. Влияние внедрения системы менеджмента качества (СМК) на финансовую деятельность предприятия / Пяршина Т. Б. // Новый университет. — 2013. — № 10. — с. 97–99.

7. Салимова Т. А. Управление качеством. Учебник для магистров. — М.: Омега-Л. — 2014 г. — 376 с.

Мирзоалиев А.А. -мудири кафедраи менеҷменти ДДТТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 234-83-46. +992(37) 234-85-46. Email: mail@ddtt.tj

Абдуллоев З.А. – муаллими калони кафедраи менеҷменти ДДТТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 234-83-46. +992(37) 234-85-46. Email: mail@ddtt.tj

Абдулазизова З.С

ЛЮБОВЬ И ВЕРНОСТЬ В ЛИРИКЕ ВЫДАЮЩЕЙСЯ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭТЕССЫ МАКНУНЫ (ПЕРВАЯ ПОЛОВИНА XIX ВЕКА)

Abdulazizova Z.S.

LOVE AND LOYALTY IN THE LYRICS OF THE OUTSTANDING TAJIK POETESS Maknuna (FIRST HALF OF THE 19TH CENTURY)

Мохлари Макнуна (1791-1842) является одной из ярких представительниц таджикской литературы первой половины XIX века. Академик А. Мирзоев считает, что за пятьсот последних лет по масштабу творчества и по художественному мастерству не было в Мавераннахре такой поэтессы, как Макнуна [5, 219].

Литература этого периода имеет свои содержательные и художественные особенности. В этих веках жили и творили талантливые двуязычные поэты и писатели.

Литературная жизнь Кокандского ханства до сих пор остается почти неизученной, хотя сюда входит творчество таких известных двуязычных поэтов, как Султанхан Адо (ум. в 1834 г.), Фано Истаравшани (ум. в 1845 г.), Ма'дан Пангази (1761-1846), Назил Худжанди (1790-1876), Мохлари Макнуна и др. Среди них особый интерес вызывает жизнь и творческое наследие поэтессы Мохлари Макнуны, подписывавшейся псевдонимами Макнуна в произведениях на таджикском языке, Надира и Камила - в произведениях на узбекском языке. Ее творчество неразрывно связано с социально-политической жизнью и литературной средой Кокандского ханства первой половины XIX века.

Таджикский диван Макнуны состоит из 333 газелей, которые в целом составляют более чем 2400 бейтов.

Настоящее имя поэтессы - Мохлар. Родилась она в 1791 г. в городе Андижане в семье наместника Рахмонкулби [6, 204б – 206б].

Мохлар получила хорошее образование и с детства проявляла большой интерес к поэзии. С матерью она часто посещала ханский гарем, где виделась с Умарханом - братом правителя Кокандского ханства. Молодой Умархан влюбился в красивую и умную девушку.

В диване Макнуны имеет место одна газель, где явно видно, что девушка тоже влюблена и мечтает о встрече с возлюбленным. Начальный бейт газели звучит так:

Ай хаёли қоматат сарви гуландоми дилам,
Фикри рўят субҳу ёди кокулат шоми дилам [3, 113, а].

О, мечта о твоем стане – кипарис, цветущий моей души,
Мысли о лике твоем – мой рассвет, а о кудрях – сумрак для души[8].

В газели Макнуны в первом бейте стан возлюбленного уподобляется «грациозному кипарису» («сарви гуландом»), лик - «заре» («субҳ»), а кудри его - «ночи» («шаб»).

В 1806 году они поженились [6, 418а – 420а]. Молодожены были связаны не только семейными узами, но и любовью к поэзии. Умархан сам был великолепным поэтом, писал стихи под псевдонимом Амири. Макнуне он был не только любимым мужем, но и учителем стихосложения.

В 1809 году в междоусобных феодальных боях погибает брат Умархана - Алимхан. Умархан становится правителем Коканда и с семьей переезжает в столицу ханства - город Коканд. Но семейное счастье Макнуны длилось недолго. В 1809 году Умархан женился во второй раз [6, 540а], вскоре в третий и четвертый.

Неверность мужа угнетала сердце Макнуны. Несмотря на это, она оставалась верной супругу и всю боль ревности, душевные страдания высказывала в своих газелях. Вот отрывок из одной газели данной тематики:

Рост гўям, рўз то шаб бе ту месўзам зи ҳачр,
Ҳосили бедориям доғ асту хобам оташ аст [4,41а].

[8] Перевод этой и других газелей сделан Абдулазизовой З.С.

Сказать правду - с утра до ночи разлука с тобой жжет меня,
Результат бессонницы - печаль, а сна — пламя.

Любовная лирика поэтессы – это огромный глубокий и чистый океан чувств. Это не только интимные взаимоотношения между влюбленными, но и чистота взаимоотношений, душевность, правдивость, преданность, смиренность. Макнуна считает, что жена должна быть скромной, безропотной, безобидной, а самое главное – верной:

Вафо – шукуфтагули муҳаббат аст,
Ба ҳар тариқ ту, Макнуна, дар вафо мебош [3, 89 б].

Верность – цветущий цветок любви,
Следовательно, Макнуна, будь верной.

Частые военные походы и привязанность к вину, расшатали здоровье Умархана, и после семнадцатидневной сильной болезни он в 1822 году безвременно скончался. Горю Макнуны не было границ. Ее стихотворения, относящиеся к этому периоду жизни, наполнены жгучей печалью и неизбывным горем:

Шӯхи шаҳрошӯби ман ҷо кард дар зери замин,
Мавҷи ашкам аз замин то осмонам меравад [3, 78[а]].

Мой веселый возмутитель града в могилу лег на покой,
Волны слез моих с земли до неба поднимаются.

В данной газели Макнуны «веселый возмутитель града» это – Умархан. Волею небес он отправляется на вечный покой. Макнуна рыдает, льёт слезы, но в ее газелях нет ни одного намека на то, что он изменял ей. Это свидетельство верности и покорности всему супругу.

Макнуна принимала деятельное участие в культурной жизни государства как покровительница искусств, оказывала содействие развитию науки и литературы, участвовала в строительстве зданий медресе, библиотек, караван-сараев, бань, торговых рядов.

12 мая 1842 года эмир Бухары Насруллахан пошел походом на Коканд под предлогом «защиты чистоты религии ислама» учинил там кровавые погромы. Корни этих трагических событий глубоко уходят в сложившиеся к тому времени политико-экономические отношения между соседними государствами, а также господствующее положение Бухарского эмирата.

О том, как была убита Макнуна в исторических хрониках существует несколько версий. Нам представляется более достоверным мнение автора «Мунтахаб-ат-таварих», который пишет, что после казни Мухаммадалихана, его брата Мухаммадсултана и его сына Мухаммадамина женщины гарема, рыдая, пришли к месту казни, и Макнуна прокляла Насруллахана. Он пришёл в ярость и приказал палачу убить «эту бешеную женщину» [6, 731а].

По приказу Насруллахана в Коканде произошло массовое истребление жителей города, в результате Кокандское ханство перешло под юрисдикцию Бухарского эмирата. Насруллахан поручил управление вассальной узурпатора территорией Ибрагиму-мангиту. Вскоре народ восстал против и сверг его. На престол посадили Шералихана из рода Мингитов [6, 732б – 733а].

Это были важные сведения о жизни и смерти замечательной поэтессы начала XIX века Макнуны, изложенные на фоне описания социально-политической обстановки, с учётом литературной среды той эпохи.

Тематика, идейное содержание творчества Макнуны весьма разнообразны и жизненны. В этом поэтическом многообразии важнейшее место занимает лиризм мысли и воображение поэтессы: самовыражение поэтического «Я», любовь, огонь, который пылает неугасимо, боль разлуки с возлюбленным, воспевание искренней верности в любви и т.п. - демонстрируют тревожное состояние любящего сердца.

В газелях Макнуны средоточием любви выступает женщина. Газели Макнуны в мировоззренческом отношении носят, в основном, светское содержание.

Скромная, умная и, в то же время, обладающая высоким талантом, будучи крупной и яркой личностью, Макнуна своей верностью сумела сохранить семью, вырасти трех сыновей и возвыситься до ранга первых поэтов Мавераннахра первой половины XIX века.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдулазизова З.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Макнуна (нимаи аввали садаи XIX). – Душанбе: Ирфон, 2016. – 208 с.

2. Кадырова М. Надира (Очерки жизни и творчества). – Ташкент: Фан, 1967. -188 с.

3. Макнуна. Диван, копия № 7766 (Тш), рукопись (на перс. -тадж. яз.)

4.Персидская классическая поэзия / Сост., предисл., коммент. М. Синельникова. – М.: Эксмо, 2006. - 480 с.

5. Сахибова О. Макнунаи Нодира / Таджикская литература во второй половине XVIII и первой половине XIX вв. // В соавторстве с У.Каримовым. Книга 2. – Душанбе: Дониш, 1989. – 242 с. (на тадж. яз.)

6. Хаджа Хакимхан. Мунтахаб-ут-таварих, копия № 63. – Душанбе; Дом-музей А.А.Семенова, рукопись (на перс. -тадж. яз.)

Контактная информация:

Абдулазизова Зебо Садуллаевна - канд. филолог.наук, доцент кафедры языков. Таджикский государственный университет коммерции (ТГУК). Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½ Контактные телефоны /факс: +992(37) 234-83-46; +992(37) 234-85-46; E-Mail: tguk@mail.ru

Насриддиниён Б.Ҳ. **ЗАБОН- ОИНАИ ТАМОМНАМОИ МИЛЛАТ**

Насриддиниён Б.Х. **ЯЗЫК – ОТРАЖЕНИЕ НАЦИИ**

Nasriddinion B.H. **LANGUAGE IS A REFLECTION OF THE NATION**

Ҳеҷ ҷои шак ва тардид нест, ки захираи луғавии забони тоҷикӣ инъикоскунандаи тавоноӣ пуриқтидори ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиву мафкуравии миллатамон буда, сарчашмаи муътамадест, барои омӯзиши таъриху фарҳанги тамаддуни халқи тоҷик. Дар мақола муаллиф қонуниятҳои инкишофи забони тоҷикиро дар гузашта ва ҷараёни амалкарди сиёсати забониро дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасию таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки сиёсати забонӣ дар кишвар дар се самт, ки ҳар кадом дар ҷараёни амалишавии ин кори хайр нақши меҳварӣ доранд, давра ба давра амалӣ мегарданд.
Калидвожа: қонунияти инкишоф, амалкарди сиёсати забонӣ, инкишофи забон, мавкеъгирӣ, ташаккули сохтори забонӣ, ҳифзи нақши умумифарҳангӣ, мақом ва меъёрбандӣ.

Нет никаких сомнений в том, что лексический ресурс таджикского языка является мощным отражением всех сфер: социально-экономической, политической, идеологической жизни и является надежным источником изучения истории, культуры, цивилизации таджикского народа. В статье автор рассматривает закономерности развития и функционирования языковой политики в Республике Таджикистан. По мнению автора, языковая политика проводится по трем направлениям и каждое направление имеет свою определенную функцию.
Ключевые слова: закономерности развития, функционирования языковой политики, развитие языка, позиция, осуществление языкового строительства, сохранение общекультурных функций, статус и стандартизация

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

There is no doubt that the lexical resource of the Tajik language is a powerful reflection of all spheres: socio-economic, political, ideological life and is a reliable source for studying the history, culture, civilization of the Tajik people.In the article, the author examines the patterns of development and functioning of the language policy in the Republic of Tajikistan. According to the author, the language policy is carried out in three directions, and each direction has its own specific function.
Keywords: patterns of development, functioning of language policy, language development, position, implementation of language building, preservation of general cultural functions, status and standardization

«Забони мо имкониятҳои фаровоне дорад, ки мафҳуму маъниҳо ва истилоҳоти нави илму фанро дар ҳар асру замон ҳазм карда, бо рангу бӯйи тоҷикона таҷассум намояд» Эмомалӣ Раҳмон [7,119]

«Забон таҷассуми фикр аст,-менависад Муҳаммадҷон Шакурӣ ва меафзояд,- ҳама ҳастии маънавию рӯҳии инсонро ифода карда, оламҳои маънавию рӯҳиро ба ҳам мепайвандад ва оламҳои наве эҷод менамояд, зеро зотан эҷодгар буда, на танҳо нерӯи эҷодкории инсонро афзоишу такомул медиҳад, балки ӯро тамоман дигар мекунад, фаҳми ӯро ташаккул ва ё ба куллӣ тағйир дода, одаму олами дигаре месозад» [5, 23]

“Забон монанди ҳама чизи ин ҷаҳон дар гардиши гетӣ дигаргун мешавад”(Иброҳим

Пури Довуд), ин аст, ки ҳамеша рӯ ба такомулу рушд дорад. Чун ба соҳати инкишофи забон назар меандозем,омили иҷтимоӣ будани он воқеъитар эҳсос мегардад, чаро ки забон инъикосгари ҳама ҳолати ҷамъияти инсонист.

Таъйиди гуфтаи мазкурро дар мисоли ҳар забоне, хосса дар забони форсии тоҷикӣ, ки реша дар умқи асрҳо дорад, метавон ба роҳатӣ дарёфт.

Ёдгориҳои тамаддуни чандинҳазорсолаи ориёӣ маҳз ба воситаи забони шево ва пурғановати тоҷикӣ ва қаринаҳои бостониву аҳди миёнаи он то замони мо расида , дастраси оламиён гардидаанд,ки ин ҳам боиси ифтихори ворисони ин тамаддуни қадимӣ ва ҳам масъулияти бузурги онҳо дар назди гузашта ва имрӯзу оянда мебошад.

Ҳақиқати бебаҳс аст, ки забони модарӣ бо шири модар аз овони ширхорагӣ дар оила ба ҷисму ҷони мо тавону лаззат бахшидаву дар тору пудамон печидааст, бо он тавъам ба воя расидаем. Чунон ки Бозор Собир мегӯяд:

Ҳар сухан бо шири модар,

Сахт шуд, дар устухонаш монд, монд. [3, 68]

Чун соҳибзабон гардидему ба дарки тамъи сухани ноб коми завқамон ширину ормонҳоямон пайи ҳам бароварда мешуданд, ҳар гаҳ сухан аз асолати миллӣ ва баргашт ба решаҳои аслӣ ба миён ояд, бетардид ҳифз, нигаҳдорӣ ва густариши забони модарӣ ба ҷойгоҳи аввал мебарояд, ки бояд аҳли зиёи кишвар дар сафи аввали муборизони фарҳангӣ мустақар гарданд. Ҷалолуддини Балхӣ бо тафохури тамом мегӯяд:

Форсӣ гӯ, гарчӣ тозӣ хуштар аст,

Ишқро худ сад забони дигар аст. [2,98]

Ҳол ки сухан аз боби асолати миллӣ ва истиқлолият дар миён аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди қабули Қонуни забон, ки 22 июли соли 1989 сурат гирифта буд, онро муборизаи фарҳангӣ арзёбӣ намуда, ба пирӯзии мардуми тоҷик анҷомиданашро чунин истиқбол кардааст: «Истиқлолияти фарҳангии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир, ба назари ман, аз кӯшишу талошҳои зиёиёни равшанзамир ва аҳли ҷомеа баҳри истиқлолияти забон ва мақоми давлатӣ ёфтани он оғоз шуд».

Кулли аҳли назар ва ҷомеаи фарҳангиро равшан аст, ки яке аз рукнҳои асосии давлати соҳибистиқлол забони миллии он аст ва он дар пойдорӣ ва таҳкиму рушди устувори қудрати сиёсӣ,иқтисодӣ ва фарҳангии он нақши меҳварӣ мебозад, аз ин рӯ дар паноҳи забон будани давлат ва дар паноҳи давлат будани забон ба нафъи ҳардуст.

Воқеъист ки забон ба мисли мавҷуди зинда аст ва ҳамеша талош ба рушду такомул дорад ва забони тоҷикии мо, ки аз умқи асрҳо манша мегирад, тули мавҷудияти мадиди хеш аз истифодаи вомвожагон (дар забонамон ҳазмшуда) дар таркиби луғавии худ барканор набудааст,зеро истеъмоли бамавқеи онҳо ғановати онро меафзоянд.

Бо он ки дар забони тоҷикӣ низ чун дар забонҳои дигари олам (русӣ, арабӣ, англисӣ…) вожаву таркибҳо, истилоҳоти аз забонҳои дигар дохилшуда мавқеи муайян доранд ва ин яке аз омилҳои муҳимтарину табиии бою ғанӣ гаштани таркиби луғавии забонҳои олам ба хисоб меравад, бояд аз ин раванд на суистеъмол, балки ба андозаи ниёз истифода қард.

Аксарияти воҳидҳои луғавие, ки аз забонҳои дигар ба забони мо дохил шудаанд, системаи истилоҳотро фаро мегиранд. Баъзе аз калимаҳои дигари иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ муродиф дошта бошанд ҳам, бо ягон ҳусусияти услубӣ ба шоҳаҳои алоҳидаи услуби забон мансуб буда, аз бобати тобиши маънӣ аз онҳо фарқ мекунанд. Калимаҳои бегонае, ки аз ин аломатҳо фориғанд, дар забони мо мавқеи устувор пайдо накардаанд ва нахоҳанд кард.

Тағйироти меъёрҳои адабӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ногузир аст, ба масъалаи унсурҳои иқтибосӣ низ дахл дорад: дар як давраи таърихӣ истеъмоли қисме аз онҳо дуруст ва раво бошад, дар марҳилаи дигар берун аз меъёри умумӣ дониста мешавад. Таҳрири як асари ин ё он адиб дар фосилаи ду-се даҳсола, яъне баъди гузашти айём аз ҷониби худи ҳамон муаллиф дар тасдиқи ин маънӣ далели бараъло хоҳад буд. Ин раванд барои аҳли назар равшан аст ва бисёре аз забоншиносон дар асарҳои бунёдии хеш ба ин назаранд.

Дар асари ҷомеи хеш- “Забони миллат- ҳастии миллат” Эмомалӣ Раҳмон нигоштаанд: “то даме ки башарият ҳаст ва забонҳо вуҷуд доранд, доду ситад ва таъсири мутақобилаи забонҳо низ идома пайдо мекунад”ва муҳимтар аз ҳама забони тоҷикӣ “дари хазинаи дороиҳои худро барои забонҳои дигар боз мегузорад” [8,188-189]

Муаллифи асари “Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ” бо ифтихор таъкид менамояд, ки “забони форсӣ-тоҷикӣ дар тӯли таърихи вуҷудаш ба рушду нумӯи як силсила забонҳо, аз қабили ӯзбекӣ, қирғизӣ, қазоқӣ, озарӣ, гурҷӣ, арманӣ, чиченӣ, ингушӣ, русӣ, арабӣ, испанӣ, лотинӣ, португалӣ, яҳудӣ, туркии усмонӣ, англисӣ, итолиёвӣ, ҳиндӣ ва ғайра кӯмак кардааст”[1,53].

Нуктаи дигар низ гуфтанисту ба исбот расида, ки”ба забони туркӣ на танҳо калимаҳои алоҳидаи аслии форсии тоҷикӣ, ки (қисме аз ин воҳидҳои луғавии форсии тоҷикӣ дар ин забонҳо мақоми фонди асосии луғавиро гирифтаанд, балки ибораҳои алоҳида, ба хусус воҳидҳои рехта низ иқтибос шудаанд”[1,62]

Ҷои масаррат аст, ки тағйироти амиқи таърихӣ ва таҳаввули густурдаи бунёдие, ки солҳои Истиқлол дар ҷомеаи мо падид омад, натанҳо чеҳраи сиёсию иҷтимоӣ, балки қолабҳои танг ва маҳдудиятҳои маснӯии низоми сиёсии пешинро шикаста, барои пешрафти илму донишҳои замонавӣ ва рушду такомули табиии маданияти миллӣ, ба вижа забони тоҷикӣ, шароити мусоид фароҳам оварад.

Бо шуҷоат ва илман дар асоси мадракоти муътамад ва манобеи фарҳангномаву маъхазҳо, дар заминаи муътабартарин маводди бостонию асрҳои миёна зимни собит кардани қадимӣ будани забони форсии тоҷикӣ забоншиносон дар осори таҳқиқотии решашиносии хеш аз Қурони Маҷид дар ҳудуди 21 ё 27 вожаи тоҷикиасле, амсоли ибриқ (аз обрез)ва сиҷил (сангу гил)-ро пайдо намудаанд, ки муаллифи асари “Забони миллат- ҳастии миллат” Эмомалӣ Раҳмон бар онҳо истинод кардааст.

Табиист, имрӯз, ки яке аз марҳилаҳои муҳими инкишофи забони тоҷикӣ, яъне дар коргузории идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷорӣ шудани забони давлатӣ анҷом ёфтааст, масъалаи истилоҳот, стандартсозӣ ва ҳамгунсозии он ба ҷои аввал мебарояд. Ҳамгунсозии риштаҳои илму фан ва технология ба далели ҷаҳонишавӣ ва бад-ин ҷиҳат таъсири забонҳои гуногун ва анъанаҳои истилоҳсозии асрҳои охир дар замони мо фурсат ва заҳмати бештарро талаб мекунад.

Дар ҳамин росто Пешвои миллат дар Паёми телевизонии худ ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ (5.10.2017) таъкид доштанд, ки “Зиёиён забони тоҷикиро аз сели вожаҳои иқтибосӣ ҳифз намоед.”

“ Алмуъҷам”-и Шамс Қайси Розӣ дар илмҳои сегонаи адабӣ:арӯз, қофия ва нақди шеър иншо шуда бошад ҳам,аз нигоҳи илми забоншиносӣ низ сарчашмаи муътамад буда, дорои бисёр қайду ишора ва тавзеҳоти пуразиш мебошад,- менависад Д. Хочаев ва ин нигоштаи ӯро далел меорад: “...аз калимаю таркиб ва ибораҳои бегонаву дури ғайри луғати тоҷикӣ истифода набояд бурд.”[4.59]

Хирадсолори дигаре гӯё дар ҳамовозӣ ба муроҷиати Пешвои муаззами миллат ба ахли фазл мегӯяд:

Аз бехирадон умеди ободӣ нест,
Таъмири ҷаҳон кори хирадмандон аст.

Дуруст аст, ки забон монанди ҳар соҳаи дигари зиндагӣ инкишофи озод ва бемаҳдудият мехоҳад. Тараққии озод ва бар ҳам задани маҳдудиятҳо чунин маъно надорад, ки аз талаботи ҳар гуна қоидаву тартибот озодем ва ҳақ дорем, ки ҳар чӣ хоҳем ироа дорему бинависем.

«Худсарӣ дар забон, - аз назари академикМуҳаммадҷон Шакурӣ,- истифодаи худсаронаи калимаю ибораҳо, қолибҳои сухан - тарзҳои калимасозӣ, иборабандӣ, ҷумлаофарӣ ва ғайра, ба ихтиёри худ ба онҳо нисбат додани вазифае ё маъние натиҷаи ноогоҳист. Инҳо ба забон бесару сомонӣ оварда, боиси ифодаи хираи фикр мегарданд ва ҳар дафъа фикри чандин нафарро ба хирагӣ мекашанд, чандин касро ба хирабаёнӣ меоранд. Истифодаи забон ва воситаҳои он бояд ба дониши устувору табъи салим асос ёбад»[5,84].

Барои истиқлолияти комил забони миллӣ бояд сараввал ба сифати забони муошират байни тамоми миллатҳои сокинони ҷумҳурӣ хизмат намуда, аз чорчӯбаи танги маҳалливу миллии хеш берун ояд ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, илмӣ, иқтисодӣ, фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон тасаллут пайдо кунад.

Забони тоҷикии мо тавону зарфияти онро дорад, ки рисолати хешро дар заминаи тақозо ва талаботи даврони шадиди ҷаҳонишавӣ чун пайваста зери таваҷҷуҳи хосаи Сарвари маърифатдӯсту илму адабпарвари миллати мо қарор дорад, тафаккури миллиро ба миён оварда, ба таври аҳсан анҷом диҳад.

Ва моро фотеҳаи падарсолори адабиёти навини тоҷик, нахустқаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ҳамеша раҳнамою роҳбаладу раҳкушост, ки ҳануз соли 1924 ба ифтихори нашри рӯзномаи миллии тоҷикон “Овози тоҷик” иншо намуда буд:

Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ,
Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.
Суханро чун арӯсон зеб дода,
Забони маърифатпардози тоҷик.
Ҳунарҳо, пешаҳо эҷод карда,
Ба дунё қувваи ҷонбози тоҷик.
Яқин донӣ, ки анҷомаш ба хайр аст,
Ба ёд орӣ агар оғози тоҷик... [6.106]

Феҳристи адабиёт:

1. Абдуҷамол Ҳасанов, Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ, “Ношир”, Хуҷанд, 2017
2. Андарзномаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (Мураттиб Мирзо Муллоаҳмад), Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2007
3. Бозор Собир, Баргузидаи ашъори Бозор Собир. - Теҳрон,”Ал-Ҳудо”, 1996
4. Давлатбек Хоҷаев, Гуфтори накӯ куҳан нагардад,-Душанбе : “Шуҷоиён,” 2011.
5. Муҳаммадҷон Шукуров. Забони мо - ҳастии мо. – Душанбе: «Маориф», 1998.
6. Садриддин Айнӣ, Ахгари инқилоб,- Душанбе, 1967
7. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон (зери таҳрири доктори илми филология, профессор Додихудо Саймиддинов).- Душанбе: «Шарқи озод», 2011
8. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат- ҳастии миллат, -Душанбе: «Эр-граф», 2016.

Насриддиниён Б.Ҳ. – дотсенти кафедраи забонҳои ДДТТ. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 234-83-46. +992(37) 234-85-46. Email: mail@ddtt.tj

Олифтаева М.А.

САНАТОРНО-ОЗДОРОВИТЕЛЬНЫЕ УСЛУГИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНЕ

Олифтаева М.А.

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ОСОИШГОҲӢ-СОЛИМГАРДОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Oliftaeva M.A.

HEALTH AND HEALTH SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Сервисная деятельность по оказанию санаторно-оздоровительных услуг обеспечивает потребителям возможность отдыха и восстановления здоровья в наиболее благоприятных для этого рекреационных зонах Земли. Потребность в санаторно-оздоровительных услугах возникла с развитием медицины, доказавшей положительное влияние климатических условий ряда регионов на здоровье человека.
Ключевые слова: курорт, услуг, санаторно-оздоровительные услуги, сооружения, ресурс, природные объекты.

Аннотатсия
Аннотация
Annotation

Хизматрасонии осоишгоҳӣ-солимгардонии ба истеъмолкунандагон, имконияти истироҳат ва барқарор намудани саломатиро таъмин менамояд. Талабот ба хизматрасониҳои осоишгоҳӣ-солимгардонӣ дар натиҷаи рушди соҳаи тандрустӣ ба миён омадааст, ки он таъсири мусбат ба саломатии инсон мерасонад.
Вожаҳои калидӣ: осоишгоҳ, хизматрасонӣ, хизматрасонии осоишгоҳӣ-солимгардонӣ, иншоот, захира, объектҳои табиӣ.

Service activities for the provision of health and wellness services provide consumers with the opportunity to rest and restore health in the most favorable recreational areas of the Earth. The need for health and wellness services arose with the development of medicine, which proved the positive impact of climatic conditions in a number of regions on human health.
Key words: resort, services, health-improving services, facilities, resource, natural objects.

Курорт — это освоенная и используемая в лечебно-профилактических целях особо охраняемая природная территория, располагающая природными лечебными ресурсами и необходимыми для их эксплуатации зданиями и сооружениями, включая объекты инфраструктуры.

К природно-лечебным ресурсам относятся минеральные воды, лечебные грязи, рапа лиманов и озер, лечебный климат, другие природные объекты и условия, используемые для лечения и профилактики заболеваний, организации отдыха.

